22 январи соли 2014 дар шаҳри Маскав миёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии иктишофии геологии Русия ба номи В.С. Орҷоникидзе шартномаҳо баста шуданд. [19, с. 31]

22 январи соли 2014 дар доираи ҷаласаи 12-уми комиссияи байниҳукуматии ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Русия дар шаҳри Душанбе конфронс таҳти унвони «Муколамаи Россияву Тоҷикистон» баргузор гардид. [18]

Аз 13 то 18 октябри соли 2014 Семинари солонаи методии омӯзгорони забони русӣ дар Тоҷикистон баргузор гардид, ки аз ҷониби Россотрудничество ва Мактаби русии кушода дар доираи барномаи федералии мақсадноки «Забони русӣ» ташкил карда шуд. Барнома

барои кормандони илмию педагогии мактабҳо, донишгоҳҳо, муаллимони забони русӣ ҳамчун забони хориҷӣ нигаронида шуда, дарсҳои маҳорат, семинарҳои педагогӣ ва семинарҳои забон ва адабиёти русро дар бар мегирифт. [19, с. 32]

Таълиму тарбияи ҷавонон ҳамеша дар муносибатҳои Тоҷикистону Россия яке аз ҷойҳои асосиро ишғол мекунад. Масалан, бо ташаббуси Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия дар якҷоягӣ бо ташкилоти ҷамъиятии диаспораи тоҷикони «Осмон» дар Маскав, бо мусоидати Хонаи миллатҳои шаҳри Маскав мизи мудаввар дар мавзуи «Анъанаҳои миллии Тоҷикистон ва Русия ҳамчун омили тарбияи ҷавонон» баргузор гардид. Дар он асосан намояндагони диаспораи тоҷикон, омӯзгорон ва хатмкунандагони мактабҳои русии шаҳри Душанбе, ки ҳоло дар шаҳру вилоятҳои Федератсияи Русия ба сар бурда таълим мегиранд, ширкат доштанд. Дар ин нишасти Тоҷикистону Русия аҳаммияти таҳкими равобити башардӯстона ва дӯстона таъкид шуда, имконоти истифодаи таҷрибаи мавҷуда дар раванди тарбияи ҷавонон дар руҳияи бародарӣ ва дӯстӣ муайян карда шуд.

Дар доираи Рӯзҳои шаҳри Санкт-Петербург, ки моҳи ноябри соли 2014 дар шаҳри Душанбе баргузор шуд, дар маҷмааи «Кохи Ваҳдат» мизи мудаввар дар мавзуи «Ҳамкорӣ дар соҳаи маориф» баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои мубрами ин соҳа дида шуд. Зимни гузаштани ин мизи мудаввар масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи маориф байни шаҳрҳои Санкт-Петербург ва шаҳри Душанбе матраҳ шуданд. Қобили қайд аст, ки иштирокчиёни мизи мудаввар бо қоидаҳои гирифтани таҳсилоти босифат дар донишгоҳҳои Санкт-Петербург шинос шуданд.

Президенти онвақтаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ирина Каримова дар бораи вазъи забони русӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, мушкилот ва дурнамои таълими он дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуд.

Дар мизи мудаввар масъалаҳои ҳамкориҳо дар соҳаи маориф байни шаҳрҳои Санкт-Петербург ва Душанбе, баъзе ҷанбаҳои китобҳои мутобиқшудаи забон ва адабиёти рус барои мактабҳои русзабони Тоҷикистон (муаллифон омӯзгорони Донишгоҳи Санкт-Петербург мебошанд) ва бисёр чизҳои дигар баррасӣ шуданд.

Дар ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ду кишвар омода кардани кадрҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии Россия ва расонидани кумакҳои таълимию методӣ ба муассисаҳои таълимии Тоҷикистон аҳаммияти бузург дорад. Ин дар созишномаи 5 марти соли 1997 байни Вазорати маълумоти умумӣ ва касбии Федератсияи Русия ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъкид шудааст. Ҳамин тариқ, дар моддаҳои 12 ва 13-и ин созишнома гуфта мешавад, ки ҳарду давлат ба таҳсили шаҳрвандон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз рӯйи бурсия аз ҷониби тарафи дигар ҷудошуда ва дар асоси инфиродӣ мусоидат хоҳанд кард, ба шарте ки тамоми хароҷот ба дӯши донишҷӯ бошад. [4]

Дар оғози соли хониши 2012-2013 Федератсияи Русия бурсияҳоро барои қабул ба донишгоҳҳои ҳарбӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ройгон тақрибан 20% зиёд кард, дар соли 2003 дар муассисаҳои таълимии олии Вазорати мудофиаи Россия зиёда аз 300 курсант ва зиёда аз 30 нафар донишҷӯёни академия таҳсил мекарданд. Дар соли 2005 700 шаҳрванди Тоҷикистон дар донишгоҳҳои Русия таҳсил мекарданд ва дар соли 2008 ин рақам ба 4,5 ҳазор нафар расид, ки аз ин шумора 1400 нафари онҳо ҳаққи таҳсилро пурра гирифтаанд. Тамоюли мусбати афзоиши теъдоди стипендияҳои давлатӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил аз рӯйи ихтисосҳои гуногун (донишҷӯён, аспирантҳо, докторантҳо), инчунин барои шунавандагони забони русӣ мушоҳида мешавад. Агар дар соли таҳсили 2006-2007 150 адад, дар солҳои 2007-2008 173 адад, дар солҳои 2008-2009 то 200 адад чунин стипендия ҷудо карда шуда бошад; дар солҳои 2009-2010 миқдори он ба 410 адад расид. Аз инҳо 150 стипендия барои курси пурраи таҳсил, 10 стипендия барои аспирантура ва докторантура, 210 барои ҳамватанон ва 40 стипендия барои гузарониани таҷрибаомузӣ бо забони русӣ ҷудо карда шуд. [11]

Барои таҳсил дар донишкадаҳои олӣ ва миёнаи касбӣ-техникӣ Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутаносибан 165 ва 24 нафар, ба аспирантура 12 нафар қабул кард. Тавассути Сафорати Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 190 нафар ба курси пурраи таҳсил ва

12 нафар ба аспирантура шомил шуданд. Қобили зикр аст, ки ҳамаи донишҷӯёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Маскав ва дигар шаҳрҳои Федератсияи Россия таҳсил мекунанд, бо Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия робитаи зич доранд. Ҳамин тариқ, намояндагони сафорат дар чорабиниҳои Академияи дипломатии Вазорати корҳои хориҷии Русия, Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Ломоносов ширкат варзиданд. Моҳи апрели соли 2003 намояндаи Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия дар шаби байналмиллалие, ки Академияи молиявии назди Ҳукумати Федератсияи Русия таҳти унвони «Мо донишҷӯёни тамоми қитъаҳо ҳастем» баргузор гардид, иштирок намуд. Бегоҳӣ суҳбат бо муовини ректор оид ба алоқаҳои байналхалқӣ профессор В. Думний ва декани кор бо донишҷӯёни хориҷӣ дотсент С.В. Бежанова, ки дар бораи донишҷӯёни тоҷик бисёр суханони нек гуфтанд, сурат гирифт. [19, с. 41]

Донишҷӯён, аспирантҳо ва докторантҳои тоҷик дар байни донишгоҳҳои вилояти Маскав, Санкт-Петербург, Воронеж, Владимир, Тула ва дигар шаҳрҳои Федератсияи Россия тақсим карда шуданд. Барои дастгирӣ ва муттаҳид сохтани ҷавонону донишҷӯёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Федератсияи Россия қарор доранд, соли 2009 бо ташаббуси Иттиҳоди тоҷикистониёни Россия Кумитаи ҷавонони донишҷӯён таъсис дода шуд. Мақсад аз таъсиси ин кумита муттаҳид кардани тамоми ҷавонону донишҷӯёни тоҷик ва дастгирии ҳамдигар дар шаҳрҳои Федератсияи Россия мебошад. [18]

Дар ибтидои соли хониши 2022-2023 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳсил бо забони русӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд, Турсунзода ва Бохтар кушода шуданд.

Ҳамин тариқ, муносибатҳои Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф дар ҳамкориҳои башардӯстонаи ду давлат мавқеи асосиро ишғол мекунанд. Солҳои охир расонаҳои русӣ дар бораи кумакҳои Россия ба Тоҷикистон дар соҳаи маориф бисёр ҳарф мезананд, аммо дар амал нисбат ба мамлакатҳои ғарб, Федератсияи Россия хеле кам кор кардааст. Зимнан, имрӯз дар фазои пасошуравӣ муборизаи шадид барои зеҳнҳо ҷараён дорад ва баромада рафтани неруи зеҳнӣ ба хориҷ аз Иттиҳоди давлатҳои мустақил ба чашм мерасад. Чунин ба назар мерасад, ки Россия дар ҳалли ин мушкилии таъхирнопазир нақши ҳалкунанда дорад. Мамлакатҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил танҳо бо ёрии он иқтидори илмӣ, фарҳангӣ ва зеҳнии худро ҳифз карда метавонанд.

Адабиёт:

1. Азия плюс. 2009.21 мая.
2. Дайджест пресс.2008.28 янв.
3. История таджикского народа. T.VI. С. 580.
4. Народная газета.1999. 22 апр.
5. Научная лекция Президента РТ Э. Рахмона в честь Дня знаний в Таджикском аграрном университете. Режим доступа: http:www.president.tj
6. Народная газета. 1993. 3 авг.
7. Омузгори чавон. 2008.нояб.
8. Официальный сайт Президента России. Заявления для прессы по итогам российско-таджикистанских переговоров. Режим доступа: http://kremlin. ru/transcripts/ 1256
9. Официальный сайт Министерства образования РТ. http:www.education.
10. Отчет о научно-исследовательской и научно-организационной деятельности института математики за 2010 г. С.8-9. Архив института.
11. Официальный сайт Россотрудничества в РТ.- http://tjk.rs.gov.ru/node
12. Памир.2008. №10-12.
13. Пирназарова П.А., Сотрудничество Таджикистана и России в сфере культуры // Вестник Таджикского национального университета. Душанбе. 2011г.
14. Сайт Генерального консульства Посольства РФ в РТ в городе Ходженте. Режим доступа: http: // www.consulrus.tj/ru/index
15. Сафаров С.Г.Рука об руку с Россией. С. 239.
16. Сайт Министерство иностранных дел РФ. Режим доступа. www.mid.ru

17. Сафаров С.Г.Рука об руку с Россией. С. 187.Режим доступа: http://www.eduweek.ru
18. Сайт Минитерства просвещения РФ: Режим доступа: http: www/eduweek/ru.
19. Текущий архив Министерства образования РТ. С. 2,5,9,19,27,28,29,30,37;
20. ЦГА РТ Ф. 360. Оп.21.Д.1217. лл. 9.15.31.32.41;

МАОРИФ - СОҲАИ АФЗАЛИЯТНОК ДАР МУНОСИБАТҲОИ ТОҶИКИСТОНУ РОССИЯ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Дар равнақи муносибатҳои Тоҷикистону Россия соҳаи маориф яке аз соҳаҳои пешқадам ба ҳисоб меравад. Дар зиёда аз 200 шартномае, ки дар байни ду давлат ба имзо расидааст, соҳаи маориф ҷойи махсусро ишғол менамояд.

Дар муносибатҳои Тоҷикистону Россия дар соҳаи маориф яке аз ҷойҳои махсусро ҳамкорӣ дар байни донишгоҳҳои ду давлат ишғол менамояд. Кушода шудани як қатор донишгоҳҳо дар соли 1997, Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, соли 2009 кушодани филиали Донишгоҳи давлатии Москва ва дар соли 2011 филиалҳои Донишкадаи оҳану пулодӣ Москва ва Донишгоҳи энергетикии Москва мебошад.

Дар баробари ин дар минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо таълимоти русӣ дар шаҳрҳои Душанбе (мактаби №6), Бохтар ва Кӯлоб (мактаби №7) ва филиали мактаби миёнаи таҳсилоти умумии №83 – и шаҳри Ногински вилояти Москва дар шаҳри Норак амал менамоянд.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, Россия, маориф, донишгоҳ, соҳа, ҳамкорӣ, давлат, истиқлолият, шартнома, донишкада, нависандагон

ОБРАЗОВАНИЕ - ПРИОРИТЕТНАЯ СФЕРА В ТАДЖИКСКО-РОССИЙСКОМ СОТРУДНИЧЕСТВЕ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ

Отношения РФ и РТ в сфере образования занимают важнейшее место в гуманитарном сотрудничестве между двумя государствами. В более чем 200 соглашениях раскрываются все спектры взаимодействия двух стран в области образования.

Во взаимоотношениях Таджикистана и России сотрудничество между вузами двух стран играет важную роль. Открытие некоторых вузов на территории республики, например в 1997 году открытие РТСУ, в 2009 году филиала МГУ в городе Душанбе, в 2011 году филиал МИСИС-а и Московского энергетического университета.

Наряду с этим на территории республики были открыты 4 общеобразовательных школ с русским языком обучения в городах Душанбе (школа №6), Бохтаре, Кулябе (общеобразовательная школа №7) и филиал общеобразовательной школы №83 города Ногинск Московской области в городе Нурек.

Ключевые слова: Таджикистан, Россия, образование, университет, сфера, сотрудничество, государство, суверенитет, взаимодействие, соглашение, институт.

THE COOPERATION BETWEEN TAJIKISTAN AND RUSSIAN IN DEVELOPING EDUCATION AND TRAINING FOR HIGH QUALIFICATIONS SCIENTIST-PEDAGOGICAL CADRES

Education-is one of the sphere which have to lay the foundation real fundament in create for the fundament in create for the future mode of life. Nowadays pay particulars more attention one of main and perspective in goals science in policy of republic tajik in development and education with Russian Federation is bases training for.

In relations between Tajikistan and Russia in the field of education, one of the special places is occupied by cooperation between universities of the two countries. The opening of number of universities: in 1997 – the Tajik-Russian Slavic University, in 2009 –the opening of a branch of the Russian State University in Tajikistan in 2011-branch of the Moscow Energy University.

At the same time are 4 schools with Russian teaching in the cities of Dushanbe (school 6), Bokhtar and Kulob (school 7), as well a branch of secondary school 83 in the city of Noginsk, Moscow region, in the city of Norak.

Key words: Tajikistan, Russia, culture, cinematography, literature, relations, states, independence, contract, writers.

Маълумот дар бораи муаллифон: Пирназарова П.А., номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналмиллалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 121. **Тел:** 979-06-62-06:

Ҳусейни Бобоҷон, ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров, 16. Телефон: (992) 988-48-16-04

Сведения об авторах: Пирназарова П.А., кандидат исторических наук, доцент кафедры всеобщей истории и международных отношений Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. Тел.: 979-06-62-06.

Хусейни Бободжон, ассистент кафедры истории таджикского народа Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел.: (992) 988-48-16-04

Information about the authors: Pirnazarova P.A., candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of General History and International Relations of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121. Tel.: 979-06-62-06.

Huseini Bobodzhon, Assistant of the Department of History of the Tajik People of the Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, Sangak Safarov Street, 16. Tel.: (992) 988-48-16-04

ТДУ –32 (2 тоҷ)
ТКБ – 66 (2 тоҷ)
И – 65

ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ МИНТАҚА ДАР САМТИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ХАТАРҲОИ МУОСИР (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН ВА ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН)

Шарипов А.Н., н.и.т., дотсент
Донишгоҳи милли Тоҷикистон
Исозода З.И., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Вазъи кунунии сиёсии ҷаҳони муосир моро аз таъмини бехатарии давлатҳо нигарон мекунад. Афзоиши суръатноки ҷаҳонишавии манфиатҳо, муттаҳидсозии давлатҳо ва халқҳо дар Аврупо, пайдоиши босуръати шабакаи интернет, рушди технологияҳо дар илм ва тиб ва дигар соҳаҳо, кашфи фазои кайҳон, паҳншавии демократия ва озодии сухан дар собиқ давлатҳои Шуравӣ, пайдоиш ва таъсири кишварҳои сарватманд ва рушдёфта, истеҳсолоти зиёди мол ва мавҷудияти маҳсулоти гуногуни зиёдатӣ, аз як тараф пешрафт ва рушди дунё ва ҳақиқатро дар саросари ҷаҳон ва ояндаи зебои инсониятро нишон медиҳанд, вале аз тарафи дигар, ҷангу низоъҳо, барҳамхӯрии иттифоқҳои калон ва давлатҳо, нооромии ҷомеа, пайдоиши терроризму экстремизм, баландшавии ҷиноятқорӣ ва коррупсия, фиреб ва дуздии одамон, муҳоҷирати оммавии халқҳо, камбизоатии аксари аҳолии дунё, пайдоиши бемориҳои нав ва вирусҳо ва

ғайраҳо, инъикоси манфии вазъияти ҷории ҷаҳони муосирро тасвир мекунад ва аз амнияти нави дунёи инсонӣ огоҳ мекунад. [30, с. 144]

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи рушди худ марҳалаи нави таърихиро паси сар мекунад, дар пеши чашми мо раванди тағйирёбӣ аз як низоми иҷтимоиву иқтисодӣ ба низоми дигар рӯй медиҳад, ки бо шиддатёбии равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиву идеологӣ дар ҷомеа ҳамроҳ аст.

Терроризм ва экстремизм аз зуҳуроти номатлуб дар замони имрӯза ба шумор меравад, зеро он боиси ба миён омадани оқибатҳои нохуш – таҳдид ё истифодаи зӯроварӣ, расонидани зарари вазнин, бенизомӣ, тағйири сохти конститутсионӣ дар мамлакат, ғасби ҳокимият ва аз они худ кардани ваколатҳои он, барангехтани низои миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ мебошад. [20]

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба хатари терроризм ва ифротгароӣ таъкид намуда буданд, ки «Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятқориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем». [27]

Дар воқеъ, солҳои охир терроризм ва экстремизм ба хатари глобалӣ табдил ёфта, ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст. Афзоиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ба вусъат ёфтани терроризми байналмилалӣ, фаъолшавии унсурҳои тундраву ифротгаро, ҷалби ҷавонон ба сафи созмонҳои экстремистиву террористӣ ва иштироки онҳо дар низоъҳои мусаллаҳонаи давлатҳои хориҷӣ мусоидат менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эҳсоси таҳдидҳои афзояндаи экстремизм ва терроризм ба амнияти миллӣ ва рушди босуботи худ бо пайгирӣ аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои минтақа, муборизаро дар ин самт пурзӯр менамояд.

Таҷрибаи байналмилалӣ ва дохилидавлатии муқовимат бо экстремизм ва терроризм собит менамояд, ки муваффақ шудан дар ин ҷода таҳия ва амалӣ намудани чорабиниҳои маҷмуӣ барои бартарф намудани омилаҳои мафкуравӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ҳуқуқии фаъолшавии онҳо равонашударо тақозо менамояд. [5]

Ҳанӯз, 22 апрели соли 2002 зимни ироаи Паёми худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи гурӯҳбандии таҳдиду хатарҳои муосир таъкид намуданд, ки «дар интиҳои асри XX ва оғози асри XXI андозаву миқёси хатарҳои бузурги умумибашарӣ ба ҷойи кам шудан бештар доман афрохтаанд, ки онҳоро аз рӯйи моҳияту ҳадафҳояшон метавон ба якчанд гурӯҳ тақсим кард.

Ин хатарҳо, якум, афзоиш ёфтани истеҳсол ва ихтирооти мудҳиштарин яроқҳои ядроӣ ва дигар воситаҳои қатли ом - таҷҳизоти радиоактивӣ, биологӣ, химиявӣ ва ғайра мебошад, ки дар натиҷаи истифодаи онҳо хавфи нест шудани инсоният ва заҳролуд гардидани муҳити зист дар сайёра ба вуҷуд меояд.

Дуюм, хатари афзудани муноқишаҳои минтақавӣ дар заминаи ихтилофоти динию мазҳабӣ, зиддиятҳои қавмию нажодӣ, тамоюлҳои идеологӣ, талошҳои ошкору ниҳон барои ба даст овардани захираҳои сӯзишворию ашёи хом, тақсимоти нави бозори ҷаҳонӣ ва ғайра мебошад, ки дар натиҷаи бархӯрди манфиатҳои давлатҳои гуногун дар гӯшаҳои мухталифи сайёра аланга мегирад.

Сеюм, мавқеи устувори минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ пайдо кардани терроризми байналхалқӣ, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва қочоқи яроқ, ҷиноятқории муташаккил, ҳамчунин паҳншавии ғояҳои зӯроварӣ, тарғиботи зараровари мазҳабию идеологӣ ва ба воситаҳои иттилооти омма роҳ ёфтани онҳо мебошад.

Чорум, унсурҳои нави хатари умумибашарӣ дар заминаи дастовардҳои навтарини соҳаи компютерӣ ва технологияи алоқаву коммуникатсия падид меоянд, ки сарҳадҳоро шикаста, ба махфитарин кашфиёти ҳарбӣ, силоҳҳои ядроӣ ва нуқтаҳои мушакҳои дурзан даст меёбанд.

Ниҳоят, хатари афзудани фарқияти миёни давлатҳои бой ва камбағал дар миқёси ҷаҳонӣ мебошад, ки ҳосили он афзоиши рӯзафзуни аҳолӣ ва аз назорат берун мондани он маҳсуб мегардад». [26, с. 291-292]

Ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин дар соҳаи амният ва суботи пойдор дар минтақа ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар ҳошияи Созмони Ҳамкории Шанхай бомуваффақият ва дар ростои эҳтиромии манфиатҳои миллии ду кишвар густариш меёбанд. Дар ин робита ҳамкории судманди мақомоти дахлдори ду кишвар, аз ҷумла танзими машваратҳои байниидоравӣ ва даврахои омӯзишӣ фаъолона роҳандозӣ шудааст. [2, с. 98]

Тоҷикистон барои таъмини амнияти минтақавӣ ва таҳкими ҳамкориҳои муштараки иқтисодӣ муносибатҳоро бо ҶМЧ муҳим ва афзалиятнок мешуморад. Барои ҶМЧ нигоҳ доштани таъмини суботу амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон масъалаи муҳим аст. Масалан, ба назари коршиноси чинӣ Шенг Сию, «Тоҷикистон яке аз нуктаҳои муҳиммест, ки мустақиман ба амнияти миллии ҶМЧ таъсиррасон аст. Яъне ҳаммарзӣ бо ҶМЧ ин гуфтаҳоро метавонад асоснок намояд. Зеро Кӯҳистони Бадахшони Тоҷикистон роҳи мустақим ба Вилояти Мухтори Шинҷони Уйғури ҶМЧ аст».

Илова бар ин, Осиёи Марказӣ дар чаҳорчӯбаи иҷрои ташаббуси байналмилалии «Як камарбанд - як роҳ», бо истифода аз инфрасохтори нақлиётии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар робита ба рушди соҳаи иқтисодиёт ва тиҷорат таваҷҷуҳи Пекинро бештар ҷалб менамояд. Барои ҶМЧ густариш бахшидани ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, таъмини амнияти тарҳҳояш дар тамоми масири «Роҳи абрешим» аз ҷумла дар Тоҷикистон, муҳим аст.

Боиси таъкид аст, ки моҳи майи соли 2013 ба имзо расидани «Эъломия оид ба шарикии стратегӣ, марҳалаи муҳим дар рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи ҶМЧ ва Тоҷикистон» буд, ки натиҷаҳои он аллакай дар ҳамкориҳои дучониба амалӣ гардида, вазифаҳои хеле мушаххаси робитаҳоро миёни ду кишвар барои солҳои оянда муайян намуд. Дар банди аввали санад консепсияи шарикии стратегии ду кишвар муфассал зикр гардидааст, ки аз самтҳои зерин иборат аст:

- таъмини амнияти мутақобила;
- муқовимат бо таҳдиду чолишҳои ҷаҳонӣ;
- таҳкими суботи минтақавӣ;
- тавсеаи ҳамкорӣ дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва башардӯстона.

Дар чаҳорчӯбаи санади мазкур ҷонибҳо уҳдадор ҳастанд, ки «муқаррароти Созишномаи байни Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи сарҳади давлатии Чину Тоҷикистон аз 13 августи соли 1999, қатъиян риоя намоянд».

Аҳаммияти таъмини сулҳу субот дар Афғонистон дар геополитикаи ҶМЧ нисбат ба Тоҷикистон аҳаммияти хосса дорад. Зеро ҶМЧ яке аз муҳимтарин кишвари абарқудрат дар Осиёи Марказӣ аст, ки ҷонибдори нигоҳ доштани робитаҳои дӯстона бо кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бо ин назардошт, ҳамкориҳо бо ҶМЧ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Зеро ҶМЧ ҳамчун кишвари муваффақ дар арсаи сиёсӣ нисбат ба давлатҳои Осиёи Марказӣ «сиёсати нарм» пеш гирифта, ҳадафҳои геополитикии худро дар минтақа амалӣ менамояд. Барои ҶМЧ ҳамсарҳадӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ нақши муҳим дорад. Чунки субот ва амнияти ҶМЧ аз оромӣ ва амнияти кишварҳои ҳаммарз низ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, бо назардошти вазъи муносибатҳои байналмилалӣ ва вуқуи хатарҳои рӯзафзуни ҷаҳони муосир, ҳанӯз аз охири солҳои 1990-ум, ҶМЧ дар чаҳорчӯбаи Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) робитаҳои худро бо ҳамаи панҷ ҷумҳурии Осиёи Марказӣ хеле густариш дод.

Зарурати таҳкими ҳамдастиро дар мубориза бар зидди чунин ҷиноятҳои сатҳи байналхалқӣ, чун ҷудоиандозӣ, терроризм ва экстремизм ҳанӯз 14 июни соли 2001 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи вохӯрии сарони давлатҳои «Панҷгонаи Шанхай» дар Пекин бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Тсзян Тсземин зикр намуда буданд.

7 июни соли 2002 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни вохӯрӣ бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Тсзян Тсзэмин шарти зарурии таъмини сулҳу суботро дар Осиё

ва хусусан минтақаи СҲШ дар мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, шаклҳои гуногуни экстремизм ва ҷудоихоҳӣ нисбат дода буданд. [11]

16 июни соли 2004 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми вохӯрӣ бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Тсзинтао ба вусъати робитаҳои бисёрҷониба дар доираи Созмони ҳамкориҳои Шанхай ва дигар масоили фарогири амнияту суботи минтақа ва ҷаҳон диққати асосӣ доданд. [12]

5 июли соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи ҷаласаи навбатии Сарони давлатҳои узви Созмони Ҳамкориҳои Шанхай дар пойтахти Ҷумҳурии Қазоқистон шаҳри Остона бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Тсзинтао мулоқот намуданд. Зимни вохӯрӣ Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Тсзинтао ба талошҳои шахсии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди саҳмгирии амиқ барои дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти экологии сайёра, тақвияти муборизаҳои ҷаҳонӣ алайҳи таҳдидҳои глобалӣ ва таъмини суботу амнияти минтақа ва ҷаҳон баҳои баланд дода, бори дигар омодагии ҷониби Чинро ҷиҳати инкишофи робитаҳо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид кард. Масъалаи таъмини суботу амнияти минтақа дар маркази диққати ҷонибҳо мақоми махсусро касб намуда буд. [13]

22 майи соли 2006 зимни ҷавобҳо ба саволҳои гурӯҳи хабарнигорони воситаҳои ахбори оммаи Ҷумҳурии Халқии Хитой Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба масъалаи тақвияти ҳамкории Тоҷикистону Хитой дар мубориза бар муқобили терроризм, экстремизм ва сепаратизм изҳор дошта буданд, ки «кишварҳои мо шарикони фаъол дар мубориза бо «се неруи бадӣ» чи дар чаҳорчӯбаи СҲШ ва чи дар доираи равобити дуҷониба мебошанд. Чи тавре, ки ман қаблан гуфтам, Тоҷикистон ҳамроҳ бо Хитой ин муборизаи беамонро идома хоҳад дод. Созишномаи ҳамкорӣ дар мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм, ки байни ду кишвар моҳи сентябри соли 2003 имзо гардид, заминаи хуби ҳуқуқии ин ҳамкориро фароҳам овард.

Ба назари мо ҳамзамон бояд мубориза ба таҳдиди дигар, ки хатари он аз таҳдидҳои зикршуда камтар нест – қочоқи маводи мухаддир фаъол гардад, ки аз манбаъҳои муҳимтарини таъмини молиявии фаъолияти террористӣ мебошад.

Мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хуб медонем, ки радикализми сиёсӣ ва терроризми байналхалқӣ чӣ меоранд. Бояд зикр кард, ки ин падида ба шароити нав худро мутобиқ ва созгор месозад, равиш ва манбаъҳои таъмини молиявии худро такмил медиҳад. Тоҷикистон ӯҳдадориҳои худро мутобиқи Конвенсияи Шанхай дар муборизаи зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм пурра иҷро хоҳад кард.

Асноде, ки дар чаҳорчӯбаи СҲШ имзо шудаанд, барои тақвияти ҳамкорӣ ва муқовимати муассир дар баробари таҳдидҳо ва хатарҳои муосир имконоти васеъ фароҳам оварданд. Дар ин росто Сохтори зиддитеррористии минтақавӣ мақоми муҳим дорад, ки ниҳоди ҳамоҳангсози муборизаи давлатҳои аъзо бо таҳдидҳо ва хатарҳои зикршуда гардидааст». [32, с. 35-36]

15 январи соли 2007 дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин зимни мулоқот бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Тсзинтао ҷонибҳо ба сатҳи боварию эътимоди байниҳамдигарӣ баҳои баланд дода, оид ба муборизаи муштарак бо хатарҳои ҷаҳони муосир ба мисли терроризму экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир мубодилаи афкор намуданд.

Дар ҳошияи ин сафар зимни мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Раиси Кумитаи доимии Мақлиси Умимихитойии Намояндагони Халқӣ У Банго аз сатҳи муносибатҳои ҳасанаи ду кишвар изҳори қаноатмандӣ карда, аз ҷумла ҳалли масъалаи сарҳадӣ, бастани Аҳднома оид ба ҳусни ҳамҷаворӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ, гузоштани заминаи мусоиди ҳуқуқию қарордодии ҳамкорӣ, назари ягона доштан ба масоили ташаккули низоми одилонаи ҷаҳонӣ дар асри XXI ва нақши муштаракро дар мубориза бо хатарҳои муосири байналмилалӣ дастовардҳои муҳимми байнидавлатии Тоҷикистону Чин маънидод намуданд. [29]

17-уми июни соли 2009 зимни вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Тсзинтао бо қаноатмандӣ таъкид гардид, ки татбиқи нақшаю барномаҳои ҳамкории миёни Тоҷикистону Чин ба нафъи кулли минтақа ва рушди ҳамкориҳои

судманди минтақавӣ буда, ба таҳкими амнияту субот, аз ҷумла дар Афғонистони азиятдида низ мусоидат хоҳад намуд. [16]

12 январи соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми мулоқот бо намояндаи махсуси Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой, муовини раиси Кумитаи доимоамалкунандаи Маҷлиси умумихитойии намояндагони халқи Ҷумҳурии Халқии Хитой Чэн Чжили таъкид доштанд, ки «Мавқеи Тоҷикистон доир ба ягонагӣ ва якпорчагии кишвари ҳамсоя бо принсипи «Хитойи ягона» устувору тағйирнопазир аст». Чэн Чжили ҳам муносиботи ду кишварро дорои хислати дӯстӣ ҳамсоягии нек ва ҳамкорию ҳамшарикии гуногунпаҳлу номида, таъкид дошт, ки Ҷумҳурии Халқии Хитой минбаъд низ таҳкиму тақвияти истиқлолияти ҳамаҷонибаи Тоҷикистонро дастгирӣ мекунад. Ҳамчунин доир ба роҳҳои мусоидат ба эҳёи иқтисодиёти Афғонистон ва барқарорсозии ҳаёти осоишта дар он, ҳамшарикии Тоҷикистону Хитой дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай ва Дигар созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ табодули назар шуд. [28]

5 июни соли 2012 дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки «Тоҷикистон чун ҳамеша дар масоили ягонагию якпорчагии Чин мавқеи устувору бетағйир дорад». Дар навбати худ Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Тсзинтао иброз намуд, ки «Ман ба мавқеи устувору қотеонаи шумо дар муборизa бо хатарҳои сегонаи ҷаҳони муосир қоилам. Нақши шахсии шумо дар таъмини амнияти минтақавӣ басо намоён аст ва мо аз ин қадрдонӣ мекунем». [17]

23 июни соли 2016 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи иштирок дар ҷаласаи Шурои сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин мулоқот намуд, ки дар ҷараёни он масъалаҳои муборизаи муштарак бо таҳдиду хатарҳои замони муосир ва дарёфти роҳҳои ҳалли муноқишаҳои сиёсӣ дар кишварҳои ҷангзада баррасӣ карда шуд. [14]

9 июни соли 2017 дар ҳошияи баргузории Иҷлосияи навбатии Сарони давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай дар шаҳри Остона Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин мулоқот намуд. Дар мулоқот масъалаҳои вобаста ба ҳамдастии байнидавлатӣ дар муборизa бар зидди терроризму экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва саҳмгузорӣ дар таъмини амнияту субботи сартосарӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон баррасӣ шуд. [15]

31 августи соли 2017 дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин мавзуи дигари меҳварии мулоқоту музокироти сатҳи баланди Тоҷикистон ва Чин ҳамдастии густурда дар асоси дуҷониба ва дар доираи ташкилоту созмонҳои минтақавию байналмилалӣ дар таъмини амнияту субoти сартосарии минтақа, мусоидат ба беҳдошти авзои сиёсию низомии Афғонистон, муборизa бар зидди терроризму экстремизми байналмилалӣ, ҷудоихоҳӣ, қочоқи маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ буд. [25]

28 апрели соли 2019 дар шаҳри Пекин дар ҳошияи Форуми дуюми ҳамкории байналмилалии сатҳи баланд «Як камарбанд - як роҳ» зимни мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ҳар ду ҷониб омодагии худро барои идомаи тадбирҳои муштарак дар роҳи муборизa бар зидди таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир – терроризм, экстремизм, ҷудоихоҳӣ, ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ, пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, иброз доштанд. [19]

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани истиқлоли давлатӣ бо такя бар усули сиёсати «дарҳои кушода», сулҳдӯстӣ ва беғаразӣ, бо аксари кишварҳои ҷаҳон муносиботи дӯстонаи ҳамкории баробарҳуқуқ ва мутақобилан судманд ва бо як қатори онҳо робитаҳои шарикии стратегиро барқарор сохта, минбаъд онҳоро таъмиқу таҳким бахшид. Дар стратегияи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкории гуногунҷанба бо давлатҳои Осиёи Марказӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ба шумор меравад. Эҷоди фазои эътимод ва амният дар атрофи марзҳои кишвар яке аз ҳадафҳои асосии ин сиёсат аст.

Дар баробари ин, сиёсати хориҷии давлати мо ба таъмини иштироки васеъ ва муассири кишвар дар созмонҳои марбутаи байналмилалӣ ва минтақавӣ нигаронида шудааст. Аз тариқи татбиқи чунин сиёсат, Тоҷикистон дар таъмини амният ва сулҳ, ҳамкориҳои созандаи байналмилалӣ ва муколамаи созанда саҳми арзандаи худро гузошта, инчунин имконоти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавиро ба нафъи таъмини рушди устувори кишвар ва таҳкими мавқеи он дар арсаи байналмилалӣ истифода мебарад. [1]

Дар марҳилаи кунунӣ Қазоқистон ва Тоҷикистон сатҳи баланди ҳамкориҳоро нишон медиҳанд, ки соҳаҳои гуногунро фаро мегиранд: аз иқтисоду сиёсат то фарҳангу амният.

Ҳарду кишвар дар соҳаи сиёсӣ бо ҳамдигар фаъолона ҳамкорӣ мекунанд. Ҷониби Тоҷикистон ба таври анъанавӣ дар арсаи байналмилалӣ аз ташаббусҳо ва пешниҳодҳои Қазоқистон дар заминаи ҳамгироии иқтисодӣ ва сиёсӣ пуштибонӣ мекунад.

Ҷанбаи муҳимми ҳамкории сиёсӣ ҳамоҳангсозии амалҳо дар заминаи чолишҳои ҷаҳонӣ ва ноустувории минтақавӣ мебошад. Қазоқистон ва Тоҷикистон дар бахши идораи давлатӣ, иқтисод ва сиёсати иҷтимоӣ фаъолона табодули таҷриба мекунанд, ки ин ба таҳкими иқтидори дохилии ҳарду кишвар мусоидат мекунад.

Дар соҳаи амният платформаи асосии ҳамкориҳои ду кишвар САДД мебошад. Остона ва Душанбе талошҳои сиёсати хориҷии худро дар чаҳорчӯбаи дигар созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили СММ, САҲА ва Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (МҲТБО) ҳамоҳанг мекунанд. [14]

17 октябри соли 2004 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни вохӯрӣ бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон дар бӯстонсарои ҳукуматӣ, дар баробари боз ҳам ба сатҳи баланд баровардани ҳамкориҳои самарабахши дуҷониба масоили вазъи минтақа, ба хусус, мубориза алайҳи терроризм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир мавқеи калидиро ишғол намуда буд. [7]

10 январи соли 2006 дар мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев доир ба як қатор масоили минтақавию ҷаҳонӣ, мубодилаи иттилооту таҷриба дар самти мубориза ба хатарҳои ҷаҳони муосир ва дарёфти самтҳои нави ҳамкорӣ табодули назар сурат гирифт. [9]

Таҳкими ҳамгироии муштарак дар доираи ИДМ, САДД, Ҷомеаи иқтисодии Авруосиё, масоили вобаста ба амнияти минтақавӣ ва авзои кунунии Афғонистон дар вохӯрии навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев 19 декабри соли 2008 аз масъалаҳои асосии ҷонибҳо ба ҳисоб мерафт. [10]

Дар изҳороти роҳбарони ҳарду давлат оид ба натиҷаҳои музокироти сатҳи олӣ аз 14 сентябри соли 2015 чунин таъкид шудааст, ки Тоҷикистон ва Қазоқистон ҳамчун субъектҳои муносиботи шарикии стратегӣ барои идома ва таҳкими чаҳорчӯбаҳои ҳамкории мутақобилаи дуҷониба ва бисёрҷониба оид ба масоили амнияти минтақавиро тақвият мебахшанд.

Таъкид гардид, ки мубориза бо хатарҳои муосири ҷаҳонӣ, аз ҷумла бо назардошти вазъи ташвишовари мавҷуда дар сарҳадҳои ҷанубии кишварҳои ИДМ – ин вазифаи калидии ҷонибҳо буда, кӯшишҳои худро оид ба паст намудани хатарҳои болозикр ба аминияти миллӣ ва минтақавӣ равона созанд. [6]

14 марти соли 2018 зимни мулоқоту музокироти сатҳи олӣ миёни Тоҷикистон ва Қазоқистон роҳбарони ҳарду давлат оид ба ҳалли масъалаҳои мубрам ва доғи ҷомеа, рафъи дигар хатару таҳдидҳои ҷаҳони муосир, аз қабили терроризму экстремизм, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, инчунин ҳамкориҳои зичи амниятӣ табодули андеша ва пешниҳод карданд.

Дар ҷараёни вохӯрӣ аз вазъи мураккаби сиёсӣ ва дар як қатор кишварҳои ҷангзада, аз ҷумла нооромиҳо дар баъзе минтақаҳои Афғонистон, ки ба аминияти минтақа таҳдид мекунанд, изҳори нигаронӣ карда шуд.

Бинобар сабаби шиддат гирифтани рақобати дохилисиёсӣ ва зиёдшавии шумораи неруҳои ҷангиёни давлати бо ном исломӣ дар қисми шимолии Афғонистон масъалаи тақвияти иқтидори қуввахои сарҳадии Тоҷикистон, ки ҳамчун кишвари пешгоҳи муқовимат ва хатар дониста мешавад, пешниҳод гардид. [21]

Ҳамкории мутақобила дар самти мубориза бо терроризми байналхалқӣ, ифротгароӣ, радикализми динӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, ҳалли вазъи мураккаби сиёсӣ дар Афғонистони ҳамсоя аз мавзуъҳои калидии мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев буданд, ки 14 июни соли 2019 дар Душанбе дар ҳошияи Ҳамоиши панҷуми Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё доир гардида буд. [8]

25 августи соли 2023 дар шаҳри Остона зимни мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Қазоқистон ҳамкориҳои ду кишвар дар самти амният дар сатҳи дуҷониба ва дар доираи созмонҳои байналхалқию минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ҷонибҳо дар ин зимн, аз ҷумла атрофи мавзуи тағйирёбии иқлим, проблемаҳои афзоиши таҳдиду хатарҳои терроризм, экстремизм, тундгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ, бо шумули қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои кибериӣ, табодули андеша карданд. [23]

Муҳим будани ҳамкорӣ дар соҳаи амният дар муносибатҳои ду кишвар, зарурияти ҳамоҳангсозии фаъолияти хадамоти махсус дар самти мубориза бо терроризму ифротгароӣ, зуҳуроти радикализм, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои кибериӣ дар мулоқоту музокироти навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев, ки 22 августи соли 2024 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, таъкид карда шуд.

Дар натиҷаи мулоқоту музокироти сатҳи олӣ аз ҷониби роҳбарони ҳарду мамлакат «Аҳднома дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон» имзо гардид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба имзо гардидани ин санади таърихӣ иброз доштанд, ки «ин санади муҳим, бешубҳа, дар таърихи ҳамкории ду кишвар саҳифаи нав мекушояд ва бовар дорам, ки заминаи мустаҳками шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии мо хоҳад шуд». [22]

14 сентябри соли 2015 Созишномаи шарикии стратегӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қазоқистон ба имзо расид.

Муколамаи сиёсии Тоҷикистону Қазоқистон пай дар пай инкишоф меёбад. Дар давраи гузашта 8 сафари расмӣ дар сатҳи сарони давлатҳо (солҳои 1993, 1995, 2000, 2006, 2008, 2015, 2018, 2021 ва 2024), инчунин боздидҳои сершумори расмӣ ва корӣ вазирони корҳои хориҷӣ ва роҳбарони вазорату идораҳои дигар сурат гирифтааст.

Ҳамкории давлатҳо дар соҳаи мудофиа ба ҳалли проблемаҳо ва инкишофи ҳамкории онҳо дар доираи васеи соҳаҳои афзалиятнок мусоидат кард. Ба шарофати сиёсати дурандешона ва хирадмандонаи сарони давлатҳо ва роҳбарони вазоратҳои дифоъ ҳамкории кишварҳои узви СААД босуръат ва устувор буда, тибқи ҳадафҳои пешбинишуда сурат мегирад. [3, с. 721-722]

Муҳимтарин ҳодисае, ки ба таҳкими ҳамкории Тоҷикистон ва Қазоқистон мусоидат намуд, иштироки низомиёни тоҷик дар доираи неруҳои сулҳофари СААД ба ҳисоб меравад. Баъд аз ҳодисаҳои январи соли 2022 дар Қазоқистон, Президенти кишвар Қосим Жомар Токаев 5- январ ба роҳбарони кишварҳои шарик дар СААД оид ба расонидани ёрӣ, ҷиҳати рафъи хатари террористон дар ин мамлакат муроҷиат намуд. Аллакай, рӯзҳои 6-7 январ ҳудуди 4000 нафар низомиёни СААД ба Қазоқистон фиристода шудаанд, ки беш аз 200 сарбозу афсари баталиони посдори сулҳи Қуввaҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон низ шомили онҳо буд. Бояд таъкид намуд, ки ҳайат шахсӣ ва воҳидҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шомили неруҳои дастаҷамъии посдори сулҳи СААД буданд, вазифаҳои ҳифзи объектҳои аҳаммияти иҷтимоидоштаро дар Ҷумҳурии Қазоқистон бар дӯш доштанд.

Дар ин замина, 08 январи соли 2022 ҳангоми суҳбати телефонӣ бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев ба Пешвои миллат дар бораи андешидани тадбирҳои амалӣ бо мақсади таҳти назорат гирифтани вазъият, барқарор намудани сулҳу оромӣ ва ҳамзамон ҳадафҳои ниҳоии саркардагони рӯйдодҳои фоҷеабор ҷиҳати ғасби ҳокимият дар кишвар ба таври муфассал маълумот дода, ба Эмомалӣ Раҳмон ва кулли мардуми Тоҷикистон барои дастгирӣ ва ирсоли ҳайати маҳдуди низомиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Қазоқистон дар қатори неруҳои муттаҳидаи сулҳофари СААД барои мусоидат ба ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ва таъмини субот изҳори сипос намуданд. Маҳз ин ҳодиса аз сатҳи баланди рушди ҳамкориҳо ва

шарикии стратегии Тоҷикистон ва Қазоқистон дар самти таъмини амнияти минтақавӣ дарак медиҳад. [31, с. 99-100]

Адабиёт:

1. 20 соли СҲШ: ҳамкорӣ баҳри субот ва шукуфоӣ: [Манбаи электронӣ] https://www.president.tj/event/'news/23393 (Санаи мурочиат: 28.04.2025);
2. 25 қадам дар паҳнои олам. Зери назари Сирочиддин Аслов /Душанбе: Ирфон, 2016. – 220 саҳ.;
3. Алимов, Б.Х. Стратегическое партнерство Таджикистана со странами СНГ: на примере России, Казахстана и Узбекистана / Б.Х. Алимов, К.Х. Рахимов, К.Х. Салимзода // Постсоветские исследования. – 2024. – Т. 7, № 7. – С. 714-724;
4. Астана и Душанбе: сотрудничество в духе стратегического партнерства [Электронный ресурс] https://imruz.tj/central-asia/16977/ (Дата обращения: 28.04.2025);
5. Бобоев М. Хатари терроризм ва экстремизм ба ҷаҳони муосир. Минбари халқ. 12.01.2022. №2 (1348);
6. Изҳорот барои матбуот оид ба натиҷаҳои музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Қазоқистон [Манбаи электронӣ]: https://prezident.tj/event_by_theme/bilateral_relations/kazahstan/9117 (Санаи мурочиат: 29.04.2025);
7. Мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон [Манбаи электронӣ]: https://prezident.tj/event_by_theme/bilateral_relations/kazahstan/11257 (Санаи мурочиат: 29.04.2025);
8. Мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев [Манбаи электронӣ]: https://prezident.tj/event_by_theme/bilateral_relations/kazahstan/18457 (Санаи мурочиат: 30.04.2025);
9. Мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев [Манбаи электронӣ]: https://prezident.tj/event_by_theme/bilateral_relations/kazahstan/240 (Санаи мурочиат: 29.04.2025);
10. Мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев [Манбаи электронӣ]: https://prezident.tj/event_by_theme/bilateral_relations/kazahstan/2603 (Санаи мурочиат: 29.04.2025);
11. Мулоқот бо Раиси Ҷумҳурии Халқии Чин Тсзян Тземин [Манбаи электронӣ] http://www.president.tj/node/14128 (Санаи мурочиат: 12.05.2024);
12. Мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Тсзинтао [Манбаи электронӣ] http://www.president.tj/node/11964 (Санаи мурочиат: 12.05.2024);
13. Мулоқот бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Ҷинтао [Манбаи электронӣ] http://www.president.tj/node/473 (Санаи мурочиат: 12.05.2024);
14. Мулоқот бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин [Манбаи электронӣ] https://prezident.tj/event_by_theme/bilateral_relations/china/11328 (Санаи мурочиат: 10.09.2024);
15. Мулоқот бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин [Манбаи электронӣ] https://prezident.tj/event_by_theme/bilateral_relations/china/14309 (Санаи мурочиат: 10.09.2024);
16. Мулоқот бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Ҷинтао: [Манбаи электронӣ] https://www.president.tj/event_by_theme/bilateral_relations/china/275 (Санаи мурочиат: 27.08.2024);
17. Мулоқот бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Ҷинтао: [Манбаи электронӣ] https://prezident.tj/event_by_theme/bilateral_relations/china/1706 (Санаи мурочиат: 10.09.2024);
18. Мулоқот бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин [Манбаи электронӣ] https://prezident.tj/event_by_theme/bilateral_relations/china/25114 (Санаи мурочиат: 11.09.2024);
19. Мулоқот бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин [Манбаи электронӣ] https://prezident.tj/event_by_theme/bilateral_relations/china/18143 (Санаи мурочиат: 11.09.2024);
20. **Мулоқот: мубориза бо таҳдидҳои муосир https://www.hgu.tj/news/post/mulokot-muboriza-bo-tadidoi-muosir.html (Санаи мурочиат: 12.05.2024)**;
21. Мулоқоту музокироти сатҳи олӣ миёни Тоҷикистон ва Қазоқистон [Манбаи электронӣ]: https://prezident.tj/event_by_theme/bilateral_relations/kazahstan/15800 (Санаи мурочиат: 30.04.2025);

22. Мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистон ва Қазоқистон [Манбаи электронӣ]: https://prezident.tj/event_by_theme/bilateral_relations/kazahstan/46928 (Санаи мурочиат: 04.05.2025);
23. Мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Қазоқистон [Манбаи электронӣ]: https://prezident.tj/event_by_theme/bilateral_relations/kazahstan/35536 (Санаи мурочиат: 30.04.2025);
24. Мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Қазоқистон [Манбаи электронӣ]: https://prezident.tj/event_by_theme/bilateral_relations/kazahstan/35536 (Санаи мурочиат: 04.05.2025);
25. Мулоқоту музокироти сатҳи олӣ миёни Тоҷикистон ва Чин [Манбаи электронӣ] https://prezident.tj/event_by_theme/bilateral_relations/china/14754 (Санаи мурочиат: 10.09.2024);
26. Независимость Таджикистана и возрождение нации. Том четвертый.– Душанбе: «Ирфон», 2006, 416 стр.;
27. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Душанбе. 28.12.2023 [Манбаи электронӣ] http://www.president.tj/node/32191;
28. Садои мардум. 13.01.2012. №6 (2833);
29. Сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин: [Манбаи электронӣ] https://www.president.tj/event_by_theme/bilateral_relations/china/278 (Санаи мурочиат: 27.08.2024);
30. Шарипов, С. С. Рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар қаринаи шарикии стратегӣ / С. С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – No. 11-1. – P. 93-103;
31. Шарипов, А. М. Таҳдидҳои замони муосир ва таъсири онҳо ба амнияти Тоҷикистон / А. М. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №8. – с. 144-149;
32. Эмомалӣ Раҳмон Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди ҳафтум. – Душанбе: «Ирфон», 2007, 480 саҳ.;

ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ МИНТАҚА ДАР САМТИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ХАТАРҲОИ МУОСИР (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН ВА ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН)

Дар мақола масоили марбут ба равобити Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа дар самти мубориза бар зидди таҳдиду хатарҳои муосир, бавижа таъмни амнияти минтақавӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Ба таъкиди муаллифон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди худ марҳалаи нави таърихир сипарӣ мекунад, дар пеши чашми мо ҷараёни дигаргуншавӣ аз як системаи иҷтимоиву иқтисодӣ ба низоми дигар рӯй медиҳад, ки бо шиддатёбии равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиву идеологӣ дар ҷомеа ҳамроҳ аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки амиқи таҳдидҳои афзоишёбандаи экстремизм ва терроризм ба амнияти миллӣ ва рушди босуботи худ бо пайгирӣ аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои минтақа, муборизаро дар ин самт тақвият мебахшад. Аз ин рӯ рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон бо минтақа, аз ҷумла бо Чин ва Қазоқистон дар самти таъмини амният барои Ҷумҳурии Тоҷикистон амри зарурӣ дониста мешавад.

Калидвожаҳо: терроризм, экстремизм, мубориза, амният, сулҳ, ҳамкорӣ, минтақа, таҳдид, хатар.

СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН СО СТРАНАМИ РЕГИОНА В БОРЬБЕ С СОВРЕМЕННЫМИ УГРОЗАМИ (НА ПРИМЕРЕ КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКИ И РЕСПУБЛИКИ КАЗАХСТАН)

В статье анализируются и рассматриваются вопросы, связанные с взаимоотношениями Таджикистана со странами региона в борьбе с современными угрозами и опасностями, в частности, обеспечением региональной безопасности. По мнению авторов, Республика Таджикистан вступает в новый исторический этап своего развития; На наших глазах происходит процесс трансформации одной общественно-экономической системы в другую, который сопровождается интенсификацией социально-экономических, политических и идеологических процессов в обществе. Республика Таджикистан, глубоко осознавая растущие угрозы, которые представляют экстремизм и терроризм для ее национальной безопасности и устойчивого

развития, усиливает борьбу в этом направлении, следуя усилиям международного сообщества и стран региона. Поэтому развитие сотрудничества Таджикистана с регионом, в том числе с Китаем и Казахстаном, в сфере обеспечения безопасности считается для Республики Таджикистан крайне важным.

Ключевые слова: терроризм, экстремизм, борьба, безопасность, мир, сотрудничество, регион, угроза, опасность.

COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE REGIONAL COUNTRIES IN THE FIGHT AGAINST MODERN THREATS (ON THE EXAMPLE OF THE PEOPLE'S REPUBLIC OF CHINA AND THE REPUBLIC OF KAZAKHSTAN)

The article analyzes and considers issues related to the relations of Tajikistan with the countries of the region in the fight against modern threats and dangers, in particular, ensuring regional security. According to the authors, the Republic of Tajikistan is entering a new historical stage of its development; Before our eyes, the process of transformation of one socio-economic system into another is taking place, which is accompanied by the intensification of socio-economic, political and ideological processes in society. The Republic of Tajikistan, deeply aware of the growing threats posed by extremism and terrorism to its national security and sustainable development, is intensifying the fight in this direction, following the efforts of the international community and the countries of the region. Therefore, the development of cooperation of Tajikistan with the region, including China and Kazakhstan, in the field of security is considered extremely important for the Republic of Tajikistan.

Key words: terrorism, extremism, struggle, security, peace, cooperation, region, threat, danger.

Маълумот дар бораи муаллифон: Шарипов Амриддин Нуридинович, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатияи ва сиёсати хориҷии ҶТ ДМТ. Телефон: (+992)988-50-10-11; email: amrsharif@mail.ru

Исозода Зарина Исо, муаллими калони кафедраи ҳуқуқшиносӣ, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Кӯлоб, маҳаллаи С .Сафаров 16. Тел: 918-34- 76-29

Сведения об авторах: Шарипов Амриддин Нуридинович, кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и внешней политики РТ ТНУ. Телефон: (+992)988-50-10-11; email: amrsharif@mail.ru

Исозода Зарина Исо, старший преподаватель кафедры правоведение Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: Республика Таджикистан. Куляб, ул. С.Сафаров-16. Тел.: 918-34 - 76-29

Information about the authors: Sharipov Amriddin Nuridinovich, candidate of historical sciences, associate professor of department of diplomacy and foreign policy RT TNU. Tel: (+992)988-50-10-11; email: amrsharif@mail.ru;

Isozoda Zarina, senior lecturer at the Department of Jurisprudence Kulob State University named after A. Rudaki. Address: 734065, Republic of Tajikistan, Kulob, ul. Safarova, 16. Phone: 918-34- 76-29.

ТДУ: 930 (2- тоҷ)
С-21

АҚИДАҲОИ МУТАФАККИР ВА МУАРРИХИ ТОҶИК ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ МАРБУТ БА УРФУ ОДАТ, РАСМУ ОИНҲОИ МИЛЛӢ ВА ФОЛКЛОР

Сайдализода Р.А., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Миллати тоҷик ба аҳли олам садҳо ва ҳазорон осори таърихию фарҳангиро ба мерос гузоштааст. Ҳамчун сокинони бумӣ дар паҳнои беканори Осиёи Марказӣ дар рушду нумуи тамаддуни башарӣ нақши арзандаи хешро гузоштааст. Зиёд будани мероси хаттӣ ва осори таърихӣ ҷавҳари худшиносии тоҷиконро такон бахшидааст. [1, с. 103]

Номи Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар радифи машҳуртарин номҳои илму адаби гузашта чун Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, Мансури Ҳаллоҷ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Ҷалолиддини Румӣ ҷой дорад. Наврӯз Аҳмад ба Мавлоно Камолиддини Восифӣ (ки ба фазоили илмию адабӣ мавсуф аст ва ба сифати маънавияи ал-илму ҳасанун маъруф) тафвиз фармудем. [4, с. 210] Мақом ва шуҳрати ӯ махсусан, дар санъати муаммо ва кушодани он шоистаи таваҷҷуҳ ва ангуштнамои барозандаи ҳамагон гардидааст.

Дар асрҳои XV-XVI дар ҳаёти мадании қаламрави вилоятҳои Хуросону Мовароуннаҳр фаъолшавии табақаҳои миёна ва поёни шаҳр ба назар мерасид. Табақаҳои миёнаи аҳолии шаҳр-пешаварон ва бозаргонон, амалдорон ва руҳониёни миёнаҳол истеъмолкунанда ва офарандаи сарватҳои маданӣ мегарданд. Дар тазкираҳои он замон, аз ҷумла дар ёддоштҳои Восифӣ бисёр шоирон аз байни косибон, бозаргонон ва амалдорони хурд баромадаанд. [7, с. 555]

Нақш ва аҳаммияти мактаби адабии шаҳри Ҳирот дар ҷодаи урфу одат, расму оинҳои миллӣ ва фолклори миллати тоҷик ниҳоятдараҷа бузург буд. Таърих ибратомӯз аст ва ягон халқу миллат бе арҷ гузоштан ба таърихи хеш ба қадри истиқлол ва оини давлатдориаш расида наметавонад. [8, с. 3]

Мероси адабии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ доманаи фароху паҳнои бепоёне дорад. Андар миёни ин осори боарзиш фанҳои мухталифи ахлоқ, таърих, ҷуғрофиё, ҳуқуқ, тиб, фалсафа, геология ва дигар ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Машҳуртарин асари Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, ки то ба замони мо омада расидааст, «Бадоеъ-ул-вақоеъ» мебошад. Бо таассуф тазаккур бояд дод, ки то кунун осори ин суханвари соҳибсалиқаву мутафаккири тавоно дар миёни ҳамзабононаш таҳқиқу татбиқи ҳамаҷонибаи илмиву адабӣ ва таърихии худро дар риштаи илми адабиётшиносию таърихшиносии ватаниву хориҷӣ ба тавре ки бояду шояд дарёфт накардааст.

Асари «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ аз муқаддимаву чилу шаш боб (муқаддима, 31-гуфтор, 6-достон, 5-ҳикоят, 1-мутоиботи зурадо, 1-мушкилоти ҳисобӣ, 1-муншаоти мутафарриқа) иборат аст. Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун муҳаққиқи нуктасанҷ марому ғояи аҳли меҳнаткашро хеле хуб ва нек дарк намуда, мухтасар оиди рӯзгори онҳо ҳикояҳои дилчасп навиштааст.

«Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ бо фароҳам овардани мавзуоти гуногун, ки ба тамоми паҳлуҳои ҳаёти халқи тоҷик бахшида шудааст, аҳаммияти бузурги илмӣ, фарҳангӣ, таърихию фолклориро доро мебошад. Муаллиф дар қисматҳои ҷудогонаи асар доир ба қиссахонону афсонагӯён ва умуман, эҷодиёти шифоҳии халқ маълумоти фаровон медиҳад. Восифӣ бо тоифаҳои гуногуни бозингарон, аз қабили куштигирон, камонварон, гурзандозону шиноварон, расанбозон қисматҳои алоҳида бахшида, хусусиятҳои ҳар кадоми онҳоро муфассал шарҳу маънидод менамояд. Ин ҷиҳат барои таҳқиқи таърихи илми варзиши тану бадан, ки то имрӯз чандон омӯхта нашудааст, қимати илмиву амалиро молик аст.

«Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ забону услуби хоси худро дорост. Баёни муаллиф бисёр равон, содда, оддӣ буда, асар аз ибтидо то интиҳо бо гуфтор, достон, ҳикоят, қисса ва ғайра баён мегардад. Мутолиаи ин асар бисёр ҷиҳатҳои ахлоқи неки гузаштагонамонро ёдрас менамоянд ва дар тарбияи худшиносӣ ва худогоҳии миллии насли ояндасози миллат нақши шоистае дорад. Суханвари тавоно ин шоҳкории шоистаи насру назми хешро тахминан байни солҳои 1517-1518 дар шаҳри Тошканд эҷод намуда, ба Наврӯзаҳмадхони шайбонитабор бахшидааст. Ин асари таърихӣ ба хотири тарғиби суннатҳои волову чашмгири ниёгон ва ба камол расонидани инсони ҳамаҷонибаи рушду нумуъкарда ҷомаи амал пӯшидааст, ки имрӯз ҳам мақоми тарбиявии хешро аз даст надодааст.

Дар бобҳои алоҳидаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ масъалаҳои гуногуни замон, аз қабили истиқомату манзил, адлу додгустарӣ, амонату диёнат, хидмату вафо, ҳиммату саховат, сиёсат ва дигарро фаро мегирад.

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ аз зарбулмасалу андарзҳои халқии зиёд, ба монанди «Илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ бояд», «Ташна дар хоб об мебинад», «Аз гунҷишк тарсӣ, арзан макор», «Ҳар ки зар дорад хӯрад оби набот», «Ҳикмат шунидан аз лаби Луқмон савобтар» ва дигаронро ба маврид истифода мебарад. Хусусияти муҳимми ин асар дар тарзи баёни он воқеъ гардидааст. Ин асар намунаи барҷастаи назму насри асрҳои XV-XVI мебошад. Дар он калимаву ибораҳои зиёди тоҷикӣ ва таъбирҳои арабӣ ва ӯзбекӣ фузун истифода шудаанд.

Хусусияти дигари барҷастаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ, ҳамчунин дар фаро гирифтани мавзуоти он аст. «Бадоеъ-ул-вақоеъ» масъалаи давлату давлатдории амирон, ҳокимон ва хонҳои шайбониро ба таври ошкоро ба миён гузошта, пеш аз ҳама аҳкоми давлатро ба адолату ростӣ ва инсонпарварӣ даъват менамояд. Ҷаҳонбинӣ ва ақидаҳои фалсафии мутафаккир ба замон сахт марбут аст. Восифӣ дар шароите зиндагонӣ мекард, ки шариати ислом қатъи назар аз мазҳаб мафкураи синфи ҳукмрон буд. Бо вуҷуди ягонагии дину шариат, оммаи мардум вобаста ба сиёсати ҳокимон ва тарғибу ташвиқи руҳониёни ҷоҳил ба мазҳабҳои шиа ва суннӣ пайравӣ мекарданд ва бо ин баҳона бо ҳам низоъ доштанд. Дар ҳамин шароит гурӯҳе аз мардум ба ақидаи тасаввуфии нақшбандия пайравӣ мекарданд. Пешвои илму адаби Хуросон Абдураҳмони Ҷомӣ дар ақидаи динӣ тарафдори ягонагии дини ислом буда, низоъҳои мазҳабиро, ки дар ҳамаи даврaҳои феодалӣ хислати иртиҷоӣ дошт, маҳкум кардааст:

Эй муғбачаи даҳр бидеҳ ҷоми маям,
К-омад зи низои суннию шеӣ қаям.
Гӯянд, ки Ҷомиё чӣ мазҳаб дорӣ,
Сад шукр, ки сагсунию харшеӣ наям [9, с. 337-338]

Дар аҳди салтанати сулолаи Темуриёну Шайбониён ва Сафавиён раванди омезиши этникию фарҳангӣ ва динӣ чун сели пуртуғён ҷараён мегирифт. Дар байни ин халқиятҳо робитаҳо барпо гардида, бар асари омезиши комёбиҳои илмии санъат, меъморӣ, дин ва амсоли ин боиси пайдоиши тамаддуни нави моддию маънавӣ дар ҳаёти мардуми тоҷик гардидааст. Комёбиҳои ҳунари бадеии мардуми тоҷик дар ин давра хеле назаррасанд. Бояд иқрор шуд, ки ниёгони мо дар ҷодаи офаридану ороиши зарфҳои кулолӣ, зарҳалу мисин, асбобҳои ороишии яроқу аслиҳа, сару либос, ашёҳои худсохти ҳунармандӣ, биноҳои зиёди меъморӣ, роҳҳою мавзеъҳои зебои дилфиреби фароғатӣ, обу корезҳо ва ғайра ниҳоят пешсаф аз дигарон ҷой доранд.

Дар гузаштаи дури таърихӣ аҷдодони мо дорои шаҳрҳо ва марказҳои бузурги косибию тиҷоратӣ буданд, ки маҳсулоти омодакардаи онҳо дар дохил ва хориҷи қаламрави мамлакат талабгарони худро дошт. Муаррихи тоҷик, шодравон А. Қушматов дар ин бора дуруст андеша баён намудаанд: «Давлати бузурги Форс шаҳрҳои калоне ҳам дошт, ки марказҳои косибию тиҷоратӣ ба шумор мерафтанд. Шаҳрҳои Навкратис дар Миср, Миллет дар Осиёи Хурд, Сидону Тир дар Фининкия, Бобул дар Байнаннаҳрайн, Самарқанду Бохтар дар Осиёи Марказӣ ҳамин гуна шаҳрҳо маҳсуб мегаштанд, ки дар онҳо зарфҳо, шиша, либос, асбобҳои зебу зинат истеҳсол карда, ба мубодилаи байналхалқӣ мебароваранд. [2, с. 253]

Дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар бораи шахсиятҳои зиёд: мансабдорон, уламо, вазирону ноибони шоҳ, қосидон, номҳои гуногуни одамон, мавзеъҳои дилфиребу аҷоиботи замон ишораҳои зиёдеро дучор омадан мумкин аст. Масалан, дар бораи Гавҳаршодбегим ё Гавҳаршодхотун (1379-1457), яке аз шахсиятҳои фарҳангии замони Темуриён, ҳамсари Шоҳрух маълумот дода шудааст. Бисёре аз осори фарҳангии замони Темуриён, аз қабили хонақоҳ, мадраса, масҷиди ҷомеи шаҳри Ҳирот ва масҷиди ҷомеи шаҳри Машҳад, бо дастгирии Гавҳаршодбегим бино ёфтаанд. [3, с. 118]

«Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ барои омӯхтани урфу одатҳои маросими аҷдодони мо маълумоти қиматбаҳо медиҳад. Дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» номҳои зиёди одамон, аз қабили Султон Ҳусайн Мирзо, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Келдимуҳаммад Султон, Ҳайдари Тиргар, Амир Халил, Исмоили Сафавӣ, Наҷми Сонӣ, Дарвешмуҳаммад, Мираки Чангӣ, Хоҷа Юсуфи Маломатӣ вазири соҳибихтиёри даргоҳи олампаноҳ [хоқони аъзам] Кучкунчихон [4, с. 35], Мавлоно Муҳаммади Пиралӣ ва Мавлоно Муҳсини Шервонӣ яке аз афозили саромади Самарқанд буд [4, с. 38], Мавлоно Ҳоҷии Табрезӣ аз Хуросон аз ҷафову изои қизилбошон фирор намуда, ба Самарқанд омаданд ва он вақте буд, ки ҳукумати Самарқанд ба Бобур-подшоҳ тааллуқ дошт. Ҷаноби мавлоноро эъзому икром намуда, дар мадрасаи Улуғбек Мирзо мударрис гардониданд [4, с. 42] ва дигаронро дучор омадан мумкин аст. Дар номгузории деҳоту ноҳия, шаҳр ва исми одамон таъсири омезиши сулолаҳои муғулӣ, туркӣ, ӯзбекӣ ва амсоли инҳо дида мешавад. Чунончӣ: Аштархон, Улуғбек, Ҳусайн Бойқаро, Муҳаммад Шайбонихон, Убайдуллохон, Сиюнҷхоҷахон, Келдимуҳаммадхон, Сулаймони Тархон, ал-Кошғарӣ, Қаршӣ, Қипчоқ, Ӯялӣ ва ғайра. Мо номгузории замони зиндагонии Зайниддини Восифиро чунин таснифбандӣ намудем: а) арабӣ, б) муғулӣ, в) туркӣ, г) ӯзбекӣ.

Ному номгузорӣ вобаста ба мартаба, касбу пеша, маҳалли истиқомат ва ба дин пайвастаи инсонҳо низ гузошта мешуд. Масалан, Мақсуди Хаммор, Мавлоно Хоҷаи Исфаҳонӣ, Мавлоно Нодирии Самарқандӣ, Мавлоно Амонии Хуросонӣ, Мавлоно Ҳисайни Нишопурӣ, Рустами Дастон, Соми Наримон, Исфандиёри Рӯинтан, Хоҷа Ҷалолуддин [Юсуф], ал-Қошғарӣ, Қосимӣ Ҳисорӣ, Мавлоно Қутбиддини Аллома, Муҳаммади Хуросонӣ, Мавлоно Муҳаммади Бадахшӣ, Маҳмуди Балхӣ, Ёрмуҳаммади Туркистонӣ ва дигарон.

Ному номгузорӣ дар ин давра дар асарҳои дигар, аз ҷумла дар асари Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» низ дучор меояд. Чунончӣ: «Дар одоби Ибни Муқаннаъ мазкур аст, ки агар султон туро баробар гардонад, ту ӯро худованд дон ва агар номи фарзандӣ бар ту ниҳад, ту худро ходим шинос ҳар чанд ӯ таъзими ту афзояд, ту дар хидматгорӣ ва тавозӯъ афзой». [5, с. 276]

Ба андешаи мо, пас аз ба дунё омадани фарзанд, волидайни ӯ дар фикри гузоштани номи муносиб меафтоданд. Аввалан ба кӯдак номи нек мегузоштанд, то ин ки муддати умр хиҷолат накашад. Дуюм, барои фарзанд дояи некмизоҷ, хушхӯй ва поксиришт интихоб мекарданд. Сеюм, барои тарбияи фарзанд, муаллими парҳезгору диндор таъйин мекарданд, то ки ӯро таълими «Қуръон» ва аҳкоми шаръӣ омӯзад ва аз илме ки ӯро дар дину дунё нофеъ бошад, бознадоранд. Ҳамчунин, беҳтарин адаб барои фарзанд он аст, ки ӯро аз суҳбати ҷамъе, ки муфсиду каҷтабъ, мардуми ноҳақшинос, нописанд, хиёнаткор, бадандеш, авбош, ҷоҳилу нодон, лаим, ғайбатгару бӯҳтонгӯй дур нигоҳ доранд.

Марҳилаҳои таваллуди кӯдак аз қисматҳои зерин иборат аст:

- ✓ Номгузории кӯдак;
- ✓ Рӯйбинони кӯдак;
- ✓ Урфу одати мӯйсаргирони кӯдак;
- ✓ Гаҳворабандони кӯдак;
- ✓ Қадамзании кӯдак;
- ✓ Дандонбарории кӯдак;
- ✓ Суханронии кӯдак;
- ✓ Ба таълимгоҳ ё мактаб рафтани кӯдак.

Топонимикаи ҷуғрофии номҳо дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ бештар ба назар мерасад. Ному номгузории деҳ, шаҳр, вилоятҳоро мо дар асари мутафаккири тоҷик Зайниддин Восифӣ бештар дучор мешавем. Аз қабили, маҳаллаи Мирзо Баҳодур, маҳаллаи Шакарфурӯшон, дарвозаи Фирӯзобод, Куфони Ҳирот, боғи Зоғон, боғи Шамол, боғи Ҷаҳоноро, мавзеи Лаклакон, чаҳорбоғи Гозургоҳ, қарияи Намадонак, қасри Тарабафзо, қасабаи Кусав, қасабаи Ясӣ, қасабаи Фарқат, қасабаи Ғиҷдувон, Неъматобод, яйлоқи Чиҳилдухтарон, яйлоқи Лаклакон, навоии Пискат, вилояти Ахсӣ, вилояти Оҳангарон, вилояти Тошканд, вилояти Шоҳрухия, вилояти Балх, вилояти Бухоро, вилояти Кашмир, вилояти Ироқ, шаҳри Нахшаб, ки онро Қаршӣ ва Насаф [низ] хонанд, шаҳри Яман, шаҳри Банғола, шаҳри Бухоро, шаҳри Табрез ва дигарон. Масалан, «Дар Куфони Ҳирот Амир Халил [ном] мирзозодае буд, ки дар панҷ дарвозаи Ҳирот ва нуҳ булуки Хуросон саромад буд». [4, с. 342] Ё ки «Мавзеи Лаклакон, ки яке аз манозили мавозеи яйлоқи Шоҳрухия аст». [4, с. 346] Ё ин ки «Қасабаи Фарқат ҷойе аст, дар ғояти хушӣ ва ниҳояти дилкашӣ, ки боғи Ирам аз хиҷолати он рӯй дар пардаи ихтифо кашида…». [4, с. 197]

Айлоқ ё яйлоқ, мавзеъҳоеро дар назар доранд, ки барои чарогоҳ шароити бештар қулай дошт. Баҳору тобистон чорводорон барои чаронидани мол ба он ҷо кӯчида мераванд. [6, с. 223]

Маълумоти овардаи мураттиб марбут ба урфу одат, расму оинҳои миллӣ ва фолклор таҳқиқию таҳлилӣ аст. Гарчанде, ки дар замони зиндагии Зайниддин Восифӣ ҳокимият дар дасти сулолаҳои туркону шайбониён қарор дошт, лекин фарҳанг, адабиёт, санъат ва касбу ҳунарҳои халқӣ аз тарафи тоҷикон нигоҳ дошта мешуд. Ҳамин тавр: а) гуфтан лозим аст, ки «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ бо фарогирии мавзуоти худ тарафҳои гуногуни зисту зиндагонии сокинони музофотҳои Хуросону Мовароуннаҳро фаро гирифта, бо амиқии назар ва фарохии андеша касро ба омӯзиши амиқ водор месозад; б) дар асари Восифӣ хусусияти асарҳои фолклорӣ ба назар мерасад, ки аз алоқаи ба эҷодиёти даҳонии халқдоштаи ӯ гувоҳ аст; в) дар ҳама соҳаи корҳои эҷоди Восифӣ дар мақоми баланди бадеӣ қарор дошта ва чӣ дар замони худ ва чӣ баъд аз вафоташ пайравон ва мухлисони зиёде пайдо кардааст; г) дар шароите, ки равияҳои тундгаро ва низоъҳои диниву мазҳабӣ дар баъзе манотиқи дунё торафт вусъат меёбанд, ақидаҳои мутафаккирони гузашта, амсоли Зайниддини Восифӣ арзиши бештар пайдо мекунад.

Адабиёт:

1. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами маърифати ҳуқуқӣ ддар шароити ҷаҳонишавӣ: Дастоварда ва дурнамо» Кӯлоб-2024.-316 с.
2. Қушматов А. Таърихи Шарқи қадим. Нашриёти «Ношир» Хуҷанд-2021. – 456 с.
3. Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷ.4. Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии ЭМТ. Душанбе-2015. - 655с.
4. Зайниддин Маҳмуди Восифӣ. «Бадоеъ-ул-вақоеъ». Сарредаксияи илмии ЭМТ. Душанбе, 2014. – 734с.
5. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. «Ахлоқи Мӯҳсинӣ». Душанбе. Адиб.1991.-320с.
6. Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷ.1. Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии ЭМТ. Душанбе-2011. – 607с.
7. Б. Ғафуров. Тоҷикон. Душанбе. Нашриёти муосир.2020. -975с.
8. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор.- Душанбе.Эр-граф, 2023.-424с.
9. Х. Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик. Қ. 2. Душанбе. Маориф, 1977.-400с.
10. К. Мусофиров. Ном ва номгузорӣ. К. Мусофиров. Душанбе-2008.-10с.

АҚИДАҲОИ МУТАФАККИР ВА МУАРРИХИ ТОҶИК ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ ОИД БА УРФУ ОДАТ, РАСМУ ОИНҲОИ МИЛЛӢ ВА ФОЛКЛОР

Мақолаи мазкур ба яке аз мавзуъҳои муҳим алоқаманд ба урфу одат, расму оинҳои миллӣ ва фолклори мардуми тоҷик дар асрҳои миёна дар мисоли асари «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ бахшида шудааст. Муаллиф муътақид бар он аст, ки дар давраи асрҳои миёна дар байни мардуми тоҷик урфу одат, расму оинҳои миллӣ ва фолклор, аз қабили ному номгузорӣ, зарбулмасал ва ғайра мавҷуд буда, дар байни мардум амал менамуд, ки нақши хешро дар саҳифаҳои дурахшони таърих ва фарҳанги миллати тоҷик гузоштааст. Ҳар яке аз ин урфу одат ва расму оинҳои миллӣ як паҳлуи зиндагонии мардумро нишон медод.

Урфу одат, расму оинҳои миллӣ ва фолклори тоҷикон ва фарҳанги истифодабарии он хеле дар сатҳи зарурӣ қарор дошт. Мардуми тоҷик бо офаридани асарҳои таърихию адабӣ ва фолклор расму оинҳои хешро пойбарҷо нигоҳ медоранд. Бинобар ин нақши асари таърихию ёддоштии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Восифӣ ҳамчун манбаи таърихӣ дар омӯзиши урфу одат, расму оинҳои миллӣ ва фолклор дар ҳаёти мардуми тоҷик басо бузург мебошад.

Калидвожаҳо. тамаддун, осори хаттӣ, фарҳанг, эҷодиёт, адабиёт, санъат, таърих, саҳифа, ном, дин, миллат, зиндагӣ

ВЗГЛЯДЫ ТАДЖИКСКОГО МЫСЛИТЕЛЯ И ИСТОРИКА ЗАЙНИДДИНА МАХМУДИ ВОСИФИ НА ОБЫЧАИ, НАЦИОНАЛЬНЫЕ ОБРЯДЫ И ФОЛЬКЛОР

Данная статья посвящена одной из важных тем, связанных с обычаями, национальными обрядами и фольклором таджикского народа в средние века, на примере произведения Зайниддина Махмуда Восифи «Бадоеъ-ул-вакоеъ»-». Автор считает, что в средние века у таджиков существовали обычаи, национальные обряды и фольклор, такие как имянаречение, пословицы и т.д., которые практиковались в народе и оставили свой яркий след в истории и культуре таджикского народа. Каждый из этих обычаев и национальных обрядов отражал ту или иную сторону жизни народа.

Обычаи, национальные обряды и фольклор таджиков, культура их использования находились на очень высоком уровне. Таджикский народ сохраняет свои обычаи и традиции, создавая историко-литературные произведения и фольклор. Поэтому роль историко-мемуарного произведения Зайниддина Восифи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» как исторического источника в изучении обычаев, национальных обрядов и фольклора в жизни таджикского народа весьма велика.

Ключевые слова: цивилизация, письменные произведения, культура, творчество, литература, искусство, история, страница, имя, религия, нация, жизнь

THE VIEWS OF THE TAJIK THINKER AND HISTORIAN ZAYNIDDIN MAHMUDI WASIFI ON CUSTOMS, NATIONAL RITUALS AND FOLKLORE

This article is devoted to one of the important topics related to customs, national rites and folklore of the Tajik people in the Middle Ages, using the example of the work "Badoe-ul-vakoe" by Zayniddin Makhmud Vasifi. The author believes that in the Middle Ages, Tajiks had customs, national rites and folklore, such as naming, proverbs, etc., which were practiced by the people and left a bright mark on the history and culture of the Tajik people. Each of these customs and national rites reflected one or another side of the people's life.

Customs, national rites and folklore of Tajiks, the culture of their use were at a very high level. The Tajik people preserve their customs and traditions, creating historical and literary works and folklore. Therefore, the role of the historical and memoir work "Badoe-ul-vakoe" by Zayniddin

Vasifi as a historical source in the study of customs, national rites and folklore in the life of the Tajik people is very great

Keywords: civilization, written works, culture, creativity, literature, art, history, page, name, religion, nation, life

Маълумот дар бораи муаллиф: Сайдализода Рустам, муаллими калони кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: ҶТ. 735360 ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16. Тел: 989198230. Email: Nsadi79@mail. ru

Сведения об авторе: Сайдализода Рустам, старший преподаватель кафедры истории и методики преподавания истории Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: РТ. 735360 г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. Тел: 989198230. Email: Nsadi79@mail. ru

Information about the author: Saidalizoda Rustam, senior lecturer at the department of history and methods of teaching history of Kulob State University Abuabdullohi Rudaki. Address: RT. 735360 Kulob, S. Safarov street, 16. Tel: 989198230. Email: Nsadi79@mail. ru

ТДУ:**93.575(2)**

ТАҲҚИҚОТИ ТАЪРИХӢ-ЭТНОГРАФИИ МАҲАЛЛА ВА ГУЗАРҲОИ БУХОРО ДАР ИБТИДОИ АСРИ XVI – ОХИРИ АСРИ XIX

Дустов Н, унвончӯ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Маҳалла, ҳамчун қисми таркибии маъмурии шаҳрҳои даврони феодалӣ ба шумор рафта, дар идора кардани хонигарӣ ва аморати Бухоро саҳми калон дошт. Дар давраи феодализми мутараққии асримиёнагӣ яке аз аломатҳои хоси шаҳрсозӣ ин маҳаллаҳо ва гузарҳо буданд, ки аз манзилҳои зист иборат буда, дар он аҳолии шаҳр зиндагӣ мекарданд.

Дар «Таърихи Бухоро»-и А. Наршахӣ вожаи «маҳалла» ҳаммаънои вожаи «ку» омадааст. Ба ақидаи А. Наршахӣ «ку» аз «маҳалла» хурд буда, гузарҳои шаҳрро ифода мекардааст. [12, с. 45]. Маҳалла аз «ку» калонтар буда, он аз 50 то 90 манзили зистро дар бар мегирифт. Дар маҳалла гурӯҳи одамоне зиндагӣ мекарданд, ки бо ҳам на танҳо наздикии авлодию қавмӣ, балки аз рӯйи касбу ҳунар низ зич алоқаманд буда, бештар дар қисмати охири шаҳр зиндагӣ мекарданд.

Дар ҳуҷҷатҳои вақфии асрҳои XV-XVI дар Бухоро ба ҷои вожаи «маҳалла» зиёдтар вожаи «ку»-ро истифода мебурданд, ки он маънои «маҳалли зист» ва ё «гузар»-ро ифода мекард. [15, с. 13] Вожаи «гузар» дар Бухоро дар ибтидои асри XVII пайдо шуд, дар Самарқанд низ ин вожаро истифода мебурданд, ки он то ба замони мо омада расидааст. Дар дастхатҳои вақфии асри XVI ҳам калимаи «ку» ва ҳам «гузар» истифода шудааст. [15, с. 17] Дар ибтидои асри XVIII калимаи «ку» дар Бухоро тамоман аз байн рафт. [15, с. 42]

Тибқи маълумоти А. Наршахӣ дар асри VIII шаҳри Бухоро ба чаҳор қисм тақсим шуда буд, ки ҳар кадоме аз онҳо як маҳалларо ташкил мекард. Дар ин давра Бухоро дар зери итоати арабҳо буда, ибни Қутайба амири Бухоро буд. Тамоми маҳаллаҳои Бухороро А. Наршахӣ ба дувоздаҳ қисм тақсим кардааст, ки онҳо: Кӯи Риндон, Кӯи Вазир, Кӯи Аъло, Кӯи Бу-Лайс, Кӯи Бакор, Кӯи Муғон, Кӯи Деҳқон, маҳаллаи Гарданкашон, маҳаллаи Мансур, маҳаллаи Дарвозаи Самарқанд, маҳаллаи Дарвозача, маҳаллаи Фағсодара ба ҳисоб мерафтанд. [12, с. 52]

Таърихи ташаккулёбии маҳаллаҳои зисти Бухороро этнографи машҳури рус О.А. Сухарева, ки тамоми таҳқиқоти илмиашро дар Бухоро ва Самарқанд гузаронидааст, ба 5 давра тақсим кардааст. Давраи якум – ин асрҳои VIII-XII; давраи дуюм- асри XIII-ибтидои

асри XVI; давраи сеюм- асрҳои XVI-XVII; давраи чаҳорум- ибтидои асри XVIII - нимаи аввали асри XIX; давраи панҷум нимаи дуюми асри XIX- ибтидои асри XX. [15, с. 36]

Дар дастхати А. Наршахӣ ин маҳаллаҳо инъикос шуда бошанд ҳам, лекин дар натиҷаи тарҷумаи асари «Таърихи Бухоро» дар асри XII номгӯйи баъзе маҳаллаҳо аз матни тарҷума бо сабабҳои номаълум ихтисор шудаанд. Таърихнигори асримиёнагӣ Истахрӣ овардааст, ки дар асри XII дар Бухоро мардумони зиёд, аз ҷумлаи косибону ҳунармандон ҷамъ шуда буд, ки ин ба зичии аҳолӣ ва сохтмони манзили зисти онҳо дар ҳудуди шаҳр монеагиҳо меовард. [7, с. 27]

Давраи дуюм – ин давраи ба харабазор табдил додани шаҳри Бухоро аз тарафи истилогарони муғул буд. Дар натиҷаи ғоратгариҳо ва валангорсозии муғулҳо, дар асри XV дар Бухоро ҳамаги панҷ маҳалла монда буд, ки сетои он то ба асри XX омада расид. Яке аз маҳаллаҳои кӯҳнаи Бухоро Калобод ном дошт, ки дар ҳуҷҷатҳои вақфии он замон номи ин мадраса ҳамчун мадрасаи Арслонхон ёд карда шудааст. Мадрасаи Калобод бо ҷаҳду талоши шайх Хоҷа Саъд (писари Хоҷа Ислом) сохта шудааст ва он дар ҷои мадрасаи Арслонхон сохта шуда буд, номи Калобод дар ҳуҷҷатҳои вақфии солҳои 1608-1611 зиёдтар оварда шудааст. [17, с. 34] Худи Абу Бакри Исҳоқи Калободи дар таги дарвозаи Калобод дафн карда шудааст, ки ин шахси муътабар бо тахаллуси «дарбони Калобод» низ машҳур будааст. [14, с. 71]

Дар асри XVI ба ғайр аз деворе, ки бо номи «ҳисори қадим» ёд мешуд, девори дуюми Бухороро бо амри Абдулазизхон месозанд. Дар таҳқиқоти Е.А. Давидович оиди санаи сохта шудани иншоот ва биноҳои истиқоматии ин маҳалла маълумоти этнографӣ оварда шудааст.

Маҳаллаи Хоҷа Порсо, ки худи ин шахс соли 1419 дар Бухоро аз дунё гузаштааст ва ӯ яке аз шогирдони Хоҷа Баҳовиддини Нақшбанд буда, дар ҳуҷҷатҳои вақфии асри XV, аз ҷумла дар «Китоби Муллозода» маҳаллаи Суфа оварда шудааст. [14, с. 76]

Дигар маҳаллае, ки дар Бухоро дар асрҳои X-XII дар қисмати шимолу-шарқӣ ҷойгир шуда буд, ба номи Кӯи Деҳқон дар сарчашмаҳои арабӣ оварда шудааст. Дар китоби «Муллозода» ва сарчашмаҳои хаттӣ, аз ҷумлаи ҳуҷҷатҳои вақфӣ, маҳаллаи Кӯи Деҳқон низ ёд карда шудааст. [15, с. 66]

Маҳаллаи дигаре, ки дар асри XV дар Бухоро машҳур буд, ин маҳаллаи «Бозори нав» буд, ки онро бо номи маҳаллаи «Имом Ғазолӣ» низ дар асри XV ёд мекарданд ва номи ин маҳалла то асри XX омада расид. Ҳудудҳои ин маҳалла дар арҳои XV-XVI пас аз ба харобазор табдил додани шаҳр аз тарафи муғулҳо, боз дар ҳудуди шаҳри Бухоро сохта шуд.

Давраи сеюм - таърихи маҳаллаҳо ва шаҳрсозии қисмати шарқии Бухороро дар асрҳои XVI-XVII дар бар мегирад, ки он ба давраи ҳукмронии Абдулазизхони-I (1540-1549) рост меояд. Сохтмонҳои манзили зисти маҳаллаҳои қисмати ғарбии Бухоро бештар ба даврони ҳукмронии Абдуллохон (1557-1598) рост меояд, ки дар ин давра ҳудудҳои ғарбии Бухоро васеъ гардида, сохтмони биною иншоот ва манзилҳои зист зиёд шуданд. Ин қисмати шаҳри Бухоро бо деҳаҳои хурди атрофи он ҳамроҳ карда шуданд.

Дар қисмати ҷанубу-ғарбии шаҳри Бухоро дар як муддати кӯтоҳ 16 маҳаллаи нав таъсис ёфт, ки он асосан бо деҳаҳои беруни шаҳр, ки бо номи «Ҷӯйбори берун» ёдовар мешуд, пайваст карда шуда, девори шаҳр васеъ карда шуд.

Этнографи машҳури рус О.А. Сухарева, ки забони форсӣ ва тоҷикиро хеле хуб медонист, дар дасхатҳои хатии Бухоро дар нимаи дуюми асри XVI номгӯи 34 маҳалларо пайдо кардааст, ки онҳо бо номи: 1) Абдулазиз-хон, 2) Амир Ёр-Муҳаммад-садр-хоҷа, 3) Амир Тин-Қилич, 4) Амири Мавлоно, 5) Бобо Маҳмуд-шоҳ, 6) Бозори Карбос, 7) Говкушон, 8) Ғозиён, 9) Заргарон, 10) Косагарон, 11) Кӯи дарахт, 12) Кӯи Хоним, 13) Лаби Ҳавзи Мир-Дустум, 14) Мавлоно Раҳматулло, 15) Мавлоно Шакар, 16) Мағок, 17) Меҳтар Тағой, 18) Мир Масъуд, 19) Мулло Хоҷа, 20) Муҳаммад Қосим, 21) Паткорон, 22) Саид Бандкушо (Ҳазрати Бандкушо), 23) Сарахсиён, 24) Саррофон, 25) Суфиён, 26) Тоқидузон, 27) Хоҷа Али Сумитанӣ, 28) Хоҷа Зайниддин, 29) Ҳофизи Моҳонӣ, 30) Ҳофизи Тафтон, 32) Хиёбон, 33) Чорсуки дарун, 34) Шайх-Шона машҳур буданд. [15, с. 53]

Аз номгӯйи ин маҳаллаҳои дар боло овардашуда, 9-тои онҳо аз ибтидои асри XVI сар карда, то нимаи дуюми асри XX номи худро иваз накарда то ба имрӯз омада расиданд. Дар номгӯйи 6 маҳаллаи хонигарии Бухоро аз рӯйи косибону ҳунармандоне, ки дар ин маҳалла зиндагӣ карда дӯкон доштанд, номгузорӣ шудаанд, ба мисли: Тоқидузон, Заргарон, Саррофон, Бозори карбос, Хиёбон, Чорсуки дарун.

Дар асри XVI, дар давраи ҳукмронии Абдуллохони II (1583-1598) мавзеи Сумитан ва деҳаҳои атрофи он ба шаҳри Бухоро ҳамроҳ карда шуда, ин заминҳо аз супоридани андозҳо озод карда шуданд. Бо амри Абдулохони II девори Бухоро бояд ҳатман ҳудудҳои Сумитанро дар бар гирад. Ҳудудҳои Сумитан ба Ҳоҷи Ислом, ки барои ба тахти Бухоро соҳиб шудани Абдуллохони II саъю кӯшишҳо ва талоши зиёд мекард, тааллуқ дошт. [3, с. 82]

Дар асри XVII тибқи ҳуҷҷатҳои вақфӣ номгӯйи 42 маҳаллаи Бухоро оварда шудаанд, ки онҳо: 1) Азизон, 2) Боби Аҳмадиён, 3) Бозори ниёз, 4) Волида-хон, 5) Дарвозаи Имом, 6) Дарвозаи об, 7) Дарвозаи Саллохон, 8) Дарвозаи Шайх Ҷалол, 9) Дари арки баста, 10) Дари зиндон, 11) Ҷон Али-бий, 12) Искандар-хон, 13) Ислом, 14) Каллапушдузон, 15) Калта Манор, 16) Калтигиён, 17) Камонгарон, 18) Каро-Камол, 19) Кучик-уғлон, 20) Қози Мир Ҳошим, 21) Қози Файзӣ, 22) Мадрасаи Миракон, 23) Масъуд девон, 24) Масчиди бесутун, 25) Муҳаммад Ёр-бий-атолиқ, 26)Муҳаммад Мискин, 27) Муҳаммад Шариф, 28) Муҳаммад Раҳим Султон, 29) Подшоҳ Қули-бий хоҷа, 30) Порсбонон, 31) Равғангарон, 32) Раъзада, 33) Таббанд, 34) Халифа Ниёзқул, 35) Халифа Ҳусайн, 36) Ҳаммоми каппа, 37) Хоҷа Муҳаммад, 38) Ҳофиз Ҷангӣ, 39) Ҳусайн Али-нонвой, 40) Чоҳи занҷир, 41) Шайх Суфиён, 42) Шайх Шоҳ. [14, с. 45] Номгӯйи 22-то маҳаллаи дар боло овардашуда, дар ибтидои асри XX низ дар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва вақфӣ ёдовар шудаанд. Номгӯйи маҳаллаҳо ба аломатҳои хоси ҷуғрофӣ низ вобастагӣ доштанд. Масалан, маҳаллаи «Дарвозаи об», ки дар дастхатҳо ва ҳуҷҷатҳои вақфии солҳои 1689-1690 ёдоварӣ шудаанд, ба макони воридшавии ҷӯйбори асосии об ба дохили шаҳр ишора шудааст. Дар ибтидои асри XX ин маҳалла номашро иваз карда номи «Қози Нуриддин»-ро гирифтааст. [15, с. 21]

Номҳои бисёре аз маҳаллаҳои Бухоро дар асрҳои XV-XVIII бо сохтмони масҷидҳои нав вобастагӣ дошта, номи меъморони ин мадрасаҳо низ иваз карда мешуданд. Масалан номи маҳаллаи Мирзо Ғафур , ки меъмори моҳир буда, мадрасаи маҳаллаи Ҳофизи Ҷангиро сохтааст, оҳиста-оҳиста то асри XX номи ин меъмори маъруфро гирифтааст. Ҳамчунин, маҳаллаи «Мавлоно Шариф» дар дастхатҳои вақфии солҳои 1679-1680-и ин масҷид оварда шудааст. Дар ин солҳо дар Бухоро номи меъмори масҷид ва номи яке шахсони донишманди илми ҳуқуқи он замон Мавлоно Шариф будааст, ки мударриси мадрасаи Кукалтош буд. [2, с. 43]

Номгузории баъзе аз маҳаллаҳо ва гузарҳои Бухоро бо муҳоҷирати аҳолии ин ва ё он деҳот ба деҳоти дигар вобастагӣ дорад. Масалан, аҳолии деҳаи Калти дар асри XVII маҷбуран ба маҳалли Ҳофиз Тафтон кӯчонида шуданд, ки дар натиҷа номи маҳаллаи аввала аз байн рафта, номи Калтагиёнро соҳиб шуд. [14, с. 153] Нимаи дуюми асри XVII гарчанде барои Бухоро давраи оромӣ набошад ҳам, сохтмон ва шаҳрсозӣ дар авҷ буд. Ин давраи ҳукмронии Абдулазизхони –II-ро (1645-1680) дар бар мегирад.

Давраи чаҳоруми таърихи шаҳри Бухоро, ки ибтидои асри XVIII- нимаи аввали асри XIX-ро дар бар мегирад, ба харобазор табдил ёфтани Бухоро рост меояд. Дар ин давра дар Бухоро танҳо аҳолии ду маҳалла зиндагӣ мекарданду халос. Ба қавли муаррих В.В. Бартолд «буҳрони иқтисодии асри XVIII ба зиндагии аҳолии Бухоро таъсири на он қадар сахт расонид, дар қиёс бо Самарқанд ва Хоразм». [1, с. 75] Дар ҳақиқат дар Самарқанд на зиёда аз 1 ҳазор оила зиндагӣ мекарду халос. Ин ҷараён то давраи охири асри ҳамроҳшавӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX) давом кард. [1, с. 94]

Дар таҳқиқоти этнографҳои рус, ки дар дастхатҳои асри XVIII пайдо кардаанд, омадааст, ки дар Бухоро дар ин давра 61 маҳалла ва гузарҳо вуҷуд дошт. Ин далели он аст, ки дар асрҳои XVI-XVIII теъдоди маҳалла, гузар ва манзилҳои зист хеле афзуд, ки ин ба зиёд шудани аҳолии Бухоро низ оварда расонид. [17, с. 37] Дар даҳсолаи аввали асри XVIII маҳаллаҳои Бухоро хеле пароканда буд, ки ба ин вазъи сиёсӣ-иҷтимоии Бухоро таъсир

расонид. Дар ин давра аҳолии шаҳр ба ҳар тарафи хонигарӣ муҳоҷират карда, пароканда шуд.

Дар даврони ба тахт нишастани сеюмин намояндаи сулолаи манғитҳо амир Шоҳ – Мурод дар Бухоро ҳукумат мутамарказ шуда, тамоми ҳудудҳои аморатро ба зери итоати худ қарор дод. Ин ҷараёни мутамарказкунонӣ ба аҳли зиё, косибон, ҳунармандон, бозаргонон имконият дод, ки дар ҳудуди шаҳри Бухоро манзилҳои зист ва иншооти бошукӯҳ созанд.

Дар даҳсолаи охири асри XVIII – нимаи аввали асри XIX аҳолии шаҳри Бухоро зиёд шуд, ки ин ҷараён ба афзоиши теъдоди маҳаллаҳо оварда расонид. Дар охири асри XIX-ибтидои асри XX масҷиду мадрасаҳои зиёд сохта шуданд ва онҳо вобаста ба номи маҳаллаҳо номгузорӣ карда шуданд. Дар ибтидои асри XIX сохтмони биноҳо, иншоот, мадрасаю масҷидҳо ва манзилҳои зисти аз тарафи боёну ашрофон зиёдтар гардид, ки ин ба шаҳр намуди зебое бахшид.

Дар нимаи аввали асри XIX, дар Бухоро чунин маҳаллаҳо вуҷуд доштанд:1) Алоқабандон, 2) Аскар-бий, 3) Бурёбофон, 4) Ғарибия, 5) Дуст-ҷуғра-оғосӣ, 6) Қози Нуриддин, 7) Кофар-работ, 8) Куи Хонақо, 9) Миёнқолиён, 10) Куи Регистон, 11) Мир Сариҳуҷа, 12) Мулло Асири, 13) Сарроҷон, 14) Сесуи тарроҳи, 15) Собунгарон, 16) Хоҷа Ҳабибулло, 17) Хоҷа Булғор, 18) Хоҷа Калон, 19) Ҳофиз Низом, 20) Шер Муҳаммад-ҷувозкаш, 21) Шоҳи Аҳси. [15, с. 113]

Сохтмони биноҳою иншоотҳои калон дар ибтидои асрҳои XVI дар Бухоро ин бевосита аз ҳунармандону косибоне, ки дар Бухоро ҷамъ омада буданд вобастагӣ дошт. Зиёдшавии аҳолии шаҳр аз ҳисоби ин табақа, ки дар ҷустуҷӯйи кор ба шаҳр дохил шуда, муқимӣ шуда монданд вобаста буд. Бисёре аз онҳо заминҳои барои зист ношоямро, аз ҷумла ботлоқҷойҳоро хушконида дар ҷои он манзили зист месохтанд. Дар натиҷаи босуръат тараққӣ кардани шаҳрсозӣ, дар асри XIX, дар Бухоро маҳаллаҳои Каро-Камол, Мир Тахури девон, Амиробод пайдо гардиданд. [14, с. 64]

Яке аз сабабҳои пайдо шудани маҳаллаҳо ва гузарҳои нав дар Бухоро ин тақсимшавии маҳаллаю гузарҳо буд, ки ҳаҷми он нисбатан ба дигар маҳаллаҳо зиёдтар буд. Масалан, дар нимаи дуюми асри XIX маҳаллаи Атламиш дар натиҷаи сераҳолӣ буданаш ба чаҳор қисм тақсим шуд, ки охирини он бо номи Чоршанби-қазоқ машҳур ва маҳаллаи Моҳи тобон ба маҳаллаи Мулло шоҳ тақсим гардиданд.

Сабаби дигари тақсимшавии маҳаллаҳо ин пайдо шудани мухолифат ва ихтилофот байни оилаҳои бою ашрофи дар як маҳалла зиндагӣ мекардагӣ мебошад. Чунин маҳаллаҳо хеле хурд буда, теъдоди онҳо то 30 хонаводаро дар бар мегирифт. Тақсимшавии маҳаллаҳо ба ду қисм сабаби дигар низ дошт, он дар як маҳалла зиндагӣ кардани гурӯҳҳои гуногуни этникӣ низ мебошад. Аҳолии дохили шаҳри Бухоро рангоранг буда, он аз тоҷикон, ӯзбекҳо, туркманҳо, қазоқҳо, қирғизҳо, яҳудиҳо иборат буд. Қисми зиёди онҳоро қавму қабилаҳои кӯчманчӣ ташкил мекард, ҳар як оила ҳаракат мекард то дар атрофи қавмҳои худ зиндагӣ кунад, чунки он ба зиндагии онҳо сабукӣ меовард. Ҳар як авлод ва ё қавм ба худ сардор дошт ва ба сардори қавми дар як маҳалла буда, итоат карда наметавонист. Барои ҳамин маҳаллаҳо байни худ тақсим мешуданд.

Тибқи таҳқиқоти этнографҳои рус дар шаҳри Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX зиёда аз 220 маҳалла вуҷуд дошт. Дар ин маҳаллаҳо ҷамоаҳои хурду калон зиндагӣ мекарданд, ки ҳар кадоме аз онҳо урфу одатҳои кӯҳани қавму авлодиашонро нигоҳ дошта, то замони мо омада расидаанд. [15, с. 323]

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи омӯзиши таҳқиқоти этнографии шаҳрҳо, муайян гардид, ки пойтахти хонигарии Бухоро дар асрҳои XVI –XIX ба маҳаллаҳо ва гузарҳо тақсим шуда буд. Дар ҳудуди Осиёи Миёна ба ғайр аз Тошканд, ки то 250 маҳалла дошт, Бухоро дар ҷои дуюм меистод. Дар Самарқанд теъдоди маҳалла то ба 100 адад, дар Ҳуҷанд-142, ки то 9 ҳазор манзили зист дошт, дар Шаҳрисабз -52, дар Кӯлоб – 17 гузар дошт. [8, с. 15]

Ҷараёни зиёдшавии теъдоди маҳалла ва гузарҳо дар аморати Бухоро - ин нишони тараққиёти шаҳрсозӣ буда, барои муайян кардани баъзе даврaҳои таърихӣ асос шуда метавонад.

Адабиёт:

1. Абрамов М.М. Гузары Самарканда. Ташкент: Узбекистан, 1989. 56 с
2. Бартольд В.В. История турецко-монгольских народов. Сочинение. М., 1968. Т.V. – 759 с.
3. Вамбери А. История Бухары или Трансоксании с древнейших времен до настоящего времени. Т. 1-2, СПб., 1873. – 296 с.
4. Джурабаев Д.Х. Из истории жилищной культуры таджиков.-Худжанд. 2009. -272 с.
5. История Бухары с древнейших времен до наших дней. – Ташкент, 1976.-383 с.
6. Истахри Абу Исҳоқ. Масолиқ ал-мамолиқ.-СПб. 1973.- 203с
7. История Самарканда. С древнейших времен до Великой Октябрьской Социалистической Революции. – Т.1. – Ташкент,1969. -271 с.
8. Колпаков А.П. Некоторые сведения о кварталах дореволюционного Куляба. Изв. АН Тадж. ССР. отд. общ-х наук. вып.5, Сталинабад,1954,- 97с.
9. Логофет Д.Н. На границах Средней Азии. Книга III.СПб.,1911.- 468 с.
10. Логофет Д.Н. Бухарское ханство под русским протекторатом. т.1-11.,СПб., 1911. - 487.
11. Маев Н.А. Очерки Бухарского ханства, Гиссарский край, Куляб и прибрежье Аму-Дарьи, Ташкент. 1876.-645 с.
12. Наршахӣ А. Таърихи Бухоро. Мураттиб Н. Қосимов. – Душанбе, 1979. -372 с.
13. Семенов А.А. По границам Бухары и Афганистана Путевые очерки 1898, журнал «Исторический вестник» т.1. L XXXУ111, 1902.-654 с.
14. Сухарева О.А. К истории городов Бухарского ханства (историко-этнографические очерки). Ташкент, 1958.-293с.
15. Сухарева О.А. Квартальная община позднефеодального города Бухары. М:,1976. -369с.
16. Ханыков Н.В. Описание Бухарского ханства. – СПб, 1843.
17. Центральный государственный архив г. Ташкента. ф. №491, ед.хр.№451, Оп.1. лл.34-51.
18. Чехович О.Д. К вопросу о грамотах Ходжи Ахрора. Исторические записки. М:,1949. - т. 29. –С 236-244.

ТАҲҚИҚОТИ ТАЪРИХӢ - ЭТНОГРАФИИ МАҲАЛЛАҲОИ БУХОРО ДАР ИБТИДОИ АСРИ XVI- НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX

Муаллифи мақола дар такя ба маъхазҳои таърихию мардумшиносӣ оид ба маҳаллаҳои дар Бухоро мавҷудбуда, дар ибтидои асри XVI- нимаи дуюми асри XIX маълумот додааст. Ин давра ба оғози ҳукмронии сулолаи манғитҳо дар Бухоро мутааллиқ мебошад. Бо вуҷуди ҳуҷуми муғулҳо ва ба харобазор табдил додани Бухоро мардум ба бунёди хонаҳо, масҷиду мадрасаҳо шуруъ намуда, тадриҷан ба шаҳр симои зебо бахшиданд.

Дар давраи ҳукмронии манғитхо ва инкишофи феодализм қисмати асосии шаҳрро маҳалла ташкил мекард, ки онҳо ба ҳудуди шаҳр пайваст шуданд. Муаллифи мақола ном ва теъдоди маҳаллаҳои Бухороро дар даврaҳои гуногуни таърихӣ оварда, сабабҳои камшавӣ ва зиёдшавии онҳоро тавсиф кардааст. Ҳамин тариқ, муаллиф дар мақола на танҳо ба сарчашмаҳои таърихшиносони машҳур В.В. Бартолд, А.А. Семёнов, О.А. Сухарева, балки ба маъхазхою сарчашмаҳои хаттӣ ва ҳуҷҷатҳои вакфии асрхои XVI - XVIII низ такя кардааст, ки дар онхо номи ин маҳаллаҳо ва ҷойгиршавии онҳоро дар ҳудуди шаҳри Бухоро инъикос кардааст.

Калидвожаҳо: маҳалла, хонигарии Бухоро, таърих, мардумшиносӣ, таҳқиқот, шаҳр, деҳа, аҳолӣ, ҷамоа

ИСТОРИКО-ЭТНОГРАФИЧЕСКИЕ ИССЛЕДОВАНИЯ КВАРТАЛОВ БУХАРЫ В НАЧАЛЕ XVI- ВТОРОЙ ПОЛВИНЫ XIX ВВ.

В статье автор опираясь на историко-этнографические источники описывает кварталы существующие в Бухаре в начале XVI- второй полвины XIX вв. Этот период относится к началу правления мангытской династии в Бухарском ханстве. Несмотря на нашествия монголов и превращение Бухару в руины, народ начал строить дома, мечети и медресе, которые постепенно дали городу прекрасный вид.

В период правления мангытов и развитие феодализма, основную часть города составляли т.н. маҳалля – кварталы, некоторые из них постепенно присоединились к черте города. Автор статьи приводит наименования и численность махалля в Бухаре в различные исторические периоды, характеризуя причины их уменьшения и прибавления. Тем самым автор в статье опирается не только на источники известных историков В.В. Бартольда, А.А. Семенова, О.А. Сухаревой, но и на вакуфные письменные источники XVI - XVIII вв., где с точностью отражается наименования этих кварталов с местом их расположения в черте города Бухары.

Ключевые слова: квартал, Бухарское ханство, история, этнография, исследование, город, селение, население, община.

HISTORICAL AND ETHNOGRAPHIC RESEARCH OF THE QUARTERS OF BUKHARA IN THE EARLY 16TH - SECOND HALF OF THE 19TH CENTURIES

In the article, the author, relying on historical and ethnographic sources, describes the quarters existing in Bukhara in the early 16th - second half of the 19th centuries. This period refers to the beginning of the reign of the Manghit dynasty in the Bukhara Khanate. Despite the Mongol invasions and the transformation of Bukhara into ruins, the people began to build houses, mosques and madrassas, which gradually gave the city a beautiful appearance.

During the reign of the Manghits and the development of feudalism, the main part of the city consisted of the so-called manhalla - quarters, some of which gradually joined the city limits. The author of the article cites the names and numbers of mahallas in Bukhara in various historical periods, characterizing the reasons for their decrease and increase. Thus, the author in the article relies not only on the sources of famous historians V.V. Bartold, A.A. Semenov, O.A. Sukhareva, but also on the waqf written sources of the 16th - 18th centuries, which accurately reflect the names of these quarters with their location within the city of Bukhara

Key words: quarter, Bukhara Khanate, history, ethnography, research, city, village, population, community

Маълумот дар бораи муаллиф: Дустов Насим - унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. E-mail: ndustov99@mail.ru

Сведения об авторе: Дустов Насим – соискатель кафедры истории таджикского народа Кулябскгого государственного университета им. Абуабдуллох Рудаки. E-mail: ndustov99@mail.ru

Information about the author: Dustov Nasim. - applicant of the department of history of the Tajik people of DDK named after Abuabdullohi Rudaki. E-mail: ndustov99@mail.ru

ТДУ: 930 (2-тоҷ)
Д-56

ВАЗЪИ РУШДИ ФАРҲАНГИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ ДАР СОЛҲОИ 1920-1940

Давлатмуродов Қ.Ҳ., докторанти PhD
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Солҳои 1920-1940 яке аз даврањои тағйироти ҷиддии иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ дар таърихи халқи тоҷик ба ҳисоб мераванд. Сокинони минтақаи Кӯлоб то ғалабаи Инқилоби Октябр ва барқарор шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар зери зулму истибдоди ҳукуматдорони манғит қарор дошта, ҳаёти қашшоқона ва беадолатонаеро аз сар мегузаронидаанд. Ғояҳои Инқилоби Октябр роҳи инсониятро барои озодӣ ва бахту саодат, барои абадан барҳам додани сохти зулму истисмори капитализм мунаввар гардонд. Инқилоби Октябр – эҳёгари дунёи озод дар таърихи мардуми тоҷик низ саҳифаи тозае кушод. Вақте ки Инқилоби Октябр ғалаба кард, қисми зиёди аҳолӣ ба хотири озодӣ ва зиндагии осудаҳолонаву хушбахтона инқилобчиёнро бо хушнудӣ пешвоз гирифтанд.

Минтақаи Кӯлоб, ки дорои таърихи ғании фарҳангӣ ва суннатҳои амиқи илмӣ – адабӣ буд, дар ин давра зери таъсири ислоҳоти фарҳангии Ҳукумати Шуравӣ ба як маркази муҳими инкишофи соҳаҳои маориф, санъат, адабиёт ва матбуот табдил ёфт. Зарурати омӯзиши таърихи фарҳангии минтақаи Кӯлоб дар солҳои зикршуда натанҳо барои дарк намудани гузаштаи фарҳангии мо, балки барои арзёбии мероси фарҳангӣ ва дарёфти сабақҳо барои наслҳои имрӯза муҳим мебошад.

Яке аз самтҳои асосии сиёсати Ҳукумати Шуравӣ дар минтақаҳои миллӣ, аз ҷумла Кӯлоб, муборизаи бо бесаводӣ ва ташкили мактабҳои нав буд. Бо роҳандозии маъракаи умумии саводнокунӣ, мактабҳои нав таъсис дода шуданд. Дар мактабҳои ибтидоӣ ва миёна кӯдакони деҳот бо омӯзиши хондану навиштан, асосҳои илм ва ҷаҳонбинӣ шинос шуданд. Инчунин, курсҳои саводнокунӣ барои калонсолон таъсис ёфтанд. То охири солҳои 1930 аксари сокинони шаҳр ва деҳоти Кӯлоб хондану навиштанро омӯхтанд.

Асоси ривоҷу равнақи соҳаи маориф ва маданияти Кӯлоб баъди Ғалабаи Инқилоби Октябр оғоз ёфт. Соҳаи маорифи халқ дар давраи Ҳокимияти Шуравӣ роҳи пурпечутобу ноҳамвореро тай намуда, расидан ба ҳадафҳои бомақсадона дар ин соҳа заҳмати зиёд ва меҳнати софдилонаро талаб мекард. Таърихи маорифи халқ ин муборизаи барои барҳам додани шакли куҳнаи таълим ва барпо кардани системаи нави шуравии маорифи халқ, барҳам додани бесаводии аҳолӣ, аз ҷумла коргарон, деҳқонон, наврасон ва ҷавонон ба ҳисоб рафта, ташкили мактабҳои ибтидоӣ, миёнаи нопурра, миёна, олӣ ва ба воя расонидани аҳолӣ ташкил медод. Роҳҳои ташаккул ва таҳаввули маорифи халқ фарогири чунин давра ва масъалаҳо буданд:

- аз рӯзҳои аввали ташкили соҳаи маорифи халқ то солҳои 30-юм, ки дар ин давра мактабҳои маҳви бесаводӣ ташкил шуда, бесаводӣ маҳв ва ба ҷояш таълими умумии ҳатмии ибтидоӣ ҷорӣ гардид.

- дар ин давра таълими умумиҳатмии миёнаи нопурра (аввал ҳафтсола, баъд ҳаштсола ва дар баъзе шаҳрҳо даҳсола) ҷорӣ гардид.

Бо вуҷуди пешрафтҳои зикршуда, фарҳанги маҳаллӣ дар қолаби идеологияи Шуравӣ ривоҷ меёфт. Озодии баён маҳдуд буд ва ҳар гуна эҷодиёти мустақилонае, ки аз идеологияи ҳизбӣ берун мерафт, зери фишор қарор мегирифт. Ҳамин тавр, фарҳанги миллӣ то андозае таҳти назорати сахт қарор гирифт ва шакли сиёсишуда ба худ гирифт.

Душвории дигаре, ки дар охири солҳои 20-ум ва солҳои 30-юм коркунони маорифи халқи ҷумҳурӣ ба он рӯ ба рӯ омада буданд, гузаштан ба алифбои нав буд. То ибтидои соли 1940 дар мактабҳои вилоят таълим бо ҳуруфоти лотинӣ мегузашт. Дар асоси қарори Комиссариати маорифи халқи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 14-уми

июли соли 1940 таҳти №533 бояд ҳамаи мактабҳои вилояти Кӯлоб аз 1-уми сентябри соли 1940 ба ҳуруфоти кириллӣ мегузаштанд.

Соли 1917 шаҳри Кӯлоб 6 ҳазор нафар аҳолӣ дошта, дар он 5 мадраса мавҷуд буд, ки дар онҳо 239 нафар фарзандони амалдорону руҳониён таҳсил менамуданд.

То ғалабаи Инқилоби Октябр дар қисми Аврупоии Россия ба ҳазор нафар 330 нафар одами маълумотдор, дар Туркистон бошад, ба ҳазор нафар аҳолӣ 21 нафар қазоқ ва қирғиз, 18 нафар ӯзбек ва тоҷик 6 нафар туркмани маълумотдор рост меомад, дар Бухорои Шарқӣ бошад, қариб ҳамаи аҳолӣ (90,5 фоизи онҳо) бесавод буданд. [4, с. 6]

Баъди барқарор гардидани ҳокимияти Шуравӣ дар Кӯлоб (15 марти соли 1921) яке аз масъалаҳои асосии бунёди ҷамъияти нав саводнок намудани аҳолӣ ба шумор мерафт, зеро қисми зиёди аҳолии маҳаллӣ бесавод буд. Қисми ками аҳолӣ одамони соҳибмаълумот ҳам асосан маълумоти динӣ дошта, ба моҳияти ҳокимияти нав дуруст сарфаҳм нарафта, онро дастгирӣ кардан намехостанд.

Он қисми ками соҳибмаълумоти аҳолӣ аз тарси оне ки бо тарафдори аз ҳокимияти нав мавқеи худро аз даст медиҳанд, ҳокимияти навро дастгирӣ накарда, мардумро бар зидди ин ҳокимият бо шиорҳои динӣ даъват мекарданд. Аз тарафи дигар, ғафлати сиёсӣ, диндории куркуронаи мардум, набудани заминаҳои моддию мутахассисони маориф ва сар шудани ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1918-1923) дар Тоҷикистон ҳалли қазияи номбурдаро боз ҳам мушкилтар карда буд.

Инчунин, дар бароробари раванди ҷанги шаҳрвандӣ ва то охири солҳои 20-ум давом ёфтани ҳаракати босмачигарӣ дар ташкили системаи маорифи халқ мушкилиҳои зиёд пеш оварда. Босмачиён намегузоштанд, ки аҳолӣ саводнок шаванд ва барои ба мақсад расидан онҳо ҳатто омӯзгоронро ба қатл мерасониданд. Мактаби шуравӣ роҳи душвору пуршараферо дар маърифаткунонии халқи тоҷик тай кард. Мактабҳои навташкил ва муаллимони ҳамондавра ба таъқиби сахти руҳониён дучор шуда буданд. Руҳониёне, ки зидди ҳукумати шуравӣ буданд, мактабҳои навташкилро бидъат ва муаллимони онро кофир эълон мекарданд.

Ҳизби Коммунистӣ ва Ҳукумати Шуравӣ дар солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ ба барҳам додани ақибмонии мадании меҳнаткашони собиқ гӯшаю канорҳои дурдасти Россия диққати ҷиддӣ медод, зеро ки дар натиҷаҳои сиёсати мустамаликадорӣ ин ноҳияҳо аз ҷиҳати инкишофи маданӣ аз ноҳияҳои марказии Россия хеле ақибмонда буданд.

Баъди ғалабаи Инқилоби Бухоро (2-сентябри соли 1920) ва ташкил шудани Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро (моҳи сентябри соли 1920) соҳаи маорифро нозирони маориф ки мақомоти навташкил буд, роҳбарӣ мекард ва нозирони маориф ба фаъолияти ҳамаҷониби худ асосан соли 1924 шуруъ кард. Нозирони маориф ҳаллу фасли масъалаҳои маҳви бесаводии мардум, бунёди мактабҳои нав, тайёр намудани мутахассисони соҳаи маориф, ташкили муассисаҳои маданию равшаннамоиро вазифаи аввалиндараҷаи хеш меҳисобид.

Дар давраи мавҷудияти Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро (1920-1924) дар кори маорифи халқ тартиботи ягона мавҷуд набуд. Фаъолияти мактабҳо ва тамоми корҳои равшаннамоӣ аксар вақт хусусияти стихиявӣ (табиӣ) ва тасодуфӣ дошт ва барномаву нақшаҳои муайян ва ягона мавҷуд набуд.

Яке аз воқеаҳои бузурги таърихӣ барои мардуми Тоҷикистон, махсусан Кӯлоб бо қарори Комитети Инқилобӣ аз 22-августи соли 1923 таъсис ёфтани вилояти Кӯлоб буд. Ҳудуди вилояти Кӯлоб дар он давра 112 ҳаз/м^2 буда, 103 ҳазор нафар аҳолӣ дошт. Аввалин мактаби Шуравӣ интернат дар шаҳри Кӯлоб соли 1923 дар полки Армияи Сурх кушода шуд, ки дар он 20 нафар бепарасторон ва камбағалон таҳсил мекарданд. Худи ҳамон сол дар Ховалинг ва Муъминобод аввалин мактабҳои типи нав ба кор шуруъ намуданд.

Дар бунёди мактабҳои нав қисмҳои Артиши Сурх ҳам ёрии амалӣ мерасонданд. Соли 1924 дар шаҳри Кӯлоб маҳз бо дастгирии онҳо мактаби дигаре таъсис дода шуд, ки дорои 30 нафар талаба буд. Аз ҳамин давра сар карда, дар Бухорои Шарқӣ таъсиси

мактабҳои маҳви бесаводӣ оғоз ёфт. Вазифаи асосии ин мактабҳо омӯхтану навиштану хондан буд. [1, с. 8]

Дар солҳои 20-уми қарни гузашта Ҳукумати Шуравӣ сиёсати саводноккунии оммавиро роҳандозӣ намуд. Дар Кӯлоб низ мактабҳои нави дунявӣ таъсис ёфта, кӯдакон ба омӯзиши хатти кириллӣ ҷалб шуданд. Дар шаҳр ва баъзе деҳот мактабҳои шабона барои калонсолон ва курсҳои омӯзишии муваққатӣ амал мекарданд. Ба таври фаъол мубориза бо бесаводӣ мебурданд ва муаллимон аз дигар минтақаҳо ҷалб мешуданд.

Баъди ташкил ёфтани Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (14 октябри соли 1924) халқи тоҷик имконияти ҳақиқӣ пайдо кард, ки ба инкишоф додани маорифи халқ бо ҷиддият машғул шавад. Халқи тоҷик қариб дусад соли охир дар зери зулми сулолаи манғит бо машаққат ва дур аз илм ва маориф умр ба сар мебурд.

26-июни соли 1925 маҷлиси Бюрои комиссияи иҷроияи ташкилии Ҳизби Коммунистии болшевикони Ӯзбекистон дар Тоҷикистон ҷамъ омада буд. Ин чорабинӣ аз 15-августи соли 1925 то 25-сентябри ҳамон сол гузаронида шуда буд. Ин маҷлис «Дар бораи ду ҳафтаи маорифи Ҷумҳурии Мухтори Шуравии сотсиалистии Тоҷикистон»-ро муҳокима намуд. Дар назди Коммисариати маорифи халқ Комиссияи марказӣ дар ҳайати: раис Нусратулло Махсум, ҷонишини ӯ Аббос Алиев, аъзо Медведева, Арслан Ҳоҷиев ташкил дода шуд. Дар ин маҷлис пешниҳод шуда буд, ки дар ноҳияҳои вилояти Кӯлоб мактабҳо ташкил карда шавад. Дар Кӯлоб мактаб интернат, дар Ховалинг, Муъминобод ва Кангурт мактаб ташкил карда шавад.

Соли 1925 Коммисияи фавқулодаи ҷумҳуриявии мубориза алайҳи бесаводӣ ташкил ёфта, дар вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ситодҳои худро барпо намуд. Худи ҳамон сол лоиҳаи Оинномаҳои Комиссияи фавқулодаи мубориза алайҳи бесаводӣ ва ҷамъиятӣ – «Нест бод бесаводӣ!» таъсис гардиданд. Аз 1-уми январ то 15-уми январи соли 1925 аввалин бор дар ҷумҳурӣ маъракаи «Дуҳафтаинаи маҳви бесаводӣ» гузаронида шуд. Охири сол бошад, дар ҷумҳурӣ алакай 63 мактаби маҳви бесаводӣ амал мекард. [1, с. 9]

Дар маъракаи «Дуҳафтаинаи маҳви бесаводӣ» роҳбарони вилояти Кӯлоб фаъолона иштирок намуда, 6 мактаби маҳви бесаводӣ ташкил намуданд, ки дар онҳо 126 нафар одамон савод меомӯхтанд. Дар баробари таъсис ва гузариш ба мактабҳои навӣ Шуравӣ мактабҳои типпи куҳна низ вуҷуд доштанд. Соли таҳсили 1924-1925 дар вилояти Кӯлоб 341 мактаби куҳна кори худро идома медоданд. Дар ин соли таҳсил 1,68 фоизи кӯдакони мактабхони вилоят ба мактаб фаро гирифта шуда буданд.

Шумораи мактабҳои вилояти Кӯлобро аз 14 декабри соли 1924 то моҳи октябри соли 1926 аз ҷадвали зерин фаҳмидан мумкин аст.

Номи вилоят	**Шумораи мактабҳо**	**Шумораи хонандагон**	**Шумораи ятимхонаҳо**	**Шумораи тарбиятгирандагон**	**Ҳамаи хонандагон**
Кӯлоб	6	296	1	40	336

Дар соли хониши 1926-1927 дар вилояти Кӯлоб 27 мактаб ташкил дода шуда буд, ки дар он 916 хонанда таҳсил мекард. Дар соли 1926 Комиссариати маорифи ҷумҳурӣ раванди таъмини мактабҳои усули куҳнаро санҷида муайян карданд, ки қисме аз муаллимон хатти арабиро хонда метавонистанд.

Барои кушодани мактабҳои нав пеш аз ҳама биноҳои таълимӣ, муаллимон, китобҳои дарсӣ ва дигар воситаҳои таълимӣ намерасиданд. Бо мақсади ташкили мактабҳои типпи нав ва маҳви бесаводӣ дар ҷумҳурӣ «Ҳафтаи маориф» ва «Якмоҳаи маориф» гузаронида мешуд. Ин гуна чорабиниҳо таҳти шиори «Ёрии ҳаматарафа ба мактаб», ки яке аз масъалаҳои муҳимми давр маҳсуб мерафт, гузаронида мешуданд.

Дар назди Комиссартати халқии маориф комиссияи махсус оид ба гузаронидани «Ҳафтаи маориф» таъсис ёфта буд. Ба ҳамаи ин комиссияҳо садҳо намояндагони меҳнаткашон дохил шуда, аҳолӣ ва хонандагонро ба сохтмону таъмири мактабҳо сафарбар менамуданд. Дар давраи «Ҳафта» ва «Якмоҳаи мориф» натанҳо биноҳои мактабҳо сохта ва

таъмир карда мешуданд, балки дар зери шиори мустаҳкам кардани мактаби Шуравӣ дар байни аҳолӣ корҳои тарғиботию ташвиқотӣ низ бурда мешуданд.

Соли 1925 дар давраи гузаронидани ин чорабиниҳо бо қувваи аҳолӣ дар ҷумҳурӣ 28 бино сохта, таъмир карда ва ба истифода дода шуд, ки дар онҳо 1610 нафар фарзандони деҳқонон ба таълим фаро гирифта шуданд. Дар Кӯлоб ҳам як бинои мактаб-интернат ба воситаи ҳашари умумихалқӣ сохта шуда буд. [1, с. 11]

Руҳониён ба фаъолони ҳаёти нав ба муаллимон ва коркунони ҳизбию шуравӣ бо чашми нафрат менигаристанд. Бо вуҷуди зиддиятҳои оштинопазири руҳониён дар вилояти Кӯлоб шумораи мактабҳо торафт меафзуд. Дар соли 1929-1930 дар шаш ноҳияи вилояти Кӯлоб курсҳои педагогӣ ба кор сар карда буданд. Дар шаҳри Кӯлоб мактаби партиявӣ-советӣ ва техникуми хоҷагии қишлоқ кушода шуда буд. Курсҳои педагогӣ мактабҳои қишлоқро бо муаллимон таъмин менамуд. Дар минтақаҳои Кӯлоб ҳам мунтазам «Якмоҳа»-и маҳви бесаводӣ, «Ҳафтаи маҳвӣ бесаводӣ» гузаронида шуд.

Ҳар чӣ бештару тезтар фаро гирифтани кӯдакон ба мактабҳо ва барҳам додани маҳви бесаводии калонсолон тақозо мекарданд,ки муассисаҳои тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ бештар гарданд. Барои ҳамин ҳам соли 1935 дар Кӯлоб тибқи қарори якҷояи Вазорати маорифи халқи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва комитети ҳизбии ноҳияи Кӯлоб (аз 5-июли соли 1935) омӯзишгоҳи педагогӣ ташкил ёфт. [1, с. 19]

Дар солҳои 1939-1940 масъалаи баланд бардоштани савияи дониши меҳнаткашони вилоят дар маркази таваҷҷуҳи шуроҳои вакилони меҳнаткашони вилоят меистод. Ҳамин буд, ки сессияи сеюми комитети иҷроияи шурои вакилони меҳнаткашони вилоят 25-26-уми сентябри соли 1940 - умро ҷамъбаст кард.

Дар қарори сессия қайд гардид, ки ҳоло дар вилояти Кӯлоб 2698 синфи ибтидоӣ мавҷуд буда, дар онҳо 32 123 талабагон таҳсил менамоянд. 28 115 нафари онҳо аз синф ба синф гузаронида шуданд. 134 нафарашон ба имтиҳони тирамоҳӣ ва 1874 нафарашон дар синфҳояшон такроран монданд. Инчунин, дар вилоят омӯзишгоҳи педагогии дорои 193 донишҷӯ низ амал мекард.

Дар соли таҳсили 1939-1940 дар тамоми мактабҳои вилояти Кӯлоб 4 нафар муаллимони маълумоти олидор кор менамуданд. Дар ин солҳо дар вилоят 10 мактаби ибтидоӣ, 4 интернат ва 3 боғчаи бачагона сохта ба истифода дода шуда буд. Дар ин давра дар вилоят 53 мактаби миёнаи нопурра мавҷуд буд, ки 438 синфхонаи ибтидоӣ дошта, дар онҳо 6319 нафар хонандагон таҳсил мекарданд.

Ҳокимияти Шуравӣ кори маданӣ-маърифатиро яке аз муҳимтарин соҳаи кори идеологии байни оммаи меҳнаткашон мешуморид. Ҳизби ҳукмрони ҳамондавраи Иттиҳоди Шуравӣ Ҳизби Коммунистӣ инкишофи муассисаҳои маданӣ – маърифатиро ба роҳбарӣ гирифта, кори барпо намудани ин муассисаҳоро вусъат дод. Ташкили кори муассисаҳои маданӣ – маърифатӣ баъди ташкилёбии Комиссариати маорифи Тоҷикистон оғоз шудааст. Дар аввали соли 1925 дар қаламрави ҷумҳурӣ 7 клуб, 10 чойхонаи сурх, 2 китобхона, 1 хонаи деҳқонон, 47 мактаби маҳвӣ бесаводӣ, 1 мактаби шуравӣ, 1 мактаби мусиқӣ мавҷуд буд.

Дар солҳои 1920-1940 таъсиси муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ дар Кӯлоб ҳамчун як ҷузъи муҳимми сиёсати фарҳангии Ҳукумати Шуравӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳадафи аслӣ аз ин раванд тарбияи маънавии ҷомеа, таблиғи арзишҳои нави сотсиалистӣ ва густариши дониш ва фарҳанг дар байни омма буд. Дар марказҳои шаҳракҳо ва ҷамоатҳо хонаҳои маданият таъсис дода мешуданд. Ин муассисаҳо ба ҳайси маркази баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ, шабнишиниҳо, мулоқотҳо, намоишҳои театрӣ ва курсҳои омӯзишии гуногун хизмат мекарданд. Дар ин муассисаҳо инчунин китобхонаҳои хурд ва синфхонаҳо барои омӯзиши савод фаолият мекарданд.

Пленуми Кумитаи Марказӣ Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон ҳамаи ташкилотҳои ҳизбӣ, шуравӣ ва комсомолии ҷумҳуриро ӯҳдадор кард, ки ба беҳтар гардидани кори муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ махсус аҳаммият диҳанд, доимо назорат намоянд, ки чӣ хел кор карда истодаанд, шумораи онҳоро зиёд кунанд, ба кори онҳо ҷамъиятчигӣ ва мутахассисони соҳаи гуногуни донишро ҷалб намоянд. [8, с. 42]

Нақши муассисаҳои маданӣ - равшаннамоӣ дар тарбияи коммунистӣ ва тараққиёти маданияти меҳнаткашони деҳот афзуд. Дар онҳо вохӯриҳо бо одамони пешқадам, қаҳрамонҳои ҷангҳои граждани ва Ватанӣ, бо қаҳрамонони меҳнат, конференсияҳои хонандагон, шабҳои саволу ҷавоб, мубоҳисаҳо ва ғайра ҳарчи бештар мегузарондагӣ шуданд.

Аз сабаби набудани коркунони муассисаҳои маданӣ – маърифатӣ аз миллати маҳаллӣ ва набудани китобу рӯзномаҳо ба забони тоҷикӣ кори ин муассисаҳо аз рӯйи нақша пеш бурда намешуд. То Инқилоби Октябр дар байни халқи минтақаи Кӯлоб ҳеҷ гуна кори маърифатӣ – маданӣ гузаронида намешуд. [6, с. 11]

Аввалин муассисаҳои маданӣ-равшанамоӣ ба замони ҳукумати Шуравӣ рост меоянд. Пас аз барқарор шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар қаламрави минтақаи Кӯлоб муассисаҳои маданӣ ба вуҷуд омаданд. Дар вилояти Кӯлоб дар солҳои 1927-1928 1 клуби занона, 5 чойхонаи сурх мавҷуд буд, ки барои пеш бурдани клуб ва чойхонаи сурх аз буҷети давлатии маҳаллӣ ҳамагӣ 9106 сум ҷудо карда шуда буд. [6, с. 16]

Дар солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ дар вилояти Кӯлоб 53 клуб, аз ҷумла 37-то дар ҳудуди колхозҳо, 9-то дар муассисаҳои маорифи халқ ва 7 клуб дар назди дигар муассисаҳою идораҳо мавҷуд буд.

Соли 1940 дар вилоят 13 китобхона мавҷуд буд, ки онҳо дорои 16 800 нусха китобҳои бадеӣ, сиёсӣ буданд. Дар Шуроҳои деҳоти вилоят дар колхозҳо 21 китобхона вуҷуд дошт. Ҳамчунин, дар вилоят 55 чойхонаи сурх ташкил ёфт. Дар соли 1940 бошад, дар вилоят 21 000 аъзои пионер ва 642 отрядҳои пионерӣ амал мекарданд.

Муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои 1920-1940 ҳамчун воситаи асосии татбиқи сиёсати фарҳангии Ҳукумати Шуравӣ амал мекарданд. Онҳо дар боло бурдани сатҳи маърифат, тарбияи ватандӯстӣ, рушд додани ҳунарҳои мардумӣ ва ташаккули эҳсоси ҳамбастагӣ миёни мардум нақши калон бозиданд. Гарчанде фаъолияти онҳо зери фишори идеологӣ қарор дошт, таъсири мусбаташон ба фарҳанг ва ҳунари маҳаллӣ бениҳоят арзишманд буд.

Хулоса, солҳои 1920-1940 давраи ташаккули заминаҳои асосии фарҳанги навин дар минтақаи Кӯлоб маҳсуб меёбад. Ин давра барои минтақаи Кӯлоб марҳилаи гузариши шадид аз ҷомеаи суннатӣ ба сохти иҷтимоии шуравӣ буд. Ин дигаргуншавӣ на танҳо дар соҳаи иқтисодӣ, балки пеш аз ҳама дар соҳаи фарҳанг ва маънавиёти мардум ба таври амиқ эҳсос мешуд. Дар тули ин солҳо фарҳанги Кӯлоб зери таъсири сиёсати фарҳангии давлати Шуравӣ қарор гирифта, хусусиятҳои хоси даврони нави идеологиро касб намуд. Бо вуҷуди мушкилиҳо ва маҳдудиятҳо, ин давра заминаи рушди минбаъдаи маориф, адабиёт, санъат ва ҳувияти фарҳангии мардумро фароҳам овард.

Ин марҳала, ки бо талошҳои давлат барои саводноксозӣ, ташкили муассисаҳои фарҳангӣ ва тарбияи кадрҳо тавъам буд, дар таърихи фарҳангии минтақа нақши муҳим дорад. Омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи он солҳо барои фаҳмиши равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангии миллӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Дар давраи зикргардида суръати рушди соҳаи фарҳанги минтақаи Кӯлоб қаноатбахш ҷараён гирифтааст. Яке аз муҳимтарин дастовардҳои ин давра пешрафти маориф ва коҳиши бесаводӣ буд. Тавассути мактабҳои нави дунявӣ ва омӯзиши хатти кириллӣ, аҳолии маҳаллӣ ба муҳити нави маърифатӣ ворид гардиданд. Ин тағйирот имконият фароҳам овард, ки намояндагони минтақаи Кӯлоб дар корҳои илмӣ, адабӣ ва сиёсати давлатӣ нақши фаъол бозанд.

Адабиёт:

1. Абдуллоев М. Аз таърихи мактабҳои маълумоти умумӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ. - Душанбе, 2007. 48 с.

2. Абдуллоев М. Аз таърихи мухтасари мактабҳои Шӯравӣ дар Кӯлоб. - Душанбе, 2013. 200 с.

3. Вализода Ш. Фарҳанги миллӣ дар ҷустуҷӯи илмӣ. – Душанбе: Аржанг, 2018.-120 с.

4. Шарифов Д., Зокиров С. Аз таърихи маориф, маданият ва муассисаҳои тандурустии вилояти Кӯлоб. – Кӯлоб,1991. 68 с.
5. Шарифов Д. Барои бӯнёди ҳаёти нав. – Кӯлоб, 1990. 61 с.
6. Шарифов Д. Хатлон дар солҳои сиюм. – Кӯлоб, 1991. 49 с.
7. Искандаров Б.И. Восточная Бухара и Памир в период присоединнени Средней Азии к России. - Сталинабад, 1960. 264 с.
8. Назарова С. Маданият ва маишати деҳот. – Душанбе: Ирфон, 1967. 56 с.
9. Раҳимов А., Ашуров Н. Нашъунамои маданияти деҳоти тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1978. 80 с.
10. Шарифзода Б. Барқарор шудани Ҳокимияти Советӣ дар гурӯҳи районҳои Кӯлоб. - Душанбе, 1962. 102 с.
11. Эркаев М. Октябри Кабир ва аз навсозии сотсиалию мадании деҳот. – Душанбе: Ирфон, 1982. 159 с.
12. Юнӯсӣ С., Асрориён Ҷ. Авроқи рангини Кӯлоб. – Кӯлоб, 1992. 79 с.

ВАЗЪИ РУШДИ ФАРҲАНГИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ ДАР СОЛҲОИ 1920-1940

Дар мақолаи мазкур оид ба фарҳанг ва маданияти минтақаи Кӯлоб дар солҳои 1920-1940 таҳқиқоти илмӣ бурда шудааст. Дар ин мақола равандҳои асосии ташаккули муассисаҳои маориф, ҷорӣ гардидини барномаҳои саводноккунӣ, баррасӣ мегардад. Фарҳанг ба маънои васеъ истифода гашта, илм як шохаи он ба ҳисоб меравад. Асоси ривоҷу равнақи соҳаи маориф ва маданияти Кӯлоб баъди Ғалабаи Инқилоби Октябр оғоз ёфт. Минтақаи Кӯлоб, ки дорои таърихи ғании фарҳангӣ ва суннатҳои амиқи илмӣ – адабӣ буд, дар ин давра зери таъсири ислоҳоти фарҳангии Ҳукумати Шуравӣ ба як маркази муҳими инкишофи соҳаҳои маориф, санъат, адабиёт ва матбуот табдил ёфт. Соли 1917 шаҳри Кӯлоб 6 ҳазор нафар аҳолӣ дошт.

Инқилоби Октябр – эҳёгари дунёи озод дар таърихи мардуми тоҷик низ саҳифаи тозае кушод. Вақте ки Инқилоби Октябр ғалаба кард, қисми зиёди аҳолӣ ба хотири озодӣ ва зиндагии осудаҳолонаву хушбахтона инқилобчиёнро бо хушнудӣ пешвоз гирифтанд. Баъди барқарор гардидани Ҳокимияти Шуравӣ дар Кӯлоб (15 марти соли 1921) яке аз масъалаҳои асосии бунёди ҷамъияти нав, саводнок намудани аҳолӣ ба шумор мерафт, зеро қисми зиёди аҳолии маҳаллӣ бесавод буд. Қисми калони аҳолӣ одамони соҳибмаълумот ҳам асосан маълумоти динӣ дошта, ба моҳияти ҳокимияти нав дуруст сарфаҳм нарафта, онро дастгирӣ кардан намехостанд.

Калидвожаҳо: маориф, маданият, аҳолӣ, таҳсил, саводноккунӣ, санъат, ташаккул, ислоҳот, таърих, Ҳокимияти Шуравӣ, Инқилоби Октябр, инкишоф, муассиса, ташкилёбӣ

СОСТОЯНИЕ РАЗВИТИЯ КУЛЬТУРЫ КУЛЯБСКОГО РЕГИОНА В 1920 -1940-х ГОДАХ.

В данной статье проводится научное исследование развития культурного наследия в Кулябском регионе. В статье рассматриваются основные процессы деятельности образовательных учреждений, реализация программ по ликвидации неграмотности, развитие образовательной системы. Широко используется язык, а наука считается одной из его ветвей.

В основном образование и культура в Кулябе стала развиваться после Победы Октябрьской революции. Город Куляб, имевший богатую культурную историю и глубокие научные и литературные традиции, под влиянием культурных реформ Советской власти стал важным центром образования, искусства, литературы и печати. В 1917 году в городе Кулябе проживало 6 тысяч человек.

Победа Октябрьской революции открыла новую эру в истории таджикского народа. Когда победила революция, большинство населения, вернувшись к мирной жизни, с радостью встретило революционеров. Восстановление Советской власти в Кулябе (15 марта

1921 г) было главным шагом в построении нового общества. Небольшая часть населения, люди имевшие религиозное образование не хотели понимать, как следует, суть новой власти.

Ключевые слова: образование, культура, население, просвещение, грамотность, искусство, формирование, реформы, история, Советская власть, Октябрьская революция, развитие, учреждение, формирование.

THE STATE OF CULTURAL DEVELOPMENT IN THE KULOB REGION IN THE 1920s–1940s

This article presents a scholarly study of the development of cultural heritage in the Kulob region. It examines the main processes involved in the activities of educational institutions, the implementation of literacy programs, and the development of the education system. Language is widely used, and science is considered one of its branches.

In general, education and culture in Kulob began to develop after the victory of the October Revolution. The city of Kulob, which had a rich cultural history and deep scientific and literary traditions, became—under the influence of the Soviet cultural reforms—an important center of education, art, literature, and publishing. In 1917, the population of Kulob was around 6,000 people.

The victory of the October Revolution marked the beginning of a new era in the history of the Tajik people. When the revolution triumphed, the majority of the population, returning to peaceful life, welcomed the revolutionaries with joy. The restoration of Soviet power in Kulob (March 15, 1921) was a key step in building a new society. A small part of the population—those with religious education—did not fully understand the essence of the new government.

Keywords: education, culture, population, enlightenment, literacy, art, formation, reforms, history, Soviet power, October Revolution, development, institution, transformation.

Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатмуродов Қурбоналӣ Ҳайдаралиевич докторанти (PhD) аз рӯйи ихтисоси таърих, кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға:735360 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, тел.: (+992) 988393880.

Сведения об авторе: Давлатмуродов Курбонали Хайдарлиевич — докторант (PhD) по специальности история, кафедры истории таджикского народа Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. Телефон: (+992) 988393880.

Information about the author. Davlatmurodov Qurbanali Haidarialievich is a PhD candidate in History at the Department of History of the Tajik People, Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, S. Safarov Street 16. Phone: (+992) 988393880.

ТДУ: 930+94 (5) (075.8)
Ҳ-24

ИНЪИКОСИ СОХТОРИ ИДОРӢ ВА МАЪМУРИИ БУХОРОИ ШАРҚӢ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX ДАР АСАРҲОИ ТАҲҚИҚОТЧИЁН

Ҳайдаров К.А., ассистент, Ғаниев Ф.О., ассистент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Сохти маъмурӣ ва низоми идоракунии аморати Бухоро махсусан қисмати шимолии он дар асри XIX бояд гуфт, ки аз рӯйи маълумоти муҳаққиқони рус бисёр дар ҳолати карахтӣ ва фалаҷӣ аз лиҳози ситонидани ришва қарор дошт. Истисмори феодалӣ дар ҳудудҳои Бухорои Шарқӣ, хусусан бекигариҳои Қаротегин, Кӯлоб ва Балҷувон нисбати деҳқонон ва меҳнаткашон дар нимаи дуюми асри X1X бештар дида мешуд. Дар солҳои 60 - 70-уми асри

XIX, пас аз ҳамроҳшавии аморати Бухоро ба Русияи подшоҳӣ, қисме аз сарзаминҳои тоҷикон низ ба ҳайати генерал-губернатории Туркистон ҳамроҳ карда шуд. Барои аморат зарурияти ҳамроҳ кардани мулкҳои мустақил ва ниммустақили Бухорои Шарқӣ ба миён омада, бастани андозҳо, нисбати мардуми маҳаллӣ, ҳаҷман зиёдтар ба нақша гирифта шуд.

Дар ин ҷода намояндаи маъмурияти подшоҳӣ, генерал – губернатории Туркистон амирро ба истило кардани ин мулкҳо ба ивази вилоятҳои шимолии аз дастдодаи аморат: Хуҷанд, Уротеппа, Ҷиззах, Самарқанд, Каттақурғон, ҳидоят карда буд, таъсиру нуфузи калон расонид. [7, с. 6]

Сохори маъмурии аморати Бухоро асосан барои зулму асорати меҳнаткашон қодир буд. Дар он идораҳои қонунгузор гӯё вуҷуд надошт, ҳуқуқ ва вазифаҳои ҳуқуқии ашхоси маъмур ва вазифадор ба расмият дароварда шуда, аммо танзим нагардида буд. Дар он тағйироти ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар, ки дар натиҷаи ҳамроҳшавии аморати Бухоро ба Русияи подшоҳӣ ба амал омада буд, ба эътибор гирифта намешуданд. [13, с. 3]

Ин тағйирот дар асарҳои ба масъалаҳои таърихи кишвар дар нимаи дуюми асри XIX бахшидаи муҳаққиқон то андозае инъикос гардидаанд. Ба ақидаи онҳо, ба доираи капитализм кашида шудани аморат ба хароб сохтани асосу бунёди хоҷагии натуралӣ, ривоҷу равнақи муносибатҳои молию пулӣ ибтидо гузошт, ки ба ҳаёти иҷтимоии мардум ва хусусан аҳолии аморат таъсир нарасонда наметавонист. [6. с, 3]

Аз таъсири манфии тағйирот ба ҳаёти мардум раванди тафриқаи деҳқонон оғоз ёфт, ки аз байни онҳо истисморгарони нав: бойҳо, судхӯрон, тоҷирон ва дигарон ба майдон омаданд. Б.И. Искандаров дар бораи Бухоро чунин менависад, «Бухоро - ба муомилоти молии умумии Русия мунтазам кашида мешуд ва қисми ҷудонашавандаи тараққиёти капиталистии Русия мегардид. Иқтисодиёти аморат бештар ба эҳтиёҷ ва талаботи давлати мустамликадор наздик мешуд». [7, с. 9]

Тағйироти иҷтимоию иқтисодии мавҷуда танҳо барои такмили механизми истисмори халқи меҳнаткаш вусъат гирифт. Дар ин хусус далелҳои сершумор дар асарҳои муаллифони тоинқилобии рус оварда шудааст, ки аксарияти онҳо ба ин сарзамин ҳамчун таҳқиқотчӣ дар ҳайати экспедитсияҳо ва ё аз тариқи ҳарбиёни Россияи подшоҳӣ ташриф оварда буданд. Аз ҷумла, таҳқиқотчиёни якуми Бухорои Шарқӣ ба мисли Г.А. Арандаренко, А.А. Бобринский, Н.А. Маев, В.Ф. Ошанин, А.Е. Снесарёв, Д.Н. Логофет, капитан Василев, Л.Б. Громбачевский, А. Гребенкин, А.А. Семёнов ва дигарон буданд. [17]

Муҳаққиқони рус, ки дар нимаи дуюми асри XIX - ибтидои асри XX ба Бухорои Шарқӣ ташриф оварда буданд, манзараи сохти маъмурӣ ва ҳолати иҷтимою иқтисодии аморат ва музофотҳои онро нисбатан пурра баён кардаанд. Ба назари мо, бо маълумоти онҳо шинос нашуда тасаввуротро дар бораи муҳити иҷтимоӣ, ки дар заминаи он норозигии омма авҷ гирифта, ба шӯришҳо табдил ёфтаанд, мукаммал пиндоштан нашояд, зеро сохти идораи маъмурӣ то ғалабаи инқилоби халқии Бухоро ҳеч гуна тағйир наёфта буд.

Масъалаҳои марбут ба сохти маъмурӣ ва сиёсати андозситонӣ дар асарҳои муҳаққиқони шинохта Б.И. Искандаров, Б. Ғафуров А.М. Мухторов, А.Р. Маҷлисов, Н.М. Акрамов, Т.Г. Тухтаметов, М. Ҳамроев, Ш. Юсупов, О. Боқиев то андазае инъикос ёфта бошад ҳам, бо вуҷуди он, ба ақидаи мо, таҳлили ҷиддии маълумоти мавҷуда дар асарҳои муҳаққиқони рус ба кас имкон медиҳад, ки дар бораи истибдоди маъмурият, истисмор ва беҳуқуқии меҳнаткашон дар аморати Бухоро маълумоти хубе гирад.

Муҳаққиқони рус дар бораи идораи маъмурии аморати Бухоро таҳқиқоти зиёд бурдаанд. «Сохти маъмурии хонигарии Бухоро - навишта буд Д.Н. Логофет, - ниҳоят мурракаб аст ва ба талаботи мамлакат чандон ҷавоб намедиҳад». [10, с. 223]

Мувофиқи тақсимоти марзию маъмурии тасдиқшуда дар аморат дар охири солҳои 1860-1870 чунин бекигариҳо таъсис дода шуданд: Бойсун, Деҳнав, Ҳисор, Кӯлоб, Қурғонтеппа, Балҷувон, Қаротегин ва Дарвоз. Бекҳои таъйинкардаи амир хуҷаини комилҳуқуқи мулкҳои худ буданд. Н.А Бендерский навишта буд: «Ҳуқуқ ва вазифаи бекҳо дар Бухоро умуман бо ҳеҷ гуна қонун муайян карда нашудаанд». Ба гуфтаи вай, вобастагии бек аз аморати Бухоро дар додани боҷу хироҷ ифода меёбад, дар дигар ҳолатҳо, бек

ҳукмрони комилҳуқуқи кишвари худ буд. Дараҷаи мустақилияти бекҳо ба он вобаста буд, ки онҳо аз Бухоро то чи андоза дурӣ доштанд. Бекҳои Бухорои Шарқӣ назар ба бекҳои Бухорои Ғарбӣ ҳукми нисбатан зиёдтар доштанд. Аз мустақилияти бекҳо боз он далел гувоҳӣ медиҳад, ки бек гурӯҳи сершумори амалдоронро дар ихтиёри худ дошт ва ба ҳамаи вазифаҳои маъмурии бекигарӣ шахсони дилхоҳашро таъйин мекард. Вай имконият дошт, ки аз вазифа сӯистеъмол намояд. [3, с. 2]

Чунин вазъиятро А.Е. Снесарёв низ тасдиқ мекунад: «Дар ҳақиқат, - менависад вай,- амир ба бек ҳуқуқи комил ва бе назорат хӯҷаинӣ карданро медиҳад, ки бек ҳар сол ба ҳокими худ ба миқдори муайян пулу мол медиҳад». [14, с. 4]

Усули идории ҳукумати амирӣ, ки пеш аз забти ҳукмати подшоҳӣ вуҷуд дошт, бе ҳеҷ гуна тағйирот идома кардан мегирифт. Ҳукумати амирӣ ба 27 вилоят (бекигарӣ) дар охири асри XIX тақсим гардида, бек ё ҳоким, қозӣ, раис ва муфтӣ ба ҳар яке аз онҳо аз тарафи амир таъйин карда мешуд. Корҳои давлатӣ, маъмурӣ ва зироатиро мебоист ҳоким ё бек идора мекард, корҳои маҳкамаро бошад, қозӣ дар асоси шариат бачо меовард, раис аз тарафи аҳолӣ ичро шудани фармоишоти дину шариатро назорат менамуд ва муфтӣ ҳамчун «донандаи» қонунҳои шариат дуруст ё худ нодурустии ин ва ё он ҳодиса ва иқдомотро фаҳмонида медод. Шахсони ба мансаб таъйингардида, дар навбати аввал асосан манфиати доираҳои ҳукмрон ва фоидаҳои шахсии худро фикр мекарданд. Ҳокимони бекигариҳо, ки ба воситаи амлокдорҳо ва дигар одамони худ корҳои замин ва молия, ҷамъ кардаи хироҷ, ушр ва ғайраро идора менамуданд, дар ҳалли ин масъалаҳо комилан худсарона амал мекарданд, аз аҳолӣ чӣ ситондан ва ба хазина чӣ супоридани онҳоро касе тафтиш намекард.

Мингбошӣ, амин, оқсақол ва арбобҳо, ки ба сифати намояндаи аҳолӣ таъйин мешуданд, одатан ба кирдори ҳоким ва дигар амалдорони амир пайравӣ мекарданд. Ин ҳол боиси ривоҷ ёфтани ғоратгарӣ ва порахӯрӣ гардида, ба иқтисодиёт зарбаи сахт ворид мекард ва зиндагонии бе ин ҳам сахти аҳли меҳнатро ба дараҷаи токатнофарсо мерасонид.

Хусусан аҳволи оммаи васеи мардуми Бухорои Шарқӣ хело вазнин буд. Қариб тамоми аҳолии ин маҳалҳоро тоҷикон ташкил медоданд. Ҳукумати амир аслан Бухорои Шарқиро чун мустамликаи худ қарор дода, табақаҳои ашрофи қадима сипоҳ ва навкарҳо, руҳониён, заминдорони калон ва бойҳо ба такягоҳи аморат табдил ёфта буданд. Ба ин гурӯҳҳои болонишини истисморкунанда аз баҳодур (дар бекигарии Ғарм аламон) то додхоҳ ҳар гуна рутба ва мансабҳо дода мешуд. Мансабҳои олитар фақат ба сипоҳиёни дарбори амир бахшида мешуд. Амир бар ивази маош ба ин сипоҳиён андози тамоми як деҳаро мебахшид. Деҳқонони ин қишлоқ амалан дар ҳолати крепостноӣ буданд. [17]

Баъди аз тарафи лашкари амир Музаффар ишғол кардани вилоятҳои кӯҳистон дар солҳои 1869-1876, дар ҳудудҳои Бухорои Шарқӣ ҳафт бекигарӣ- Ҳисор, Кӯлоб, Балҷувон, Қӯрғонтеппа, Қаротегин, Қубодиён ва Дарвоз таъсис дода шуд.

Кӯлоб, ки ҳамчун сарзамини ниммустақил ба ҳисоб мерафт, аз соли 1870 сар карда ба хонигарии Бухоро ҳамроҳ карда мешавад ва ҳамчун бекигарӣ эътироф мегардад.

Балҷувон чун вилояти мустаъқил дар даврахои бекигарии Сарахон (1856—1870) ба аморати Бухоро ҳамроҳ буда, ба воситаи дарёи Вахш бо Ҳисор ҳамсарҳад буд. Ба ҳайати бекигарии Балҷувон ҳудуди ноҳияҳои ҳозираи Данғара, Темурмалик, як қисми Восеъ, Ховалинг, Кангурт, Сари Хосор, Ҷорубқул ва Тутқавул дохил мешудаанд. Тибқи маълумоти сайёҳи рус Н.Н. Покатило соли 1886 дар 15 амлоки бекигарии Балҷувон 20 ҳазор хоҷагӣ мавҷуд буд, ки 60 ҳазор аҳолӣ дошт ва дар ибтидои асри XIX чун вилояти мустақил танга сикка мезад. Бо бекҳои Ҳисор, Дарвоз ва Қаротегин робитаи тиҷоратӣ дошта, ба бозорҳои он аз Туркистон, Ҳиндустон, Афғонистон ва Россия маҳсулот оварда мешуд.

Аз солҳои 1870 то 1901 аз тарафи Россияи подшоҳӣ барои муайян намудани маъданҳои қимматбаҳои бекигариҳои Кӯлобу Балҷувон бештар аз 15 экспедитсияҳои таҳқиқотӣ ташкил карда шуда буд. Экспедитсияҳои мазкур муайян карданд, ки дар ин вилоят на танҳо тилло, нуқра ва мис, балки конҳои ангиштсанг, сурб, намак, қӯрғошим, нафту газ маҳфуз аст. [16, с. 68]

М.А. Варигин оиди бекигариҳои Кӯлобу Балҷувон шумораи амалдорони дар ҳузури беки Кулоб қарордоштаро чунин овардааст: «Ясавулбошӣ, дасти рост, ёрдамчии вай, девонбеги, ҷебачӣ ва ғайра». Пас аз ба аморат ҳамроҳ кардани бекигариҳои Кӯлобу Балҷувон бек аз худи Бухоро таъйин карда мешуд. Дар ин бекигариҳо худи амир бекро таъйин мекард, дигар рутба ва мансабҳо тақсим карда шуда буданд, ба мисли: 1) баҳодур; 2) чуҳра-оғосӣ; 3) мирзобошӣ; 4) ҷебачӣ; 5) қаровулбегӣ; 6) мирохӯр; 7) туқсабо; 8) эшикоғобошӣ; 9) додхоҳ; 10) иноқ; 11) парвоначӣ; 12) девонбегӣ; 13) қушбегӣ; 14) атолиқ 15) дастархончӣ; 16) ясовулбошӣ. Дар дарбори беки Кӯлоб ясовулбошӣ (ёрдамчии бек), девонбегӣ (дасти рости бек), 2-то ёвари бек, якчандто мирохӯр ва қаровулбегӣ низ буданд. [4, с. 26]

Тибқи маълумоти М.А. Варигин мансабҳо бо фармони амир ба амалдорони ҳукуматӣ дода мешавад, бекҳо бошанд, вазифаҳоро то қаровулбегӣ ба амалдорони маҳаллӣ бар ивази пул медиҳанд. Имтиёзи бекҳо аз манбаи даромади иҷора вобаста буд. Бек шахсияти аввал дар ҳукумати бекигарӣ эътироф шуда, тамоми вазифаҳои бекигариро ба ӯҳда дошт. Беки Кӯлоб аз болои ҳамаи вазифаҳои ба ӯ вогузор кардашуда бо пуррагӣ назорат бурда наметавонист. Барои ҳамин ба рутбадорони амир беки Кӯлобу Балҷувон баъзе вазифаҳоро тақсим мекарданд. [4, с. 33]

Дар Кӯлобу Балҷувон мирҳо низ аз тарафи амири Бухоро таъйин карда мешуд. Бекҳо аз амири Бухоро маош намегирифтанд, балки аз ҳисоби мардуми бекигариҳо зиндагӣ мекарданд. Пас аз ба аморат ҳамроҳ кардан, бекҳои Кӯлобу Балҷувон то ду сол муҳлати адои вазифа доштанд, чунки онҳо дар аморат мансабро аз амир мехариданд ва барои ҳамин тез-тез иваз карда мешуданд. [15, с. 4 - 5]

Бекҳо пас аз мансабро ба даст овардан тамоми хешу ақрабо ва наздиконашонро дар ҳудудҳои бекигарӣ бо ҳар гуна корҳо таъйин мекарданд. Чи тавре, ки А.А. Семенов қайд мекунад, «…пурра ҳукмронии хоҷагидорӣ» оғоз мегардид. [15, с. 12]

Дар аморат мансабу вазифаҳои баланд рӯирост хариду-фурӯш мешуд, ки ин ҳам аҳволи мардумро бадтар менамуд. Солҳое, ки дар Қаротегин ҳокимони амир Алмосбек (1886 – 1892) ва Муҳаммадмурод-бий парвоначӣ (1842 – 1904) ҳукмронӣ мекарданд, хариду фурӯши мансабу вазифаву унвону рутба қариб, ки ба расмият даромада буд. [2, с. 5]

Аз рӯйи маълумоти А.В. Нечаев, ки вай дар соли 1908 ҳангоми боздид, навкарони бекигарии Кӯлобро чунин шарҳ додааст: «Беки Кӯлоб дар зери итоаташ аз 200 то 300 навкар дошт, ки дарбори аз хишти лойи сохташудаи ӯро посбонӣ мекарданд». Навкарони бек аз ҷавонони бемӯйлаб то мардони ришсафед иборат буд. Ин навкарон моҳона то 50 рубл маош мегирифтанд. [12, с. 104]

Собиқ амлокдор Мирзонуруллобек хабар додааст, ки барои навкари оддӣ шудан 1200-2000 танга ришва додон лозим буд, ки навкар дар шаҳр ва ё қалъае ба хизмати ҳарбӣ таъйин шавад ва ӯ аз ҳама гуна андозҳо озод карда шуда, ғайр аз ин барои таъмини маош ба ихтиёраш ду «буна» хоҷагии деҳқонӣ дода мешуд. Агар навкар худаш ҳавлию боғу замин дошта бошад, дар ин сурат ба вай «буна» дода намешуд, вале ба ҳар ҳол ягон андозе ҳам намедод. Мансаби **қаровулбегӣ** хеле қиматтар, 2-4 ҳазор танга меистод. Ба ихтиёри қаровулбегӣ 4 «буна» дода мешуд, қаровулбегие, ки дар хизмати амир бошаду дар айни ҳол молу мулки замин ҳам дошта бошад, ӯҳдадор буд, ки ба фоидаи хазинаи амир ушр (даҳяки ҳосил) ва «амал», яъне 21 танга хироҷи заминро диҳад.

Мансаби **мирохур** 3-5 ҳазор танга меистод. Ба ихтиёри мирохур 4-10 «буна» дода шуда, худаш ғайр аз ушр аз тамоми хироҷу андозҳо озод карда мешуд.

Туқсабо барои соҳиб шудан ба ин мансаб бояд 5-10 ҳазор танга ришва медоданд, ба ихтиёраш бошад то сад «буна» дода мешуд ва худ аз хама андозҳо озод буд.

Мансаби аз ин болотар **эшик оғобошӣ** ба соҳибаш 6 – 15 ҳазор танга меафтид, вале 150 - 200 «буна» мегирифту андозе намедод. [17]

Ниҳоят мансаби **«бий»,** ки онро худи амир медод ба соҳибаш ба пули калон аз 10 то 20 ҳазор танга меафтид, вале бар ивази ин ҳар як бий то 300 «буна» мегирифт, ки бо ҷабру зулми гӯшношунид онҳоро истисмор карда, қусури хароҷоташро мебароварад. Дигар

мансабҳои аз ин поёнро худи беки Кӯлобу Балҷувон мефурӯхт ва аз ин харидуфурӯш хуҷаинаш, яъне амирро ҳатто огоҳ ҳам намекард. [11, с. 117-118]

Мансабу рутбаҳои динӣ ҳам бемалол хариду-фурӯш мешуду дар ин бобат ҳам як навъи «тақсимоти меҳнат» вуҷуд дошт, яъне мансабҳои поёниро бек тақсим мекарду мансабҳои болоро худи амир мефурӯхт. Ҳуқуқи додани мансабу унвони қозикалон, ду ноиби он фақат ба амир тааллуқ дошт ва дар ин бобат фақат худи амир ҳукм бароварда метавонист. Инро ҳам қайд кардан даркор, ки қобилияти давлатдорӣ, истеъдоди роҳбарию ташкил барои сифатҳои шахс мутлақо ба эътибор гирифта намешуд. Ҳар касе, ки бештар пора диҳад, соҳиби ҳуқуқу имконияти бештаре мешуду тақдири садҳо, ҳазорон ҳазор деҳқону косибонро, ки дар муҳити тираи аморат чун ғуломони безабон умр ба сар мебурданд, ҳал мекард.

Дар тамоми дигар бекигариҳои аморат вазъият айнан чунунин буд. Албатта, ин гуна тартибот ба маъмурони амир маъқул ва мувофиқи табъ буд. Онҳо ҳатто дар хурдтарин мансаб нишаста, дар зарфи ду-се сол сарвати бисёр ҷамъ мекарданд. Хотирнишон бояд кард, ки дар соли 1917 амир барои амалдорон вақте, ки вобаста ба вазифаашон маош муайян кард ва андозҳои худсаронаро барҳам доданӣ шуд, ин чунин мавҷи эътироз ва норизоиятиро ба вуҷуд овард, ки амир ба даст кашидан аз чунин нияти худ маҷбур гардид.

Ҳокимони вилоятҳо, алалхусус дар Бухорои Шарқӣ, дар ғорат ва таҳқир кардани аҳолӣ ягон ҳадду ҳудудро намедонистанд. Яке аз сайёҳони рус дар хусуси давраи ҳукмронии Мирмурод Ноии ҳокими Қаротегин чунин навиштааст. «Ин як солномаи тамомест аз кирдукори бераҳмона ва худсарии бениҳоят». Ин ҳоким садҳо деҳқоноро ба адои корҳои ройгон маҷбур мекард. Ӯ устоҳои дуредгарро дар Ғарм чанд моҳ дар сармои зимистон бемузд кор фармуда буд. [16, с. 12]

Ҳамаи заминҳои аморати Бухоро ба чунин категорияҳои юридикӣ: заминҳои амлокӣ, амири вақф ва мулк таксим шуда буд. Заминҳои хусусӣ нисбатан кам буда, ба бойҳо ва амалдорони калон тааллуқ доштанд.

Деҳқононе, ки дар қитъаҳои хурди заминҳои амлокӣ ва вақфҳо кор мекарданд, амалан дар вазъияти ниҳоят бад буданд. Ба ивази истифодаи порчаҳои ночизи замин аз онҳо дар шаклҳои гуногун моликияти зиёде ситонда мешуд.

Деҳқонон аксар вақт бо номи «ҳашар» дар заминҳои амлокдорон ва амалдорони калон тамоман бе музд кор фармуда мешуданд. Онҳоро бо номи «бегорӣ» низ да корҳои сохтмони иморатҳои амир ва мансабдорони ӯ, таъмир ва тоза кардани ҷӯйборҳо ва ғайра ҷалб менамуданд. Деҳқонон ӯҳдадор буданд, ки маҷбуриҳои гуногуни ҳамонвақтаро тоқат кунанд. Тамоми ин корҳо аксаран аз чор се ҳиссаи вақти деҳқононро мегирифт. [4, с. 50]

Амлокдорон маъмурони табақаи поёнии ҳукумат буданд, ки ба воситаи оқсақолон, аминҳо, арбобон, доруға ва дигарон хироҷи давлатиро ҷамъ мекарданд. Аз ҷиҳати вазифа амлокдорон ҳам ба монанди бекҳо тақрибан аз назорат фориғ буданд.

Ҳар як амлокдори бекигариҳои Кӯлобу Балҷувон дар зери итоати худ аз 100 то 200 навкар дошт, ки онҳо ба категорияи ҷудогонаи иҷтимоӣ мансуб буданд. Нӯкарони махсуси пиёда ва савора (аспакиҳо – вобаста ба ҳолати иҷтимоиашон) буданд, ки ба зиммаи онҳо назорат аз болои мардум буд. Бо дархости амир ҳамаи амалдорон вазифадоранд, ки навкаронашонро дар ҳолати мусаллаҳ, бо тамоми асбобу анҷоми зарурӣ омода намоянд.

Ба вазифаҳои олии маъмурӣ танҳо феодалҳои калон таъйин карда мешуданд, яъне онҳое, ки барои ба вазифа ва мансаб соҳиб шудан бисёртар ришва дода метавонистанд ва ё ба ягон авлоди номдор мансубият дошта бошанд. Бо ришва харидани вазифа ва умуман ришвахурӣ чунон тараққӣ карда буд, ки бе ин амал дар ҷамъият ягон мавқеъро ишғол кардан мумкин набуд.

Д.Н. Логофет оиди ришваситонӣ дар бекигарии Кӯлоб навишта буд, ки системаи ришвагирӣ дар тамоми ҳаёти маъмурии Бухоро чунон одат шудааст, ки ришва ҳатто дар назари хизматчиёни олимақом даромади қонунии онҳо ба ҳисоб мерафт, аммо мафҳуми вазифашиносӣ ва шарафмандӣ дар байни маъмурон тамоман вуҷуд надорад. [9, с. 4]

«Ҳангоми ба ягон вазифаи муҳимми маъмурӣ таъйин кардан, маълумот ва хизмати шахс ба эътибор гирифта намешуд. Дар мансаби «додхоҳ» таъйин шудани наврасон,

инчунин мирохур таъйин шудани ҷавони 14 – 15 сола ба мисли писари бек аҷиб набуд. Д.Н. Логофет дар вақти таҳқиқоти этнографӣ бурдан дар соли 1908 дар Балҷувон бо беки ҷавони 22-сола вохӯрда буд. [10, с. 157]

А.Е. Снесарёв сохти маъмурияти бекигарии Кӯлобу Балҷувонро умуман тавсиф дода, чунин қайд карда буд, ки тартибот ниҳоят бюрократона ва мутамарказ аст, ки дар он истибдоди бераҳмона аз ҳад зиёд буда, барои ҳама гуна зулму беадолати имкониятҳо фаровонанд. Ин хусусияти сохти маъмурӣ, пеш аз ҳама, дар мунтазам ислоҳ накардан ва муфлис шудани тамои ин сарзамин зоҳир мегардад. [14, с. 1]

Ҳокимияти судӣ дар ҳудудҳои бекигарии Кӯлобу Балҷувон дар ихтиёри қозикалон буда, онҳоро амир таъйин мекард. Қозиҳо аслан руҳонизода буданд. Шахси руҳониро қозӣ меноманд, ки вай масъалаҳои баҳсноки байни мусулмононро аз рӯйи шариат ҳал менамояд, илова бар он, ин қабил ашхос аз доираи махсуси донишмандони ҳуқуқи мусулмонӣ интихоб карда мешуданд.

А.В. Нечаев дар бораи мавқеи қозӣ маълумоти муфассал дода мегӯяд, ки «Дар бекигарӣ бек танҳо нест. Дар ҳар бекигарӣ боз қозӣ низ ҳаст, ки ба бек итоат намекунад. Қозӣ вазифаи муассисаи адлияро адо мекунад, вай ҳакам ва расмиятгари ҳуҷҷатҳост, дар айни замон, дар нақши жандарм гумоштаи ҳукумат фаъолият дорад, ки ба пинҳонӣ маълумот додан дар бораи фаъолияти бек ва пинҳонӣ маълумот додан ба тамоми ашхоси маъмур вазифадор мебошад». [12, с. 78]

Қозӣ ва ҳайати муайяни ашхоси бекигарӣ вазифадор аст, ки ҳангоми баррасии ягон кор танҳо аз рӯйи қонунҳои шариат амал кунанд. На танҳо дар ҳудудҳои бекигарии Кӯлобу Балҷувон, балки дар тамоми бекигариҳои аморати Бухоро мақомоти шикоят ва арз вуҷуд надошт, бинобар ин амри қозикалон дар мавридҳои фавқулода, ҳамчун фармони амир ҳисоб меёфт, ки ҷонибҳоро аз оддитарин кафолат маҳрум месохт.

Раису муфтиҳо нуфузи калон доштанд. Ҳайати сершумори амалдорон ва ашхоси вазифадор барои аҳолии меҳнаткаши шаҳру деҳот ниҳоят гарон буд. Тамоми амалдорон аз давлат ҳеҷ гуна музд намегирифтанд ва бо даромади аз аҳолӣ беинсофона ситонидашуда зиндагӣ мекарданд. Ба ақидаи Д.Н Логофет, маъмурияти бекигариҳо бо тамоми ҷидду ҷаҳд ба зудтар бой шудани худ мекӯшиданд. Аз бек сар карда, то амалдорони охирин аз аҳолии камбағалу бенаво ва мардуми мазлум, ки қудрати супоридани андозро надоштанд, чизу чораашонро маҷбурӣ кашида мегирифтанд [9, с. 5]

Бо дарназардошти вазъи инъикосшуда ва тасдиқи далелҳои болозикр гуфтан мумкин аст, ки дар қисмати Шарқии аморати Бухоро сохтори маъмурӣ ва низоми идоракунии бекигариҳо асоси танзимотӣ надоштанд. Инро дар мисоли худсариҳои мансабдорони хурду калони бекигариҳо дидан мумкин.

Адабиёт:

1. Арандаренко Г.А. Дарваз и Каратегин. Военный сборник. 1883.№12;
2. Бендерский Н.А. Доклад «О гиссарском крае». Известия Туркестанского отдела РГО. Т.7. 1905.
3. Варыгин М.А. Опыт описания Кулябского бекства. Изв. ИРГОтом. Т.52. Вып. х. Петроград.1916. с.32.
4. Ғафуров Б.Ғ. История таджикского народа в кратком изложении. Сталинабад.1955.-465 с;
5. Б.Ғ.Ғафуров. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва даврои нав - Душанбе: Дониш, 2008. 870 саҳ.
6. Искандаров Б. Из истории Бухарского эмирата. М., 1965.- 129.с
7. Искандаров Б.И. Из истории Бухарского эмирата. (Восточная Бухара и Западный Памир в конце Х1Х века). Инс-т востоковедения .М.1958; восточной литературы. 131с
8. Логофет Д.Н. Кулябское бекство и его население. Газ. «Туркестанские ведомости». 1905. №111; 8с
9. Логофет Д.Н. Страна бесправия. СПб. 1909. - С.239.

10. Маев Н.А. Очерки Бухарского ханства Гиссарского края и Кулябского бекства. Известия РГО.1876.№2 Х11. вып.4;

11. Нечаев А.В. По горной Бухаре. Путевые очерки. СПб.1914. С.188

12. История изучения восстания Восе. Душанбе. Маориф. 1998.-С. 3

13. Снесарёв А.Е. Восточная Бухара. Военно-топографический очерк. Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. вып. ХХ1Х. Спб.1906.

14. Семенов А.А. Очерки поземельно-податного и налогового устройства бывшего Бухарского ханства. Труды САГУ. Сер.11, Вып.1.Ташкент.1929. - С.17.

15. Фитрат А. Шӯриши Восеъ. Фирдавсӣ (ҳозиркунандаи нашр, таҳиягарони луғату тавзеҳот ва муаллифи сарсухан Пайванди Гулмурод). Душанбе, 1992.-С12.

16. Шарипов Д. Таърихи мухтасари Балҷувон. –Кӯлоб.1993. с-68.

17. https://zarowadk.ru/bobojon-gafurov-tojikon/b-gafurov-tojikon-fasli-6-bobi-2.html

ИНЪИКОСИ СОХТОРИ ИДОРӢ ВА МАЪМУРИИ БУХОРОИ ШАРҚӢ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ ХІХ ДАР АСАРҲОИ ТАҲҚИҚОТЧИЁН

Дар мақола муаллифон дар асоси маводҳои илмии зиёд оиди бекигариҳои Бухорои Шарқӣ ва сохтори маъмурии онҳо аз таҳқиқоти муаррихони рус ва тоҷик дар охири асри Х1Х маълумот пешниҳод кардаанд. Таваҷҷуҳи хосса, дар мақолаи муаллифон ба маълумоти таърихии таҳқиқнамудаи олимони рус ва тоҷик аз ҷумла Х. Пирумшоев, Д. Шарипов, Л. Бузургзода, Р. Ҷалилов, Д.Н. Логофет, А.Е. Снесарёв, Н.А. Маев, А.В. Нечаев, такя карда, дар он махсусан аз зиндагии пурмашаққати мардумони бекигариҳои Кӯлоб ва Балҷувон маълумот додаанд.

Муаллифон аз маълумоти додаи Д.Шарипов, Л. Бузургзода, ки аз даҳони мардум ва аҳолии бекигарӣ ҷамъоварӣ кардаанд, шахсан аз ин ҳудудҳо дидан кардаанд, факту далелҳои ҷолиб пешниҳод кардаанд. Маълумоти ҷолиби дигарро аз таҳқиқотчиёни рус А.А. Семенов ва Н.А. Маев, ки доир ба мансабҳои давлатӣ аз тарафи амир дар кадом шакл таъйин ва озод мешуданд, пешниҳод кардаанд.

Махсусан дар мақола оиди сохтори маъмурии Бухорои Шарқӣ маълумоти дақиқ пешниҳод шудааст, ки бекигарии Кӯлоб ва Балҷувон дар охири асри Х1Х дар кадом ҳолати идоракунӣ қарор доштанд.

Калидвожаҳо: таърих, аморат, бек, таҳқиқот, феодал, амлокдор, андоз, зулм, навкар.

СОСТОЯНИЕ УСТРОЙСТВА И АДМИНИСТРАТИВНОГО УПРАВЛЕНИЯ ВОСТОЧНОЙ БУХАРЫ ВО ВТОРОЙ ПОЛОВИНЕ XIX ВЕКА

В статье авторы представили сведения о бекстве Восточной Бухары и ее административном устройстве из исследований русских и таджикских историков конца XIX века, основываясь на множестве научных материалов. Особое внимание в статье авторы уделили историческим данным, исследованным российскими и таджикскими учеными, в том числе Х. Пирумшоевым, Д. Шариповым, Л. Бузурзода, Р. Джалилов, Д.Н. Логофет, А.Е. Снесарев, Н.А. Маев, А.В. Нечаев, на его основе дали информацию о тяжелой жизни простого народа Куляба и Балджуана.

Авторы использовали данные, предоставленные Д. Шариповым, Л. Бузургзодой, собиравший из уст народа, лично побывали в этих районах, представили интересные факты и доказательства. Другие интересные сведения предоставили русские исследователи А.А. Семенов и Н.А. Маев о порядке назначения на правительственных должностях.

В частности, в статье об административном устройстве Восточной Бухары представлены точные сведения, в каком государстве находились Куляб и Балджуан в конце XIX века.

Ключевые слова: история, эмират, бек, исследования, феодал, помещик, налог, притеснение, солдат.

REFLECTION OF THE ADMINISTRATIVE STRUCTURE OF EASTERN BUKHARA IN THE SECOND HALF OF THE XIX TH CENTURY IN THE WORKS OF RESEARCHERS

In the article, the author presents information on the beys of Eastern Bukhara and their administrative structure based on extensive scientific materials from the research of Russian and Tajik historians at the end of the 19th century. Of particular attention, in the author's article, he relied on historical data researched by Russian and Tajik scholars, including H. Pirumshoev, D. Sharipov, L. Buzurgzoda, R. Jalilov, D. N. Logofet, A. E. Snesaryov, and N. A. Mayev, A. V. Nechaev, and in particular, he provided information about the difficult life of the people of the Kulyab and Baljuvan beys. The author presents interesting facts and evidence based on the information provided by D. Sharipov and L. Buzurgzoda, who collected it from the speech of the people and the population of bey, and who personally visited these territories. Other interesting information was provided by Russian researchers A.A. Semenov and N.A. Mayev, who discussed the form in which state positions were appointed and dismissed by the emir. In particular, the article on the administrative structure of Eastern Bukhara provides accurate information on the administrative beys of the Kulob and Baljuvan principalities at the end of the 19th century.

Key words: history, emirate, bey, research, feudal, landowner, tax, oppression, serf.

Маълумот дар бораи муаллифон: Ҳайдаров Кароматулло Абдуллоевич – ассистенти кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: ш.Кӯлоб кӯчаи Ш.Шоҳин 32. тел: (988282818).

Ғаниев Фирӯз Отамхонович – ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: н.Муъминобод ҷ /д. Момирак . тел: (918823949).

Сведения об авторах: Хайдаров Кароматулло Абдуллоевич - ассистент кафедры истории и методики её преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: г. Куляб, ул. Ш.Шохин 32 тел: (988282818).

Ғаниев Фируз Отамхонович - ассистент кафедры истории таджикского народа Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: Муъминабадский р.н, с/с. Момирак тел: (918823949).

Information about the authors: Haydarov Karomatullo Abdulloevich - assistant of the department of history and teaching methods of history of Kulob State University named after Abuabdullahi Rudaki. Address: 32 Sh. Shahin Street, Kulob Sh. fon: (988282818).

Ganiev Firuz Otamkhonovich - assistant of the department of history of the Tajik people of Kulob University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: r. Muminobod s/d, Momirak. fon: (918823949).

ПЕДАГОГИКА

УДК:37+376 (2-тадж)
ББК:74+74.4 (2-тадж)
Ф-22

ПРОБЛЕМА КЛАССИФИКАЦИИ ГРАММАТИЧЕСКИХ ОШИБОК В РЕЧИ ТАДЖИКСКИХ СТУДЕНТОВ

Файзуллоева Ф.М. к.п.н., доцент
Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки

Формирование коммуникативной компетенции таджикских студентов является одной из приоритетных задач, стоящих перед преподавателем русского языка как иностранного. Важным направлением в деятельности преподавателя русского языка как иностранного является обучение студентов построению словосочетаний и предложений, ознакомление с языковыми нормами, показ способов обогащения словарного запаса, применение в устной речи новых слов. В то же время деятельность преподавателя дает стимул таджикским студентам к активному овладению богатствами русской устной речи. Для этого необходимо «целенаправленно и систематически работать над повышением уровня коммуникативной, языковой, культуроведческой компетенции» [3].

Овладение русским языком таджикскими студентами сопровождается многочисленными ошибками: грамматическими, речевыми, стилистическими, фактическими и др., которые приводят к коммуникативным неудачам. В словарных статьях лингвометодистов Э.Г. Азимова и А.Н. Щукина, В.М. Панькина и А.В. Филиппова и др. особое внимание уделяется проблеме ошибок, вызванных интерференцией – фонетической, лексической, синтаксической.

Взаимодействие языковых систем, воздействие системы родного языка на изучаемый язык в процессе овладения им, выражается в отклонениях от нормы и системы второго языка под влиянием родного. Интерференция может быть межъязыковой и внутриязыковой. Межъязыковая интерференция возникает в силу существования различий в системах родного и изучаемого языков и имеет место на уровне значения и употребления. Внутриязыковая интерференция характерна для уже приобретших достаточный опыт в изучении языка. Она проявляется в том, что ранее сформированные и более прочные навыки взаимодействуют с новыми, это и приводит к ошибкам» [1, с. 97–98].

Грамматические ошибки характеризуются нарушением норм слова и формообразования, а также норм синтаксической связи между словами в словосочетании и предложении. По словам педагога и методиста-русиста М.Р. Львова, грамматические ошибки связаны «с нарушением закономерностей и правил грамматики; это ошибки в образовании форм слов, склонения или спряжения, в образовании сравнительной степени прилагательных, кратких форм прилагательных, в образовании и использовании видовых пар глаголов, причастий, в их употреблении и пр., а также в образовании словосочетаний или предложений» [2, с. 44]. Вслед за М.Р. Львовым классифицируем все грамматические ошибки по следующим основаниям:

1) ошибки в нормах словообразования; 2) нарушение норм морфологии; 3) ошибки в образовании синтаксических форм.

Рассмотрим подробнее ошибки каждого вида.

1. Ошибки в нормах словообразования (ошибки в образовании слов) возникают при неправильном употреблении приставок (Приведем примеры: Они со мной навсегда были ласковы (вместо: всегда); Немало времени снял меня разговор с ребятами (вместо: отнял)); при неправильном использовании суффиксов (Проиллюстрируем сказанное примерами: Сын уже вырастил(вместо: вырос); Я сегодня промокнул под дождем (вместо: промок); У него возникнул вопрос (вместо: возник)). В процессе обучения устной речи целесообразно обратить внимание студентов на употребление форм глаголов, а также необходимо следить за глагольным управлением.

Заметим, что в речи таджикских студентов-филологов нередко появляются и ошибки, связанные с не различением значения приставок, поэтому преподаватель стремится продемонстрировать обучаемым значение каждой приставки и каждого суффикса для предупреждения ошибок.

Для преодоления подобных ошибок целесообразно предложить таджикским студентам для запоминания ряд приставок: в-(во-, взо-), из-(изо-, ис-), вы-, до-, за-(изо-), ко-, на-, над-(надо-), не-(недо-), о-(об-, обо-), от-(ото-), по-, пере-, под-(подо-), пред-(предо-), про-, раз-(разо-), с-(со-), су-, у-, без-(бес-), вз-(вс-), воз-(вос-), низ-(нис-), раз-(рас-), роз-(рос-), через-(черес-), пре-, при-.

В русском языке приставка наиболее характерна для словообразовательной системы глагола, у каждой приставки свое значение, с помощью которого проясняется значение каждого нового слова, например: при-шел, у-шел, ото-шел, про-шел, вы-шел, пере-шел, обо-шел, до-шел.

Суффикс в русском языке, как приставка, служит для образования новых слов. «Русский язык удивительно богат словообразовательными суффиксами: дом-домик-домишко-домина; брат-браток-братец-братишка-братик; рука-ручка-ручонка-рученька-ручечка. Одни слова звучат ласково, другие – пренебрежительно, иронически. В одних отражена положительная оценка предметов (девчурка, старичок, старушка), в других – отрицательная (деваха, старикан, старикашка)», – пишет В.В. Волина [4, с. 31].

2. Нарушение норм морфологии проявляется в ошибочном образовании формы существительного, прилагательного, числительного, глагола, действительных и страдательных причастий и деепричастии.

Подчеркнем особые ситуации, в которых студенты часто совершают ошибки.

2.1. Ошибки в именах существительных.

а) В русском языке имеются существительные, обозначающие название лица по профессии: когда существительные обозначают лица мужского пола, сказуемые употребляются в мужском роде; когда существительные обозначают лица женского пола, сказуемые употребляются в женском роде; когда существительные обозначают профессии, должности человека, они часто употребляются в мужском роде, а не употребляются в женском роде.

б) Важное место занимают существительные общего рода, обозначающие лицо как мужского, так и женского пола (сирота, умница, соня, недотрога, плакса). Прилагательные, относящиеся к этим существительным общего рода, должны употребляются в соответствующем роде: Мальчик был круглой сиротой (вместо: круглым).

в) Родовая характеристика аббревиатур зависит от того, к какому типу относится данное сложносокращенное слово. Приведем примеры: БАМ – Байкало-Амурская магистраль (женский род); ГУМ – Государственный универсальный магазин (мужской род); СМИ-Средство массой информации (средний род). Очевидно, что род аббревиатур зависит от главных слов в сложносокращенных словах, но он не зависит от последних слов в аббревиатурах. В современном русском языке в аббревиатурах с окончаниями на согласные можно изменить падеж по правилам слов мужского рода, и аббревиатуры с окончаниями на гласные не склоняются (например: Они работали на БАМ целых двадцать лет (вместо: БАМе).

г) Если существительное обозначает географический объект, то его род зависит от типа объекта: Душанбе мужского рода, так как это город (слово мужского рода), Пяндж женского рода, так как это река. Приведем пример ошибки: Это река Пяндж, которое несет и процветание и горе людям, живущим по ее берегам (вместо: которая). Среди прочих ошибок, связанных с нарушением норм морфологии, укажем неправильное образование формы именительного падежа множественного числа, неправильную форму падежа. Овладение падежными формами в русском языке представляет существенную трудность для таджикских студентов, они часто совершают ошибки в устной речи. Приведем примеры: Он невысокий рост (вместо: невысокого роста); На площади стоит памятник Пушкина (вместо: Пушкину).

2.2. Ошибки в именах прилагательных.

а) Нарушения в образовании форм прилагательных проявляются в неверном образовании форм полных и кратких прилагательных. В этой связи целесообразно обратить внимание студентов на употребление полных и кратких прилагательных, при этом следует

дифференцировать полную и краткую формы: полное прилагательное обозначает постоянное качество, а краткое прилагательное обозначает состояние в данное время. Например: Моя сестра сегодня грустная (вместо: грустна); Это платье мне широкое (вместо: широко).

б) Полное прилагательное употребляется со словами какой, такой, а краткое прилагательное употребляется со словами как, так. Например: Я не могу решить так трудную задачу (вместо: такую); Эта задача не такая трудна! (вместо: так).

в) Полное прилагательное употребляется с актуальными глаголами и выступает в роли сказуемого. Например: Я возвращался домой устали счастлив (вместо: усталый, счастливый).

г) Ряд кратких прилагательных, которые не имеют полной формы (рад, жив, прав, мал, велик, должен, надобен) и некоторые полные прилагательные, не имеющие краткой формы (золотой, коричневый, прошлый, отсталый).

д) Ошибки при образовании сравнительной степени и превосходной степени прилагательных. Качественные прилагательные имеют степени сравнения: сравнительную и превосходную, простую и составную. В устной русской речи таджикских студентов выявляются следующие ошибки, связанные с употреблением сравнительной и превосходной степени прилагательных: Новая квартира лучше, чем старой (вместо: старая); В этом году урожай лучше, чем прошлый год (вместо: в прошлом году); Река Сырдарья – самый длиннейшая из рек в Таджикистане (вместо: самая длинная/длиннейшая); Этот фильм не так хороший (вместо: не такой).

2.3. Ошибки в склонении числительных.

а) В склонении количественных числительных. Приведем примеры: Мы познакомились с шесть новыми учителями (вместо: шестью); Учитель Карим заботится о тридцать восьми новых учениках (вместо: тридцати восьми); Магазин находится в стах шагах (вместо: ста).

б) Ошибки в склонении составных порядковых числительных. Например: Серёжа живет на двадцати первом этаже (вместо: двадцать первом); Брат родился в тысяче девятьстах восьмидесяти втором году (вместо: тысяча девятьсот восемьдесят втором).

в) Ошибки в употреблении собирательных числительных (оба – обе). Собирательное числительное оба имеет общие формы для мужского и среднего рода и собирательное числительное обе имеет форму для женского рода. Например: Мы познакомились с обеими вашими братьями (вместо: обоими); Оба сестры работают в больнице (вместо: Обе); Нас оба встречали на вокзале (вместо: обоих); У меня две сестры. Я часто пишу им обе (вместо: обеим).

г) Ошибки в употреблении собирательных и количественных числительных (двое-два), (трое-три), (четверо-четыре), (пятеро-пять) и т.п. Например: Пришли двое мальчика (вместо: двое мальчиков/два мальчика); Мы познакомились с троими русскими учителями (вместо: тремя); Они бегут к пятерым ребятам (вместо: пяти).

д) Ошибки при указании числа, месяца и года. Например: Двадцатоев следующем месяце я поеду в Душанбе (вместо: Двадцатого следующего месяца); Мой брат окончил институт в тысяче девятистах девяноста второму году (вместо: тысяча девятьсот девяносто второму).

2.4. Ошибки в образовании глагольных форм.

а) Ошибки в спряжении глаголов.

Спряжение глаголов представляет собой изменение глаголов по лицам и числам. В русском языке выделяют два спряжения в зависимости от окончаний глаголы. Первое спряжение с окончаниями -ешь, -ем, -ет, -ете, -ут, -ют,а второе спряжение с окончаниями -ишь, -им, -ит, -ите, -ат, -ят. Овладение глаголами движения в русском языке является одним из сложнейших языковых явлений для таджикских студентов, особенно овладение спряжением глаголов, потому что в таджикском языке отсутствует спряжение у глаголов. Один иероглиф, как правило, обозначает целое слово или словосочетание. В русском языке глаголы прошедшего, настоящего и будущего времени изменяются по лицам и числам.

б) Ошибочное образование видовых форм глаголов. Например: В деревне будут построить больницу (вместо: будут строить/построят); Мы вас подождали целый час (вместо: ждали); Он никогда не опоздал (вместо: опаздывал).

в) Ошибки в употреблении глаголов определённого движения и глаголов неопределенного движения. К примеру: Мать зовет детей, и они бегают к ней (вместо: бегут); Каждый день в семь часов утра отец ездит на работу (вместо: едет); Вчера, когда я ходил на работу, я встретил его (вместо: шёл); Не ходите так быстро, мне трудно успеть за вами (вместо: идите).

г) Ошибки в образовании повелительного наклонения глаголов (форма 2 лица). Продемонстрируем особые виды повелительного наклонения глагола (форма 2 лица), которые часто употребляются в речи, в них студентами часто допускаются ошибки: дать – дай (-йте), давать – давай (-йте); узнавать – узнавай (-йте); вставать – вставай (-йте); пить – пей (-йте), выпить – выпей (-йте); бить – бей (-йте); шить – шей (-йте); есть – ешь (-ьте); лечь – ляг (-гте); поехать (ехать) – поежай (-йте); приехать – приезжай (-йте).

2.5. Ошибки в образовании действительных и страдательных причастий. На практических занятиях по РЯ указанные ошибки в образовании действительных и страдательных причастий нередко встречаются в устной речи студентов, так как обучаемые не очень четко знают, когда уместно употреблять действительные причастия, и когда необходимо использовать страдательные причастия.

2.6. Ошибки в образовании деепричастий. Например: Войдя в комнату, все студенты встали; Спеша домой, у меня потерялась шапка.

3. Ошибки в образовании синтаксических форм

Синтаксические формы является нормами правильного построения словосочетаний и предложений. Проанализируем синтаксические ошибки со следующих сторон: 1) ошибки в согласовании; 2) ошибки в управлении; 3) ошибки в построении и употреблении предложений с однородными членами; 4) ошибки в построении и употреблении сложных предложений, прямой и косвенной речи.

3.1. Ошибки в согласовании.

а) Неправильное использование сказуемого при подлежащем, выраженном

собирательными существительными. Например: Молодежь подошли к директору (вместо: подошла); Студенчество возразили докладчику (вместо: возразило).

б) Неправильное использование определений, стоящих за количественными числительными два, три, четыре. Приведем примеры: Лиза знает два иностранного языка (вместо: иностранных); Сегодня приходило два больного(вместо: больных); Прошло целые пять лет (вместо: целых).

в) Неправильное использование числа сказуемого при составном числительном. Например: После школы пятьдесят детей разошлось по домам (вместо: разошлись); Здесь шесть речек слилось в одну большую реку (вместо: слились).

г) Неправильное использование формы сказуемого, когда в предложении существует разные типы союзов, связывающих однородные члены. Например: Не только Саша, но и Маша любит эту книгу (вместо: любят); Ни сказки ни песни не вызывает его интерес к изучению русского языка (вместо: вызывают).

3.2. Ошибки в управлении.

В устной речи таджикских студентов наблюдаются ошибки в построении конструкций с управлением. Например: заведующий кафедры (вместо: кафедрой); признаться свои ошибки (вместо: в своих ошибках); указать рукой его(вместо: на него); Он любит делиться мысли с друзьями (вместо: мыслями); доказать о своих невиновностях (вместо: свою невиновность).

3.3. Ошибки в построении и употреблении предложений с однородными членами. Приведем пример: Он ранен и контуженный (вместо: Он раненый и контуженный).

3.4. Ошибки в построении и употреблении сложных предложений, прямой и косвенной речи. Например: Необходимо, что она вернулась в семь часов.

Правильный вариант: Необходимо, что бы она вернулась в семь часов.

Русский и таджикский языки имеют небольшие различия, особенно в грамматике. В русском языке грамматические отношения передаются при помощи структуры слова, формы слова и структуры словосочетания и предложения. Таджикским студентам нужно не только

овладеть словообразованием, но и освоить образование форм различных частей речи и сформировать синтаксические нормы. Это связано со значительными трудностями и является причиной многочисленных ошибок.

Выявление, классификация и коррекция ошибок в большой степени помогает таджикским студентам повысить уровень владения устной русской речью, в то же время способствует поиску преподавателями русского языка наиболее качественных и эффективных методов обучения.

Литература:

1. Волина В.В. Веселая грамматика. Словообразование: Состав слова, приставка, суффикс, сложные слова. – М.: Дрофа, 2003.

2. Львов М.Р. 3. Словарь-справочник по методике преподавания русского языка: Пособие для студентов педагогических вузов и колледжей. – М.: Издательский центр «Академия»; Высшая школа, 1999.

3. Предупреждение речевых ошибок на уроках русского языка. Сайт Рыловой Оксаны Васильевны, учителя русского языка и литературы; дата обращения– 15.12.2012.

4. Щукин А.Н. 2. Лингводидактический энциклопедический словарь: более 2000 единиц. – М.: Астрель: АСТ: Хранитель, 2008.

5. Ярцева В.Н. Методы сопоставительного изучения языков / В.Н Ярцева Москва «Наука»1988 с.57-54

ПРОБЛЕМА КЛАССИФИКАЦИИ ГРАММАТИЧЕСКИХ ОШИБОК В РЕЧИ ТАДЖИКСКИХ СТУДЕНТОВ

В статье представлены задачи коммуникативной и культуроведческой направленности, стоящие перед преподавателем русского языка как иностранного; продемонстрированы ошибки, допущенные таджикскими студентами в ходе изучения русского языка, в том числе представлены классификации грамматических ошибок таджикских студентов филологического профиля.

Автор подчеркивает, что в русском языке грамматические отношения передаются при помощи структуры слова, формы слова и структуры словосочетания и предложения. Таджикским студентам нужно не только овладеть словообразованием, но и освоить образование форм различных частей речи и сформировать синтаксические нормы. Это связано со значительными трудностями и является причиной многочисленных ошибок.

Ключевые слова: преподавание, русский язык, как иностранный, коммуникативный, культуроведческий, направленность, обучение, классификация, грамматические ошибки, речь

МАСЪАЛАИ ТАСНИФИ ХАТОГИҲОИ ГРАММАТИКӢ ДАР СУХАНРОНИИ ДОНИШҶӮЕНИ ТОҶИК

Дар мақола вазифаҳои коммуникатсионӣ ва фарҳангшиносӣ, ки дар назди омӯзгори забони русӣ ҳамчун забони хориҷӣ қарор доранд, пешниҳод карда мешаванд; хатогиҳои донишҷӯени тоҷик дар рафти омӯзиши забони русӣ нишон дода шудаанд, аз ҷумла таснифоти хатогиҳои грамматикии донишҷӯени тоҷик дар профили филологӣ пешниҳод карда шудаанд.

Муаллиф таъкид мекунад, ки дар забони русӣ муносибатҳои грамматикӣ бо ерии сохтори калима, шакли калима ва сохтори таркиб ва ҷумла ифода карда мешаванд. Донишҷӯени тоҷик бояд на танҳо калимасозиро аз худ кунанд, балки шаклҳои қисмҳои гуногуни нуткро аз худ кунанд ва меъёрҳои синтаксисиро ташаккул диҳанд. Ин бо мушкилоти назаррас алоқаманд аст ва сабаби хатогиҳои зиед мебошад.

Калидвожаҳо: таълим, забони русӣ, ҳамчун забони хориҷӣ, коммуникатсионӣ, фарҳангшиносӣ, самт, омӯзиш, тасниф, хатогиҳои грамматикӣ, сухан

THE PROBLEM OF CLASSIFICATION OF GRAMMATICAL ERRORS IN THE SPEECH OF TAJIK STUDENTS

Russian as a foreign language teacher is presented with the tasks of communicative and cultural studies; the mistakes made by Tajik students during the study of the Russian language are demonstrated, including the classification of grammatical errors of Tajik philological students.

The author emphasizes that in the Russian language grammatical relations are conveyed using the word structure, the word form and the structure of phrases and sentences. Tajik students need not only to master word formation, but also to master the formation of forms of various parts of speech and to form syntactic norms. This is associated with considerable difficulties and is the cause of numerous errors.

Keywords: teaching, russian as a foreign language, communicative, cultural studies, orientation, teaching, classification, grammatical errors, speech

Сведения об авторе: Файзуллоева Фирузамо Мадохировна, к.п.н. доцент общеуниверситетской кафедры русского языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова 16. Тел: (992)918-26-74-09.

Маълумот дар бораи муаллиф: Файзуллоева Фирӯзамо Мадохировна, н.и.п., дотсенти кафедраи забони русии умумидонишгоҳӣ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ, Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Тел: (992) 918-26-74-09

Information about the authors: Fayzulloeva Firyzamo Madohirovna- candidate pedagogical sciences associate professor of the Department of Russian Language of the Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 16 S. Safarova str., Kulob, 735360, RT. Tel: (992)918-26-74-09.

ТДУ:03+37 (2-тоҷ)
Х-66

ТАЛАБОТИ МУОСИР БА ОМОДАГИИ МЕТОДИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДАИ ИНФОРМАТИКА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Холиков А.Ю., ассистент
Сафарзода М.В., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Марҳилаи муосири рушди ҷомеа бо рақамикунонии босуръати ҳамаи соҳаҳои фаъолият тавсиф мешавад, ки ба низоми таҳсилот, бахусус тайёр намудани омӯзгорони ояндаи информатика, талаботи нав мегузорад. Дар шароити тағйироти глобалии парадигмаи таълим, ки бо воридшавии технологияҳои инноватсионӣ алоқаманд аст, зарурати ташаккули на танҳо дониши амиқи назариявӣ, балки малакаҳои амалӣ, ки имкони муттаҳидсозии муассири асбобҳои рақамиро ба раванди таълим медиҳанд, афзоиш меёбад. Ҳамин тавр, масъалаи омодагии методии омӯзгорони ояндаи информатика, ки омили калидии татбиқи муваффақонаи барномаҳои таълимӣ дар муҳити иқтисоди рақамӣ ба шумор меравад, аҳаммияти хоса пайдо мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки раванди рақамикунонии таҳсилот босуръат рушд мекунад, омодасозии мутахассисони баландихтисоси соҳаи информатика яке аз нақшаҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Омодагии методии омӯзгори ояндаи информатика на танҳо баланд бардоштани дониши техникӣ, балки мутобиқсозии он ба хусусиятҳои миллии низоми таҳсилот, аз ҷумла ҷанбаҳои забонӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодиро низ дар бар мегирад. Аз ин рӯ, зарурати бознигарии усулҳои мавҷудаи омодасозии омӯзгорон, инчунин коркард ва воридсозии усулҳои нави методӣ ва технологияҳо, ки барои ташаккули салоҳиятҳои ҷавобгӯ ба талаботи муосир заруранд, ба миён меояд.

Мақсади ин таҳқиқ таҳлили талаботи муосир ба омодагии методии омӯзгорони ояндаи информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайянсозии ҷанбаҳои асосие, ки ҳангоми омодасозии мутахассисон дар шароити табдилоти рақамии таҳсилот бояд ба назар гирифта шаванд, мебошад.

Дар доираи таҳқиқ чунин масъалаҳо баррасӣ мешаванд:

- ✓ ташаккули маҳоратҳои тафаккури интиқодӣ дар омӯзгорони ояндаи информатика;
- ✓ қобилияти мустақилона аз худ кардани технологияҳои нав;
- ✓ омодагӣ ба рушди пайвастаи касбӣ.

Ба истифодаи воситаҳои рақамӣ дар раванди таълим, таҳияи усулҳои инноватсионии таълим ва мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ ба ниёзҳои инфиродии донишҷӯ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Таҳқиқи мазкур, ҳамчунин мушкилоти мавҷударо дар низоми омодасозии омӯзгорони информатика дар Тоҷикистон баррасӣ мекунад, аз ҷумла:

- ➢ камбудии самти амалии барномаҳои таълимӣ;
- ➢ ангезаи пасти донишҷӯён ба омӯзиши фанҳои методӣ;
- ➢ маҳдудияти имкониятҳои таҷрибаомӯзии пурра.

Барои ҳалли ин мушкилот пешниҳод мегардад:

- ➢ такмили барномаҳои таълимӣ;
- ➢ ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии таълим;
- ➢ мустаҳкамсозии ҳамкориҳо байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ, мактабҳо ва марказҳои таҳсилоти иловагӣ.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти мазкур барои ташаккули стандартҳои нави таълимӣ, такмили барномаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани сатҳи омодагии мутахассисони соҳаи педагогика дар шароити рақамикунонии таҳсилот аҳаммияти назаррас дорад.

Сатҳи муосири рушди назария ва амалияи таҳсилот бо таваҷҷуҳи афзоянда ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи касбияти хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ тавсиф карда мешавад. Омили асосии такмили низоми омодасозии мутахассисон дар соҳаи таҳсилот, талаботи мактаби миёнаи умумӣ мебошад, ки дар он шахсияти омӯзгор ва тахассуси касбии ӯ нақши ҳалкунанда мебозанд.

Талаботи муосир ба омодагии методии омӯзгори ояндаи информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зарурати омодасозии мутахассисони баландихтисос маншаъ мегиранд, ки қобилияти фаъолият дар муҳити рақамии таълимиро дошта, технологияҳои муосирро дар раванди таълимӣ самаранок татбиқ намоянд. Таҳаввулоти низоми таҳсилот дар марҳилаи муосир на танҳо бо зиёдшавии ҷараёни иттилоот, балки бо тағйироти босуръати технологияҳои рақамӣ тавсиф мешавад, ки ба сатҳи омодагии методии кадрҳои педагогӣ талаботи нав мегузорад. Дар чунин шароит ташаккули омодагии ҳамаҷонибаи методии омӯзгори ояндаи информатика зарур мегардад, ки самтҳои зеринро дар бар мегирад:

- ✓ донишҳои амиқи назариявӣ,
- ✓ маҳоратҳои амалӣ,
- ✓ тафаккури чандир, ки мутобиқшавӣ ба воқеиятҳои тағйирёбандаи таҳсилот ва технологияро таъмин менамояд.

Омодагии методии омӯзгори ояндаи информатика маҷмуи салоҳиятҳои муҳимми касбиро дар бар мегирад, аз ҷумла:

- ➢ дарки амиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;
- ➢ истифодаи усулҳои фаъоли таълим ва таълими интерактивӣ;
- ➢ таҳияи барномаҳои таълимӣ ва тарҳрезии курсҳои таълимӣ;
- ➢ мутобиқсозии раванди таълим ба хусусиятҳои инфиродии донишҷӯён.

Ба ташаккули малакаҳои ташкили раванди таълим дар муҳити рақамӣ аҳаммияти хоса дода мешавад. Ин фарогири истифодаи васеи захираҳои таълимии электронӣ, технологияҳои абрӣ, платформаҳои таълими фосилавӣ ва воситаҳои назорати автоматиконидашудаи дониш мебошад. Илова бар ин, омӯзгори муосир бояд дорои фарҳанги баланди рақамӣ ва маърифати амнияти иттилоотӣ ва кибергигиена бошад, ки дар шароити гӯронидани усулҳои таълими фосилавӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Дар низоми омодасозии омӯзгорони информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилот ба назар мерасад, аз ҷумла:

- камбудии самти амалии таълим;
- ангезаи пасти донишҷӯён ба омӯзиши фанҳои методӣ;
- махдудияти имкониятҳои таҷрибаомӯзии пурраи педагогӣ.

Набудани ҳамоҳангсозии кофӣ байни муассисаҳои таълимӣ ва корфармоён боиси тафовути назаррас байни омодагии назариявии донишҷӯён ва талаботи воқеии низоми таҳсилот мегардад. Барои ҳалли ин масъалаҳо бояд:

- барномаҳои таълимӣ такмил дода шаванд;
- усулҳои инноватсионии таълим татбиқ карда шаванд;
- ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо мактабҳо ва марказҳои таҳсилоти иловагӣ густариш ёбад.

Ҳамин тариқ, омодасозии методии омӯзгорони ояндаи информатика бояд:

✓ динамикаи рушди технологияҳои иттилоотӣ,

✓ талаботи муҳити рақамии таълим ниёзҳои муассисаҳои таълимиро ба омӯзгорони соҳибихтисос бо сатҳи баланди омодагии методӣ дар назар гирад.

Танҳо чунин равиш имкон медиҳад, ки омӯзгорони ояндаи информатика бо низоми муосири таҳсилот мутобиқ гарданд ва ба муҳити рақамии таълим бомуваффақият ворид шаванд

Дар Қонуни федералӣ «Дар бораи таҳсилот дар Федератсияи Русия» яке аз вазифаҳои асосии танзими муносибатҳо дар соҳаи таҳсилот зарурати фароҳам овардани шароит барои фаъолияти озодона ва рушди низоми таҳсилоти Федератсияи Русия муайян гардидааст.

Маҳз чунин шароитро барои рушди минбаъдаи таҳсилот Барномаи давлатии мақсадноки рушди таҳсилот барои солҳои 2016-2020 таъмин менамуд. Ин барнома ба ҳалли муҳимтарин мушкилоти низоми таҳсилот равона шуда буд, ки метавонистанд дар ояндаи наздик ба равандҳои муосири ислоҳоти таҳсилот, ки дар доираи барномаи солҳои 2011-2015 амалӣ мегардид, таъсири назаррас расонанд. Аз ҷумла, афзоиши талабот ба ҳайати педагогӣ дар робита бо қабули стандартҳои касбӣ ва мураккабшавии муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангии таҳсилот, ки бо рушди босуръати илм ва технология алоқаманд аст, эҳтиёҷро ба мутахассисони педагогӣ, ки қодиранд вазифаҳои муосири ислоҳоти низоми таҳсилотро дар ҳама сатҳҳо иҷро кунанд, афзун намуд. Ҳамзамон, пешбинӣ мегардид, ки дар ояндаи наздик байни талаботи соҳаи таҳсилот ба чунин мутахассисон ва имкониятҳои воқеии омодасозӣ ва ҷалби онҳо ба фаъолияти педагогӣ номувофиқатиҳо ба миён хоҳанд омад. Ғайр аз ин, набудани механизмҳо ва моделҳои муассири ҳамкорӣ дар шарикии давлатӣ-хусусӣ дар соҳаи таҳсилот, инчунин ҳамкории ҷомеаи соҳибкорӣ ва муассисаҳои таълимӣ, ҳалли масъалаи таъмини дастраскунӣ ва сифати таҳсилоти ҳамаҷонибаро мушкил мегардонид.

Ҳадафи барнома фароҳам овардани шароит барои рушди муассири низоми таҳсилоти Федератсияи Русия буд, ки ба ташаккули неруи инсонии рақобатпазир нигаронида шудааст. Ин ҳадаф тавассути иҷрои вазифаҳои зерин амалӣ мегардид:

➢ рушди инноватсионии моделҳои фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ, навсозии барномаҳои таълимӣ, технологияҳо ва мазмуни раванди таълим дар ҳама сатҳҳои таҳсилоти касбӣ тавассути татбиқи барномаҳои нави таълимии чандгона, ки ба инфиродисозии раванди таълим бо дарназардошти хусусиятҳои шахсӣ, манфиатҳо ва ниёзҳои донишҷӯён асос ёфтааст;

➢ таҷдиди муҳтавои таҳсилоти умумӣ ва технологияи таълим дар барномаҳои таълимии мактабӣ;

➢ рушди куллӣ ва густурдаи салоҳиятҳои ҳайати педагогӣ ва тадбирҳои низомӣ ҷиҳати таҳкими самти иҷтимоии низоми таҳсилот, аз ҷумла, тавассути таҳия ва татбиқи барномаҳо барои ташаккули фарҳанги тарзи ҳаёти солим ва бехатар дар миёни ҷавонон, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ.

Дар даҳсолаҳои охир, дар доираи ислоҳоти низоми таҳсилот дар Россия, аз ҷумла таҳсилоти касбӣ, бисёре аз муҳаққиқон мушкилоти таълими касбиро бо сатҳи салоҳиятнокии мутахассисон, ки омодаанд дар вазъиятҳои гуногуни касбӣ фаъолият намоянд, вобаста мекунанд.

Бо таваҷҷуҳ ба он ки салоҳиятнокӣ як хусусияти шахсиятии мутахассис мебошад, ки пас аз анҷоми марҳилаи муайяни таҳсилот ташаккул ёфта, қобилияти татбиқи муваффақонаи фаъолиятро бо дарназардошти аҳаммияти иҷтимоии он инъикос мекунад, метавон гуфт, ки

салоҳиятнокии омӯзгори оянда нишондиҳандаи сатҳи омодагии ӯ ба фаъолияти касбӣ мебошад.

Омодагӣ ҳамчун ҳолати равонӣ ва хислати устувори шахсият зоҳир мегардад. [1, с. 479-480] Он пайваста фаъол аст ва лозим нест, ки пеш аз ҳар як супориши нав дубора ташаккул дода шавад. Чун як хусусияти қаблан ташаккулёфта, омодагӣ омили зарурӣ ва муҳимми муваффақият ва фаъолияти муассири инсон ба ҳисоб меравад. Самаранокӣ дар ин маврид ҳамчун расидан ба ҳадаф бо истифодаи босамари захираҳо фаҳмида мешавад.

Дар шакли умумӣ, сохтори омодагии устувор иборат аст: [5, с. 9-10].

- муносибати мусбат ба фаъолият ва касб;
- сифатҳои шахсият, ки ба талаботи касбӣ ҷавобгӯянд, аз ҷумла хислат, темперамент, қобилият ва ангеза;
- дониш ва маҳоратҳои зарурӣ;
- хусусиятҳои устувори муҳимми касбӣ, ки идрок, диққат, тафаккур, равандҳои эҳсосӣ ва иродаро дар бар мегиранд.

Омодагӣ ба фаъолияти касбӣ ҳамчун қобилияти ангезаёфтаи шахс барои ҳалли масъалаҳои касбӣ дар раванди ҳамкории иҷтимоӣ баррасӣ мегардад.

Омили ҳалкунандаи ташаккули омодагӣ ба фаъолияти касбӣ таҷрибаи касбӣ мебошад, зеро омодагӣ ба тавоноии шахс барои истифодаи таҷриба дар шароити нав вобастагӣ дорад.

Раванди ташаккули омодагӣ ба фаъолияти касбӣ аз дарки вазифаи ба шахс гузошташуда оғоз ёфта, сипас тарҳрезии нақша, моделҳо, тарзҳо ва нақшаи амалиёт сурат мегирад. Дар марҳилаи баъдӣ, омодагӣ дар амал татбиқ шуда, усулҳои муайяни фаъолият ва воситаҳо истифода мешаванд. Ҳамчунин, раванди фаъолият ва натиҷаҳои миёнаравӣ бо натиҷаҳои интизоршуда муқоиса гардида, дар ҳолати зарурӣ ислоҳот ворид карда мешавад.

Монандии сохтори ташаккули омодагӣ ба фаъолияти касбӣ бо марҳилаҳои худи фаъолият, аз ҷумла фаъолияти касбӣ, ба чунин хулоса меорад, ки омодагӣ як шарти ибтидоӣ ва асосии иҷрои муваффақонаи ҳар гуна фаъолият, аз ҷумла фаъолияти касбӣ, мебошад.

Омодагии касбӣ дар раванди таҳсилоти касбӣ ташаккул ёфта, тавассути иҷрои машқҳо, ҳалли масъалаҳои таҳассусӣ ва истифодаи усулҳои дигар, ки ба ҷалби дониш, малака ва маҳорат барои ҷамъоварии таҷрибаи касбӣ мусоидат мекунанд, нигоҳ дошта мешавад.

Дар сохтори омодагии донишҷӯ ба фаъолияти касбӣ, М.И. Дяченко ва Л.А. Кандибович унсурҳои зеринро ҷудо мекунанд:

- Омили ангезишӣ (мотиватсионӣ) - муносибати мусбат ба касб, шавқу рағбат ба он;
- Омили самтгирӣ (ориентатсионӣ) - тасаввурот дар бораи хусусиятҳо ва шароити фаъолияти касбӣ, талаботи он ба шахсият;
- Омили амалӣ (операционӣ) - маҳорати истифодаи усулҳо ва роҳҳои татбиқи фаъолияти касбӣ, донистани донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳои зарурӣ;
- Омили иродавӣ (волевой) - қобилияти назорат аз болои худ, идора кардани рафтор ҳангоми иҷрои вазифаҳои касбӣ;
- Омили арзёбӣ (оценочный) - худбаҳодиҳии сатҳи омодагии касбӣ ва мутобиқати он ба стандартҳои касбии оптималӣ. [1, с. 271]
- Омодагии эҳтимолӣ (потенсиалӣ) - сатҳи омодагии касбии шахсият барои фаъолият дар соҳаи мушаххас. Ин омодагӣ маҷмуи унсурҳои устувор ва нисбатан статикӣ, аз ҷумла дониш, малакаҳо, маҳоратҳо, сифатҳои муҳимми касбӣ, арзишҳо ва муносибатҳои шахсиятро дар бар мегирад, ки сатҳи муайяни иқтидори касбии мутахассисро муайян мекунанд.
- Омодагии фаврӣ (ситуатсионӣ) - ҳолати омодабошии равонӣ ва мутобиқшавии функсионалии шахс ба ҳалли масъалаҳои мушаххас дар вазъиятҳо ва шароити гуногун. Ин шакли омодагӣ хусусияти динамикии баланд дошта, аз омилҳои муҳити атроф, вазъи равонӣ ва ҷисмонии мутахассис, муҳити иҷтимоӣ ва фазоӣ ахлоқию равонии коллектив вобаста аст. [8, с. 77]

Ба ақидаи О.Е. Курлигина, илми равоншиносии муосир мафҳуми «омодагии касбӣ»-ро ҳамчун сифати шахсият ва омили муҳим барои самаранокии фаъолияти касбии ӯ пас аз хатми донишгоҳ таъриф менамояд. Омодагии касбии донишҷӯ имкон медиҳад, ки мутахассиси ҷавон вазифаҳои касбии худро бомуваффақият иҷро намояд, дониш ва таҷрибаи андӯхтаашро самаранок истифода барад, худназоратӣ дошта бошад ва дар ҳолати тағйири шароит ва монеаҳои

ғайричашмдошт ба онҳо мутобиқ гардад. [6]

Омодагии методӣ бидуни шубҳа мавқеи марказиро дар сохтори омодагии касбии омӯзгор ишғол мекунад. В.А. Сластенин ду ҷузъи асосии онро муайян менамояд: омодагии назариявӣ ва амалӣ.

Омодагии назариявӣ қобилияти таҳлили назариявии фаъолияти педагогиро дар бар гирифта, ҳамчун малакаи тафаккури педагогӣ зоҳир мегардад. Бархе аз муҳаққиқон дар баробари мафҳуми «омодагӣ ба фаъолияти касбӣ» ҳамчунин мафҳуми «омодагии касбӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

Таҳлили манбаъҳои илмӣ нишон медиҳад, ки истилоҳи «омодагии касбӣ» дар маъноҳои гуногун истифода мешавад ва баъзан бо мафҳуми «тайёрии касбӣ» (профессиональная подготовка) баробар дониста мешавад. Баррасии таърифҳои луғавӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми «тайёрӣ» доираи мафҳуми «омодагӣ»-ро васеътар намуда, ишора мекунад, ки омодагӣ ба касб дар раванди омодасозии касбӣ ташаккул меёбад. Омодагии касбӣ на танҳо натиҷа, балки ҳадафи омодагии касбӣ ва шарти ибтидоии татбиқи самараноки иқтидори шахсият мебошад. [1]

В.А. Сластенин дар сохтори омодагии касбии мутахассис ду шакли вобастаи онро ҷудо мекунад: тарҳрезӣ (проективӣ) ва рефлексивиро дар назар дошта, бо мафҳуми тафаккури методӣ алоқаманд аст.

Омодагии амалӣ бошад, дар донистани малакаҳои амалӣ, аз ҷумла маҳорати тарҳрезӣ (конструктивӣ), ташкиливу идоракунӣ (организаторӣ) ва муошират (коммуникативӣ) зоҳир гардида, бо маҳоратҳои методӣ робита дорад. [8]

Пас, омодагии методӣ маҷмуи донишҳои методӣ, малакаҳо ва сифатҳои шахсиятро дар бар мегирад, ки татбиқи ҳама гуна фаъолияти методиро таъмин менамояд.

Дар расми 4 сохтори омодагии методии омӯзгор барои татбиқи фаъолияти методӣ нишон дода шудааст.

✓ Омодагии ангезишӣ-шахсиятӣ (мотивационый-личности) хусусиятҳои шахсиятро дар бар мегирад, ки муносибати шахсро ба касб, ҳадафҳои фаъолияти касбӣ, ҷаҳонбинӣ, принсипҳо ва хусусиятҳои типологии инфиродии омӯзгор (услуби муошират, сатҳи эҳсосотнокӣ, қобилияти худтаҳлилӣ, рефлексия ва ғ.) муайян менамояд.

✓ Омодагии мазмунӣ-предметӣ маҷмуи донишҳои равоншиносӣ - педагогӣ ва методиро дар бар гирифта, ҷанбаи предметии тафаккури методиро ташкил медиҳад.

✓ Омодагии амалӣ-фаъолиятӣ (операционалӣный) сатҳи ташаккули малакаҳо ва маҳоратҳои заруриро барои фаъолияти методии омӯзгор муайян мекунад, ки аз маҳоратҳои маърифатӣ (познавательный), тарҳрезӣ (проектно-конструкторский), таълимӣ, арзёбӣ ва таҳқиқотӣ иборат мебошад.

✓ Омодагии назариявӣ-методологӣ донишҳоро оид ба усулҳои маърифати илмӣ дар бар гирифта, инчунин нақш ва аҳаммияти информатикаро дар ташаккули шахсияти хонанда дарк менамояд. [10, с. 164]

Бо назардошти сохтори омодагии методӣ, метавон таъкид кард, ки омодагии методии омӯзгори ояндаи информатика бар асоси донишҳои равоншиносӣ-педагогӣ ва донишҳои методӣ, ки ҷанбаи тахассусии касбиро ташкил медиҳанд, ташаккул меёбад. Дар маҷмуъ, онҳо системаи методикаи таълими информатикаро ташкил медиҳанд.

Гурӯҳи донишҳои методӣ иборат аст аз:

✓ донишҳо оид ба технологияҳои таълимӣ;

✓ донишҳо дар бораи ташкил ва идоракунии шаклҳои гуногуни раванди таълим;

✓ донишҳо дар бораи истифодаи самарабахши воситаҳои таълим ва тарбия;

✓ донишҳо оид ба идоракунии фаъолияти таълимии донишҷӯён бо дарназардошти усулҳои гуногуни таълимӣ;

✓ донишҳо дар бораи истифодаи самарабахши усулҳои таъсири коммуникативии омӯзгор ба шунавандагон;

✓ донишҳо дар бораи ташкили фаъолияти тафаккури дастаҷамъона ва ғ. [1, с. 475-476]

Дар натиҷа, метавон чунин таърифи мухтасари омодагии методии омӯзгори ояндаи

информатикаро пешниҳод кард:

Омодагии методии омӯзгори ояндаи информатика - маҷмуи донишҳои методӣ, малакаҳо ва хислатҳои шахсиятиест, ки барои татбиқи самараноки фаъолияти методӣ дар шароити рақамикунонӣ ва коммуникатсияи глобалӣ мусоидат менамояд.

Системаи анъанавии омодасозии омӯзгорони информатика дар муассисаҳои олии педагогӣ ҳам донишҷӯён, ҳам омӯзгорон ва ҳам корфармоёнро пурра қонеъ намесозад.

Яке аз мушкилоти асосӣ - ангезаи пасти донишҷӯён ба омӯзиши фанҳои тахассусӣ мебошад. Ин омил бо расониши ғайриамалии маводи таълимӣ ва набудани иртиботи мустақим бо таҷрибаи воқеии педагогӣ алоқаманд аст. Бисёре аз донишҷӯён барои таҳсилоти худ кӯшиши кофӣ намекунанд, зеро наметавонанд дарк кунанд, ки бе донишҳои амиқ оянда ҳамчун мутахассиси соҳаи худ рушд нахоҳанд кард.

Системаи анъанавии омодасозии касбӣ имконияти кофии ҷалби донишҷӯён ба таҷрибаи воқеии педагогӣ намедиҳад. Дар аксари ҳолатҳо таҷрибаомӯзии педагогӣ танҳо дар шакли кӯтоҳмуддат пешниҳод мешавад, ки барои омодагии омӯзгорони информатика, бо дарназардошти динамизми фанни информатика ва технологияҳои иттилоотӣ, нокифоя мебошад.

Бо дарназардошти таҳаввулоти босуръати технологияи рақамӣ ва афзоиши талаботи касбӣ ба омӯзгорони информатика, омодагии методии омӯзгори оянда ба яке аз ҷанбаҳои муҳимми системаи таҳсилоти олӣ табдил ёфтааст. Ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар амалия, омӯзгорони оянда бояд дониши амиқи методологӣ, малакаҳои амалӣ ва қобилияти мутобиқшавӣ ба муҳити рақамии таълимро инкишоф диҳанд. Дар ин замина, омӯзгори информатика на танҳо ҳамчун интиқолдиҳандаи дониш, балки ҳамчун роҳбалад ва ҳавасмандгардонандаи рушди инфиродии хонандагон дар ҷаҳони рақамӣ баромад мекунад.

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки системаи анъанавии омодасозии омӯзгорони информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор мушкилот дучор аст, ки бартараф намудани онҳо барои беҳтарсозии сифати таълим ва омодасозии мутахассисони рақобатпазир дар шароити рақамикунонии таҳсилот зарур мебошад. Мушкилоти асосӣ иборатанд аз ангезаи пасти донишҷӯён ба омӯзиши фанҳои методӣ, номувофиқати барномаҳои таълимӣ ба воқеияти рақамии таҳсилот, махдуд будани таҷрибаомӯзии педагогӣ ва набудани ҳамоҳангсозии самаранок миёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва корфармоён. Ҳалли ин мушкилот такмили барномаҳои таълимӣ, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии таълим ва тавсеаи ҳамкориҳо байни донишгоҳҳо, мактабҳо ва марказҳои таҳсилоти иловагиро талаб мекунад.

Дар маҷмуъ, таҳқиқ собит намуд, ки омодагии методии омӯзгорони информатика бояд ба рушди салоҳиятҳои касбӣ ва шахсиятии омӯзгорон равона гардад, ки имконият медиҳад, раванди таълим бо истифода аз технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ мутобиқ ба талаботи муосири таҳсилот ташкил карда шавад. Омӯзгорони оянда бояд малакаи истифодаи технологияҳои рақамӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ, татбиқи усулҳои фаъоли таълим ва мутобиқсозии равандҳои таълимро ба ниёзҳои инфиродии донишҷӯён инкишоф диҳанд. Ба ин раванд ворид намудани омӯзиши технологияи абрӣ, таълими фосилавӣ ва методологияи таълимии рақамӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Ҳамин тариқ, барои ташаккули методикаи самараноки омодасозии омӯзгорони информатика зарур аст, ки:

- ❖ барномаҳои таълимӣ бо назардошти хусусиятҳои муҳити рақамӣ такмил дода шаванд;
- ❖ таҷрибаомӯзии педагогӣ густариш ёбад ва бо талаботи амалии мактабҳои муосир мутобиқ гардонида шавад;
- ❖ равишҳои таълимӣ аз шакли пассив ба шакли фаъол ва интерактивӣ гузаронида шаванд;
- ❖ равандҳои таълим бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои таълими фосилавӣ самаранок ташкил карда шаванд.
- ❖ Рақамикунонии таҳсилот на танҳо имкониятҳои нави омӯзишро фароҳам меорад, балки барои моделҳои анъанавии омодасозии омӯзгорон низ талаботи нав мегузорад. Аз ин рӯ, омодасозии методии омӯзгорони ояндаи информатика бояд дар асоси равишҳои муосири таълимӣ ва дар ҳамоҳангӣ бо талаботи рушди иқтисоди рақамӣ сурат тиранд. Танҳо дар ин ҳолат,

мутахассисони соҳаи информатика метавонанд, ба низоми таҳсилот ворид шуда, барои рушди муҳити рақамии таълим саҳми назаррас гузоранд.

Адабиёт:

1. Дьяченко, М.И. Психологические проблемы готовности к деятельности / М.И. Дьяченко, Л.А. Кандыбович. - Минск : Изд-во БГУ, 1976. -274 с.

2. Земцова, В.И. Формирование методической компетентности студентов по направлению подготовки 050100 педагогическое образование (квалификация (степень) бакалавр) / В.И. Земцова // Вестник Челябинского государственного педагогического университета. - 2014. - № 1. - С. 93-104.

3. Каракозов, С.Д. Содержательная и формальная составляющие профессиональной подготовки современного преподавателя / С.Д. Каракозов // Преподаватель XXI век. - 2014. - № 4 : Т. 1. - С. 9-11.

4. Крутова, И.А. Методическая подготовка студентов к решению профессиональных задач учителя при обучении в вузе/ И.А. Крутова, Г.П.Стефанова //Преподаватель XXI век. - 2014. - № 3:Т. 1. - С.99-105.

5. Кузнецов, А.А. Информационно-коммуникационная компетентность современного учителя / А.А. Кузнецов, Е.К. Хеннер, В.Р. Имакаев и др. // Информатика и образование. - 2010. - № 4. - С. 3-11.

6. Курлыгина, О.Е. Компетентность как характеристика готовности будущего учителя к осуществлению профессиональной деятельности / О.Е. Курлыгина. - М. : Инфотматика, 1995. - 96 с.

7. Скаткин, Н. М. Проблемы современной дидактики / Н.М. Скаткин. - М. : Педагогика, 1984. - 96 с.

8. Сластенин, В.А. Формирование личности учителя советской школы в процессе профессиональной подготовки / В.А. Сластенин. - М. : Просвещение, 1975. - 79 с.

9. Сластенин, В.А. Формирование личности учителя советской школы в процессе профессиональной подготовки / В.А. Сластенин. - М. : Просвещение, 1976. - 98 с.

10. Таможняя, Е.А. Методическая готовность учителя географии: теоретический и практический аспекты / Е.А. Таможняя // Вестник Московского государственного областного университета. - 2010. - №4.-С. 163-167.

11. Федорова, Г.А. Профессиональное развитие учителей в условиях информатизации образования / Г.А. Федорова // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Информатизация образования,- 2014. -№ 4. - С. 18-25.

12. Яковенко, Т.В. Готовность педагога к реализации трудовых функций в соответствии с требованиями профессионального стандарта / Т.В. Яковенко, Л.У. Мавлюдова, О.В. Волкова // Проблемы современного педагогического образования. - 2016. - № 51(5). - С. 472-480.

ТАЛАБОТИ МУОСИР БА ОМОДАГИИ МЕТОДИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДАИ ИНФОРМАТИКА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои дар замони муосир мубрам талаботи муосир ба омодагии методии омӯзгорони фанни информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст.

Омодагии методии омӯзгори ояндаи информатика на танҳо баланд бардоштани дониши техникӣ, балки мутобиқсозии он ба хусусиятҳои миллии низоми таҳсилот, аз ҷумла ҷанбаҳои забонӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодиро низ дар бар мегирад. Аз ин рӯ, зарурати бознигарии усулҳои мавҷудаи омодасозии омӯзгорон, инчунин коркард ва воридсозии усулҳои нави методӣ ва технологияҳо, ки барои ташаккули салоҳиятҳои ҷавобгӯ ба талаботи муосир заруранд, ба миён меояд.

Муаллифон бар ин ақидаанд, ки сатҳи муосири рушди назария ва амалияи таҳсилот бо таваҷҷуҳи афзоянда ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи касбияти хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ тавсиф карда мешавад. Омили асосии такмили низоми омодасозии

мутахассисон дар соҳаи таҳсилот, талаботи мактаби миёнаи умумӣ мебошад, ки дар он шахсияти омӯзгор ва тахассуси касбии ӯ нақши ҳалкунанда мебозанд.

Калидвожаҳо: омӯзгор, омодагӣ, оянда, информатика, зарурат, фарҳанг, коркард, воридсозӣ, технологияҳо, ташаккул, такмил, талабот, касб, тахассус

СОВРЕМЕННЫЕ ТРЕБОВАНИЯ К МЕТОДИЧЕСКОЙ ПОДГОТОВКЕ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ИНФОРМАТИКИ В ВЫСШИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

Данная статья посвящена одной из актуальных проблем современности – современным требованиям к методической подготовке учителей информатики в высших профессиональных учебных заведениях.

Методическая подготовка будущего учителя информатики включает в себя не только совершенствование технических знаний, но и их адаптацию к национальным особенностям системы образования, включая лингвистические, культурные и социально-экономические аспекты. В связи с этим возникает необходимость пересмотра существующих методов подготовки учителей, а также разработки и внедрения новых методических приемов и технологий, необходимых для формирования компетенций, соответствующих современным требованиям.

Авторы считают, что современный уровень развития теории и практики образования характеризуется возрастающим вниманием к проблеме повышения уровня профессионализма выпускников высших педагогических учебных заведений. Основным фактором совершенствования системы подготовки специалистов в сфере образования являются требования среднего общего образования, в котором личность педагога и его профессиональная квалификация играют определяющую роль.

Ключевые слова: учитель, подготовка, будущее, информатика, необходимость, культура, обработка, внедрение, технологии, формирование, совершенствование, требования, профессия, специализация

MODERN REQUIREMENTS TO METHODOLOGICAL TRAINING OF FUTURE COMPUTER SCIENCE TEACHERS IN HIGHER PROFESSIONAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS

This article is devoted to one of the pressing issues of our time – modern requirements for the methodological training of computer science teachers in higher professional educational institutions.

Methodological training of a future computer science teacher includes not only the improvement of technical knowledge, but also its adaptation to the national characteristics of the education system, including linguistic, cultural and socio-economic aspects. In this regard, there is a need to review existing methods of teacher training, as well as the development and implementation of new methodological techniques and technologies necessary for the formation of competencies that meet modern requirements.

The authors believe that the current level of development of the theory and practice of education is characterized by increasing attention to the problem of raising the level of professionalism of graduates of higher pedagogical educational institutions. The main factor in improving the system of training specialists in the field of education is the requirements of secondary general education, in which the personality of the teacher and his professional qualifications play a decisive role.

Key words: teacher, preparation, future, computer science, necessity, culture, processing, implementation, technologies, formation, improvement, requirements, profession, specialization

Маълумот дар бораи муаллифон: Холиқов Амонулло Юлдошевич – ассистенти кафедраи методикаи таълими информатикаи факултети физика ва математика Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: ҶТ.735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16. тел: (992) 988 83-34-48

Сафарзода Мунир Ватан – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ, ш.Кӯлоб, к. С.Сафаров-16. Тел.: 918665441.E-mail: munir11@list.ru

Сведения об авторах: Холиков Амонулло Юлдошевич – ассистент кафедры методики преподования информатики факультета физики и математики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: РТ.735360, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. тел: (992) 988 83-34-48

Сафарзода Мунир Ватан – кандидат педагогических наук, доцент Кулябского государственного университета им. А.Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16. Тел.: Тел.: 918665441.E-mail: munir11@list.ru

Information about the authors: Kholiqov Amonullo Yuldoshevich – assistant of department of method of the teaching informatics the faculty mathematics and physics of Kulob State University name after Abuabdulloh Rudaki. Address: RT. 735360, Kulob, S. Safarov Street 16. tel: (992) 988 83-34-48

Safarzoda Munir Vatan – candidate of pedagogical sciences, associate professor at Kulob State University named after A.Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S.Safarov st.-16. Tel.: Tel.: 918665441.E-mail: munir11@list.ru

ТДУ: 371.811 (575.3)

МАСЪАЛАИ ОМӮЗИШ ВА МУАЙЯН НАМУДАНИ САТҲИ ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНИИ ИЛМИИ ХОНАНДАГОН

Давлатов М.А., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Муайян ва муқаррар намудани дараҷаи тайёрӣ ва дарки олам ва фаъолияти амалии инсон дар зиндагӣ масъалаи мураккаб ва баҳсноки соҳаҳои ҷомеашиносӣ ва психологӣ-педагогӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаи мазкурро таҳқиқоти олимон: Г.Е. Залетский, Э.И. Моносзон, Н.Г. Огуртсов ва дигарон то ҷое равшанӣ андохтаанд [4, 5, 6].

Маълум аст, ки самаранокии корҳои тарбиявии омӯзгор, махсусан ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон аз ташхиси бевосита ва дурусти ӯ вобастагӣ дорад. Феълан, дар мавриди муайян намудан ва баҳо додан ба дараҷаи ҷаҳонбинии хонандагон меъёрҳои зеринро ба асос мегиранд: азхудкунии саҳеҳ ва возеҳи мафҳумҳо, қонунҳо, назарияҳои илмие, ки дар фаҳмиши моҳияти раванди инкишофи табиат, ҷамъият ва тафаккури инсонӣ заруранд; фаҳмиши шахсӣ ва устувори ақидаҳо нисбат ба маводи таълимӣ, ки мазмуни ҷаҳонбинӣ доранд: муносибати илмӣ доир ба масъалаҳои дохилӣ ва байналмилалӣ; тайёрии хуби хонандагон баҳри ҳимояи ғояҳои демократӣ, арзишҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, миллӣ, ахлоқӣ, эстетикии ҷомеаи имрӯза ва кӯшиши ҳифз намудани ақидаҳо, эътиқоди шахсӣ; нишон дода тавонистани эътимодмандии устувор дар фаъолият ва рафтори ҳаррӯза.

Бо мақсади муайян намудани муассирии воситаҳо ва усулҳои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва баҳо додан ба натиҷаи вай донистан зарур аст, ки чиро ташаккул медиҳем. Мо, аз ин лиҳоз на танҳо мақсадҳои умумӣ, балки ҷузъиёти муфассали онро, ки ҳамчун «қоида» амал мекунанд ва имкониятҳои нишонаҳои гуногуни санҷидани дараҷаи рушди ташаккулро муҳайё месозанд, ба инобат гирем. Н.Г. Огуртсов бо мақсади муайян кардани донишҳои ташаккулдиҳандаи ҷаҳонбинии илмӣ нишонаҳои зерин-ҳаҷм, илмият, системанокӣ, бошуурона, мустаҳкамӣ ва ғайраро ҷудо мекунад. Аниқ муайян намудани вазифаҳо ва мазмуни ҷаҳонбинӣ дар зинаи ниҳоии таълим имконият медиҳад, ки нишонаҳои гуногуни ба вуҷуд омадани онро тавассути се меъёр гурӯҳбандӣ намоем:

-зеҳнӣ-мантиқӣ;

-ҳиссӣ-иродавӣ;

-фаъолиятнокии босуръат. [6, с. 172]

Меъёри зеҳнӣ-мантиқӣ, яъне ҳамаи он нишонаҳое, ки ба азхуд кардани донишҳо (ғояҳо, назарияҳо) ва маҳорати дар амал татбиқ намудани онҳо марбутбуда дохил мешаванд. Донишҳои мазмуни ҷаҳонбинидошта ду ҷанба дорад: ҷамъиятӣ-натиҷаи фаъолияти олимон, ки дар шакли назарияҳо, ғояҳо, қонунҳо ва ғайра зуҳур меёбанд ва дар ҷанбаи шахсӣ донишҳои азбаршуда

ҳамчун фаъолияти руҳӣ зоҳир мешаванд. Донишҳои ҷанбаи мазкур аз мушоҳидаҳои ғайр ноаён буда, дар рафти мулоҳизаронӣ ва амалиёти шахсӣ маълум мегарданд.

Меъёри ҳиссӣ-иродавӣ бошад, имконият медиҳад, ки муносибати шахсро нисбат ба ҳодисаҳо, падидаҳо ва донишҳо муайян намоем. Ошкор кардани муносибатҳои комилан мувофиқи донишҳои мазмуни ҷаҳонбинидошта ниҳоят кори душвор мебошад. Чи хеле қайд карда шуд, танҳо ҳиссиёти олие, ки ягонагии донишҳои асосҳои илмии идеологӣ ва муносибати ҳиссидошта метавонад сохтори ҷаҳонбинии шахсро ташкил диҳад. Вале ҳиссиёти олии ҷамъиятӣ, чун қоида, неруи ҷиддианд. Барои ошкор кардани онҳо роҳҳои гуногун истифода мешаванд: мушоҳида, супоришҳои гуногун бо мақсади ба рӯйдоду ҳодисаҳо баҳо додан ва ғайра.

Дар бораи мавҷудияти сифатҳои иродавии ҷаҳонбинӣ ҳамон вақт сухан гуфта метавонем, ки агар тамоми ҷузъҳои иродавӣ дар ҳаракати дурудароз қарор гирифта бошанд. Ақидаҳои илмии комилан мувофиқ ва таносуби ҳамоҳангию тавоноии сифатҳои иродавӣ ба сифати меъёрҳо хизмат мекунанд. Гуногунрангии ҳаёти хонандагони синфҳои болоӣ имконият медиҳанд, ки ҳар як хонандаро бояд дар вазъияте нигоҳ дорем, ки ӯ кушишҳои иродавии хешро дар таносуби ҳамоҳангии ниҳоят баланд нишон диҳад. [8, с. 143]

Меъёри фаъолиятнокии босуръат имконият медиҳад, ки мо дар бораи то кадом андоза маҷмуи ташаккулёбиҳо дар ҳалли вазифаҳои ҷаҳонбинӣ нақш доранд, андеша кунем. Бояд қайд кард, ки ҷаҳонбинии илмӣ вазифаи ҷамъиятии ниҳоят муҳимро дар сатҳи стратегӣ тақозо мекунад ва барои ҳамин дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои хусусӣ, ки барои дараҷаи тарбиянокӣ лозим меояд, талабгор нест. Аз ин рӯ, баъзан ба ақидаҳое, ки дар адабиёти педагогӣ вомехӯрем, ғояҳои мазмуни ҷаҳонбиндоштаи хонандагонро бо иштирок дар ҷамъоварии қоғазпора, оҳанпора ва иштироки фаъолонаи онҳоро дар тоза намудани назди мактаб ташаккул додан мумкин бошад, розӣ шуда наметавонем. Зеро инҳо намудҳои дараҷаи пасти фаъолиятанд, дуюм иштирок дар ҷамъоварии оҳанпораҳо бо супориши муаллим, коллективи синф ё аз рӯйи иҷрои одатҳои муқаррарии қоидаҳои ахлоқӣ сурат мегиранд. Зарур аст, ки ба андешаҳо ва ҳиссиёти воқеии онҳо назар кунем, чунки равнақи фаъолиятнокии дараҷаи ҷаҳонбинӣ бо ҳалли масъалаҳои ҷамъиятӣ (маърифатӣ, меҳнатӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ, ташкилотчигӣ) алоқаи зич дорад.

Бо ин мақсад мо зарур донистем, ки доир ба тавсифи тарафҳои зерини масъалаи мазкур: сифати тайёрии идеологии хонандагон ва дараҷаи азхудкунии ғояҳо, мафҳумҳои хусусияти ҷаҳонбинидоштаи онҳо изҳори андеша намоем.

Сифати тайёрии идеологии хонандагон дар бисёр маврид аз иштироки бевоситаи онҳо дар корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ вобаста мебошад. Алоқаи байни фаъолияти одам ба андозаи шуури ӯ хусусияти дутарафа дорад. Ҳаракати одамон, амалиёти онҳо ва рафторашон аз дараҷаи муайяни камолоти ҷамъиятии онҳо шаҳодат медиҳад, мазмуни шуури шахсии онҳо ва равиянокии он дар ниҳоят бо шароитҳои моддӣ, меҳнатӣ ва таҷрибаи ҷамъиятӣ-сиёсии шахсият муайян мегардад.

Дар фаъолияти амалии хонандагон бошад, амалиёти ҷамъиятӣ маънои иштироки онҳо дар низоми корҳои дохилимактабӣ ва берун аз он бо роҳбарии муаллим фаҳмида мешавад. Вазифаи стратегии он бошад, ҳамеша тайёр намудани заминаҳои лозимӣ барои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон буд, ба ҳисоб меравад. [3, с. 61]

Камолоти сиёсӣ-ҷамъиятӣ чист? Масъалаи мазкур аз мавқеи ҳуқуқӣ равшан аст. Яъне одами комил ин субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки уҳдадориҳои хешро дарк намудааст ва онҳоро бе дахолати беруна ихтиёрона иҷро мекунад. Дар чунин фаҳмиш ҷузъҳои камолотро таҳсилот, интихоби касб, ҳифзи қарзи шаҳрвандӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ дар назди қонун, ҳуқуқи никоҳ ва меҳнату истироҳат ташкил медиҳанд.

Камолоти ҷамъиятӣ доираи васеи мафҳумҳоро дар бар гирифта, на танҳо қайди лаҳзаҳои алоҳидаи фаъолнокии ҷамъиятӣ ва на хусусиятҳои алоҳидаи шахсият, балки кулли сифатҳои ҷамъиятии онҳоро муайян мекунанд. Дар фаъолияти амалӣ он тавассути маҷмуи яклухти сифатҳои ҷамъиятӣ ташаккул ёфта, бо масъалаҳои зерини ҷаҳонбинидошта алоқаманд аст: таъмини назарияҳои илмӣ-эҷодӣ, маҳорати таҳлил намудан ва баҳо додан ба ҳодисаҳои ҷамъиятӣ; дараҷа ва таъмини таҳсилот роҷеъ ба масъалаҳои сиёсӣ-ҷамъиятӣ, дарки дурусти воқеаҳои дохилӣ ва берунӣ; мафҳумҳои пурра ва саҳеҳи маънавӣ, қоидаҳо ва принсипҳо, (устувории) мавқеи сиёсӣ;

ширкати фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ, майли иштироки шахсӣ дар гузаронидани чорабиниҳои мактабӣ, ғамхорӣ ба манфиати омма; мустақилӣ дар андеша, ирода ва рафтор; устувории майлу кӯшишҳо; боварию эътиқод ба ормонҳои миллӣ; ғановати таҷрибаи ҷамъиятӣ, шахсӣ ва ғайра.

Вале аз маҷмуи сифатҳои номбурда ягон ҷузъи вай агар дар алоҳидагӣ истифода карда шавад, ба ташаккули дарки илмӣ садди роҳ мешавад. Сифатҳои ҷамъиятӣ, ки омодагии идеологии хонандагон маҳсуб мешаванд, аз ин рӯ, муносибатҳои комили ҷамъиятӣ-сиёсӣ, меҳнатӣ ва ахлоқӣ нишонаи дараҷаи ташаккули ҷаҳонбинӣ мегардад. Вақте сухан дар бораи шахсият меравад, бояд таносуби баъзе сифатҳоро дар алоқамандӣ бо синну сол, шароитҳои мушаххаси таълиму тарбия, хусусиятҳои фардии характер, ки одатан дар ҳалли вазифаҳои таълимӣ-тарбиявӣ риоя мешаванд, бояд ба инобат гирифта шаванд.

Самаранокии корҳои тарбиявӣ аслан дар фаъолияти амалии хонандагон санҷида шуда, дар ташаккули мавқеи ғоявии онҳо нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, муаллим бояд корҳои худро тарзе ташкил намояд, ки донишҳои хонандагон мунтазам дар амалия мустаҳкам шуда, эътиқод роҳнамои зиндагии ҳаррӯзаи онҳо гардад. Меъёри асосӣ ва муҳимме, ки дараҷаи инкишофи ҷаҳонбинии хонандагонро муайян мекунад, эътиқоди устувор ба ҳисоб рафта, ба таври зайл зуҳур меёбад: дурустии баҳо ва андешаҳо; ба таври эҷодӣ истифода намудани донишу маҳоратҳо; асоснок намудани хулосаҳои эътимодноки хусусияти чаҳонбинидошта; бо боварӣ ва майли қавӣ ҳимоя кардани мавқеи хеш; нишон додани фаъолияти амалӣ дар дарс; аз қобилияти дурусти пай бурдан дар лаҳзаҳои гуногун ва ғайра.

Бояд гуфт, ки барои ҷараёни ташаккулёбии сифатҳои муҳимми ҷаҳонбинӣ зарур буда, дар сурате амалӣ мегарданд, ки агар муаллим дар фаъолияти педагогии хеш амалҳои синнусолиро ба инобат гирад, дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ намунаи калонсолон, ташкили фазои хуби мактаб ва оиларо барқарор сохта муносибатҳои дӯстона дар байни онҳо ташкил намоянд. Истифода набурдани имкониятҳои мазкур раванди ташаккулёбии хонандагонро душвор мегардонад. Чунки хусусияти тақлидкории онҳо метавонад барои инкишофи сифатҳои номатлуб замина тайёр намояд. Дар ин давра самаранокии тарбия, пеш аз ҳама, ба шуурнокии хонандагон ва заҳмати педагогии калонсолон, махсусан дар идора ва ба танзим даровардани муносибатҳои хонандагон дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ, меҳнатӣ ва ҷамъиятӣ алоқамандии зич дорад.

Дар хонандагони давраи наврасӣ бошад, мустаҳкамшавии натиҷаҳои робитаҳои ҷамъиятӣ мушоҳида мешавад. Онҳо на танҳо мафҳумҳои маънавӣ, балки ҳиссиёти ҷамъиятиро аз худ мекунанд, ки сифатан аз пеш рафтани шуури онҳо шаҳодат медиҳад. Масалан, наврас доир ба масъалаҳои шараф ва дӯстӣ мароқи зиёд пайдо карда, бар зидди ҳар гуна беадолатиҳо мубориза мебарад, инчунин дар онҳо ҳиссиёти коллективӣ, дӯст доштани одамон, вичдон, масъулиятшиносӣ ва ғайра ташаккул меёбанд. [4, с. 126]

Хонандагони синфҳои болоӣ, ки дар онҳо инкишоф ва мустаҳкамшавии минбаъдаи ҳиссиёти олии ҷамъиятӣ мушоҳида мешавад, вазифадорем, ки онҳоро бештар ба меҳнати истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ ҷалб намоем. Бо мақсади фаъол гардонидани ҳиссиёти ҷамъиятӣ-ахлоқӣ, амалӣ ва эстетикии хонандагон мо маҷмуи чорабиниҳои зеринро истифода намудем: ташкили корҳои натиҷабахши ташкилоти ҷамъиятии мактабӣ; барқарор намудани алоқаи байни муассисаҳо ва ташкилоти сарпараст, фаъолияти тарбия дар мисоли ҳаёти олимон, нависандагон, шоирон, санъаткорони маъруф ва ғайраҳо.

Дар синфҳои таҷрибавӣ ба муаллимон чунин намудҳоро, ки дар ташаккули ҷаҳонбинӣ заруранд, пешниҳод намудем: суҳбатҳои фардӣ ва коллективӣ бо хонандагон доир ба масъалаҳои ҷаҳонбинидошта (масалан, дар вақти гузаронидани мусоҳибаҳо дар дарсҳо, баъди тамошои театр ва ғайра); таҳлили корҳои хаттӣ, дар баъзе мавридҳо навиштаҷоти хонандагон; омӯзиши далелҳо тавассути варақаҳои пурсиши бадастомада; мушоҳидаи таносуби сухану амал ва татбиқи фикрҳои назариявӣ дар амалияи онҳо; маълум намудани сабабҳое, ки ба баланд ва паст гузаштани фаъолнокии ҷамъиятӣ-сиёсӣ, меҳнатӣ ва таълимии хонандагон таъсир мерасонанд.

Адабиёт:

1. Арцишевский Р.А. Мировоззрение: сушность, специфика, развитие. Монография. Львов: Высшая школа. 1986. 198 с.
2. Алексеев М.Н., Огурцов Н.Г. Проблема формирования научной мировозрении.- Минск, 1995. 200 с.
3. Афанасьев В.Г. Основа философских знаний.- М., 1990. -336 с.
4. Залесский Г.Е. Психология мировоззрения и убкждения личности. М.-1995, 144с.
5. Моносзон Э.И. Проблемы теории и методики коммунистического воспитания школьников. М.- Педагогика, 1978. 160с.
6. Огурцов Н.Г. Формирование коммуникационного мировоззрения школьников.-М., 1995.- 210 с.
7. Овчиников В.С. Мировоззрение как влияние духовной жизни общества. Л.-1997. 237с.
8. Шарифхоҷаев М. Назария ва амалияи ташаккули ҷаҳонбинии донишҷӯён-омӯзгорони оянда. Бохтар 2022. 234 с.
9. Шинкарук В.А. Актуальные вопросы исследования мировоззренческой функции диалектического материализма. Вопросы философии. 1991.№2-С.49-56.

МАСЪАЛАИ ОМӮЗИШ ВА МУАЙЯН НАМУДАНИ САТҲИ ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНИИ ИЛМИИ ХОНАНДАГОН

Муаллиф дар мақолаи мазкур ҳангоми баҳодиҳии сатҳи ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон аз меъёрҳои зерин: зеҳнӣ-мантиқӣ, ҳиссӣ-иродавӣ ва фаъолнокӣ, ки тамоми паҳлуҳои моҳият, мазмун ва унсурҳои сохтории ҷаҳонбинии илмии хонандагонро фаро мегиранд, истифода кардааст.

Калидвожаҳо: ҷаҳонбинии илмӣ, ташаккул, инкишоф, сатҳ, дараҷа, меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва аломатҳо.

ПРОБЛЕМЫ ВЫЯВЛЕНИЯ УРОВНЯ ФОРМИРОВАНИЯ НАУЧНОГО МИРОВОЗЗРЕНИЯ ШКОЛЬНИКОВ

В данной статье автор при оценке уровня сформированности научного мировоззрения школьников использовал следующие критерии: интеллектуально-логический, эмоционально-волевой и деятельностный, которые охватывают все стороны сущности, содержания и структурные элементы научного мировоззрения школьников.

Ключевые слова: научное мировоззрение, становление, формирование, развитие, уровень, критерии, показатели и признаки.

PROBLEMS OF IDENTIFYING THE LEVEL OF FORMATION OF SCHOOLCHILDREN'S SCIENTIFIC WORLDVIEW

In this article, the author used the following criteria when assessing the level of development of the scientific worldview of schoolchildren: intellectual-logical, emotional-volitional and activity-based, which cover all aspects of the essence, content and structural elements of the scientific worldview of schoolchildren.

Keywords: scientific worldview, formation, development, level, criteria, indicators and signs.

Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатов Мирали Абдусамадович, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ., ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров – 16. Тел.: 980000054.

Сведение об авторе: Давлатов Мирали Абдусамадович, кандидат педагогических наук, доцент кафедры психологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ., г. Куляб, ул. С. Сафарова - 16. Тел.: 980000054.

Ба андешаи мо, таълим додану таълим гирифтани фарзандон дар мактабҳои олӣ, литсею коллеҷҳо, ба хотири аз худ намудани касбу ҳунарҳои гуногун ва таъмини чунин шароитҳо ба онҳо аз ҷониби падару модар яке аз вазифаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар ҳамкории дуҷонибаи падару модар ва фарзандон дар омода намудани фарзандон ба ҳаёти оилавӣ ин омодагӣ ва сатҳи маърифати педагогии падару модар ва фарзандон, дар умум дар оила ба ҳисоб меравад. Олимон бар он ақидаанд, ки донишу малака, маҳорату истеъдоди педагогии падару модар ба таълиму тарбия,

донишандӯзии фарзандон ва омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ таъсири калон мерасонад. Падару модари бесавод бо боварии комил метавон гуфт, ки фарзандони солим, хушбахту босавод ва соҳиби оиларо тарбия карда наметавонанд. Ин падидаҳо дар ҷомеа зиёданд ва далел овардан дар инҷо шарт нест. Оиди ин масъала асару навишатҷот хело ҳам зиёданд ва олимон доимо аз омодагии педагогии падару модар хотиррасон мекунанд.

Ба фикри мо, падару модар вазифадоранд, ки ба фарзандон оид ба масъалаҳои оила ва оиладорӣ, муносибати зану шавҳар, қоидаҳои муошират, рафтору кирдор, муносибат бо дигар одамон, масъалаҳои рӯзгордорӣ, тартибу интизом дар оила, вазифаҳои иҷтимоии марду зан, ҳам аз рӯи қонун ва ҳам дин, итоати зан ва фарзандон ба сарвари оила, нақши модару падар дар оила, қоидаҳои нигоҳубини тифли навзод, қоидаҳои тарбияи кӯдакон, муқаддас будани оила дар ҷомеа ва назди Худо, тартибу қоидаҳои меҳмоннавозӣ ва меҳмондорӣ, ҳурмату иззати падару модар, дигар калонсолони оила, хусуру хушдоман, муносибат бо дигар хешу таборон, риоя намудани анъанаҳои миллӣ дар раванди бунёд кардани оила ва ғайра масъалаҳои муҳимми оиладориро бояд таълим диҳанд, омӯзонанд ва доимӣ суҳбатҳо гузаронанд.

Албатта, дар ин ҳолат сатҳи дараҷаи донишу малака, сатҳи педагогии падару модар нақши бузург дорад. Гарчанде оила ин гурӯҳи хурди ҷамъиятӣ бошад ҳам, бар зиммаи он вазифаҳои муҳимму азими иҷтимоӣ гузошта шудааст. Беҳуда нест, ки оиларо донишкадаи бузург ва асосии таълиму тарбия меноманд. [10, с. 95] Падару модар илова бар ин, вазифадоранд, ки дар фарзандон тарбияи ҷисмонӣ, меҳнатӣ, зеҳнӣ, зебоипарастӣ, маънавию ахлоқӣ, динию мазҳабӣ, инсондӯстӣ, худшиносӣ, ватандӯстӣ, эҳтиромгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, урфу одату анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои умумибашаҳрӣ, илмдӯстӣ, ҷаҳонбинӣ, саховатмандӣ, таҳаммулпазирӣ, тоқатфарсоӣ, ҷиддӣ будан, далерӣ ва шуҷоъ будан ва ғайраро тарбия диҳанд ва ташаккул диҳанд.

Зиндагӣ ин маҷмуи каму бешиҳост ва он роҳи пурпечу тоб ва ноҳамворе дораду мушкилпай ва фақат он нафароне онро нисбатан осонтар пай менамоянд ва ба қуллаи мақсуд мерасанд, ки хислатҳои номбаршударо моликанд. Пеш аз ҳама падару модар ва баъдан дигар аъзои оила бо ибрати шахсӣ бояд нишон диҳанд, ки дар ҳолатҳои мушкили зиндагию рӯзгор наҳаросида, баръакс бо сабру таҳаммул ва кумаки ҳамдигарӣ, бо дастгирию ёрмандии ҳамдигарӣ, бо якдигарро фаҳмидан ва бо гузашткуниву бахшоишҳо чӣ тавр метавон муҳити оиларо аз ҷиҳати равонӣ ва маънавӣ солим гардонид ва зиндагиро хушбахтона ва орому осоиштаву босамар гузаронид.

Ҷадвали№2. **Хислату сифатҳои зарурӣ, ки дар фарзандон барои омодагии оилавии ояндаи онҳо тарбия дода мешаванд**

Иҷтимоӣ	**Шахсӣ**
Ватандӯстӣ	Инсондӯстӣ, муҳаббат ба Ватан, садоқат ба ҳар як гӯшаву канори он.
Меҳнатдӯстӣ	Таҳаммулгароӣ, шавқу завқ ба меҳнат.
Соҳиби касбу ҳунар будан.	Раҳмдилӣ, кӯшишу ғайрат.
Фаъолнокӣ	Саховатмандӣ, ташаббускорӣ, пешқадамӣ.
Эҳтиромгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, урфу одату анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои умумибашаҳрӣ.	Ҷавонмардӣ, далерӣ ва шуҷоъ будан. Меҳру муҳаббат ва дӯст доштани муқаддасоти миллӣ.
Илмдӯстӣ	Тоқатфарсоӣ, сабру таҳаммул.
	Ҷиддӣ будан
	Тарбияи зеҳнӣ, зебоипарастӣ, маънавию ахлоқӣ.
Эҳтиром ба муқаддасоти оилавӣ	Эҳтиром ба падару модар, ба калонсолон ва тифлон, ба анъанаҳо, суннатҳо ва расму оинҳои оилавӣ.

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст.

Маълум аст, ки агар дар муҳити оилавӣ волидайн ба фарзандон муқаддас будани издивоҷу никоҳ ва оиларо аз хурдӣ талқин кунанд ва он бо ибрати шахсии падару модар, бобову бибӣ ва дигар аъзои оиладори хонавода амалан нишон дода шавад, фарзандон ин арзишҳоро дарк ва қадр карда, дар оянда оилаи солим метавонанд бунёд созанд. Мусаллам аст, ки донистани қадри дигарон аз қадру қимат ва мақоми хешро дар оила ва дар ҷомеа донистану шинохтан манша мегирад. Никоҳ суннат аст. Агар падару модар суннатҳои оиладориро ба фарзандон фаҳмонанд, аз хурдсолӣ то ба синни оиладорӣ расидан онҳо аллакай омода мешаванд.

Ба фикри мо, дар муҳити оила ба фарзандон омӯзонидан ва талқини ин гуна хислатҳо аз ҷониби падару модар ва дигар аъзои калонсоли оила дар кори муҳимми ба зиндагии оилавӣ омода намудани наврасону ҷавонон муфид ва самаровар хоҳад буд. Зеро шахсе, ки худшинос нест ва иззати худро, қадри меҳнат ва мақому манзалати хешро намедонад, ба ҳеҷ ваҷҳ ба қадри иззату эҳтироми дигарон, ба шахсияти дигарон арҷгузорӣ карда наметавонад.

Миллати тоҷик мақоли хубу арзишманде дорад, ки «Хишти аввал гар ниҳад меъмор каҷ, то ба охир меравад девор каҷ». Ин ҳикмати ниёгони мо ҳушдор аз он медиҳад, ки дар кори тарбияи фарзандон ва насли наврас ҳанӯз аз лаҳзаҳои аввалини ба тарбияи кӯдак даст задан бояд, ки дар оила падару модар ва дигар аъзои он масъулияти баланд эҳсос намоянд ва ҳамеша бар он кӯшанд, то ин ки дар ягон самту ҷанбаҳои тарбия ва омода намудани насли наврасу ҷавон ба ҳаёти оилавӣ - иҷтимоӣ, маънавӣ-эстетикӣ, ҳуқуқӣ, руҳӣ, физиологӣ-гигиенӣ, хоҷагӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ ба ҷузъитарин, ба хурдтарин саҳву хато роҳ надиҳанд. Бинобар ин омилҳо, аз омода набудан ба ҳаёти оилавӣ вайроншавии оилаҳо, афзудани талоқ дар тамоми ҷумҳурӣ ба назар мерасад.

Дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар ҳамкории дуҷонибаи падару модар ва фарзандон омили муҳим ин интихоби ҳамсари оянда мебошад. Дар аксари оилаҳои имрӯзаи тоҷик барои фарзандон домод ва ё арӯсро бе розигӣ ва майлу хоҳиши фарзанд падару модар ва ё хешовандон интихоб мекунанд. Дар чунин ҳолатҳо падару модар масъулияти калонро бар дӯши худ мегиранд ва боварӣ доранд, ки онҳо барои фарзандашон ҳамсари хуб интихоб карданд. Интихоби зан ва ё шавҳар барои фарзанд кори хело мушкилу мураккаб ба ҳисоб меравад, чунки тақдири ояндаи вай ҳал шуда истодааст. Дар ин кор саросемагии падару модар ва ё фарзанд метавонад ба хатогӣ оварад.

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки:

- ҳамкории падару модар ва фарзандон дар омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ аҳаммияти хоса дорад. Маълум аст, ки фарзандон маҳз дар оила ташаккул меёбанд ва сифату малакаҳои лозимаро аз худ мекунанд. Инсон дар тули ҳаёташ бо дигар одамон бо ин ва ё он тарз ҳамеша дар робита мебошад. Барои кӯдак робитаи аввалин ва аз ҳама муҳим ин алоқа бо падару модар ва аъзои хонавода мебошад.

- азбаски яке аз хислатҳои кӯдак ин тақлидкорӣ аст, ӯ тамоми рафтору амал, хислату сифатҳои аҳли хонаводаро аз худ мекунад ва ё тақлид мекунад. Аз ин ҷост, ки бисёре аз фарзандони як хонавода бо хислату гуфтору рафторашон ба якдигар монанданд. Гап дар сари он аст, ки кӯдак чигуна сифату хислатҳоро аз худ мекунад? Оё ин хислату сифатҳо мусбӣ ва барои ҷомеа манфиатоваранд? Барои ҳамин, рафтору кирдор, амалу сифатҳои аҳли хонавода ва махсусан падару модар дар оила бояд намунавӣ, мусбат ва шоистаи тақлид бошанд.

- дар ҳамкории дуҷонибаи падару модар ва фарзандон дар омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ пеш аз ҳама, муҳит ва фазои руҳии ором шарти асосии пешрафти оилаҳо ба ҳисоб меравад. Фазои равонӣ, муҳити дурусти педагогӣ дар оила, дар таълиму тарбияи фарзандон нақши бориз дорад ва агар он нодуруст ба роҳ монда шавад, чунин оила на мустаҳкам ва на давомдор ва на дар он шахсияте ба камол расида наметавонад. Чунин кӯдакон оилаи солим ва ояндаи хубро барпо карда наметавонанд.

- азбаски кӯдаки наврас бештари вақти хешро дар муҳити оила, дар ҳалқаи падару модар ва дигар аъзои оила мегузаронад, ӯ бештар аз тарзи муошират муносибати онҳо ибрат мегирад. Ба ин хотир падару модар ва дигар аъзои оиларо лозим ва зарур аст, ки дар

муошират муносибат ба ҳамдигарӣ ва низ бо кӯдак муҳаббату самимият, эътимоду боварӣ, иззату эҳтиром, дилсӯзию ғамхорӣ, ҳамдардӣ, кумаки беғаразона, ҳамдигарфаҳмӣ, хушгуфторӣ, сабру таҳаммул, эътирофи шахсият ва амсоли инҳо барин хислатҳои ҳамидаи инсониро зоҳир намоянд ва барои фарзандон намунаи ибрат гарданд.

Адабиёт:

1. Абраменкова В.В. Социальная психология детства: развитие отношений ребенка в детской субкультуре / Московский психолого-социальный институт// В.В. Абраменкова [Текст]. Воронеж: НПО “Модэк”, 2000. -416с
2. Анаутова Е. Методы обогащения воспитательного опыта родителей/ Дошкольное воспитание // Е. Анаутова [Текст]. М.: 2002, №9. –С.51,55-58.
3. Божович Л.И. Шахсият ва ташаккули он дар синни кӯдакӣ / Л.И. Божович [Матн]. М: Знание, 1979. – С.96
4. Колесниченко Ю.И. Нравственная подготовка молодежи к семейной жизни в русской народной педагогике / Ю.И. Колесниченко [Текст]. Пятигорск. 2004.
5. Макаренко А.С. Сочинения / А.С. Макаренко [Текст]. Т.VI.С.351.
6. Мирзоев И. Семейные традиции в воспитании детей / И. Мирзоев [Текст]. Мактаби советӣ. 1975, - №5. - с. 60-61. (на тадж. яз).
7. Носири Хисрав. Избранное / Пер. А. Адалис [и др.]; сост., коммент. и ред. И. Брагинского; вступ. статья Л. Бузург-Зода.[Текст]. — Сталинобад: Государственное издательство Таджикской ССР, 1949
8. Раҷабзода Д. Хусусиятҳои анъанаи омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ва татбиқи он дар замони муосир. Диссертатсия н.и.п. Кӯлоб 2021. С.99,100 (С.184).
9. Сенека Л.А. Труды. Нравственные письма к Луцилию / Л.А. Сенека [Текст]. М.: Худож. Лит., 1986. -543с.
10. Сухомлинский В.А. Родительская педагогика / В.А. Сухомлинский [Текст]. - М.: Знание, 1978. - 95 с.
11. Сухомлинский В.А. Дар бораи тарбия / В.А. Сухомлинский [Матн]. М: Нашриёти сиёсӣ, 1973. -273 с.

ҲАМКОРИИ МУТАҚОБИЛАИ ПАДАРУ МОДАРОН ДОИР БА ТАРБИЯИ ФАРЗАНДОН ВА ОМОДА НАМУДАНИ ОНҲО БА ҲАЁТИ МУСТАҚИЛОНАИ ОИЛАВӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф ҷиҳати ҳамкории мутақобилаи фарзандон ва падару модарро дар тайёрии ҷавонон ба ҳаёти мустақилона зери омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Бояд қайд кард, ки масъалаи мазкур мубрам ва рӯзмарра ба ҳисоб рафта, муаллиф пайдарҳам, фаҳмо ва саҳеҳ паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо баррасӣ кардааст. Дар мақола муаллиф, такя ба ақида ва ғояҳои мутафаккирону олимони ин соҳа, нишон медиҳад, ки бе ҳамкории зич ва мутақобилаи фарзандон ва падару модар тарбияи ҷавонон ғайриимкон аст ва ин метавонад дар оянда ба таълиму тарбия ва тайёрии онҳо таъсири манфӣ расонад. Мақолаи мазкур ба тамоми талаботи имрӯзаи нашрияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, мушкилоти рӯзамараи ҷомеаро пешбинӣ мекунад. Муаллиф дар мақола якчанд ҷиҳатҳои ҳамкории мутақобилаи падару модар ва фарзандонро таҳлил намуда, пешкаши хонанда намудааст. Аз ҷумла, ӯ қайд мекунад, ки дар ҳамкории дуҷонибаи падару модар ва фарзандон дар омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ пеш аз ҳама, муҳит ва фазои руҳии ором шарти асосии пешрафти оилаҳо ба ҳисоб меравад. Фазои равонӣ, муҳити дурусти педагогӣ дар оила, дар таълиму тарбияи фарзандон нақши бориз дорад ва агар он нодуруст ба роҳ монда шавад, чунин оила на мустаҳкам ва на давомдор ва на дар он шахсияте ба камол расида наметавонад. Чунин кӯдакон оилаи солим ва ояндаи хубро барпо карда наметавонанд. Муаллиф, инчунин дигар омилҳои муҳимми ҳамкории мутақобилаи падару модар ва фарзандонро муҳокима ва таҳлил намуда, фикру андешаҳои худро баён мекунад.

Калидвожаҳо: падару модар, фарзандон, кӯдакон, хонанда, мактаб, синну сол, омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ, мустақил, педагогика, омил, анъанаҳо, робита, мутақобила.

СОТРУДНИЧЕСТВО РОДИТЕЛЕЙ В ВОСПИТАНИИ ДЕТЕЙ И ПОДГОТОВКЕ ИХ К САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ СЕМЕЙНОЙ ЖИЗНИ

В данной статье автор расматривает и анализирует взаимодействие детей и родителей в подготовке молодежи к самостоятельной жизни. Следует отметить, что этот вопрос считается актуальным и повседневным, и автор последовательно, ясно и точно рассмотрел различные аспекты этого вопроса. В статье автор, опираясь на мнения и идеи мыслителей и ученых в этой области, показывает, что воспитание молодежи невозможно без тесного и взаимного сотрудничества детей и родителей, и это может оказать негативное влияние на их воспитание и обучение в будущем. Данная статья отвечает всем требованиям современных научных изданий и предвидит повседневные проблемы общества. В статье автор проанализировал несколько аспектов взаимодействия родителей и детей и представил их читателю. В частности, она отмечает, что при двустороннем сотрудничестве родителей и детей при их подготовке к семейной жизни главным условием благополучия семей считается, прежде всего, спокойная обстановка и атмосфера. Душевная атмосфера, правильная педагогическая среда в семье играет значительную роль в обучении и воспитании детей, и если ею не управлять должным образом, такая семья не является ни крепкой, ни непрерывной, и в ней не может вырасти личность. Такие дети не смогут построить здоровую семью и хорошее будущее. Автор также обсуждает и анализирует другие важные факторы взаимодействия родителей и детей и высказывает свои мысли.

Ключевые слова: дети, родители, школа, ученик, возраст, семья, подготовка к жизни, самостоятельность, педагогика, семья, фактор, традиции, связь, взаимодействие.

COOPERATION OF PARENTS IN RAISING CHILDREN AND PREPARING THEM FOR INDEPENDENT FAMILY LIFE

In this article, the author examines and analyzes the interaction between children and parents in preparing young people for independent life. It should be noted that this issue is considered to be relevant and everyday, and the author has dealt with the various aspects of this issue in a consistent, clear and accurate manner. In the article, the author, relying on the opinions and ideas of thinkers and scientists in this field, shows that the education of young people is impossible without close and mutual cooperation between children and parents, and this can have a negative impact on their upbringing and education in the future. This article meets all the requirements of modern scientific publications and anticipates everyday problems of society. In the article, the author analyzed several aspects of interaction between parents and children and presented them to the reader. In particular, she notes that with bilateral cooperation between parents and children in preparing them for family life, the main condition for the well-being of families is considered, first of all, a calm environment and atmosphere. The spiritual atmosphere, the correct pedagogical environment in the family plays a significant role in the education and upbringing of children, and if it is not managed properly, such a family is neither strong nor continuous, and a person cannot grow in it. Such children will not be able to build a healthy family and a good future. The author also discusses and analyzes other important factors in parent-child interactions and offers his own thoughts.

Key words: children, parents, school, student, age, family, preparation for life, independence, pedagogy, family, factor, traditions, connection, interaction.

Маълумот дар бораи муаллиф: Дилафрӯз Рачабзода-номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. **Тел:**+992987522500

Сведения об авторе: Дилафруз Раджабзода – кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры гуманитарных наук и методики их преподавания

Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. **Телефон:** +992987522500

Information about the author: Dilafruz Rajabzoda – Candidate of Pedagogical Sciences, Department of Humanities and Methods of Teaching, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. **Phone:** +992987522500

ТДУ:371+372 (2-тоҷ)
А-16

РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ДАР ЗАМИНАИ АФКОРИ ПЕДАГОГИИ ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ ОИД БА ИНСОНГАРОЙӢ ВА ИНСОНИ КОМИЛ

Абдулмаҷидзода М.А., унвонҷӯ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар дини ислом нисбат ба муносибати падару модарон бо фарзандон ва тарбияи онҳо ба хотири зиндагии шоиста як қатор дастурҳо вуҷуд доранд. Пеш аз ҳама ислом (ва тасаввуф ҳамчун яке аз шохаҳои он) бар ин бовараанд, ки ҳама фарзандон табиатан пок ба дунё меоянд ва танҳо пас аз он волидон фарзанди худро ҳамчун намояндаи ин ё он дин ташаккул медиҳанд. Кӯдак ба дунё бегуноҳ меояд, ба кирдорҳои бад, бадахлоқӣ майл надорад, аз ин рӯ, агар кӯдаки то даҳсола амалҳои ношоистаро анҷом диҳад, ин далели он аст, ки ӯ амали калонсолонро нусхабардорӣ мекунад, яъне ба калонсолон тақлид мекунад ва ин маънои онро дорад, ки волидон бояд, пеш аз ҳама, ба худашон таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. [4, с. 104-110]

Балхӣ чунин мешуморад, ки аслан, муассиртарин роҳи тарбия худ намуна будан аст. Ӯ инро дар «Масал дар бораи таълимоти ахлоқ» **хел хуб** тасвир кардааст. Модар писарашро, ки ширинихоро зиёд мехӯрд, ба назди ҳаким оварда, аз ӯ хостааст, то кӯдакро аз ин одат дур кунад. Балхӣ аз ӯ хоҳиш кард, ки пас аз се ҳафта, пасон боз баъд аз се ҳафтаи дигар баргардад ва танҳо баъд аз ин ба кӯдак гуфт: - «Насиҳати маро бишнав, шакари зиёд нахӯр...». Зан дар ҳайрат монда, аз ҳаким мепурсад, ки чаро дар вохӯрии аввали ӯ ин ҳарфҳоро нагуфтааст? Ва ӯ тавзеҳ дод, ки худаш низ ин одати бади сӯйиистифодаи шакарро дорад ва пеш аз он ки ба кӯдак маслиҳат диҳад, бояд шахсан боварӣ ҳосил кунад, ки аз он халос шуданаш мумкин аст ё не. Аммо се ҳафтаи аввал барои ӯ басанда набуд, аз ин рӯ, ин муддатро се маротибаи дигар дароз кард ва танҳо бо кам кардани миқдори шакар дар парҳези худ ӯ ҳақ дорад, ки ба дигарон маслиҳат диҳад.

Кӯдакӣ давраи омӯзиш аст ва дар ин давра кӯдакон ҳам тарзи зиндагӣ ва ҳам тарзи тафаккури худро аз калонсолон қабул мекунанд: «Кӯдак дар аввал ҳамчун кӯдаки ширмак ба дунё омада, муддате хомӯш аст, тамоман кар аст, як муддат бояд даҳонашро аз сухан бипӯшад, то сухан омӯзад».

Зоҳиран Балхӣ вазифаи ташаккули инсони комилро ичрошаванда медонист ва маҳз ба ин кор саъю кӯшиши ӯ дар офаридани осори сершумораш (масалҳо, ҳикояҳо қиссаву афсонаҳо ва ғайра) бахшида шудааст, ки мутлақо панду насиҳатро дарбар мегиранд. Балхӣ дар тафсири муосири ин мафҳум низоми педагогии худро эҷод накардааст, балки дар асоси андешаҳои худ дар бораи сохти ҷаҳон, ҷой ва нақши инсон ва иртиботи ӯ бо Худованди мутаол як низоми арзишҳои башардӯстонаро таблиғ менамояд.

«Маснавии маънавӣ» ҳамчун «китоби зиндагӣ» то андозае васиятномаи педагогӣ, дастурамал дар масъалаи ташаккули инсони комил маҷмуаи панду ҳикматҳои Ҷалолиддини Балхиро дар бар гирифта, асари бузургтарини ӯ ба шумор меравад. «Ин китоб - «ал-Маснавӣ», пояи асосҳои дин дар ошкор кардани асрори пайвастан ва эътимод аст,.... ҳам дармонест барои дилҳо ва ҳам дафъи ғамҳо ва ошкоркунандаи Қуръон». [2, с. 71]

Сарфи назар аз «шавқовар» буданаш (бо истиораҳо, латифаҳо, афсонаҳои дунявӣ ва ғайра) ин асар, ба назари муҳаққиқон рисолаи хеле ҷиддӣ буда, дар он матнҳои Қуръон, ҳадис ва масалҳо барои тасвири ҳар як «дарс» истифода шуда, намунаи истифодаи таълимоти баёнкардаи шайх/устод дар ҳаёти маънавӣ ва амалии инсон аст: «Саъй кардам, то сохти ал-Маснавӣ, ки аҷоиботу ғароибот, гуфтори баргузида ва гавҳари дастурот, шеваи зоҳидон ва боғи ибодаткунандагонро дар худ гирифтааст, дар сохт мухтасар, вале аз ҷиҳати маънӣ фаровон бошад».

Дар яке аз тарҷумаҳои Қуръон далели истифода аз ин усулро дармеёбем: «Дар роҳи ҳақиқат ба Худо мисол овардан аз магас ва ҳатто чизе хурдтар аз он хиҷолат ва айбу шарме нест. Ва муъминон имон доранд, ки ин ҳақ аз ҷониби Парвардигорашон аст. Кофирон мегӯянд: «Худо аз ин мисол чӣ мехост?» Бо он бисёриро гумроҳ мекунад ва бисёриро ба роҳи рост ҳидоят мекунад, вале танҳо фосиқонро ба он гумроҳ мекунад». Ҳамзамон, ҳар як постулат (ҳақиқат), ҳар як андешаи баёншуда ҳамаҷониба ва чандинкарата баррасӣ гардида, бо тамоми ҷанбаҳои дастрас ошкор гардида, мавриди таҳлили муфассал қарор гирифта, бо истинод ба матнҳои муқаддас ва ғ.оварда мешавад.

Чунин «тафсил», дарки мавҷудият, ҷустуҷӯйи далели ҳақиқати муқаррароти мухталифи таълимоти тасаввуф марҳилаи зарурӣ дар ташаккули инсони комил маҳсуб меёбад, вале қадри ин гуна фарди рӯшанфикру пурилҳом, ки мақсади аслиашро маърифат кардааст, ба назари Балхӣ беандоза баланд аст, зеро ӯ «аз оташ гавҳаре мебарорад, аз [ҳазорон] зиён манфиат хоҳад оварда. Агар инсони комил хокро [ба дасти худ] гирад, зар гардад ва, агар шахси ноқис (пораи) тиллоро бибурад, ба хокистар табдил меёбад». Гузашта аз ин, «дасти ӯ дар амал дасти Худост» ва хости Худованд ҳама чизро дигаргун месозад: ҷаҳолате, ки ба салоҳ меояд, ба дониш ва куфр ба имон табдил меёбад. [14, с. 106]

Саъю кӯшиши расидан ба камолот барои Балхӣ азми қатъиро дар ҷустуҷӯ ва азхудкунии дониш дар бораи сохти олам, дар бораи он қисмате, ки ҷисми инсон дар он қарор дорад ва дар бораи он роҳҳое, ки ба шинохти сатҳи олии маънавӣ мерасонад, ҳамчунон дар бораи сарнавишт ва мақсади инсони бомаърифат ва масъулияти ӯ дар назди Худованди мутаол ифода мекунад. «Танҳо бо чашми ақлу хирад метавон дид, ки Ваҳдати Илоҳӣ дар паси пардаи амалҳои мутақобилаи доимии байни Илтифот ва Ғазаб, Зебоӣ ва Ҳашамат ниҳон аст»

Инсоне, ки ҳадафи ба камолот расиданро дар назди худ гузоштааст, бояд дастурҳои муайяни арзишмандеро омӯзад, ки барои ташаккули симои мусбати «МАН» зарур буда, ба кас имкон медиҳад аз мавқеи ахлоқу маънавиёт устувор бошад ва мувофиқи идеал амал кунад, на танҳо барои ҳимояи принсипҳои худ ҷасорат нишон диҳад, балки онҳоро таблиғ намуда, тавассути панду насиҳат ба пайравонаш бартарияти руҳи инсонро нисбат ба ҷисми ӯ устуворона исбот намояд. [2, с. 112]

Албатта, инсони комил бо эътирофи авлавияти қазову қадар ва сарнавишти илоҳӣ ва ҳамзамон тавоноии инсон дар интихоби кору пайкор ва роҳи зиндагии хешро дарк намуда, тамоми фикру амалро бо постулатҳои (ҳақиқатҳои) имон муқоиса мекунад. Дар саъю кушиш ба сӯйи камолот инсон бояд кобилияти дарки зебоии олами атрофро инкишоф дода, аз қонунҳои табиат, ки асли илоҳӣ доранд, ба ваҷд ояд, бояд дӯст доштани руҳи одами дигар, хислатҳои мусбати зотан доштаи вайро ёд гирад ва ба ӯ барои бартараф намудани ҷозибияти олами моддӣ, рад кардани васвасаи он ёрӣ расонад. Инсоне, ки барои комил шудан талош мекунад, бояд муқовимат ба ғурур, хушомадгӯйӣ, васвасаи қудрат ва сарватро омӯзад. [3, с. 112]

Қобил ба зикр аст, ки инсони комил ба худ такягоҳ меҷӯяд ва онро дар худ меёбад, ба ботини худ муроҷиат намуда, дарки ҳақиқат ва тавонои парвоз кардан, пайвастан ба руҳи илоҳиро дармеёбад. Маҳз ҳамин робита бо қудратҳои илоҳӣ ба ӯ имкон медиҳад, ки дар дунёи моддӣ покӣ ва устувориро нигоҳ дорад, зеро барои ӯ на фазо муҳим аст ва на вақт. Ӯро танҳо ҳиссиёти ботинӣ роҳнамоӣ мекунад: «Ӯ бояд... Ақли умумиро дар дохили худ пайдо кунад ва пурра таҳти назорати табиати Фаришtаи худ қарор гирад, зеро Фаришта ва Ақл як буданд, аммо ба хотири аҳдофи Худо ду шакли гуногунро гирифтанд».

Дар тафаккури Балхӣ зимни тасвири сифатҳои инсони комил на танҳо ба Руҳ, балки ба Дил ҳам ишора карда мешавад, аммо дар тасаввуф ин вожа на махзани ҳиссиёт ва эҳсосот, балки «руҳи ором»-ро ифода мекунад, ки ба раванди таҳаввулот дучор шудааст. Муҳаққиқ Ҷавод Нурбахш дар

таҳқиқи худ ба ин натиҷа омадааст, ки аксари мардум дар фаҳмиши тасаввуф умуман «дил» надоранд (дилро намебинанд), зеро онҳо «...дар сатҳи равонии табиати моддӣ қарор доранд».

Балхӣ дар муҳимтарин осори худ саъй кардааст ба он ҷанбаҳои шахсият ва шароити зиндагӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намояд, ки ба инсон имкон медиҳанд ба камолот наздик шуда, ниҳоятан инсони комил гардад, инчунин дарк намояд, ки чунин шахс аз тарафи дигарон чӣ гуна баҳо дода мешавад, чаро ба панди ӯ гӯш медиҳанд ва эҳтиромаш мекунанд, муошират бо инсони комил ба одамон чӣ таъсире дорад, ҳарчанд ҳикмати андешаҳояш дар шакли мисраъҳои манзум ба онҳо рафта мерасад.

Ин анъанаи арҷгузорӣ ба шахсиятҳои барҷастаи ҳар давру замон дар тамоми фарҳангҳои ҷаҳонӣ баръало мушоҳида мешавад; ҳар як комёбии тафаккури инсонӣ, ҳам пештар ва ҳам ҳозир бо шахсиятҳои муайян алокаманд аст. [9, с. 164-172]

Мафҳуми «ал-Инсон-ул-комил» дар тасаввуф (ва умуман дар Ислом) шахсияти идеалӣ, як навъ ноиби Худо (халаф) дар рӯйи заминро тавсиф мекунад, ки асрори табиат барои ӯ вуҷуд надорад. Ба маънои васеътар ин истилоҳ метавонад ба ҳар муъмине ишора кунад, ки дар амалияи динӣ бо ҳадафи таҳаввул ба сатҳи як мавҷудоти рӯҳонӣ ва ҳатто илоҳӣ муваффақ шудааст. Ин мафҳумро дар охири ҳазораи аввал фақеҳ Мансури Ҳаллоҷ ворид кардааст ва баъдан Ибни Арабӣ дар осори худ ба ифшо ва тафсири он мақоми ҷиддӣ бахшидааст. Тибқи версияи ӯ, танҳо паёмбар Муҳаммад ба ин унвон комилан мувофиқ аст, аммо ал-Инсон ул-Комил метавонад дар ҳар як шахсе, ки ба амалҳои тасаввуфӣ машғул аст, зоҳир шавад. Ибни Арабӣ тавзеҳ додааст, ки Худо мехоҳад «таҷассуми худро дар як мавҷуди дастаҷамъе бубинад, ки тамоми тартиботи оламро фарогир, дорои сифатҳои ҳастӣ бошад ва ба василаи он сирри Худро барои худ ошкор кунад» ва боз ҳам тавзеҳ додааст, ки «халафӣ ба ҷуз Инсони комил ба касе лоиқ нагардид, зеро Ӯ шакли зоҳирии онро аз рӯйи ҳақиқати олам ва шаклҳои он, шакли ниҳонии онро бошад, аз рӯйи шаклҳои худ сохтааст».

Азизиддини Насафӣ дар китоби «Инсони комил» ба хулосае омадааст, ки шайх, ҳодӣ, маҳдӣ, имом, халифа номҳои инсони комилест, ки дар ҳама давру замон идеал мебошанд. Хислатхои Ӯ дар анбиё (Сулаймон, Исо ва ғайра), дар паҳнкунандаи мабдаи ахлоқ Хизр ва дигар қаҳрамонони ҳамосаҳо баръало зуҳур ёфтаанд. Ба эътиқоди фақеҳ, нишонаҳои (хусусиятҳои) асосии инсони комил хирадмандӣ, наҷобат, хайрхоҳӣ, меҳрубонӣ, ҳамдардӣ, инсондӯстӣ ва инчунин тавоноии бо вуҷуди ҳар гуна печутоби тақдир дар оромиши руҳӣ будан маҳсуб меёбад. Ин оромии руҳ натиҷаи имони инсони комил ба рисолати илоҳии худ аст. [3, с. 95-100]

Бояд тазаккур дод, ки ғояи инсони комил «ихтироъ»-и ислом нест: дар фарҳанги ғарб симои марди комил дар асри якуми пеш аз милод пайдо мешавад ва баъдтар мо онро дар асарҳои мухталифе дучор меоем (масалан, дар «Комедияи илоҳӣ»-и Данте), ба тафсири он бисёр фақеҳон ва файласуфон машғул шудаанд. Фридрих Нитсше дар асари худ «Зардушт» чунин гуфтааст: «инсони комилро таҷассуми ғояҳои ҳадаф ва маънои мавҷудияти инсон медонад».

Осори Балхӣ, чуноне ки дар рафти ин таҳқиқ на як бору ду бор мушоҳида кардем, воқеан пурра ба баёни андешаҳои ӯ дар бораи кӣ будани инсони комил ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ба чунин камолот расидан бахшида шудааст. Ба ҳамзамонони бузурги худ нигариста, зиндагиномаи анбиё ва мутафаккирони гузаштаро мутолиа намуда, дид, ки ин одамон бешубҳа ҷузъи олами моддианд, мувофиқи қонунҳои физикии он зиндагӣ ва амал мекунанд, вале чузъи маънавии онҳо ҳақиқатан ҳам ба ин олам тааллуқ надорад: симои инсон ва руҳи ӯ ба сохторҳои гуногун тааллуқ дорад.

Балхӣ ҳанӯз дар мисраъҳои нахустини Маснавӣ мақсади асосии худро равшан нишон медиҳад: дар «Суруди най» хонандаро ба гӯш кардани «навои руҳ» ва ҷустуҷӯйи илоҳӣ дар ботини худ, ба ҷустуҷӯйи роҳи Нуру Ҳақ, ба он ҳолате, ки ба тавсифи инсони комил хос асту садҳо байтҳои мутафаккир ба васфи он бахшида шудаанд, даъват мекунад:

Нури Ҳаққию ба Ҳақ ҷаззоби ҷон,
Халқ дар зулмоти ваҳманду гумон.
Шарти таъзим аст, то ин нури х(в)аш,
Гардад ин бедидагонро сурмакаш.
Нур ёбад мустаъиди тезкӯш,
К-ӯ набошад ошиқи зулмат чу муш.

омадааст дар Маснавӣ **(**Дафтари панҷум, байти 23) [10]**.**

Бо вуҷуди ин, Балхӣ таассуф мехӯрад, ки барои иҷрои ин вазифа «тамоми вожаҳои дунё,... тамоми рангҳо» кофӣ нест:

Қадри ту бигзашт аз дарки уқул,
Ақл андар шарҳи ту шуд булфузул.
Гарчи оҷиз омад ин ақл аз баён,
Оҷизона ҷунбише бояд дар он.

Дар роҳи расидан ба камолот инсон бо дуроҳаву васвасаҳои зиёд рӯбарӯ мешавад ва ба касе рӯ ба рӯ нагаштан бо нохушиҳову хатоиҳо кафолат дода намешавад. Аммо иштибоҳ кардан, ба гуфтаи шоир, эҳтимол беҳтарин василаи дарки ҳақиқат ва итминон ба дурустӣ ва ҳикмати паёмбарон бошад. Фақат, ки шумо бояд сабабҳои ин хатоиҳо ва оқибатҳои онҳоро таҳлил карда тавонед, то худатон дигар ҳеҷ гоҳ ин корро такрор накунед ва дигаронро аз он огоҳ созед. Балхӣ муътақид аст, ки ҳеҷ монеае наметавонад хостгори воқеии камолотро маҷбур кунад, ки аз роҳи интихобкардааш рӯй гардонад, ҳама озмоишҳо бояд ӯро танҳо дар имон ва хоҳиши анҷоми он коре, ки ба нақша гирифтааст, қувват бахшад: «Ҳар касе, ки камбудиҳояшро дида ва дарк кардааст, барои комил шудани худ дар даҳ асп тохтааст». [11, с. 114-129]

Роҳи худинкишофдиҳӣ ё худ расидан ба камолот ҳадафи ниҳоӣ надорад, зеро баробари расидан ба ҳар як сатҳи нав шахс имкони васеъ кардани дониши худро дар бораи сохти олам пайдо мекунад, барои ҷудо кардани фарқияти байни неку бад (хайру шарр), дар шинохти найрангҳое, ки нафси ҳайвонӣ барои мутеъ кардани руҳ ва инкор кардани мавҷудияти илоҳӣ ба кор мебарад, тачрибаи калон ба даст меорад: «Корвонсаройҳои зиёде бояд бино намуд, ки то рӯзе одаме барои маскан гирифтан ба он ҷо расад. Агар равзана ё хона аз нур пур шавад, фикр накун, ки ба ҷуз аз офтоб чизе равшанӣ намедиҳад. Ҳар дару девор садо хоҳад кард: «Ман медурахшам, ман аз ягон чизи дигар дурахше надорам, ин манам!». Он гоҳ хуршед гӯяд: «Эй, нопухта, вақте ман чун ба ҷунбиш меоям, [ҳама] равшан мегардад!»

Аз ин рӯ, ҳеҷ кас наметавонад худро комил эълон кунад ва аз ҷустуҷӯйи маънавиёт даст кашад, то ба муроди худ расад.

Ҳатто, агар инсон гумон кунад, ки ба қуллаҳои мутлақ расидааст, боз ҳам бояд пайваста худро бисанҷад ва аз Худои мутаол хирад ҷӯяд, то бори дигар устуворӣ ва садоқат ба тақдиру сарнавишти худ - сояи Худо дар замин буданро нишон диҳад: «Чун офтоб фурӯ рафт ва моро бо ғаму андуҳ нишонд, чорае нест ба ҷуз чароғе ба ҷояш гузошт...Модоме ки садбарг аз гул монду гулзор хароб шуд, буйи садбаргро мо аз кӣ хоҳем пай бурд? Аз гулоб. Модоме ки Худо ба чашм намоён намегардад, ҷойнишинони Ҳақ фиристодагони Ӯянд» Азбаски Худо ба чашм айён нест, ноиби асли Ҳақ фиристодагонанд. [4, с. 66-82]

Аз нигоҳи Балхӣ шахсе, ки барои камолот талош мекунад, бояд пайваста як навъ «санҷиш»-и эҳсосот ва ормонҳои хешро анҷом диҳад ва дар худ тухми иллате (эҳтимолӣ)-ро бичӯяд, агар ки сари вақт аз онҳо раҳоӣ наёбад ва нафси худро «бе назорат ва парастории» гузорад, месабзанд. Худованди мутаъол барои ёдоварии ин зарурат ба инсон имтиҳонҳо мефиристад: «...Фаҷоте ҳаст, некиву бад, то чун ҷӯшад, зарро аз қаър ба рӯй орад»: (367-368-370/дафтари 4):

Як назар қонеъ машав з-ин сақфи нур,
Борҳо бингар, бибин: «ҳал мин футур»?
Чунки гуфтат, к-андар ин сақфи накӯ,
Борҳо бингар чу марди айбҷӯ....
То биполоем софонро зи дурд,
Чанд бояд ақли моро ранҷ бурд?
Имтиҳонҳои зимистону хазон,
Тоби тобистон баҳори ҳамчу ҷон.
Бодҳову абрҳову баркҳо,
То падид орад авориз, фарқҳо.
То бурун орад замини хокранг,
Ҳар чӣ андар ҷайб дорад лаълу санг.

(Дафтари 2, байтҳои 2960-2965) [10].

Сарнавишт ва ҳиссиёти ботинии инсони комил, ба қавли Балхӣ, хеле кам ба шароити берунӣ вобаста аст, зеро ӯ қодир аст, пеш аз ҳама, эҳсосоти худро идора кунад, дар озмоишу душвориҳо ғизои маънавӣ гирифта, роҳи такмили минбаъдаи худро пайдо кунад ва шоир низ зимни тавсифи имконоти инсони комил дар табодули олам аз ҳисоби табдил додани сахтиҳо ва мусибатҳои зиндагӣ, ки нафси ҷисмониро пора-пора мекунанд, ба «сабиқаҳои тилло»-и маънавиёт (дурри маънӣ), ки Руҳу Дилро ғанӣ гардонида, комил месозанд, маҳз ҳаминро дар назар дорад.

Шахсе, ки аз камолот дур аст, баръакс, ба шароити зоҳирии зиндагиаш вобаста аст ва на дарк карда метавонад ва на ба манфиати худ табдил дода, сахт азоб мекашад ва ғамгин мешавад. Моҳият ва сабабҳои рӯйдодҳоро намефаҳмад ва аз ҳама муҳиммаш, кӯшиш ба харҷ намедиҳад, ки дар бораи он андеша кунад, хулосаи зарурӣ барорад, аз хатоҳои худ, ки боиси оқибатҳои манфӣ гардида буданд, баҳра бигирад ва аз ин рӯ, ба ҳамон сайёди масали Балхӣ монанд аст, ки «...аз чизи ҷустуҷӯ мекардааш дур монд: ранҷу заҳматҳо барбод рафтанд, пойҳо абгор шуданд. Мисли он сайёде, ки соя мегирад: кай соя барояш ба сарват мубаддал мешавад? Мард сояи паррандаро сахт печонда гирифт ва парранда дар шохаи дарахт дар ҳайрат монд». [**14, с. 114-117**]

Барои Балхӣ инсони комил идеал аст ва танҳо муқоисаи худ ба ӯ роҳро нишон медиҳад. Ҳамчунон ки «... [нури] зоҳир аз Офтоб ва аз [ситораҳо], суҳост, пас [нури] ботин аз инъикоси Ҳақ аст».

Дар ҳикмати мардуми комил нишонаҳои «...беҳтарин [аз] касоне, ки ботинро мебинанд, илоҳӣ, маънавӣ, осмонӣ, пир, равшанбин, «назоратчиёни хомӯшӣ, ҳозирони ниҳон, маликони ҷӯлҳундипӯш ... фозилҳо, равшанфикрон (Илоҳоӣ) мебошанд», чунон ки баҳр, қувват ва тавоноии инсонро бештар ба вуҷуд меоранд, дониш, ки ба кас имкон медиҳад шаъну шараф ва маънавиятро парвараду, далерӣ, ки азми ирода дар роҳи камолотро тақвият мебахшад: «Он ки аз баҳр ба баҳр равон аст, аз куҷое омад, он ҷо бармегардад: аз қуллаи кӯҳ селҳои пурҷараён ва аз тани мо руҳи бо ишқ омехта, меравад». (1881, дафтари 5) [10]

Зуҳуроти ҳастӣ, ки инкишофи шахсияти инсонро тавассути тарбия (таълим) муайян мекунанд, объекти педагогика мебошанд. Аз ин лиҳоз, бо итминон метавон гуфт, осори эҷодии Балхӣ дорои зарфияти барҷастаи педагогӣ аст, зеро осори ӯ ибратбахш буда, дар ин таълимот, ки ба такмили инсон нигаронида шудааст, шоир ва мутафаккир ба фатҳи қуллаҳои дастнорас ноил гардидааст.

Дар замоне, ки Балхӣ зиндагӣ ва кор мекард, педагогика ҳамчун илм ҳанӯз вуҷуд надошт, он як қисми фалсафа буд. Андешаҳои педагогиро Демокрит, ки аввалин шуда ба табиат мувофиқ будани тарбияро эълон кард, баён кардааст, зеро вай чунин мешуморад, ки «тарбия одамро аз нав сохта, бо тағйир додан табиати дуюми вайро ба вуҷуд меоварад» ва мақсади тарбияро инкишофи ақлу ахлоқ донистааст. Суқрот, ки ҳамчунин таваҷҷуҳро ба зарурати рушди на танҳо ақлу заковат, балки ахлоқ низ равона менамояд, муътақид аст, ки фазилатҳои олӣ худдорӣ, шуҷоат ва адолат аст. Афлотун мақсади таълимро ошноӣ бо ҷаҳони ғояҳо ва бахусус, ғояи манфиати умумӣ медонист. Арасту муътақид буд, ки барои тарбияи ахлоқӣ, пеш аз ҳама, бояд ҳарчи бештар амалҳои ахлоқиро анҷом дод. Ҳамчунин, як зумра файласуфону мутафаккирони Рим ва мутафаккирони асримиёнагӣ ва баъд аз онҳо устодону мураббиёни давраи Таҷаддуд (Эҳё) низ афкори педагогии худро иброз доштаанд.

Тақрибан ҳамаи файласуфоне, ки пеш аз пайдо шудани педагогика ҳамчун илми мустақил роҷеъ ба масъалаҳои тарбия сухан мегуфтанд, мепиндоштанд, ки ҳадафи таълиму тарбияи инсон танҳо аз ба ӯ додани миқдори муайяни дониш ҳам дар бораи олам ва ҳам дар бораи илми мушаххас иборат нест. Барои онҳо мавзуи ташаккули ҷаҳонбинии муайян дар асоси меъёрҳои ахлоқӣ дар хонандагон хеле муҳимтар аст, то шахс тавонад мустақилона фикр кунад, амали худ ва рафтори дигаронро таҳлил намояд, самти рафтореро, ки ба самти арзишаш мувофиқ бошад, тартиб диҳад ва ҳамзамон дар ташаккули фазои муносиби атроф саҳм гузорад. Ашъори Балхӣ низ ба ҳамин мақсад хизмат намуда, барои баёни моҳияти фалсафаи худ, муваффақ шудан ба таблиғи афкораш ба шеваҳои зиёд кор мебарад, то ки одамонро ба роҳи камолоту худшиносӣ, ба гуфтаи шоир, новобаста аз он ки шароити берунӣ ба онҳо мусоид аст ё на, ҳидоят намояд [9, с. 184-186**]:**

Сурати зоҳир фано гардад, бидон,
Олами маънӣ бимонад ҷовидон.
Чанд бозӣ ишқ бо нақши сабӯ?
Бигзар аз нақши сабуву оби ҷӯ!

Сураташ дидӣ, зи маънӣ ғофилӣ,
Аз садаф дурре гузин, гар оқилӣ.
Ин садафҳои қаволиб дар ҷаҳон,
Гарчи ҷумла зиндаанд аз баҳри ҷон,
Лек андар ҳар садаф набвад гуҳар,
Чашм бигшо, дар дили ҳар як нигар.
К-он чӣ дорад? В-ин чӣ дорад? Мегузин,
З-он ки камёб аст, он дурри самин.

(Дафтари дуюм, байтҳои 1023-1028) [11].

Як қатор мавзуъҳои «Маснавӣ» гӯё духӯраанд, ба ҳамдигар ҷудо мешаванд; муаллиф гаштаю баргашта ба онҳо бармегардад, қиссаву ҳикояро дар шакли мубоҳиса тартиб дода, ба тарафдории ақидаҳои худ торафт бештар далелҳои нав меорад ва ё гӯё ҷиҳатҳои гуногуни онҳоро нишон медиҳад.

Мутафаккир бо шуруъ ба таълифи дафтари панҷуми Маснавӣ мефаҳмонад, ки ин қисмат саъю талоши ӯро барои маърифати мардум идома медиҳад, зеро ҳатто ҳаҷми чаҳор ҷилди қаблӣ барои равшанӣ бахшидан ба тафаккури сахтгиронаи ҳамзамононаш басанда набудааст:

Қадри ту бигзашт аз дарки уқул,
Ақл андар шарҳи ту шуд булфузул.
Гарчи оҷиз омад ин ақл аз баён,
Оҷизона ҷунбише бояд дар он.
«Инна шайъан куллуҳу ло юдраку,
Иъламу ан куллаҳу ло ютраку».
Гар натонӣ хӯрд тӯфони саҳоб,
Кай тавон кардан ба тарки хӯрди об.
Розро гар менаёрӣ дар миён,
Даркҳоро тоза кун аз қишри он.
Нутқҳо нисбат ба ту қишр аст, лек
Пеши дигар фаҳмҳо мағз аст нек.
Осмон нисбат ба арш омад фуруд
В-арна бас олист сӯйи хоктӯд.
Ман бигӯям васфи ту, то раҳ баранд,
Пеш аз он к-аз фавти он ҳасрат х(в)аранд.
Нури Ҳаққию ба Ҳақ ҷаззоби ҷон,
Халқ дар зулмоти ваҳманду гумон.

(Дафтари панҷум, байтҳои 15-23) [6].

Балхӣ рафтори инсонро ҳаматарафа омӯхта, ба хулосае омад, ки чор намуди мизоҷ мавҷуд аст, ки маъмулан бо чор унсур: оташ, об, ҳаво ва замин алоқаманданд. Бадани инсон макони чаҳор «ахлоқ» аст, ки Балхӣ онро бо «чаҳор мурғи саркаш,... ки ҳар яке аз ин паррандагон... чашми ақлро аз одамони соҳибақл мекобад», муқоиса мекунад:

Мурғобӣ, товус, зоғ ва хурӯс монанди чаҳор ахлоқанд дар руҳи ҷисмонӣ....хурӯс нафси ҷисмонист, [саъю кӯшиш] ба мансаби баланд мисли товус ва зоғ орзумандист, мақсадаш он аст, ки умед ба вуҷуд орад, орзуи ҷовидон будан ва ё умри дароз аст.

...Мурғоби хасис аст, (зеро нӯлаш дар хок аст,...Ин гулӯ як лаҳза аз кор канда намешавад, ба ғайр аз фармони «Хӯр!» ба ҳеҷ фармон гӯш намекунад). [14, с. 32]

Ба ақидаи Балхӣ чунин ашхос пайваста дар тарси он ҳастанд, ки ҳар он чи ба онҳо тааллуқ дорад, аз дасти онҳо мегиранд. Вале далели аслӣ ин дар набудани имону боварии онон аст, ки Худованд қодир аст аз онҳо ҳимоят кунад ва нагузорад, ки онҳоро ғорат кунанд. Ба қавли шоир, ин гуна ашхосро шайтон тарсонда таҳдиди дучор кардан ба бадбахтиву бечорагӣ менамояд, «...То ки палидро бихӯрӣ ва зиштро ба саросема дур кунӣ, на олиҳиммат (надорӣ), на шитоб дорӣ, на кори хайр».

Чунин муносибати ба зиндагӣ бар хилофи қонунҳои шариат аст ва Балхӣ онро ба чароғе, ки роҳи ростро нишон медиҳад, муқоиса мекунад. Риояи ин қонунҳо шахсро водор менамояд, ки ҳақиқатро дарк кунад, ҳадди ақал андеша кунад, ки барои чӣ ба ӯ амр шудааст чунин рафтор намояд

(«Агар ҳақиқатҳо аён мебуданд, қонунҳои динӣ фоидае надоштанд»). Ва Балхӣ рисолати худро дар кумак ба инсон дар анҷоми ин кори ақлӣ медонад, дар осори худ гӯё паёмадҳои ин ё он тарзи зиндагиро нишон медиҳад ва аксаран онҳоро дар шакли аз ҳад зиёди муболиғаву истиора пешниҳод намуда, гаштаву баргашта ӯро (инсонро) ба эътимод водор месозад. [5, с. 150]

Нур ёбад мустаъиди тезкӯш,
К-ӯ набошад ошиқи зулмат чу муш.
Суст чашмоне, ки шаб ҷавлон кунанд,
Кай тавофи машъали имон кунанд?

(Дафтари панҷум, байтҳои 25-26) [10].

Дар дафтари панҷум Балхӣ мазмуни ҳадиси зеринро баён мекунад: «Кофир бо ҳафт рӯда ва муъмин бо як рӯда мехӯрад». Қиссаи пурхӯри нангин, ки танҳо ба ғизои заминӣ ҳирси баланд дорад, бо панду насиҳат анҷом меёбад:

Офтоби ақлро дар сӯз дор,
Чашмро чун абр ашкафрӯз дор.
Чашми гирён боядат, чун тифли хурд,
Кам хур он нонро, ки нон оби ту бурд.
Тан чу бо барг аст, рӯзу шаб аз он,
Шохи ҷон дар баргрез асту хазон.
Қарз деҳ, кам кун аз ин луқма танат,
То намояд ваҷҳи «ло айнун раъат».
Тан зи саргин хеш чун холӣ кунад,
Пур зи мушку дурри иҷлолӣ кунад.

(Дафтари панҷум байтҳои 143-149) [10].

Балхӣ дар ҳамин дафтар дар бораи зиёноварӣ (таназзул) ва нодонии одамоне чун товус, ки «ба хотири ном ва шуҳрат худро ба намоиш мегузоранд», мулоҳиза меронад. Чунин одамон мекӯшанд, ки ҳамаро бидуни тафовут мафтун кунанд, аммо аз ин руҳи онҳо мафиате намебардорад: шумораи ҳаводорон на меҳри ҳақиқӣ, на дӯстӣ ва на муҳаббатро иваз карда наметавонад:

Шаб шавад, дар доми ту як сайд не,
Дом бар ту ҷуз судоъу қайд не.
Пас, ту худро сайд мекардӣ ба дом,
Ки шудӣ маҳбусу маҳрумӣ зи ком.
Чун шикори хук омад сайди ом,
Ранҷи беҳад луқма хӯрдан з-ӯ ҳаром.

(Дафтари панҷум байтҳои 406-409) [10].

Инсон аз паси шуҳрат давида роҳи паймудаашро дар ҷомеа ба куллӣ фаромӯш мекунад: «Табиати бадбахти ту бо гаҷи фазилат пӯшонида шудааст, мисли нахли мумӣ, ки на барг дораду на мева»

Одам бояд, пеш аз ҳама, барои такмили нафсу руҳи худ саъю кӯшиш намояд, дар ин роҳ ҳамфикрони ҳақиқиро пайдо кунад ва ба илоҳӣ наздик шавад **[7,** с. 134-139]:

Бар дарам сокин шаву бехона бош,
Даъвии шамъӣ макун, парвона бош.
То бибинӣ чошнии зиндагӣ,
Салтанат бинӣ ниҳон дар бандагӣ.
Наъл бинӣ божгуна дар ҷаҳон,
Тахтабандонро лақаб гашта шаҳон.

(Дафтари панҷум байтҳои 414-416) [11].

Балхӣ одамонро пайваста ба поксозии руҳу дил «аз зангор», аз гуноҳҳо, лаззатҳои дунявӣ, худписандӣ ва андешаҳои нопок даъват мекунад, зеро ӯ эътимод дорад, ки инсон нахуст пок ба дунё меояд. Вале дар роҳи зиндагӣ ӯро Иблиси «дар камин нишаста», ки Худованд ба ӯ иҷозат додааст ба ҳар нафари ба домаш афтида зарар расонад, таъқиб менамояд. Барои муқовимат кардан ба васвасаҳо ҳар як шахсе, ки барои расидан ба камолот талош мекунад, бояд ба худ устод (пир/мураббӣ интихоб намояд. Ҳамчунон, Худованд ба инсон имкони тавба карданро мегузорад, чуноне ки Одам тавба кард

ва Худованд ба ихлосу самимияти ӯ бовар намуд, зеро худи Ӯ ӯро дар ибтидо «пок» офаридааст. Одам муваққатан «ба бадӣ фуруд омад», тавба кард дар фарқият аз Иблис, ки бадӣ дар ботинаш доимо «мечӯшад» ва ӯ низ дар пеши Худои мутаол саҷда кардааст ва қасам хӯрдааст, ки ҳарчи бештар инсонҳоро аз насли Одам, аз роҳи ибодати Худованд дур мекунад.

Балхӣ гаштаву баргашта ба ин ақида бармегардад, ки инсон маҳз бо хосту иродаи Худо ба хатоиҳои худ роҳ медиҳад, зеро ин ба инсон имкон медиҳад, ки харобии роҳи ноҳақро бо чашми худ бубинад. Дар баробари ин мутафаккир ба хонанда пешниҳод мекунад, ки аз хатоҳои дигарон ибрат гирад, то худаш хато содир насозад (имрӯз мо инро «усули самараноки таълим» гуфта метавонем).

Муаллиф «Ҳикояи саргузашти воизеро, ки дар оғози ҳар як мавъиза дар ҳаққи золимон, сангдилон ва нобоварон дуо мекард», бо баёни он, ки ин мардум ба марди солеҳ чӣ нафъе овардаанд, ба охир мерасонад [7, с. 113-119**].**

Хубсу зулму ҷавр чандон сохтанд,
Ки маро аз шар ба хайр андохтанд.
Ҳар гаҳе, ки рӯ ба дунё кардаме,
Ман аз эшон захму зарбат х(в)ардаме.
Дар ҳақиқат ҳар адӯ доруйи туст,
Кимиёву нофеъу дилҷӯйи туст.

(Дафтари чаҳорум, байтҳои 87-94) [7].

«Нӯшдоруи ту валинеъматӣ ва хайрхоҳии туст» - ин, ба гуфтаи Балхӣ, вокуниши дуруст ба ҳама мусибатҳои ҷаҳон аст, зеро муҳимтарин сарвати инсони мутафаккир ин маҳорати хулосаи дуруст баровардан аз он чист, ки аз сари ӯ мегузарад, аз вазъияте, ки ба он гирифтор мешавад, зеро ин амри Худост ва ҳадафи он тарбияи ботини инсонҳост.

Ба як маънӣ Худованд, ба гуфтаи Балхӣ, ҷаҳолатро намеписандад, балки мехоҳад, дар инсон нуқсонро дарёбад, то бифаҳмад, ки ба ӯ чиро бояд омӯзонад, панду насиҳаташ (ҳидояташ) кунад: «Барои дуруст иҷро кардани амри некӣ ва наҳйи бадӣ, бе нафси моил ба бадӣ ғайриимкон аст».

Муъмин ҳар чизеро, ки бо ӯ рух медиҳад, оромона қабул мекунад, зеро медонад, ки ҳатто ҳар як озмоиш аз боло ба сӯйи ӯ фиристода мешаванд, ҳама ягон мақсад ва маъно доранд. «Дард танҳо дар муқовимат вуҷуд дорад» мегӯяд ӯ. Агар шахс воқеаҳои дарднокро бо дили кушод қабул кунад, шояд барои ӯ шодӣ ованд: Чизе чун таҷрибаи бад вуҷуд надорад... Фақат муқовимат ба он чизест, ки ҳаст». [9, с. 41]

Адабиёт:

1. Авдеева, И. А. Трансформации гуманизма: от антропоцентризма к биоцентризму в контексте построения новых принципов отношения человека к животным / И. А. Авдеева // Философия и общество. – 2018. – № 3(88). – С. 66-82.

2. Асомуддинзода, Т. Природное бытие и соотношение тела и души человека в "Маснавии маънави" Джалолуддина Руми / Т. Асомуддинзода // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук. – 2016. – № 4(69). – С. 40-48.

3. Бартольд В. В. Работы по истории востоковедения. – М.: Наука, 1977. – 563 с.

4. Ғаффорова, У. А. Инсони комил дар ашъори Камоли хуҷандӣ / У. А. Ғаффорова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ.- 2020. – No. 4(85). – С. 70-76.

5. Долгих, А. Ю. Гуманизм и проблема человека / А. Ю. Долгих // Наука и образование: тенденции и перспективы: Материалы Международной научно-практической конференции, Уфа, 25–26 июня 2014 года / Искужин Т.С. (отв. редактор). – Уфа: Автономная некоммерческая организация "Исследовательский центр информационно-правовых технологий", 2014. – С. 184-186.

6. Емельянов, А. С. Советский марксистский гуманизм: от классовой борьбы к ренессансу человека / А. С. Емельянов // Человек. – 2023. – Т. 34, № 5. – С. 114-129.

7. Карамхудоев, Ш. Х. Критерия человечности и проблема рационального и иррационального воспитания человека согласно учениям Носира Хусрава и Джалолуддина

Руми / Ш. Х. Карамхудоев // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – № 5. – С. 134-139.

8. Карамхудоев, Ш. Х. Цель и смысл существования человека с точки зрения Носира Хусрава и Джалаледдина Руми / Ш. Х. Карамхудоев // Вестник Дагестанского государственного университета. Серия 3: Общественные науки. – 2017. – Т. 32, № 3. – С. 150-156.

9. Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ: Дафтари аввал ва дувум-Душанбе: «Адиб», 2013.-480 с.

10. Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ: Дафтари панҷум ва шашум - Душанбе: «Адиб», 2013.-480 с.

11. Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ: Дафтари севум ва чорум-Душанбе: «Адиб», 2013.-480 с.

12. Обучение студентов - медиков культуре художественного слова в процессе нравственного воспитания на примере поэзии мавлоно Джалолуддина Балхи (Руми) / Н. Ш. Алиева, У. Р. Юлдошев, В. А. Должикова [и др.] // Симург. – 2021. – № 12. – С. 164-172.

13. Сидоренко, С. Я. Идея образования человека в контексте европейского "светского" гуманизма XIX-XX веков: специальность 09.00.13 "Философская антропология, философия культуры": диссертация на соискание ученой степени кандидата философских наук / Сидоренко Сергей Яковлевич. – Ростов-на-Дону, 1999. – 106 с.

14. Тоджиддин, А. Источники суфийской философии Джалалуддина Балхи о личности человека / А. Тоджиддин // Вестник Таджикского национального университета. – 2016. – № 3-4. – С. 95-100.

15. Умедов, М. Х. "Совершенний человек" с точки зрения Фаридаддина Аттора и Джаладдина Руми / М. Х. Умедов // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – № 3. – С. 113-119.

16. Философия человека: актуальные вопросы и перспективы на почве социального гуманизма: Материалы международной межвузовской конференции, Смоленск, 21 марта 2001 года. – Смоленск: Смоленский государственный университет, 2001. – 112 с.

17. Хуршед, З. Самопознающий и мечтающий человек в учении Мавлана Джалалдина Балхи / З. Хуршед // Национальное самосознание в условиях глобализации: Материалы международной научно-практической конференции, Душанбе, 03 октября 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 31-37.

РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ДАР ЗАМИНАИ АФКОРИ ПЕДАГОГИИ ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ ОИД БА ИНСОНГАРОЙӢ ВА ИНСОНИ КОМИЛ

Ҷолиб аст, Балхӣ он афродеро, ки барои раҳоӣ аз ҷаҳолат талош намекунанд ва танҳо ба хотири нафси ҳайвонии худ зиндагӣ мекунанд, ба кӯдакони беақл баробар мекунад: «Одамон кӯдаканд, магар (ба ҷуз) онон, ки бо Худо мастанд; Баркамол нест, ҷуз он ки аз ҳавову ҳавас раҳоӣ ёфта бошад. Ӯ гуфтааст: «Дунёи фонӣ бозӣ асту ту, кӯдак». Ва Худованд рост мегӯяд, ту аз бозӣ нарафтӣ, ту тифле ҳастӣ, ки ба қатли руҳ даст назадаӣ». Чунин инфантилизми калонсолон басо хатарнок аст: «Дар ҳоле, ки тира ва ғамгин ва хира ҳастӣ, ҳисоб кун, ки ту худ бародари деви малъун ҳастӣ... Тифли руҳро аз шири Шайтон ҷудо кун, пасон ӯро ба фариштa бипайванд».

Чи гунае, ки муаллиф қайд намудааст, усули дигари босамари тарбия, ба ҷуз шахсан намуна будан, Балхӣ дар кӯдак тадриҷан инкишоф додани ҳисси масъулиятшиносиро мешуморад. Вале масъулияте, ки ба дӯши кӯдак гузошта мешавад, бояд ба қобилиятҳои хоси синну соли ӯ мувофиқат кунад: «Тухми ҳар мурғ ба андозаи бузургиаш аст, ғизои ҳар парранда бояд мисли анҷир бошад? Агар ба кӯдак ба ҷои шир нон диҳӣ, биҳсоб, ки кӯдаки бечора аз он нон мурда аст. Вақте ки дандон мебарорад, он гоҳ худ ба худ дилаш нон меҷӯяд».

Калидвожа: инсон, инсони комил, инсонгарой, қобилият, шахс, ғизои маънавӣ, масъулият, некӣ, бадӣ, ахлоқ, тарбия, муассиса, афкор, педагогика, таълим, тарбия.

ПРОЦЕСС ОБРАЗОВАНИЯ И ВОСПИТАНИЯ В СРЕДНИХ ОБШЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИХ НА ОСНОВЕ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ РАЗМЫШЛЕНИЙ ДЖАЛОЛИДДИНА БАЛХИ О ГУМАННИЗМЕ И ЛИЧНОСТЕ

Интересно, что Балхи приравнивает тех людей, которые не стремятся избавиться от невежества и живут лишь ради своего животного эго, к неразумным детям: «Люди — дети, кроме тех, кто опьянён Богом; нет совершенства, кроме того, кто освободился от желаний и страстей. Он сказал: «Мир смертных — игра, а ты — ребёнок». И Бог говорит правду: ты не вышел из игры, ты — ребёнок, не прикоснувшийся к убийству души (животного)». Такой инфантилизм взрослых очень опасен: «Пока ты угрюм, печален и мрачен, думай, что ты сам брат проклятого дьявола… Отдели младенческий дух от молока сатаны, а затем соедини его с ангелом». Как отмечает автор, ещё одним действенным методом воспитания, помимо личного примера, Балхи считает постепенное развитие у ребёнка чувства ответственности. Но ответственность, возлагаемая на плечи ребёнка, должна соответствовать конкретным возможностям его возраста: «Яйцо каждой птицы – величиной с её величину, пища каждой птицы – как инжир? Если дать ребёнку хлеб вместо молока, считай, что бедный ребёнок от этого хлеба погибнет. Когда у него начнут прорезываться зубы, тогда его сердце само собой потянется к хлебу».

Ключевые слова: человек, совершенный человек, гуманизм, способность, личность, духовная пища, ответственность, добро, зло, нравственность, воспитание, институт, мысль, педагогика, образование, воспитание.

THE PROCESS OF EDUCATION AND TRAINING IN SECONDARY EDUCATIONAL INSTITUTIONS IN THE FIELD OF PEDAGOGICAL REFLECTIONS OF JALALIDDIN BALCHI ON HUMANITY AND THE PERFECT MAN

It is interesting that Balkhi equates those people who do not strive to get rid of ignorance and live only for the sake of their animal ego, with unreasonable children: “People are children, except for those who are intoxicated with God; there is no perfection except for the one who has freed himself from desires and passions. He said: “The world of mortals is a game, and you are a child.” And God speaks the truth: you have not left the game, you are a child who has not touched the murder of the soul (animal).” Such infantilism of adults is very dangerous: “While you are sullen, sad and gloomy, think that you yourself are the brother of the damned devil... Separate the infant spirit from the milk of Satan, and then unite it with the angel”. As the author notes, another effective method of education, in addition to personal example, Balkhi believes is the gradual development of a sense of responsibility in a child. But the responsibility placed on the shoulders of a child must correspond to the specific capabilities of his age: “Is the egg of each bird the size of its own size, the food of each bird like a fig? If you give a child bread instead of milk, consider that the poor child will die from this bread. When he begins to teethe, then his heart will naturally reach for the bread.”

Key words: man, perfect man, humanism, ability, personality, spiritual food, responsibility, good, evil, morality, upbringing, institution, thought, pedagogy, education, upbringing.

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид, унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров – 16. Тел: +992918-45-43-46

Сведения об авторе: Абдулмаджидзода Манучехр Абдулмаджид, соискатель кафедры педагогики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох

Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова – 16. Телефон: +992918-45-43-46

Information about the author: Abdulmajidzoda Manuchehr Abdulmajid, applicant of the Department of Pedagogy of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street - 16. Phone: +992918-45-43-46

ТДУ: 74.11 (2-тоҷ)
З-36

НАҚШИ ВОЛИДАЙН ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНДОН

Зардова Ш.С., докторанти (PhD)
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

«Мо бояд як чизро амиқ дарк намоем, дар тарбияи инсон пеш аз ҳама ва беш аз ҳама оила нақш мегузорад ва ҷараёни ташаккули ҳамаи хислатҳои неку бади инсон асосан дар оила ибтидо мегардад. Бо дарки ин масъала падару модарон бояд масъулияти бузургро, ки вобаста ба тарбияи фарзандон ба души онҳо меафтад, пурра эҳсос кунанд».
Эмомалӣ Раҳмон

Аз рӯзи ба муассисаи таълимӣ воридшавии кӯдакон волидайни онҳо ҳам ба туфайли кумитаи падару модарон узви коллективи умумимуассисавӣ маҳсуб ёфта, маслиҳату супоришҳоеро, ки аз кумитаи волидайни муассисаи таълимӣ ва муаллимон мегиранд, дар корҳои таълимӣ ва тарбиявии фарзандонашон истифода карда, ба муассисаи таълимӣ ёрӣ мерасонанд.

Тарбияи фарзандон - раванди мақсднокест, ки то ба воя расонидани онҳо аз ҷониби падару модар, муассисаи таълимӣ, ҷомеа ва ба зиндагии мустақилона омода намудани ӯ ҷараён меёбад.

«Муассисаи таълимӣ бидуни ҳимояву ҳамкории оилаҳо ва ҷамоатчигӣ бе болу пар аст. Маҳз бо ҳамкорӣ ва имдоди онҳо муассиса фаъолияти таълимӣ ва тарбиявии худро ба дараҷаи талаботи замон роҳандозӣ карда метавонад». [10, с. 244]

Таҷрибаи нави ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ ошкор сохт, ки волидайн омили муҳимми баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи фарзандон буда, муассисаи таълимӣ ва аҳли ҷомеа барои ташаккул додани ақидаҳои дуруст ба волидайн кумак расонида, ба ин васила дар баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи фарзандон нақши калидӣ доранд.

«Хонаеро, ки дар он миёни калонсолону хурдсолон дӯстиву рафоқат ва меҳру муҳаббат нест, хушбахт гуфтан нашояд. Бинобар ин мо ҳақ дорем, ки дӯстии волидайну фарзандонро низ ҳамчун арзиши маънавии хонавода ба қалам диҳем». **[**11, с. 240]

Баҳри барқарор намудани алоқаи мустаҳками муассисаи таълимӣ ва оила дар муассиса кумитаи падар ва модарон созмон дода мешавад. Кумитаи волидайн дар ҷамъомади умумӣ (дар муассисаҳои таълимии калон дар конференсия)-и падару модарон бо тавсияи муаллимони синфҳои ибтидоӣ ва роҳбарони синфҳои болоӣ интихоб мешавад. Ҳайати кумитаи волидайни ҳар як синф дар ҷамъомади умумии падару модарони синф интихоб карда мешаванд.

Барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия хусусиятҳои фардии ҳар як кӯдакро нағз донистан ва ба ҳисоб гирифтан зарур аст. Ба муаллим лозим аст, ки ба як қисми волидайн тарбиядиҳиро ёд диҳад, қисми дигарашонро танқид кардан даркор. Агар танқид дар маҷлиси волидайн ёрӣ нарасонад, ба муаллим лозим аст, ки аз ташкилотҳои ҷамъиятӣ мадад пурсад. Илова бар ин, муаллим барномаи амалиёти якҷоя тартиб дода, ба волидайн на танҳо камбудиҳои бачагони беинтизом, дарсҳоро аз худ намекардагӣ, балки тарафҳои қавии шахсияти фарзандонашонро низ равшан месозад.

«Алоқаи зичи байни муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар сурати зич пайвастани тарғиби педагогӣ ва ҷалб намудани волидайн дар амалиёти гуногуни муассисаи таълимӣ барқарор мешавад». [9, с. 318]

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» падару модаронро муаззаф сохтааст, ки новобаста ба он ки онҳо якҷоя ё ҷудо зиндагӣ мекунанд, дар таълиму тарбияи фарзанд ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои баробар доранд.

«Падару модар дар тарбияи фарзандон ҳар яке ҳиссаи худро доранд. Бинобар ин устувору пойдории оила, хушбахтии ҳар як кӯдак ба падару модар вобаста аст». [8, с. 294].

Чунончи:

-дар раванди таълму тарбия, аз ҷумла, назорати сатҳу сифати таълим ва донишандӯзии фарзанд дар муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд волидайн иштирок ва мусоидат намуда, ҷиҳати беҳтар намудани сатҳу сифати таълиму тарбияи фарзанд намояндаи қонунии фарзанд буда, ба мақомоти дахлдор ҳуқуқи бо пешниҳод муроҷиат карданро доранд;

-падару модар дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот талаби риояи ҳуқуқи фарзандонро дар раванди таълим дошта, ба фаъолияти муассисаи таълимие, ки фарзандашон дар он таҳсил мекунад, ба раванди таълиму тарбия, мазмуни таҳсилот, давомот ва сатҳу сифати донишандӯзии фарзандашон бояд шинос шаванд;

-падар бо меҳнат ва мавқеи иҷтимоии худ фарзандонро тарбия намуда барои имрӯзу фардои онҳо худро ҷавобгар меҳисобад.

Падару модарон ҳамон вақт аз уҳдаи вазифаи худ бомуваффақият мебароянд, ки мақсади тарбияро дар хотир нигоҳ доранд. Ҳанӯз на ҳамаи падару модарон муҳиммияти гузориши мақсад ва иҷрои аниқи онро мефаҳманд. Бештар аз он бисёрашон чунин мешуморанд, ки мақсадҳои тарбияро бояд муассисаи таълимӣ гузорад, дар тарбияи оилавӣ мақсад шарт нест. Ин гуна эътиқод тамоман хато буда, ба тарбияи фарзандон таъсири манфӣ мерасонд.

Волидйн мақсад ва роҳҳои тарбияро пешакӣ фикр карда баромада, дар хотир доштанашон муҳим аст, ки дар оилаи онҳо шаҳрванд, ходим, муборизи хушбахтии умум ба воя мерасад. Онҳо набояд дар бораи он чиз фаромӯш кунанд, ки онҳо ҳамон вақт кӯдаки худро ҳамчун шаҳрванд тарбия дода метавонанд, ки худашон шаҳрванди ҳақиқӣ бошанд, фарзандон бояд симои ҷамъиятии падару модарони худро бинанд. Рафтори падару модарон барои фарзандон ибрати шахсӣ буда, ба сифати таҳсилот ва тарбияи онҳо дар таълимгоҳҳо аҳаммияти калон дорад. Масалан, А.С. Макаренко гуфтааст: «Падару модарон бачагонро на танҳо дар раванди бо онҳо суҳбат гузарониданашон тарбия медиҳанд, балки вақте ки онҳо дар хона нестанд, ба воситаи ибрати шахсии худ фарзандонро тарбия мекунанд». [9, с. 316]

Дар ҳуҷҷатҳои давлатӣ вазифа гузошта шудааст, ки кори тарбияи кӯдакон дар оила, мактаб, муассисаҳои беруназмактабӣ, дар ҷойи зист беҳтар карда шавад. Масалан, дар Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи маориф» зикр гардидааст:

«Волидайн вазифдоранд, ки барои сиҳатии ҷисмонӣ ва равонии бача пайваста ғамхорӣ кунанд, ӯро ба мактаб омода ва барои инкишофи қобилиятҳои вай шароити зарурӣ муҳайё созанд, фарзандро дар руҳияи башардӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳисси накӯкорӣ, раҳмдилӣ, муносибати боэҳтиромона нисбат ба аҳли хонавода, забони модарӣ, адабиёту таърих, эҳтиром нисбат ба арзишҳои миллӣ, таърихӣ ва фарҳанги дигар ҳалқҳо тарбия намоянд».

Баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи фарзандон кӯшишу ғайрати ҳамагонро талаб мекунад.

Муносибати дӯстонаи падару модар ҳам ба фарзандон бетаъсир наемонад. Ғамхорию меҳрубониҳо инкишофи фарзандро метезонад.

Баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи фарзандон рӯ ба инкишоф буда, бештар мураккаб шудан мегирад, аммо вазифаи асосӣ инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдакон, ки мақсади тарбия ба миён гузоштааст, боқӣ мемонад. Кори якҷояи муассисаи таълимиву волидайн давомдор буда, ҳадафи он инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдакон мебошад.

Муаллимон дар вақти супоридани вазифаи хонагӣ дониш, пешрафт ва қобилияти алоҳидаи ҳар як хонандаро ба назар мегиранд. Як гурӯҳ талабагоне, ки нағз мехонанду пешқадаманд бе ягон душворӣ вазифаро иҷро мекунанд. Вақте ки шахс дар иҷрои ин ё он вазифае, ки ба ӯ супурда шудааст, фикр намекунад, яъне фикр ба муқобилият дучор намешавад, заҳмат намекашад, фикраш тараққӣ намекунад. Баръакс, вақте ки тамоман аз уҳдаи иҷрои он намебарояд, дар ин маврид ҳам натиҷаи мусбатро гумон доштан маҳол аст. Бинобар ин вақте ки муаллим вазифа месупорад, вазифаи хонандагони алоҳидаро низ фикр карда таъкид мекунад.

Масалан, баъди гузаштани дарси аввали мавзуи «Номи ашёҳо» (синфи 1) ба аҳли синф вазифа месупорад, ки номҳои ашёҳои рӯзгори хонаатонро навишта ба ҳар яки он саволи мувофиқ гузоред. Вале ҳамоно ба хотир мерасад, ки (ин пешакӣ ҳам ба нақша гирифта шудааст) 5-6 хонанда алфавит (тартиби ҳарфҳоро) намедонанд. Аз ҳамин сабаб ба хонандагони алоҳида таъкид менамояд, ки шумо номҳои асбобҳои рӯзгори хонаатонро бо тартиби алфавит навишта биёред. Чунин хонандагон дар хона бо ҳамроҳии падару модар ва шахсони калонсолтар вазифаи супурдаи муаллимро ба таври амалӣ иҷро мекунанд. Ин тарзи вазифа супоридан имконият медиҳад, ки ҷойи камбудии дониши талабагони алоҳидаро пурра намоем, аз тарафи дигар, барои беҳтар намудани сатҳу сифати таълими онҳо имконият диҳем.

Баъди калонтар шудану инкишоф ёфтани фарзандон волидайн на танҳо барои ҷисман солим буданашон, балки ба инкишофи фикрии онҳо, завқу шавқи донишандӯзии онҳо таваҷҷуҳи хоса пайдо мекунанд.

Волидон фарзандонро ба кори рӯзгору хоҷагӣ ҷалб карда, ҳар рӯз онҳо ягон корро ба анҷом мерасонанд. Яъне фарзандон ба кори худхизматрасонӣ мегузаранд, корҳои аз дасташон меомадагиро дар оила ба зимма мегиранд.

Муомилаи ҳаррӯзаи волидайн, бародарону хоҳарон ва дигар калонсолон бисёр чизҳоро оид ба тарбияи ахлоқӣ ёд медиҳад. Чунки кӯдак малакаҳои ҳурмати падару модар, калонсолон, ғамхорӣ ба онҳо, ёрирасонӣ ба дигаронро дар оила пайдо мекунад. Падару модарони хушрафтору хушгуфтор ба фарзандон намунаи ибрат шуда метавонанд. Муҳаббату меҳрубониҳояшон ба якдигар, ба кӯдакон дар оила зоеъ намешавад. Онҳо ҳар қадар ба фарзандон меҳру муҳаббат бахшанд, баъдан аз фарзандон ҳамон қадар меҳрубониҳо хоҳанд гирифт.

Кӯдакон ҳар сухану муомилаи хуши онҳоро ба камол расанд ҳам, фаромӯш намекунанд, такрор менамоянд.

Тибқи моддаи 8-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд» падару модар ӯҳдадоранд:

«… -ба фарзанд тибқи арзишҳои миллӣ номи нек гузошта, барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанд шароит муҳайё намуда, ӯро ба зиндагии мустақилона омода сохта, дар руҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд;

-фарзанди то синни мактабӣ ва фарзанде, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, таҳсил мекунанд бо худ овардан ва истифодаи телефонҳои мобилӣ, тамошои филмҳои дорои хусусиятҳои шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ ва террористиро манъ намоянд». [4, с. 30- 31]

«Дар баъзе хонадонҳо волидайн нисбати фарзанд серталабӣ кунанд, бобою модаркалон «бача – бодом, набера – мағзи бодом» - гӯён онҳоро ноҳақ монеъ мешаванд, набераашонро тарафгирӣ намуда, айбҳояшро мепӯшанд, гуноҳҳояшро мебахшанд. Дар чунин ҳолат кӯдакон бо мунофиқию дурӯягӣ тарбия меёбанд». [6, с. 246]

Дар тарбияи фарзандон бемасъулиятии волидайн ба нохушиҳои зиёд меорад. Фақат равобиту ҳамкории мустаҳками муаллимон ва волидайн метавонад нуқсонҳои ҷойдоштаи тарбияи оилавиро ба маҷрои дуруст равона кунад. Онҳо бояд ба ҳамдигар боварӣ дошта бошанд, ба ҳар васила ҳамдигарро эҳтиром кунанд, зеро мактабу оила дар кори тарбия иттифоқчиёни устувор буда, барои нигоҳ доштани иззату обрӯи ҳамдигар манфиатдоранд.

«Яке аз роҳҳои барҳам додани камбудии тарбияи мактаббачагон дар оила баланд бардоштани маданияти педагогии волидайн дар ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ ба мактаб ҳамкорӣ кардани онҳо ва нисбат ба бачагон таъмин намудани талаби ахлоқии падару модар ва муаллимон мебошад». [6, с. 4]

Дар моддаи 9-уми Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Ӯҳдадориҳои падару модар дар таълими фарзанд ба таври возеҳ гуфта шудааст. [4, с. 127-136]

Баҳри баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи фарзандон падару модарон ӯҳдадориҳои зеринро ба дӯш доранд:

«-ба фарзанди то шашсола барои гирифтани таълиму тарбияи томактабӣ шароит фароҳам оваранд;

-ба таълим фаро гирифтани фарзандро таъмин намуда, ба таҳсили ӯ дар муассисаҳои таҳсилоти миёни умумӣ монеъ нашаванд;

-фарзандро ба воситаҳои зарурии таълимӣ таъмин карда, барои таълими ӯ шароити муносиб муҳайё намоянд;

-риояи пӯшидани либосҳои расмии мактабиёнро аз ҷониби фарзанд дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъмин ва назорат баранд.

-ба фарзанди имконоти маҳдуди ҷисмонӣ ва руҳидоштаи худ барои таҳсил кардан ва касбу ҳунар омӯхтан, шароит муҳайё сохта, иллати ҷисмонӣ ва руҳии ӯро пинҳон накарда, дар сурати набудани шароит барои таълими фарзанд ба муассисаҳои дахлдори давлатии соҳаи маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мурочиат намоянд, ва ғайра». [4, с. 132-133]

Дар таълиму тарбияи хонандагон нақши роҳбари синф калон аст. Масалан, «Вақте, ки синфро ба ҳайси роҳбари синф қабул кардам, дар он бачагони гарданшаху бадхон ва беинтизом кам набуданд. Ман корро аз маҷлиси синфии волидон сар кардам. Мақсад ва вазифаҳои волидайн ва кумитаи хонандагонро фаҳмондам. Ду нафар аъзои кумитаро аз ҳисоби писарони шуху беқарор интихоб намуда, дар омади гап гуфтам, ки мо ба онҳо бовар карда, идора кардани синфро супорида истодаем, онҳо ҳам бояд минбаъд ба боварии аҳли синф сазовор бошанд». [4, с. 62]

Дар моддаи 10 – уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикстон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ӯҳдадориҳои фарзанди болиғу қобили меҳнат дар нигоҳубин ва таъмини падару модар омадааст: [4, с. 137]

- Фарзанди болиғу қобили меҳанат ӯҳдадор аст, ки падару модари худро нигоҳубин ва таъмин намуда, онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ дастгирӣ намояд;
- Дар ҳолати иҷро накардани ӯҳдадориҳои мазкур, фарзанди болиғу қобили меҳнат бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Фарзанди болиғу қобили меҳнат барои иҷрои ӯҳдадориҳои дар наздаш гузошташуда, сараввал ба падару модарон, хешу таборон, ёру дӯстон, ҳамсояҳо, ҳамкору ҳамкасбон, халқи кишвар, мардуми дунё некӣ карданро сармашқи кори худ кунад. «Саволҳои Нӯшервони одил ва ҷавобҳои Бузургмеҳр»-ро ба масъалаи некию накӯкорӣ гаштаю баргашта хонад, ки муколамаи онҳо чунин аст:

«Савол: - Некии муқаддамтарин аз ҳама ба кӣ бояд кард?

Ҷавоб: - Дар ҳаққи модару падар.

Савол: - Кадом некӣ назди Худо мақбултар аст?

Ҷавоб: - Некиҳое, ки ба волидайну устод ва фарзандону қавму қабилаи худ кунанд.

Савол: - Некбахт ба чӣ далел шинохта мешавад?

Ҷавоб: -Бо се далел: яке талаби илм; дуввум саховат; саввум шукуфтарӯӣ». [5, с. 322]

Ё ин ки дар бораи Абуалӣ ибни Сино ривоятест, ки «Гӯё падару модари ҷавон аз алломаи бузург Абуалӣ ибни Сино мепурсанд, ки тарбияи кӯдаки ҳафтрӯзаашонро аз кай оғоз кунанд.

Ӯ посух гуфтааст, ки аллакай ҳафт рӯз дер кардаед, зеро тарбия аз рӯзи таваллуд оғоз меёбад…

Дар ҷавоби Абуалӣ ибни Сино маънои бузурге ниҳон аст, ки шунавандаро ба фикру андеша водор месозад. Абуалӣ ибни Сино рисолаи «Тадбири манзил»-ро ба масъалаҳои оилавӣ бахшида, ақидаҳояшро дар бобати тарбияи фарзанд баён намуда менависад: «Аз ҷумла, ҳуқуқи фарзанд дар зиммаи падараш ин аст, ки вайро номи накӯ бимонад» ва дар ҷойи дигари рисола вазифа мегузорад. «Бояд кӯдакро аз корҳои бад дуру аз одате, ки айб шуморида мешавад, барканор намуд». [1, с. 391-392]

Ба волидайн зарур аст, ки фарзандонашонро хуб омӯхта, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии онҳоро муайян созанд. Воситаи ягонаи омӯзиши фарзандон дар оила мушоҳида мебошад. Мушоҳидаи рафтори онҳо дар оила дар иҳотаи дӯстону ҳамсолон, муносибаташ ба хониш ва корҳои ҷамъиятии мактаб маълумоти даркорӣ дода метавонад. Натиҷаи дидаву шунидаҳоро падару модарон таҳлил карда, муваффақияту камбудиҳои фарзандонро ошкор менамоянд ва аз рӯйи он фарзандонашонро таъриф ё танқид мекунанд, ки чунин рафтор сабаби ёфтани камбудиҳо дар тарбияи оилавӣ мешавад.

Гоҳ – гоҳе баъзе падару модарон шикоят мекунанд, ки фарзандашон эркаву гапнодарост. Онҳо намедонанд, ки худ дар назди фарзанд обрӯи казоӣ надоранд. Падару модари обрӯманд ҳаргиз роҳ намедиҳад, ки фарзандаш сухани онҳоро нагирад. Обрӯи ҳакиқӣ чунин аст, ки байни волидон ва кӯдакон муносибатҳои муқаррарӣ ҳукмрон мебошад, фарзандон волидонро ҳурмату эҳтиром мекунанд, ба онҳо боварӣ доранд, ки талабу пешниҳодҳояшонро бечуну чаро ба иҷро мерсонанд.

Обрӯи қалбакӣ ба волидон лозим нест. Чунки обрӯ ба воситаи зӯроварӣ, чизу чора, муҳаббати ғаразнок ва ғайраҳо ба даст оварда намешавад. Масалан, модароне ҳастанд, ки ба фарзанд тӯҳфаҳои гаронбаҳо дода мегӯянд:

«Шербача агар ҳамин корро кунӣ, чизи дилхоҳатро харида медиҳам». «Аз гапам набароӣ ба саёҳат мебарам». [1, с. 392]

Ҳосили ин гуна рафтор ба падару модарон талх хоҳад шуд.

Хулоса, баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи фарзандон ба волидайн, ки ёрдамчии фаъоли муаллимони муассисаи таълимӣ мебошанд, болу пар бахшида, алоқаи муассисаи таълимиву оила ва аҳли ҷомеаро мустаҳкам мекунад. Онҳо доимо ба муассисаи таълимӣ мераванд, кӯшиш мекунанд, ки ба муаллим ёрӣ расонанд.

Имрӯз талаботи волидайн нисбати донишандӯзӣ ва тарбияи ахлоқии фарзандон дучанд афзудааст. Ҳар як падару модар нисбати дарсхонии фарзандашон таваҷҷуҳи хоса доранд. Онҳо баъди аз муассисаи таълимӣ ба хона омадани фарзандашон аз ӯ пурсон мешаванд, ки имрӯз бо чи гуна муваффақиятҳо аз муассисаи таълимӣ баргаштӣ? Чанд соат дарс хондӣ ва аз кадом фанҳо баҳои хубу аъло гирифтӣ? Муносибати волидайн бо муаллимон дар сатҳи хеле баланд қарор дорад. Падару модарон аз муаллимон баҳри баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи фарзандон доимо дастуру тавсияҳо гирифта меистанд. Китобҳои тавсиянамудаи муаллимонро дастрас карда, барои мутолиаи фарзандонашон пешкаш мекунанд. Аз фарзандонашон дар бораи мазмуни афсона ё ҳикояи хондаашон, симоҳои асосии маводи хондаашонро пурсон мешаванд. Ба фарзандони навомӯзашон китобчаҳои шавқоварро мехонанд, муҳокима мекунанд. Дар маҳфилҳои гуногуни муассисавӣ иштирок карда, ба сифати таълиму тарбияи фарзандон тарзи муошират кардан, фаҳмондан, фикр баён кардани онҳо аз наздик шинос мешаванд.

Адабиёт:

1. Юнусов Ю. Педагогика /Ю. Юнусов, Душанбе, 2005.
2. Комилова М. Нақши роҳбари синф дар тарбияи ахлоқии хонандагон /М. Комилова. Душанбе, Маҷаллаи «Мактаби Советӣ» №11, саҳ 62-63.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» Душанбе, 22 июни соли 2013.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» Душанбе, соли 2024, №2049.

5. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик / М.Лутфуллоев, Душанбе, 2015, 707с.

6. Нуров А., Раҳимов Х. Методикаи корҳои тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ. /А.Нуров, Х. Раҳимов, Душанбе, 2005.

7. Нуров А. Кори якҷояи оила ва мактаб дар тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол./ А.Нуров, Душанбе «Маориф»,1989.

8. Маҷидова Б., Иззатова М.И. «Педагогикаи томактабӣ»/ Б.Маҷидова М.И. Иззатова, Душанбе, 2012.

9. Савин Н.В. Педагогика. / Н.В. Савин, Душанбе, «Маориф» 1975.

10. Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика./ Х. Раҳимов, А. Нуров, Душанбе 2010.

11. Ф.Шарифзода. Таҳқиқи асрори таҳсилот ва таълим. Душанбе, «Ирфон» 2020.

НАҚШИ ВОЛИДАЙН ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНДОН

Муаллиф дар мақолаи худ оид ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи фарзандон ба волидайн, ки ёрдамчии фаъоли муаллимони муассисаҳои таълимӣ мебошанд, болу пар бахшида, алоқаи муассисаи таълимиву оила ва аҳли ҷомеаро мустаҳкам мекунад. Онҳо доимо ба муассисаи таълимӣ мераванд, кӯшиш мекунанд, ки ба муаллим ёрӣ расонанд.

Имрӯз талаботи волидайн нисбати донишандӯзӣ ва тарбияи ахлоқии фарзандон дучанд афзудааст. Ҳар як падару модар нисбати дарсхонии фарзандашон таваҷҷуҳи хоса доранд. Онҳо баъди аз муассисаи таълимӣ ба хона омадани фарзандашон аз ӯ пурсон мешаванд, ки имрӯз бо чи гуна муваффақиятҳо аз мактаб баргаштӣ? Чанд соат дарс хондӣ ва аз кадом фанҳо баҳои хубу аъло гирифтӣ? Муносибати волидайн бо муаллимон дар сатҳи хеле баланд қарор дорад. Падару модарон аз муаллимон баҳри баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи фарзандон доимо дастуру тавсияҳо гирифта меистанд. Китобҳои тавсиянамудаи муаллимонро дастрас карда, барои мутолиаи фарзандонашон пешкаш мекунанд. Аз фарзандонашон дар бораи мазмуни афсона ё ҳикояи хондаашон, симоҳои асосии маводи хондаашонро пурсон мешаванд. Дар маҳфилҳои гуногуни муассисавӣ иштирок карда, ба сифати таълиму тарбияи фарзандон, тарзи муошират кардан, фаҳмондан, фикр баён кардани онҳо аз наздик шинос мешаванд.

Калидвожаҳо: муаллим, волидайн, фарзандон, таълим, тарбия, муассисаи таълимӣ, инкишоф.

РОЛЬ РОДИТЕЛЕЙ В ПОВЫШЕНИИ КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ И ВОСПИТАНИЯ СВОИХ ДЕТЕЙ

В своей статье о повышении качества образования и воспитания детей автор восхваляет родителей, которые являются активными помощниками учителей в образовательных учреждениях, укрепляют связь между образовательным учреждением, семьей и обществом. Они постоянно ходят в образовательное учреждение, стараясь помочь учителю. Сегодня требования родителей к образованию и нравственному воспитанию своих детей возросли вдвое. Каждый родитель уделяет особое внимание учебе своего ребенка. После того, как ребенок приходит из школы, они спрашивают его, каких достижений он добился сегодня? Сколько часов он занимался и по каким предметам получил хорошие и отличные оценки? Взаимоотношения между родителями и учителями находятся на очень высоком уровне. Родители постоянно получают указания и рекомендации от учителей по улучшению качества образования и воспитания своих детей. Они приобретают книги, рекомендованные учителями, и предлагают их своим детям для чтения. Они спрашивают у детей о содержании прочитанной сказки или рассказа, главных героях прочитанного материала. Они участвуют в различных мероприятиях и знакомятся с качеством образования и воспитания своих детей, их манерой общения, объяснения и выражения своих мыслей.

Ключевые слова: учитель, родители, дети, образование, воспитание, образовательное учреждение, развитие.

THE ROLE OF PARENTS IN IMPROVING THE QUALITY OF EDUCATION AND UPBRINGING OF THEIR CHILDREN

In his article about improving the quality of education and upbringing of children, the author praises parents who are active assistants to teachers in educational institutions, strengthening the connection between the educational institution and the family and society. They constantly go to the educational institution, trying to help the teacher. Today, parents' demands on the education and moral education of their children have doubled. Each parent pays special attention to their child's studies. After the child comes home from school, they ask him what achievements he has made today? How many hours did he study and in what subjects did he get good and excellent marks? The relationship between parents and teachers is at a very high level. Parents constantly receive instructions and recommendations from teachers on improving the quality of education and upbringing of their children. They buy books recommended by teachers and offer them to their children to read. They ask children about the content of the fairy tale or story they read, the main characters of the material they read. They participate in various institutional meetings and become familiar with the quality of their children's education and upbringing, their manner of communication, explanation and expression of their thoughts.

Keywords: teacher, parents, children, education, upbringing, educational institution, development.

Маълумот дар бораи муаллиф: Зардова Шаҳноза Самадовна-докторанти PHD-и курси 3-юми кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға:735360, Ҷ.Т., ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров-16, Тел.: 988528052

Сведения об авторе: Зардова Шахноза Самадовна, докторант PHD 3 курса кафедры гуманитарных наук и методики их преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Р.Т., г. Куляб, ул. С. Сафарова-16.Тел.: 988528052

Information about the author: Zardova Shakhnoza Samadovna, 3rd year PhD student of the Department of Humanities and Methods of Teaching them, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, R.T., Kulob, S. Safarov St.-16. Tel.: 988528052

ТДУ: 74.11 (2-тоҷ)
ТКБ: 373 (2-тоҷ)
И - 21

МУНОСИБАТИ ВОЛИДОН ДАР ОИЛА ВА ТАЪСИРИ ОН БА ШАКЛГИРИИ ХУДБАҲОДИҲИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Изатова Н.И., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Масъалаи муошират ва муносибатҳои байниҳамӣ дар оила яке аз проблемаҳое мебошад, ки онро мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм аз қабили: психология, педагогика, сотсиология ва ғайра мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додаанд. Оила барои кӯдак нахустин пойдевори асосии тараққиёти шахсият ба ҳисоб рафта, сарчашмаи ибтидои иҷтимоишавии ӯ мебошад.

Дар адабиётҳои психологӣ ва педагогӣ корҳои зиёди илмию таҳқиқотӣ доир ба таъсиррасонии тамсилаҳои гуногуни муносибати волидон ба инкишофи шахсияти кӯдакон, хусусиятҳои таъсиррасонии он ба рафтори шахс ва психологияи оила бахшида шудааст, ки аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ Д. Боулби, А.И. Захаров, А.В. Захаров, М.Д. Эйнворт ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. [1, с. 15-19]

Дар ин замина, муҳаққиқ Л.Ф. Обухова одилона қайд менамояд, ки худи амали шаклгирии худбаҳодиҳӣ дар бисёр ҳолатҳо дар кӯдакони синни калони томактабӣ аз муошират ва муносибати волидон нисбат ба муҳити боғча (атроф) вобастагӣ дорад. Давраи калони томактабӣ 5-7 солагӣ дар тараққиёти психикии шахсияти кӯдакон нақши асосиро мебозад, яъне дар ин давраи синнусолӣ механизмҳои психологии фаъолият ва рафтор шакл мегирад. Дар ин синну сол пояи асоси шахсияти кӯдак гузошта мешавад: устувории маромҳо шакл мегиранд, талаботи нави иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд (талабот ба эҳтиромнамоӣ ва аз ҷониби калонсолон эътироф гардидан, хоҳиши иҷро намудани корҳои муҳим барои одамони «калонсол», талаботи қабул гардидан аз ҷониби ҳамсолону калонсолон, шавқу ҳавас ба шакли фаъолияти коллективӣ ва ғайраҳо пайдо мешавад. Дар синни 7 - солагӣ кӯдак кӯшиши дар байни дигар одамон пайдо намудани мавқеи худро дорад. Дар ӯ мавқеи иҷтимоӣ вобаста ба талабот ба нақшҳои иҷтимоӣ пайдо мешавад. Кӯдак таассуроти худро дарк намуда, онҳоро ҷамъбаст менамояд, худбаҳодиҳиашон шакл мегирад, муносибати дуруст нисбат ба муваффақият ва нокомиҳо дар раванди фаъолият ба роҳ монда мешавад (барои яке аз онҳо агар кӯшиш ба муваффақият бошад, барои дигаре аз ҳама муҳим гурехтан аз нокомиҳо ва таассуроти манфӣ) аст. [2, с. 35-39]

Мувофиқи назари психологи шинохтаи рус А.Н. Леонтев бошад, худбаҳодиҳӣ – ин баҳо гузоштан ба шахсияти худ, имкониятҳо, сифат ва мавқеи худ дар байни одамони дигар мебошад. Дар сохтори шахс худбаҳодиҳӣ танзимкунандаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Муносибати байниҳамӣ бо одамони дигар маҳз аз худбаҳодиҳӣ вобастагӣ дошта, ба он муносибати танқидона, талабот ба худ, муносибат нисбат ба муваффақият ва нокомӣ хос аст. [3, с. 75-79]

Баҳодиҳӣ ва худбаҳодиҳӣ яке аз унсурҳои муҳимми сохти шахс ба шумор мераванд, ки нисбат ба дигар масъалаҳои шаклгирии рафтор бештар мавриди таҳқиқ қарор ёфтаанд. Инсон бо вуҷуди дар системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ иштирок намудан ва бо одамон муошират карданаш худро чун субъекти ҳолат, амал ва равандҳои психикии худ эҳсос мекунад ва нисбат ба худаш чун «Ман»-е баромад мекунад, ки ба «дигарон» монанд ва муқобил аст ва дар айни замон, бо онҳо алоқаи зич дорад. Мафҳуми «Ман» онро ифода мекунад, ки инсон айнияти худро ба худаш дар гузаштаю ҳозира ва оянда мефаҳмад. «Ман» қатъи назар ба дигаргуниаш дар вазъиятҳои гуногуни ҳаётӣ, новобаста аз тағйирёбии шуур, ақидаю мақсадҳо ҳамон «Ман»-ам, ки дирӯз будам, айни замон ҳастам ва дар оянда ҳамон хел хоҳам буд. [4, с. 37-39]

Худбаҳодиҳӣ бо дараҷаи иддаои шахс алоқаи зич дорад. Дараҷаи иддао гуфта, дараҷаи дилхоҳи худбаҳодиҳии шахсро дар бар мегирад ва он ба дараҷаи душвориҳои мақсадноки шахс вобаста аст. Дараҷаи иддаои шахсро дар сурати ба ӯ пешниҳод кардани масъалаҳои дараҷаи ҳаллашон гуногун муайян кардан мумкин аст. Дар чунин ҳолат шахсони дараҷаи иддаояшон баланд, озмоишро аз ҳалли масъалаи дараҷааш душвор оғоз мекунанд, шахсони дараҷаи иддаояшон паст бошад, баръакс корро аз ҳалли масъалаҳои осонҳал оғоз мекунанд. Баъзан чунин шакли иддао рӯй медиҳад, ки шахс кӯшиши ба даст овардани муваффақиятеро накарда, балки аз нобаробарии он ҳарф мезанад. Ӯ дар чунин ҳолат ё масъалаи душвор ва ё осонро интихоб мекунад. Шахс масъалаи осонро ҳал карда истода, ба натиҷае муваффақ мешавад ва дар сурати ҳал карда натавонистани масъала дараҷаи ҳалли душвори онро сабаб мекунад ва аз ин образи «Ман»-и ӯ дигар намешавад. [5, с. 77-79]

Механизми шаклгирии психологии худбаҳодиҳӣ хело мураккаб аст. Пеш аз ҳама, саволе ба миён меояд, ки оё «образи Ман» ҳангоми аз ҷониби одам қабул намудани назари дигарон нисбат ба худ тағйир меёбад ва ё ин ки ӯ нақши дигаронро қабул намуда, худро дар ҷойи онҳо мегузорад? Минбаъд аз саволи кӣ ва барои чӣ одамони дигар барои шахс аҳаммиятноканд пайдо мешавад? Оё «аҳаммиятнок» будани шахс аз зинаи иерархии ҷойгиршавиаш (роҳбар ё ин ки итоаткор) вобастагӣ дорад ва ё ин ки аз муносибати тарафайни шахсӣ бо онҳо (дӯст ва ё ин ки табиб) вобаста аст, ин савол то ҳол ҷавоби худро наёфтааст. [6, с. 85-89]

В. Сатир ду системаи муносибатҳои оилавиро ҷудо намудааст: пӯшида ва кушода. Фарқияти асоси байни ин системаҳо дар хусусияти аксуламал нишон додан ба тағйироти ботинӣ ва беруна мебошад. Қисман ҳалқаи системаи пӯшида беҳаракат аст. Мубодилаи ахбор байни аъзои оила дида намешавад. Ҳамчун қоида ба аъзои оила маҳдудияти муошират кардан, дарундорӣ, мавҷудияти доираи ками дӯстон хос аст. Бо вуҷуди ин, оилаҳои пӯшида аз меъёрҳои муносибатҳо истисно буда, маҷмуи муайяни тасаввурот дар бораи ҳаётро доранд. Дар оилаҳои пӯшида одамон кам ба пешравиҳо ноил мегарданд. [8, с. 65-69]

Системаи муносибатҳо дар оилаи кушода аз оилаи пӯшида ба куллӣ фарқ мекунанд. Дар оилае, ки системаи кушода аст, муносибатҳо дар асоси меъёрҳои инсондӯстӣ, меҳрубонӣ, эҳтироми ҳамдигар сурат гирифта, аъзои он доимо бо ҳам муошират менамоянд, дар онҳо руҳияи инсондӯстӣ ҳукмфармо аст. Вобаста ба системаҳо худбаҳодиҳӣ низ метавонад гуногун бошад. Худбаҳодиҳӣ дар системаи пӯшида паст ва устувории он ба худбаҳодиҳии одамони дигар сахт вобастагӣ дорад.

Шаклгирии худбаҳодиҳӣ ва худшиносии кӯдакон ба синну сол, маҷмуи муносибатҳои волидон ба кӯдак ҳамчун шахсият, арзишҳои шахсияти фардии ӯ, инчунин иштирок дар доираи фаъолиятҳои гуногун (амалкунӣ бо ашёҳо, бозикунӣ, меҳнат, доираи васеи муносибатҳои иҷтимоӣ) вобаста мебошад. Агар кӯдаки сесоларо пурсон шавем: «Ту чи гуна шахс ҳастӣ?» Ӯ ҷавоб медиҳад: «Ман калон ҳастам». Агар ҳамин саволро ба кӯдаки шашсола диҳем, он гоҳ ӯ ҷавоб медиҳад, ки: «Ман хурд мебошам», чунки дар ин давра ӯ кӯшиш мекунад, на танҳо неруи қудрат ва тавонмандии худ, инчунин, баҳодиҳии калонсолон (ту бачаи хуб ҳастӣ, ту метавонӣ, ту медонӣ ва ғайраҳо), инчунин маҳдудкунии калонсолонро дар иҷрои ин ё он амалҳо (ту ҳоло хурд ҳастӣ, баъд ба мактаб рафтан инро аз худ мекунӣ ва ғайраҳо), ки вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ ва мавқеи иҷтимоии онҳо мебошад, таъсир мерасонад. [9, с. 37-41]

Қайд кардан лозим аст, ки дар синни томактабӣ дар кӯдак имкониятҳои нав барои мустақилнокӣ пайдо мешаванд. Бо баробари ворид шудан ба гурӯҳи ҳамсолон дар тараққиёти шахсияти кӯдак дигаргуниҳо ба вуҷуд меояд. Ӯ дар доираи муносибатҳои байниҳамдигарӣ баъзан ба ҳолати аффективӣ меафтад. Махсусан, дар ин раванд бозиҳои нақшофарии мазмундор маънии муҳим доранд. Маҳз бозии якҷоя бо ҳамсолон, ҳавасмандгардонӣ дар таассуроти ҳамаи дараҷаҳои инкишофёбӣ, робитаи тарафайн, навгониҳо, дар худ нақшҳои зиёди иҷтимоиро қабул кардан ва ғайраро кӯдак аз худ мекунад. Ҳамаи гуфтаҳои дар боло овардашуда, бевосита барои инкишофёбии худбаҳодиҳии кӯдакони синни калони томактабӣ таъсири калон мерасонад. [10, с. 88-89]

Кӯдак ба худ тавре баҳо медиҳад, ки волидон ва атрофиён ба ӯ баҳо медиҳанд, волидон низ ҳамин тавр дар кӯдак арзишҳои шахсӣ, ғояву, андешаҳо, намунаи рафтору амалҳоеро ташаккул медиҳанд, то ки кӯдаконашон дар асоси онҳо бояд баробариро дарк карда, зарурати иҷро намудани ин ё он амали ҷавобгӯйи талаботро таъмин намоянд. Агар талабот ба таври ҳақиқӣ ба имкониятҳои кӯдак мувофиқат кунанд, он гоҳ барои ба мақсад расидан иҷрои вазифаҳо ба нақша дароварда мешаванд. Он набояд имконияти ташаккул додани образи мусбии «Ман» ва бартарафкунии худбаҳодиҳии манфӣ гардад. Агар мақсад ва нақшаҳо ба таври ҳақиқӣ набошанд, он гоҳ нокомиҳои пешомада сабаби аз даст додани боварӣ нисбат ба худ, шаклгирии образи манфии «Ман» ва худбаҳодиҳии паст мегардад.

Барои кӯдак аз ҷониби волидон танқид ва сахтгирии якранг зарар дорад, махсусан, вақте, ки эродҳои волидон ҷанбаи манфӣ дошта бошад. Дар натиҷа, дар мадди аввал дар кӯдакони синни калони томактабӣ худбаҳодиҳии номувофиқу баланд ташаккул ёфта, дар ҳолати дуюм бошад, худбаҳодиҳии паст ташаккул меёбад. Дар ин ё он ҳолат қобилияти таҳлил намудан, баҳогузорӣ кардан ва назорат аз болои амалу рафторҳои худ инкишоф намеёбад. [11, с. 75-79]

Маълум аст, ки аҳаммияти муносибати волидон дар тараққиёти шахсияти кӯдакон ва худшиносии онҳо хело муҳим аст. Л.Я. Гозман ва Э.В. Эткин дар китоби худ «Педагогикаи оилавӣ» иқтибоси хубе овардаанд: «Кӯдак қисме аз табиат буда, мо набояд табиатро ҳукмронӣ намоем, мо бояд оромона зиндагонӣ карда қонуниятҳои инкишофёбии ӯро дарк

кунем. Кӯдак ҳама вақт роҳи худро дошта, ҳаёти ӯ чандин маротиба аз ҳаёти калонсолон душвортар аст. Кӯдак ба таври дигар амал мекунад, ки мо онро ҳис накарда, ба онҳо фишор меорем».

Ду шароити мусбӣ барои муносибати волидйн ба кӯдак мавҷуд аст: муҳаббат ва мустақилӣ. Муҳаббати волидайн нисбат ба фарзандон бояд сарҳад ва ҳадду канор надошта бошад.

Муҳаббати волидон дар худ ду вазифаро дар бар мегирад, ки ҳангоми иҷро намудани он волидон ба кӯдакони худ барои тараққиёт ва шаклгирии шахсияти муносиб кумак мерасонанд. Дар кӯдак ҳисси бовариро бедор кардан вазифаи аввалиндараҷа мебошад, ки волидон ӯро дӯст дошта, нигоҳубин менамоянд. Баъдан, дар давоми ҳаёт бояд кӯшиш намуд, ки робитаро бо кӯдак нигоҳ дошт ва ӯро дастгирӣ кард. Робитаи психологӣ, пеш аз ҳама, муносибати шарикона ва боваринок аст. Мароқ зоҳир намудан ба мушкилот, хоҳиш, ҳолат ва ба тамоми он чизҳое, ки маҳз ба кӯдак шавқовар аст. Зарур аст, ки бо кӯдак гуфтугӯ ва амали якҷояро ташкил дод. Вазифаи дуюм бошад, қабул кардани кӯдак мебошад. Қоидаи асосӣ дар иҷрои ин вазифа кӯдакро чӣ тавре ки ҳаст ҳамон тавр новобаста аз ҷинсият (писар ё духтар будан) мавқеи иҷтимоии аввалину дуюмини синни томактабӣ, мактабхон, хушрӯй монанд ба намуду рафтори дигарон ва ҳатто маҳдудиятҳои ҷисмонию равонӣ, афзалияту пешравиҳо, чун шахсияти арзишманд қабул кардан аст. Ҳангоми баҳогузорӣ кардан на танҳо ба сифатҳои шахсӣ - инфиродии кӯдак, инчунин, ба амалҳои ӯ ва тарзу услуби ҷории онҳо баҳогузорӣ кардан лозим аст. Тамоми баҳои мусбӣ ва манфие, ки ба шахсияти кӯдак дода мешавад, метавонад таъсири муайян расонида, ба шаклгирии худбаҳодиҳии баланд ё паст бурда расонад. Хуб мешуд таъриф асоснок карда шавад, ки «гуфтаҳои Ман» ба кӯдак имконият медиҳад то ба худаш баҳо диҳад.

Агар алоқаи тарафайнро байни худбаҳодиҳӣ ва типи муошират дар оила назорат барем, он гоҳ дар кӯдаконе, ки муносибати бовариноқро нисбат ба волидон доранд, дорои худбаҳодиҳии мувофиқ мебошанд, аммо дар кӯдаконе, ки волидонашон аз рӯйи низом муошират менамоянд, дорои худбаҳодиҳии номувофиқ мебошанд.

Ба назари Н.В. Искодолский се навъи муносибати нодурусти кӯдак нисбати волидон вуҷуд дорад, ки он метавонад муносибати онҳоро аз нав барқарор созад ё ихтилофнок гардонад. Пеш аз ҳама, муносибати ҳукмронанда – назорати қатъӣ, ҷазои сахт, таҳдидҳо. Ҷавоби кӯдакон – хашмгинӣ, мубориза бо волидон, раднамоии ҳукмронии онҳо. Назорати ҷиддиро кӯдакон низ метавонанд истифода баранд, аммо дар сурате, ки мақсадҳои муайян ва амалҳои хуб фикркардашуда дошта бошанд.

Навъи дуюми муносибати нодурусти волидайн муносибати радкунанда мебошад, ки ё дар шакли фориғболӣ нисбат ба кӯдакон талаботу эҳтиёҷоти ӯ ва ё дар шакли рафторҳои ҷиддӣ нисбати амалу кирдорҳои кӯдакон ифода меёбад. Натиҷаи ин навъи муносибат вайроншавии муносибати арзишмандӣ волидайн бо кӯдак мегардад, яъне набудани муттаҳидии тарафайн. Ин усулро метавонанд волидон ҳамчун зоҳиршавии рафтори номатлуби кӯдак истифода баранд, яъне («Ман туро ба эътибор намегирам»). Ҳар ду навъи муносибати волидайн метавонад дар кӯдак хашму ғазабро ба вуҷуд орад. [12, с. 55-58]

Набудани маҳорати барқароркунӣ дар муоширати кӯдак бо волидон шароити объективие мебошад, ки раванди шаклгирии худшиносии кӯдаконаро номумкин ва хеле мушкил мегардонад. Зери таъсири волидон будани кӯдак дар ӯ дониш ва тасаввуротро дар бораи худ зиёд мекунад, ки дар натиҷа дар онҳо ин ё он навъи худбаҳодиҳӣ пайдо мешавад.

Нақши волидон дар тараққиёти худшиносии кӯдакон аз инҳо иборат аст:

– ба кӯдак дар бораи сифатҳо ва имкониятҳои шахсиятӣ – фардии ӯ маълумот дода мешавад;

– баҳогузорӣ ба фаъолият ва рафтори ӯ амалӣ мегардад;

– шаклгирии арзишҳои шахсӣ ба вуҷуд меояд, ки дар натиҷаи он кӯдак ба арзишҳои худ баҳо медиҳад;

– дар кӯдак хоҳишҳо нисбат ба таҳлили амалҳо ва рафторҳои худ бедор карда мешавад.

Албатта, пешниҳодоти мазкур таҳқиқи ҳамаҷонибаро талаб намуда, зарурати ташаккули фарҳанги педагогии волидонро ба миён мегузорад.

Адабиёт:

1. Боулби Дж. Привязанность. – М.: “Гардарики”. – 2003. – 477 с.; Боулби Джон. Создание и разрушение эмоциональных связей. – М.: “Академический проект”. – 2004. – 232 с.; John Bowlby. The Nature of the Child’s Tie to His Mother. – London. – 1958

2. Захаров А.И. Как предупредить отклонения в поведении ребёнка. – М.: «Просвещение», 1986. – 128 с.; Захаров А. И. Дневные и ночные страхи у детей. Серия «Психология ребенка». – СПб.: «Издательство СОЮЗ», 2000. – 448 с.

3. Захаров А.В. психология формирования самооценки. – Минск. 1993. – 103 с.

4. Эйнсворт М.Д. Объектные отношения, зависимость и привязанность: теоретический обзор проблемы взаимосвязи мать-младенец // Психология привязанности: Тексты/ Сост. и перев. М.Л.Мельниковой; Под ред. С.Ф. Сироткина. Ижевск. 2005. С. 37-129.;

5. Эйнсворт М.Д. Привязанности за порогом младенчества / Детство идеальное и настоящее / под ред. Е.Р. Слободской. – Новосибирск, 1994. – 136 с.;

6. Эйнсворт М.Д. Детско-материнская привязанность // Амер. Психол. Асссоциация. – 1979. – т. 11. – с. 67-104;

7. Эйнсворт М.Д. Развитие детско-материнских отношений. // Детск. Отнош. – 1969. – т. 11. – с. 67-104.

8. Обухова Л.Ф. Детская психология. – М., 2000. – С.74.

9. Обухова Л.Ф. Детская психология. – М., 2000. – С.76.

10. Леонтьев А. Н. К теории развития психики ребенка // Леонтьев А. Н. Пр

11. Эльконин Д.Б. Развитие личности ребенка-дошкольника // Психология личности и деятельности дошкольника / Под ред. А.В. Запорожца и Д. Б. Эльконина. – М., 2004. – С. 170.

МУНОСИБАТИ ВОЛИДОН ДАР ОИЛА ВА ТАЪСИРИ ОН БА ШАКЛГИРИИ ХУДБАҲОДИҲИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Мақолаи мазкур фарогири ақидаҳои педагогӣ машҳури соҳаи педагогика, ки дар онҳо алоқаи тарафайнро байни худбаҳодиҳӣ ва типи муошират дар оила назорат мебаранд, ки дар кӯдакони муносибати боваринокро нисбат ба волидон доранд, дорои худбаҳодиҳии мувофиқ мебошанд, аммо дар кӯдаконе, ки волидонашон аз рӯйи низом муошират менамоянд, дорои худбаҳодиҳии номувофиқ мебошанд.

Ба ақидаи Н.В. Искодолский се навъи муносибати нодурусти кӯдак нисбати волидон вуҷуд дорад, ки он метавонад муносибати онҳоро аз нав барқарор созад ё ихтилофнок гардонад. Назорати ҷиддиро кӯдакон низ метавонанд истифода баранд, аммо дар сурате, ки мақсадҳои муайян ва амалҳои хуб фикркадашуда дошта бошанд.

Ин муносибати нодурусти волидайн муносибати радкунанда мебошад, ки ё дар шакли фориғболӣ нисбат ба кӯдакон талаботу эҳтиёҷоти ӯ ва ё дар шакли рафторҳои ҷиддӣ нисбати амалу кирдорҳои кӯдакон ифода меёбад. Натиҷаи ин навъи муносибат вайроншавии муносибати арзишмандӣ волидайн бо кӯдак мегардад, яъне набудани муттаҳидии тарафайн. Ин усулро метавонанд волидон ҳамчун зоҳиршавии рафтори номатлуби кӯдак истифода баранд, яъне («Ман туро ба эътибор намегирам»). Ҳар ду навъи муносибати волидайн метавонад дар кӯдак хашму ғазабро ба вуҷуд орад.

Калидвожаҳо: навъи дуюм, ғазаб, волидайн, кӯдакон, эътибор, эътиқод.

ОТНОШЕНИЯ РОДИТЕЛЕЙ В СЕМЬЕ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА ФОРМИРОВАНИЕ САМООЦЕНОК ДОШКОЛЬНЫХ ДЕТЕЙ

В данной статье рассмотрены популярные педагогические идеи в области педагогики, в которых контролируют взаимную связь между самооценкой и типом общения

в семье, в которых дети, имеющие доверительные отношения с родителями, имеют соответствующую самооценку, но у детей, родители которых общаются с системой, наблюдается противоречивая самооценка. По мнению Н.В. Искодольского, существует три типа неправильного отношения ребенка к родителям, которые могут восстановить или вызвать конфликт их отношений. Серьезный надзор также может быть использован детьми, но только в том случае, если у них есть конкретные цели и продуманные действия. Это неправильное отношение родителей – отвергающее отношение, которое выражается либо в форме пренебрежения к детским требованиям и потребностям, либо в форме серьезного отношения к действиям детей. Результатом такого типа отношений является нарушение ценностных отношений между родителями и ребенком, то есть отсутствие взаимного единства. Этот метод может быть использован родителями как проявление нежелательного поведения ребенка, т. е. («Я тебя игнорирую»). Оба типа поведения родителей могут вызвать гнев у ребенка.

Ключевые слова: второй тип, гнев, родители, дети, репутация, убеждения.

RELATIONS IN THE FAMILY AND ITS INFLUENCE ON THE FORMATION OF PRESCHOOL CHILDREN

This article discusses popular pedagogical ideas in the field of pedagogy, which control the mutual relationship between self-esteem and the type of communication in the family, in which children who have a trusting relationship with their parents have appropriate self-esteem, but children whose parents communicate with the system have contradictory self-esteem. According to N.V. Po Iskodolsky, there are three types of incorrect attitude of a child to parents that can restore or cause a conflict in their relationship. Serious supervision can also be used by children, but only if they have specific goals and thoughtful actions. This incorrect attitude of parents is a rejecting attitude, which is expressed either in the form of neglect of children's demands and needs, or in the form of a serious attitude to children's actions. The result of this type of relationship is a violation of the value relationship between parents and a child, that is, the absence of mutual unity. This method can be used by parents as a manifestation of unwanted behavior of the child, i.e. ("I ignore you"). Both types of parental behavior can cause anger in a child.

Key words: second type, anger, parents, children, reputation, beliefs.

Маълумот дар бораи муаллиф: Иззатова Нозанин муаллими калон кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16; тел: (+992) 918752904

Сведения об авторе: Иззатова Нозанин, старший преподаватель кафедры психологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки, 735360, РТ, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16; Тел: (+992) 918752904

Information about the author: Izzatova Nozanin, senior lecturer of the Department of Psychology, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki, 735360, Tajikistan, Kulob, st. S. Safarova, 16; Tel: (+992) 918752904

ТДУ:38.0 (075.8)
К-39

ДОНИШАЗХУДКУНӢ ВА ХУДБАҲОДИҲИИ ХОНАНДАГОН ДАР МУҲИТИ ОИЛА

Каримова М.Ф., ассистент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ташаккули оилаи солим ба дастгирии давлат ниёз дошта, дар ҳама давру замон барои тарбияи оилаи солим афзалият дода мешуд. Бо ибораи дигар, яке аз самтҳои муҳимми сиёсати

оила ин ёриву дастгирии давлат ба оилаҳои ҷавон мебошад, зеро маҳз ҳамин категорияи оилаҳо аз ҷиҳати қобилияти физиологии таваллуди фарзанд ба давлат «судмандтарин» ба шумор мераванд. Барои муайян кардани моҳияти оила муҳаққиқон ба он таърифҳои гуногун додаанд, ки ҳар яке дар мавқеи худ дуруст аст. Масалан: «Оила гурӯҳи (воҳидҳои) хурди иҷтимоӣ, муҳимтарин шакли ташкили ҳаёти шахсӣ мебошад, ки ба иттиҳоди зану шавҳар ва робитаҳои хешовандӣ, яъне муносибатҳои зану шавҳар, падару модар асос ёфтааст, дар он фарзандон, бародарону хоҳарон ва дигар хешу табор якҷоя зиндагӣ карда, хоҷагии умумиро пеш мебаранд». [5, с. 319]

Оила ҳамчун рукни ибтидоии ҷамъият ба сифати танзимгари муносибатҳои байни одамон баромад мекунад. Меъёрҳои иҷтимоӣ ва намунаҳои мадании дар ҷамъият вуҷуддошта барои чӣ навъ будану шудани ҳар як аъзои оила мусоидат менамоянд ва вазифаю ӯҳдадориҳои ҳар якеро аниқу равшан мегардонад.

Ҷанбаи асосии тарбияи оилавӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи тарбияи ахлоқии насли наврас ба ҳисоб меравад, зарурият ва аҳаммияти он ба ташаккули донишу маҳорат, малакаи хонандагон дар асоси «Консепсияи миллии тарбия» ва як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба монанди Қонуни Ҷумҳуриии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2004с), «Консепсияи мактаби миллии тоҷик» (1996с) дарҷ шудаанд. Дар ҳуҷҷатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки парваридани маҳорату малакаҳои донишазхудкунӣ дар хонандагон вазифаи муҳим буда, дар рафти он шахс обутоб меёбад, хислатҳои маънавию эстетикӣ, масъулиятшиносӣ, ташаббускорӣ, сарфакорӣ, эҳтиёткорӣ ва амсоли онҳо ташаккул меёбанд. [8, с. 704] Яке аз унсурҳои асосии тарбияи оилавӣ ин худбаҳодиҳии хонандагон дар ташаккули сифатҳои донишазхудкунӣ дар раванди таълим маҳсуб меёбад.

Худбаҳодиҳӣ – баҳо додани шахс ба имконияту хусусиятҳои худаш ва мавқеи ишғолкардааш дар байни дигар одамон мебошад. [7, с. 15] Худбаҳодиҳӣ асоси шахсро ташкил медиҳад ва танзимгари рафтор ба ҳисоб меравад. Аз худбаҳодиҳӣ ба муносибати байниҳамдигарии шахс бо атрофиён, танқидӣ, серталабӣ ва муносибаташ ба муваффақияту нобарориҳо вобаста аст. Худбаҳодиҳӣ ба самаранокии фаъолияти одам таъсир расонда, ба тараққиёти минбаъдаи шахсияти ӯ мусоидат мекунад. Худбаҳодиҳӣ бо дараҷаи иддаои шахс, ки душвориҳои мақсадгузории онҳоро ифода менамояд, зич алоқаманд аст. Ин ҳама имконият медиҳад, ки шахс дараҷаи боварии қатъӣ доштанашро ба худ муайян мекунад.

Баҳодиҳӣ – ин раванди мушоҳида аз болои фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагон, инчунин раванди тавсиф, ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва тафсири иттилоот оид ба хонанда бо мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилот мебошад.

Масъалаи баҳогузории донишҳои хонандагон дар маркази таваҷҷуҳи олимони тамоми ҷаҳон қарор дорад. Педагоги амрикоии асри ХХ Ҷон Дюи исбот мекунад, ки сифати таҳсилот аз он вобаста аст, ки хонанда чӣ тавр фанни мавриди омӯзишро дарк мекунад. [9, с. 119] Бар асоси натиҷаҳои озмоишҳо дар яке аз мактаби Чикаго Дюи ба хулосае омад, ки таълими бо назардошти шавқу ҳавасҳои хонандагон ва вобаста ба талаботи ҳаётии онҳо бунёдёфта, назар ба таълими «нутқӣ» (китобӣ, шифоҳӣ), ки дар ҳифзи донишҳо асос ёфтааст, натиҷаҳои хеле беҳтар медиҳад. Дюи боварӣ дошт, ки «синфхона – аудитория» бояд ба «синфхона–озмоишгоҳ» табдил дода шуда, хонандагон бояд мушкилотро дар таълим мустақилона, бошуурона бартараф кунанд.

Меъёри асосии сифати таҳсилот сатҳи дастовардҳои таълимии хонандагон мебошад, ки ба стандарти давлатии таҳсилот мувофиқат карда, аз тариқи баҳодиҳии натиҷаҳои таълим муайян карда мешавад. Сипас натиҷаи баҳодиҳӣ бо холҳо сабт карда мешавад, ки онро баҳо меноманд. [10, с. 258]

Оиди ин масъала назарияи олимон гуногун буда, Ю.К. Бабанский қайд мекунад: «Баҳодиҳӣ мафҳуми васеътар ва серғунҷоиштар аст, зеро он ҳолати сифатии омодагии хонандаро ифода мекунад, дар ҳоле ки баҳо танҳо хусусияти шартии миқдории онро медиҳад». [2, с. 193] Ҳарчанд ӯ таъкид мекард, ки «баҳодиҳии фаъолияти таълимии хонанда дар мулоҳизаҳо ва хулосаҳои баҳодиҳии омӯзгор ифода меёбад, ки хусусиятҳои сифатии сатҳи умумии омодасозии хонандагон, муваффақиятҳо ва камбудиҳои онҳо, инчунин роҳҳои такмили

онро инъикос мекунад», яъне дар баҳодиҳии дастовардҳои таълимии хонандагон баҳо пурра инъикос намеёбад.

Мувофиқи мақсад ташкил кардани тарбияи оилавӣ ва ташаккул додани маҳорату малакаҳои донишазхудкунӣ ба шахсияти бачагон таъсири фоидабахши маънавию эстетикӣ мерасонад. [11, с. 47] Бо мақсади муайян кардани тарбияи оилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҷрибаҳои зиёди педагогӣ гузаронида шудааст.

Автора пытается анализировать противоречия между требованиями предъявляемыми обществом к современному учителю и недостаточной сформированности профессионально – значимых качеств будущего педагога у выпускников педагогического вуза. Она уверена, что в формировании профессионально – значимых качеств будущего учителя большую роль играет педагогическая практика. Сегодня педагогическая практика рассматривается как целостный процесс, который способствует саморазвитию студента, развитию его психических и личностных свойств и качеств. Достижение определенного уровня педагогических умений должно стать личностно значимой целью студента.

В целом, приобретаемые в ходе педагогической практики опыт должен войти в субъектное пространство будущего учителя, стать его личностной ценностью.

Статья является результатом систематического изучения проблем и исследования автора, который предлагается большому кругу читателей.

Ключевые слова: навыки, педагогика, умение, практика, результат, личность, цель, подход, руководство, знание

МОҲИЯТИ ТАҶРИБАИ ПЕДАГОГӢ ВА МЕХАНИЗМОНИ ТАШКИЛИ ОН

Мақолаи мазкур ба таҷрибаи омӯзгорӣ, ки он нақши муҳимеро дар тайёркунии омӯзгорони оянда, фаъолияти педагогӣ, ташкил ва ташаккули хусусиятҳои касбӣ – муҳимми шахсияти донишҷӯ –омӯзгори оянда мебозад бахшида шудааст.

Ба ақидаи муаллиф таҷрибаи омӯзгорӣ ба хатмкунандагон на танҳо касбият, ҳамчунин асоси кордонии иҷтимоӣ ва маданиро омӯзонда, ташкили корҳои коллективӣ, алоқаи маданӣ, ҳамчунин ба воситаи ҷалби омӯзгорони оянда ба фаъолияти таҷрибаи педагогиро таъмин менамояд.

Муаллиф қӯшиш ба харҷ додаст, то он мухолифатеро, ки дар байни талаботи ҷамъият ба омӯзгори муосир, ин ҳам бошад дар нокифоя будани хусусиятҳои касбии омӯзгори оянда дар хатмкунандагони макотиби олиро таҳлил кунад.

Вай мутмаин аст, ки дар ташаккули хусусиятҳои касбии омӯзгори оянда нақши муҳимро таҷрибаи омӯзгорӣ мебозад. Имӯзҳо таҷрибаи омӯзгорӣ ҳамчун ҷараёни комиле муоина мешавад, ки ба худравнақдиҳии донишҷӯ, ба ташаккули хусусиятҳои омӯзгорӣ ва равонии вай мусоидат мекунад. Ба даст даровардани дараҷаи муайяни малакаи педагогӣ бояд мақсади пураҳаммияти шахсии донишҷӯ шавад.

Хулоса, маълумоти дар ҷараёни таҷрибаи омӯзгорӣ бадастоварда бояд ба фазои омӯзгори оянда дохил шуда, муқаддасоти шахсии вай шавад.

Мақола натиҷаи омӯзиши пайгиронаи масъала ва таҳқиқи муаллиф ба ҳисоб меравад, ки ба доираи васеи хонандагон пешкаш карда мешавад.

Калидвожаҳо: малака, педагогика, маҳорат, таҷриба, натиҷа, шахсият, мақсад, муносибат, роҳбарият, дониш

THE ESSENCE OF PEDAGOGICAL PRACTICE AND THE MECHANISMS OF ITS ORGANIZATION

This article is devoted to pedagogical practice, which plays an important role in preparing future teachers for teaching, forming and developing professionally significant personality traits of a student – future teacher.

According to the author, pedagogical practice provides graduates with not only professional, but also basic social and cultural competencies and attitudes, including teamwork, intercultural communication, including through direct updating of the practice system, through the involvement of future teachers in practical pedagogical activities.

The author tries to analyze the contradictions between the requirements imposed by society on a modern teacher and the insufficient formation of professionally significant qualities of a future teacher among graduates of a pedagogical university. She is sure that pedagogical practice plays an important role in the formation of professionally significant qualities of a future teacher. Today, pedagogical practice is considered as an integral process that contributes to the student's self-development, the development of his mental and personal properties and qualities. Achieving a certain level of pedagogical skills should become a student's personally significant goal.

In general, the experience gained in the course of pedagogical practice should enter the subjective space of the future teacher, become his personal value.

The article is the result of a systematic study of the author's problems and research, which is offered to a wide range of readers.

Keywords: skills, pedagogy, skill, practice, result, personality, goal, approach, leadership, knowledge

Сведения об авторе: Курбонова С.А. - ассистент общеуниверситетской кафедры русского языка КГУ им. А. Рудаки 734360, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Куляб, улица С. Сафарова 16.

Маълумот дар бораи муаллиф: Қурбонова С.А. – ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони русии ДДК ба номи А.Рӯдакӣ 734360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16.

Information about the author: Қurbonova S.A. - assistant of the department of the Russian language of the Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki 734360, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kulob, S. street Safarov -16.

ТДУ-001+321 (2-тоҷ)
ТКБ-66+66.01 (2-тоҷ)
Қ-13

ТАЪМИНОТИ МЕТОДОЛОГИИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ДОНИШҶӮЁН

Қурбонова У.Т., н.и.п., и.в. дотсент
Имомалиев Х.М., докторант аз рӯйи ихтисос (PhD)
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Низоми маориф аз даврони пайдоиш то инҷониб ҳамеша дар рушдёбӣ ва таҳаввулот қарор дорад. Ташаккули низом дар асоси талаботи замон ба роҳ монда шуда, тағйироти ҷузъӣ ва куллиро ба миён меорад. Агар мо муқоисаи низоми навро бо низоми пешина нишон диҳем, дида метавонем, ки кадом ҷузъҳо иваз гардидаанд, аз байн рафтаанд, ё ин ки рушд ёфтаанд. Масалан, дар асри XXI тамоми соҳаҳо ба технологияҳои рақамӣ такя кардаанд, ки соҳаи маориф низ яке аз онҳо мебошад. Вале, новобаста аз тараққиёт ва пешрафти илму техника арзёбӣ ва баҳогузорӣ ҷузъи асосии раванди таълим боқӣ мемонад. Дар ин замина мафҳуми дигаре, ки барои боз ҳам ба таври низомнок санҷидани раванди таълим ба мо кумак мекунад ин мониторинг мебошад.

Мониторинг ин низоми назоратӣ ва санҷишие мебошад, ки дар тамоми соҳаҳо истифода бурда мешавад. Агар ба таърих назар афканем мафҳуми «мониторинг» мафҳуми нав мебошад, ки дар амал татбиқ намудани чорабиниҳои назоратӣ, мушоҳидавӣ, таҳқиқотӣ, санҷишӣ, арзёбӣ вобаста ба нишондиҳандаҳо (индикаторҳо), натиҷагирӣ ва таҳлилҳои муқоисавиро дар як нақша ба роҳ мемонад. Вобаста ба ин, барои мониторинги ин ё он самт фаъолияти онро ба назар гирифта, нақшаи мониторинг бо муҳлати зарурӣ таҳия карда мешавад. Баъди гузаронидани мониторинг самаранокии кор натиҷагирӣ карда мешавад. Ҳамзамон, костагиҳо ва камбудиҳо сари вақт бароварда шуда, имконияти ислоҳи онҳо қадам ба қадам ба вуҷуд меояд.

Аз сарчашмаҳо истифода намуда, мафҳуми мониторингро шарҳ медиҳем:

- **мониторинг** ин низоми назорати муттасили падидаҳо ва равандҳои дар муҳити зист ва ҷомеа рухдода мебошад, ки натиҷаи он ба асоснок кардани қарорҳои идоракунӣ оид ба таъмини амнияти одамон ва объектҳои иқтисодиёт хидмат мекунад [1].
- **мониторинг** инъикоси талаботи нави идоракунӣ оид ба сифат, ҳаҷм ва муҳлати иттилоот барои қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад, ки ба ҳолати воқеии фаъолиятҳо мувофиқанд [3].

Пайдоиши мафҳуми «мониторинг» бо ташаккул ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ алоқаманд аст, ки барои он дар бораи ҳолати объекту сохторҳои алоҳида маълумоти объективӣ ва субъективӣ лозим буд. Ин мафҳум дар педагогика мавриди истифода қарор гирифт, ки мониторингро ҳамчун низоми ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва паҳн кардани маълумот дар бораи таълим барои гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ё ташкили назорати идоракунӣ (маҷмуи методҳои арзёбии ҳолати низом) баррасӣ мекунад. Дар дилхоҳ соҳаи фаъолияти инсонӣ ба динамикаи мусбӣ бе эътироф (аз ҷониби ҳама ё бисёриҳо) ва қабули низом ноил шудан номумкин аст. Муайян кардани рейтинги муассисаҳои таълимӣ ва муайян кардани самтҳое, ки

аз омӯзгорон таваҷҷуҳи хоса талаб мекунанд, имконпазир гардид. Дар баробари ин душвориҳои калон ба миён омаданд. Низоми таълим хеле мураккаб ва серҷабҳа гардид, то ки фавран чунин мониторингеро ташкил намояд, ки ба вазъияти кор объективона баҳо дода тавонад [5, с. 263].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи сифати таҳсилот ва арзёбии раванди таълим яке аз мақсадҳои асосӣ буда, дар ин самт корҳои назаррас анҷом дода шудаанд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 марти соли 2007, №105 Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф таъсис дода шуд. Бо мақсади таъмини пешбурди фаъолияти самарабахши сиёсати ягонаи назорати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти аттестатсия, аккредитатсия, иҷозатномадиҳӣ, баҳогузории маҷмуӣ ва арзёбии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2020, №1430 Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф ба Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд. Ин сохтор ҷиҳати пайваста мониторинг, арзёбӣ ва назорати сифати таҳсилот дар тамоми ҷумҳурӣ хизмат мекунад.

Ҳамзамон, ҷиҳати боз ҳам дар сатҳи хуб ба роҳ мондани раванди таълими донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шуъбаҳои мониторинг ва идоракунии сифати таҳсилот таъсис дода шудааст, ки ҳадафи он назорати сифати таҳсилот, мониторинг ва арзёбии фаъолияти омӯзгорон, донишҷӯён, барномаҳои таҳсилотӣ, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ, силлабусҳои фаннӣ, маводи таълимӣ, саволномаҳои имтиҳонӣ ва захираҳои электронии таълимӣ мебошад.

Назорат ва арзёбии дониш, маҳорату малакаҳои амалии донишҷӯён таърихи қадима дорад. Аз оғози пайдоиши муассисаҳои таълимӣ назорат ва баҳогузории дониш, маҳорат ва малакаҳо ҳамчун як амали гуманистии ҳавасмандкунӣ анҷом дода мешуд. Дар замонҳои гузашта дар аксар муассисаҳои таълимии сатҳи гуногун, агар натиҷаҳои баҳогузории фаъолияти таълимӣ ғайриқаноатбахш эътироф мегардид, ба муҳассилин ҷазои ҷисмонӣ пешбинӣ мешуд. Ҳангоми натиҷаҳои мусбат ҷазои ҷисмонӣ роиҷ набуд, ки ин худ ба худ ҳавасмандкунӣ ҳисоб меёфт. Баҳогузорӣ зуд ба таҷрибаи кори муассисаҳои таълимии гуногун ворид гардида, шаклҳои мухталифро қабул намуд, аҳаммияти иҷтимоӣ пайдо кард ва ҳамчун «воситаи фишор ба муҳассилин» табдил ёфт. Ба шарофати баҳогузорӣ муҳассилин аз рӯйи қобилият, дониш, маҳорату малака ва вазъи иҷтимоӣ гурӯҳбандӣ карда шуданд, ҳамзамон варақаи баҳо чун шаҳодатнома барои гирифтани идрорпупӣ ва ёрдампулиҳои гуногун, мукофот ва ғайраҳо хизмат мекард [2, с. 67–93].

Бо пешрафти илму техника моро мебояд аз методҳои анъанавии назорати сифати таҳсилот таҷриба гирифта, раванди мониторинг ва арзёбиро дар асоси фазои рақамӣ ба роҳ монем.

Дар раванди таълим пеш аз ҳама бояд чунин донишҳои илмӣ, воситаҳои таълимӣ, технология ва методҳои нави таълим ба роҳ монда шаванд, ки барои донишазхудкунии донишҷӯён ва хонандагон ҳамчун механизми худтараққидиҳӣ саҳмгузор бошанд. Дониши баланди муосирро асосан ҳангоми босуръат ҷараён гирифтани раванди таълим, муайян кардани мавқеи худ дар татбиқ ва истифодабарии воситаҳои ТИК гирифтан мумкин аст. Барои фаъолияти васеи таълимиро ба роҳ мондан, омӯхтани сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ, пайдо намудани фикру ақидаҳои гуногун оид ба мушкилоти мавҷуда, водор намудани донишомӯзон ба таълим ва фикрронии мустаъқилона зарур аст. Имрӯзҳо ба туфайли истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таълим ташкили самараноки омӯзиш имконпазир шудааст [7, с. 98].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини имкониятҳои баробари арзёбии таҳсилот барои таълимгирандагон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва рушди қобилиятҳои инфиродӣ, аз ҷумла ташаккули тафаккури мантиқию таҳлилӣ (интиқодӣ) ва амалӣ намудани сатҳҳои гуногуни арзёбӣ «Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044» (қарори Ҳукумати ҶТ аз «29» апрели соли 2024, № 240) таҳия ва тасдиқ гардидааст. Мақсади Консепсия беҳтар гардонидани сифати таҳсилот ва ба танзим даровардани низоми арзёбӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилот, инчунин идоракунии тадбирҳои вобаста ба низоми

баҳогузорӣ ва арзёбӣ дар соҳаи маориф ифода гардида, ба амалишавии корҳои зерин мусоидат мекунад:

- ✓ мутобиқатии барномаҳои таълимӣ бо стандартҳои фаннӣ;
- ✓ арзёбии барномаи таълимӣ;
- ✓ арзёбии натиҷаҳои таҳсилоти таълимгиранда;
- ✓ мониторинги дастовардҳои таълимгиранда;
- ✓ муайян намудани механизмҳои муосири баҳогузорӣ ва арзёбии мониторинги стандартҳои давлатии таҳсилот;
- ✓ заминагузорӣ ба арзёбиҳои миллӣ ва байналмилалӣ.

Барои амалӣ намудани таҳсилоти босифат соҳаи маориф ба арзёбии хуб ва бонизом, ки ба рушди зеҳнӣ ва шахсии хонандаву донишомӯз равона гардидааст, ниёз дорад. Арзёбии хуб аз соҳаи маориф ё омӯзгори ҷудогона тақозо менамояд, ки бо баҳогузорӣ ё арзёбии ин ё он салоҳияти шахсони алоҳида ё гурӯҳе иктифо накарда, аз таҳлили хуб кор гиранд. Чунки ҳадафи асосии арзёбӣ ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта, пайдо намудани сабаби камбудиҳо ва дарёфти роҳҳои ҳал мебошад. Бо ин мақсад, амалӣ намудани стандарти давлатии таҳсилот, барномаи таълимӣ, нақшаи таълимие, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипи муносибати босалоҳият амалӣ карда мешаванд, омӯзгори замони муосирро водор менамояд, ки аз таҳлили дақиқу огоҳмандона кор бигирад. Дар баробари омӯзгор дигар шахсон, ба монанди мушовирони шуъбаю раёсати маорифи шаҳру ноҳияҳо ва Вазорати маориф ва илм, санҷишгарони Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, кормандони бахши ҳифзи ҳуқуқ, ки бевосита ё бавосита фаъолияташон ба раванди таълиму тарбия равона гардидааст, низ уҳдадоранд, ки аз таҳлилҳои омӯзанда ва созандаи онҳо таҳсилоти босифат амалӣ карда шавад [8].

Масъалаи ташкили мониторинг ва арзёбӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҷомеа мубрам мебошад, чунки тавассути мониторинг ва арзёбӣ раванди самаранок, ё ин ки бесамар татбиқ намудани ин ё он амал муайян карда мешавад. Барои дар сатҳи хуб ба роҳ мондани кор метавонем пеш аз оғоз нақшаи мониторинг ва арзёбии онро таҳия намоем ва давра ба давра аз рӯйи он амал намоем. Ин ба мо имкон медиҳад, ки дар оянда моро мушкилию буҳронҳо интизор аст, ё ин ки муваффақиятҳо. Вобаста ба ин, ҷиҳати мониторинги дилхоҳ фаъолият бояд меъёрҳои арзёбӣ, муқаррарот (регламент), нишондиҳандаҳо (индикаторҳо), назорат ва вақти амалишавӣ ба назар гирифта шаванд. Дар расми 1 мониторинг ва ҷузъҳои вобастаи он нишон дода шудааст:



Расми 1. Мониторинг ва ҷузъҳои вобастаи он

Дар расми 1 ҷузъҳои асосии мониторинг оварда шудааст, ки дар дилхоҳ соҳа онҳо истифода мешаванд. Вале, ҳар яки онҳо метавонанд, аз зерҷузъ иборат бошанд, яъне вобаста ба самти мониторингшаванда зеркисмҳои иловагӣ лозим мешаванд. Дар соҳаи маориф низ ин масъала ба назар гирифта мешавад.

Ҳангоми тарҳрезии мониторинг, ки ҳамчун технологияи педагогии касбӣ нигаронида шуда бошад, алгоритми зерини амалҳо мувофиқ меояд:

- муайян кардани ҳадафҳои ташхисии таълим дар заминаи фаъолияти касбии оянда, тавсифи нишондиҳандаҳои ченшавандаи натиҷаи интизорӣ;
- асосноккунии мазмуни таълим дар заминаи фаъолияти касбии ояндаи мутахассис;
- муайян намудани сохтори маводи таълимӣ, маълумотнокии он, инчунин низоми робитаҳои маъноӣ миёни элементҳои он;
- муайян намудани сатҳи зарурии азхудкунии маводи омӯхташаванда ва сатҳи ибтидоии омӯзиши донишҷӯён;

- инкишофи тарафҳои раванднокии омӯзиш: пешниҳоди таҷрибаи касбие, ки ба азхудкунии донишҷӯён мутобиқанд (мазмуни фан);
- ҷустуҷӯи тартиби махсуси дидактикии аз худ намудани ин таҷриба;
- муайян кардани мантиқи ташкили ҳамкории педагогӣ бо донишҷӯён дар сатҳи муносибатҳои субъект-субъективӣ бо мақсади интиқоли таҷриба;
- интихоби тартиби мониторинг ва арзёбии сифати азхудкунии барномаҳои таълимӣ, инчунин усулҳои ислоҳи инфиродии фаъолияти таълимӣ [4].

Гуфтаҳои болоро ба назар гирифта, қайд намудан лозим аст, ки мониторинги раванди таълими донишҷӯён ин таъминоти назариявии арзёбӣ ва назорати сифати таҳсилот буда, бо истифодаи методҳои зарурӣ ва технологияи педагогӣ натиҷаҳои таълим баҳогузорӣ карда мешаванд. Зина ба зина чорабиниҳои таҳлилию ташхисӣ гузаронида шуда, самаранокӣ ё нокомии раванди таълим муайян карда мешавад. Агар раванди таълим дар асоси зерҷузъҳои вобастаи мониторинг (ниг. расми 1) санҷида шавад, он гоҳ натиҷаҳои ҳақиқӣ ба даст овардан имконпазир мебошад.

Адабиёт:

1. Вожаҷӯ [захираи электронӣ]/ https://vazhaju.tj/word/%D0%BC%D0%BE%D0%BD%D0%B8%D1%82%D0%BE%D1%80%D0%B8%D0%BD%D0%B3/qdnWGZn (санаи дархост: 02.01.2025).
2. Гур'янова, О. В. Історія і сьогодення шкільної оцінки / О. В. Гур'янова // Педагогіка толерантності. – 2007. – № 2. – С. 67–93.
3. Имярекова М.Е. Мониторинг качества образовательного процесса как средство управления образованием в колледже [Электронный ресурс]/ М.Е. Имярекова// Науки об образовании. – 2008. – №10. / Режим доступа:https://cyberleninka.ru/article/n/monitoring-kachestva-obrazovatelnogo-protsessa-kak-sredstvo-upravleniya-obrazovaniem-v-kolledzhe (дата обращения: 02.01.2025).
4. Кельней В.А., Технология мониторинга качества обучения в системе «учитель — ученик»: метод. пособие для учителя/ В.А Кельней, С.Е. Шишов. – М.: Педагогическое общество России, 1999. – 75 с.
5. Коваленко И.В. Педагогический мониторинг как средство управления качеством образования [Текст]/ И.В. Коваленко/ Журнал-Известия Тульского государственного университета. Гуманитарные науки. – 2012. №1-2. – С. 262-271.
6. Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044 (қарори Ҳукумати ҶТ аз 29 апрели соли 2024, № 240).
7. Қурбонова, У.Т. Орифов О.О. Истифодаи нармафзорҳои компютерӣ ҳангоми назорат ва арзёбии натиҷаҳои таълими забони англисӣ/У.Т. Қурбонова, О.О. Орифов//Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои педагогӣ. – 2023. – №4(33), – С.95-100.
8. Музаффарзода Б., Иноятов У. Таълим барои арзёбӣ ё арзёбӣ барои таълим? [Манбаи электронӣ]/Б. Музаффарзода, У. Иноятов//Нашрияи "Омӯзгор" /Низоми дастрасӣ: https://omuzgor-gazeta.tj/?p=6892 (санаи дархост: 03.01.2025).

ТАЪМИНОТИ МЕТОДОЛОГИИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ДОНИШҶӮЁН

Таҳқиқи мазкур ҷанбаҳои методологии ташкили мониторинг ва арзёбии раванди таълими донишҷӯёнро фаро гирифта, муҳиммияти он дар назорати сифати таҳсилот нишон дода шудааст. Мониторинг ин низоми назоратӣ ва санҷишие мебошад, ки дар тамоми соҳаҳо истифода бурда мешавад. Агар ба таърих назар афканем мафҳуми «мониторинг» мафҳуми нав мебошад, ки дар амал татбиқ намудани чорабиниҳои назоратӣ, мушоҳидавӣ, таҳқиқӣ, санҷишӣ, арзёбӣ вобаста ба нишондиҳандаҳо (индикаторҳо), натиҷагирӣ ва таҳлилҳои муқоисавиро дар як нақша ба роҳ мемонад. Вобаста ба ин, барои мониторинги ин ё он самт фаъолияти онро ба назар гирифта нақшаи мониторинг бо муҳлати зарурӣ таҳия карда мешавад. Баъди гузаронидани

мониторинг самаранокии кор натиҷагирӣ карда мешавад. Ҳамзамон, костагиҳо ва камбудиҳо сари вақт бароварда шуда, имконияти ислоҳи онҳо қадам ба қадам ба вуҷуд меояд. Илми педагогика мониторингро ҳамчун низоми ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва паҳн кардани маълумот дар бораи таълим барои гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ё ташкили назорати идоракунӣ (маҷмуи методҳои арзёбии ҳолати низом) баррасӣ мекунад.

Қайд намудан лозим аст, ки мониторинги раванди таълими донишҷӯён ин таъминоти назариявии арзёбӣ ва назорати сифати таҳсилот буда, бо истифодаи методҳои зарурӣ ва технологияи педагогӣ натиҷаҳои таълим баҳогузорӣ карда мешаванд.

Калидвожаҳо: мониторинг, арзёбӣ, раванди таълим, сифати таҳсилот, соҳаи маориф, таълими донишҷӯён, низоми назоратӣ, технологияи педагогӣ.

МЕТОДОЛОГИЧЕСКОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ МОНИТОРИНГА И ОЦЕНКИ ПРОЦЕССА ОБУЧЕНИЯ СТУДЕНТОВ

В данной статье освещены методологические аспекты организации мониторинга и процесса обучения студентов, показана его значимость в контроле качества обучения. Мониторинг – это система контроля и тестирования, которая используется во всех сферах. Если взглянуть на историю, то понятие «мониторинг» - это новое понятие, которое предполагает осуществление контроля, наблюдения, исследований, испытаний, оценки на основе показателей, результатов и сравнительного анализа в одном плане. Исходя из этого, для мониторинга той или иной сферы следует учитывать ее деятельность и подготовить план мониторинга на необходимый сроком. После проведения мониторинга будет сделан вывод об эффективности работы. При этом вовремя выявляются недостатки и упущения, и поэтапно создается возможность их исправления. Наука педагогики рассматривает мониторинг как систему сбора, обработки, хранения и распространения информации об образовании для проведения научных исследований или организации управленческого контроля (совокупность методов оценки состояния системы).

Следует отметить, что мониторинг процесса обучения студентов является теоретическим обеспечением оценки и контроля качества обучения, а результаты образования оцениваются с использованием необходимых методов и педагогических технологий.

Ключевые слова: мониторинг, оценка, образовательный процесс, качество обучения, сфера образования, обучение студентов, система контроля, педагогическая технология.

METHODOLOGICAL SUPPORT FOR MONITORING AND EVALUATION OF THE PROCESS OF STUDENT LEARNING

This study highlights the methodological aspects of organizing monitoring and the process of student learning, and shows its importance in monitoring the quality of education. Monitoring is a system of control and testing that is used in all areas. If we look at history, the meaning of "monitoring" is a new concept that involves monitoring, observation, research, testing, evaluation based on indicators, results and comparative analysis in one plan. Based on this, to monitor a particular area, its activities should be taken into account and a monitoring plan should be prepared for the required period. After monitoring, a conclusion will be made on the effectiveness of the work. At the same time, shortcomings and omissions are identified in a timely manner, and the opportunity to correct them is created step by step. The science of pedagogy considers monitoring as a system of collecting, processing, storing and disseminating information about education for conducting scientific research or organizing management control (a set of methods for assessing the state of the system).

It should be noted that monitoring the process of student learning is a theoretical support for assessing and controlling the quality of education, and the results of education are assessed using the necessary methods and pedagogical technologies.

Key words: monitoring, evaluation, educational process, quality of education, education sector, student education, control system, pedagogical technology.

Маълумот дар бораи муаллифон: Қурбонова Умеда Талабовна – номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи илмҳои компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тел.: 987144641, E-mail: umeda-1994@inbox.ru;

Имомалиев Хайридин Мирзоалиевич – докторант аз рӯйи ихтисос (PhD), ихтисоси 6D011100-Информатика (6D011101.02- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ)-и кафедраи методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, к. С.Сафаров-16.Тел.: 981033637, E-mail: khayriddinimomaliev@gmail.com.

Сведения об авторах: Курбонова Умеда Талабовна – кандидат педагогических наук, и.о. доцент кафедры компьютерных наук Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г. Куляб, ул. С. Сафарова-16. Телефон: 987144641, E-mail: umeda-1994@inbox.ru;

Имомалиев Хайриддин Мирзоалиевич – докторант по специальности (PhD), специальности 6D011100-Информатика (6D011101.02-Теория и методика профессионального образования) кафедры методики преподавании информатики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г. Куляб, ул. С. Сафарова-16. Тел.: 981033637, E-mail: khayriddinimomaliev@gmail.com.

Information about the authors: Qurbonova Umeda Talabovna – Candidate of pedagogical science, associate professor of department of computer science, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S. Safarov-16. Phone: 987144641, E-mail: umeda-1994@inbox.ru;

Imomaliev Khayriddin Mirzoalievich – Doctoral student in the specialty (PhD), specialty 6D011100-Informatics (6D011101.02-Theory and methodology of professional education) of department methodology of teaching informatics, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S. Safarov-16. Phone: 981033637, E-mail: khayriddinimomaliev@gmail.com.

ТДУ. 517.19

РУШДИ МАЛАКАҲОИ ТАҲЛИЛИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ДАРСИ МОДЕЛСОЗИИ МАТЕМАТИКӢ ВА КОМПЮТЕРӢ ТАВАССУТИ ОМӮЗИШИ МОДЕЛҲОИ ИҚТИСОДӢ

Маҳсиддинов Б.С., унвонҷӯ, Ҳафиззода А.Ф., докторанти PhD
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Имрӯз дар шароити рушди босуръати иқтисодиёт ва техника, малакаҳои таҳлилию тафаккури мантиқии донишҷӯён яке аз омилҳои муҳимми муваффақият дар таълим ва фаъолияти касбӣ ба шумор мераванд. Омӯзиши моделсозии математикӣ ва компютерӣ тавассути татбиқи моделҳои иқтисодӣ ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки на танҳо мафҳумҳои назариявии математикаро дарк кунанд, балки онҳоро дар ҳалли масъалаҳои воқеӣ истифода баранд. Ин равиш на танҳо малакаҳои таҳлилӣ, балки қобилияти қабули қарорҳои оптималӣ ва ҳамкории самаранокро низ тақвият мебахшад.

Моделсозии иқтисодӣ як равиши самараноки таълимӣ мебошад, ки ба донишҷӯён кумак мекунад, то тавонанд равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро бо истифода аз усулҳои математикӣ ва абзорҳои компютерӣ таҳлил намоянд. Масалан, истифодаи муодилаҳои дифференсиалӣ дар моделсозии равандҳои иқтисодӣ ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки тағйирёбии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, монанди сатҳи сармоя, таъминот ва талабот, дар шароити гуногунро таҳлил кунанд. Омӯзиши чунин моделҳо донишҷӯёнро водор месозад, ки бо мафҳумҳои монанди динамика, устуворӣ, оптимизатсия ва параметрҳои асосии моделсозӣ шинос шаванд. [1, с. 3]

Дар ҷараёни таҳияи моделҳои иқтисодӣ донишҷӯён имконият пайдо мекунанд, ки малакаҳои таҳлилии худро такмил диҳанд. Масалан:

- Донишҷӯён аввалан масъалаи иқтисодиро бо истифода аз таҳлили нишондиҳандаҳои мавҷуда муайян мекунанд;
- Пас аз муайян кардани масъала, донишҷӯён модели математикӣ эҷод мекунанд, ки он асосан муодилаҳо ва системаи онҳоро истифода мекунад;
- Донишҷӯён моделҳоро бо истифода аз методҳои аналитикӣ ё ададӣ ҳал намуда, натиҷаҳои онҳоро таҳлил мекунанд;
- Донишҷӯён натиҷаҳои бадастомадаро шарҳ дода, пешниҳодҳо барои беҳтар кардани нишондиҳандаҳо медиҳанд.

Чунин раванд на танҳо малакаҳои математикӣ, балки қобилияти фикрронии мантиқӣ ва таҳлилӣ, инчунин истифодаи технологияҳои рақамиро такмил медиҳад. [4]

Омӯзиши моделсозӣ тавассути моделҳои иқтисодӣ барои донишҷӯён аҳаммияти зиёд дорад:

1. Донишҷӯён меомӯзанд, ки равандҳои мураккабро ба қисмҳои оддӣ тақсим намуда, онҳоро бо усулҳои математикӣ таҳлил кунанд;
2. Таҳияи моделҳо донишҷӯёнро водор месозад, ки роҳҳои нав ва инноватсиониро барои ҳалли масъалаҳо ҷустуҷӯ кунанд;
3. Донишҷӯён имконият доранд, ки донишҳои назариявии худро дар шароити амалӣ истифода баранд;
4. Чунин малакаҳо донишҷӯёнро барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ дар муҳити касбӣ омода мекунанд.

Рушди малакаҳои таҳлилии донишҷӯён тавассути омӯзиши моделсозии иқтисодӣ яке аз воситаҳои самараноки таълимӣ мебошад. Ин равиш на танҳо донишҷӯёнро бо мафҳумҳои назариявӣ шинос мекунад, балки онҳоро ба фикрронӣ, таҳлил ва қабули қарорҳои дуруст ҳидоят менамояд. Аз ин рӯ, дар барномаҳои таълимии муассисаҳои олӣ бояд ба омӯзиши моделсозии иқтисодӣ таваҷҷуҳи хосса дода шавад, то ки насли нав малакаҳои заруриро барои муҳити муосири рақобатпазир фаро гирад. [5, с. 6]

Барои баланд бардоштани малакаҳои таҳлилии донишҷӯён дар дарси моделсозии математикӣ ва компютерӣ, омӯзиши моделҳои иқтисодӣ, ки бо истифода аз муодилаҳои дифференсиалӣ баён мешаванд, аҳаммияти калон дорад. Чунин моделҳо равандҳои динамикиро, ки бо мурури вақт тағйир меёбанд, нишон медиҳанд ва имкон медиҳанд, ки донишҷӯён бо таҳлили математикӣ ва татбиқи он дар иқтисодиёт шинос шаванд.

Муодилаҳои дифференсиалӣ яке аз абзори муҳимми омӯзиши математикӣ мебошанд, ки на танҳо дар илмҳои дақиқ, балки дар таҳқиқи равандҳои иқтисодӣ низ васеъ истифода мешаванд. Дар соҳаи таълим, татбиқи муодилаҳои дифференсиалӣ дар омӯзиши моделҳои иқтисодӣ на танҳо ба фаҳмиши амиқи донишҷӯён кумак мерасонад, балки малакаҳои таҳлили динамикӣ ва қобилияти татбиқи донишро дар ҳаёти воқеӣ рушд медиҳад .

Дар омӯзиши иқтисодӣ, моделсозии динамикаи некӯаҳволии ҷамъиятӣ, ки тавассути муодилаҳои дифференсиалӣ иҷро мешавад, метавонад ҳамчун воситаи педагогии муассир истифода шавад. Дар ин мақола истифодаи модели Золотас ҳамчун як мисоли ҷолиб барои тавсифи равандҳои иқтисодӣ ва омӯзиши таҳлилии донишҷӯён баррасӣ мешавад.

Муодилаҳои дифференсиалӣ дар омӯзиши равандҳои динамикӣ, ки тағйирёбии бузургиҳо бо мурури вақт ва вобастагии мутақобилаи онҳо омӯхта мешаванд, нақши калидӣ мебозанд. Яке аз чунин моделҳо, ки дар омӯзиш метавон татбиқ кард, модели афзоиши некӯаҳволии ҷамъиятӣ мебошад.

Бузургтарин иқтисоддони юнонӣ К. Золотас дар ин модел нишон медиҳад, ки рушди иқтисодӣ бояд на танҳо бо афзоиши истеҳсолот, балки бо беҳбудии сатҳи зиндагии одамон ҳамоҳанг бошад. Вай ду омилро тавсиф мекунад:

1. Омилҳое, ки ба афзоиши некӯаҳволӣ мусоидат мекунанд.
2. Омилҳое, ки рушди устуворро маҳдуд мекунанд.

$$\frac{dx}{dt} = r \cdot x \cdot \left(1 - \frac{x}{x_c}\right),$$

Дар ин ҷо:
x – сатҳи некӯаҳволии ҷамъиятӣ;
r – суръати афзоиш;
x_c – сатҳи ҳадди аксари некӯаҳволӣ;
Ҳалли муодила намуди зеринро дорад:

$$x(t) = \frac{x_c}{1 + \left(\frac{x_c - x_0}{x_0}\right) e^{-rt}},$$

Барои ҳалли ададии модели динамикаи некӯаҳволии ҷамъиятӣ (модели Золотас) бо истифода аз **усули Эйлер**, мо алгоритми зеринро истифода мебарем:

1. Қиматҳои ибтидоиро муқаррар мекунем:
t_0 — вақти ибтидоӣ;
x_0 — сатҳи ибтидоии некӯаҳволӣ;
x_c – сатҳи ҳадди аксари некӯаҳволӣ;
h — қадами вақт.
2. Формулаи тақрибии усули Эйлерро барои модели некӯаҳволии ҷамъиятӣ (модели Золотас) менависем:

$$x_{i+1} = x_i + h \cdot r \cdot x_i \cdot (1 - \frac{x}{x_c})$$

Дар асоси ин формула модели компютерии масъаларо месозем, ки равзанаи барнома намуди зеринро дорад:



Расми 1. Модели компютерии Золотас



Расми 2. Натиҷаи модели компютерии Золотас

Коди барнома

```
//---------------------------------------------------------------------------
#include <vcl.h>
#include <math.h>
#pragma hdrstop
#include "Unit2.h"
//---------------------------------------------------------------------------
#pragma package(smart_init)
#pragma resource "*.dfm"
TForm2 *Form2;
//---------------------------------------------------------------------------
__fastcall TForm2::TForm2(TComponent* Owner)
        : TForm(Owner)
{
}
//---------------------------------------------------------------------------
void __fastcall TForm2::FormCreate(TObject *Sender)
{
StringGrid1->Cells[0][0]=" t";
StringGrid1->Cells[1][0]=" x";
}
//---------------------------------------------------------------------------
void __fastcall TForm2::Button1Click(TObject *Sender)
{
float x0,xc,r,x[100],t[100],h=0.1;
 x0=StrToFloat(Edit1->Text);
 xc=StrToFloat(Edit2->Text);
r=StrToFloat(Edit3->Text);
 t[0]=0;
 x[0]=x0;
 for(int i=0; i<=300;i++){
 t[i+1]=t[i]+h;
 x[i+1]=x[i]+h*r*x[i]*(1-x[i]/xc);
 StringGrid1->Cells[0][i+1]=FloatToStr(t[i+1]);
 StringGrid1->Cells[1][i+1]=FloatToStr(x[i+1]);
```

```
 Series1->AddXY(t[i],x[i]);
 }
}
//---------------------------------------------------------------------------
```

Барнома ба таври визуалӣ нишон медиҳад, ки сатҳи некӯаҳволии ҷамъиятӣ *x(t)* чӣ гуна дар вақт тағйир меёбад. Қисмҳои графикии барнома ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки марҳилаҳои гуногуни рушди ҷомеаро (ҷамъияти ниёзмандӣ, такмилдиҳии доимӣ, коҳиши суръати афзоиш) равшан фаҳманд. Дар интерфейси барнома параметрҳои асосии модел, аз ҷумла *r* (суръати афзоиш) ва x_c (сатҳи максималии некӯаҳволӣ), тағйирёбандаанд. Ин хусусият ба корбарон имкон медиҳад, ки бо тағйир додани параметрҳо таъсири онҳо ба динамикаи некӯаҳволиро таҳлил кунанд. [9, с. 12]

Барнома усули Эйлерро барои ҳисобкунии сатҳи некӯаҳволӣ *x(t)* бо қадамҳои хурди вақт *h* татбиқ мекунад. Ҳалли ададӣ бо дақиқии баланд таъмин гардида, ҳамзамон қадамҳои ҳисобро визуалӣ нишон медиҳад, то донишҷӯён раванди ҳисобкуниро фаҳманд. Барнома имкони сохтани графикҳоро барои якчанд маҷмуи параметрҳо таъмин мекунад. Ин ба корбар имкон медиҳад, ки натиҷаҳои гуногунро муқоиса кунад ва хусусиятҳои асосии моделро дарк намояд. Муқоисаи ҳолатҳои гуногуни иқтисодӣ ба донишҷӯён барои дарёфти хулосаҳои илмӣ ва таҳлилӣ кумак мекунад. Барнома як воситаи интерактивӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯён мебошад. Онҳо метавонанд бо модел кор кунанд, параметрҳоро тағйир диҳанд, графикҳоро таҳлил кунанд ва хулосаҳои худро эҷод кунанд.

Ин барнома на танҳо барои омӯзиши модели Золотас, балки барои истифодаи усулҳои ададӣ дар ҳалли моделҳои дигари иқтисодӣ низ татбиқшаванда мебошад. Донишҷӯён тавассути истифодаи ин барнома на танҳо дониши назариявии худро такмил медиҳанд, балки малакаҳои амалӣ дар ҳалли муодилаҳо ва таҳлили натиҷаҳоро низ инкишоф медиҳанд.

Татбиқи моделҳои иқтисодӣ тавассути муодилаҳои дифференсиалӣ дар раванди омӯзиши моделсозии математикӣ ва компютерӣ ба таҳкими малакаҳои таҳлилии донишҷӯён мусоидати назаррас мекунад. Дар раванди омӯзиш, донишҷӯён тафаккури таҳлилӣ ва интиқодиро инкишоф медиҳанд. Онҳо равандҳои динамикаи иқтисодиро амиқ таҳлил намуда, таъсири омилҳои гуногунро ба натиҷаҳо арзёбӣ мекунанд.

Истифодаи моделҳои иқтисодӣ ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки пайвастагии математикаро бо масъалаҳои воқеии зиндагӣ дарк намоянд. Масалан, омӯзиши модели Золотас, ки омилҳои ҳавасмандкунанда ва боздорандаро таҳлил мекунад, фаҳмиши онҳоро дар бораи иқтисодиёт амиқтар мекунад. Тавассути кор бо моделҳои компютерӣ ва истифодаи усулҳои ададӣ донишҷӯён малакаи кор бо технологияҳои муосирро такмил медиҳанд. Инчунин, онҳо малакаҳои алгоритмсозӣ ва таҳияи барномаҳоро низ инкишоф медиҳанд. Таҳлили натиҷаҳои моделҳо ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки малакаҳои қабули қарорро дар асоси маълумот инкишоф диҳанд. Масалан, омӯзиши марҳилаҳои рушди некӯаҳволии ҷамъиятӣ метавонад онҳоро ба қабули қарорҳои стратегӣ дар иқтисод ҳидоят намояд. Фаъолиятҳои таҳлилӣ ва омӯзиши мустақил тавассути ин равиш ташвиқ мегарданд. Донишҷӯён малакаи таҳияи моделҳо, ҳалли муодилаҳо ва арзёбии натиҷаҳоро такмил медиҳанд. Ин гуна таҳсил таваҷҷуҳи донишҷӯёнро ба математика ва моделсозӣ зиёд намуда, ҳавасмандии онҳоро ба омӯзиши интерактивӣ ва амалӣ тақвият мебахшад.

Бо ин ҳама, равиши мазкур ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки малакаҳои таҳлилии худро такмил диҳанд ва омодагии бештарро барои таҳқиқоти мустақил ва татбиқи дониш дар амал пайдо намоянд.

Адабиёт:

1. Тарасевич, Ю.Ю. Математическое и компьютерное моделирование. Вводный курс: Учебное пособие / Ю.Ю. Тарасевич. - М.: ЛИБРОКОМ, 2013. - 152 с.

2. Тарасик, В.П. Математическое моделирование технических систем: Уч. / В.П. Тарасик. - М.: Инфра-М, 2017. - 160 с.

3. Федосеев, В.В. Математическое моделирование в экономике и социологии труда. Методы, модели, задачи: Учебное пособие / В.В. Федосеев. - М.: Юнити, 2007. - 167 с.

4. Федоткин, И.М. Математическое моделирование технологических процессов / И.М. Федоткин. - М.: КД Либроком, 2018. - 416 с.

5. Формалев, В.Ф. Математическое моделирование сопряженного теплопереноса между вязкими газодинамическими течениями и анизотропными телами / В.Ф. Формалев, С.А. Колесник. - М.: Ленанд, 2019. - 316 с.

6. Одинаев, Р. Н. Развитие мотивации на уроках информатики и программирования как средство повышения уровня обученности учащихся в образовательных учреждениях Республики Таджикистан / Р. Н. Одинаев, З. Б. Гафоров // Вестник Института развития образования. – 2021. – № 2(34). – С. 183-190. – EDN GTCAGR.

7. Шарипов, Ф. Ф. Особенности обучения языкам программирования в образовательных учреждениях Республики Таджикистан / Ф. Ф. Шарипов, З. Б. Гафоров // Вестник Таджикского национального университета. – 2020. – № 4. – С. 161-168. – EDN AREEKR.

8. Одинаев, Р. Н. Создания мотивации к изучению предметов информатики и программирования в СОУ ах, ВУЗ ах на примере компьютерного моделирование движения автомобилей на языке прогроммирования "с++" / Р. Н. Одинаев, З. Б. Гафоров // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2020. – № 4. – С. 103-110. – DOI 10.51884/2413-452X_2020_4_103. – EDN TUQQDX.

9. Гафоров, З. Б. Мотивация студентов использованием мультимедийной технологии в процессе обучения информатики / З. Б. Гафоров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2022. – № 1-3(101). – С. 221-226. – EDN LIHTKK.

10. Ҳафиззода А.Ф. Саводнокии рақамии синфҳои болоӣ дар дарси информатика. Маводҳои конференсияи XII – уми байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои муосири моделсозии математикӣ ва татбиқи он», бахшида ба «Солҳои 2020-2040 эълон гардидани 20-солаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» (Тоҷикистон, Душанбе, 18 майи 2024) С. 419-421.

11. Одинаев Р.Н., Гафоров З.Б., Хамидова А. Формирование учебной мотивации студентов на уроках информатики в вузах Республики Таджикистан. Материалы XII – международной научно-практической конференции «Современные проблемы математического моделирования и её применения», посвященная «2020-2040 годы, 20-летию изучения и развития естественных, точных и математических наук в области науки и образования» и «75-летию Таджикского национального университета» (Таджикистан, Душанбе, 18 мая 2024). С. 393-396.

12. Одинаев Р.Н., Туманова Ш.С, Хамидова А. Современные методы развития логического мышления учеников старших классов на уроках информатики. Материалы XII – международной научно-практической конференции «Современные проблемы математического моделирования и её применения», посвященная «2020-2040 годы, 20-летию изучения и развития естественных, точных и математических наук в области науки и образования» и «75-летию Таджикского национального университета» (Таджикистан, Душанбе, 18 мая 2024). С. 401-404.

РУШДИ МАЛАКАҲОИ ТАҲЛИЛИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ДАРСИ МОДЕЛСОЗИИ МАТЕМАТИКӢ ВА КОМПЮТЕРӢ ТАВАССУТИ ОМӮЗИШИ МОДЕЛҲОИ ИҚТИСОДӢ

Мақола ба масъалаи рушди малакаҳои таҳлилии донишҷӯён дар раванди омӯзиши моделсозии математикӣ ва компютерӣ тавассути омӯзиши моделҳои иқтисодӣ бахшида шудааст. Дар он нақши муодилаҳои дифференсиалӣ ҳамчун воситаи асосӣ барои моделсозии равандҳои иқтисодӣ баррасӣ гардидааст. Ҳамчунин, истифодаи моделҳои динамикаи

иқтисодӣ, аз ҷумла модели афзоиши некӯаҳволии ҷамъиятӣ (модели Золотас), бо усулҳои ададӣ, ба монанди усули Эйлер, муҳокима шудааст. Муаллифон аҳамияти ин равандро дар ташаккули тафаккури таҳлилӣ, малакаҳои алгоритмсозӣ, кор бо технологияҳои муосир ва қобилияти қабули қарор дар асоси маълумот таъкид мекунанд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки омӯзиши моделҳои иқтисодӣ бо истифода аз муодилаҳои дифференсиалӣ метавонад донишҷӯёнро ба омӯзиши мустақил, ҳалли мушкилоти воқеӣ ва ҳамгироии фанҳои гуногун ҳавасманд намояд.

Калидвожаҳо. моделсозии математикӣ, муодилаҳои дифференсиалӣ, модели Золотас, динамикаи иқтисодӣ, усули Эйлер, малакаҳои таҳлилӣ, омӯзиши компютерӣ, некӯаҳволии ҷамъиятӣ, моделсозии иқтисодӣ, таҳияи алгоритм.

РАЗВИТИЕ АНАЛИТИЧЕСКИХ НАВЫКОВ СТУДЕНТОВ НА УРОКАХ МАТЕМАТИЧЕСКОГО И КОМПЬЮТЕРНОГО МОДЕЛИРОВАНИЯ ЧЕРЕЗ ИЗУЧЕНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКИХ МОДЕЛЕЙ

Статья посвящена проблеме развития аналитических навыков студентов в процессе изучения математического и компьютерного моделирования посредством изучения экономических моделей. Рассмотрена роль дифференциальных уравнений как основного инструмента моделирования экономических процессов. Обсуждается использование моделей экономической динамики, в том числе модели роста общественного благосостояния (модель Золотаса), с применением численных методов, таких как метод Эйлера. Авторы подчёркивают значимость этого подхода в формировании аналитического мышления, навыков алгоритмизации, работы с современными технологиями и способности принимать решения на основе данных. Результаты исследования показывают, что изучение экономических моделей с использованием дифференциальных уравнений может мотивировать студентов к самостоятельному обучению, решению реальных задач и междисциплинарной интеграции.

Ключевые слова. математическое моделирование, дифференциальные уравнения, модель Золотаса, экономическая динамика, метод Эйлера, аналитические навыки, компьютерное обучение, общественное благосостояние, экономическое моделирование, разработка алгоритмов.

DEVELOPMENT OF STUDENTS' ANALYTICAL SKILLS IN MATHEMATICAL AND COMPUTER MODELING CLASSES THROUGH THE STUDY OF ECONOMIC MODELS

The article addresses the issue of developing students' analytical skills in the process of studying mathematical and computer modeling through the exploration of economic models. The role of differential equations as a key tool for modeling economic processes is discussed. The use of economic dynamics models, including the growth of public welfare model (Zolotas model), with numerical methods such as Euler’s method is analyzed. The authors emphasize the importance of this approach in fostering analytical thinking, algorithm development skills, working with modern technologies, and making data-driven decisions. The research findings demonstrate that studying economic models using differential equations can motivate students toward independent learning, solving real-world problems, and interdisciplinary integration.

Keywords. mathematical modeling, differential equations, Zolotas model, economic dynamics, Euler’s method, analytical skills, computer learning, public welfare, economic modeling, algorithm development.

Маълумот дар бораи муаллифон: Маҳсиддинов Бахтовар Садриддинович**,** унвонҷӯйи кафедраи илмҳои компютерӣ Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Телефон: 918-15-64-58. E-mail: **bakhtovar89.89@mail.ru**

Ҳаффиззода Алишер Фатҳулло, докторанти (PhD)-и кафедраи методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Телефон: 986-33-33-06. E-mail: **alishehr@mail.ru**

Сведения об авторах: Махсиддинов Бахтовар Садриддинович, соискатель кафедры компьютерных наук Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. Сангака Сафарова, 16. Телефон: 918-15-64-58. E-mail: bakhtovar89.89@mail.ru

Хаффиззода Алишер Фатхулло, докторант (PhD) кафедры методика преподавания информатики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. Сангака Сафарова, 16. Телефон: 986-33-33-06. E-mail: alishehr@mail.ru

Information about the authors: Makhsiddinov Bakhtovar Sadriddinovich, PhD student, Department of Computer Science, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: Republic of Tajikistan, Kulob, Sangak Safarov Street, 16. Phone: 918-15-64-58. E-mail: bakhtovar89.89@mail.ru

Khaffizzoda Alisher Fathullo, PhD student, Department of Teaching Methods of Informatics, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: Republic of Tajikistan, Kulob, Sangak Safarov Street, 16. Phone: 986-33-33-06. E-mail: alishehr@mail.ru

ТДУ:37+37.0 (2-тоҷ)
М-38

УСУЛҲОИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ ҲОЛАТИ НИЗОЪ ДАР ТАШКИЛОТҲОЮ МУАССИСАҲО

Маҳмадаминов Х.Т., унвонҷӯ
Донишгоҳи давлатии Данғара

Қобили тазаккур аст, ки проблемаи таҳти назорат гирифтани ҳолати низоъ ва пешгирии таъсири манфии он ба ҷомеа яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ қарор гирифтааст. Илми муосир идеяҳо, принсипҳо, методҳои пешрафтаеро дар ҳалли низоъҳо ва бартараф намудани онҳо коркард ва баррасӣ намудааст. Муҳим он аст, ки чи гуна усулҳо, принсипҳои умумиро дар бартараф намудани низоъ дар ҳолати муайян истифода намуда, натиҷаи назаррас ба даст овардан мумкин аст.

Пеш аз ҳама онро дар мадди назар бояд гирифт, ки роҳбарӣ дар системаи иҷтимоӣ ин таъсири системавии фаъолияти субъекти роҳбар ба объекти иҷтимоӣ мебошад. Ба ин метавонад ҷомеа, шахсони алоҳида, гурӯҳ дохил шавад ва роҳбарӣ бо ҳадафи инкишоф додан, бо мақсади ниҳоӣ расидан, фаъолияти солим намудан амалӣ мегардад.

Муҳаққиқон 6 принсипҳои асосии фаъолияти идоракуниро дар ҳолати низоъ муайян намудаанд. Ҳамаи ин принсипҳо махсусиятеро доро мебошанд:

1. Вақте ки мо фаъолияти идоракуниро амалӣ менамоем дар мадди аввал вазифа меистад, ки на мошинаҳо моро идора мекунанд, балки идоракунӣ дар уҳдаи инсон мебошад;

2. Дар раванди мураккаб, пуртазоди идоракунии одамон омили асосиро рафтори объективӣ ва субъективии одамон ташкил медиҳад. Омилҳои моддӣ, маънавӣ, эмотсионалӣ, ратсионалӣ, ҳамдардӣ, умед, тарс, ин тарафҳои равонии инсон мебошад, ки онҳоро дар вақти идоракунӣ дар ҳолати низоъ бояд махсус ба инобат гирифт. Ҳолатҳои низоъ доимо ногаҳон ва пешгӯинашаванда буда, ҳар як роҳбар бояд ҳамеша барои бартараф кардани он омода бошад;

3. Дар аксар маврид идоракунӣ ва роҳбарӣ дар ҳолати низоъ на аз рӯйи мавқеи иҷтимоӣ ва ӯҳдадориҳои роҳбарӣ сурат мегирад, балки аз рӯйи талаботи шахсӣ, эътироз, хоҳиши роҳбар ба роҳ монда мешавад;

4. Аксар вақт корҳо аз рӯйи манфиати шахсии роҳбар ба роҳ монда мешаванд;

5. Аксар вақт роҳбарият дарк мекунад, ки пурра бартараф кардани низоъ бо сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ғайриимкон аст, аммо бояд пеши таъсири манфии низоъро гирифта, ҳолати матлубро ба миён овардан ҳалли дурусти масъала мебошад;

6. Ҳатман таъсири мусбатро ба ҳолатҳои низоъ амалӣ сохта, фаъолона роҳҳои дурусти бартараф кардани ҳолати низоъ, ҷустуҷӯ намудани ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории тарафҳои дигарро амалӣ сохтан зарур аст.

Як қатор шартҳое мавҷуданд, ки имконияти саривақтӣ ва ба таври матлуб пешгирӣ кардани низоъ муҳим дониста мешавад:

– саривақт ошкор намудани ҳолатҳои низоъ;

– иттилооти ҳаматарафа ва заруриро оид ба мақсад, маром, дархост, манфиатҳои тарафҳои дар низоъ бударо ба даст овардан низ шарти муҳим дониста мешавад;

– таҳлили амиқи ҳолат ва сабабҳои низоъ;

– дониши зарурӣ оид ба намуди низоъ, махсусият, зуҳури низоъ, бархурдор будан аз технологияи идораи низоъ низ шарти муҳим мебошад;

– арзёбӣ ва қабул намудани ҳолатҳои низоъро ҳамчун имконияти инкишоф додани муносибат низ шарти муҳимми идоракунии низоъ донистан зарур аст;

Барои бомуваффақият ва матлуб ҳал намудани ҳолатҳои низоъ заминаҳои махсуси мусбат барпо карда мешавад;

– ташхиси сабабҳои низоъ, сарчашма, мақсадҳои он, таҳлили ҳолат ва мавқеъ, мақсад, мавқеи иҷтимоӣ, манфиат, мароми тарафҳои дар муқобили ҳамдигар қарордошта;

– ошкор ва муайян сохтани мазмун, мақсад, ҳолатҳои эмотсионалӣ-равонии тарфҳои муқобил;

– сохтани амсилаи натиҷаи низоъ;

– истифода намудани усулҳои бартараф намудани низоъ, бо назардошти мақсад, маром ва манфиатҳои тарафҳои муқобил;

Муҳаққиқон якчанд методҳои идоракунии низоъро пешниҳод менамоянд:

а) ташкилӣ-маъмурӣ;

б) иқтисодӣ;

в) иҷтимоӣ-психологӣ;

Дар идомаи кори худ усулҳо ва методҳои бартарафкунии ҳолати низоъро баррасӣ менамоем. Яке аз ин методҳо маҷбуркунӣ мебошад. Ин методро асосан ашхоси дорои мансаб, унвон, мақоми иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ вобаста ба мавқеи иҷтимоии худ мавриди истифода қарор медиҳанд. Дар ин ҳолат як тарафи муқобилро новобаста аз он ки чи гуна мақсад ва манфиатҳо ба даст меорад, маҷбур карда мешавад, ки созиш намояд. Ин усулест, ки хеле нороҳатӣ меорад, зеро шахси чунин усулро истифодабранда, оқибатҳои фаъолияти худро ба инобат намегирад. Онҳо дар ҳама ҳолат бо маҷбуркунӣ мансаб, вазъи иҷтимоӣ, сиёсии худро истифода менамоянд. Муҳаққиқони амрикоӣ Р. Блейк ва Ҷ. Мутон, ки тарафдори чунин усул мебошанд, аз ҷумла қайд менамоянд, ки низоъро ҳамеша таҳти назорат гирифтан мумкин аст. Яъне бо доштани ҳокимияти устувор, мавқеи сиёсӣ ва иҷтимоӣ як тарафи муқобилро маҷбур месозад, ки гузашт кунад. Ин албатта зӯроварӣ аст ва манфиатҳои тарафи муқобилро сарфи назар кардан мебошад. Чунин намуди ҳалли низоъ танҳо дар баъзе ҳолатҳо натиҷабахш мебошад. Пеш аз ҳама ин дар ҳолате амалӣ мегардад, ки ҳокимияти роҳбар нисбати кормандон пурзӯр бошад. Аммо ногуфта намонад, ки ин усул як қатор тарафҳои манфиро доро мебошад. Вай пеш аз ҳама ташаббуси тобеонро аз байн мебарад. Дар вақти бартараф кардани низоъ инҷо танҳо як омил ба инобат гирифта мешавад, зеро бо зӯроварӣ як нуқтаи назар ғалаба мекунад. Дар ин ҳолат гуфтан мумкин аст, ки чунин низоъ бартараф нагаштааст, балки он хусусияти пинҳонро гирифта, дар ягон лаҳзаи мувофиқ дучанд зиёд зуҳур менамояд.

Дигар метод ин бо роҳи якҷоя ҳал намудани проблема мебошад. Ин усул воқеан муқобили усули маҷбуркунӣ буда, тарафҳои зиёди матлубро доро мебошад.

Моҳияти ин усул дар он зуҳур меёбад, ки аввал сабабҳои низоъ омӯхта мешаванд. Манфиат, мақсад, нуқтаи назари тарафҳои муқобил муайян карда мешавад. Чунин роҳбароне, ки ин усулро истифода мебаранд, дар кори худ зӯровариро истифода намебаранд ва ҳолати низоъро аз ҳисоби маҷбур кардани манфиат, мақсад, нуқтаи назари ягон тараф ҳал намекунанд. Дар ниҳоят роҳбар низоъро ҳолати воқеӣ ҳисобида, зӯровариро инкор менамояд. Ӯ на танҳо ҳокимияти худро истифода намебарад, балки дар ин баробар бо дигар роҳҳо бартараф кардани ҳалли низоъро ҷустуҷӯ менамояд. Албатта, бо назардошти он ки қобилияти зеҳнии одамон дар дараҷаи гуногун аст, нуқтаи назар низ дигар мешавад. Инҷо танҳо онро ба инобат гирифт, ки низоъ бояд роҳи дурусти ҳал дошта бошад. Манфиатҳо, мақсад, талабот ва нуқтаи назари ҳар ду тараф ба инобат гирифта шуда, роҳи дуруст ва натиҷабахши низоъ истифода шавад. Он чиз муҳим аст, ки далели дар якҷоягӣ ҳал намудани ҳолати низоъ мавҷуд аст ва ин роҳи хеле дуруст мебошад.

Усули дигар ин методи санъати кор бо дигарон мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки ҳолатҳои бартарафкунии низоъ ба осонӣ ба даст намеояд. Роҳбар дар натиҷаи таҷрибаи ҳаётӣ, дониши психологӣ ва дигар донишҳои зарурӣ оид ба муносибати байни шахсиятҳо ба он қодир мегардад, ки роҳбариро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монад ва дар бисёр маврид оқилона пеши роҳи зуҳури низоъро гирад. Ҷиҳати хеле муҳимми ҳалли низоъ дар он муайян мегардад, ки тарафҳои муқобил бояд ҳама чизро дарк намоянд. Яъне онҳо эътироф намоянд, ки бо роҳи якҷояи ҳамкорӣ низоъро бартараф кардан мумкин аст. Дар ҳалли низоъ бояд адолат мавқеи асосиро бозад. Боадолатона ҳал намудани низоъ ба он меорад, ки манфиат, мақсад, нуқтаи назар, талаботи ҳар ду тараф дар мизони адолат баркашида шуда, ҳуқуқи ягон тараф поймол намешавад. Созиши боадолатона роҳи беҳтарини бартараф кардани ҳолати низоъ аз тарафи бештари муҳаққиқон эътироф гардидааст. [11 с. 89]

Бо навиштаҳои муҳаққиқон як қатор қоидаҳои муҳимме мавҷуданд, ки дар вақти боадолатона бартараф намудани ҳолати низоъ бояд ба инобат гирифта шаванд:

- эътирофи якдигар;
- ҳамдигарро гӯш кардан;
- фаҳмидаи нақшаи тарафи муқобил;
- муайян намудани вазъияти тарафи муқобил;
- амиқ муҳокима намудани роҳи ҳалли мавзуъ;
- муайян кардани нуқтаи назари ба ҳал мувофиқ;
- муайян кардани сабабҳои муқобилият;
- тасвири мазмуни низоъ;
- ҷустуҷӯйи якҷояи роҳи ҳал.

Ҳамчунин муҳаққиқон мушкилот ва иштибоҳҳоеро хотиррасон менамоянд, ки дар мавриди якҷоя ҳал кардани ҳолати низоъ мавҷуд мебошанд:

- тарафи муқобил ба сифати иштибоҳи дигарон хатои худро дуруст мешуморад;
- тарафи муқобил ба таври пурра талаботи худро ошкор намесозад;
- тарафи муқобил дар ҳолати «набард» қарор мегирад;
- тарафи муқобил аз ҳалли якҷоя даст кашиданӣ мешавад;
- тарафи муқобил эътироф кардани ҳукми худро талаб мекунад;
- норизоӣ, дарду алами тарафайн дар миён оварда мешавад.

Дар ҳолати мавҷудияти ин мушкилот ва бартараф намудани низоъ ғолиб ва мағлуб муайян мегардад. Ин маънои онро дорад, ки ҳолати низоъ аз байн нарафтааст ва он дар ягон лаҳза аз нав хурӯҷ мекунад. Зеро тарафи мағлуб аз натиҷаи ҳал норизо буда, муваққатан созиш менамояд.

Як гурӯҳи муҳаққиқон чунин усулҳои пешгирӣ ва бартарафкунии низоъро баррасӣ намудаанд:

- оё ман мехоҳам, ки низоъ бартараф карда шавад? (барои ҳалли он омода бош);
- оё ман низоъро бо ҳама сабабҳояш дарк карда метавонам? (бо проблемаи низоъ хуб ошно шав);

– мақсад ва хоҳиши дигарон (онро пурра омӯз ва тасвир кун);

– ҳалли дурусти объективӣ чи гуна аст? (др бораи он андеша кун);

– намунаҳои роҳҳои ҳал (роҳҳои гуногунро ҷустуҷӯ намуда, роҳи беҳтаринро, ки ҳар ду тарафро қаноатманд менамояд интихоб намуд);

– оё метавонем мушкилиро дар якҷоягӣ ҳал намоем? (биёед якҷоя онро ҳал намоем);

– чиро ман эҳсос мекунам? (ман кӯшиш мекунам ҳолати эмотсионалии худро оромӣ бахшам ва ақлро кор фармоям);

– чиро ман метавонам иваз намоям? (поквиҷдон бош, ба шахс ҳуҷум накун ва таваҷҷуҳро ба проблема равона намо);

– чи гуна имкониятҳо барои ман мавҷуданд? (ба тарафҳои мусбат ва манфии роҳи ҳал таваҷҷуҳ намо);

– худро дар вазъияти тарафҳои дар низоъ буда, тасаввур кун (нишон деҳ, ки онро мефаҳмӣ);

– оё барои мо дар ҳалли низоъ миёнарав лозим аст? (оё миёнарав барои фаҳмидани ҳамдигар дар ҳалли низоъ кумак карда метавонад?);

– чи хел метавонем, ки мо ҳама ғолиб оем? (бояд роҳе ҷуст, ки мағлуб набошад ва ҳама қаноатманд бошанд).

Дар вақти ҷустани роҳи ҳалли низоъ як қатор қоидаҳо ва дастурҳои муҳимро бояд ба инобат гирифт. Яке аз ин роҳҳо дур кардани шахс аз проблема мебошад. Яъне дар ҳолате, ки шахси муқобил бо шумо дар баҳс аст ва он шахс барои шумо нороҳатӣ меорад, муҳокимаро бо ӯ хотима додан лозим аст. Зеро тамдиди баҳс метавонад танҳо низоъро боз ҳам тезутундтар намояд. Муҳокима кардани сифатҳои шахсии тарафи муқобилро сарфи назар намуда, таваҷҷуҳро танҳо ба сабабҳои низоъ равона намуда, он масоилро баррасӣ кард, ки ҳалли якҷоя ба бартараф кардани низоъ хоҳад оварад.

Дуюм таваҷҷуҳро бояд ба манфиатҳои тарафҳои муқобил равона намуд, на ба мавқеи онҳо. Низоъ аксар вақт дар ҳолатҳое рӯй медиҳад, ки тарафҳо мавқеъ ва назари гуногун нисбати ягон проблема доранд ва ин боиси муқобилият мегардад. Ҳар як кӯшиши дар дараҷаи мавқеъ ҳал намудани низоъ ин истифодаи қувва мебошад ва он ба мағлубияти ягон тараф бурда мерасонад.

Агар дар ҳалли низоъ роҳе пайдо шуда бошад, ки ҳарду тарафро қаноатманд менамояд бояд манфиатҳои тарафҳо ба инобат гирифта шавад. Агар манфиатҳои тарафҳои дар низоъбуда, ба инобат гирифта шаванд, ҳангоми ҳал ғолиб ва мағлуб нахоҳад шуд. Ҳар ду тараф дар ризоият ва қаноатмандӣ қарор гирифта, натиҷа матлуб хоҳад буд.

Ҳамеша ҳангоми роҳро интихоб кардан бояд роҳҳоеро ҷустуҷӯ намуд, ки ҳар ду тарафро ба сулҳ оварад. Инҷо ҳалли дуруст ин қаноатманд гаштани ҳар ду тараф аз натиҷаи ҳал мебошад. Агар дар ҳолате, ки касе аз муҳокимаи якдигар роҳи ҳал ба миён ояд, бояд қарореро интихоб намуд, ки он манфиатҳои ҳар ду тарафро ба инобат гирад.

Яке аз омилҳои муҳим дар бартараф намудани низоъ ин ҷустани меъёрҳо мебошад. Дар ҳолати ҳалли якҷояи муфид бояд ба меъёрҳо такя намуд. Меъёрҳо метавонанд бад ё хуб шаванд. Барои муайян намудани роҳи ҳалли хуб ё бад бояд ба меъёр такя намуд. Яъне меъёре муҳим аст, ки мувозинати манфиатҳои тарафҳоро ба инобат гирад. Агар меъёр барои ҳар тараф объективӣ буда субъективӣ набошад, яъне ба ягон тарафе бартарӣ дода нашавад ҳалли боадолатона мешавад. Роҳе, ки ба ягон тараф зарар намеорад роҳи дурусти ҳал буда, натиҷаи он матлуб хоҳад шуд.

Яке аз масъалаи муҳимми ҳолатҳои низоъ дахл доштани ин шаклҳои пешгирии низоъ маҳсуб меёбад. Идора кардани низоъҳо на танҳо муайян кардани маҳалли зуҳури он мебошад, балки паст кардани имконияти шиддатнок шудани он пешгирӣ гардида, ба таври объективӣ зиддиятҳои ҷойдошта ба бархурди равшан ва ошкоро табдил ёбад. Якчанд роҳҳои таъсир ба пешгирии низоъ мавҷуданд, ки тезутундшавии муқобилиятро паст менамоянд. [8, с. 114]

Ҳангоми бо фаъолияти иҷтимоӣ муносибат намудан, бояд муайян гардад, ки ин фаъолият оқилона аст ва аҳаммияти иҷтимоӣ дорад ва ё не. Аммо муфидияти пешгирии низоъҳо он қадар беш нест ва ин якчанд сабаб дорад. Аниқтараш монеаҳои объективии таъсири дигарон дар давраи ибтидоӣ ва ҳам дар давраи шиддатнокӣ мавҷуд мебошад.

Аввал он ки ин монеаҳо хусусити иҷтимоӣ-психологӣ доранд. Одамон муносибатҳои байниҳамдигариро мустаҳкам месозанд. Инҷо фаъолияти бегонагон мақбул нест ва ҳамчун маҷбуркунӣ қабул мешавад.

Дуюм он ки монеаҳои ахлоқӣ низ мавҷуданд. Дар бисёр ҳолатҳо мушоҳида мегардад, ки аксари низоъҳо кори шахсии тарафҳо мебошанд. Аз рӯйи башардӯстӣ маҷбуркунӣ қобили қабул нест.

Сеюм дар он ки хусусияти ҳуқуқӣ низ мавҷуд аст. Яъне поймол кардани ҳуқуқи ягон шахс дар интихоби ягон намуди рафтор қонунвайронкунӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд он чизро ба инобат гирем, ки ба низоъ дар ҳолате дахолат намоем, ки он аз доираи шахс ё гурӯҳ баромада хатари иҷтимоӣ эҷод менамояд. Умуман пешгирии низоъҳо ин таъсир ба ҷузъиёти он мебошад. Яъне таъсир ба ширкаткунандагон, мақсад ва объект равона гашта, воситаҳо то тезу тунд шудани низоъ бояд истифода шаванд.

Яке аз роҳҳои беҳтарини пешгирӣ намудани низоъ ин пешгирии сабабҳои он мебошад. Ин фаъолият дар чунин дараҷаҳо амалӣ мегардад:

– дараҷаи умумииҷтимоӣ;

– дараҷаи психологӣ;

Дар нақшаи инфиродии психологӣ бартараф намудани сабабҳои низоъ таъсир ба дархостҳо, ки метавонанд боиси тезутундшавии низоъ гарданд.

Умуман чунин методҳои инкишофи ҳамкорӣ мавҷуданд, ки пеши роҳи низоъро мегиранд.

Методи ризоият. Агар тарафи муқобилро ба ҳамкорӣ ҷалб намуда, зиддиятро бартараф намуд, манфиатҳои якҷоя пайдо мешаванд.

Методи ҳамдардии амалӣ. Дар ин ҳолат бояд худро дар мавқеи тарафи муқобил тасаввур намуда, мушкилиҳои ӯро эътироф намудан лозим аст. Дар амалия ин метод ҳамчун накӯкорӣ, эҳсоси ҳамдардӣ ва омода будан ба кумакро дар худ инъикос менамояд.

Методи нигоҳ доштан ва эътироф кардани мавқеи тарафи муқобил. Дар симои тарафи муқобил набояд душманро дид. Тарафи муқобил лоиқи эътироф аст. Дар ҳама қоидаи муошират байнишахсӣ бояд дар пояи эҳтиром ба тарафи муқобил ба роҳ монда шавд.

Методи якдигарро пурра намудан. Ин дар ҳолате мавриди амал қарор мегирад, ки ҳангоми ҳалли ягон низоъ сифатҳои корӣ, шахси тарафи муқобилро барои беҳтар ҳал намудани проблема эътироф ва қабул менамоем. Ин албатта ҳамкориро мустаҳкам намуда, дар бисёр ҳолат пеши роҳи низоъро мегирад.

Методи таҳқири иҷтимоии нафарӣ. Бояд бартарии иҷтимоии ягон тараф ба миён гузошта нашавад. Бояд ин шиорро мавриди истифода қарор диҳем: «Агар дар ҳолате, ки шумо корро аз ҳама беҳтар иҷро менамоед, худро ғолиб эълон нанамоед».

Методи ҷудокунии хизматҳо. Бояд дар меҳнати коллективона хуб мешуд хизмати умумиро ба ҳамаи кормандон нисбат дод ва натиҷаи назаррасро ба ҳама бояд нисбат дод. Ин метод имконият медиҳад, ки хафашавӣ, ҳасудхӯрӣ ва дигар ҳолатҳои нохуши манфиро дар коргоҳ бартараф намояд.

М**етоди психологии мутобиқшавӣ**. Дар фарқият бо ҳамдардӣ дар ин метод пешниҳод карда мешавад, ки таъсири ҳаматарафа ва матлуб ба тарафи муқобил иҷро гардад.

Методи руҳбаландкунии психологӣ. Мувофиқи ин метод бояд фаъолияти ҳамешагӣ барои нигоҳ доштани фазои хуши эмотсионалӣ бо ҳаргуна чорабиниҳо, туҳфаҳо амалӣ гардад. Ин метод пеши роҳи шиддатнокиро гирифта, ҳолати хуби психологиро фароҳам меорад. [2, с. 227]

Дар адабиёти илмӣ бархе омилҳои махсус ёдрас гаштаанд, ки барои зуҳури низоъ дар байни хонандагон мусоидат менамоянд. Пеш аз ҳама махсусияти низоъ дар байни хонандагонро психологияи синну сол муайян менамояд. Махсусияти синну солии

хонандагон ба сабабҳои зуҳури низоъ таъсир гузошта, роҳҳои рух додани низоъ ва усулҳои пешгирии онро муайян менамояд. Низоъҳо дар байни хонандагон ба ҳар сурат аз низоъҳои калонсолон фарқ доранд. Махсусияти низоъҳоро дар байни хонандагон фаъолияти онҳо, яъне таълим муайян менамояд. Муҳаққиқ А.В. Петровский муносибати байниҳамдигарии хонандагонро таҳқиқ намуда, бархе андешаҳои ҷолибро баррасӣ намудааст. Номбурда, таъсири муносибати байнишахсӣ ва гурӯҳиро муайян карда, мазмун, мақсад ва арзишҳои фаъолияти якҷояро баррасӣ намудааст. Муносибати байнишахсӣ дар байни хонандагон ва коллективи педагогӣ аз муносибати байни дигар коллективҳо ва гурӯҳҳо ба куллӣ фарқ мекунад. Ин фарқият, пеш аз ҳама, ба махсусияти раванди педагогӣ дар муассисаи таълимӣ ба шумор меравад. [5, с. 356]

Ҳамчунон, як қатор низоъҳое дар муассисаҳои таълимӣ мавҷуданд, ки ба вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ рабт доранд. Муассисаи таълимӣ ҷузъиёти махсус ва муҳимми ҳаёти инсонӣ маҳсуб меёбад. Хонандагон аз калонсолон, аз рӯзномаву маҷаллаҳо, аз интернет оид ба монеаҳо ва мушкилоти ҳаётӣ огоҳ мешаванд ва ин ба муносибати хонандагону омӯзгорон таъсир мегузорад. Низоъҳо дар баёни хонандагон ба вайронкунии меъёрҳои умумии рафтор вобаста аст.

Таҳти назорат гирифтани низоъҳо маҳорати пешгӯйӣ кардан ва кӯшиши аз байн бурдани низоъ яке аз муҳимтарин фаъолияти педагогӣ ба шумор меравад. Чӣ хеле ки дар боло ёдрас намуда будем, низоъ ногаҳон рух намедиҳад ва пеш аз низоъ дар муносибати кормандон як ҳолати шиддатнок пайдо шуда, тадриҷан ин вазъият ба муқобилат овардан боиси низоъ мегардад. Муҳим он аст, ки дар вақташ ин шиддатнокӣ, муқобилиятро дар муносибату муошарати кормандон муайян намуда, пеши роҳи низоъро гирифт.

Қадами аввалини дар пешгирии низоъ ин ҳар чӣ зудтар зуҳури онро ошкор кардан мебошад. Омӯзгор рафтори хонандаро мушоҳида намуда, ҳолати психологии ӯро таҳти назорат қарор медиҳад. Баъзан нишастани хонандаҳо дар синфхона муносибати онҳоро ба дарс ва таълим муайян менамояд.

Одатан дар қатори якум хонандагони фаъол, ки ба таълим ва суҳбат бо омӯзгор таваҷҷуҳ доранд, менишинанд. Инчунин, бархе хонандагони худхоҳ, ки мехоҳанд мавриди таваҷҷуҳ қарор дошта бошанд, чунин ҷойҳоро интихоб мекунанд. Ин гурӯҳи хонандагон барои ба мақсад расидан низоъ бармехезонанд. Онҳо ҳамеша омода ҳастанд низоъ барпо карда, рафти таълимро халалдор намоянд.

Давраи дуюм дар пешгирии низоъ ин таҳлили вазъият мебошад. Ин ҷо ҳама ҳолатҳо бояд ба инобат гирифта шаванд. Ҳолати психологии хонандагон ва омӯзгор, ҳамчунон тамоми кормандони коллектив муҳим буда, муносибати тарафайн таҳти таҳлил қарор дода мешавад. Пас аз он, ки тасаввурот оид ба низоъ пайдо мешавад, омӯзгорро лозим меояд, нуктаи назар, кӯшиш ва манфиатҳои тарафи муқобилро таҳлил намояд. Роҳҳои таҳлили вазъияти низоъ гуногунанд ва ҳар яки онҳоро вобаста ба намуди низоъ истифода бурдан мумкин аст.

Адабиёт:

1. Анцупов А.Я. Шипилов А.И. Конфликтология: Эксмо, 2018. - 512с.
2. Анцупов А.Я., Баклановский С.В. Конфликтология в схемах и комментариях: Учебное пособие. 2-е изд., перераб. - СПб.: Питер, 2016. - 304 с.: ил. - (Серия «Учебное пособие»).
3. Анцупов А.Я., Шипилов А.И. Конфликтология: учебник для ВУЗов – 2-е изд., перераб. и доп. М.; ЮНИТИ-ДАНА, 2009. - 434 с.
4. Анцупов А.Я., Шипилов А.И. Конфликтология: Учебник для вузов. – М.: ЮНИТИ, 2009 – 551 с.
5. Анцупов А.Я., Шипилов А.И. Конфликтология: Учебник для вузов. 5-е изд. – СПб.: Питер, 2013. – 512.с.
6. Анцупов А.Я., Шипилов А.И. Словарь конфликтолога/ А.Я. Анцупов, А.И.Шипилов – СПб: Питер, 2017.

7. Анцупов А.Я., Прошанов С. Конфликтология: междисциплинарный подход. - М.: Институт военной истории, 2015. - 36с.

8. Анцупов А.Я., Шипилов А.И. Конфликтология. Москва, 2000. 551 с.

9. Аралова М.А. Формирование коллектива ОУ. Психологическое сопровождение. ООО «ТЦ Сфера», 2015.

10. Арламов А.А. Педагогический риск как проблема методоло гии социальной педагогики [Электронный ресурс] // Вестник Адыгейского государственного университета. Серия «Педа гогика и психология». 2010. № 1. URL: https://cyberleninka. ru/article/n/pedagogicheskiy-risk-kak-problema- metodologii sotsialnoy- pedagogiki .

11. Артемова Т.А. Конфликт в организации в процессе стратегического планирования. //Социальный конфликт, 2015. -№2, -с.3-10.

12. Астанов Д.Ш. Психофизиологические и организационные детерминанты эффективной управленческой деятельности // Вестник по педагогике и психологии Южной Сибири. 2016. № 3. С. 98-104

УСУЛҲОИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ ҲОЛАТИ НИЗОЪ ДАР ТАШКИЛОТҲОЮ МУАССИСАҲО

Дар мақолаи илмӣ усулҳои бартараф намудани ҳолати низоъ дар ташкилоту муассисаҳо, ки дар натиҷаи дигаргун гардидани ҳолати равонии кормандон рӯй медиҳад, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф ҳолатҳои гуногуни равонии кормандон ва принсипҳои асосии фаъолияти идоракуниро дар ҳолати низоъ вобаста ба таҳқиқоти муҳаққиқон муайян намуда, дар мақола ҷой додааст.

Тавре муаллифи мақола иброз медорад, роҳбар дар натиҷаи таҷрибаи ҳаётӣ, дониши психологӣ ва дигар донишҳои зарурӣ оид ба муносибати байни шахсиятҳо ба он қодир мегардад, ки роҳбариро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монад ва дар бисёр маврид оқилона пеши роҳи зуҳури низоъро гирад. Ҷиҳати хеле муҳимми ҳалли низоъ дар он муайян мегардад, ки тарафҳои муқобил бояд ҳама чизро дарк намоянд. Яъне онҳо эътироф намоянд, ки бо роҳи якҷояи ҳамкорӣ низоъро бартараф кардан мумкин аст.

Дар анҷом муаллиф вобаста ба хонандагони як гурӯҳи таълимӣ, ки дар як синфхона таҳсил менамоянд, мисол оварда, ҳолати омӯзгор ва хонандагонро пеш аз зуҳури низоъ ва дар рафти низоъ нишон дода, ин давраҳоро ба ду қисм тақсим менамояд.

Қадами аввалини дар пешгирии низоъ ин ҳар чӣ зудтар зуҳури онро ошкор кардан мебошад. Омӯзгор рафтори хонандаро мушоҳида намуда, ҳолати психологии ӯро таҳти назорат қарор медиҳад. Баъзан нишастани хонандаҳо дар синфхона муносибати онҳоро ба дарс ва таълим муайян менамояд.

Одатан дар қатори якум хонандагони фаъол, ки ба таълим ва суҳбат бо омӯзгор таваҷҷуҳ доранд, менишинанд. Инчунин, бархе хонандагони худхоҳ, ки мехоҳанд мавриди таваҷҷуҳ қарор дошта бошанд, чунин ҷойҳоро интихоб мекунанд. Ин гурӯҳи хонандагон барои ба мақсад расидан низоъ бармехезонанд. Онҳо ҳамеша омода ҳастанд низоъ барпо карда, рафти таълимро халалдор намоянд.

Давраи дуюм дар пешгирии низоъ ин таҳлили вазъият мебошад. Ин ҷо ҳама ҳолатҳо бояд ба инобат гирифта шаванд. Ҳолати психологии хонандагон ва омӯзгор, ҳамчунон тамоми кормандони коллектив муҳим буда, муносибати тарафайн таҳти таҳлил қарор дода мешавад. Пас аз он, ки тасаввурот оид ба низоъ пайдо мешавад, омӯзгорро лозим меояд, нуктаи назар, кӯшиш ва манфиатҳои тарафи муқобилро таҳлил намояд. Роҳҳои таҳлили вазъияти низоъ гуногунанд ва ҳар яки онҳоро вобаста ба намуди низоъ истифода бурдан мумкин аст.

Калидвожаҳо: низоъ, бархурд, хонанда, омӯзгор, синфхона, манфиат, мусбат, манфӣ, кӯшиш, муносибат, фаъол, таълим, вазъият, таҳлил, муҳим, тасаввурот, гурӯҳ, ҳолати равонӣ

МЕТОДЫ УСТРАНЕНИЯ КОНФЛИКТНЫХ СИТУАЦИЙ В ОРГАНИЗАЦИЯХ И УЧРЕЖДЕНИЯХ

В научной статье рассматриваются методы устранения конфликтных ситуаций в организациях и учреждениях, возникающих вследствие изменения психологического состояния сотрудников.

Автор на основе исследований исследователей выделяет различные психологические состояния сотрудников и основные принципы управленческой деятельности в конфликтных ситуациях, излагая их в статье.

Как отмечает автор статьи, лидер, благодаря жизненному опыту, психологическим знаниям и другим необходимым знаниям о межличностных отношениях, способен осуществлять лидерство на необходимом уровне и, во многих случаях, рационально предотвращать возникновение конфликта. Важнейшим аспектом разрешения конфликта является то, что противоборствующие стороны должны понимать всё. То есть, они должны осознать, что посредством совместного сотрудничества конфликт может быть разрешён.

В заключение автор приводит пример учащихся одной учебной группы, обучающихся в одном классе, показывая состояние учителя и учащихся до и во время конфликта, разделяя эти периоды на две части.

Первым шагом в предотвращении конфликта является как можно более раннее его обнаружение. Учитель наблюдает за поведением ученика и контролирует его психологическое состояние. Иногда то, как ученики сидят в классе, определяет их отношение к уроку и обучению.

Обычно в первом ряду сидят активные ученики, заинтересованные в учёбе и общении с преподавателем. Однако такие места выбирают и некоторые эгоистичные ученики, желающие быть в центре внимания. Эта группа учеников провоцирует конфликты ради достижения своих целей. Они всегда готовы спровоцировать конфликт и помешать учебному процессу.

Вторым этапом профилактики конфликтов является анализ ситуации. Здесь необходимо учитывать все обстоятельства. Важно психологическое состояние учащихся и преподавателей, а также всех сотрудников коллектива, а также анализировать взаимоотношения между сторонами. После того, как идея конфликта сформирована, преподавателю необходимо проанализировать точку зрения, усилия и интересы противоположной стороны. Существуют различные способы анализа конфликтной ситуации, и каждый из них может быть использован в зависимости от типа конфликта.

Ключевые слова: конфликт, конфронтация, ученик, учитель, класс, интерес, позитив, негатив, усилие, отношение, активность, образование, ситуация, анализ, важный, восприятие, группа, психическое состояние

METHODS OF ELIMINATION OF CONFLICT SITUATIONS IN ORGANIZATIONS AND INSTITUTIONS

The scientific article examines methods for eliminating conflict situations in organizations and institutions that arise as a result of changes in the psychological state of employees.

The author, based on research by researchers, identifies various psychological states of employees and the basic principles of management activities in conflict situations, setting them out in the article.

As the author of the article notes, a leader, thanks to life experience, psychological knowledge and other necessary knowledge about interpersonal relationships, is able to exercise leadership at the required level and, in many cases, rationally prevent the occurrence of a conflict. The most important aspect of conflict resolution is that the opposing parties must understand everything. That is, they must realize that through joint cooperation, the conflict can be resolved.

In conclusion, the author gives an example of students in one study group studying in the same class, showing the state of the teacher and students before and during the conflict, dividing these periods into two parts.

The first step in preventing conflict is to detect it as early as possible. The teacher observes the student's behavior and monitors his psychological state. Sometimes the way students sit in the classroom determines their attitude to the lesson and learning.

Usually, the first row is occupied by active students who are interested in studying and communicating with the teacher. However, such seats are also chosen by some selfish students who want to be the center of attention. This group of students provokes conflicts in order to achieve their goals. They are always ready to provoke a conflict and interfere with the educational process.

The second stage of conflict prevention is the analysis of the situation. Here it is necessary to take into account all the circumstances. The psychological state of students and teachers, as well as all members of the team, is important, as well as analyzing the relationship between the parties. After the idea of the conflict has been formed, the teacher needs to analyze the point of view, efforts and interests of the opposite party. There are various ways to analyze a conflict situation, and each of them can be used depending on the type of conflict.

Key words: conflict, confrontation, student, teacher, class, interest, positive, negative, effort, attitude, activity, education, situation, analysis, important, perception, group, mental state

Маълумотнома дар бораи муаллиф: Маҳмадаминов Хайём Тоҳирчонович, унвончӯйи кафедраи педагогика ва психология, сардори раёсати корҳои тарбиявии Донишгоҳи давлатии Данғара. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Советӣ, 94. Тел: 903001536

Сведения об авторе: Махмадаминов Хайём Тохирджонович, соискатель кафедры педагогики и психологии, начальник управлении по воспитательной работе Дангаринского государственного университета. Адрес: Республика Таджикистан, Дангаринский район, улица Советов, 94. Тел: 903001536

Information about the author: Makhmadaminov Khayyom Tokhirjonovich, applicant of the Department of Pedagogy and Psychology, head of the Department of Educational Work of Dangara State University. Address: Republic of Tajikistan, Dangara district, Sovetov street, 94. Tel: 903001536

ТДУ: 37-811.111(575.3)
ТКБ: 72+81(2-тоҷ)
О– 21

ЛИНГВОДИДАКТИКА ВА НУТҚИ МОНОЛОГИЮ ДИАЛОГӢ БО ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

Одиназода Д.Д., докторанти PhD
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Дар замони мо барои мутахассиси ояндаи ҳар гуна соҳаи истеҳсолот ё соҳаи хизматрасонӣ фақат тавонистани хондан ва тарҷумаи матнҳои соҳавии ба ҳадаф гирифташуда кофӣ нест, балки истифодаи ЗХ-ро дар соҳаҳои гуногуни муошират бояд тавонад. Мутаносибан, ба мақсади асосии таълими ЗХ фақат дар сурати рушди муносиби салоҳияти нутқи ЗХ-и хонандагон ноил шудан мумкин аст. Ташаккули салоҳияти нутқи ЗХ-и хонандагон бояд комил бошад, ки асоси онро фаъолкунии омилҳои шавқмандкунӣ ва рефлексия дар ҳолатҳои талаби иҷтимоии фаъолияти нутқӣ ташкил медиҳад. Барои амалисозии муваффақона ва муассири ин раванд муҳити таълимӣ, шароити педагогӣ ва методҳои муосир заруранд.

Ба андешаи муҳаққиқони тоҷик П. Лутфуллоева ва М. Шарифов «Дар фазои иҷтимоию фарҳангии муосири ҷумҳурии мо омӯзиши забон ба стратегияи асосии рушди маърифати забонӣ дар Тоҷикистон табдил ёфта истодааст. Таърихи назария ва амалияи таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даврони шуравӣ сар карда ва дар даврони истиқлолият

таърихи тағйироти равишҳои таълими ЗХ-ро инъикос намуда, зарурати мутобиқгардонии низоми маорифро ба таҳсилоти ЗХ ба ҳисоб меравад. Дигаргуниҳое, ки дар ҷаҳони ҳозира ба амал меоянд, ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дахл мекунанд. Бо вуҷуди талошҳои пайваста барои такмили раванди таълим, буҳрон ба соҳаи маориф низ таъсир расонд. Ин саъю кӯшиш дар сурати нигоҳ доштани мазмуни пештараи таълим, усулу шаклҳои кор бо шунавандагону хонандагон натиҷаи дилхоҳ дода наметавонад. Раванди таълим ва нақшаҳои таълимӣ дар МТМУ ба талаботи рӯзафзуни таълими забонҳои насли наврас дар шароити навтарини иҷтимоию иқтисодӣ ба қадри кифоя ҷавоб дода наметавонист.

Хатмкунандагони мактабҳо бо сабаби бесамар будани усулҳои таълими забонҳои хориҷӣ, ки аз як тараф ба талаботи муосир ҷавобгӯ нестанд ва аз тарафи дигар набудани бозори меҳнат, сатҳи кофии забони хориҷӣ надоштанд». [1, с. 15]

Тавсифи лингводидактикии нутқи диалогӣ ва монологӣ ба забони англисӣ (ЗА) - ро дуруст метавон забони ҷаҳонӣ номид, зеро бо он 1,8 миллиард нафар ҳарф мезананд ва барои аксарияташон ин забони модарии онҳо нест. Имрӯз дар бисёр соҳаҳои маориф, илм ва тиҷорат муошират бо забони англисӣ сурат мегирад, аз ин рӯ, омӯзиши нутқро метавон яке аз навъҳои афзалиятноки (якҷоя бо гӯш кардани) фаъолияти нутқ дар ин забон муайян кард.

Муҳаққиқони тоҷик Ф. Салимов ва М. Раҳмонов оид ба тарзи омӯзиш мулоҳиза ронда, зикр мекунанд, ки «Тарзи омӯзиши классикии грамматикаи тарҷумонии таълим ба омӯзиши академикии забон равона гардидааст, ки он фаҳмиши амиқи сохтори грамматикӣ, малакаи устувори нутқи хаттиро медиҳад. Усули иртиботӣ - амалӣ буда, ба рушди муваффақонаи қобилиятҳо нисбати муколамаи шифоҳӣ равона гардида, дар одам шавқу рағбати иловагиро нисбати омӯзиши забон фароҳам меорад, ки манфиатдории хонандаро ба машғулиятҳо, яъне самаранокӣ ва натиҷанокиро таъмин менамояд». [2, с. 165]

Гуфтор ҳамчун як намуди фаъолияти нутқ раванди тавлиди нутқи шифоҳӣ барои мақсадҳои иртиботӣ (коммуникативӣ) мебошад. Шумо метавонед барои бедор кардани вокуниши шифоҳии шунаванда ҳарф занед ва дар ин ҳолат муошират шакли муколамаро мегирад. Шумо метавонед бидуни нияти ба даст овардани посухи шифоҳӣ сухан гӯед. Пас сухан ба шакли монолог мегузарад. Ҳам муколама ва ҳам монолог ба нутқ асос ёфтаанд, ки ин имкон медиҳад гуфтори диалогӣ ва монологӣ ҷудо карда шавад. Масъалаи он, ки ҳангоми таълими нутқ ба кадом навъи нутқ - гуфтори диалогӣ ё монологӣ - яке аз масъалаҳои баҳсталабтарин дар методикаи таълими забонҳои хориҷӣ ба шумор меравад.

Муҳаққиқони тоҷик П. Лутфуллоева ва М. Шарипов усулҳои гуногуни таълимро баррасӣ намуда, зикр мекунанд, ки «Дар байни усулҳои гуногуни ташкили усулҳои интенсивии таълим таваҷҷуҳи бештари хонандагонро технологияҳои бозӣ ба вуҷуд меоранд, зеро онҳо фаъолияти нутқро ба меъёрҳои табиӣ наздик мекунанд, саҳм мегузоранд, коркарди самараноки барномавиро мусоидат мекунад. Омӯзиши босуръати забон тавассути технологияҳои бозӣ ба ташаккули шахсияти донишомӯз таъсири мусбат мерасонад. Бозиҳои таълимӣ барои рафъи хастагӣ, бартараф кардани монеаҳои забонӣ ва равонӣ, зиёд кардани таваҷҷуҳ ба мавзуъ, имкон медиҳанд, ки диққати худро ба чизи асосӣ - азхуд кардани малакаҳои нутқ дар ҷараёни вазъияти муошират табиӣ ҳангоми бозӣ равона созед. Чизи асосӣ дар рафти бозӣ фароҳам овардани муҳити истиқболӣ ва вазъияти муваффақиятнок барои донишомӯзон мебошад. Аввалан, дар синф вазифаҳои гуногунҷабҳа ҳал карда мешаванд. Дар онҳо донишомӯзон бояд ҳатман ба дониши амалии забони омӯхташаванда «илова» гиранд. Онро дар фаҳмиши беҳтари гуфтор бо гӯш аз ҳисоби азхудкунии калимаҳои нав, шакл, сохтори нави грамматикӣ ифода кардан мумкин аст; дар азхуд намудани дониш дар бораи фарҳанги кишвари забони таҳсил дар соҳаи адабиёт, мусиқӣ, таърих, яъне донишомӯзон ба фарҳанги миллӣ ва психологияи миллии кишвари забони таҳсил фаро гирифта мешаванд. Сониян, дар синф шаклҳои гуногуни ташкили кор: гурӯҳӣ, ҷуфтӣ, инфиродӣ истифода мешаванд. Барои ҷалби ҳама бояд малакаҳои ташкилии худро таҳия ва такмил диҳед, то як навъ сенарияи дарс омода кунед. Сеюм, дарс бояд бо воситаҳои таълим таъмин карда шавад, ки ба вазифаҳои ҳалшаванда мувофиқ бошанд. Чаҳорум, омили муҳим эҷоди ҳавасмандии мусбат дар омӯзиши забони хориҷӣ бо дониши амиқи омӯзгори шахсияти

ҳар як хонанда мебошад». [1, с. 15]

Таълими нутқи диалогӣ яке аз мақсадҳои муҳимтарини таълими ЗХ дар мактаби миёна мебошад. Донишҷӯён бояд бо истифода аз саволҳо, посухҳо дар шакли ризоият, радкунӣ, маълумоти дақиқ, пурсиши такрорӣ, эътироз, изофа, тавзеҳот бо мақсади табодули афкор дар доираи маводи забони барномаи синфҳои 8-ум суҳбат кунанд. Мувофики вазъияти тарбиявӣ, ҳамчунин вобаста ба мазмуни он чизе, ки шунида, дидааст, хонда шудааст. Бо вуҷуди ин, нуқтаи назари дигар вуҷуд дорад. Чунин ақида баён кардан мумкин аст, ки дар таълими нутки шифоҳӣ маҳз асосҳои гуфтугӯи забони хориҷӣ аҳаммияти калон доранд, ки онҳо ҳам барои гуфтугӯи диалогӣ ва ҳам барои монологӣ заруранд. Ба ин асосҳо ташаккули малакаҳои талаффузӣ, малакаҳои лексикӣ дар доираи мавзуи таҳлилшаванда, малакаҳои грамматикии дар марҳилаи ибтидоӣ зарурӣ дохил мешаванд. Мо ҳамин нуқтаи назарро дорем ва чунин мешуморем, ки дар раванди таълими нутқ ба забони хориҷӣ, алалхусус забони англисӣ нутқи диалогӣ ва монологӣ бо ҳам алоқаи зич доранд, бинобар ин дар бораи аҳаммияти бештари ин ё он нутқи шифоҳӣ сухан гуфтан душвор аст.

Пуркунандаи нутқ яке аз роҳҳои ташкили машқҳои муколамавӣ мебошад, ки малакаҳои нутқи диалогиро дар хонандагон ташаккул медиҳанд ва малакаҳои гуфтугӯиро рушд медиҳанд. Маҳорати гуфтугӯйӣ чунин амалҳоро мефаҳмонад: ташаккул додани дархост барои иттилоот, қонеъ гардонидани дархост барои иттилоот, яъне муошират ва вазъият ба саволҳо ҷавоби мувофиқ додан, иртибот бо маълумоту иттилоот бо мақсади муҳокимаи минбаъдаи он, баёни арзёбии арзишҳо дар бораи иттилооти гирифташуда (ҷавобҳои мувофиқа/ихтилоф, шубҳа, ҳақиқати тасдиқ ва ғ.).

Гуфтори муколама ҳамчун воситаи таълими ЗХ барои мақсаднок, таҳти назорати омӯзгор фаъол кардани маводи нутқ ва дар маҷмуъ таълими забони хориҷӣ истифода мешавад. Ин сухан аксаран шартан муошираткунанда ва тарбиявӣ дорад. Он маҳсули таъсири мутақобилаи амали нутқ дар ҳолатҳои мушаххас ва дар шароити фишори замон буда, қолабӣ ва ҳолатӣ будани онро муайян мекунад. Ҳамчунин, машқҳои нутқ метавонанд шакли монолог дошта бошанд, масалан, вақте ки муҳассилин барои баёни андешаи худ оид ба мавзуи пешниҳодшуда, даъват карда мешаванд.

Суханронии монологӣ ин суханронии як шахсе мебошад, ки ба шунавандагон нигаронида шудааст, ки ҳадафи он метавонад ба шунавандагон маълумот додан, таъсир расонидан ба эҳсосоти онҳо ё водор кардани амалҳои муайян бошад. Гуфтори монологӣ аз рӯйи табиати худ бештар характери контекстӣ дорад, зеро вазъият дар ин ҷо нақши калон намебозад. Ин суханронии мустақил ва муташаккилтар аз диалогӣ аст. Мақсади таълими нутқи монологӣ ташаккули малакаҳои нутқи монологӣ мебошад, ки қобилияти муошират кардан бо асоснок, мантиқӣ пайгирона, дар шакли шифоҳӣ комилан пурра ва дуруст баён кардани андешаи худро бо истилоҳоти забонӣ фаҳмидан мумкин аст. Гуфтори монологӣ низ яке аз шаклҳои гузаронидани машқҳои нутқӣ мебошад, масалан, дар ҳолате, ки муҳассилин бояд дар як ҷуфт, гурӯҳ ё дар назди синф оид ба мавзуъ/масъала фикри худро баён кунанд.

Ҳамин тариқ, ҳам гуфтугӯй ва ҳам нутқи монологӣ шаклҳои муодили машқҳои нутқ дар ЗА мебошанд. Ҳангоми таълими нутқи шифоҳӣ машқҳои нутқӣ нақши муҳим доранд, зеро онҳо яке аз роҳҳои ташкили кор дар дарс буда, ба ташаккули малакаҳои талаффуз, грамматикӣ ва лексикии зарурӣ барои муошират пурраи ЗА мусоидат мекунад. Бо вуҷуди ин, новобаста аз он ки раванди таълим то кадом андоза методӣ ва мантиқӣ сохта шудааст, омӯзгор дар таълими нутқи шифоҳӣ метавонад ба як қатор душвориҳо дучор шавад.

2**.1.2.**Мушкилоти имконпазир зимни таълими нутқи шифоҳӣ ба забони англисӣ**.** Раванди таълими нутқи шифоҳӣ ба таври ҳақиқӣ яке аз душвортарин ва вақталабтарин ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, як қатор омилҳое мавҷуданд, ки ба омӯзиши сухан халал мерасонанд. Инак, бо вуҷуди истифода аз супоришҳои муассир дар дарс ва иҷрои дурусти онҳо мушкили «донишҷӯи хомӯш», яъне донишҷӯ, ки барои он вазифаҳояшон оид ба рушди маҳорати нутқи шифоҳӣ хеле душвор аст ва дар натиҷа чунин хонанда ба иҷрои онҳо муқовимат мекунад. Муаллим дар бораи душвориҳои имконпазири таълими нутқи шифоҳӣ сухан ронда, онҳоро бо роҳи азнавсозии раванди таълим ё интихоби шаклҳои муайяни кор ва

муносибат бо хонандагон огоҳ карда метавонад. Дар асоси таҳлили адабиёти методии хориҷӣ ва ватанӣ оид ба ин мавзуъ мо мушкилоти зеринро муайян намуда, чанд роҳи ҳалли онҳоро дар дарс пешниҳод кардем:

1) **Тарс аз хато кардан**. Муҳассилин намехоҳанд бо ЗХ ҳарф зананд, зеро шармгинанд ва намехоҳанд худро ба тамасхури ҳамкорон ё танқиди муаллим дучор кунанд. Барои кам кардани ин падида, муаллимро лозим аст, ки дар синф фазои эътимод ва иродаи некро ба вуҷуд оварад. Ҳодисаҳои танқиди шадид аз ҷониби муҳассилинро рафъ кардан, кӯшиш кардан лозим аст, ки микроиқлими равониро дар гурӯҳ/синф назорат карда, ба ҳама гуна тағйирот (масхара, шарҳҳои киноявӣ, нигоҳҳои норозӣ) диққат диҳед. Муҳим аст, ки ба муҳассилин арзиш ва нотакрор будани ҳар яки онҳоро фаҳмонем ва барои ин аз шаклҳои дастаҷамъонаи кор (ҷуфтҳо, хурд-гурӯҳҳо), фаъолияти лоиҳавӣ истифода бурдан лозим аст, ки муваффақияти ҳар як аз муваффақияти тамоми гурӯҳ вобаста аст ва баръакс. Аз донишҷӯён хоҳиш кардан мумкин аст, ки чӣ гуфтани худро пешакӣ ба нақша гирифтан, омода кардан ва машқ кардан мумкин аст. Яъне омӯзгор бояд ба муҳассилин муҳлат диҳад, то дар бораи баёния андеша кунанд ё дарҳол пеш аз муҳокима муколама гузаронанд ва ба ин васила мушкилиҳои имконпазирро пешгирӣ кунанд. Қимати такрор низ бузург аст, зеро бо ҳар як истифодаи нави воҳиди забонӣ, донишҷӯён эътимоди бештар пайдо мекунанд;

2**) Аз сабаби надоштани дониш оид ба мавзуи муҳокимашаванда ҳавасмандии муҳассил барои баёни андешаи худ**. Дар натиҷа шавқу ҳавас ба иштирок дар муомилаи нутқ ва умуман омӯхтани ЗХ кам мешавад. Ҳангоми интихоб ва тайёр кардани супоришҳо бояд ҳамеша синну сол ва доираи шавқу ҳаваси хонандагонро ба назар гирифта, мавзуъҳоеро, ки ба онҳо мувофиқ бошад, интихоб намоед. Агар ин ё он мавзуъ дар доираи шавқу ҳаваси талаба бошад, пас, эхтимол, ӯ оид ба ин ё он масъала ақида дошта, ба рафти иҷрои супориш шавқу ҳавас зоҳир менамояд;

3) **Муҳассилин забон ва воситаҳои нутқ надоранд, ки барои ҳалли масъалаи гузошташуда кофӣ бошанд**. Барои пешгирии ин мушкилот пеш аз иҷрои супориш оид ба ташаккули маҳорати нутқ ба омӯзгор бояд нақшаҳои забон ва нутқ дастгирӣ карда шавад. Ба муҳассилин ҳам тавассути истифодаи дастгирии шифоҳӣ (нақшаҳо бо калимаҳои калидӣ, занҷирҳои мантиқӣ ва диаграммаҳо, кортҳои хотира) ва дастгирии ғайривербалӣ (тасвирҳо, видеоҳо, мусиқӣ ва ғайра) кумак кардан мумкин аст. Дарсҳои рушди малакаҳои нутқӣ бояд ба малакаҳои лексикӣ ва грамматикии дар доираи мавзуи омӯхташуда ташаккулёфта асос ёбад, биноан, фавран пеш аз иҷрои супориш такрори он воҳидҳои грамматикӣ, лексикӣ ва фонетикӣ, ки ба донишҷӯён лозим аст, сурат гирад;

4) **Монеа/номуайянӣ**. Дар вақти баёни даҳонии муҳассил пеш аз оғози сухан таваққуф (таъхир) ба амал меояд. Чунин таваққуф метавонад аз сабаби изтироб ва тарси саҳву иштибоҳ, шармгинӣ, нохостанӣ ба ҷалби таваҷҷуҳи гурӯҳ/синф ба вуҷуд ояд. Барои бартараф кардани омили монеа/номуайянӣ, муаллим метавонад ба кор дар ҷуфтҳо ё гурӯҳҳои хурд муроҷиат кунад. Ин намуди муомила ҳиссаи нутқи ҳар як хонандаро дар як муддати муайян зиёд мекунад, сатҳи изтироби хонандагонеро, ки дар назди тамоми синф ҷавоб додан намехоҳанд, паст мекунад ва барои кор фазои мусоиди психологӣ ба вуҷуд меорад;

5) **Ҳангоми суханронии муҳассил, боқимондаҳо дар кор дар дарс иштирок намекунанд**. Ҳамин тариқ, хатари аз раванди таълим дур мондани онҳо ва самаранок истифода набурдани вақти дарс меафзояд. Барои ҳалли ин масъала муаллим метавонад аз машқҳои бозӣ истифода барад, ки дар рафти онҳо сатҳи ҳавасмандӣ ва шавқу завқ баланд аст, ҳатто агар танҳо як хонанда сухан гӯяд ва хонандагони боқимонда амалҳои дигари нутқро иҷро мекунанд, масалан, гӯш мекунанд ва қайд мекунанд, саволҳо пешниҳод мекунанд, калимаҳои калидиро менависанд ва ғайра. Ҳамчунин зарур аст, ки дар дарс на танҳо аз намудҳои кори доманадор (фронталӣ), балки ҳамчунин аз намудҳои кори ҷуфтӣ/гурӯҳӣ истифода бурд, то ки ҳамаи донишҷӯён имкон дошта бошанд, ки бо ЗХ ҳарчи бештар муошират кунанд;

6) **Дар шаклҳои кори ҷуфтӣ ва гурӯҳӣ муҳассилин аксар вақт ба истифодаи забони модарии худ мегузаранд**. Вазифаи муаллим аз дақиқаҳои аввали дарс иборат аз он

аст, ки дар дарс чунин муҳити кориеро фароҳам оварад, ки дар он танҳо бо ЗХ муошират кардан мумкин ва зарур бошад. Дар ин маврид ороиши кабинети ЗХ кумак карда метавонад: диаграммаҳо, ҷадвалҳо, қоидаҳо, расму суратҳои шавқовар, харитаҳо ва ғайра. Аз ин нуқтаи назар машқҳои нутқро барои ҳалли масъалаҳои дар боло номбаршуда ҳамчун асосӣ ба меҳнат ба дарс ҷалб намудани хонандагон, ҳамчун воситаи баланд бардоштани фаъолияти фикрӣ ва нутқи ЗХ истифода бурдан мумкин аст.

2.1.3. Тақвияти нутқӣ ҳамчун асосиангезавӣ барои фаъолгардонии муошират нутқӣ дар дарсҳои забони англисӣ. Проблемаи ҳавасмандгардонии омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар мактаби миёна сазовори таваҷҷуҳи махсус аст, зеро равоншиносон ва омӯзгорон қайд кардаанд, ки сатҳи ҳавасмандӣ аз синф ба синф коҳиш меёбад ва дар синфҳои 7-8 ҳавасмандӣ ба сатҳи пасттарин мерасад. Ба фикри мо, ин метавонад якчанд сабаб дошта бошад. Аввалан, омӯзиши ЗА, мисли ҳама забонҳои дигар, раванди тулонӣ ва заҳматталаби ҷамъоварии маводи забонро дар назар дорад, ки бо ёрии он кас метавонад фаъолиятҳоеро анҷом диҳад, ки барои муҳассил шавқоваранд - гӯш кардани мусиқӣ ва тамошои филмҳо ба забони аслӣ, муошират бо ҳамсолон аз кишварҳои дигар. Набудани натиҷаҳои дар амал татбиқшаванда боиси паст шудани шавқ ба ин мавзуъ мегардад. Сониян, ин давра аз ҷиҳати психологӣ ва синну сол «таърихи гардиш» мебошад. Он тағйироти фаъолияти маърифатӣ, ки дар давраи балоғат ба амал меоянд, бо тағйироти амиқи соҳаи ҳавасмандӣ ва эмотсионалии шахсияти кӯдак алоқаманданд. Кӯдак дар синни 13-14-солагӣ на танҳо дар мактаб, балки дар ҳаёти шахсӣ, муносибатҳои оилавӣ ва муошират бо наврасони дигар низ ба мушкилиҳо дучор мешавад. Ин метавонад ба соҳаи эмотсионалии ӯ таъсир расонад ва дар натиҷа ба раванди таълим соя гузорад ва умуман нишондиҳандаҳои таълимиро коҳиш диҳад. Вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки ба ҳамаи тағйироте, ки бо хонандагон ба амал меояд, ҳассос бошад, роҳу усулҳои таъсиррасонӣ ба соҳаи ҳавасмандии онҳоро донад, ки раванди муваффақонаи азхудкунии ЗХ-ро таъмин карда метавонад. Аз омилҳое, ки ба ташаккули ҳавасмандӣ таъсир мерасонанд, баъзе роҳҳои ташкили фаъолияти тарбиявиро номбар кардан мумкин аст, аз қабили шаклҳои дастаҷамъонаи таълим, вазифаҳои дорои хусусияти эҷодӣ, вазифаҳо дар шакли бозӣ. Машқҳои бозӣ ва эҷодӣ имкон медиҳанд, ки амалияи мақсадноки нутқ дар дарси ЗХ ташкил карда шавад, малака ва маҳоратҳои нутқи монологӣ ва диалогӣ, шаклҳои гуногуни ҳамкории шарикони муошират, ташаккул ва таҳияи намудҳои гуногуни изҳорот (изҳори андеша, созиш) таълим ва фаъол гардонида шавад (ихтилоф, тавсиф, паём, далел ва ғ.). Дар марҳалаи ҳозираи рушди методикаи таълими ЗХ дар раванди таълим бозӣ фаъолона истифода мешавад. Бори аввал ба ғояи қолабии фаъолияти бозӣ бо ғояи истифодаи бозӣ дар низоми умумии тарбия, ба воситаи бозӣ ба фаъолияти меҳнатӣ тайёр кардани кӯдак муқобил баромад. Дарвоқеъ, бозӣ ҳам имконоти фароғатӣ ва ҳам истироҳатӣ дорад, ки хусусияти хоси он - воситаи фароғат ва истироҳат буда, ба омӯзиши самаранок, рушди эҷодкорӣ, табобат (терапия) мусоидат мекунад.

Яке аз шаклҳои ташкили бозии фаъолияти нутқ дар дарси ЗХ машқи нутқ - машқи шартии омӯзиши нутқ дар асоси маҷмуи машқҳои бозӣ, ки дар марҳилаи ибтидоии дарси ЗХ ташкил карда шудааст, мебошад, ки ба фаъолсозии фаъолияти нутқи хонандагон, ба вуҷуд овардан ва нигоҳ доштани шавқу рағбат ба он, такрори маводи қаблан омӯхташуда, ҳамчунин рушди малакаҳои нутқ оварда мерасонад.

Зарурати нутқ дар ибтидои дарс воқеан муқаддимаи иртиботии дарс аст. Мавҷудият ё набудани фазои мувофиқ аз хусусияти пуркунии нутқ вобаста аст. Дар сурате, ки дарс бо пуркунии нутқ оғоз шавад, муаллим шартҳоеро фароҳам меорад, ки дар асоси онҳо донишҷӯён ба кор таваҷҷуҳи шахсии худро доранд, зеро тақвияти нутқ воситаи ба вуҷуд омадани зарурати истифодаи ЗА мебошад ва ҳамчун дар натиҷа воситаи ташаккули як қатор ангезаҳое мебошад, ки доираи ҳавасмандии хонандагонро ташкил ва рушд медиҳанд. Пуркунии нутқ ба усулҳои бозӣ ва ҳолатҳое асос ёфтааст, ки ҳамчун воситаи ҳавасмандгардонии фаъолияти таълимӣ амал мекунанд, ба фаъолшавии хонандагон дар синф мусоидат мекунанд ва ташаббуси нутқи онҳоро рушд медиҳанд. Шакли бозии кор имкон медиҳад, ки воҳидҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикии омӯхташуда ва ибораҳои маъмулӣ

такрор ва мустаҳкам карда шаванд, шаклҳои кор гуногун карда шаванд ва диққати хонандагон дар дарс нигоҳ дошта шавад, ки ин махсусан ҳангоми сухан дар бораи хонандагон дар синфҳо муҳим аст (синфҳои 7-8 мактаби миёна). Машқҳои нутқӣ ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки тарси гуфтугӯйи англисиро бартараф кунанд, зеро машқҳо ҷолиб мешаванд, ки ба озодии эҳсосот ва фароҳам овардани фазои бароҳати равонӣ барои кор ва эҷод мусоидат мекунанд. Азбаски, ҳангоми интихоби мавзуъ ва шакли гузаронидани машқҳои нутқ шавқу завқи хонандагон ва сатҳи воқеии забондонии онҳо ба назар гирифта мешавад, ҳолате, ки донишҷӯ оид ба ин ё он мавзуъ дониши зарурӣ надошта бошад, истисно карда мешавад. Гузашта аз ин, вазифаи гузошташудаи нутқ ҳамеша иҷро карда мешавад, зеро пуркунии нутқ ба дониш ва малакаҳои аллакай гирифташуда, асос ёфтааст ва ба фаъол шудани онҳо дар хотира ва пешгирии автоматизатсияи онҳо мусоидат мекунад. Дар вақти машқҳои нутқ ҳамаи хонандагон, хоҳ кори доманадор (фронталӣ) бошад, чи дугона ва чи гурӯҳӣ кор мекунанд.

Ҳамин тавр, касе аз раванди таълим дар канор наменомад, вақти дарс харчи бештар самаранок истифода бурда мешавад. Эҳтимолияти истифодаи забони модарии донишҷӯён кам мешавад, зеро аз аввал дарс танҳо бо ЗА мегузарад.

Ҳамин тариқ, машқҳои нутқӣ мушкилиҳоеро, ки раванди таълими нутқи шифоҳӣ ба ЗХ хосанд, бештар ҳал мекунад. Хонандаи синфи 7-8 бо омодагӣ ба ҳама намудҳои фаъолияти нутқ, хоҳиши ба амал баровардани фаъолиятҳое, ки дар доираи он эҷодиёти худро ифода карда метавонад, майл ба кор дар коллектив фарқ мекунад. Машқи нутқ ба ин ниёзҳои замони ҳозира ҷавобгӯ буда, ҳамчунин шаклҳои нав, бозича ва эҷодии азхудкунии донишҳоро пешниҳод мекунад. Ин марҳалаи дарс баҳо дода намешавад, дар рафти иҷрои он хонандагон ба «қобил» ва «ноқобил» ҷудо намешаванд, фаъолияти фаъол, тафаккури эҷодӣ ва шавқу рағбат ба фан дар ин ҷо нақши муҳим мебозад, ки бешубҳа, дарсҳои хонандагонро худбаҳодиҳӣ зиёд мекунад. Инак, машқи нутқ бо вижагиҳои хос ва шаклҳои гуногуни худ актуалӣ ва назорати донишро таъмин намуда, эҷодиёти хонандагони зинаи миёнаи таълимро фаъол гардонида, заминаи ҳавасмандгардонии ташаккули маҳорати нутқи шифоҳӣ мебошад.

Адабиёт:

1. Лутфуллоева, П., М. Шарипов. Роль и место английских языковых курсов в образовании молодого поколения/П. Лутфуллоева, М. Шарипов//Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.-2020, №1(29).-С.15

2. Салимов, Ф., Раҳмонов, М. Корбурди роҳёфти иртиботи дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ/Ф. Салимов, М. Раҳмонов//Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф (ISSN 2617-5320). - Душанбе, 2019, №4 (28).- С.165 (С.165-167)].

3. Стариченко, Б.Е. Обработка и представление данных педагогических исследований с помощью компьютера / Б.Е. Стариченко. - Екатеринбург: Урал. гос. пед. ун-т., 2004. - 218 с.

4. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020.- Душанбе, 2015.

5. Стратегияи миллии рушди таҳсилот барои солҳои 2006-2015. -Душанбе: 2005.- 32с.

6. Тағайназарова, М.С. Роль современных педагогических технологий в обучении английского языка/М.С. Тағайназарова. [Текст].-Наука и инновация.-Д.,2015.-№4 (14).- С.66-68.

7. Талызина, Н.Ф. Педагогическая психология: учеб. пособие для студ. сред. пед. учеб. заведений / Н.Ф. Талызина. - М.: Академия, 1998. - 288 с.

8. Талызина, Н.Ф. Формирование познавательной деятельности учащихся / Н.Ф. Талызина. - М.: Знание, 1983. - 96 с.

9. Толковый таджикско-русский словарь. - М.: Советская энциклопедия, 1969. Т. II. - 949 с.

10. Шарифзода, Ф., Миралиев, А.М. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ/Ф. Шарифзода, А.М. Миралиев.-Душанбе, «Маориф»,2012. -560с.

11. Шаропов, Н.А. Русско-таджикский терминологический словарь по строительству/Н.А. Шаропов, А.К. Комилов, Т.К. Джураев. - Душанбе, 1982.

12. Эльконин, Д.Б. Проблемы формирования знаний и умений у школьников и новые методы обучения в школе [Электронный ресурс] / Д.Б. Эльконин, А.В. Запорожец, П.Я. Гальперин // Вопросы психологии. - 1963. - № 5.

13. Эльконин, Д.Б. Психическое развитие в детских возрастах / под ред. Д.И. Фельдштейна. - Воронеж: НПО «МОДЭК», 1995. - 416 с.

14. Юдин, Э.Г. Методология науки. Системность. Деятельность / Э.Г. Юдин. - М.: УРСС, 1997. - 444 с.

15. Юнусов…Педагогика/…Юнусов.-Душанбе: «Ирфон», 2005.-275с.

ЛИНГВОДИДАКТИКА ВА НУТҚИ МОНОЛОГИЮ ДИАЛОГӢ БО ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

Мақола ба тавсифу баррасии лингводидактикии нутқ бо забони хориҷӣ бахшида шудааст.

Ба андешаи муаллиф, дар замони мо барои мутахассиси ояндаи ҳар гуна соҳаи истеҳсолот ё соҳаи хизматрасонӣ фақат тавонистани хондан ва тарҷумаи матнҳои соҳавии ба ҳадаф гирифташуда кофӣ нест, балки истифодаи ЗХ-ро дар соҳаҳои гуногуни муошират бояд тавонад. Мутаносибан, ба мақсади асосии таълими ЗХ фақат дар сурати рушди муносиби салоҳияти нутқи ЗХ-и хонандагон ноил шудан мумкин аст. Ташаккули салоҳияти нутқи ЗХ-и хонандагон бояд комил бошад, ки асоси онро фаъолкунии омилҳои шавқмандкунӣ ва рефлексия дар ҳолатҳои талаби иҷтимоии фаъолияти нутқӣ ташкил медиҳад. Барои амалисозии муваффақона ва муассири ин раванд муҳити таълимӣ, шароити педагогӣ ва методҳои муосир заруранд.

Муаллиф зикр мекунад, ки суханронии монологӣ ин суханронии як шахсе мебошад, ки ба шунавандагон нигаронида шудааст, ки ҳадафи он метавонад ба шунавандагон маълумот додан, таъсир расонидан ба эҳсосоти онҳо ё водор кардани амалҳои муайян бошад. Гуфтори монологӣ аз рӯи табиати худ бештар контекстӣ дорад, зеро вазъият дар ин ҷо нақши калон намебозад. Ин суханронии мустақил ва муташаккилтар аз диалогӣ аст. Мақсади таълими нутқи монологӣ ташаккули малакаҳои нутқи монологӣ мебошад, ки қобилияти муошират кардан бо асоснок, мантиқӣ пайгирона, дар шакли шифоҳӣ комилан пурра ва дуруст баён кардани андешаи худро бо истилоҳоти забонӣ фаҳмидан мумкин аст. Гуфтори монологӣ низ яке аз шаклҳои гузаронидани машқҳои нутқӣ мебошад, масалан, дар ҳолате, ки муҳассилин бояд дар як ҷуфт, гурӯҳ ё дар назди синф оид ба мавзуъ/масъала фикри худро баён кунанд.

Калидвожаҳо: лингводидактика, нутқ, монолог, диалог, забони хориҷӣ, забони англисӣ, машқҳои нутқӣ, фаъолият, ташаккули маҳорат, таълим.

ЛИНГВОДИДАКТИКА, МОНОЛОГИЧЕСКАЯ И ДИАЛОГИЧЕСКАЯ РЕЧЬ НА ИНОСТРАННОМ ЯЗЫКЕ

Статья посвящена лингводидактическому описанию и обзору на иностранном языке.

По мнению автора, в наше время будущему специалисту в любой сфере производства или услуг недостаточно уметь читать и переводить тексты, необходимо уметь использовать в различных сферах коммуникации. Соответственно, основная цель обучения английскому языку может быть достигнута только в случае адекватного развития речевой компетенции учащихся по английскому языку. Формирование речевой компетентности учащихся должно быть совершенным, основу которого составляет активизация факторов интереса и рефлексии в ситуациях социальной востребованности речевой деятельности. Образовательная среда, педагогические условия и современные методы необходимы для успешной и эффективной реализации этого процесса.

Автор отмечает, что монолог - это речь одного человека, обращенная к аудитории, целью которой может быть информирование аудитории, воздействие на ее чувства или побуждение к определенным действиям. Монологическая речь по своей природе более контекстуальна, поскольку ситуация здесь не играет большой роли. Это самостоятельная и более организованная речь, чем диалог. Целью обучения монологической речи является развитие навыков монологической речи, то есть умения логически и связно общаться, полно и правильно выражать свои мысли в форме словесной речи. Монологическая речь также является одной из форм проведения речевых упражнений, например, в ситуации, когда учащимся приходится высказать свое мнение по теме/вопросу в паре, группе или перед классом.

Ключевые слова: лингводидактика, речь, монолог, диалог, иностранный язык, английский язык, речевые упражнения, деятельность, развитие умений, обучение.

LINGVODIDACTICS AND MONOLOGUE AND DIALOGIC SPEECH IN A FOREIGN LANGUAGE

The article is devoted to linguodidactic description and review in a foreign language.

According to the author, in our time, it is not enough for a future specialist in any field of production or services to be able to read and translate texts of target fields, it is necessary to be able to use them in various areas of communication. Accordingly, the main goal of teaching English can be achieved only in the case of adequate development of students' speech competence in English. The formation of students' speech competence should be perfect, the basis of which is the activation of interest and reflection factors in situations of social demand for speech activity. The educational environment, pedagogical conditions and modern methods are necessary for the successful and effective implementation of this process.

The author notes that a monologue is a speech by one person addressed to an audience, the purpose of which may be to inform the audience, influence its feelings or encourage certain actions. Monologue speech is more contextual by its nature, since the situation does not play a big role here. This is independent and more organized speech than a dialogue. The purpose of teaching monologue speech is to develop monologue speech skills, that is, the ability to communicate logically, logically and coherently, to fully and correctly express one's thoughts in the form of verbal speech. Monologue speech is also one of the forms of speech exercises, for example, in a situation when students have to express their opinion on a topic/question in a pair, group or in front of the class.

Key words: linguodidactics, speech, monologue, dialogue, foreign language, English, speech exercises, activity, development of skills, training.

Маълумот дар бораи муаллиф: Одиназода Д.Д.. - докторанти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Суроға: 735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров-16. Тел.: 987512251

Сведения об авторе: Одиназода Д.Д. – докторант Академиии образования Таджикистана. Адрес: 735360, РТ, г. Куляб, ул. С. Сафарова - 16.Тел.: 987512251

Information about the author: Odinazoda D.D. - doctonant Academy of Education of Tajikistan. Address: 735360, RT, Kulob, S. Safarova str. - 16. Tel: 987512251

ТДУ:352/53 (2-тоҷ)
А-31

ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИЮ ИҶТИМОИКУНОНИИ САМАРАНОКИ КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД

Ойҷонбии А., ассистент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Солҳои охир дар кишвар афзоиши шумораи кӯдакони имконияташон маҳдуд мушоҳида мешавад. Кор бо чунин гурӯҳи бачагон хеле душвор буда, аз муаллим кӯшишу ғайрати зиёд, сабру тоқат, маҳорат ва албатта, эҳтиром ва меҳру муҳаббатро ба ин гуна бачагон талаб мекунад. Инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдак танҳо дар сурати фароҳам овардани шароити муътадили зиндагӣ, ҷорӣ кардани реҷаи оқилонаи ҳаррӯза, эҷоди тартиби муносибтарини ҳаракат дар ҳолати солимии ҷисмонӣ имконпазир аст. Барои рушди фаъолияти таълимӣ дар кӯдакон шароити махсус фароҳам овардан зарур аст. [3, с. 59]

Шароити иҷтимоии кӯдакони маъюб тавассути тавонбахшии иҷтимоӣ-педагогӣ ва омодасозии кӯдакон, падару модарон ва омӯзгорон ба қабули кӯдакони дорои эҳтиёҷоти махсус ба даст оварда мешавад. [2, с. 95]

Дар шароити муосир раванди ҷорӣ намудани таҳсилоти фарогир раванди навоварию навгонӣ мебошад ва имкон медиҳад, ки ҳамаи кӯдакон бидуни истисно, новобаста аз хусусиятҳои фардӣ, дастовардҳои таълимӣ, забони модарӣ, фарҳанг, қобилияти равонӣ ва ҷисмонӣ, таълим, тарбия ва инкишоф дода шаванд.

Ҷорӣ намудани таҳсилоти фарогир ташаккули инсондӯстӣ, эътирофи ҳуқуқи маъюбон ба таҳсилоти дастрас ва босифат ва ташаккули ҷомеаи нави касбии омӯзгоронро таъмин менамояд. Дар соҳаи педагогика нақши муҳимтарини омӯзгор, мавқеъ, вазифаҳои ӯ дар ҷомеа таъкид шуда, талабот ва интизориҳои иҷтимоии нисбат ба ӯ ташаккулёфта зиёд мегардад. Таълим, тарбия ва инкишофи кӯдакони дорои имконияташон маҳдуд дар инкишоф ва рафтори психофизиологӣ як масъалаи мураккаби иҷтимоӣ ва педагогӣ мебошад. Мақсади асосии таълими махсус ин барвақт ошкор ва рафъи камбудиҳои инкишофи шахсияти кӯдак, кумак расонидан ба ӯ барои бомуваффақият аз худ кардани тасвири ҷаҳон ва ба таври кофӣ ба ҷомеа ворид шудан мебошад.

Яке аз вазифаҳои асосии таълиму тарбияи кӯдакони имконияти маҳдуддошта ташаккули шахсияти ҳар як фард дар маҷмуъ, рушди қобилияти беҳтарини маърифатии эҳтимолии онҳо, омода намудан ва ба муҳити зист фаро гирифтани онҳо ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеа мебошад. Барои ба таълиму тарбияи кӯдакони маъюб фаъолона ҷалб намудани падару модарон шаклҳои гуногуни корро фаро гирифтан лозим аст.

Ҷамъиятисозии мусбӣ танҳо дар сурати муносибати ҳамаҷониба бо назардошти тамоми омилҳое, ки ба рушди иҷтимоии кӯдак таъсир мерасонанд, дар натиҷаи талошҳои муштараки ҳамбастагии омӯзгорон ва оила имконпазир аст.

Аксари кӯдакони дорои имконияти маҳдуд сатҳи аз ҳад зиёди фаъолияти маърифатӣ, ҳавасмандии нобаробар барои омӯзиш ва паст шудани сатҳи фаъолият ва мустақилият доранд. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯ ва истифода бурдани шаклу усулҳои фаъоли таълим яке аз воситаҳои зарурии баланд бардоштани самаранокии раванди ислоҳию инкишофдиҳии фаъолияти муаллим мебошад.

Ҳадафҳои таълими мактабӣ, ки аз ҷониби давлат, ҷомеа ва оила дар назди муассисаи таълимӣ гузошта шудаанд, дар баробари ба даст овардани маҷмуи муайяни дониш ва маҳорат, ошкор ва рушди неруи кӯдак, фароҳам овардани шароити мусоид барои амалӣ намудани қобилиятҳои фитрии ӯ мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо муҳити табиии бозӣ, ки дар он маҷбуркунӣ вуҷуд надорад, имкон дорад, ки ҳар як кӯдак ҷои худро пайдо кунад, ташаббус ва мустақилият нишон диҳад, қобилият ва ниёзҳои таълимии худро озодона амалӣ созад. Ворид намудани усулҳои фаъоли таълим ба раванди таълим имкон медиҳад, ки

чунин шароит ҳам дар синф ва ҳам дар корҳои беруназсинфӣ, аз ҷумла, барои кӯдакони имконияташон маҳдуд фароҳам оварда шавад.

Тағйироти босуръат инкишофёбандаи ҷомеа ва иқтисодиёти имрӯз аз ҳар як фард талаб мекунад, ки ба шароити нав зуд мутобиқ шуда, ҳалли муносибтарини масъалаҳои мураккабро пайдо карда, чандирӣ ва эҷодкорӣ нишон дода, дар вазъияти номуайянӣ гумроҳ нашаванд, бо одамони гуногун робитаи муассир барқарор карда тавонанд.

Мақсади муассисаи таълимӣ тайёр кардани хатмкунандаест, ки дорои маҷмуи зарурии дониш, малака ва сифатҳои муосир бошад ва ба ӯ имкон медиҳад, ки дар ҳаёти мустақилона ба худ бовар кунад.

Дараҷаи фаъолияти маърифатии худи хонандагон нокифоя буда, барои баланд бардоштани он омӯзгорро зарур аст, ки аз воситаҳое истифода барад, ки ба фаъолшавии фаъолияти таълимӣ мусоидат мекунанд. Яке аз хислатҳои хонандагони дорои имконияти маҳдуд ин сатҳи нокифояи фаъолияти тамоми равандҳои равонӣ мебошад. Ҳамин тариқ, истифодаи воситаҳои фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ ҳангоми таълим шарти зарурии муваффақияти раванди таълим барои хонандагони имконияташон маҳдуд мебошад.

Яке аз усулҳои асосӣ кор бо оилаи кӯдак ва синф мебошад. Аввалин нигаронии падару модарон оид ба рушди фарзандонашон одатан вақте ба миён меояд, ки кӯдак ба боғча ё ба муассисаи таълимӣ меравад ва омӯзгорон қайд мекунанд, ки ӯ маводи таълимиро аз худ намекунад. Аммо дар ин сурат ҳам баъзе падару модарон бар ин назаранд, ки кори педагогӣ метавонад интизор шавад, кӯдак бо мурури синну сол мустақилона сухан гуфтан, бозӣ кардан ва муошират бо ҳамсолонашро ёд мегирад. Дар чунин ҳолатҳо мутахассисони муассисаи таҳсилкардаи кӯдак бояд ба падару модарон фаҳмонанд, ки кумаки саривақтӣ ба кӯдак барои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои минбаъда мусоидат намуда, барои рушди ӯ имконияти бештар фароҳам меорад. Ба падару модарони кӯдакони дорои имконияташон маҳдуд бояд фаҳмонида шавад, ки дар хона ба фарзандашон чиро ва чӣ гуна омӯзанд. Доим бо кӯдакон муошират кардан, дарсҳо гузаронидан ва тавсияҳои муаллимро риоя кардан лозим аст. Барои шиносоӣ бо ҷаҳони гирду атроф вақти бештар сарф кардан лозим аст: ҳамроҳи фарзандатон ба мағоза, боғи ҳайвонот, ба шабнишиниҳои кӯдакона равед, бо ӯ бештар дар бораи мушкилоти ӯ суҳбат кунед (ҳатто агар суханаш норавшан бошад), бо ӯ ба китобҳо ва суратҳо нигаред, ҳикояҳои гуногун эҷод кунед, ба фарзандатон дар бораи коре, ки карда истодаед, бештар нақл кунед, ӯро ба корҳои имконпазир ҷалб кунед. Инчунин, муҳим аст, ки ба фарзандатон омӯзонед, ки бо бозичаҳо ва дигар кӯдакон бозӣ кунад. Муҳим он аст, ки волидон бояд қобилият ва муваффақиятҳои кӯдакро арзёбӣ кунанд, пешрафтро мушоҳида кунанд (ҳатто ночиз бошад) ва фикр накунанд, ки вақте ки ӯ калон мешавад, ҳама чизро худаш меомӯзад. Танҳо кори муштараки омӯзгорон ва оилаҳо ба кӯдаки нуқсони руҳидошта нафъ мебахшад ва ба натиҷаҳои мусбӣ мерасонад. [1, с. 218]

Ба ақидаи Мария Монтессори интихоби беҳтарини кӯдакони эҳтиёҷманд махсус мебошад ва ин усул ба кӯдак имкони беназире медиҳад, ки тибқи қонунҳои дохилии худ кор кунад ва инкишоф ёбад.

Ягона усули муносибтари таълими савод усули Н.А. Зайтсева мебошад. Бисёре аз кӯдакони сусти ақлӣ гиперактивӣ, беэътиноӣ ҳастанд ва «Кубҳо» ягона усулест, ки то имрӯз ин мафҳумҳо дар шакли дастрас дода мешаванд ва дар он «илоҷҳо» дар омӯзиш ихтироъ карда мешаванд ва дар он тамоми вазифаҳои солимии бадан ҷалб карда мешаванд.

Бозиҳое, ки дар асоси ихтироъкорон сохта шудаанд, ба рушди нутқ таъсири мусбӣ мерасонанд, ба азхудкунии як қатор мафҳумҳо, тавлиди садоҳо мусоидат карда, муносибати кӯдакро бо ҷаҳони атроф ҳамоҳанг мекунанд.

Фаъолият яке аз хусусиятҳои муҳимтарини тамоми равандҳои равонӣ буда, асосан, муваффақият рафти онҳоро муайян мекунад. Баланд бардоштани сатҳи фаъолияти идрок, хотира ва тафаккур дар маҷмуъ ба самаранокии бештари фаъолияти маърифатӣ мусоидат мекунад.

Ҳангоми интихоби мундариҷаи дарсҳо барои хонандагони маъюб, аз як тараф, усули дастрасиро ба назар гирифтан лозим аст, аз тарафи дигар, ба содагардонии аз ҳад зиёди

мавод роҳ надодан лозим аст. Мундариҷа воситаи самараноки фаъолсозии фаъолияти таълимӣ мегардад, агар он ба қобилиятҳои ақлӣ ва зеҳнии кӯдакон ва ниёзҳои онҳо мувофиқат кунад. Азбаски, гурӯҳи кӯдакони маъюб ниҳоят гуногунранг аст, вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки дар ҳар як вазъияти мушаххас мазмун ва усулу шаклҳои ташкили таълимро интихоб намояд, ки ба ин мазмун ва имконияти хонандагон мувофиқ бошанд.

Агар шакли маъмулӣ ва дилхоҳи фаъолияти кӯдак бозӣ бошад, пас аз ин шакли ташкили фаъолият барои таълим, ба ҳам пайвастани бозӣ ва раванди таълим, аниқтараш, бо истифода аз шакли бозии ташкили фаъолияти хонандагон барои ноил шудан ба ҳадафҳо истифода бурдан лозим аст.

Ҳамин тариқ, неруи ҳавасмандии бозӣ барои самараноктар аз худ кардани барномаи таълимӣ аз ҷониби мактаббачагон равона карда мешавад, ки ин на танҳо барои мактаббачагони нуқсони нутқдошта муҳим аст, балки, махсусан, барои мактаббачагони имконияташ маҳдуд муҳим аст.

Нақши ҳавасмандкуниро дар таҳсили бомуваффақияти кӯдакони имконияташ маҳдуд баҳо додан душвор аст. Таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба ҳавасмандгардонии кӯдакон намунаҳои ҷолибро ошкор карданд. Маълум шуд, ки аҳаммияти ҳавасмандӣ барои омӯзиши бомуваффақият аз аҳаммияти зеҳнии хонанда болотар аст. Ҳавасмандии баланди мусбӣ дар ҳолати нокифоя будани қобилияти хонанда метавонад нақши омили ҷубронкунандаро бозад, аммо ин усул ба самти баръакс амал намекунад – ҳеҷ қобилият мавҷуд набудани ангезаи таълимӣ, ё ифодаи пасти онро ҷуброн карда, муваффақияти назаррасро дар таълим таъмин карда наметавонад. Имкониятҳои усулҳои гуногуни таълим аз ҷиҳати фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ-истеҳсолӣ гуногунанд, онҳо аз хусусият ва мазмуни методи мувофиқ, усулҳои истифодаи онҳо ва маҳорати омӯзгор вобастаанд. Ҳар як усул аз ҷониби омӯзгоре, ки онро татбиқ мекунад, фаъол карда мешавад.

Мафҳуми метод бо мафҳуми «техникаи таълим» алоқаи зич дорад. Усулҳои таълим амали мушаххаси ҳамкории омӯзгор ва хонандаро дар раванди татбиқи усулҳои таълим мебошанд. Усулҳои таълим бо мазмуни предмет, фаъолияти маърифатие, ки онҳо ташкил мекунанд, хос буда, бо мақсади татбиқи онҳо муайян карда мешаванд. Фаъолияти воқеии таълим аз усулҳои инфиродӣ иборат аст.

Ба ғайр аз усулҳо, шаклҳои ташкили таълим ҳамчун воситаи фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ хизмат карда метавонанд. Ҳангоме сухан дар бораи шаклҳои гуногуни таълим меравад, мо «сохторҳои махсуси раванди таълим», хусусияти ҳамкории омӯзгор бо синф ва хусусияти пешниҳоди маводи таълимӣ дар давраи муайянро дар назар дорем, ки бо мазмуни таълим, усулҳо ва намудҳои фаъолияти хонандагон муайян карда мешаванд.

Шакли ташкили фаъолияти муштараки муаллим ва хонандагон дарс мебошад. Омӯзгор дар рафти дарс метавонад усулҳои гуногуни таълимро истифода бурда, онеро интихоб кунад, ки ба мазмуни таълим ва қобилияти маърифатии хонандагон мувофиқат кунад ва бо ин роҳ ба фаъол шудани фаъолияти маърифатии онҳо мусоидат намояд.

Барои фаъол гардонидани фаъолияти хонандагони дорои имконияташ маҳдуд аз усулҳои зерини фаъоли таълим истифода бурдан мумкин аст:

1. Истифодаи кортҳои сигналӣ ҳангоми иҷрои супоришҳо (дар як тараф аломати ҷамъ, аз тарафи дигар аломати тарҳ; доираҳои рангҳои гуногун мувофиқи овозҳо, варақчаҳои дорои ҳарфҳо). Кӯдакон супоришро иҷро мекунанд, ё дурустии онро баҳо медиҳанд. Кортҳои флешдорро ҳангоми омӯзиши ҳама гуна мавзуъҳо барои санҷидани дониши хонандагон ва ошкор кардани камбудиҳои маводи омӯхташуда истифода бурдан мумкин аст. Бо ин роҳ шумо метавонед кори ҳар як кӯдакро фавран бубинед ва самаранокӣ ва қулайӣ дар ин ҷост.

2. Бо истифода аз варақаҳои дар тахта (ҳарфҳо, калимаҳо) иҷро кардани супориш, ҳалли кроссворд ва ғайра. Хонандагон супоришҳои ин намудро бо хушнудӣ ва шавқи зиёд иҷро мекунанд, зеро барои замима кардани корт хонандагон бояд ҷавоби дуруст диҳанд, бе ин онҳо имкони ба тахта баромадан ва гузоштани кортҳои худро надоранд. Кӯдакон аз рақобат бо ҳамсинфонашон лаззат мебаранд.

3. Бо истифода аз маводи аёнӣ дар рафти дарс намуди фаъолиятро тағйир дода, дарки визуалӣ, таваҷҷуҳ ва хотираро инкишоф дода, захираи луғавиро фаъол намуда, нутқи муттаҳидро инкишоф диҳед.

4. Усулҳои фаъоли инъикос. Калимаи инъикос аз лотинии «рефлексия» - бозгаштан омадааст. Луғати тафсирии забони русӣ рефлексияро ҳамчун фикр кардан дар бораи ҳолати дохилии худ, худтаҳлил муайян мекунад.

Дар илми педагогикаи муосир рефлексияро одатан худтаҳлили фаъолият ва натиҷаҳои он мефаҳманд.

Мушкилоти таълими кӯдакони дорои имконияташон маҳдуд бинобар афзоиши зиёди шумори ин гурӯҳ дар ҷомеа аз як тараф ва аз ҷониби дигар, ба вуҷуд омадани имконияти нави мутобиқшавии онҳо дар ҷомеа мубрам мегардад. Кӯдакони маъюб ҳамчун як гурӯҳи иҷтимоии ҷомеа, пеш аз ҳама, ба фароҳам овардани шароити воқеӣ барои гирифтани таҳсилоти босифат, аз муассисаи таълимӣ сар карда, баъдан гирифтани таҳсилоти касбӣ бо шуғли минбаъда ва мутобиқшавӣ дар ҷомеа эҳтиёҷ доранд. Дар давлати иҷтимоӣ ба ҳар кас, новобаста аз қобилияти меҳнат ва иштирок дар меҳнати муҳимми ҷамъиятӣ ҳуқуқ ба ҳаёти шоиста ва инкишофи озод кафолат дода мешавад. [4]

Фаъолияти бозӣ бояд дар ташаккули ҷаҳони ақлонию зеҳнии кӯдак фаъолияти пешбаранда боқӣ монад, зеро бозӣ барои кӯдаки синни томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ намуди табиии фаъолият аст. Аз ин рӯ, мо дар вақти танаффуси тулонӣ бозиҳои гуногун ташкил кардем, ки ҳар як хонандаро муттаҳид мекард. Аксар вақт, ба талабагон бозии фаъоли «Молекула» маъқул буд. Қоидаҳои бозӣ хеле содаанд, ҳама бозигарон меҷаҳиданд, давида, ронанда «Молекула - 2!»-ро эълон мекунад ва ҳама бозигарон зуд ба ҷуфтҳо тақсим мешаванд, ҳар касе, ки барои худ як ҷуфт гирифта наметавонад, аз байн меравад. Бозӣ пас аз баромадан аз майдон идома меёбад, бозигарони боқимонда ҷаҳида боз медаванд, аммо ҳама як ба як ва ронанда эълон мекунад: «Молекула - 3!» - ҳама зуд ба сегона тақсим мешаванд ва ғайра. Бозӣ то он даме, ки 2 бозигар боқӣ мемонад, давом мекунад - онҳо ғолиб дониста мешаванд. Ҳар дафъае, ки роҳбари бозӣ иваз мешуд, худи хонандагон интихоб мекарданд, ки кӣ бозиро сарварӣ мекунад. Кӯдакон аз бозӣ кардани ин бозӣ хушҳол буданд, зеро аввалан, ин бозӣ хеле шавқовар ва хандаовар аст, дуюм, анҷомаш пешгӯинашаванда аст, зеро амали бозигарон муайян мекунад, ки дар ин бозӣ кӣ боқӣ мемонад ва кӣ пирӯз мешавад, сеюм, тамоми синф бозӣ мекард, аз хонандагон касе дар канор наменишаст, ки ин ба ваҳдату рафоқат дар синф таъсири хеле мусбат расонд.

Ба ақидаи педагог Д.Б. Элконин таълим бояд ба мактаби ибтидоӣ аз дарвозаи бозии кӯдакон ворид шавад. Бозӣ фаъолияти эҷодии кӯдаконро ҳавасманд мекунад, малакаҳои рафтори иҷтимоии онҳо, ташкили фазои зиндагӣ, муошират бо дигаронро, инкишоф медиҳад, ки натиҷаи онҳо малакаҳои муҳимми иҷтимоӣ, аз ҷумла, тарбияи эҳсосотӣ мебошад. Яке аз намудҳои рафтори иҷтимоӣ бозӣ мебошад, бинобар ин, мо, ҳангоми ташкили бозиҳо бо кӯдакони имконияташон маҳдуд ҳолатҳоеро ба вуҷуд меоварем, ки инкишофи мақсадноки сифатҳоеро, ки барои кӯдак дар фаъолияти амалии ӯ махсусан муҳим мебошанд, таъмин мекардем. Маҳз дар фаъолияти амалӣ таълиму тарбияи бомуваффақияти кӯдакони имконияташон маҳдуд ба назар мерасад.

Бо мақсади ташаккул додани ҳисси муассири муҳаббат ба шахси азизу наздиктарин – модар ва дилбастагӣ ба оила дарси «Модарони мо» баргузор гардид. Онҳо пешниҳод карданд, ки порчае аз ҳикоя шунида шавад:

Минбаъд мо достони «Шоми душвор»-и В. Артюховаро хондем, баъд бачаҳоро даъват намудем, ки ба сари миз рафта, расмеро интихоб кунанд, ки дар он нишон дода шудааст, ки онҳо дар хона барои кумак ба модарашон чи кор хоҳанд кард. Хонандагон ин расмҳоро ба рӯйи тахта гузошта, фаҳмонданд, ки чаро онҳо фикр мекунанд, ки бо як амали муайян модаронро шод мекунанд.

Шиори синфро дигар кардем, аксарияти хонандагон ба ин шакли бозӣ овоз доданд: «Вақте ки мо муттаҳидем, мо шикастнопазирем!».

Баъд дар мавзуи «Дӯстони ҳақиқӣ» суҳбат доштем, мо аз хонандагон хоҳиш кардем, ки дар ин мавзуъ эссеи хурд нависанд. Дар охири дарс тамоми корҳоро ҷамъ карда, аз бачаҳо хоҳиш кардем, ки барои тамоми синф як иншо нависанд. Бачаҳо ҳама фаъолона кор мекарданд, бодиққат гӯш мекарданд ва ба пешниҳодҳои якдигар халал намерасонданд, дидан хуш буд, ки чӣ тавр дар ин муддати кӯтоҳ даста боз ҳам муттаҳид ва дӯстона шуд. Ва аз ҳама муҳиммаш ин аст, ки ҳар кас дар ин бора фикри худро баён кард. Мо иншоро дар кунҷи синфхона овезон кардем ва дар паҳлуи он расме буд, ки худи кӯдакон кашидаанд.

Ҳамин тариқ, пас аз истифода аз барномаи таҳиякардаи мо, ки сатҳи иҷтимоикунонии кӯдакони имконияташон маҳдудро баланд мебардорад, метавон ба хулосае омад, ки хонандагон нисбат ба ҳамсабақони худ сабр ва эҳтироми бештар пайдо кардаанд. Ва худи кӯдакони ақибмонда дар синф худро озодтар ва дилпуртар ҳис мекарданд.

Таҳқиқи мо тасдиқ мекунад, ки истифодаи психотехникӣ ҳангоми дарсҳо ва корҳои беруназсинфӣ ба шароити мусоид барои иҷтимоикунонии кӯдакони маъюб мусоидат намуда, рушди шахсиятро дар фаъолияти таълимӣ таъмин менамояд.

Адабиёт:

1. Мастюкова Е.М., Мастюкова А.Г. Семейное воспитание детей с отклонениями в развитии: / Е.М. Мастюкова, А.Г. Мастюкова // Учебное пособие для студ. Высш. Учеб. Заведений / Под редакцией В.И.Селиверстрова. - М.: Гуманит. Изд. центр ВЛАДОС, 2003. - 408 с.
2. Никишина В. В. Практическая психология в работе с детьми с задержкой психического развития: / В. В.Никишина // Пособие для психологов и педагогов: — М.: Гуманит. изд. центр ВЛАДОС, 2003. — 128 с.
3. Тригер Р.Д. Психологические особенности социализации детей с задержкой психического развития. / Р.Д. Тригер // - СПб.: Питер, 2008. -192 с.
4. Федеральный государственный общеобразовательный стандарт. Приказ Министерства образования и науки РФ от 19 декабря 2014 г. N 1598 «Об утверждении федерального государственного образовательного стандарта начального общего образования обучающихся с ограниченными возможностями здоровья».

ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИЮ ИҶТИМОИКУНОНИИ САМАРАНОКИ КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД

Яке аз вазифаҳои асосии таълиму тарбияи кӯдакони имконияти маҳдуддошта ташаккули шахсияти ҳар як фард дар маҷмуъ, рушди қобилияти беҳтарини маърифатии эҳтимолии онҳо, омода намудан ва ба муҳити зист фаро гирифтани онҳо ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеа мебошад. Барои ба таълиму тарбияи кӯдакони маъюб фаъолона ҷалб намудани падару модарон шаклҳои гуногуни корро фаро гирифтан лозим аст.

Ҷамъиятисозии мусбӣ танҳо дар сурати муносибати ҳамаҷониба бо назардошти тамоми омилҳое, ки ба рушди иҷтимоии кӯдак таъсир мерасонанд, дар натиҷаи талошҳои муштараки омӯзгорон ва оила имконпазир аст.

Аксари кӯдакони дорои имконияти маҳдуд сатҳи аз ҳад зиёди фаъолияти маърифатӣ, ҳавасмандии нобаробар барои омӯзиш ва паст шудани сатҳи фаъолият ва мустақилият доранд. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯ ва истифода бурдани шаклу усулҳои фаъоли таълим яке аз воситаҳои зарурии баланд бардоштани самаранокии раванди ислоҳию инкишофдиҳии фаъолияти муаллим мебошад.

Калидвожаҳо: омӯзгор, педагогика, психология, кӯдакони имконияташон маҳдуд, бозӣ, таълим, тарбия.

ЭФФЕКТИВНЫЕ ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ И СОЦИАЛИЗАЦИОННЫЕ УСЛОВИЯ ДЕТЕЙ С ОГРАНИЧЕННЫМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ

Одной из основных задач обучения и воспитания детей с ограниченными возможностями является формирование личности каждого человека в целом, оптимальное

развитие его потенциальных познавательных способностей, подготовка и интеграция его в окружающую среду в качестве полноправного члена общества. Для активного вовлечения родителей в процесс обучения и воспитания детей с ограниченными возможностями необходимо использовать различные формы работы.

Позитивная социализация возможна только при комплексном подходе, с учетом всех факторов, влияющих на социальное развитие ребенка, в результате совместных усилий педагогов и семьи.

У большинства детей с ограниченными возможностями наблюдается чрезмерный уровень познавательной активности, неравномерная мотивация к обучению, сниженный уровень активности и самостоятельности. Поэтому поиск и использование активных форм и методов обучения является одним из необходимых средств повышения эффективности процесса совершенствования и развития деятельности учителя.

Ключевые слова: учитель, педагогика, психология, дети с ограниченными возможностями, игра, образование, воспитание.

EFFECTIVE PEDAGOGICAL AND SOCIALIZATION CONDITIONS FOR CHILDREN WITH DISABILITIES

One of the main tasks of teaching and educating children with disabilities is the formation of the personality of each person as a whole, the optimal development of their potential cognitive abilities, their preparation and integration into the environment as a full member of society. To actively involve parents in the process of teaching and educating children with disabilities, it is necessary to use various forms of work.

Positive socialization is possible only with a comprehensive approach, taking into account all the factors affecting the social development of the child, as a result of the joint efforts of teachers and the family.

Most children with disabilities have an excessive level of cognitive activity, uneven motivation for learning, a reduced level of activity and independence. Therefore, the search for and use of active forms and methods of teaching is one of the necessary means of increasing the effectiveness of the process of improving and developing the teacher's activities.

Keywords: teacher, pedagogy, psychology, children with disabilities, game, education, upbringing.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ойҷонбии Абдураҳмон, ассистенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ., ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров-16, Тел.: 918333250

Сведения об авторе: Ойджонбии Абдурахмон, ассистент кафедры дошкольного воспитания и социальной работы Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ., г. Куляб, ул. С. Сафарова-16. Тел:918333250

Information about the author: Oyzhonbii Abdurakhmon, assistant of the Department of Secondary Education and Social Work of the Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, RT., Kulob, S. Safarov street-16. Tel: 918333250

ТДУ – 37.0+371.4+671 (2 – тоҷ)
О – 28

НЕРУ ВА МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ

Оқилова Қ.С., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маорифро самти афзалиятнок эълон карда, онро барҳақ, омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат номидаанд. Бо ҳамин далел Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди он дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, сифати тайёр кардани кадрҳои баландихтисосу унвондор таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад. Аз ин рӯ, таи солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм пешрафти назаррас ҳосил шуд.

Ҷараёни таълим яке аз ҷараёнҳои ҷузъӣ буда, бо таълими компонентҳои зеҳнӣ, равонӣ ва ҷисмонӣ алоқамандии зич дорад. Ин алоқамандӣ дар раванди таълими фанҳои мухталиф бевосита амалӣ шуда, дар ташаккули зеҳнии хонандагон мусоидат мекунад.

Ҷараёни таълим ба ҷараёни дарккунӣ, баёдоварии ахбор, фаҳмидану донистан, аз худ кардан, ба система даровардан, аз нав кор кардан, қиёс кардан, ҷустуҷӯю дастрас намудани далелҳо, фаҳмидану дар хотир нигоҳ доштани донишҳо, тағйир ёфтани рафтор ва ба беҳтар намудани мутобиқшавии олами атроф оварда мерасонад. Ҳамаи ин ҷиҳатҳо дар раванди таълими фанҳои мухталиф амалӣ карда мешаванд, ки дар маҷмуъ барои рушд ва ташаккули моликияти зеҳнии хонандагон заминаи устувор мегузоранд [9, с. 30].

Ҳамин тавр, ҷараёни таълими фанҳои таълимӣ на танҳо маҷмуи донишҳоест, ки хонандагон барои баҳо гирифтан аз худ менамоянд, балки ҷараёни ташаккули характер, ирода, тафаккур, шуур, ҷаҳонбинии илмӣ ва сифатҳои ахлоқӣ мебошад [11, с. 430].

Ягонагии мақсад ва вазифаҳои маълумотдиҳӣ, тарбиядиҳандагӣ ва тараққиву ташаккулдиҳандагӣ бояд ба ҷараёни корҳои беруназдарсии таълими фанҳои таълимӣ алоқаманд бошад, то ин ки дар ташаккули моликияти зеҳнии хонандагон низоми ягонаи шуур, ҷаҳонбинии илмӣ, дониш ва маҳорату малакаҳо барои ҳалли масъалаи мазкур имконияти таҳқиқро фароҳам оварад.

Маҷмуи омилҳои номбаргардидаро ба асос гирифта, чунин мешуморем, ки самараноку эҷодкорона ташкил кардану ба роҳ мондани ҷараёни таълими фанҳои мухталифи таълимӣ дар алоқамандии корҳои беруназдарсӣ яке аз омилҳои муҳимми ташаккулдиҳии моликияти зеҳнии хонандагон ба ҳисоб меравад.

Дар раванди таҳқиқ ва мушоҳидакорӣ дар ҷараёни таълими фанҳои мухталифи таълимӣ бояд чунин нишондодҳои педагогӣ ба асос гирифта шаванд.

1. Мазмуни вазифаҳои маълумотдиҳӣ, тарбиятдиҳӣ ва тараққидиҳандагиро дар ҳар як дарси таълимии фанҳои тадрисшаванда тасдиқ намоянд [10, с. 30].

2. Нақш ва манзалати фанҳои таълимиро дар ташаккули моликияти зеҳнии хонандагон ба таври мушаххас муайян намоянд [10, с. 30].

3. Аз бобҳо ва мавзуъҳои барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии таълимии мухталиф барои ташаккул додани моликияти зеҳнии хонандагон, омӯзгорон бояд далелҳо ё маводҳоеро интихоб намоянд, ки дар ҳалли масъалаи мазкур нақши сазовор ва таъсири амиқ гузошта тавонанд.

4. Дар доираи бобҳо ё мавзуъҳои таълимӣ омӯзгор на танҳо аз китоби дарсӣ, балки аз дигар сарчашмаҳои илмӣ низ дар дарсҳо истифода намуда, мазмуни онро мунтазам илман асоснок намуда, пай дар пай ва мунтазам ба хонандагон шарҳ диҳад [2, с. 312].

5. Хусусиятҳои даврaҳои таърихии мазмуни маълумоти мактабӣ, метод ва принсипҳои таълимӣ ба ҳисоб гирифта шавад, зеро мумкин аст, ки ин хусусиятҳо ба

ташаккули моликияти зеҳнии хонандагон ба тарзҳои гуногун таъсир расонанд ва ғайра [2, с. 312].

Бояд дар назар дошт, ки таълими фанҳои мухталифи таълимӣ дар ташаккул ва тараққиёти моликияти зеҳнии хонандагон аз рӯйи принсипи ҳамгироӣ гузаронида мешавад.

Қобили зикр аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешрафт ва такони ҷиддӣ бахшидан ба рушду такомули илму маориф, техникаю технологияи навин, беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоии кормандони соҳаи маориф, тарбияи насли нави муҳаққиқони соҳаи техника дар кишвар дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ соли 2010- ро «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» эълон кард. Ин барои фароҳам овардани заминаи рушду такомули тафаккури техникиву технологӣ дар муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногун пажуҳишгоҳҳои илмӣ мусоидат намуд [7, с. 54].

Дар соҳаи маориф зинаи таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ чун зинаи асосии таҳсилот мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Ин аст, ки дар даврони истиқлолият кӯшишҳо ба дигаргунсозии мазмуну моҳияти таълим дар замони нав, баҳри ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ва шаклгирии мактаби миллӣ равона гардида, як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ гардидаанд.

Тибқи қарори мушовари Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.08.2018, №16/31 аз соли таҳсили 2018-2019 дар синфҳои 5-11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ навиштани эссе (иншо) ҳатмӣ гардид. Бо ҳамин маъно дар қарори мушовара омадааст: «Аз якуми сентябри соли таҳсили 2018 дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ низоми таълими эссе ҷорӣ карда шавад» [7, с. 89] Ин таъбири Вазорати маориф бо инкишофи нутқи хаттӣ, ташаккули неруи зеҳнӣ, қобилияти эҷодкории хонандагон нигаронида шудааст.

Қарори мазкур омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва махсусан омӯзгорони забону адабиёти тоҷикро масъул менамояд, ки ҷиҳати иҷрои он пайваста кӯшиш ба харҷ диҳанд. Яъне, сайъ ба он намоянд, ки шогирдон асолати забони модариро дарк кунанд, дар бораи забони адабии ҳозираи тоҷик маълумоти қонеъкунанда гирифта, маҳорату малакаи ба даст овардаашонро дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти хеш ва ҳаёти ҷамъиятӣ моҳирона истифода бурда тавонанд.

Ислоҳоти таҳсилоти умумии ибтидоӣ ҳамчун мушкилоти муҳимтарини назария ва амалияи педагогикаи муосир ба шумор меравад. Дар пояи ин масъала рушди моликияти зеҳнӣ, эҷодӣ ва маънавии талабагон тақозои замон аст.

Таҳқиқоти равоншиносӣ-педагогӣ собит кардааст, ки маҳз дар синну соли хурди мактабӣ заминаи мусоиди рушди зеҳн ва тафаккури кӯдакон муҳайё аст ва аз ин вазъи равонӣ бояд сари вақт ва босамар истифода кард, зеро сари вақт ташаккул наёфтани тафаккур яке аз сабабҳои асосии паст шудани азхудкунии маводҳои таълимӣ аз ҷониби мактабиёни хурдсол мегардад, ки дар натиҷа хонандагон ба дараҷаи баланд тараққӣ ва ташаккулу рушд намеёбанд. Аз ин рӯ, яке аз максадҳои пешбари муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ рушд ва ташаккули тафаккур, инкишофи зеҳн ва захираҳои эдодии талабагон бояд бошад.

Ташаккули тафаккури талабагон ҳамчун вазифаи муҳимтарин ва аввалиндараҷаи синфҳои ибтидоӣ буда, бо ҷустуҷуи мазмуни таҳсилот (ҳамгироӣ), метод ва шаклҳои самарабахши ташкили фаъолияти таълимӣ, ба технологияи муосири таълим вобаста аст. Таҳқиқи ин масъала дар заминаи проблемаҳои умумии низоми муосири таҳсилот бояд анҷом дода шавад. Ҳалли ин проблемаро дар навбати аввал талаботи иҷтимоии иштирокдорони раванди таҳсилот ва эхтиёҷоти ҷомеа ба ташаккули муносибат ва инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият муайян месозад.

Асосхои талаботи педагогӣ ба сифатҳои шахсият, ки аз ташаккули арзишҳо иборат бояд бошад, инхоянд:

– маҳорати мутобиқшавӣ ба вазъиятҳои тағйирёбандаи ҳаёт ва мустакилона аз худ кардани донишҳо, онҳоро моҳирона дар амал истифода карда, проблемаҳои бамиёномадаро ҳал кардан, то ки дар арсаи ҳаёт мавқеи худро ёфта тавонад [5, с. 120];

– ба фикри интикодии мустақилона қодир бошад, душвориҳои имконпазири дар олами воқеӣ бамиёномадаро дида тавонад ва тавассути технологияҳои муосир роҳҳои воқеии бартарафсозии онҳоро пайдо кунад;

– возеҳу равшан сарфаҳм равад, ки донишҳои аз худ кардааш дар кучо ва чӣ тавр метавонанд истифода шаванд, кобилияти дар шароити нав истифодабарӣ ва тафаккури эҷодӣ дошта бошанд;

– дар гурӯҳҳои иҷтимоии гуногун суҳбаторо будан, фикри худро ба забони адабии фаҳмо изҳор карда тавонистан, ҳамкорӣ карда тавонистан, аз вазъияти низоӣ берун баромада тавонистан ё ин вазъиятро пешгирӣ кардан [10, с. 30];

– барои инкишофи маънавият, зеҳн, сатҳи мадании худ мустақилона кӯшиш кардан.

Ин ақидаро аз синфҳои ибтидоӣ бояд пайгирӣ кард, ки мактабҳо, аз ҷумла мактаби ибтидоӣ вазифадор аст, ки чунин низоми дониш ва маҳорату малакаҳоро диҳад, ки барои худомӯзии минбаъда (мустақилона) заруранд; шавқ ва қобилиятҳои маърифатии онро ривоҷ диҳад; шахсияти соҳиби тафаккури эҷодиро тарбия намояд. Дар шароити муосир мактаб наметавонад ба шахс он ҳаҷми донишҳоро диҳад, ки барои тамоми ҳаёт кифоя кунад, вале мактаб имкон дорад донишҳои такягоҳӣ дода, тафаккури ӯро ривоҷ диҳад, баҳодиҳиро ба далелҳо, ба воқеот ва ақидаҳои нав омӯзонад, ки дар ҳаёт ва меҳнат ба онҳо рӯ ба рӯ мешавад. Дар натиҷа қобилияти дарккунӣ ва рушди зеҳнии толибилмон баланд гардида ба интихоб, фаҳмиш ва истифодаи дониш ва иттилооти нави илмӣ қодир хоҳад шуд.

Таҳлили амалияи мактаби ибтидоии муосир ва талаботи воқеъбинона ба самарабахшии раванди рушди тафаккури мактабиёни хурдсол имконият медиҳад, ки як қатор зиддиятҳо ошкор карда шаванд, ки ҳалли фаврии худро тақозо мекунанд:

– низоми устуворшудаи таълими мактабиёни хурдсол ва талаботи воқеии ҷараёни ба рушди фикрӣ нигаронида шуда, ки омили асосии фаъолияти таълимии муваффақонаи ояндаи кӯдак мебошад;

– талаботи амалияи педагогии ба таври васеъ истифода карда шудани шакл, метод ва воситаҳои инкишофи фикрии кӯдакон, ҳанӯз заиф будани таҳқиқу коркарди технологияҳои ибтикорӣ (хамгироӣ, тафриқавӣ, интерфаъол, инкишофдиҳанда ва ғайра), ки ба ислоҳи ин вазъ имконият медиҳанд, то бидуни тағйир додани нақшаҳои таълим, дастурҳои илмӣ, таълимӣ ва методикаи дарсдиҳӣ, бидуни афзудани сарбории таълимии кӯдакон рушди фикрии онҳоро вусъат бахшанд ва хонандагонро ҳаматарафа инкишоф ва ташаккул диҳад.

Бартараф сохтани ин зиддиятҳо таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишии шароитҳои педагогии ташкили таълими инноватсиониро дар мактаби ибтидоӣ тақозо мекунад ва анҷоми онҳо ба ташаккули фикрӣ ва зеҳнии мактабиёни синфҳои ибтидоӣ самарабахшона мусоидат хоҳанд кард.

Ин таҳқиқот масъалаҳои (проблемаҳои) зайлро дар назар доранд:

1. Таҳлили ҳаматарафаи амалияи ташаккули тафаккури мактабиёни синфҳои ибтидоӣ дар шароити таълими ҳамгиро;

2. Омӯзиши амиқу махсуси қобилиятҳои фикрии талабагони хурдсол барои ташаккули ҳаматарафагии шахсияти онҳо;

3. Таъкиди дараҷаҳои рушди тафаккури талабагони синфҳои ибтидоӣ дар шароити таълими ибтикорӣ;

4. Ташкили фаъолияти мақсадноки муаллимони мактаби ибтидоӣ барои рушди фикрӣ ва зеҳнии талабагони синни хурди мактабӣ;

5. Муайян сохтан, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва санҷиши озмоишии самарабахшии рушди фикрӣ ва зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар шароити таълими ибтикорӣ;

6. Мазмун ва технологияҳои таълими ҳамгиро мусоидтарин шароити педагогӣ барои рушд ва ташаккули тафаккур ва зеҳни мактабиёни хурдсол;

7. Такмили мазмуни таҳсилоти умумии ибтидоӣ дар равиши ба мактабиёни хурдсол омӯхтани усулҳои тафаккур;

8. Коркард ва асоснок кардани технологияҳои оптималии ибтикории таълим дар мактаби ибтидоӣ, ки ба мақсадҳои ташаккул ва рушди тафаккури зеҳнии мактабиёни хурдсол мувофиқанд;

9. Коркард ва истифодаи амалии шароитҳои ибтикории таълим дар мактаби ибтидоӣ ва муайян сохтани натиҷаи таъсири он ба ташаккули тафаккур ва рушди зеҳнии мактабиёни хурдсол;

10. Коркард ва татбиқи маслиҳатҳои (дастурҳои) методӣ-таълимӣ барои муаллимони синфҳои ибтидоӣ оид ба ташаккули тафаккури мактабиёни хурдсол дар шароити таълими ибтикорӣ ва ҳамгиро.

Бояд хотирнишон кард, ки таҳқиқи ин проблемаҳо (мушкилот) оид ба ташаккули тафаккур дар ҳамбастагӣ ва ҳамгироӣ ба омӯхтани хондан, навиштан, гуфтан, ҳисоб кардан, таҳлилу таркиб кардан ва рушду инкишофёбии хонандагони синни хурди мактабӣ бояд анҷом дода шаванд.

Маҳз барои ҳамин тибқи низоми таълими дар раванди таълим усул, муносибат ва воситаҳои гуногун ва мухталифро аз муаллиму хонандагон тақозо мекунад. Масалан, дар низоми таълими ба дониш асосёфта чунин раванд мувофиқ аст:



Яъне дониши муайян аз сарчашмаҳои аниқ (яъне донишҳои аниқ санҷидашуда ва илман асосноккардашуда) тавассути омӯзгор ё китоби дарсӣ (дигар маводҳои таълимӣ) ба хонандагон пешниҳод карда мешавад. Роҳҳои пешниҳоди дониш гуногун буда метавонанд (яъне вобаста ба дониш, маҳорат, малака, эҷодкорӣ ва таҷрибаи омӯзгор). Хонандагон дониши муайянро азхуд мекунанд ва онро бозгӯйӣ менамоянд (ё дар асоси қолаби пешниҳодшуда амалеро иҷро мекунанд). Натиҷаи таълим тавассути андоза ва сифати бозгӯйӣ ё то кадом андоза ба намунаи додашуда дуруст иҷро кардани мисолу масъалаҳо арзёбӣ карда мешавад.

Имрӯз барои касе пинҳон нест, ки соҳибистиқлолии Ватани азизи мо ва рӯ овардан ба муносибатҳои нави иқтисоди бозорӣ на танҳо барои рушди иқтисодиёт заминаи хубе фароҳам овард, балки барои инкишоф ва ислоҳоти соҳаи маориф мусоидат намуд. Дар ин замина як қатор дигаргуниҳо дар низоми маориф ба вуҷуд омад, заминаҳои моддӣ – техникии муассисаҳои таълимӣ таҳким ёфт ва барои беҳтар гардидани соҳаи маориф шароит фароҳам омад. Васеъ гардидани доираи имкониятҳо зарурати таҷдиди сохтор ва мазмуни таҳсилотро ба миён овард, ки ин ба тарбияи кадрҳои ба бозори меҳнат рақобатпазир, соҳибмаърифат, бофарҳанг, мустақил, эҷодкор, навовар ва соҳиби касбу ҳунарҳои гуногуни давр, инчунин ҳалли як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Дар ин миён маҳз низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд омили асосии расидан ба ҳадафҳои мазкур гардад. Низоми мазкур бо илмҳои замонавӣ алоқаи ногусастанӣ дорад. Он бояд ба қувваи бузурги ҳаракатдиҳандаи мамлакат табдил ёфта, ба сифати таълим мусоидат намояд ва рақобатро миёни хонандагон таъмин гардонад.

Таҳсилот дар чунин шароит пеш аз ҳама барои беҳтар шудани сифати таълим, дуруст аз худ кардани фанҳо, мукаммал гардонидани сатҳи ҷаҳонбинӣ ва дуруст ба даст овардани маълумот, инчунин баҳри муттаҳид гардонидани ҷомеа, нигоҳ доштани фазои

ягонаи иҷтимоию фарҳангии мамлакат, баробарии фарҳангҳои миллӣ ва халқиятҳои ҷумҳурӣ, роҳ надодан ба муноқиша ва ихтилофҳои этникию миллӣ, зуҳуроти зӯроварию нобаробариҳои иҷтимоӣ нигаронида мешавад.

Низоми нави таҳсилот аз ҳама бештар барои ба даст овардани дониши мукаммали босифат равона шуда, новобаста аз маҳал, миллат, вазъи иҷтимоӣ мувофиқи майлу хоҳиш ва завқи табиии онҳо баробарҳуқуқии ҷавононро таъмин менамояд. Дар ин ҷода, мактаб ҳамчун унсури асосӣ дар тайёр намудани шахсиятҳои ташаккулёфта, дастгирӣ намудани кӯдакон, наврасон, ҷавонони болаёқату боистеъдод ва фароҳам овардани шароити мусоид нақши муҳим мебозад. Ин нақш, пеш аз ҳама, марбут аст ба кадрҳои сазовор.

Дар баробари ин ҳама Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушд ва ташаккули шахсияти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ низоми нави таълимиро (низоми кредитӣ, низоми салоҳиятнокӣ, низоми болония ва ғайра) ҷорӣ намуд, ки ҳам рушди ҳамаҷонибаи онҳо ва ҳам ташаккули ҷараёни таълимро дар бар мегирад.

Хусусиятҳои ташаккул ва ташкили ҷараёни таълим барои рушди шахсияти хонандагон дар модулҳои зерини таълимӣ ба таври гуногун нишон дада шудааст.

№	НОМИ МОДУЛҲО	МУНДАРИҶАИ МОДУЛҲО
1.	Модули 1: Муқаддимаи хониш. (Шарҳи хониш)	Модули мазкур муҳтавои асосии хонишро, ки дар модулҳои омӯзишии лоиҳаи «Ҳамроҳ бихонем» ҷой дода шудааст, равшан менамояд. Дар он 5 (панҷ) унсури хониш ҷой дода шудаанд. **1. Дарки овозӣ** **2. Фонетика (овозшиносӣ)** **3. Хониши бурро;** **4. Луғатомӯзӣ** **5. Дарки маъно** Сохтори омӯзиш, роҳу усулҳои боз ҳам самаранок ба роҳ мондани он тарзи иҷрои саволу супоришҳои мустақилона дар рафти омӯзиш низ дар он нишон дода шудаанд.
2.	Модули 2: Арзёбии ташаккулдиҳанда	Навҳои гуногуни арзёбии таълим (аз қабили ташхисӣ, ҷамъбаст, ташаккулдиҳанда ва ғайра) дар ҷараёни таълим мавриди истифода қарор мегиранд. Арзёбии ташаккулдиҳанда ё арзёбӣ барои таълим дар низоми маориф нақши муҳимро мебозад ва истифодаи навҳои он вобаста ба маҳорату малакаи омӯзгор ва мақсадҳои таълим интихоб карда мешавад. Тарзи истифодаи воситаҳои гуногуни арзёбӣ, аз қабили: **– робитаи мутақобила;** **– ба худ баҳо додан;** **– ба дигарон баҳо додан;** **– саволдиҳӣ;** **– таҳияи мақсадҳои таълимии дарс ва санҷиши онҳо тавассути меъёрҳо;** **– муайянсозии нишондиҳандаи муваффақият;** ва дигар усулҳои арзёбӣ дар машғулятҳои омӯзгорони мо истифода карда мешаванд. Мақсади арзёбии ташаккулдиҳанда ҷамъоварии маълумот барои қабули тақсимҳои (қарорҳои қатъии) методӣ мебошад. Ин навъи арзёбӣ барои боз ҳам беҳтар азхуд намудани салоҳиятҳои таълимӣ, бахусус, дар ҷараёни хониш манфиатовар ба шумор меравад.

3.	Модули 3: Марҳилаҳои рушди салоҳиятҳои хониш	Мундариҷаи модули мазкур масъалаҳои гузориши хонандагон **аз як зинаи хониш ба зинаи дигари онро** дар бар мегирад. Гузариш аз овоз ба ҳарфу ҳиҷо ва аз ҳарфу ҳиҷо ба калимаю ҷумла ба таври равшан нишон дода мешавад. Хониши калима ва ҷумла дар матн барои ба зинаи автоматии хониш гузаштани хонандагон мусоидат мекунад. Дар маҷмуъ ин роҳу усулҳо барои мусоидат намудани хониш ба мақсади омӯзиш зарур мебошанд. Асоси фаъолияти ин модул аз рӯйи 2-принсип ба роҳ монда мешавад: 1. Принсипи мутамарказонидашуда (конструкӣ) 2. Принсипи ростхата Аз рӯйи принсипи якум маводҳои таълимии хондашуда дар зинаи минбаъдаи таълими дигар такрор намешавад. Ҷараёни таълими пай дар пай мунтазам аз рӯйи низоми муайяни таълимӣ сурат мегирад. Аз рӯйи принсипи дуюм бошад, маводҳои омӯхташаванда дар зинаҳои минбаъдаи таълимӣ дар шакли мураккаб такрор шудан мегиранд. Яъне аз аввал овоз, баъд ҳарф, баъд ҳиҷо, баъд калима ва баъд ҷумлаҳои содаю мураккаб омада меистад, ки ин аз ҳамон овозу ҳарф дар шакли мураккаб таркиб меёбанд.
4.	Модули 4: Фонетика (овозшиносӣ) ва дарки овоз	Фонема ба муносибати байниҳамдигарии овозу ҳарф асос ёфтааст. Масъалаҳои фонетикӣ **малакаҳои шунидан ва такрор намудани овозҳои алоҳидаи ин ё он забон** мебошанд. Маҳз ҳамин ду малака – шунидан ва такрор намудан, қисматҳои асосии омӯзиши хонишро ташкил медиҳад, ки дар доираи омӯзиши модули мазкур ҳаллу фасл карда мешавад.
5.	Модули 5: Хониши равону бурро (сифати хониш)	Муаллим дар фаъолияти кории худ дар рафти дарс аз рӯзи нахустини хониш кӯшиш менамояд, ки дар хонандагони худ хелҳо ва сифатҳои хонишро ташаккул диҳад. Хелҳо ва сифатҳои хониш дар адабиёти педагогӣ – методӣ аз инҳо иборат аст: Хелҳои хониш: **1. Хониши овозӣ;** **2. Хониши ботинӣ (хомӯшона);** Сифатҳои хониш: **3. Дурустии хониш;** **4. Равонии хониш;** **5. Хониши бошуурона;** **6. Хониши ифоданок;** Мувофиқи нишондади ҳуҷҷатҳои қабулнамуда **(USAID, 2016)** хониши равону бурро имкони хониши тез ва амиқи матн ва баёни дурусти фикрро дар бар мегирад. Хониши равон мисли пуле байни шинохти овоз ва дарки матн аст. Гарчанде рамзкушоӣ қадами нахустини шинохти калима аст, хонандагон дар ниҳоят малакаҳои худро дар ин самт ба дараҷаи автоматӣ бояд расонанд, ки диққати онҳо озод гардида, аз овозу ҳарфҳои ҷудогона ба

		мундариҷаи калима нигаронида мешавад. **(USAID, 2016).**
6.	Модули 6: Луғатомӯзӣ	Луғат малакаи фаҳмидани маънои калимаро баъд аз дидан ва ё хондани он ва талаффузи онро дар матн ва ё гуфтор дар бар мегирад. Луғатомӯзӣ як рукни асосии хониш ба шумор рафта, омӯзгоронро зарур аст, ки дар ин самт маҳорату малакаҳои худро сайқал диҳанд. Тадвини луғатҳои шевагӣ дар таърихи луғатсозии тоҷик ҳодисаи нав ба шумор меравад. Зарурати тартиб додани луғатҳои лаҳҷа ё шевагӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки ҳоло шеваҳои забонамон аз як тараф, ба ҳам хеле наздик шуда, ҷараёни омезиши босуръатро аз сар гузаронида истода бошад, аз тарафи дигар, беш аз пеш ба таъсири забони адабӣ дучор гардида, доираи имконияти худро тангтар мекунанд. Дар модули мазкур саволу супоришҳои амалӣ оид ба **роҳу усулҳои беҳтар намудани луғатомӯзии хонандагон** бо намунаҳо оварда шудаанд. Донистани роҳу усулҳои истифодаи луғату тафсирҳо дар машғулятҳои хониш барои васеъ гардидани ҷаҳонбинӣ ва ғанӣ шудани захираи луғавии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат менамояд, ки он дар модул нишон дода шудааст.
7.	Модули 7: Хониши бошуурона	Хониши бошуурона гуфта чунин намуди хонишро мегӯянд, ки матн аз тарафи шахси хондашуда дар шуури худ инъикос мегардонад. Хониши бошуурона мақсади асосии хондан аст. Дар аксари сарчашмаҳои таълимию методӣ хониши бошуурона чунин таъриф дода мешавад. «Хониши бошуурона ҷараёни дарёфт ва бунёди маънӣ тавассути хондани нутқи хаттӣ мебошад» Малакаҳои хониши бошуурона унсурҳо ё зермалакаҳои дигари хонандагонро бо мақсади дарки маънии матн бо ҳам тавъам месозад. Ба хониши бошуурона салоҳиятҳои стратегияҳои хониш ва дарки маънои стандарти фанни забони модарӣ бахшида шудаанд. Дар таълими хониши бошуурона душвориҳои зерин мушоҳида мешаванд. 1. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки яке аз омилҳои дарк накардани мазмуни матн аз тарафи хонандагон он аст, ки омӯзгорон раванди хониши бошууронаро дуруст ба роҳ наемонанд. Омӯзгорон одатан худашон мехонанд ва мазмунашро нақл мекунанд, сипас, ба хонандагон савол медиҳанд ё бозгӯйии нақли худро талаб мекунанд. Ин тарзи муносибат метавонад боиси нофаҳмии хонандагон гардад, зеро онҳо бештар нақши шунавандаи пассив доранд ва ба ҷараёни фикр кардан ҷалб карда намешаванд. Бе фикр кардан ва мустақилона фаъолият кардан, наметавон ба дарки мазмун умед баст. 2. Азхуд кардани малакаҳои хониши равону бурро низ боиси фаҳмидани мазмуни матн мегардад, зеро хонанда ҳангоми хондан бештар ба дуруст ва равон хондан диққат медиҳад на ба дарки мазмуни он 3. Баъзе маводҳои китоби дарсӣ барои бошуурона аз

		худ кардани онҳо барои хонандагон ва ҳатто омӯзгорон мушкилӣ пеш меоварад. Дар ин модул **роҳу усулҳои амалии баланд бардоштани фаҳмиш то зинаи хониш** бо мисолу супоришҳои амалӣ барои тақвияти малакаҳои касбии омӯзгорон дар ин самт ҷорӣ карда шудаанд.
8.	Модули 8: Малакаҳои хониш дар таълими дигар фанҳо	Муҳим аст, ки кӯдакон натанҳо дар машғулиятхои хониш, балки дар омӯзишу машғулиятҳои фанҳои дигар низ ба хондан банд бошанд. Дар ин модули **таълим роҳу усулҳои гуногуни ташкил намудани фазои мусоид барои хондан дар вақти таълими математика, табиатшиносӣ, суруду мусиқӣ** ва фанҳои дигар ба монанди супоришҳо оварда шудаанд. Модули омӯзиши мазкур ба такмили маҳорату малакаи омӯзгорон дар самти ташкил намудани хониш ҳангоми таълими дигар фанҳо нигаронида шудааст.
9.	Модули 9: Маводи иловагии хониш	Маводи иловагии хониш яке аз воситаҳои аслии тақвияти малакаҳои хониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҳисоб меравад. Ба маводи иловагии хониш «Китобҳои калон» ва дигар маводи иловагие, ки аз тарафи муаллим дар ҳамкорӣ ба хонандагон сохта мешавад, дохил мешаванд. Дар модули омӯзиши мазкур ҳама **роҳу усулҳо барои ворид намудани ингуна мавод ва ҳадафу мақсадҳои истифодаи онҳо** дар лаҳзаҳои машғулият пайгирӣ карда мешаванд. Намунаҳои амалӣ ва роҳу усулҳои беҳтар кардани истифодаи ин мавод ба омӯзгорон тавсия дода мешавад.
10.	Модули 10: Намоишгоҳи китобҳо:	Дар модули мазкур роҳу усулҳои муосири нигоҳдорӣ ва тарғиби китоб ба хонандагон шарҳ дода шудааст. Роҳу усулҳои бедор кардани шавқу ҳаваси хонандагон, тарғибу пешниҳод намудани китобҳои тозанашри кӯдакона (вобаста ба синнусоли хонандагони синфҳои 1 – 4 – и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ), таҳия, ташкил ва доир намудани чорабиниҳо барои нигоҳубини китоб, ташкили гӯшаи синфии китоб ва дигар намунаи чорабиниҳо дар мундариҷаи модули мазкур гирд оварда шудаанд.
11.	Модули 11: Хониши беруназсинфию оилавӣ	Ташкили фазои мусоид дар оила барои хониши кӯдакон аз тадбирҳоест, ки кӯшишҳои омӯзгорони моро дар такмили малакаҳои хониши хонандагонашон самарабахш мегардонад. Мутаассифона, имрӯзҳо аксари омӯзгорони мо дар ин самт ба кумак, машварат ва ба дастгирӣ ниёз доранд. Дар модули мазкур роҳҳои самараноки боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани хониши беруназсинфӣ ва нақшаи чорабиниҳо дар самти ҷалби бештари падару модарон ба масъалаҳои хониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ баррасӣ карда мешаванд. Боз ҳам беҳтар кардани робитаи мактаб бо оила дар масъалаҳои хониш ҳадафи аслии ин қисмати озмоиш мебошад.

Яке аз омилҳои асосие, ки ба ташаккули зеҳнии хонандагон мусоидат карда метавонад, муносибати босалоҳияти хонанда ба раванди таълим мебошад. Бояд гуфт, ки ин тарзи таълим бештар на ба қоидаҳои граматикӣ ва азёд кардани онҳо, балки ба натиҷаи сабақгирифташуда диққати асосӣ дода мешавад. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ синфҳои 5-9 бештар ба инкишофи нутқи шифоҳии хонандагон таваҷҷуҳи хоса дода, ба он ноил мешаванд, ки онҳо фикрашонро озодона, ифоданок ва дар доираи забони адабӣ бо далелҳо баён карда тавонанд. Дар зинаи сеюми таҳсилот бошад, ҳам ба инкишофи нутқи шифоҳӣ ва ҳам ба инкишофи нутқи хаттӣ эътибор медиҳанд. Акнун шогирдон озодона андешаҳояшонро баён карда метавонанд, балки ақидаҳояшонро бе хато, бидуни истифодаи калимаҳои шевагӣ, инчунин аз уҳдаи ифоданоку саҳеҳ навиштан мебароянд. Ҳама инро ба иновбат гирифта, муаллим аз аввали соли таҳсили хонандагони синни хурди мактабӣ шуруъ карда, барои рушди тафаккур ва ангезиши зеҳнӣ аз методу усулҳои фаъоли таълим самаранок истифода мебаранд.

Омили дигаре, ки ба ташаккули нутқи хаттӣ, маҳорати эҷодкорони хонандагон, ташаккули неруи ақлонӣ ва моликияти зеҳнии хонандагон нақши бориз дорад, ин навиштани эссе мебошад. Навиштани эссе дар муассисаҳои таҳисоти миёнаи умуӣ аз синфи панҷум шуруъ карда мешавад. Дар аввал муаллим корро аз ҷумлаҳои сода оғоз карда, баъдан ба ҷумлаҳои мураккаб гузашта, тадриҷан ҳаҷми онҳоро калонтар карда, ҳаҷми умуми онҳоро ба 3-4 саҳифа бурда мерасонад. Маълум аст, ки дар амал татбиқ намудани он донишҳои гирифтаи хонанда дар дарс аз синфи поёнӣ (синфҳои 1- 4) замима мегардад. Муаллим аз рӯзи аввали таълимдиҳӣ мекушад, ки шогирдон мустақилона, афкору ақидаҳои худро озодона ва бе ягон дудилагӣ фикри худро доир ба мавзуъ баён намоянд ва дар вақти баён намудани фикри худ ба хулосаи мантиқии он эътибори ҷиддӣ диҳанд.

Дар вақти навиштани эссе (иншои хурд) бениҳоят муҳим аст, ки хонанда (иншонавис) ақида ва хулосаи худ, тарафдор ва ё бетарафии худро нишон диҳад. Тарзи эҷодии эссе (иншои хурд) имконият медиҳад, ки дар дарс фазои эҷодкорӣ, мустақилона андешаронӣ ҳукмрон бошад. Таълифи эссе (иншои хурд) ба фаъолияти эҷодии хонандагон такон медиҳад, то онҳо қобилияти зеҳнӣ, эҷодӣ ва маҳорати худро пурра нишон дода тавонанд.

Адабиёт:

1. Бозоров Х. Ташкили дурусти фаъолияти мустақилонаи таълимӣ – яке аз воситаҳои асосии рушддиҳандаи зеҳн ва нутқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ. Душанбе «Матбаа», 2019 с. С.- 99.
2. Ёрматов А.Ҷ. «Моҳият ва муҳтавои инкишоф, ташаккул ва тафаккури фаъолияти зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ». Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ. Кӯлоб 2023, С. – 310-312
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» 30 апрели соли 2011, № 227
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барномаи рушди неру ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020» 3 декабри соли 2012, № 687
5. Лутфуллоев М. «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» / М. Лутфуллоев. Душанбе.- «Маориф» 2018с, С. - 120
6. Лутфуллоев М. Дарс / М. Лутфуллоев – Душанбе, 1995 с., С. - 93
7. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир / М. Лутфуллоев. Душанбе, «Маориф» 2001с., С. - 318
8. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик / М. Лутфуллоев - Душанбе, «Ирфон» 2015с., С. - 126
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе 26. 12. 2018.
10. Шарифзода Ф. «Таълими ҳамгиро проблема, таҳқиқ ва андешаҳо» (Қисми 1) / Ф. Шарифзода - Душанбе, «Маориф» 1999с., С. - 171

11. Шарифзода Ф., Миралиев А.М. Педагогикаи умуми ва касбӣ. / Ф. Шарифзода // А.М. Миралиев - Душанбе, «Ирфон» 2012с., С. - 510.

НЕРУ ВА МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН ДАР ФАЪОЛИЯТҲОИ ТАЪЛИМӢ

Мақолаи мазкур фарогири масъалаҳои педагогӣ – психологӣ буда, муаллиф дар он вобаста ба масъалаи моликияти зеҳнӣ, тараққӣ ва ташаккули он фикру мулоҳизаҳои худро дар шакли муфассал баён намудааст. Ҳамчунин, дар мақолаи мазкур роҳҳо ва усулҳои баланд бардоштани моликияти зеҳнии хонандагон дар ҷараёни таълимӣ фикрҳои муфид овардааст, ки дар амал татбиқ намудани он аз манфиат холӣ нест.

Муаллим барои инкишофи нутқи хаттӣ ташаккул ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагон ҳанӯз дар синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои забони модарӣ бозиҳои гуногуни таълимӣ (дидактикӣ) – ро ба таълифи эссе (иншои хурд), барои дар оянда дарки дурусту саҳеҳ сарфаҳм рафтани хонандагон ва омода намудани онҳо ба синфи болоӣ мегузаронад. Омили дигаре, ки ба инкишофи нутқи шифоҳӣ, маҳорату малакаи эҷодкорӣ, ташаккули неруи ақлонӣ ва моликияти зеҳнии хонандагон нақши бориз дорад, муаллиф дар мақолаи худ ба шакли муфассал нишон додааст.

Калидвожаҳо: инкишофи нутқи шифоҳӣ, маҳорату малакаи эҷодкорӣ, ташаккули неруи ақлонӣ, моликияти зеҳнии хонандагон, дидактикӣ, иншои хурд, тарзи эҷодии эссе.

МОЩЬ И ИИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНАЯ СОБСТВЕННОСТЬ УЧАЩИХСЯ В УЧЕБНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

Маҳз ҳамин таъсири неки омезиши матни шеъру мусиқӣ будааст, ки яке аз номварони илму адаби олмонӣ Гёте дар яке аз асарҳои пурмуҳтавои хеш чунин ақидаи ҷолибро баён намудааст, ки: «Ман ҳамеша пас аз шунидани мусиқӣ беҳтар ба кор дода мешавам». [5, с. 92]

Чунин афкорро дар асарҳои аз ҷиҳати маъно хеле баланди аксар мутафаккирони намоёни илму адаби тоҷик ва хориҷи кишварамон пайдо кардан мумкин аст. Яъне махсусияти таъсири оҳангу суруд ҳамеша дар меҳвари ҳаёти ҳамарӯзаи инсоният давр мезад ва онро боз ҳам рангинтару гуворотар мегардонд. Зеро одамон суруду оҳангҳои марғубро шунида, майлашон ба зебоӣ, ҳаёти зебо ва зебоипарастӣ бештар мегардид. Онҳо суруду оҳангҳои гуногунжанру гуногунмазмунро шунида, қалбашон нармтар ва рафтору ахлоқашон ҳам беҳтар мегардид, онҳоро ба фикр кардану фаҳмидани мазмуни ҳаёте, ки онҳо ба сар мебаранд, даъват менамуд, ки ин омили самарабахш гардидани ҳаёти инсонҳои бофарҳангу донишманд ба шумор меравад.

Мавриди қайд аст, ки тарбиятгирандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ низ суруду оҳангҳои пурмазмун, пурмуҳтаво ва дилкашу дилпазирро гӯш кардаву суруда, ҷаҳони маънавиашон, рафтору гуфтор ва кирдору ахлоқашон пайваста боз ҳам беҳтар мегардад. Зеро илман собит шудааст, ки дар робитаи доимӣ бо мусиқӣ будани хонандагон, аз он ҷумла гӯш кардани

мусиқиву суруд пайваста мусиқифаҳмии онҳоро ташаккул додаву таҳким бахшида, ба ҷаҳони маънавӣ ва хулқу атвори онҳо таъсири нек мерасонад.

Дар охирҳои асри XX як зумра олимони рус дар ҷодаи гӯш кардану иҷро намудани асарҳои мусиқӣ, ба фаҳми он расидани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таъсири оҳангу сурудҳо ба ҷаҳони ботинии хонандагон таҳқиқоти пуразришеро ба сомон расониданд, ки дар мақолаамон ёдовар шудан аз ин таҳқиқот амри воқеист. Замоне, ки олимони рус таҳқиқоти худро ҷамъбаст карданд, хулосаи кори илмии онҳо хеле назаррас буд. Зеро дар он муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки бо пажуҳиш фаро гирифта буданду дарси суруд ва мусиқӣ аз тарафи омӯзгори соҳибтаҷриба таълим дода мешуд, ҳузури хонандагон ба дарсҳо, иштироки онҳо ба дарс, сифати раванди дарсҳо хеле беҳтар буда, дараҷаи хулқу атвор ва рафтору кирдори хонандагони ин муассисаҳо низ нисбат ба хонандагони муассисаҳое, ки дар онҳо омӯзгори соҳибтаҷрибаи мусиқӣ мавҷуд набуд ва ё дар онҳо омӯзгорони ғайрикасбӣ ин фанро таълим медоданд, хеле баланд арзёбӣ шудааст.

Фикру ақидаҳои дар боло зикршударо чунин хулоса кардан мумкин аст, ки саҳми суруд ва мусиқӣ дар ҳаёти инсон, бахусус насли наврасу ҷавон хеле арзишманд аст. Олими тавоно, омӯзгори пешқадаму шоёни рус М.Г. Ярошевский низ дар яке аз асарҳои хеш вазифаи мусиқиро дар ҳаёти хонандагон ба қалами тасвир кашида, дар ин робита чунин нигоштааст: «вазифаи дарси суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз он иборат нест, ки ҳамаи хонандагонро ба сифати сарояндагону навозандагон тарбия кунем. Моро зарур аст, ки бо ин роҳ инсони комилро тарбия намоем». [11, с. 216]

Ба ақидаи олиму омӯзгори пурсамар ва композитори маъруфи рус Д.Б. Кабалевский вазифаи дарси суруд ва мусиқӣ аз он иборат аст, ки «хонандагон мусиқиро фаҳманд, мазмуни онро дарк намоянд, образҳои дар онҳо тасвиргардидаро фаҳмида, дар бораи ин образҳо озодона суҳбат карда тавонанд ва мусиқӣ дар ботини онҳо эҳсосоти зебоипарастиро бедор намояд». Кабалевский Д.Б. ин ақидаи худро чунин хулоса менамояд, ки: «Бо роҳи таълиму тарбияи мусиқии хонандагон ба натиҷае расида тавонем, ки аз онҳо инсонҳоеро парварем, ки ояндаи неки худ ва дигар шаҳрвандонро дар ҷомеа таъмин карда тавонанд». [3, с. 78]

Навозандаи хуб будани омӯзгори мусиқӣ ҳам яке аз омилҳои пешрафти кори ӯ дар мактаб мебошад. Омӯзгор бояд сози мусиқиро ба таври хуб навохта тавонад, овози форам ва дарки борикбинонаи мусиқиро дошта бошад. Дар ин робита Кабалевский Д.Б. чунин навишта буд: «Аз ҳамаи лаёқате, ки омӯзгори мусиқӣ дорад, ҷои муҳимро навозиш мегирад. Бе сабти механикӣ дарс гузаронидан душвор аст, ...вале он бояд бо навозиши омӯзгор дар сози мусиқӣ пурра карда шавад, на ин ки ҷояшро гирад». [5, с. 83]

Олими намоёни равоншиноси рус В.Г. Теплов дар натиҷаи пажуҳишҳои худ вобаста ба ташхиси мағзи сари инсон ба хулосае омада буд, ки мусиқӣ дар ҳаёти кӯдакон ҷойгоҳи хоси худро дорад. Мувофиқи ақидаи ӯ мағзи сари инсонҳо аз ду кураи ҷудо ва ба ҳам монанд иборат аст. Яке аз ин кураҳо маҳз барои қабул ва коркарди асарҳои мусиқӣ офарида шудааст ва агар ин кураи мағзи сар аз шунидани асарҳои мусиқӣ бенасиб монад, сатҳи тарбияи гармоникии чунин шахс ба дараҷаи паст мефарояд.

Дар гузаштаи хеле дур қариб ҳамин гуна хулосаро олимони Юнони Қадим низ дар асарҳои худ баён кардаанд. Аз он ҷумла, олиму файласуфи шинохтаи Юнони Қадим Арасту (асрҳои VI-V то м.) дар робита бо мусиқифаҳмии хонандагон ва таъсири суруду оҳангҳо ба эҳсосоти онон дар яке аз асарҳои худ чунин менависад: «Мусиқӣ ду лаҳни таъсир расондан ба эҳсосоти одамро дорад: яке метавонад ба одам таъсири нек ва дигаре таъсири бад расонад». [5, с. 18]

Аз ҳамин сабаб Арасту баҳри дастгирии афкори фалсафии устоди худ файласуфи номвари Юнони Қадим Афлотун чунин ақидаро пешниҳод менамояд, ки тамоми асарҳои мусиқии барои омӯзиши хонандагони мактабҳои юнонӣ пешниҳодгардида, бояд аз назорати сахт гузаранд, то муайян карда шавад, ки ин суруду оҳангҳо ба кадом лаҳн мансубанд ва агар ин суруду оҳангҳо аз ҷумлаи лаҳнҳое бошанд, ки таъсири нек доранд, пас омӯзиши онҳо дар мактаб иҷозат дода шавад. Вале агар собит гардад, ки ин суруду оҳангҳо ба хонандагон

таъсири бад мерасонанд, пас ин гуна асарҳои мусиқӣ бояд ба барномаҳои мактабӣ ворид карда нашаванд. [5, с. 18]

Ҳамин тариқ, ҳанӯз дар давраи Юнони Қадим мусиқӣ ба сифати илм шинохта шуда, дар мактабҳо таълим дода мешуд, ки ин аз фазилату маданияти бузурги мусиқифаҳмии юнониёни қадим гувоҳӣ медиҳад. Мусиқӣ дар мактабҳои юнонӣ дар баробари таълими адабиёт, риёзӣ, фалсафа ва дигар фанҳои таълимӣ ҷойгоҳи махсуси худро дошт. Арасту дар яке аз асарҳои худ бо ҳамин мазмун ақидаи ҷолиберо баён менамояд, ки: «Дар мусиқӣ тарбияи ахлоқӣ ва фикрӣ ниҳон аст ва он бояд ҳамчун фанни таълимӣ ва тарбияткунанда дар мактабҳо омӯхта шавад». [5, с. 19]

Ин ақидаи ибрознамудаи олиму файласуфи бузурги Юнони Қадим Арасту собит менамояд, ки дар масири таърихи инкишофи ҷамъияти инсонӣ мусиқӣ дар ҳаёти онҳо мақоми баландеро доро будааст.

Дар асри XXI, ки замони болоравии сатҳи фарҳангию мадании ҷомеаи шаҳрвандии ҷаҳонӣ ба шумор меравад, мусиқӣ дар тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва зебоипарастии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ нақши хеле мондагореро иҷро карда метавонад. Зеро мусиқӣ омили зудтаъсир буда, он ба эҳсосоти хонандагон, ҷаҳони ботинию маънавии онҳо таъсир расонда, онҳоро дар руҳияи адабиётдӯстӣ, фарҳангсолорӣ, ватанпарастӣ, худшиносӣ, ҳувияти миллӣ ва инсондӯстӣ тарбия карда метавонад.

Омӯзгори мусиқиро зарур аст, ки ба хонандагон кушоду равшан фаҳмонад, ки мусиқӣ танҳо барои дилхушӣ нест, ки мувофиқи табъи ҳар нафар истифода бурда шавад, балки ҷузъи муҳимми ҳаёт, ҳаёти ҳар як инсон, аз он ҷумла ҳар як мактаббача мебошад.

Дар ин робита педагоги машҳури даврони шуравӣ Сухомлинский В.А. чунин афкори арзишмандеро баён намуда буд, ки: «Тарбияи мусиқӣ, ин тарбияи навозанда набуда, пеш аз ҳама тарбияи инсон аст». [5, с. 68]

Хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ ободгарони роҳи фардои давлати тозабунёди тоҷикон ба шумор рафта, метавонанд дар пешрафту шукуфоии фарҳанги миллии тоҷик ва ҳамзамон ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани фарҳанг ва санъати мусиқии тоҷик саҳми арзандаи худро гузоранд. Зеро Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба наврасону ҷавонон ҳамчун мутахассисони ояндасози миллат таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд ва барои онҳо дар ҳама самти фаъолият шароити мусоид фароҳам оварда шуда, бо дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат барои расидан ба ин мақсад аз ҷониби мутахассисон барномаҳои мукаммал ва китобҳои дарсӣ таҳия шуда истодаанд.

Ҳамин тариқ суруд ва мусиқӣ дар фаъолияти ҳамарӯзаи хонандагон саҳми махсусро доро буда, омилест, ки метавонад тавассути омӯзиш ва дарки мусиқӣ ҷаҳони маънавии онҳоро ғанӣ гардонда, ба беҳтар гардидани сифати тарбияи зебоипарастӣ, маънавию ватанпарастии хонандагон ва расидан ба мақсади ниҳоии таълиму тарбияи мусиқӣ, яъне тарбияи шахси комил, ки аз Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, муосидат намояд. Дар Консепсия мақсаду вазифаҳои тарбияи миллӣ ҷиҳати ташаккули шахси комил чунин шарҳ дода мешаванд: «Мақсаду вазифаҳои ниҳоии тарбияи миллӣ ташаккули инсони комил, соҳиби Ватан, нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ мебошад». [4, с. 16]

Инсони комил аз назари устод Зиёзода И.Ғ. дар асари «Зебоишиносӣ» хеле муъҷаз маънидод шудааст. Ӯ дар ин бора мефармояд: «Инсони комил инсонест, ки дар худ ғановати маънавӣ, покии ахлоқ ва камолотро ҷамъ оварда бошад». [2, с. 73]

Аз ин лиҳоз, баҳри боз ҳам беҳтар гардидани сатҳу сифати дарсҳои фанни суруд ва мусиқӣ ва фаъолияти мусиқифаҳмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ба ин восита дар сатҳи зарурӣ тарбия намудани инсони комил пешниҳод менамоем, ки:

- дарси суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои мазкур танҳо аз ҷониби мутахассисони соҳибтаҷриба таълим дода шавад;

- дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои фаъолияти густурдаи омӯзгорони мусиқӣ шароити мусоид, аз ҷумла кабинетҳои ҷудогона ва созҳои мусиқии зарурӣ, фароҳам оварда шавад;
- раванди таълими фан бо аёниятҳои мувофиқ ба дарси баргузоршаванда таъмин карда шавад;
- кабинети мусиқӣ бо асбобҳои тақвияти овоз ва компютерӣ пайваст ба шабакаи Интернет таъмин карда шавад;
- омӯзгор қаблан нақшаи дарси яксоатаи худро омода намояд ва онро дар доираи ҳамин нақшаи тарҳрезишуда баргузор намояд;
- суруду оҳангҳое, ки дар раванди дарс омӯхта ва шунида мешаванд, дар асоси Барномаи таълимии аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда аз худ карда шаванд;
- дар ҷараёни таълими фанни суруд ва мусиқӣ ҳамаи қисматҳои дарс тибқи талабот баргузор карда шаванд.

Умедворем, ки дар натиҷаи ба эътибор гирифтани фикру ақидаҳои дар мақола дарҷгардида ва пешниҳодоти зикршуда, раванди дарсҳои фанни суруд ва мусиқӣ ба сатҳи болотар бардошта шуда, сифати таълими фан ва дар баробари ин дарки мусиқии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ хубтар шуда, ба ин восита ахлоқ, маънавиёт ва эҳсоси зебоипарастии онҳо хеле беҳтар мегардад, ки ин ҳама ба манфиати ҷомеаи мутамаддини халқи тоҷик хоҳад буд.

Адабиёт:

1. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи Фалак. /Ҷумҳурият аз 10.10. 2011 сол. - с. 4.
2. Зиёев И.Ғ. Зебоишиносӣ, маводи таълимӣ. - Душанбе, 2020. - 306 саҳ.
3. Кабалевский Д.Б. Как рассказывать детьям о музыке? - М., 1987.
4. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 3 марти соли 2006 таҳти №96 аз тарафи Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон тасдиқ шудааст. - Душанбе, 2006. - 16 саҳ.
5. Нарзуллоев Б.Х., Саидҳомидов С.С. Методикаи таълими мусиқӣ. Китоби дарсӣ - Душанбе: Меҳрона-2017, 2019. - 232 саҳ.
6. Саидҳомидов С.С. Методикаи таълими мусиқии халқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ. - Душанбе: Маориф, 2024. - 60 саҳ.
7. Саидҳомидов С.С. Садои мусиқии халқӣ дар кӯдакистонҳо. Дастури таълимӣ. - Москва: Народная педагогика, 1993. - 38 саҳ.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - Москва: Советская энциклопедия, 1969. - 952 саҳ.
9. Энсиклопедияи фарҳанг ва санъати тоҷик. Ҷ.1. - Душанбе, 1989.-544 саҳ.
10. Энсиклопедияи фарҳанг ва санъати тоҷик. Ҷ.2. - Душанбе, 1989.-560 саҳ.
11. Ярошевский М.Г. История психологии от античности до середины XX века. Учебное пособие. - М., 1996. - 416 с.

РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ МУСИҚИФАҲМИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ СУРУД ВА МУСИҚӢ

Муаллифон дар мақолаи мавриди назар ҷойгоҳи суруд ва мусиқиро дар фаъолияти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба қалами таҳқиқ кашида, дар баробари ин бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ зарурати таълими ин санъати нафисаро, ки дар замони мо тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда фанни “суруд ва мусиқӣ” ном гирифтааст, зарур арзёбӣ менамояд. Зеро ба ақидаи онҳо “мусиқӣ омили зудтаъсир буда, он ба эҳсосоти хонандагон, ҷаҳони ботинию маънавии онҳо таъсир расонда, онҳоро дар рӯҳияи адабиётдӯстӣ, фарҳангсолорӣ, ватанпарастӣ, худшиносӣ, инсондӯстӣ ва ҳувияти миллӣ тарбия менамояд”.

Ба ақидаи муаллифон фанни суруд ва мусиқӣ фанни хосаест, ки онро бояд танҳо мутахассиси соҳибтаҷриба таълим диҳад, то сатҳу сифати дарсҳо коста нагардад.

Дар мақолаи мавриди назар муаллифон чанд пешниҳоде манзур намудаанд, ки дар натиҷаи ба назари эътибор гирифтани онҳо ҷараёни тадриси фанни суруд ва мусиқӣ ба сатҳи болотар бардошта шуда, сифати таълими фан ва дарки мусиқии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ беҳтар хоҳанд гардид.

Калидвожаҳо*:* суруд, мусиқӣ, омӯзгор, мутахассис, созҳои мусиқӣ, мусиқифаҳмӣ, эҳсосот, маънавиёт, зебоипарастӣ.

РАЗВИТИЕ ПОЗНАНИЯ МУЗЫКИ УЧАЩИМИСЯ В ПРОЦЕССЕ УРОКА МУЗЫКИ И ПЕНИЯ

В рассматриваемой статье авторы отмечают роль музыки и пения в деятельности учащихся средних учебных заведений. В то же время, опираясь на научные источники, они подчеркивают необходимость обучения этому изящному искусству, которое согласно действующим нормативно-правовым актам, ныне называется предметом «Музыка и пение». По мнению авторов, «музыка является мощным фактором, который может воздействовать на эмоции учащихся, на их внутренний и духовный мир, воспитывает их в духе любви к литературе, искусства и культуры, патриотизма, самопознания, гуманизма и национального самосознания».

По мнению авторов, музыка и пение – это особый предмет. Поэтому с целью не снижия уровня и качества уроков, этот предмет должен преподавать только опытный специалист.

В рассматриваемой статье авторами представлен ряд предложений, реализация которых позволит поднять на более высокий уровень процесс обучения предмета, повысить качество преподавания предмета и уровень понимания музыки учащимися средних учебных заведений, и тем самым способствовать воспитанию человека.

Ключевые слова: песня, музыка, преподаватель, специалист, музинструменты, понимание музыки, чувства, нравственность, эстетика.

DEVELOPMENT OF EDUCATION'S MUSICAL-UNDERSTANDING ACTIVITIES IN THE PROCESS OF TEACHING THE SUBJECT OF SONG AND MUSIC

In this article, the author show the place of subject of singing and music in the activities of pupils of secondary school and at the same time relying on scientific sources, assesses the need to teach this subject, which in our time is called the subject of “singing and music” according to the current legal regulations. Because, according to the author, “music is a powerful factor that affects the emotions of educations, their inner and spiritual world and educates them in the spirit of literature, culture, patriotism, self-knowledge, humanity, and national identity.”

According to the author, singing and music are special subjects that should taught only by experienced specialists so that the level and quality of lessons do not decrease.

The author presents several proposals in the article that, if taken into account, will raise the teaching process of singing and music to a higher level, improve the quality of teaching the subject and the understanding of music among educations of secondary school, and thus ensure the upbringing of a complete person.

Keywords: song, music, teacher, specialist, musical instruments, understanding of music, feel, spirituality, aesthetics.

Маълумот дар бораи муаллифон: Саидҳомидов Саидмаҳмуд, муаллими калони кафедраи тарбия ва таълими мусиқии МДТ «Донишкадаи фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода». Суроға: шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Шайнак, хонаи 12, тел: +(992)91.908.05.11.

Раҳматов Ҷумахон, ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Ориёно, хонаи 1 утоқи 5. Тел: +(992)98.830.59.23.

Сведения об авторах: Саидхомидов Саидмахмуд-старший преподаватель кафедры воспитания и преподавания музыки ГОУ «Таджикский государственный институт культуры и искусства имени Мирзо Турсунзаде». Адрес: г. Душанбе, район Фирдоувси, улица Шайнак, дом 12, Телефон: +(992)91.908.05.11.

Рахматов Джумахон – ассистент кафедры гуманитарных наук и методики их обучения Кулябского государственного университета имени Абуабдулох Рудаки, Адрес: г. Куляб, мах. Ориёно, дом 1 кв. 5, Телефон: +(992)98.830.59.23.

Information about the authors: Saidhomidov Saidmahmud – the senior teachers of the Department of upbringing and musical education, of the SEI "Tajik State Institute of Culture and Arts named after Mirzo Tursunzoda". Adress: h. 12, Shainak st., Firdavsi reg., Dushanbe, Tajikistan. Phone: +(992)91.908.05.11.

Rakhmatov Jumakhon – the assistant's of the department of humanities discipline and method its teaching, of the Kulob State Universities named after Abuablullohi Rudaki. Adress: h. 1/5, Oriono st., Kulob, Tajikistan. Phone: +(992)98.830.59.23.

ТДУ:37.01+371 (075.8)
С-29

ТАЛАБОТҲОИ МУОСИРИ ОМОДАГИИ МЕТОДИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДАИ ИНФОРМАТИКА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Сафаралиева П.Д., ассистент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Марҳилаи муосири рушди ҷомеа бо рақамикунонии босуръати ҳамаи соҳаҳои фаъолият тавсиф мешавад, ки ба низоми таҳсилот, бахусус тайёр намудани омӯзгорони ояндаи информатика, талаботи нав мегузорад. Дар шароити тағйироти глобалии парадигмаи таълим, ки бо воридшавии технологияҳои инноватсионӣ алоқаманд аст, зарурати ташаккули на танҳо дониши амиқи назариявӣ, балки малакаҳои амалӣ, ки имкони муттаҳидсозии муассири асбобҳои рақамиро ба раванди таълим медиҳанд, афзоиш меёбад. Ҳамин тавр, масъалаи омодагии методии омӯзгорони ояндаи информатика, ки омили калидии татбиқи муваффақонаи барномаҳои таълимӣ дар муҳити иқтисоди рақамӣ ба шумор меравад, аҳаммияти хоса пайдо мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки раванди рақамикунонии таҳсилот босуръат рушд мекунад, омодасозии мутахассисони баландихтисоси соҳаи информатика яке аз нақшаҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Омодагии методии омӯзгори ояндаи информатика на танҳо баланд бардоштани дониши техникӣ, балки мутобиқсозии он ба хусусиятҳои миллии низоми таҳсилот, аз ҷумла ҷанбаҳои забонӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодиро низ дар бар мегирад. Аз ин рӯ, зарурати бознигарии усулҳои мавҷудаи омодасозии омӯзгорон, инчунин коркард ва воридсозии усулҳои нави методӣ ва технологияҳо, ки барои ташаккули салоҳиятҳои ҷавобгӯ ба талаботи муосир заруранд, ба миён меояд.

Дар таҳлили талаботи муосир ба омодагии методии омӯзгорони ояндаи информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайянсозии ҷанбаҳои асосие, ки ҳангоми омодасозии мутахассисон дар шароити табдилоти рақамии таҳсилот ба назар гирифта мешаванд.

Дар доираи масъалаи мазкур чунин масъалаҳо баррасӣ мешаванд:

- ✓ ташаккули маҳоратҳои тафаккури интиқодӣ дар омӯзгорони ояндаи информатика;
- ✓ қобилияти мустақилона аз худ кардани технологияҳои нав;
- ✓ омодагӣ ба рушди пайвастаи касбӣ.

Ба истифодаи воситаҳои рақамӣ дар раванди таълим, таҳияи усулҳои инноватсионии таълим ва мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ ба ниёзҳои инфиродии донишҷӯ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Талаботи муосир ба омодагии методии омӯзгорони ояндаи информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайянсозии ҷанбаҳои асосие, ки ҳангоми омодасозии мутахассисон дар шароити табдилоти рақамии таҳсилот мушкилоти мавҷударо дар низоми омодасозии омӯзгорони информатика дар Тоҷикистон баррасӣ мекунад, аз ҷумла:

- камбудии самти амалии барномаҳои таълимӣ;
- ангезаи пасти донишҷӯён ба омӯзиши фанҳои методӣ;
- маҳдудияти имкониятҳои таҷрибаомӯзии пурра.

Барои ҳалли ин мушкилот пешниҳод мегардад:

- такмили барномаҳои таълимӣ;
- ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии таълим;
- мустаҳкамсозии ҳамкориҳо байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ, мактабҳо ва марказҳои таҳсилоти иловагӣ.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти мазкур барои ташаккули стандартҳои нави таълимӣ, такмили барномаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани сатҳи омодагии мутахассисони соҳаи педагогика дар шароити рақамикунонии таҳсилот аҳаммияти назаррас дорад.

Сатҳи муосири рушди назария ва амалияи таҳсилот бо таваҷҷуҳи афзоянда ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи касбияти хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ тавсиф карда мешавад. Омили асосии такмили низоми омодасозии мутахассисон дар соҳаи таҳсилот, талаботи мактаби миёнаи умумӣ мебошад, ки дар он шахсияти омӯзгор ва тахассуси касбии ӯ нақши ҳалкунанда мебозанд.

Талаботи муосир ба омодагии методии омӯзгори ояндаи информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зарурати омодасозии мутахассисони баландихтисос маншаъ мегиранд, ки қобилияти фаъолият дар муҳити рақамии таълимиро дошта, технологияҳои муосирро дар раванди таълим самаранок татбиқ намоянд. Таҳаввулоти низоми таҳсилот дар марҳилаи муосир на танҳо бо зиёдшавии ҷараёни иттилоот, балки бо тағйироти босуръати технологияҳои рақамӣ тавсиф мешавад, ки ба сатҳи омодагии методии кадрҳои педагогӣ талаботи нав мегузорад. Дар чунин шароит ташаккули омодагии ҳамаҷонибаи методии омӯзгори ояндаи информатика зарур мегардад, ки амалҳои зеринро дар бар мегирад:

- донишҳои амиқи назариявӣ;
- маҳоратҳои амалӣ;
- тафаккури чандир, ки мутобиқшавӣ ба воқеиятҳои тағйирёбандаи таҳсилот ва технологияро таъмин менамояд.

Омодагии методии омӯзгори ояндаи информатика маҷмуи салоҳиятҳои муҳимми касбиро дар бар мегирад, аз ҷумла:

- дарки амиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;
- истифодаи усулҳои фаъоли таълим ва таълими интерактивӣ;
- таҳияи барномаҳои таълимӣ ва тарҳрезии курсҳои таълимӣ;
- мутобиқсозии раванди таълим ба хусусиятҳои инфиродии донишҷӯён.

Ба ташаккули малакаҳои ташкили раванди таълим дар муҳити рақамӣ аҳаммияти хоса дода мешавад. Ин фарогири истифодаи васеи захираҳои таълимии электронӣ, технологияҳои абрӣ, платформаҳои таълими фосилавӣ ва воситаҳои назорати автоматиконидашудаи дониш мебошад. Илова бар ин, омӯзгори муосир бояд дорои фарҳанги баланди рақамӣ ва маърифати амнияти иттилоотӣ ва кибергигиена бошад, ки дар шароити гузаронидани усулҳои таълими фосилавӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Дар низоми омодасозии омӯзгорони информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилот ба назар мерасад, аз ҷумла:

- камбудии самти амалии таълим;
- ангезаи пасти донишҷӯён ба омӯзиши фанҳои методӣ;

- маҳдудияти имкониятҳои таҷрибаомӯзии пурраи педагогӣ.

Набудани ҳамоҳангсозии кофӣ байни муассисаҳои таълимӣ ва корфармоён боиси тафовути назаррас байни омодагии назариявии донишҷӯён ва талаботи воқеии низоми таҳсилот мегардад. Барои ҳалли ин масъалаҳо бояд:

✓ барномаҳои таълимӣ такмил дода шаванд;

✓ усулҳои инноватсионии таълим татбиқ карда шаванд;

✓ ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо мактабҳо ва марказҳои таҳсилоти иловагӣ густариш ёбад.

Ҳамин тариқ, омодасозии методии омӯзгорони ояндаи информатика бояд:

- динамикаи рушди технологияҳои иттилоотӣ;

- талаботи муҳити рақамии таълим;

- ниёзҳои муассисаҳои таълимиро ба омӯзгорони соҳибихтисос бо сатҳи баланди омодагии методӣ дар назар гирад.

Танҳо чунин равиш имкон медиҳад, ки омӯзгорони ояндаи информатика бо низоми муосири таҳсилот мутобиқ гарданд ва ба муҳити рақамии таълим бомуваффақият ворид шаванд.

Афзоиши талабот ба ҳайати педагогӣ дар робита бо қабули стандартҳои касбӣ ва мураккабшавии муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангии таҳсилот, ки бо рушди босуръати илм ва технология алоқаманд аст, эҳтиёҷро ба мутахассисони педагогӣ, ки қодиранд вазифаҳои муосири ислоҳоти низоми таҳсилотро дар ҳама сатҳҳо иҷро кунанд, афзун намуд. Ҳамзамон, пешбинӣ мегардид, ки дар ояндаи наздик байни талаботи соҳаи таҳсилот ба чунин мутахассисон ва имкониятҳои воқеии омодасозӣ ва ҷалби онҳо ба фаъолияти педагогӣ номувофиқатиҳо ба миён хоҳанд омад. Ғайр аз ин, набудани механизмҳо ва моделҳои муассири ҳамкорӣ дар шарикии давлатӣ-хусусӣ дар соҳаи таҳсилот, инчунин ҳамкории ҷомеаи соҳибкорӣ ва муассисаҳои таълимӣ, ҳалли масъалаи таъмини дастраскунӣ ва сифати таҳсилоти ҳамаҷонибаро мушкил мегардонид.

Рушди инноватсионии моделҳои фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ, навсозии барномаҳои таълимӣ, технологияҳо ва мазмуни раванди таълим дар ҳама сатҳҳои таҳсилоти касбӣ тавассути татбиқи барномаҳои нави таълимии чандгона, ки ба инфиродисозии раванди таълим бо дарназардошти хусусиятҳои шахсӣ, манфиатҳо ва ниёзҳои донишҷӯён асос ёфтааст.

Дар даҳсолаҳои охир, дар Тоҷикистон, аз ҷумла таҳсилоти касбӣ, бисёре аз муҳаққиқон мушкилоти таълими касбиро бо сатҳи салоҳиятнокии мутахассисон, ки омодаанд дар вазъиятҳои гуногуни касбӣ фаъолият намоянд, вобаста мекунанд.

Бо таваҷҷуҳ ба он ки салоҳиятнокӣ як хусусияти шахсиятии мутахассис мебошад, ки пас аз анҷоми марҳилаи муайяни таҳсилот ташаккул ёфта, қобилияти татбиқи муваффақонаи фаъолиятро бо дарназардошти аҳаммияти иҷтимоии он инъикос мекунад, метавон гуфт, ки салоҳиятнокии омӯзгори оянда нишондиҳандаи сатҳи омодагии ӯ ба фаъолияти касбӣ мебошад.

Омодагӣ ҳамчун ҳолати равонӣ ва хислати устувори шахсият зоҳир мегардад. [8, с. 472-480] Он пайваста фаъол аст ва лозим нест, ки пеш аз ҳар як супориши нав дубора ташаккул дода шавад. Чун як хусусияти қаблан ташаккулёфта, омодагӣ омили зарурӣ ва муҳимми муваффақият ва фаъолияти муассири инсон ба ҳисоб меравад. Самаранокӣ дар ин маврид ҳамчун расидан ба ҳадаф бо истифодаи босамари захираҳо фаҳмида мешавад.

Дар шакли умумӣ, сохтори омодагии устувор иборат аст аз: [3, с. 3-11]

- муносибати мусбат ба фаъолият ва касб;

- сифатҳои шахсият, ки ба талаботи касбӣ ҷавобгӯянд, аз ҷумла хислат, темперамент, қобилият ва ангеза;

- дониш ва маҳоратҳои зарурӣ;

- хусусиятҳои устувори муҳимми касбӣ, ки идрок, диққат, тафаккур, равандҳои эҳсосӣ ва иродаро дар бар мегиранд.

Омодагӣ ба фаъолияти касбӣ ҳамчун қобилияти ангезаёфтаи шахс барои ҳалли масъалаҳои касбӣ дар раванди ҳамкории иҷтимоӣ баррасӣ мегардад.

Омили ҳалкунандаи ташаккули омодагӣ ба фаъолияти касбӣ таҷрибаи касбӣ мебошад, зеро омодагӣ ба тавоноии шахс барои истифодаи таҷриба дар шароити нав вобастагӣ дорад.

Раванди ташаккули омодагӣ ба фаъолияти касбӣ аз дарки вазифаи ба шахс гузошташуда оғоз ёфта, сипас тарҳрезии нақша, моделҳо, тарзҳо ва нақшаи амалиёт сурат мегирад. Дар марҳилаи баъдӣ, омодагӣ дар амал татбиқ шуда, усулҳои муайяни фаъолият ва воситаҳо истифода мешаванд. Ҳамчунин, раванди фаъолият ва натиҷаҳои миёнаравӣ бо натиҷаҳои интизоршуда муқоиса гардида, дар ҳолати зарурӣ ислоҳот ворид карда мешавад.

Монандии сохтори ташаккули омодагӣ ба фаъолияти касбӣ бо марҳилаҳои худи фаъолият, аз ҷумла фаъолияти касбӣ, ба чунин хулоса меорад, ки омодагӣ як шарти ибтидоӣ ва асосии иҷрои муваффақонаи ҳар гуна фаъолият, аз ҷумла фаъолияти касбӣ, мебошад.

Омодагии касбӣ дар раванди таҳсилоти касбӣ ташаккул ёфта, тавассути иҷрои машқҳо, ҳалли масъалаҳои тахассусӣ ва истифодаи усулҳои дигар, ки ба ҷалби дониш, малака ва маҳорат барои ҷамъоварии таҷрибаи касбӣ мусоидат мекунанд, нигоҳ дошта мешавад.

Дар сохтори омодагии донишҷӯ ба фаъолияти касбӣ, М.И. Дяченко ва Л.А. Кандибович унсурҳои зеринро ҷудо мекунанд:

❖ Омили ангезишӣ (мотиватсионӣ) - муносибати мусбат ба касб, шавқу рағбат ба он;

❖ Омили самтгирӣ (ориентатсионный) - тасаввурот дар бораи хусусиятҳо ва шароити фаъолияти касбӣ, талаботи он ба шахсият;

❖ Омили амалӣ (оператсионный) - маҳорати истифодаи усулҳо ва роҳҳои татбиқи фаъолияти касбӣ, донистани донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳои зарурӣ;

❖ Омили иродавӣ (волевой) - қобилияти назорат аз болои худ, идора кардани рафтор ҳангоми иҷрои вазифаҳои касбӣ;

❖ Омили арзёбӣ (оценочный) - худбаҳодиҳии сатҳи омодагии касбӣ ва мутобиқати он ба стандартҳои касбии оптималӣ. [1, с. 274 с.], [2, с. 9-11]

Ба ақидаи О.Е. Курлигина, илми равоншиносии муосир мафҳуми «омодагии касбӣ»-ро ҳамчун сифати шахсият ва омили муҳим барои самаранокии фаъолияти касбии ӯ пас аз хатми донишгоҳ таъриф менамояд. Омодагии касбии донишҷӯ имкон медиҳад, ки мутахассиси ҷавон вазифаҳои касбии худро бомуваффақият иҷро намояд, дониш ва таҷрибаи андӯхтаашро самаранок истифода барад, худназоратӣ дошта бошад ва дар ҳолати тағйири шароит ва монеаҳои ғайричашмдошт ба онҳо мутобиқ гардад. [4, с. 96]

Омодагии методӣ бидуни шубҳа мавқеи марказиро дар сохтори омодагии касбии омӯзгор ишғол мекунад. В.А. Сластенин ду ҷузъи асосии онро муайян менамояд: омодагии назариявӣ ва амалӣ. [6, с. 98]

Омодагии назариявӣ қобилияти таҳлили назариявии фаъолияти педагогиро дар бар гирифта, ҳамчун малакаи тафаккури педагогӣ зоҳир мегардад.

Бархе аз муҳаққиқон дар баробари мафҳуми «омодагӣ ба фаъолияти касбӣ» ҳамчунин мафҳуми «омодагии касбӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

Таҳлили манбаъҳои илмӣ нишон медиҳад, ки истилоҳи «омодагии касбӣ» дар маъноҳои гуногун истифода мешавад ва баъзан бо мафҳуми «тайёрии касбӣ» (профессиональная подготовка) баробар дониста мешавад. Баррасии таърифҳои луғавӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми «тайёрӣ» доираи мафҳуми «омодагӣ»-ро васеътар намуда, ишора мекунад, ки омодагӣ ба касб дар раванди омодасозии касбӣ ташаккул меёбад. Омодагии касбӣ на танҳо натиҷа, балки ҳадафи омодагии касбӣ ва шарти ибтидоии татбиқи самараноки иқтидори шахсият мебошад. [1, с. 274]

В.А. Сластенин дар сохтори омодагии касбии мутахассис ду шакли вобастаи онро ҷудо мекунад:

Тарҳрезӣ (проективӣ) ва рефлексивиро дар назар дошта, ки бо мафҳуми тафаккури методӣ алоқаманд аст.

Омодагии амалӣ бошад, дар донистани малакаҳои амалӣ, аз ҷумла маҳорати тарҳрезӣ (конструктивӣ), ташкиливу идоракунӣ (организаторӣ) ва муошират (коммуникативӣ) зоҳир гардида, бо маҳоратҳои методӣ робита дорад. [6, с. 98]

Пас, омодагии методӣ маҷмуи донишҳои методӣ, малакаҳо ва сифатҳои шахсиятро дар бар мегирад, ки татбиқи ҳама гуна фаъолияти методиро таъмин менамояд.

- Омодагии ангезишӣ-шахсиятӣ (мотиватсионӣ-шахсиятӣ) хусусиятҳои шахсиятро дар бар мегирад, ки муносибати шахсро ба касб, ҳадафҳои фаъолияти касбӣ, ҷаҳонбинӣ, принсипҳо

ва хусусиятҳои типологии инфиродии омӯзгор (услуби муошират, сатҳи эҳсосотнокӣ, қобилияти худтаҳлилӣ ва рефлексия ва ғ.) муайян менамояд.

- Омодагии мазмунӣ-предметӣ маҷмуи донишҳои равоншиносӣ - педагогӣ ва методиро дар бар гирифта, ҷанбаи предметии тафаккури методиро ташкил медиҳад.

- Омодагии амалӣ-фаъолиятӣ (оператсионӣ) сатҳи ташаккули малакаҳо ва маҳоратҳои заруриро барои фаъолияти методии омӯзгор муайян мекунад, ки аз маҳоратҳои маърифатӣ (познавательный), тарҳрезӣ (проектно-конструкторский), таълимӣ, арзёбӣ ва таҳқиқотӣ иборат мебошад.

- Омодагии назариявӣ-методологӣ донишҳоро оид ба усулҳои маърифати илмӣ дар бар гирифта, инчунин нақш ва аҳаммияти информатикаро дар ташаккули шахсияти хонанда дарк менамояд. [7, с. 163-167]

Бо назардошти сохтори омодагии методӣ, метавон таъкид кард, ки омодагии методии омӯзгори ояндаи информатика бар асоси донишҳои равоншиносӣ-педагогӣ ва донишҳои методӣ, ки ҷанбаи тахассусии касбиро ташкил медиҳанд, ташаккул меёбад. Дар маҷмуъ, онҳо системаи методикаи таълими информатикаро ташкил медиҳанд.

Гурӯҳи донишҳои методӣ иборатанд аз:

- донишҳо оид ба технологияҳои таълимӣ;
- донишҳо дар бораи ташкил ва идоракунии шаклҳои гуногуни раванди таълим;
- донишҳо дар бораи истифодаи самарабахши воситаҳои таълим ва тарбия;
- донишҳо оид ба идоракунии фаъолияти таълимии донишҷӯён бо дарназардошти усулҳои гуногуни таълимӣ;
- донишҳо дар бораи истифодаи самарабахши усулҳои таъсири коммуникативии омӯзгор ба шунавандагон;
- донишҳо дар бораи ташкили фаъолияти тафаккури дастаҷамъона. [5, с. 96]

Дар натиҷа, метавон чунин таърифи мухтасари омодагии методии омӯзгори ояндаи информатикаро пешниҳод кард:

Омодагии методии омӯзгори ояндаи информатика - маҷмуи донишҳои методӣ, малакаҳо ва хислатҳои шахсиятиест, ки барои татбиқи самараноки фаъолияти методӣ дар шароити рақамикунонӣ ва коммуникатсияи глобалӣ мусоидат менамояд.

Системаи анъанавии омодасозии омӯзгорони информатика дар муассисаҳои олии педагогӣ ҳам донишҷӯён, ҳам омӯзгорон ва ҳам корфармоёнро пурра қонеъ намесозад.

Яке аз мушкилоти асосӣ - ангезаи пасти донишҷӯён ба омӯзиши фанҳои тахассусӣ мебошад. Ин омил бо расониши ғайриамалии маводи таълимӣ ва набудани иртиботи мустақим бо таҷрибаи воқеии педагогӣ алоқаманд аст. Бисёре аз донишҷӯён барои таҳсилоти худ кӯшиши кофӣ намекунанд, зеро наметавонанд дарк кунанд, ки бе донишҳои амиқ оянда ҳамчун мутахассиси соҳаи худ рушд нахоҳанд кард.

Системаи анъанавии омодасозии касбӣ имконияти кофии ҷалби донишҷӯён ба таҷрибаи воқеии педагогӣ намедиҳад. Дар аксари ҳолатҳо таҷрибаомӯзии педагогӣ танҳо дар шакли кӯтоҳмуддат пешниҳод мешавад, ки барои омодагии омӯзгорони информатика, бо дарназардошти динамизми фанни информатика ва технологияҳои иттилоотӣ, нокифоя мебошад.

Бо дарназардошти таҳаввулоти босуръати технологияи рақамӣ ва афзоиши талаботи касбӣ ба омӯзгорони информатика, омодагии методии омӯзгори оянда ба яке аз ҷанбаҳои муҳимми системаи таҳсилоти олӣ табдил ёфтааст. Ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар амалия, омӯзгорони оянда бояд дониши амиқи методологӣ, малакаҳои амалӣ ва қобилияти мутобиқшавӣ ба муҳити рақамии таълимро инкишоф диҳанд. Дар ин замина, омӯзгори информатика на танҳо ҳамчун интиқолдиҳандаи дониш, балки ҳамчун роҳбалад ва ҳавасмандгардонандаи рушди инфиродии хонандагон дар ҷаҳони рақамӣ баромад мекунад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки системаи анъанавии омодасозии омӯзгорони информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор мушкилот дучор гардидаанд, ки бартараф намудани онҳо барои беҳтарсозии сифати таълим ва омодасозии мутахассисони рақобатпазир дар шароити рақамикунонии таҳсилот зарур мебошад. Мушкилоти асосӣ иборатанд аз ангезаи пасти донишҷӯён ба омӯзиши фанҳои методӣ, номувофиқати

барномаҳои таълимӣ ба воқеияти рақамии таҳсилот, махдуд будани таҷрибаомӯзии педагогӣ ва набудани ҳамоҳангсозии самаранок миёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва корфармоён. Ҳалли ин мушкилот такмили барномаҳои таълимӣ, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии таълим ва тавсеаи ҳамкориҳо байни донишгоҳҳо, мактабҳо ва марказҳои таҳсилоти иловагиро талаб мекунад.

Дар маҷмуъ, таҳқиқот собит намуд, ки омодагии методии омӯзгорони информатика бояд ба рушди салоҳиятҳои касбӣ ва шахсиятии омӯзгорон равона гардад, ки имконият медиҳад раванди таълим бо истифода аз технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ мутобиқ ба талаботи муосири таҳсилот ташкил карда шавад. Омӯзгорони оянда бояд малакаи истифодаи технологияҳои рақамӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ, татбиқи усулҳои фаъоли таълим ва мутобиқсозии равандҳои таълимро ба ниёзҳои инфиродии донишҷӯён инкишоф диҳанд. Ба ин раванд ворид намудани омӯзиши технологияи абрӣ, таълими фосилавӣ ва методологияи таълимии рақамӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Ҳамин тариқ, барои ташаккули методикаи самараноки омодасозии омӯзгорони информатика зарур аст, ки:

- барномаҳои таълимӣ бо назардошти хусусиятҳои муҳити рақамӣ такмил дода шаванд;
- таҷрибаомӯзии педагогӣ густариш ёбад ва бо талаботи амалии мактабҳои муосир мутобиқ гардонида шавад;
- равишҳои таълимӣ аз шакли пассив ба шакли фаъол ва интерактивӣ гузаронида шаванд;
- равандҳои таълим бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои таълими фосилавӣ самаранок ташкил карда шаванд.

Рақамикунонии таҳсилот на танҳо имкониятҳои нави омӯзишро фароҳам меорад, балки ба моделҳои анъанавии омодасозии омӯзгорон низ талаботи нав мегузорад. Аз ин рӯ, омодасозии методии омӯзгорони ояндаи информатика, бояд дар асоси равишҳои муосири таълимӣ ва дар ҳамоҳангӣ бо талаботи рушди иқтисоди рақамӣ сурат гирад. Танҳо дар ин ҳолат, мутахассисони соҳаи информатика метавонанд ба низоми таҳсилот ворид шуда, барои рушди муҳити рақамии таълим саҳми назаррас гузоранд.

Адабиёт:

1. Дьяченко, М.И. Психологические проблемы готовности к деятельности / М.И. Дьяченко, Л.А. Кандыбович. - Минск : Изд-во БГУ, 1976. -274 с.
2. Каракозов, С.Д. Содержательная и формальная составляющие профессиональной подготовки современного преподавателя / С.Д. Каракозов // Преподаватель XXI век. - 2014. - № 4 : Т. 1. - С. 9-11
3. Кузнецов, А.А. Информационно-коммуникационная компетентность современного учителя / А.А. Кузнецов, Е.К. Хеннер, В.Р. Имакаев и др. // Информатика и образование. - 2010. - № 4. - С. 3-11
4. Курлыгина, О.Е. Компетентность как характеристика готовности будущего учителя к осуществлению профессиональной деятельности]
5. Скаткин, Н. М. Проблемы современной дидактики / Н.М. Скаткин. - М. : Педагогика, 1984. - 96 с.]
6. Сластенин, В.А. Формирование личности учителя советской школы в процессе профессиональной подготовки / В.А. Сластенин. - М. : Просвещение, 1976. - 98 с.]
7. Таможняя, Е.А. Методическая готовность учителя географии: теоретический и практический аспекты / Е.А. Таможняя // Вестник Московского государственного областного университета. - 2010. - №4.-С. 163-167].
8. Яковенко, Т.В. Готовность педагога к реализации трудовых функций в соответствии с требованиями профессионального стандарта / Т.В. Яковенко, Л.У. Мавлюдова, О.В. Волкова // Проблемы современного педагогического образования. - 2016. - № 51(5). - С. 472-480.

ТАЛАБОТҲОИ МУОСИРИ ОМОДАГИИ МЕТОДИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДАИ ИНФОРМАТИКА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Мақола ба масъалаи талаботҳои муосир ба омодагии методии омӯзгори ояндаи информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст.

Дар шароити тағйироти глобалии парадигмаи таълим, ки бо воридшавии технологияҳои инноватсионӣ алоқаманд аст, зарурати ташаккули на танҳо дониши амиқи назариявӣ, балки малакаҳои амалӣ, ки имкони муттаҳидсозии муассири асбобҳои рақамиро ба раванди таълим медиҳанд, афзоиш меёбад.

Муаллиф қаид менамояд, ки мувофиқи талаботи муосир ба омодагии методии омӯзгорони ояндаи информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайянсозии ҷанбаҳои асосӣ, ҳангоми омодасозии мутахассисон дар шароити табдилоти рақамии таҳсилот ба назар гирифта мешавад.

Муаллиф дар низоми омодасозии омӯзгорони информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилотро қайд менамояд. Масалан, камбудии самти амалии таълим; ангезаи пасти донишҷӯён ба омӯзиши фанҳои методӣ; маҳдудияти имкониятҳои таҷрибаомӯзии пурраи педагогӣ.

Набудани ҳамоҳангсозии кофӣ байни муассисаҳои таълимӣ ва корфармоёнро муаллиф боиси тафовути назаррас байни омодагии назариявии донишҷӯён ва талаботи воқеии низоми таҳсилот мешуморад.

Ба ақидаи муаллиф афзоиши талабот ба ҳайати педагогӣ дар робита бо қабули стандартҳои касбӣ ва мураккабшавии муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангии таҳсилот, ки бо рушди босуръати илм ва технология алоқаманд аст, эҳтиёҷро ба мутахассисони педагогӣ, ки қодиранд вазифаҳои муосири ислоҳоти низоми таҳсилотро дар ҳама сатҳҳо иҷро кунанд, афзун намуд.

Калидвожаҳо: имкон, муттаҳидсозӣ, талабот, омӯзгор, муассиса, таҳсилоти олии касбӣ, тағйирот, глобалӣ, технологияҳои инноватсионӣ, алоқа, ташаккул, дониш, омодагӣ, метод, информатика.

СОВРЕМЕННЫЕ ТРЕБОВАНИЯ К МЕТОДИЧЕСКОЙ ПОДГОТОВКЕ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ИНФОРМАТИКИ В ВЫСШИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

Статья посвящена вопросу современных требований к методической подготовке будущих учителей информатики в высших профессиональных учебных заведениях.

В условиях глобальных изменений образовательной парадигмы, связанных с внедрением инновационных технологий, возрастает необходимость формирования не только глубоких теоретических знаний, но и практических навыков, позволяющих эффективно интегрировать цифровые инструменты в образовательный процесс.

Автор отмечает, что в соответствии с современными требованиями к методической подготовке будущих учителей информатики в высших учебных заведениях Республики Таджикистан и выявлены ключевые аспекты, которые учитываются при подготовке специалистов в условиях цифровой трансформации образования.

Автор отмечает ряд проблем в системе подготовки учителей информатики в высших учебных заведениях Республики Таджикистан. Например, отсутствие практической направленности в образовании; низкая мотивация студентов к изучению методических дисциплин; Ограниченные возможности для преподавания на постоянной основе.

Автор считает, что отсутствие достаточной координации между образовательными учреждениями и работодателями является причиной значительного разрыва между теоретической подготовкой студентов и реальными требованиями системы образования.

По мнению автора, возросшая потребность в педагогических кадрах в связи с принятием профессиональных стандартов и усложнение социокультурной среды образования, сопряженное с бурным развитием науки и техники, усилили потребность в педагогических специалистах, способных выполнять современные задачи реформирования системы образования на всех уровнях.

Ключевые слова: возможность, интеграция, требования, преподаватель, учреждение, высшее профессиональное образование, изменение, глобальный, инновационные технологии, коммуникация, формирование, знание, подготовка, метод, информатика.

MODERN REQUIREMENTS FOR METHODOLOGICAL TRAINING OF FUTURE COMPUTER SCIENCE TEACHERS IN HIGHER PROFESSIONAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS

The article is devoted to the issue of modern requirements for the methodological training of future computer science teachers in higher professional educational institutions.

In the context of gloӣal changes in the educational paradigm associated with the introduction of innovative technologies, there is an increasing need to develop not only deep theoretical knowledge, ӣut also practical skills that allow for the effective integration of digital tools into the educational process.

The author notes that in accordance with modern requirements for the methodological training of future computer science teachers in higher educational institutions of the Repuӣlic of Tajikistan, key aspects have ӣeen identified that are taken into account in the training of specialists in the context of the digital transformation of education.

The author notes a numӣer of proӣlems in the system of training computer science teachers in higher educational institutions of the Repuӣlic of Tajikistan. For example, the lack of a practical focus in education; low motivation of students to study methodological disciplines; limited opportunities for teaching on a permanent ӣasis.

The author ӣelieves that the lack of sufficient coordination ӣetween educational institutions and employers is the reason for the significant gap ӣetween the theoretical training of students and the real requirements of the education system.

According to the author, the increased need for teaching staff in connection with the adoption of professional standards and the complication of the socio-cultural environment of education, coupled with the rapid development of science and technology, have increased the need for teaching specialists capaӣle of carrying out modern tasks of reforming the education system at all levels.

Keywords: opportunity, integration, requirements, teacher, institution, higher professional education, change, gloӣal, innovative technologies, communication, formation, knowledge, training, method, computer science.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафаралиева Парвина Давлаталиевна – ассистенти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ, ш.Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров-16. Тел.: 985 82 12 05

Сведения об авторе: Сафаралиева Парвина Давлаталиевна – ассистент Кулябского государственного университета им. А. Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г. Куляб, ул.С. Сафарова-16. Тел.: 985 82 12 05

Information aӣout the author: Safaralieva Parvina Davlatalievna assistetn Kulyob State University named after A. Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S.Safarova st.-16. Tel.: 985 82 12 05

ТДУ:378+796/799(075.8)
С-33

ТАҲСИЛОТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ФАРҲАНГИ ТАНДУРУСТӢ

Сафаров Ш.Қ., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Замони муосир ба масъалаҳои рушди тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим талаботи ҷиддии навро ба миён гузоштааст.

Масъалаҳои марбут ба рушди ғояҳои фалсафӣ, педагогӣ, тиббӣ ва варзиш дар бораи арзиши тандурустӣ ва роҳҳои ҳифзи он дар адабиёти илмӣ ба қадри кофӣ фаро гирифта нашудаанд. Равиши таблиғотию ташвиқотӣ нисбати ташаккули тарзи ҳаёти солими гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ дар таълифоти муҳаққиқони ватанӣ Б. Ашурова, Б. Боев, Л.А. Губанов, А.К. Бобоҷонов, И. Бобоев, И.Х. Каримова, Б.Р. Қодиров, Д. Каримова, Ф. Қурбонов, Ф. Партовов, Ш.А. Сафаров, М. Суяркулов ва дигарон мавҷуданд.

Пажуҳишҳои муҳаққиқони тоҷик Д. Каримова [8, с. 15] ва Ф. Партовов [13, с. 160] ба масъалаҳои ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои ҳамаҷонибаи ҷисмонӣ-истироҳатӣ дар мактаб-интернатҳо, ҳамчунин ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дахл доранд. Дар кори илмии муҳаққиқ Ш.А. Сафаров мушкилоти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони хурдсол тавассути бозиҳои миллӣ тибқи талаботи педагогӣ таҳқиқ карда шудааст [15, с. 19].

Таҳқиқи илмии муҳаққиқи тоҷик Т.Б. Намозов [11, с. 57; 12, с. 20] ба асосҳои иҷтимоӣ-педагогии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҶТ бахшида шудааст. Аммо, дар ҳар сурат, бояд зикр кард, ки дар ҶТ ҳамкориҳои оила ва мактаб дар ташаккули тарзи ҳаёти солим байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳаллу фасл нагаштааст. Имконоти курсҳои омӯзишии мактаби миёна дар ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳқиқ нашудаанд. Мақсаднокии педагогӣ дар истифодаи технологияҳои ҳифзи тандурустӣ дар оила ва мактаб асоснок карда нашудааст.

Масъалаҳои вобаста ба ташаккул ва рушди тандурустӣ дар замони муосир хеле мубрам гаштааст. Дар «Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» фарҳанги тандурустӣ ва ё маданияти беҳдошт чунин маънидод шудааст: «маданияти беҳдошт - маданияти беҳдоштии фард, ки донишҳои мушаххас, маҳорат, малака, арзишҳои саломатӣ, нуқтаи назар, андеша, эътиқод, шаклҳои ахлоқи ба саломатӣ дахлдорро дар худ таҷассум намуда, ҷузъи маданияти умумии шахсият мебошад ва дар ҷараёни таъсири маърифати тарбиявӣ ташаккул меёбад». [1, с. 2]

Бояд зикр кард, ки гурӯҳи калони муаллифон бо дарназардошти фаъолиятҳо дар соҳаи тандурустӣ истилоҳи «валеология»-ро фаъолона истифода мекунанд. Дар асри XX олимону муҳаққиқон ҷанбаҳои гуногуни раванди ташаккули «фарҳанги арзишӣ», «маърифати арзишӣ» ва ғайраро таҳқиқ намуданд (Е.Л. Александров, Е.Н. Алексеева, И.Г. Бердников, С.В. Василев, М.А. Гаврилова, О.Б. Дворникова, А.Л. Дорошенко, И.В. Илина, Л.Г. Качан, И.А. Лавричева, А.Г. Маджуга, Э.Р. Маргиева, Л.В. Мешерякова, Н.М. Полетаева ва дигарон).

Ҳамин тариқ, дар рисолаи муҳаққиқ И.Г. Бердников асосҳои назариявии ташаккули фарҳанги арзишии шахсияти муҳаққиқ, А.Л. Дорошенко - масъалаҳои салоҳияти арзишии донишҷӯёни донишгоҳ, И.В. Илина - ҷараёни ташаккули фарҳанги арзишии шахс дар раванди гирифтани маълумоти олии касбӣ, И. Лавричева - ташаккули фарҳанги арзишии донишҷӯён, С.М. Симоненко - мундариҷа ва усулҳои ташаккули фарҳанги арзишноки омӯзгори оянда дар таълими донишгоҳҳо баррасӣ шудаанд.

Муҳаққиқи тоҷик Ш.А. Сафаров зикр кардааст, ки «Муносибати муҳассил нисбати худ, нисбати рушди ҷисмонии худ тавассути муҳити наздики худ муайян карда мешавад, биноан, шахсияти омӯзгор як ҷузъи муайянкунанда дар ташаккули муқаррароти ба тарзи ҳаёти солим ва рушди талаботи ангезавӣ маҳз аз синни хурди мактабхонӣ мебошад». [15, с. 25]

Муҳаққиқи рус Т.С. Тюмасева муносибат ба валеологияро ҳамчун як риштаи ҷавони илм, ноустувор ва ҳоло ташаккулёбанда, хеле номуайян арзёбӣ кардааст: аз рад кардани пурраи он ҳамчун илми мустақил ва баррасӣ танҳо ҳамчун яке аз бахшҳои тиб, гигиена ё психология ва ғайра. Гузашта аз ин, мавзуъ ва методологияи валеология аксар вақт дар шакли ғайримуқаррарӣ пешниҳод карда мешавад. [16, с. 300]

Зарурати зикр кардани валеологияро дар табиат падидаи воқеӣ ва объективӣ таъйин кардан мумкин аст. Аҳаммияти валеологияро дар ташаккули муносибатҳои масъули насли калонсол бо ҷаҳони беруна ва худи ӯ бояд таъкид кард.

Нишондиҳандаи маъруфияти ин истилоҳи нав васеътарин ҳудуди тезисҳои дар боло номбаршуда мебошад, яъне соҳаи таҳқиқотие, ки бо истилоҳи «валеология» номбар шудааст, барои муҳаққиқоне, ки ҷанбаҳои гуногуни воқеияти таълимиро дар минтақаҳои гуногун меомӯзанд, мавриди таваҷҷуҳи зиёд қарор гирифтааст. Ин далел асосан аз он вобаста аст, ки илм дер боз зарурати ҳамгиро кардани донишҳои илмӣ, бартараф кардани редуксионизмро, ки донишро дар «чаҳорчӯбаи илмии ҷудогона» ба вуҷуд меорад, эҳсос кардааст. Ба ибораи дигар, «валеология» дар худ хоҳиши муҳаққиқонро дар ҳамҷоя кардани чунин соҳаҳо, аз қабили гигиена, соҳаҳои гуногуни тиб, аз як тараф, педагогика, психология, аз тарафи дигар, ба манфиати ҳифз, тақвият ва рушди тандурустии ҷисмонӣ, руҳӣ ва маънавӣ-ахлоқии шахс муттаҳид кардааст.

Ҳамин тариқ, дар охири асри гузашта, дар муддати нисбатан кӯтоҳ (бист сол) як қатор асарҳои калони илмӣ ва дастурҳои таълимӣ ба табъ расиданд, марказҳои дахлдори илмию методӣ пайдо шуданд.

Бояд зикр намуд, ки талабот ба омӯзгорону муҳаққиқон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар ин самту соҳа зиёд аст. Дар оғоз ба номи «маърифати фарҳанги арзишманд», навишта буд муҳаққиқи рус И.И. Мечников, таконе барои муҳокимаи васеи ин масъалаҳо, таҷзия кардани соҳаи проблемаҳои таҳқиқ нашрияҳо дар солҳои 80-уми асри гузашта вуҷуд доштанд. Асри XX таълифоти илмии муҳаққиқи машҳур И.И. Брехман «Муқаддима ба валеология - илми тандурустӣ» ба нашр расид. Вай аввалин касе буд, ки истилоҳи «валеология»-ро ба гардиш ва муомилаи илмӣ ворид карда, бо ин роҳ самти илмии дар чорроҳаи тиб, экология, педагогика ва антропология ҷойгиршударо ба вуҷуд овард, аммо, болоравии нашрияҳо, ки бо категорияи «фарҳанги арзишӣ» муттаҳид шудаанд, эҳтиёткорона нисбати арзёбӣ боздошта шуданд, ки як қисми ҷомеа (аз ҷумла ҷамоаи педагогӣ) нишон додаанд .

Ҳамин тариқ, дар доираҳои алоҳида, онҳо ба истилоҳи «валеология» хеле эҳтиёткорона муносибат карданд. Ин мавқеъ дар маҷмуаи «Валеология: ҷанбаҳои фалсафӣ, илмӣ ва динӣ», ки соли 2000-ум нашр шудааст, ифодаи мутамарказ ёфт. [5, с. 48]

Ҳамзамон, ҷамоаҳои алоҳида изҳори нигаронии шадид дар бораи нақшаи пешбинишудаи ин фанро дар барномаи таҳсилоти миёнаи умумӣ кардаанд. Истифодаи китобҳои дарсӣ оид ба валеология дар мактабҳо ва донишгоҳҳо, ба гуфтаи муаллифони рус, аз мушкилоти воқеии мубрами оила, таълиму тарбияи насли наврас дар руҳияи арзишҳои анъанавии маънавӣ ва ахлоқӣ дур шудааст.

Чунин ба назар мерасад, ки ин муносибат ба валеология бо муносибати бесамари баъзе олимону муҳаққиқон ва омӯзгорон ба таҳаввулоти илмии илмҳои Ғарб шарҳ дода нашудааст. Дар ҳар сурат, валеология, ҳамчун як соҳаи тандурустӣ ба номи он мувофиқат намекунад. Ин метавонад боиси нигаронии шадид шавад. Дар бисёр марказҳои валеологӣ оккултизм, сеҳри шифо ва дигар масъалаҳоро таълим медиҳанд.

Бо дарки мавҷудияти асосҳои хатарнок дар байни муаллифони зикршуда, мо қайд мекунем, ки истилоҳи «валеология» на тавсияҳои ҷонибдорони «метакогнита»-и илмии нави муосир», балки «илми ҳамгироии тандурустӣ, усулҳои нигоҳдорӣ ва мустаҳкам кардани он» мебошад, ки объекти он амалан солим аст, аммо ҳамчунин шахс дар ҳолати пеш аз беморӣ қарор дорад ва мавзуъ тандурустии инфиродӣ ва захираҳои тандурустии инсон ва ҳамчунин тарзи ҳаёти солим мебошад.

Дар бисёр мавридҳо, зери таъсири танқидҳо боз як самти дигар дар таҳқиқоти педагогии муосир ташаккул ёфт, ки онро категорияҳои «фаъолиятҳои солимгардонӣ» ва «Маълумоти педагогии солим» муттаҳид карданд. Ин гурӯҳи таълифоту таҳқиқот (Д.Е. Глушко, С.Н. Горбушин, Л.С. Елкова, А.М. Маджуга, И.Л. Платонова), ба назари мо, як қатор равишҳои педагогӣ ҷамъ овардаанд ва ба таҳқиқот дар соҳаи тандурустӣ (аз ҷумла, донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ) ба сатҳи нав баромаданд.

Муаллифони таҳқиқоти педагогӣ нишон доданд, ки ҷомеаи муосир ба тарбияи омӯзгоре эҳтиёҷ дорад, ки ҷавобгӯйи вазифаҳои давраи нав мебошанд ва дар қатори дигар салоҳият дар соҳаи тандурустӣ, дониш, малака ва қобилияти фаъолияти солими педагогӣ

бояд дошта бошанд. Ин изҳорот талаб мекунад, ки мо бар асоси кори муҳаққиқон ва файласуфон, мутахассисони дигар соҳаҳои илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ, мафҳуми охиринро дарк кунем.

Барои ин зарур аст, ки мафҳуми «фаъолияти тандурустии педагогӣ» бо категорияи васеътари «фаъолият» ва чунин ҳосилаҳои охирини ҳамчун «фаъолияти педагогӣ» ва «фаъолияти тандурустӣ» алоқаманд карда шавад. Илова бар ин, бояд ба назар гирифт, ки чӣ тавр адабиёти илмии педагогӣ, психологӣ, фалсафӣ ва тиббӣ мундариҷаи категорияҳои «тандурустӣ» ва «эҷодкорӣ»-ро» муайян мекунад.

Дар илм масъалаҳои марбут ба фаъолият фаъолона муҳокима ва таҳқиқ карда мешаванд. Ақидае собит гаштааст, ки ин предмет худро танҳо тавассути эҷоди ашёе муайян мекунад, ки аз берун ба он мухолиф аст ва ҳамзамон роҳи ягонаи ташкили он мебошад. Ба ибораи дигар, раванди эҷоди худпойдорӣ танҳо маънои зоҳирии воқеии худро дорад, зеро ин кумак менамояд, ки дар бораи худ инъикос вуҷуд дошта бошад. Дар асоси ин, метавон гуфт, ки шуур (аз ҷумла ҷузъҳои педагогӣ ва тандурустии он), ҳамчунин худи субъект, танҳо дар натиҷаи фаъолият барои сохтани объекти беруна пайдо мешавад ва вуҷуд дорад.

Вижагии хос он аст, ки ин ғоя дар илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарии асри гузаша таҳия шудааст. Фард худро танҳо тавассути насли лоиҳаҳо ва татбиқи онҳо, яъне тавассути фаъолият эҷод мекунад. Ҳамчунин маълум аст, ки равиши ба фаъолият нигаронидашуда дар психология чӣ гуна самаранок рушд мекунад.

Онҳо воқеан дар ғояҳои фалсафаи классикии Олмон, К.Маркс ва дигар соҳаҳои фалсафаи асрҳои гузашта, ки ғояҳои фаъолиятро таҳия мекарданд, ҳаёти нав пайдо карданд.

Чунин мавқеъро дар доираи назарияи психологии фаъолияти дастаҷамъӣ ташаккул додан мумкин аст. Маҳз, далели он, ки фаъолияти дастаҷамъӣ ногузир фаъолияти мутақобиларо фаро мегирад, биноан муколама, полилогияро ифода мекунад, ки аз ин сабаб одамон қобилияти дарк кардани мавқеи ҳамдигарро меомӯзанд, на дар бораи сифати худбинӣ (қобилияти ба худ нигоҳ кардан бо чашмони дигарон). Аз ин бармеояд, ки танҳо дар фаъолияти муштараки сохторҳои баробар, ки дар ин раванд озодона иштирок мекунанд, онҳо ҳамаро дарк мекунанд.

Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки фаъолият бояд на ҳамчун фаъолияти огоҳонаи шахси ифодагар, балки ҳамкории шарикони баробарҳуқуқи озод, ки «ҳар кадоми онҳо бо дигаре ҳисоб мешаванд ва дар натиҷа ҳарду тағйир меёбанд.

Албатта, дар байни ҳамаи намудҳои фаъолият мо пеш аз ҳама ба фаъолияти педагогӣ таваҷҷуҳ менамоем. Ин тафсири анъанаи ғаниии илмӣ дорад ва аз ин рӯ наметавонад дар таҳқиқи мо мавзуи махсус қарор гирад. Мо бо андешаи муҳаққиқи рус Г.Б. Корнетов мувофиқем ва ин ягона шакли фаъолияти инсонист, ки «ба тавлид кардани ҳама намудҳои дигари фаъолияти инсон ҳамчун субъекти ҷисмонӣ, руҳӣ ва маънавӣ, ҳамчун як фард, шахсият нигаронида шудааст». [9, с. 6] Яъне, фаъолияти таълимию омӯзишӣ ҳадафмандона буда, раванди бошуурона ва ба таври касбӣ амалишудаи ташкили рушди фарҳанги шахсии худро ифода мекунад.

Мутаносибан, доираи мафҳуми «фаъолияти педагогии тандурустӣ» бояд дар чорроҳаи самтҳое, ки бо мафҳумҳои «фаъолияти педагогӣ» ва «фаъолияти тандурустӣ» муқаррар шудаанд, асос ёбад. Азбаски истилоҳи дуюми мафҳумҳои дар боло номбаршуда аз ҷанбаи этимологӣ ба мафҳуми «эҷодкорӣ» бармегарданд, пеш аз ҳама, дар бораи фаҳмиши охирин мувофиқа кардан лозим аст.

Таҳлили адабиёти фалсафӣ ва педагогӣ нишон медиҳад, ки эҷодкорӣ на танҳо бо эҷоди нав маҳдуд мешавад, балки дар навбати аввал аз қобилияти объекти фаъолият тавсеа ва амиқтар кардани қобилиятҳои дар табиат гузошташуда иборат аст. Мо таъкид мекунем, ки миқёси мушаххаси эҷодкорӣ, дараҷаи далерӣ, шуҷоат дар фарҳангҳои мухталиф дар замонҳои гуногун фарқ мекунад. Яъне, «қадами навоварӣ, ҳамеша барои ҳар фарҳанг дар маҷмуъ ва фарҳанги педагогӣ хос аст.

Хусусияти дигари муҳимми эҷодкорӣ ангезаи он аст. Ба ақидаи мо, эҷодкорӣ ин як амали ҳадафманди огоҳона мебошад, ки на бо омили беруна (манфиати иқтисодӣ, анъана,

андешаи дигарон ва ғайра), балки бо як нияти дохилӣ ташаккул меёбад. Маҳз дар ҳамин хислати ҳиссиёт аломати таркибии эҷодкорӣ дар он аст, ки он аз дигар намудҳои фаъолият фарқ мекунад.

Ба ибораи дигар, эҷодкорӣ худ як ҳадаф аст. Вай, албатта, метавонад касб карда шавад, яъне бо «фаъолияте, ки барои гирифтани манфиат муайян карда мешавад, миқдори фоидае, ки муаллиф бояд қабл аз худ ва баъдан эҳтиёҷоти инсонро қонеъ кунад» муайян шудааст. [5, с. 34], аммо эҷодкорӣ вижагии худро дар замоне муайян мекунад, ки шахс ба интихоби ӯ дучор меояд: иҷро кардани шароитҳои беруна аз ӯ (фишор аз муҳити атроф, вазъи иҷтимоӣ ва ғайра) ё ҳамчун эътиқоди дохилӣ аз ӯ талаб менамояд.

Фарҳанги тандурустии донишҷӯ, ки аз ҷониби мо пешниҳод шудааст, ҳамчунин як барномаи такрористеҳсолӣ дар донишгоҳ ҳамчун фазои таҳсилоти тиббӣ мебошад.

Дар таълифоту таҳқиқоти илмӣ тафсирҳои гуногуни ин падида оварда шудаанд. Одатан, муаллифон истилоҳҳои «муҳити таълимии солим»-ро истифода мебаранд. Мо чунин мешуморем, ки азбаски мафҳуми мавриди таваҷҷуҳ барои мо ҳосили категорияи васеъ аст («фазои таълимӣ»), пеш аз ҳама, муайян кардани мундариҷаи он зарур аст.

Ин мафҳум хеле мураккаб ва мушкилфаҳм аст. Баъзе муаллифон онро ҳамчун маҷоз, дигарон ҳамчун муродифи истилоҳи «муҳити таълимӣ» ва баъзан - ба маънои яке аз сатҳҳои фазои иҷтимоӣ ва ғайра истифода мебаранд. Фазои таълимӣ «худро дар лаҳзаҳо»-и омезиши «ҳаёт ва таҳсилоти инсонӣ» эълом мекунад ва дар ин замина вай пешниҳод мекунад, ки он ҳамчун «ҳамзистии донишҷӯён», ки дар он сифати нав (қаблан эълом нашудааст) бисёрҷанбаҳои шахс дарк карда мешавад.

Дар баробари мавқеи дар боло зикршуда, мо ҷустуҷӯйи мафҳуми «фазои солими таълимӣ»-ро, ки дар асарҳои муҳаққиқон фаҳмиши вобастагии категорияҳо ба монанди «фазои таълимӣ» ва «муҳити педагогӣ» зикр шудаанд, идома медиҳем.

Мо «фазои маърифатии тандурустӣ»-ро «ҳамчун муҳити махсуси муташаккили омӯхташуда муайян менамоем, ки аз омилҳо ва шартҳои педагогӣ ба вуҷуд омадааст, то зарурати шахсони воқеӣ барои амалӣ кардани идеали тандурустӣ ҳамчун як низоме, ки рушди арзишҳоеро фароҳам меорад, ки афродро аз табиати худ болотар гузоранд.

Бо назардошти ин, мо таъйид менамоем, ки фарҳанги тандурустии донишҷӯён на танҳо фазои солими таълимро таҷдиди назар мекунад, балки онро ба як навъ «майдони магнитӣ», ки амалҳои рафтори донишҷӯро дар атрофи идеали кори солим муттаҳид мекунад, талаб менамояд.

Умуман, таҳлили таҳқиқи илмӣ, ки дар заминаи он гузаронида мешавад эҳтиёҷоти воқеии ҷомеаи муосири Тоҷикистонро ба хулосае оварда, ки фарҳанги солими донишҷӯён барномаи фаъолиятест, ки на танҳо ба нигоҳдорӣ ва рушди зарфияти тандурустии субъектҳои он нигаронида шудааст, балки ба асоси стратегияи огоҳонаи интихобшуда табдил додани фард ба шахсият - инсоне, ки бар асоси табиати худ эҳё шудааст ва озодона дарк кардани тамоми ғановати истеъдодҳои худро медонад.

Хулоса: Якум. Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар соҳаи таълим пешбинӣ менамояд, ки дар натиҷаи ҳамкориҳои педагогӣ, донишҷӯ бояд сифатҳои шахсии худро, ки бо мафҳуми «фарҳанги тандурустӣ» инъикос ёфтааст, таашаккул ва рушд диҳад. Унсурҳои сохтори фарҳанги тандурустии донишҷӯён дар амалияи иҷтимоӣ тавассути амалӣ намудани ду вазифаҳои асосӣ «таҷассум» мешаванд: таҷдиди меъёрҳо, стандартҳо ва амалияи тандурустии муқарраршуда ва бунёди минбаъдаи онҳо бо мақсади наздик кардани мавзуъ ба идеали интихобкардаи ӯ.

Дуюм. Фаъолияти омӯзгорӣ дар соҳаи тандурустӣ, ки аз ҷониби фарҳанги тандурустии донишҷӯён «барномарезӣ мешавад», бояд на танҳо ба азхудкунии технологияҳои тиббӣ, балки азхудкунии маънои он бо риояи идеалии калокагатия равона карда шавад. Он бояд ба донишҷӯён имкон диҳад, ки стратегияи ҳаётро интихоб кунанд, ки дар доираи он «муваффақияти ҳаёт» бидуни шахсе, ки барои рушди худ, тандурустии маънавӣ ва ҷисмонӣ интихоб мекунад, номумкин аст.

Ҳамин тариқ, ташаккули фарҳанги тандурустии донишҷӯён равандест, ки аз

пайдарҳамии сатҳҳои зерин иборат аст: бетафовутӣ, асосӣ, пешрафта, эҷодӣ. Дар ҷараёни рушди он шахсе, ки тамоюли арзиши солим надорад ва на низоми дониши назариявии тандурустӣ ва на идеали тандурустии хуб дорад, аввал ба азхудкунии донишҳои ибтидоӣ дар бораи унсурҳои фарҳанги тандурустӣ, пас ҳамгироии дониши назариявии тандурустӣ, азхуд кардани алгоритмҳои рафтори солимро мепазирад.

Идеали тандурустӣ ҳамчун дастури ҳаёт ва дар ниҳоят ба рушди меъёрҳои тандурустӣ, технологияи тиббӣ ва муҳимтар аз ҳама, ба қобилияти ба даст овардани худидоракунии инъикосӣ оварда мерасонад. Ин мулоҳизаест, ки тағйири воқеии донишҷӯёнро ба интиқолгари фарҳанги тандурустӣ, ки ба ноил шудан ба инвариансияи муосири калокагатия нигаронида шудааст, нишон медиҳад.

Динамикаи ташаккули фарҳанги тандурустии донишҷӯ дар ҳама сатҳҳо бо як қатор принсипҳо муайян карда мешавад, аз ҷумла: нигоҳ доштани фаҳмиши фарҳанги тандурустӣ ҳамчун падидаи ҷудонашавандаи рушди шахсият аз ҷониби ягон сохтори мушаххас; муносибат ба фарҳанги тиббӣ ва тандурустӣ ҳамчун низом - падидае, ки барои ҷамъбасти оддии унсурҳои таркибёфтааш номумкин аст; муаррифӣ кардан дар шуур мавзуи тандурустии ин фаъолият ҳамчун сохтори зинанизоми муташаккилона; самтгирии фаъолияти тандурустӣ на ба қисмат, балки ба шахси «калокагативӣ»; додани хислати антропосентрӣ ба фаъолиятҳои тандурустӣ.

Тарҳрезӣ ва ташкили раванди педагогӣ барои ташаккули тарбияи фарҳанги тандурустии донишҷӯён бо дарназардошти шароити педагогӣ бо роҳи муносибу мувофиқ сурат мегирад. Мушаххасан, агар: а) ин раванд аз ҷониби идеали калокагативии тандурустӣ сохта шуда бошад; б) донишҷӯ дар соҳаи маориф стратегияи ҳаётро пешниҳод кунад, ки ҳадафи он шахсро мувофиқи идеали тандуруст сохтани худ бошад; в) мавзуи тандурустӣ дар вазъияти инъикос ҷой дода шавад, ки онро муқоиса кардани сатҳи худ ташвиқ кунад, фарҳанги тандурустӣ бо идеали солим рушд кунад, г) бакалавр дар соҳаи таҳсилот шахсро як ҷузъи ҷудонопазири биологӣ, иҷтимоӣ ва руҳӣ мешуморад.

Адабиёт:

1. Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020.-Душанбе, 2011

2. Борытко, Н.М. Моделирование в психолого-педагогических исследованиях/Н.М. Борытко//Известия Волгоградского государственного педагогического университета.-2006.-1(14) (серия «педагогические науки»).-С.11-15

3. Брехман, И.И. Валеология наука о здоровье. 2-ое изд., доп., перераб./И.И. Брехман.-М.:Физкультура и спорт, 1990.-208с.

4. Брехман, И.И. Введение в валеологию науку о здоровье. 2-ое изд., перер и доп./И.И. Брехман. -М.:Физкультура и спорт, 1990.-208с.

5. Брехман, И.И. Философско-методологические аспекты проблемы здоровья человека/И.И. Брехман //Вопросы философии.-1982.-№ 2.-С.48-53.

6. Вайнер, Э.Н. Валеология: учебник для вузов/Э.Н. Вайнер. -М.:Флинта; Наука, 2011

7. Вашлаева, Л.П. Формирование здоровье сберегающей стратегии педагога: монография/Л.П. Вашлаева.-Кемерово, 2004.-320с.

8. Каримова, Д.М. Дидактические возможности профилактики вредных привычек дошкольников средствами коллективного гуманного воспитания: автореф. дисс. канд. пед.наук/Д.М. Каримова.-Душанбе, 2019.-21с.

9. Корнетов, Г.Б. Педагогика: учебн. пособ./Г.Б. Корнетов.-М.:Изд-во УРАО, 2003.-184с.

10. Лекторский, В.А. Наследие деятельностного подхода и современность/В.А. Лектрский.URL:http://www.situation.ru/app/index.htm

11. Намозов, Т.Б. Формирование здорового образа жизни у учащихся старших классов в условиях семьи и школы. Период независимости/Т.Б. Намозов.-Душанбе: «Ирфон», 2019.- 100с.

12. Намозов, Т.Б. Социально-педагогические основы формирования здорового образа жизни у учащихся старших классов общеобразовательных школ Таджикистана: АКД/Т.Б. Намозов.-Душанбе, 2012.-26с.

13. Партовов, Ф. Педагогические условия формирования основ здорового образа жизни у воспитанников интерната:дисс. на соискание учёной степени канд.пед.наук/Ф. Партовов.-Д.,2010.-175с.

14. Петленко, В.П. Основы валеологии/В.П. Петренко.-1998.-433с.

15. Сафаров, Ш.А. Педагогические основы формирования здорового образа жизни младших школьников средствами таджикских национальных подвижных игр. АКД/Ш.А. Сафаров. - Душанбе, 200 -27с.

16. Тюмасева, З.И. Валеология и образование/З.И. Тюмасева, Б.Ф. Кваша.- СПб.: МАНЭБ, 2012.-380с.

17. Тюмасева, З.И. К вопросу об актуальности конвергенции валеологии и экологии/З.И. Тюмасева, А.А. Цыганков//Валеология.-2012. -№1. -С.7-13.

18. Уколова, О.Н. Интерпретация понятия «здоровье» применительно к людям с инвалидностью/О.Н. Уколова//Альманах современной науки и образования.-2013.-№ 5 (72).-С.130-133.

19. Ушакова, Я.В. Здоровье студентов и факторы его формирования/Я.В. Ушакова//Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского.-№ 4.- Н.Новгород: Изд-во ННГУ, 2007.-С.197-202с.

ТАҲСИЛОТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ФАРҲАНГИ ТАНДУРУСТӢ

Мақола ба баррасии баъзе масъалаҳои ташаккули фарҳанги тандурустӣ ва таҳсилот бахшида шудааст.

Ба андешаи муаллиф, гурӯҳи калони муҳаққиқон, бо дарназардошти фаъолиятҳои соҳаи тандурустӣ, истилоҳи «валеология»-ро фаъолона истифода мекарданд. Онҳо гурӯҳи навбатии таҳқиқро анҷом доданд, ки дар асри XX пайдо шудаанд. Ҷанбаҳои гуногуни раванди ташаккули «фарҳанги арзишӣ», «маърифати арзишӣ» ва ғайраро таҳқиқ намуданд. Онҳо самараи омӯзиши назариявӣ ва педагогии мушкилоти ташаккули тарзи ҳаёти солим байни насли ҷавон, аз ҷумла донишҷӯён гардиданд.

Муаллиф зикр мекунад, ки дар илм масъалаҳои марбут ба фаъолияти фаъолона муҳокима ва таҳқиқ карда мешаванд. Бештар муҳаққиқ И.Г. Фихте ақидаеро исбот кард, ки предмет худро танҳо тавассути эҷоди ашёе муайян мекунад, ки аз берун ба он мухолиф аст ва ҳамзамон роҳи ягонаи ташкили он мебошад. Ба ибораи дигар, ба қавли И.Г. Фихте, ҷараёни эҷоди худпойдорӣ танҳо маънои зоҳирии воқеии худро дорад, зеро ин кумак менамояд, ки дар бораи худ инъикос ёбад. Дар асоси ин, метавон гуфт, ки шуур (аз ҷумла ҷузъҳои педагогӣ ва тандурустии он), ҳамчунин худи субъект, танҳо дар натиҷаи фаъолият барои сохтани объекти беруна пайдо мешавад ва вуҷуд дорад.

Дар ҷамъбаст муаллиф таъйид мекунад, ки таҳлили адабиёти фалсафӣ ва педагогӣ нишон медиҳад, ки эҷодкорӣ на танҳо бо эҷоди нав маҳдуд мешавад, балки дар навбати аввал аз қобилияти объекти фаъолият тавсеа ва амиқтар кардани қобилиятҳои дар табиат гузошташуда иборат аст. Мо таъкид мекунем, ки миқёси мушаххаси эҷодкорӣ, дараҷаи далерӣ, дар фарҳангҳои мухталиф дар замонҳои гуногун фарқ мекунад. Яъне, «қадами навоварӣ», чунон ки муҳаққиқ А.С. Ахиезер ин падидаи равониро номид, ҳамеша барои ҳар фарҳанг дар маҷмуъ ва фарҳанги педагогӣ хос аст.

Калидвожаҳо: ташаккули фарҳанги тандурустӣ, падидаи равонӣ, масъалаҳо, қобилиятҳо, табиат, фалсафа, педагогика, фарҳанги педагогӣ, эҷодкорӣ, фаъолияти фаъолона, фарҳангҳои мухталиф, омӯзиши назариявӣ, объекти беруна.

По мнению автора, большая группа исследователей активно использовала термин «валеология», рассматривая деятельность сферы здравоохранения. Они провели следующую группу исследований, появившуюся в XX веке. Исследовались различные аспекты процесса формирования «ценностной культуры», «ценностного воспитания» и других. Они стали результатом теоретико-педагогического изучения проблем формирования здорового образа жизни у молодого поколения, в том числе у студентов.

Автор отмечает, что вопросы, связанные с активной деятельностью, обсуждаются и исследуются в науке. Еще исследователь И.Г. Фихте доказал идею о том, что объект определяет себя только путем создания предмета, противоположного ему извне, и в то же время — это единственный способ его организации. Иными словами, по мнению И.Г. Фихте, процесс создания уверенности в своих силах имеет лишь смысл своего истинного облика, поскольку помогает задуматься о себе. Исходя из этого, можно сказать, что сознание (включая его педагогические и оздоровительные компоненты), как и сам субъект, возникает и существует только в результате деятельности по созданию внешнего объекта.

Резюмируя, автор подтверждает, что анализ философско-педагогической литературы показывает, что творчество не ограничивается только новым творчеством, а прежде всего состоит из способности объекта деятельности расширять и углублять заложенные в природе возможности. Подчеркнем, что конкретный масштаб творчества, степень смелости различны в разных культурах в разное время. То есть «ступень новаторства», как назвал это психологическое явление исследователь А.С. Ахиезер, всегда свойственна каждой культуре в целом и педагогической культуре.

Ключевые слова: формирование культуры здоровья, психологический феномен, проблемы, способности, природа, философия, педагогика, педагогическая культура, творчество, активная деятельность, разные культуры, теоретическое изучение, внешний объект.

ARTICLE EDUCATION AND PECULIARITIES OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF HEALTH CULTURE'

According to the author, a large group of researchers actively used the term 'valeology', considering the activities of the health care sphere. They conducted the following group of studies that appeared in the XX century. Various aspects of the process of formation of 'value culture', 'value education' and others were studied. They were the result of theoretical and pedagogical study of the problems of forming a healthy lifestyle in the young generation, including students.

The author notes that the issues related to active activity are discussed and researched in science. Even the researcher I. G. Fichte proved the idea that an object defines itself only by creating an object opposite to it from the outside, and at the same time - this is the only way to organise it. In other words, according to I. G. Fihte, the process of creating self-confidence has only the meaning of its true appearance, because it helps to reflect on oneself. Based on this, we can say that consciousness (including its pedagogical and health-improving components), as well as the subject itself, arises and exists only as a result of the activity of creating an external object.

Summarising, the author confirms that the analysis of philosophical and pedagogical literature shows that creativity is not limited only to new creation, but primarily consists of the ability of the object of activity to expand and deepen the possibilities inherent in nature. Let us emphasise that the specific scale of creativity, the degree of courage are different in different cultures at different times. That is, 'the stage of innovation', as the researcher A.S. Akhiezer called this psychological phenomenon, is always peculiar to each culture as a whole and to pedagogical culture.

Keywords: formation of health culture, psychological phenomenon, problems, abilities, nature, philosophy, pedagogy, pedagogical culture, creativity, active activity, different cultures, theoretical study, external object.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафаров Ширинҷон Қувваталиевич, муаллими калони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров-16.Тел.:985243069

Сведения об авторе: Сафаров Ширинджон Кувваталиевич, старший преподаватель Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г. Куляб, ул. С. Сафарова-16. Тел.:985243069

Information about the author: Safarov Shirinjon Kuvvatalievich, Senior lecturer at the Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S. Safarov St.-16. Тел.:985243069

ТДУ: 37,0+373+159.9 (075.3)
Ҳ-27

МАҚСАДГУЗОРӢ ВА ИҶРОИ АМАЛҲОИ ИРОДАВИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Ҳакимов С.М., докторанти PhD
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар ҳар як амали иродавӣ ду зинаро ҷудо кардан мумкин аст. Якумаш *зинаи тайёрӣ,* ки дар он мақсадро фаҳмида мегиранд, роҳу воситаҳои ба мақсад расиданро муайян намуда, қарор қабул мекунанд; дуюмаш *зинаи иҷрошаванда,* ки дар он қарори қабулшударо иҷро мекунанд.

Зинаи тайёрӣ - зинаи амали фикрӣ, мулоҳиза ва муқоисаи имкониятҳои гуногун мебошад. Ҳар як амали иродавӣ ҳамчун амали мақсаднок, ҳамеша аз гузориш ва равшан фаҳмидани мақсади амал сар мешавад. Пеш аз ба амал сар кардан фаҳмидан лозим аст, ки барои чӣ амал мекунем, дар натиҷаи амал чиро ба даст медарорем. Ғайр аз ин, бояд натиҷаи амали фикр кардашударо тасаввур кард.

Вале танҳо мақсад гузоштан кам аст. «Барои он ки амал ба вуҷуд ояд, лозим аст, ки барои ба мақсад расидан устуворона саъю кӯшиш намоем» [1, с. 48]. Фаҳмидани аҳаммияти мақсад низ хеле муҳим аст. Агар одам фаҳмад, ки мақсади гузошташуда аҳаммияти калони ҷамъиятӣ дорад, ӯ барои бартараф намудани душвориҳо қудрат пайдо мекунад.

Дастрас будани мақсадро фаҳмидан зарур аст. Гузоштани мақсадҳое, ки барои ин ё он одам дастрас нестанд, иродаи ӯро суст мекунанд, дар одам одати ба охир нарасонидани кори саркардаро пайдо мекунонанд. Дар айни замон, мақсадҳои ба осонӣ дастрасшаванда низ иродаро инкишоф намедиҳанд ва малакаи бо душвориҳо мубориза бурдан ва бартараф намудани монеаҳоро ҳосил намекунонанд. Мақсадҳои амалҳо бояд ба одам *дастрас бошанду* дар айни замон, барои ба мақсад расидан аз ӯ *кӯшишҳои муайянеро* талаб кунанд. Фақат ҳамин хел мақсадҳо рафтори дар ҳақиқат иродавиро муайян мекунанд.

Мақсади гузошташуда *наздик* ё *дур* шуда метавонад. Ба баъзе мақсадҳо хеле зуд муяссар шудан мумкин асту ба дигар мақсадҳо расидан баъзан тамоми умр лозим меояд.

Чаро одам дар назди худ ин ё он мақсадро мегузорад? Маълум аст, ки гузориши мақсад бесабаб шуда наметавонад. Барои одам танҳо донистани мақсади гузошташуда кам аст, инчунин бояд *маромҳоеро,* ки одамро барои ин тавр ё он тавр рафтор кардан маҷбур кардаанд, низ донист. Ниятҳое, ки одам ҳангоми дар назди худ гузоштани ин ё он мақсад ба роҳбарӣ мегирад, *маромҳои* амалҳо ном доранд. Одам ҳар як амалро барои *ягон чиз* (мақсад) ва бо *ягон сабаб* (маром) иҷро мекунад.

Аз хонандагони синфи 3 пурсидаанд: «Чаро шумо нағз мехонед?» Ҷавобҳо ҳар хел буданд. Хонандае чунин ҷавоб дод: «Ин вазифаи ман аст - падару модарам нағз кор мекунанд, ман ҳам бояд нағз хонам!». Дигараш гуфт: «Бад хондан айб аст!». Сеюмаш ҷавоб дод: «Ман мехоҳам аз ҳама беҳтар бошам. Падарам ба ман барои баҳои хуб кинопулӣ медиҳад!». Ҳам фаъолият, ҳам натиҷаҳои фаъолият якхелааанду маромҳои фаъолият гуногун

мебошанд.

Аз мисоли мазкур равшан аст, ки маромҳо дараҷаҳои гуногун доранд - *онҳо паст* (майли худбинӣ) ва *олӣ* (маромҳои характери ҷамъиятидошта, ҳиссиёти вазифашиносӣ) мешаванд. Албатта, маромҳои характери шахсидошта ҳам (саъю кӯшиши таъмин намудани некӯаҳволии худ, ҳиссиёти дилбастагии шахсӣ, хафагии шахсӣ ва ҳоказо) амалҳои одамро муайян карда метавонанд, вале инсони ҳақиқӣ маромҳои шахсиро ба манфиати ҷамъият муқобил намегузорад.

Мазмуни зинаи *тайёрии* амали иродавӣ вобаста ба он ки барои ба мақсад расидан монеаҳои дохилӣ ё берунӣ ҳастанд ё не, гуногун мешавад. Ҳангоми мавҷуд будани монеаҳои дохилӣ (тарс, танбалӣ, мондашавӣ, дард, одат ва эҳсосоти гуногуни барои иҷрои амалҳо халалрасонанда) зинаи тайёрӣ аксар вақт ба худ хусусияти *муборизаи маромҳоро* мегирад; дар сурати мавҷуд будани монеаҳои берунӣ (агар дар бораи муборизаи маромҳо сухан наравад) ин зина характери *ба нақшадарорӣ, интихоби тарзи амалро* мегирад.

Муборизаи маромҳоро шарҳ дода истода, қайд кардан зарур аст, ки ҳам муборизаи маромҳои дараҷаашон якхела ҷой дораду (бегоҳӣ барои ҳам ба тамошои филм ва ҳам ба театр рафтан як хел хоҳиш дорем, баъди хатми мактаб ҳам ба ронанда шудан розиву ҳам ба лоиҳачӣ шудан) ҳам муборизаи маромҳои дараҷаашон гуногун (ба тамошои кино равам ё дарс тайёр кунам?). Дар мавриди дуюм ба дараҷаи маромҳо сарфаҳм рафта, мароми дараҷааш нисбатан баландро афзал донистан лозим аст.

«Муборизаи маромҳо дар амали иродавӣ одатан ин муборизаи байни шууру ҳиссиёти вазифашиносӣ ва майлҳои ба вазифа муқобил мебошад» [8]. Ирода маҳз дар маҳорати ба иҷрои он чизе, ки ҳиссиёти вазифашиносӣ муайян мекунад, худро маҷбур намудан ва пахш карда тавонистани майлҳои ба вазифа муқобил зоҳир мешавад. Дар сурате, ки сухан дар бораи иҷрои кори зарур ё мехостагӣ меравад, мароми «зарур»-ро афзалтар донистан равост. Масалан, талабае ба муаллим дағалӣ зоҳир кард, аммо хатояшро эътироф намудану узр пурсидан намехоҳад. Рафиқи ӯ мекалавад, рафиқашро танқид кардан намехоҳад, вале оқибат маромҳои ҳиссиёти вазифашиносию масъулият маромҳои дӯстию рафоқати қалбакиро пахш мекунанду ӯ гунаҳкорро кушоду равшан маҳкум менамояд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар одами иродааш ахлоқан тарбияёфта ҳангоми иҷрои вазифа ҳеҷ гуна муборизаи дохилӣ ҷой надорад. Вазифа барои ин одам чунин мароме мебошад, ки он ҳар гуна калавишро барҳам медиҳад; фаҳмидани зарурияти ҷамъиятӣ доштани амал ҳар гуна имконияти бо вазифа зид баромадани одамро истисно мекунад.

Ҳангоми мавҷуд будани монеаҳои берунӣ, агар муборизаи маромҳо ҷой надошта бошад, зинаи тайёрии амали иродавӣ аз мулоҳизаи воситаҳои ба мақсад расидан, интихоби тарзи мушаххасии амал, ки барои ин ё он шароит бештар мувофиқ аст, иборат мешавад. Масалан, хонандаи синфи 3 қарор дод, ки модели қаторкӯҳеро созад. Ӯ пеш аз он ки ба кор сар кунад, фикр мекунад, ки моделро аз кадом мавод месозад ва онро аз куҷо ёфтан мумкин аст, чӣ гуна асбобҳо лозим мешаванд ва онҳоро аз куҷо бояд ёфт, кай ва дар куҷо маводро месозаду бо кӣ маслиҳат мекунад ва ҳоказо.

Зинаи тайёрии амали иродавӣ бо қабул намудани *қарори муайян* тамом мешавад.

Иҷрои қарори қабулшуда зинаи навбатӣ ва муҳимми ҳар гуна амали иродавӣ мебошад. Бе ин зина амали иродавӣ вуҷуд надорад. Албатта, ирода дар қабул намудани қарор ҳам зоҳир мешавад (ва он баъзан кӯшиши зиёдеро ҳам талаб карда метавонад), аммо ин ҳоло имкон намедиҳад, ки одамро боирода гӯем. Одаме, ки дар назди худ фақат мақсадҳои олимақом ва муҳим мегузораду фақат қарор қабул мекунад, вале онҳоро дар амал татбиқ намекунад, корро ба охир намерасонад, одами боирода нест.

Иҷрои қарор ду шакл дошта метавонад: шакли *амали берунӣ* (рафтори берунии иродавӣ) ва шакли *аз амали берунӣ худдорӣ намудан* (рафтори дохилии иродавӣ). Масалан, вақте ки талаба аз луқмадиҳӣ худдорӣ мекунад (вале хеле мехоҳад, ки ба рафиқаш ёрӣ расонад) ва хоҳиши ба калонсолон ҷавоби дағал доданро пахш мекунад, амали иродавӣ дар набудани худи амал ифода меёбад.

Агар одам худро аз роҳи пешбинишуда канор гирад ва бо ҳамин аз қарори

қабулшуда дур шавад, он гоҳ ӯ беиродагӣ зоҳир менамояд. Маълум аст, ки дар шароити тағйир ёфтани вазъият ва ба вуҷуд омадани ягон шароити нав, ки онҳо барои иҷрои қарори қабулшуда номувофиқ мегарданд, қарори қабулшударо бошуурона *рад кардан* ва амалро *боздоштан* зарур аст. Одами боирода бояд дар *мавриди зарурӣ* амали пешбинишударо рад карда, қарори нав қабул карда тавонад, зеро дар акси ҳол иҷрои он зуҳуроти ирода не, балки якравии бемаъно мебошад.

«Ба мақсад расидан натиҷаи амали иродавӣ мебошад» [3, с. 69]. *Мақсад иҷро ва душвориҳо бартараф карда шудаанд, акнун одам қаноатмандии маънавиро ҳис мекунад ва ба фаъолияти нав, ба сӯи муваффақиятҳои нав майл менамояд.*

Таҳлили амали иродавӣ барои ҷудо намудани як қатор сифатҳои иродавии одам, ки ҳар кадоми онҳо зуҳуроти алоҳидаи иродаро тавсиф медиҳанд, имконият медиҳад. *Мақсаднокӣ, қатъият, суботкорӣ, худдорӣ, мардонагӣ, ҷасурӣ, боинтизомӣ* - чунинанд сифатҳои ирода.

Мақсаднокӣ - *ин маҳорати рафтори худро ба мақсади устувори ҳаёт тобеъ кардан,* тайёру қатъӣ будан барои сарф намудани тамоми қувваю қобилияти худ баҳри адои он мақсад ва пайдарпаю бемайлон ба вуҷуд овардани он мақсад мебошад. Мақсадҳои хусусӣ ва вазифаҳои фаъолият ҳамчун зинаҳои зарурии роҳи ба мақсади асосӣ расидан аз ҳамин мақсади пешбинишуда сар мезананд. Ҳамаи чизи барзиёд ва нодаркор партофта мешавад.

Одамон фаъолияти худро ба вазифаи сохтмони ҷамъиятӣ тобеъ мекунанд. Аз ин вазифаи асосӣ миқдори зиёди вазифаҳои хусусии ба он тобеъ сар мезананд, ки онҳо фаъолияти мушаххаси ҳар як одамро муайян мекунанд.

Маълум аст, ки мақсаднокии мактаббачаҳои хурдсол на ҳамеша ба мақсади аҳаммияти калони ҷамъиятӣ доштагӣ равона аст. Бинобар ин ҳамон талабаро мақсаднок номидан мумкин аст, ки агар мақсади ӯ устувор буда, қиммати муайяни ҷамъиятӣ дошта бошад (ё ақаллан, ба манфиати ҷамъият муқобил набошад) ва худи ӯ ба сӯйи ҳамин мақсад мураттабу суботкорона қадам занад. Масалан, хонандаи синфи 3 ба сӯи мақсади худ - барои дар соҳаи варзиш унвони устоди варзишро гирифтан суботкорона кӯшиш макунад.

Мустақилӣ - *ин маҳорати рафтори худро ба фикру эътиқодҳои шахсии худ тобеъ карда тавонистан мебошад.* Одами мустақил ба кӯшишҳои ӯро ба амалҳои ба эътиқодаш мувофиқнабуда майл кунонидан, тан намедиҳад. Аммо ин чунин маъно надорад, ки ӯ аз ҳар гуна таъсири дигарон рӯ мегардонад. Одами мустақил ҳамеша барои дида баромадани маслиҳату нишондодҳои дигарон ва ба онҳо баҳо додан тайёр аст ва агар онҳо оқилона бошанд, ба қабул намуданашон низ омода аст. Дар сурате, ки ҳар гуна таъсири дигарон маҳз аз сабаби *бегона* буданаш инкор карда мешавад, ба ҳар чизи аз дигарон сарзада зиддияти беасос мушоҳида карда мешавад, сифати манфии ирода – *негативизм* - ошкор мегардад (аз калимаи лотинии «него» - инкор мекунам). Негативист ба мустақилии ирода, соҳиб нест. Ӯ ҳар чӣ бодо бод гуфта, бар қасди маслиҳатҳои дигарон ва ҳар гуна нишондод, аз ҷумла, ба инкор намудани нишондоди оқилона ҳам кӯшиш карда, аксар вақт ҳатто бар хилофи фикру эътиқодҳои худаш низ рафтор мекунад.

Талқиншавандагӣ, ки ба негативизм муқобил меистад, низ сифати манфии ирода мебошад. Одами талқиншаванда ба осонӣ ба таъсири одамони дигар фирефта мешавад, ба маслиҳатҳои бегона танқидона рафтор карда наметавонад ва дар мавридҳои зарурӣ ба онхо муқобилият нишон намедиҳад, ҳар гуна маслиҳатҳои бегона, ҳатто маслиҳатҳои дидаю дониста беасос гуфташударо қабул мекунад. Талқиншавандагӣ ва негативизм ифодаи сустиродагӣ мебошанд, зеро дар ҳар ду маврид ҳам одам рафтори худро ба далелҳои оқилона тобеъ намекунонад, дар ҳар ду маврид таъсири бегонаро кур-курона қабул ё инкор намуда, амал мекунад.

Қатъият - *ин қобилияти сари вақт қабул кардани қарори асосноку устувор ва бе таъхири зиёдатӣ ба иҷрои он шуруъ кардан мебошад.* Қатъият махсусан дар вазъияти мураккаб, дар мавриде, ки аз якчандто роҳи ҳал имконияти интихоб намудани яктоаш мавҷуд аст, дар он ҷое, ки амал бо хавфи муайян алоқаманд аст, равшан зоҳир мешавад.

Сари вақт қабул кардани қарор - ин маҳорати *дар лаҳзаи зарурӣ* ва мувофиқи талаби

шароит қабул намудани қарор мебошад. Одами қатъӣ дар сурати мусоид будани шароит барои қабул намудани қарор саросема намешавад. Ин ба одам имконият медиҳад, ки ба вазъият дурусттар сарфаҳм равад, ба он дуруст баҳо диҳад, маълумоти иловагӣ ҷамъ кунад ва ҳамаи имкониятҳоро муқоиса намуда, *қарори асоснок* қабул кунад. Вале чунин одам дар мавридҳои зарурӣ метавонад, ба вазъият зуд сарфаҳм равад ва бе таъхир қарори оқилона қабул кунад. Одамони бечуръат, баръакс, ё ҳамаи маълумотро ба инобат нагирифта саросема қарор қабул мекунанд ё дар қабул кардани қарор дер мемонанд.

Натиҷаи асоснокии қарор *қатъӣ ва устувории он* мебошад (агар вазъият дар оянда тағйир наёбад). Одами бечуръат ба дуруст будани қарори қабулкардааш боварӣ надорад. Ӯ ҳамеша қарори қабулкардаро аз нав дида мебарояд, иҷрои онро ба таъхир меандозад, қарорро бекор мекунад. Сари вақт ва боҷуръат *ба иҷрои қарор* шуруъ намудан нишонаи муҳимми қатъиятӣ мебошад. Одами бечуръат баъзан ҳатто баъди қабул кардани қарор ҳам ба ҳар як имконияти мавқуф гузоштани амал часпида, худро барои шуруъ намудан баҳри иҷрои он маҷбур карда наметавонад, барои ба таъхир гузоштани иҷрои қарор худашро бовар кунониданӣ мешавад. Қатъият ғайр аз ин, чунин маънӣ дорад, ки одам ҳангоми тағйир ёфтани вазъият иҷрои қарори қабулкардашударо зуд *нигоҳ медорад* ё тамоман *қатъ мекунад.*

Манбаи намудҳои гуногуни бечуръатии талабаҳо ҳар хел мебошад. Тарзи масъулият ва оқибати пешбининашуда, дар асоси як қатор бемуваффақиятҳои гузашта ба қувваю имкониятҳои худ гум кардани боварӣ ва ғайра мисоли чунин сабабҳо шуда метавонанд. Баъзан чунин бечуръатӣ натиҷаи тақрибаи нокифоя мебошад.

Суботкорӣ - *ин маҳорати то ба охир бурда расонидани қарори қабул кардашуда, дар роҳи он ҳар гуна монеаю душвориҳоро бартараф намудан ва ба мақсади гузошташуда ноил гардидан мебошад.* Суботкорӣ онро дар назар дорад, ки одам ба бемуваффақиятӣ ва мағлубиятҳои алоҳида нигоҳ накарда, бемайлон ба сӯи мақсад ҳаракат мекунад. Одами суботкор ҳангоми бемуваффақиятӣ руҳафтода намешавад, баръакс, ӯро қатъиятии боз ҳам мустаҳкам ба мақсади гузошташуда расидан фаро мегирад, барои ин ӯ роҳу воситаҳои нав меҷӯяд. Суботкорӣ махсусан дар мавриди душвор, дилгиркунанда ва вазнин будани кор равшан зоҳир мегардад.

Суботкорӣ яке аз шартҳои зарурии бомуваффақиятии кори таълимии талабаҳо мебошад ва тарбия додани он яке аз вазифаҳои муҳимтарини муаллим ба шумор меравад. Талабагоне, ки суботкор нестанд, дар натиҷаи ҳар гуна бемуваффақиятии хурд руҳафтода мешаванд, барои бартараф намудани душвориҳо кӯшиши ҷиддӣ зоҳир намекунанд, барои аз онҳо дур шудан ҳаракат мекунанд, бояд ҳамеша объекти диққати муаллим бошанд.

Якравиро ҳамчун сифати манфии ирода аз суботкорӣ фарқ кардан зарур аст. Одами суботкор ба сӯи мақсаде, ки характери мусбат доштанаш равшан аст, майл мекунад, одами якрав аз паси мақсадҳои бехирадона мешавад. Одами якрав аксар вақт ноҳақ буданашро мефаҳмад, ӯ инчунин медонад, ки амалҳояш ба мақсад мувофиқ нестанд, вале дар асоси хоҳиши ҳар чиро мувофиқи гуфтааш кардану гапашро гузаронидан нуқтаи назари хатои худро ҳимоя мекунад. Якравӣ танҳо воситаи рӯпӯш кардани сустиродагӣ мебошад, чунки одами якрав бар худаш ғалаба карда наметавонад, аз ӯҳдаи рад кардани амалҳое, ки хато буданашонро худаш ҳам мефаҳмад, баромада наметавонад.

Якравии мактаббачаҳои хурдсол зуд-зуд дучор шуда меистад ва сабабҳои гуногун дорад. Баъзан он дар шакли ба худ хоси ҷавоби бача нисбат ба муносибати беилтифот ва беадолат зоҳир мегардад. Якравӣ аксар вакт зуҳуроти инҷиқии бачаи эркае низ мебошад, ки ӯ дар шароити аз ҳад зиёд таърифкунӣ, дӯстдорӣ ва камталабӣ тарбия гирифтааст. Баъзан якравӣ, махсусан дар наврасон, натиҷаи нодуруст фаҳмидани ҳамин сифати ирода, натиҷаи ба якравӣ ҳамчун зуҳуроти матонат, собитқадамӣ, мустақилӣ баҳо додани онҳо мебошад. Ниҳоят, якравӣ натиҷаи аз ҳад зиёд мондашавӣ ҳам мебошад.

Худдорӣ — ин қобилияти худ ва рафтори худро ҳамеша назорат кардан, худ ва хоҳишу ҳиссиёти худро идора карда тавонистан мебошад. *Ин сифат қобилияти* аз зоҳир намудани амалҳое, ки дар шароити муайян нодаркор ё зарарнок ҳисоб меёбанд, худро нигоҳ дошта тавонистан, *ҳатто дар вазъияти мураккаб ва душвор ҳам* ботамкин монданро *дар*

*назар дорад. Чунин одам тобовар ва пурсабр аст. Ӯ қобилият дорад, ки дар мавриди за*рурӣ ба мусибат ва маҳрумиҳое, ки азоби ҷисмонӣ меоваранд, тоб оварад ва агар зарур шавад, талабҳои худро (гуруснагӣ, ташнагӣ, талаботи истироҳат ва ҳоказоро) боздорад.

Сифати ба худдорӣ муқобилу манфӣ *сабукӣ ва бетоқатӣ* мебошад. Ин сифатҳо дар рафтори мактаббачаҳои хурдсол дучор шуда меистанд. Масалан, Муслимро гирем. Ӯ ниҳоят бетоқат мебошад. Дар дарсҳо ҳатто ба таври барои худаш ногаҳонӣ луқма мепартояд. Муслим қодир аст, ки дар авҷи ҳаяҷон ба рафтори бемулоҳиза роҳ диҳад, ҳангоми мубоҳиса бениҳоят ба ҷӯш ояд. *Ӯ* серҳаракат мебошад. Дастонаш ором истода наметавонанд. Тайёр аст, ки дар ҳар лаҳза аз ҷояш ҷаста хезад. Ӯ охири калимаҳоро талаффуз накарда, саросема гап мезанад. Ба дард тоқат надорад: ӯ ягона, хонандаи синф буд, ки аз дарди на он қадар сахти доругузаронӣ рангаш канд ва гиря кард. Чунин талабаҳо бояд предмети махсусн диққати муаллим бошанд, бояд муаллим бо онҳо дар бораи парвариши хислати худдорӣ кори пай дар пай барад.

Худдорӣ ба андозаи калон ба худи муаллим ҳам лозим аст. Муаллими орому ба худ боварӣ дошта, бе зарурат овозашро баланд накунанда, дар ҳеҷ гуна вазъият худро аз даст надиҳанда ва худро идоракунанда, ҳамчун қоида, дар байни талабаҳо обрӯю эътибори калон дорад.

Мардонагӣ ва ҷасурӣ *- ин аз хавфи барои ҳаёт ва осудагии шахсӣ мавҷудбуда натарсида, мусибат, азият ва маҳрумиро бартараф карда, барои ба мақсад расидан тайёр будани одам аст.* Барои иҷрои амалҳои хавфнок тайёр будани одам хусусияти умумии ин ду сифат аст. Аммо мардонагӣ на танҳо мавҷудияти ҷасурӣ, балки инчунин мавҷудияти суботкорӣ, худдорӣ, хунсардӣ ҳангоми хавфи ба ҳаёт таҳдидкунанда, боварӣ ба худ ва ба дурустии кори худ ва дар роҳи ба мақсад расидан ҳатто ба қурбонӣ тайёр будани одамро дар назар дорад. Мардонагии ҷанговарони қаҳрамон, ки барои манфиати Ватани мо ҷонашонро қурбон кардаанд, маҳз ҳамин хел буд. Мардонагӣ дар ҳаёти осоишта, дар меҳнат ва дар фидокорӣ низ зоҳир шуда метавонад.

Тарсончакӣ сифати ба мардонагӣ муқобил ва манфӣ мебошад. Амалҳои одами тарсончакро ҳисси тарси ҷон идора мекунанд ва чунин одам дар натиҷа ба қарзи худ ба осонӣ хиёнат карда метавонад.

Боинтизомӣ *- ин ба қоидаҳои ҷамъиятӣ бошуурона тобеъ кунонидани рафтори худ мебошад.* Интизоми бошуурона дар он зоҳир мсшавад, ки одам худро бе маҷбуркунӣ барои риоя намудани қоидаҳои ҷамъиятӣ вазифадор мешуморад, на фақат қоидаҳоро иҷро ва тартиботро риоя мекунад, балки инчунин, барои аз тарафи дигарон ҳам иҷро карда шудани онҳо мубориза мебарад.

Боинтизомӣ завлонан ирода намебошад. Баръакс, ба қоидаҳо риоя намудан ва иҷро кардани супоришҳо иродаи одамро тараққӣ медиҳад, ӯро ба аниқ иҷро кардани вазифаҳо, ба бартараф намудани монеаҳои берунӣ ва дохилии дар роҳи мақсад дучоршаванда одат мекунонад, ба ӯ баҳри чизи «зарур» бартараф карда тавонистани «намехоҳам»-и худро ёд медиҳад. Албатта, дар ин ҷо сухан дар бораи интизоми ба тарс асосёфта ва фармонбардории кӯр-кӯрона не, балки дар бораи интизоми бошууронае меравад, ки одам ҳангоми ба он итоат кардан зарурати чунин итоаткуниро мефаҳмад. Интизоми хуб нишонаи аз ҳама аниқи мавҷудияти ирода мебошад.

Беинтизомӣ ва гапнодароӣ дар мактаббачаҳо, махсусан дар писарон бештар дучор шуда меистад. Ин ҳодисаро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки ба бачаҳои синни мактабӣ авҷи умумии ҳаёту фаъолият, дараҷаи баланди боғайратӣ ва фаъолӣ хос аст. Дар бачаҳо қуввахое ҷамъ мешаванд, ки онҳо ҷои сарф карданашонро меҷӯянд. Агар татбиқи оқилонаи фаъолӣ ва ғайрати бачаҳо ёфт нашавад, он гоҳ онҳо аксар вақт шӯх, ситезакор ва гапнодаро мешаванд. Беинтизомии мактаббачаҳои хурдсолро бо мавҷуд набудани одати ба қоидаҳои мактаб тобеъ намудани рафтори худ низ шарҳ додан мумкин аст.

Ҳамин тавр, дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ талқин ва ташаккул додани хусусиятҳои иродавӣ барои рушди ҳамаҷонибаи онҳо ҷиҳати амалҳои иродавӣ мусоидат менамояд.

Адабиёт:

1. Асосҳои психологияи умумӣ / Дар зери таҳрири Мустафоқулов Т. Душанбе; «Империал Групп» соли 2012, 422 саҳ.
2. Крутетский В.А. Психология. –М., Просвещение, 1980г.
3. Крутетский В.А. Психология математических способностей школьников. М., Просвещение, 1968г.
4. Ковалёв А.Г., Мясишев В.Н., Психические особенности человека, т.2. Способности. Издательство ЛГУ, 1960г.
5. Қодиров С, Давлатов М. Психологияи иҷтимоӣ. Душанбе; Сино 2004, 132 саҳ.
6. Қодиров Қ.Б., Давлатов М.Т., Расулов С.Х. Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ. Душанбе 2008.
7. Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика/ Зери таҳрири доктори илми филология Шарофиддин Рустамов. Душанбе «Маориф» соли 1988, 303 саҳ.
8. Мустафоқулов Т., Назруллоева М. Асосҳои психологияи синусолӣ ва педагогӣ. Кӯлоб 1993, 360 саҳ.
9. Миралиев А.М., Давлатов М. Педагогика ва психология. Душанбе, Ирфон 2007.
10. Омӯзиши курси этика ва психологияи ҳаёти оилавӣ/ Зери таҳрири Нарзуллоева М., Арабов И., Мустафоқулов Т. Душанбе; 1991, 119 саҳ.

МАҚСАДГУЗОРӢ ВА ИҶРОИ АМАЛҲОИ ИРОДАВИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Мақолаи илмии мазкур ба ташаккули сифатҳои иродавии одам, махсусан хонандагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст. Инкишоф ва рушду нумуи амалҳои иродавӣ ҳанӯз аз давраи ибтидои кӯдакӣ оғоз мешавад, ки амалҳои иродавии хонандагон барои муваффақ шудани онҳо дар ҷараёни таълим такони хеле ҷиддӣ мебахшад.

Муаллиф дар такя ба таҳқиқоти ҷомеашиносону равоншиносон ва педагогҳо ҷиҳати ҳамаҷониба ва саривақтӣ омодагии иродавии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим, муҳити оила ва муассисаи таълимиро шарти муҳимму асосии рушди ҳамаҷонибаи онҳо меномад.

Калидвожаҳо: мақсаднокӣ, қатъият, суботкорӣ, худдорӣ, мардонагӣ, ҷасурӣ, боинтизомӣ, сифатҳои ирода, мактаб, оила, хонандагони синфҳои ибтидоӣ, волидайн, муаллимони синфҳои ибтидоӣ, тарбияи сифатҳои маънавӣ-иродавии мактаббачаи хурдсол, хусусиятҳои иродавии мактаббачагони хурдсол, тарбияи иродавӣ, сифатҳои иродавӣ.

ПОСТАНОВКА ЦЕЛИ И РЕАЛИЗАЦИЯ ДОБРОВОЛЬНЫХ ДЕЙСТВИЙ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

Данная научная статья посвящена формированию волевых качеств личности, особенно учащихся начальных классов. Развитие волевых действий начинается с раннего детства, и волевые действия учащихся дают очень серьезный толчок к их успехам в учебном процессе.

На основе исследований социологов, психологов и педагогов автор называет всестороннюю и своевременную добровольную подготовку учащихся младших классов в образовательном процессе, семейной среде и образовательном учреждении важным и основным условием их всестороннего развития.

Ключевые слова: целеустремленность, решительность, настойчивость, выдержка, мужественность, смелость, дисциплинированность, волевые качества, школа, семья, учащиеся начального класса, родители, учителя начальных классов, воспитание духовно-волевых качеств младшего школьника, волевые особенности младших школьников, воспитание волевых качеств, волевые качества.

GOAL SETTING AND IMPLEMENTATION OF VOLUNTARY ACTIONS OF PRIMARY SCHOOL PUPILS

This scientific article is devoted to the formation of volitional qualities of the individual, especially primary school pupils. The development and advancement of volitional actions begins in early childhood, and volitional actions of pupils give a very serious impetus to their success in the educational process.

Based on the research of sociologists, psychologists and teachers, the author calls comprehensive and timely voluntary preparation of primary school pupils in the educational process, family environment and educational institution an important and basic condition for their comprehensive development.

Key words: determination, persistence, endurance, masculinity, courage, discipline, strong-willed qualities, school, family, primary school pupils, parents, primary school teachers, education of spiritual and strong-willed qualities of primary school pupils, education of strong-willed qualities.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳакимов Самариддин Мирзомудинович – докторанти PhD-и курси 1-уми ихтисоси педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ., ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров – 16. Тел.: 985969621, Поч. электронӣ: ansorianvar@mail.ru

Сведения об авторе: Хакимов Самариддин Мирзомудинович – докторант (PhD), 1 курса по специальности педагогика и психология Кулябского государственного университета имени Абуабдуллах Рудаки. Адрес: 735360, РТ., г. Куляб, ул. С. Сафарова - 16. Тел.: 985969621, электронная почта: ansorianvar@mail.ru

Information about the author: Hakimov Samariddin Mirzomudinovich – PhD doctoral student in the first-year course of pedagogy and psychology of Kulob State University named after Abuabdullah Rudaki. Address: 735360, RT., Kulob, st. S. Safarov - 16. Tel.: 985969621, email: ansorianvar@mail.ru

ТДУ:159.9+1702+172 (075.8)
Х-38

ТАҲЛИЛИ ПСИХОЛОГИИ СОХТИ ОИЛАҲОИ КУҲАН ДАР МУҚОИСА БА ОИЛАҲОИ МУОСИР

Хидирова М.М., докторанти PhD
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Оила ҳамчун рукни ибтидоии ҷамъият худ аз худ ба вуҷуд намеояд, балки дар асоси қонуниятҳои муайяне ташаккул меёбад. Агар ба таърихи пайдоиши оила назар кунем, онгоҳ мебинем, ки бо бавуҷудоии сохти муайяни ҷамъиятӣ, оила ҳамчун қисми таркибии ҷамъият шакл мегирад. Аз ин рӯ, ҷамъият аз маҷмуи оилаҳои зиёде ташкил меёбад ва ҳарчи қадар он устувор бошад, ҷамъият низ ҳамон қадар устувор мегардад. «Маълум аст, ки инсоният форматсияҳои гуногуни ҷамъиятиро аз сар гузаронидааст ва онҳо сохти общинаи ибтидоӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ ва сотсиалистӣ мебошад». [6, с 8] Ҳар як сохти дар боло номбаркардашуда, зимни қонуниятҳои муайянаш, базис ва надстройкаи махсусаш инкишоф меёбад. Тамоми сохторҳои таркибии ин форматсияҳои ҷамъиятӣ низ ба ҳамин қонуниятҳо итоат намуда, тараққӣ мекунад.

Оилаи тоҷик низ истисно намебошад ва он ҳам форматсияҳои ҷамъиятиро аз сар гузаронидааст.

«Мақсаду мароми асосии мардуми Тоҷикистон ин бунёди ҷамъияти демократӣ, ҳуқуқасос ва дунявӣ мебошад». [9, с. 26] Ҳамаи сохторҳои ҷамъияти имрӯза бояд ҳамин тавсифдиҳандаҳоро доро бошанд. Бинобар ин, оилаи имрӯза бояд ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз ҷиҳати мазмун тағйир ёбад ва мақсаду маромашро бо мақсаду мароми ҷамъият мувофиқ кунад.

Агар ба таърихи пайдоиши оила нигарем онгоҳ мебинем, ки одамони общинаи ибтидоӣ ба раванди зиёдшавии инсон зимни инстинктҳои худ амал мекарданд. Чунин ақида ҳам вуҷуд дорад, ки дар давраҳои аввали тараққиёти ҷамъият одамон дар гурӯҳҳои нисбатан хурди ноустувор муттаҳид мешуданд ва онҳоро бо мафҳуми тӯдаи одамон ифода менамуданд. Ҳайати ин тӯда аз 20-30 аъзои калонсол иборат буд. Дар байни ин гурӯҳҳои хурди ноустувор муносибатҳои бетартибонаи ҷинсӣ сурат мегирифт. Минбаъд, вобаста ба дараҷаи тараққиёти ҷамъият нигоҳ карда, муносибатҳои ҷинсӣ байни аъзои оила ба тартиб дароварда мешуданд. Ҳамин тавр, нақши мард ва ё зан ва инчунин мавқеи онҳо дар ташкили муносибатҳои оилавӣ баланд бардошта шуд. Ин ба он бурда расонд, ки барои дуруст ба роҳ мондани ташкили ҳаёти оилавӣ мафҳуми никоҳ пайдо шуд. Ин раванд зарурати таъсис намудани сохторҳои муайяни ҷамъиятиро пеш овард. Ин сохторҳо муносибатҳои байни ду ҷинс, байни волидайн ва кӯдаконро ба танзим медароварад.

Шакли якуми никоҳро гурӯҳӣ меноманд, ки мувофиқи он ҳамаи мардони як гурӯҳи иҷтимоӣ, шавҳарони занони дигар гурӯҳи иҷтимоӣ мешуданд.

Бо мурури пайдо шудани ҷамъияти синфӣ шакли никоҳ ҳам тағйир меёфт. Никоҳи гурӯҳӣ ба никоҳи устувори ягона ба якканикоҳӣ иваз шуд. Нақшҳои мард ва зан дар оила ба дигаргуниҳо дучор шуд. Таҳлили муносибатҳои оилавӣ дар давраҳои дигари форматсияҳои ҷамъиятӣ нишон дод, ки ду шакли ақди никоҳ ба амал омадааст: бисёрникоҳӣ ва якканикоҳӣ.

Бисёрникоҳӣ решаҳои муайяни таърихии худро дорад ва он дар давраҳои пайдоиши қабилаҳои авлодӣ мушоҳида мешавад. Махсусан, ҳангоми пайдоиши қабилаҳо боз ҳам равшантар мушоҳида мешавад. Табиӣ дониста мешуд, ки сарбози зӯр ва ё сайёди моҳир якчанд зан дошта бошад ва агар онҳоро таъмин карда тавонад. Ақди никоҳ дар байни қабилаҳои шикорчиҳо ва моҳидорҳо ҳам ба мушоҳида мерасид. Вақте ки ин қабилаҳо ба заминдорию хоҷагидорӣ мегузоштанд ва имкониятҳои моддии онҳо васеъ мешуд, онгоҳ шумораи бисёрникоҳӣ ҳам зиёд шудан мегирифт. Асосан дар Америкаи шимолӣ бисёрникоҳӣ бисёр паҳн шуда буд. Баръакс, бисёрникоҳӣ дар қабилаҳои минтақаи Осиё камтар мушоҳида мешуд, вале дар Африка дар шаклҳои ниҳоят васеъ зоҳир мегардид. Масалан, пешвоҳои қабилаҳои бузург даҳҳо зан мегирифтанд ва инро як ҳодисаи муқаррарӣ медонистанд.

Таҳқиқот муайян намуданд, ки дар Африка ҳодисаи бисёрникоҳӣ дар 88%-и мардуми заминдор ва 76%-и чорводор ва дар мардуми берун аз Африка дар 30%-и мардуми заминдор ва 57%-и чорводор мушоҳида шудааст.

Бояд қайд кард, ки ҳодисаи бисёрникоҳӣ ҳангоми гузариш ба ҷамъияти синфӣ низ боқӣ монд. Дар Мисри Қадим ва Вавилон гоҳ – гоҳ ба чашм мерасид, вале дар яҳудиҳо бештар дида мешуд ва ин аз маълумоти дар Инҷил омада далолат мекунанд. Дар Ҳиндустон ҳодисаи бисёрникоҳӣ чӣ дар даврони қадим ва гузашта иҷозат дода шуда буд ва он то асри XIX давом кард. Қариб 5%-и ҳиндуҳо ҳаёти бисёрникоҳиро доранд. Ҳамин ҳолат дар мардуми буддоиҳо низ дучор меояд. Насрониҳо дар ибтидо дар давраи асри миёнагӣ бисёрникоҳиро инкор намекарданд. Аз ин рӯ, бисёр шоҳҳо ва князҳо метавонистанд ду ва ё зиёда зан гиранд. Баъдтар тамоми намояндагони дини насронӣ ва тамоми сектаҳои гуногуни он ҳодисаи бисёрникоҳиро маҳкум менамуданд. Фақат баъзе сектаҳо аз қабили анабабтисҳо ва Мормонҳо такя ба Инҷил намуда, бисёрникоҳиро талқин менамуданд. Ин ҳама 7%-ро ташкил медод. Таҳқиқоти умумиҷаҳоние, ки доир ба динҳо гузаронида шудаанд, маълум намуданд, ки ягона дини дар масъалаи бисёрникоҳӣ устувор ин дини ислом аст. Китоби муқаддаси ӯ – Қуръон ба ин ё он мусулмон иҷозати гирифтани чор зани қонунӣ додааст. Ба ин шумора пешхизматҳо дохил намешаванд ва он метавонад дар мусулмонони алоҳидаи бой ба даҳҳо ва садҳо расад. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки ҳодисаи бисёрникоҳӣ дар байни мусулмонон ҳеҷ вақт шакли никоҳи асосӣ шуморида намешуд.

Сабаби асосии ба амал омадани бисёрникоҳӣ-ин вайрон шудани таносуби марду зан дар ҷомеа мебошад. Масалан, дар натиҷаи ҷангҳои байни қабилавӣ шумораи занҳо бо сабаби нобуд шудани мардҳо афзалият пайдо кард ва ин ба бисёрникоҳӣ замина мегузошт. «Ё худ мардони қабилаи мағлубшуда аз ҷониби ғолибон ба пуррагӣ несту нобуд мешуданд ва занони ин оилаҳо

ба ҳайси зан ва пешхизматҳои ғолибон мегаштанд. Ин ҳолат пеш аз ҳама дар мардуми Африқо дар миёнаи асри XIX дида мешуд». [1, с 45]

Дар баъзе давлатҳо вобаста ба вазъияти ба вуҷудомада қарори махсус қабул карда мешуд, ки мард метавонад ду зан гирад. Масалан, дар қабилаҳои Баҳаяи Африкаи ҷанубӣ дар сурати безурёт будани зан қароре қабул карда шуд, ки мард метавонад хоҳари хурдии занашро гирад ё худ ягон зани ниҳоят наздик ва ё хешу табори занашро гирад. Дар ин ҳолат зани якуми ӯ дар хонааш мемонад. Ин ҳолат аз нуқтаи назари иҷтимоию иқтисодӣ баҳо дода мешуд, зеро барои иҷро намудани корҳои зиёде дар хоҷагии ин оила қувваи кории зиёде зарур аст.

Дар баробари ин мушоҳида карда мешавад, ки марди хона занҳои худро ба хубу бад ҷудо мекард, бартарии якеашро бар дигараш ҳис менамуд ва ин дар ниҳоят ба пайдоиши низоъҳои гуногуни оилавӣ сабаб мешуд.

Дар адабиёти мавҷуда ҷиҳатҳои мусбати ҳаёти бисёрникоҳӣ низ қайд карда мешуд. Масалан, вақте ки мард сарватманд бошад ва бо ивази занаш боигарии зиёд диҳад, онгоҳ маълум аст, ки ҳаёти чунин занҳо бе камбудии моддӣ мегузарад. Чунин занҳо кам кор мекунанд, зеро ҳаҷми кор ҳангоми тақсимот маҳдуд мешавад. Дар ҳодисаи якканикоҳӣ баръакс аст, яъне ҳаҷми зиёди кор бар души як зан меафтад. Бинобар ин, сарватманд, ҳавасманди он мешавад, ки зани якум, дуюм ва ғайраро гирад.

Аз таҳлилҳои боло бармеояд, ки оила ба ташаккули он таърихи муайяни худро доштааст, вобаста ба давру замон ба дигаргуниҳо дучор омадааст ва баъзе унсурҳои он то ба ҳамин рӯз дар маданияти оиладорӣ боқӣ мондааст. Донистани андешаҳои дар боло гуфташуда доир ба масъалаи якканикоҳӣ ва бисёрникоҳӣ барои баҳо додан ба системаи муносибатҳои оилавии замони ҳозира ниҳоят муҳим аст.

Бояд қайд кард, ки оила дар асоси системаи муносибатҳои оилавӣ, яъне тарзи муносибати волидайни худ бо фарзандон бо дигар аъзои оила ташаккул меёбад. Ҳамин системаи муносибатҳо дар оила дар давраҳои гуногуни таърихӣ ҳар хел зоҳир мешаванд. «Таърих гувоҳ аст, ки оила давраи падаршоҳӣ ва модаршоҳиро аз сар гузаронидааст». [2, с 9] Ин давраҳо хоҳ нохоҳ ба фазои муошырати оилавӣ таъсири муайяни худро мегузоштанд. Масалан, дар давраи падаршоҳӣ, одатан мард сарвари оила мутлақи оила буд ва ҳамаи муаммоҳои оила аз ҷониби ӯ ҳалли худро меёфт. Агар ин ваъзиятро аз назари психологӣ таҳлил кунем, онгоҳ чунин манзара пайдо мешавад, ки ҳеҷ як аъзои оила ин ё он масъаларо мустақилона ҳал кардан наметавонад ва ҳама интизори дастури марди хона мешаванду халос. Агар оқибати инро тасвир кунем, мебинем ки дар ягон аъзои оила хусусияти мустақилона амал кардан, фикр намудан ва андешаро пешниҳод кардан ташаккул намеёбад. Чунин одамон дар ҳалли мушкилоти ба амал омадаи оилавӣ ба душвориҳо дучор мегарданд, пассивона ба ваъзияти пайдошуда тобеъ мешаванд ва дар ниҳояти кор чунин оила ҳамеша бо мушкилот ҳаёт ба сар мебарад.

Оилаи давраи модаршоҳӣ ба сохтори оила низ таъсир расонид ва ин пеш аз ҳама дар иҷрои нақшҳои иҷтимоии оила мушоҳида мешавад. Агар дар давраи падаршоҳӣ сарвари мутлақи оила мард бошад, онгоҳ дар давраи модаршоҳӣ ҳокимиятро дар оила зан ба ӯҳдаи худ мегирад. Чунин сохти идоракунӣ дар оила ба яктарафа ташаккул ёфтани хусусиятҳои психологии аъзои оила бурда мерасонад. Акнун саволе ба миён меояд, ки сохти кӯҳнаи оиларо чӣ ташкил медиҳад ва дар асоси кадом меъёрҳо ба он баҳо додан мумкин аст. Кӯшиш мекунем, ки ба ин масъалаҳо равшанӣ андозем.

Оила яке аз шаклҳои қадимтарини ҳаёти ҷамъиятии одамон мебошад. Оила ячейкаи ибтидоии ҷамъиятӣ буда, моҳиятан коллективи оддитарини одамон, воҳиди ҷамъиятӣ мебошад, ба никоҳ (яъне заношӯӣ) ва хеши хунӣ (яъне муносибатҳои байни зану шавҳар, волидону кӯдакон, бародарону хоҳарон ва ғайра) асос ёфтааст.

Оила на ба категорияи биологӣ, чунон ки сотсиологон даъво мекунанд, балки ба категорияи таърихию иҷтимоӣ мансуб аст. Никоҳ ва оила мафҳумҳои ҳаммаъно нестанд. «Оила иттиҳоди ихтиёрии одамон аст, ки таърихан чунон ки гуфта шуд, дар асоси никоҳ ва қаробати хунӣ ташаккул ёфтааст. Никоҳ бошад, танҳо асоси қонунии оиларо (яъне ҳуқуқи вазифа ва масъулияти ҳамаи аъзои оиларо нисбат ба ҳамдигар ва нисбат ба ҷамъият аз ҷиҳати маънавӣ ва

ҳуқуқӣ) ташкил менамояд». [8, с. 3] Оила дар асоси никоҳ ба вуҷуд меояд. Агар никоҳ асоси оила намебуд, таъкид намудааст К. Маркс моҳияи қонун намешуд (мисли дӯстӣ).

Назари биологии баъзе олимони соҳаи сотсиология ба мафҳуми никоҳ пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки онҳо никоҳро «иттифоқи ҳарифони аз ҷиҳати ҷинсӣ ба ҳамдигар хеле мувофиқ ва муносибатҳои оилавиро фақат маҳсули ғарази шаҳвонӣ меҳисобанд, ки ба як навъ ҳакими тамоми ҳаёти ҷамъиятӣ табдил меёбад» (Б.Г. Федоренко). Ҷиҳати хоси чунин тафсири мафҳуми никоҳ ва оила ҳамин аст, ки он аз моҳияти иҷтимоии оила сарфи назар мекунад вазифаи асосии иҷтимоии оила чунин аст: таваллуд, давом додани насли инсон, тарбияи фарзандон, ташкили маишат ва тартиби вақти холии аъзои оила. Дар оила муносибатҳои одамони гуногун омезиш меёбанд; муносибатҳои физиологӣ (муносибатҳои ҷинсӣ, тавлиди фарзандон), иқтисодӣ (муносибатҳои молу мулкӣ, рӯзгордорӣ), ҳуқуқӣ (масалан, қайди давлатии никоҳ), муносибатҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ (ҳисси муҳаббат, дилбастагӣ байни волидону фарзандон ва ғайра).

Характери муносибатҳои оилавӣ умуман бо чӣ муайян карда мешавад? Пеш аз ҳама ба тарзи истеҳсол, ки дар ҷамъият ҳукмронанд. Худи шакли оила ҳам ба сохти ҷамъиятӣ вобаста аст. Вобаста ба характери издивоҷ, оила номигамӣ (серникоҳа) ва моногамӣ (якникоҳа) мешавад. Характери ҳокимияти оилавӣ ба муносибатҳои оилавӣ таъсир мерасонад: оилаи падаршоҳиро падар ё яке аз бародарон, оилаи модаршоҳиро модар идора мекунад, оилаи «демократӣ» баробарии зану шавҳарро мефаҳмонад. Шаклу мазмуни оила баробарии тараққиёти ҷамъиятӣ, ки омили муайянкунандаи он тарзи истеҳсолот аст, тағйир меёбад.

Аз таҳлилҳои овардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар даврaҳои сохти ғуломдорӣ, феодалӣ ва капиталистӣ шавҳар ба зану фарзандон ҳукмрон буд, зеро онҳо ба ҳукми қонун аз ҷиҳати иқтисодӣ ба вай мутеъ буданд. Маълум мешавад, ки сохти нуқтаи оила ба ахлоқу қонунҳои динӣ бештар асос ёфтааст, ки мувофиқи онҳо зан ба шавҳараш бояд бечуну чаро итоат намояд ва ӯро дӯст дорад. Агар образнок карда гӯем, сохти куҳнаи оила чолакеро мемонад, ки бо чамбаракҳои бисёр: бо меъёрҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, динӣ, тобеияти иқтисодӣ ва ғайра васеъ шудааст. Сохти ҷамъияти имрӯза ин чамбаракҳои куҳнаро дарҳам шикаст. Ҳамин тариқ, сохти куҳнаи оила оилаи ҳукмравост, ки саробону сардори он шавҳар аст. Беҳуда нагуфтаанд, ки «зан бояд аз шавҳараш тарсад, сохтори имрӯзаи ҷамъият ба барҳам задани сохти куҳнаи ҳукмравои оила ибтидо гузошт ва дар осори он бо азобу уқубат сохти нави оила- оилаи мазмунан демократии ташаккулёфта истодааст.

Акнун муайян мекунем, ки сохти нави оила чи гуна бояд бошад ва онро чи тавр ташаккул додан мумкин аст. Бояд гуфт, ки дар давраи ташкилёбии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва солҳои баъди ҷанги шаҳрвандӣ, ҳарчанд табақаи гуногуни аҳолии аз ҷиҳати сиёсӣ ва маънавӣ нобаробар камол меёфт, шуури оммаи бузурги халқ бедор мешуд. Мушоҳида мешавад, ки шуури оммаи алоҳидаи мардон назар ба шуури занҳо дар ин давра ба дигаргуниҳо дучор шуд. Ба ҳама маълум аст, ки намояндагони дастаҳои гуногуни зиддидавлатӣ бо рафторҳои ғайриқонуниашон ба оила таъсири ниҳоят манфӣ расонданд. Онҳо даст ба ҷиноят зада, дар ҳар деҳае, ки зада медаромаданд, ба таври маҷбурӣ зани дуюму сеюмро мегирифтанд, духтарони ноболиғро ба ақди никоҳи худ медаровардand ва ё аъзои оиларо нобуд мегардонданд. Аз ҳама даҳшатнокаш он аст, ки оилаҳои аз минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ташкилёфта, вайрон мешуданд. Ин аз он хотир буд, ки яке аз ин минтақа ва дигаре аз минтақае буд, ки мувофиқи вазъи сиёсии он давра дар қутбҳои гуногуни муносибат буданд. Оилаҳо қатъи назар аз шумораи фарзандон ҷудо мешуданд.

Инак мо се даҳсола зиёд аст, ки ҷамъияти нав месозем. Тоҷикистонро зиёда аз 150 давлати ҷаҳон мешиносанд ва эътироф мекунанд. Нақши президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон дар инкишофдиҳии давлатамон ва дигар сохторҳои он ниҳоят бузург аст. То ба ҳамин рӯз аз ҷониби ӯ ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр қонун ва санадҳои ҳуқуқие қабул карда шудаанд, ки барои бунёди оилаи нави имрӯза мусоидат менамоянд. Сохти нави оила талаб мекунад, ки ҳамаи аъзои он бояд баробарҳуқуқ бошанд ва ҳамаи масъалаҳои пайдошуда бояд дар асоси қонунҳо ҳал карда шаванд. Имрӯзҳо мушоҳида мешавад, ки зани тоҷик дар ҷамъият мақоми хосро дорад ва дар тамоми соҳаҳои ҷамъият адои вазифа мекунад. Худи ташаббуси

президенти кишвар дар хусуси баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа ва ба ин хотир ҷалб намудани духтарони ноҳияҳои дурдаст ба таҳсил дар донишкадаю донишгоҳҳои олӣ аз рӯйи квотаи президентӣ гувоҳи ин гуфтаҳост. Пас маълум мешавад, ки ҳаёти шахсии занҳо ҳам ба кулли тағйир ёфта истодааст.

Чӣ тавре, ки мебинем, дар даҳсолаи аввали ташкилшавии давлати демократии Тоҷикистон шакли сифатан нави муносибатҳои оилавӣ ба амал омада истодаанд. Ба назар мерасад, ки ба ҷои оилаи ҳукмраво оилаи нави «демократӣ» пайдо шуда истодааст. Акнун асоси иҷтимоии шакли нави оиларо иттифоқи демократии зану шавҳар ташкил медиҳад. Чунин иттифоқ, масалан, байни лётчик ва муаллима, духтур ва матбаачизан, олим ва машинистка ва дигарҳо баста мешавад.

Дар баробари ин, хусусиятҳои зиддиятҳои дохили оилавӣ низ мураккабтар гардид, ки ин ба устувории никоҳи оила ҳам таъсир расонд.

Ба ин муносибат метавон гуфт, ки баъзе одамон нисбат ба муҳаббат, никоҳ ва оила ақидаи комилан ғалатро доранд ва гӯё онҳо масъалаи соф шахсӣ бошанд ва ба хости ҷамъиятӣ алоқаманд нестанд. Бо ин андеша розӣ шудан мумкин нест. Ин андешаҳо боқимондаҳои замони куҳна мебошанд. Албатта, муҳаббат ва оила аз нуқтаи назари муносибати тарафайни одамон кори соф шахсӣ мебошад, ки дахолати каси дигарро ҳаргиз намепарварад. Дар баробари ин имрӯз ҷамъияти мо нисбат ба фаъолияти оила ҳаргиз бепарво буда наметавонад. Бинобар ин ҷамъияти мо ба оила ёрӣ мерасонад. Ин фикрҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки якчанд моддаҳои он ба масъалаҳои зикркардаи мо бевосита дахл доранд, пурра ифода ёфтаанд. Дар Конститутсия дар бораи оила ғамхорӣ намудани ҷамъияти имрӯза равшан нишон дода шудааст. Вазифаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ дар ин соҳа ҳарҷониба инкишоф додани таҳқиқот аст.

Сотсиологҳо оиларо ҳамчун ташкилоти муҳимми сотсиалӣ меомӯзанд. Психологияи сотсиалӣ, оиларо ҳамчун гурӯҳи хурд таҳқиқ мекунад, ки устувории он ба муносибатҳои аъзои он, ба мувофиқати психологии онҳо вобаста мебошад. Илми ҳуқуқшиносӣ меъёрҳои ҳуқуқии муносибат ва вазифаҳои аъзои оиларо меомӯзад. Оиларо иқтисодчиён, ҳангоми ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои гуногуни хоҷагии халқ низ меомӯзанд, олимони тиб низ ба омӯзиши оила мароқ доранд, онҳо ҷиҳатҳои физиологии муносибатҳои байни зану шавҳарро таҳқиқ мекунанд. Ба оила педагогика ҳам диққати калон медиҳад, зеро имрӯз комилан равшан аст, ки дар тарбияи насли наврас вай чун мактаб нақши калон мебозад. Меъморон ҳам ба оила аҳаммият медиҳанд, зеро онҳо ҳангоми лоиҳакашии биноҳои истиқоматӣ аъзои оила ва ҳайати онро ба ҳисоб мегиранд. Демография низ дар омӯхтани оила нақши намоён мебозад, зеро он оиларо ҳамчун яке аз ҷузъҳои мутамарказ гардонидани аҳолӣ таҳқиқ менамояд. Дар афзоиши аҳолӣ, ки барои ҷамъият хеле зарур аст, маҳз оила нақши асосӣ мебозад. Демографҳо, манфиати давлатро ба асос гирифта кӯшиш мекунанд, ки тағйироти никоҳ ва талоқро муайян намоянд ва барои мустаҳкам шудани оила ва афзудани таваллуд тавсияи асоснок диҳанд.

Аз муҳокимаҳои дар боло овардашуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки имрӯз барои мустаҳкам шудани оила ёрии илм зарур аст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар асри XXI оила ба тағйироти гуногун гирифтор шуда истодааст. Хусусан дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ шумораи оилаҳои ҷудошуда ниҳоят зиёд шуд. Бояд қайд кард, ки давоми мавҷудияти никоҳи моногамӣ (якканикоҳӣ) адади ҷудошавӣ ё худ талоқ ба дараҷае баланд афзуда буд, чуноне дар замони мо афзудааст. Ҳамин тавр, шумораи талоқ зиёд шуда истодааст. Баъзе муҳаққиқон исрор мекунанд, ки баъди вайрон шудани оила ахлоқи одамон ҳам вайрон мешавад ва ба танҳоӣ одат мекунанд. Албатта, ин андешаҳо агар аз як ҷиҳат дуруст бошанд, аз ҷиҳати дигар нодурустанд. Барои устувор будани оила аъзои онро бояд маърифати оиладорӣ омӯхт ва сатҳи тафаккури онҳоро вобаста ба замон баланд бардошт. Барои амалӣ гаштани масъалаҳои зикршуда, илми психология саҳми муайян гузошта метавонад.

Адабиёт:

1. Алёшина Ю.С. Индивидуальное семейное психологическое консултирование – М,1994

2. Антониян Ю.М. Ткаченко А.А. Сексуальные преступление.- М.,1994

3. Васильева Э.К. Образ жизни городский семейных М.,1981
4. Данилова С.С. Проктическое руководство «детский тест» рисуночной фрустрасии С., Розенцвага.- М.,1992
5. Заценин В.И. О жизни супружеской, М.,1978
6. Қодиров С., Давлатов М.Т. Психология.-дастури таълимӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ.- Душанбе. Сино, 2002
7. Қодиров С., Давлатов, М.Т. Психологияи иҷтимоӣ.- Душанбе. Сино 2004.
8. Маҳмудов М.А., Шарипов Т.Ш. Оила дар ҳифзи қонун.- Душанбе, 2001-3.8-21
9. Маҳмудов М.А., Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳамсарон дар оила.- Душанбе, 2003
10. Меликсетиян А.С., Имрӯзу фардои оила (мутарҷим Акрамов С).-Душанбе, Маориф, 1986. С.80

ТАҲЛИЛИ ПСИХОЛОГИИ СОХТИ ОИЛАҲОИ КУҲАН ДАР МУҚОИСА БА ОИЛАҲОИ МУОСИР

Таҳияи мақола ба масъалаи муҳимми сохти психологии оилаҳои муосир ва оилаҳои куҳан бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар мақолааш вобаста ба оилаҳо дар 5 давраи таърихӣ: ҷамъияти обшинаи ибтидоӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ ва сотсиалистӣ маълумоти муфассал додааст, ҳамзамон оилаҳоро ба навъҳо ҷудо намудааст.

Тавре муаллиф қайд мекунад, оила ячейкаи ибтидоии ҷамъиятӣ буда, моҳиятан коллективи оддитарини одамон, воҳиди ҷамъиятӣ мебошад, ба никоҳ (яъне заношӯӣ) ва хеши хунӣ (яъне муносибатҳои байни зану шавҳар, волидону кӯдакон, бародарону хоҳарон ва ғайра) асос ёфтааст.

Муаллиф дар такя ба пажуҳишҳои ҷомеашиносону равоншиносон таъкид кардааст, ки дуруст, ҳамаҷониба ва саривақтӣ омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар оила ва муассисаҳои таълимӣ шарти муҳим ва асосии мустаҳкам, пойдории издивоҷ ва аз ин рӯ, пойдории давлату ҷомеа мебошад.

Калидвожаҳо: ҷавонон, оила, оилаҳои куҳан, оилаҳои муосир, ақди никоҳ, талоқ, ихтилофот, омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ, асосҳои равонӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии омодасозии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, муоинаи тиббӣ.

ПСИХОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СТРУКТУРЫ ДРЕВНИХ СЕМЕЙ В СРАВНЕНИИ С СОВРЕМЕННЫМИ СЕМЬЯМИ

Статья посвящена актуальной проблеме психологической структуры современной и древней семьи. В ней исследователь приводит подробные сведения о семьях в пяти исторических периодах: первобытном, рабовладельческом, феодальном, капиталистическом и социалистическом обществе, а также подразделяет семьи на типы.

Как отмечает автор, семья – первичная ячейка общества, по сути, простейший коллектив людей, социальная ячейка, основанная на браке (т.е. супружестве) и кровнородственных связях (т.е. отношениях между мужем и женой, родителями и детьми, братьями и сестрами и т.д.).

Опираясь на исследования социологов и психологов, автор подчеркивает, что правильная, всесторонняя и своевременная подготовка молодежи к семейной жизни в семье и образовательных учреждениях является важным и основополагающим условием прочности и устойчивости брака, а следовательно, и стабильности государства и общества.

Ключевые слова: молодежь, семья, древние семьи, современные семьи, брак, развод, конфликты, подготовка к семейной жизни, психологические, экономические и правовые основы подготовки молодежи к семейной жизни, медицинское обследование.

PSYCHOLOGICAL ANALYSIS OF THE STRUCTURE OF OLD FAMILIES IN COMPARISON WITH MODERN FAMILIES

The article is devoted to the current problem of the psychological structure of the modern and ancient family. In it, the researcher provides detailed information about families in five historical periods: primitive, slave, feudal, capitalist and socialist society, and also divides families into types.

As the author notes, the family is the primary unit of society, essentially the simplest collective of people, a social unit based on marriage (i.e. matrimony) and consanguineous ties (i.e. relationships between husband and wife, parents and children, brothers and sisters, etc.).

Based on research by sociologists and psychologists, the author emphasizes that correct, comprehensive and timely preparation of young people for family life in the family and educational institutions is an important and fundamental condition for the strength and stability of marriage, and, consequently, the stability of the state and society.

Key words: youth, family, old families, modern families, marriage, divorce, conflicts, preparation for family life, psychological, economic and legal foundations of preparing young people for family life, medical examination.

Маълумот дар бораи муаллиф: Хидирова Меҳрона Менгликуловна – докторанти PhD-и курси 1-уми ихтисоси педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ., ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров – 16. Тел.: 939291648, Поч. электронӣ: ansorianvar@mail.ru

Сведения об авторе: Хидирова Мехрона Менгикуловна – докторант (PhD), 1 курса специальности педагогика и психология Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ., г. Куляб, ул. С. Сафарова - 16. Тел.: 939291648, электронная почта: ansorianvar@mail.ru

Information about the author: Khidirova Mehrona Mengliqulovna – PhD doctoral student in the first-year course of pedagogy and psychology of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, RT., Kulob, st. S. Safarov - 16. Tel.: 939291648, email: ansorianvar@mail.ru

ФИЛОЛОГИЯ

ТДУ: 323.1(075.8)
С-36

БОЗТОБИ СИМОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММАИ ХОРИҶӢ

Сафарзода М.А., н.и.ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Охири солҳои 90-ум Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои барҳам задани стереотипҳо дар бораи давлат ҳамчун кишвари ҷангзада, нашъаҷаллоб, сулҳи ноустувор тасмим гирифт, ки тавассути маҷаллаи «Огонёк» симои Тоҷикистони баъдиҷангиро ба ҷаҳониён муаррифӣ кунад. Дар он шумораи маҷалла, ки зери унвони «Мир дому твоему, Таджикистан» («Сулҳ ба хонаи ту, Тоҷикистон») рӯйи чоп омад, аз сиёсати дарҳои бози Тоҷикистон, зебоиҳои табиат, фарҳанги ғанӣ сухан рафтааст. Маҷаллаи «Огонёк» миёни давлатҳои ИДМ мавқеи хосса дошта, дар амалии ҳадафҳо бетаъсир намемонад. Гарчанде «он ҳама маъмулан бо талоши сохтани симои мусбати кишвар дар Русия ва паҳнои шуравии собиқ маҳдуд мешуд» [19], вале барои кишвари мо, ки акнун ба симосозӣ рӯ меовард, ин қадами устуворе буд ва соли 2001-ум шумораи дигари «Огонёк»-ро Тоҷикистон харидорӣ намуду то ҳадде аз худ ҳамчун давлати соҳибистиқлол ва рӯ ба рушд дарак дод. Дуруст аст, ки «Ҳар як кишвар саъй мекунад, ки то ҳадди имкон дар бораи он маълумот дошта бошад, то ин маълумот то ҳадди имкон пурра, гуногунранг ва мусбат бошад: дар ниҳоят, маҳз ҳамин равиш ба ташаккули тасвири ҳамаҷонибаи вазъи иҷтимоию сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ин ё он кишвар мусоидат мекунад, ки ба рушди муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳам дар сатҳи байнидавлатӣ мусоидат мекунад». [7, с. 122] Тоҷикстон ҳам аз ин зумра истисно нест ва барои роҳ ёфтан ба ВАО-и хориҷӣ минбаъд қадамҳои боз ҳам устувортар гузошт.

Ҳузури рӯзноманигорони хориҷӣ ба Тоҷикистон ва чопи навиштаҳои онҳо яке паси дигар пайдо шудан гирифт. Китоби ду рӯзноманигори рус Владимир Сухомлинов ва Генадий Шалаев бо номи «Дорога к согласию» («Роҳ ба сӯйи созиш») намунае аз чунин асарҳост. Он очерк дар бораи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон буда, дар муаррифии Тоҷикистон бетаъсир нест. Аз ҷумла, муаллифон навиштаанд: «Умуман, Тоҷикистон ганҷинаи табиат аст. Ин ҷо тамоми унсурҳои ҷадвали Менделеев вуҷуд дорад, - боз кӯҳ-кӯҳ. Мисол, кӯҳи Хоҷа Муъмин яклухт кони намаки ошист. Ва намакаш ончунон фаровон аст, ки агар онро ба рӯйи замин паҳн бикунед, намаки тоҷик болои тамоми курраи арз ва баҳру уқёнусҳоро мисли қабати барф бо 10-сантиметрӣ рӯпӯш мекунад». [7, с. 74] Дар баробари ин, расму русум, хислатҳои вижа, фарҳангу таърих ва урфу одати тоҷикон, мавқеъгирии Тоҷикистон аз нигоҳи географӣ, талошҳои сарвари давлат барои некуаҳолии кишвар ва рушди ҳамаҷонибаи давлат мадди назари муаллифон қарор гирифтааст, ки дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон бетаъсир намемонанд. Аммо миёни анбуҳ иттилои манфӣ дар бораи Тоҷикистон ин саъю талошҳо ночиз ба назар мерасанд.

Кӯшиши дигар дар самти муаррифии Тоҷикистон ин ролики таблиғотӣ (дар ҳаҷми 30 сония) мебошад, ки дар шабакаи телевизионии «Euronews» аз 25-уми август то 9-уми сентябри соли 2011 пахш гардидааст. Ролики мазкур барои ҷашни 20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ширкати алюминийбарории ТАЛКО як навъ «туҳфа» будааст.

Мусаллам аст, ки бо гузашти солҳо имрӯз ВАО-и байналмилалӣ дар бораи Тоҷикистон сухан гуфтанро дареғ намедоранд. Мусбат аст ё манфӣ – чизе гуфта мешавад. Ин аз он далолат мекунад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз нисбат ба Тоҷикистон бетафовут нест. Махсусан, амалҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз оинаи воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ дур наемонад: ташаббусҳои сатҳи байналмилалӣ оид ба об, устуворӣ дар

идомаи сохтмони НБО-и «Роғун», напазируфтани ҳокимияти толибон дар Афғонистон, дастфишории Трамп аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон аз сархати хабарҳои ВАО-и ҷаҳонӣ канор намондааст. Дар баробари воситаҳои ахбори оммаи минтақа «васоити ахбори оммаи Аврупо, ба монанди медиа-холдинг ва шабакаҳои телевизионии «Euronews», «Big Media Group», нашрияи «The European Times», маҷаллаи Парлумони Аврупо «EP Today», медиа-холдинги бонуфуз «New Europe», маҷаллаи дипломатии Шоҳигарии Нидерландия «Diplomat Magazine» ва маҷаллаҳои умумиаврупоии «Diplomatic World» ва «The Brussels Times», маркази таҳқиқотии «Knowledge Center» ва нашрияи он «Knowledge Center Review» барои ҳарчи бештар намоиш додани иқтидори иқтисодӣ, энергетикӣ, сармоягузорӣ ва сайёҳии кишвар, сиёсати дохиливу хориҷӣ ва пайдо намудани андешаҳои мусбии шаҳрвандони Аврупо нақши калидиро мебозанд. [5]

Хабари сенсотсиёние, ки боиси дар расонаҳои дунё гардиш кардани «жест»-и Эмомалӣ Раҳмон ба Трамп гардид, дастфишории президенти ИМА аз ҷониби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки дар саммити сарони давлатҳо дар пойтахти Арабистони Сауди Ар-Риёд (21.05.2017) ба вуқуъ омад. Баъзеҳо Эмомалӣ Рахмонро рақиби арзандаи Трамп номида, гурӯҳи дигар ин имову ишора (жест)-ро як навъ посух ҳисобиданд. [21]

Дар муаррифии кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ шахсиятҳо мавқеи калидӣ доранд. Махсусан, чеҳраҳо ва пешвоёни сиёсӣ симои давлат ҳисобида мешавад. Онҳо муносибат, рафтору гуфтор ва амалҳои сарвари давлату миллатро муаррифӣ мекунад. Ба ин мазмун гуфтан мумкин аст, ки имиҷи ҳар президент имиҷи давлати ӯст. Дар баробари президент, тамоми чеҳраҳои муваффақи соҳаҳои гуногуни ҳаёт, аз ҷумла сиёсатмадорон, варзишгарону фарҳангиён миллату давлатро муаррифӣ карда метавонанд. Муваффақияту дастовард ва амалҳои ватандӯстонаашон таваҷҷуҳи воситаҳои ахбори оммаи минтақаву ҷаҳонро ба худ ҷалб мекунад. Масалан, дастоварди Мавзуна Чориева дар Олимпиадаи Лондон – 2012 ва бо либоси миллии чаканӣ барои қабули медали олимпада баромадани ӯ, амали ғайричашмдоште буд, ки дар миёни анбуҳи иттилоот Мавзуна бо гулдӯзиҳои тоҷиконааш ҷилва менамуд. То имрӯз симои ин варзишгарбонуи тоҷик, ки идеали чандин варзишгардухтарон гардидааст, дар расонаҳо чун намояндаи кишвар мавқеъ дорад. Ҳамин тавр Расул Боқиев, Дилшод Назаров, Темур Раҳимов, Сомон Маҳмадбеков, ки аз чеҳраҳои муваффақи варзиши тоҷиканд, дар воситаҳои ахбори оммаи минтақаи ИДМ бо сарфарозӣ муаррифӣ гардидаанд.

Дар самти фарҳанг низ чеҳраҳои мусбати муаррификунандаи тоҷикон кам нестанд. Фаррух Ҳасанов ва Ясмина Алидодова аз зумраи чунин истеъдодҳоянд, ки яке дар шоу-озмунҳои телевизионии Русия («Ну-ка, все вместе!») ва дигаре дар Дубай («X Factor») аъзои ҳакамонро тасхир карданд. Махсусан, баромадҳои муваффақона ва охиран, ғолибияти Фаррух Ҳасанов дар озмуни машҳури телевизионии «Ну-ка, все вместе!»-и шабакаи «Россия 1» [12] тули чанд моҳ аз сархати хабарҳои Русияву Тоҷикистон канор намонд. Махсусан, сухани Фаррух ҳангоми ба даст овардани ғолибият – Ман мехоҳам, дунё донад, ки тоҷикон на танҳо сохтмончианд, балки тоҷикон истеъдоди воло ҳам доранд – шунавандагонро ба ваҷд овард. Садо додани ин гуна суханон аз забони як шаҳрванд дар лаҳзаи ҳассостарин аз ҳувияти миллӣ ва ҳисси ватандӯстӣ дарак медиҳад. Пешвозгири Фаррух Ҳасанов дар фурудгоҳи шаҳри Душанбе аз ҷониби муовини раиси шаҳр, муовини раиси Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон ва дигар масъулин, ки нишони эҳтиром нисбати сармояи инсонӣ дар кишвар аст, дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон бетаъсир наметонад. Баъди ин, дастовард номи Фаррух Ҳасанов дар сархати хабарҳои ВАО-и давлатҳои ИДМ қарор гирифт, зеро миёни 64 нафар рақибон аз давлатҳои гуногун ғолиб омада буд. Аз ҷумла, сомонаи овозадори Русия «Комсомолская правда» зери унвони «Победитель телешоу «Ну-ка, все вместе!» получил приз 5 миллионов рублей: «Потрачу на карьеру и на родителей» [14] маводи калонҳаҷме чоп карда, Фаррух Ҳасановро муаррифӣ намуд.

Агар ҳадафи кишвар аз роҳ ёфтан дар воситаҳои ахбори оммаи ҷаҳонӣ шаклдиҳии имиҷи мусбати давлат бошад, пас дар ин самт ба назар гирифтани ташаббусу ҳамкорӣ ва сарфи маблағ ба манфиати кор аст. Дар акси ҳол муаллифони барнома он чиро инъикос мекунанд, ки мебинанд, барои инъикос мавзеъ ва макони арзандаи намоишро намеҷӯянд,

яъне ҳадафи таблиғотӣ аз миён меравад. Чунончи солҳои 2006 ва 2008-ум дар барномаи «Вокруг света»-и «СТБ» (шабакаи телевизионии умумимиллие, ки узви медиагурӯҳи бузурги **StarLightMedia**-и Украина) ин вазъ ба амал омад. Гарчанде дар ду бахши ин барнома сухан аз таърихи қадимаву ғании Истаравшан **[10]** ва пойдории расму русуми мардумии минтақаи Бадахшон мерафт, аммо Михаил Кажухов Тоҷикистонро як кишвари қашшоқ, ки даромаднокии асосиаш аз ҳисоби муҳоҷирон аст, муаррифӣ менамуду гӯё бо ҳасрат сухан мегуфт, ки ин шаҳрҳои қадима имрӯз вазъи табоҳ доранд. **[9]** Барномаи мазкур тамошобинони зиёд дошта, тавассути шабакаҳои телевизионии Русия ва шабакаи умумиҷаҳонии интернет низ ба намоиш гузошта шуд. Бо чунин руҳия инъикос намудани симои кишвар роҳбарияти ҳукуматро бетараф нагузошт, ки «**с**оли 2011 дар арафаи таҷлили ҷашни Наврӯз Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ бо дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ ба мақсади тарғибу ташвиқи мавзеъҳои диданбоби мамлакат ҳайати эҷодии шабакаи байналмилалии ВГТРК «Россия-2»-ро иборат аз 3 нафар таҳти роҳбарии журналисти маъруф, муаллифи барномаи сайёҳии «Моя Планета» Андрей Панкратов ба Тоҷикистон даъват намуд. Гурӯҳи мазкур тайи 14 рӯз доир ба манзараҳои зебо ва расму оини мардуми тоҷик силсилаи филмҳои тарғибӣ ба навор гирифт. Ин филмҳо чандин маротиб тавассути шабакаҳои «Моя Планета», «Россия-24» ва «Россия-2» намоиш дода шуданд» [18]

Омадани Андрей Панкратов ба ҷашни миллии тоҷикон – Наврӯз, ки имрӯз чун бренди миллӣ шинохта мешавад, рост омад. Чунончи муҳаққиқони тоҷик навиштаанд: «Яке аз заминаҳои иҷтимоии рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон эҳё ва таҷлили бошукӯҳи Иди байналмилалии Наврӯз маҳсуб меёбад. Ба ин мазмун метавон Наврӯзро бренди сайёҳии кишвар номид. Дар мавсими ин ҷашн ташкил намудани саёҳати наврӯзӣ анъана шуда, сайри кӯҳу дара, боздид аз ҷойҳои таърихӣ, мавзеъҳои дорои табиати зебо далолат аз он мекунад, ки ин ҷашн хусусияти саёҳатию фароғатӣ низ пайдо кардааст. Ин омилро метавон хусусияти этнографӣ – таърихӣ - фарҳангӣ ё саёҳатии Наврӯз номид». [3, с. 68]

Воқеан чунин хусусиятҳои Наврӯз имкон дод, ки Панкратов тамоми нозукиҳои ҷашнии онро тариқи навор инъикос намояд. Дар филм рӯзноманигор ҳама расму оинҳои наврӯзӣ (гӯштингирӣ, аспсаворӣ, суманакпазӣ, сурудҳои наврӯзӣ)-ро бо нозукиҳоияш инъикос карда, бевосита дар мусобиқаи гӯштини миллӣ иштирок мекунад, бо мардум мерақсад, суруд мехонад, хӯрок мепазад, ки ҷолибияти зиёд дошт. Хислати меҳмоннавозии тоҷиконро зиёд тавсиф мекард. [16]

Дар умум, барномаи мазкур барои муаррифии Тоҷикистон дар чашми сайёҳон нақши созгор гузошта, андешаҳои қолабиро бартараф карда метавонад. Чуноне ки худи Панкратов дар мусобиқа ба сомонаи «Би Би Си» гутф, ӯ ҳам Тоҷикистонро дигар гуна тасаввур мекард:«Албатта, мо дар бораи Тоҷикистон дар Маскав аз расонаҳо танҳо иттилооти манфӣ мегирем, ки гӯё ин ҷо макони тронзити маводи мухаддир аст ва ин ки Тоҷикистон кишвари ноамну хеле фақир ва ақибмонда аст. Аммо аз зиндагии мардум, аз фарҳанги онҳо, аз ойину маросими онҳо, ҳеҷ иттилое надорем. Кайҳо боз қасди сафар ба Тоҷикистонро доштам, аммо ҳамеша корҳои дигаре пеш меомаданд ва сафари моро ба ақиб меандохтанд. Ин навбат имконе фароҳам шуд, ки Кумитаи ҷаҳонгардии Тоҷикистон моро даъват кард ва мо бо камоли майл пазируфтем ва омадем ба Тоҷикистон. [10]

Аз сухани охири Андрей Панкратов бармеояд, ки вақте аҳли эҷоди барнома ба давлате даъват мешаванд, даъватро рад намекунанд ва барнома ранги дигар мегирад. Дар баробари ин, аз суханони боло бармеояд, ки расонаҳои сермуштарии хориҷӣ дар бораи Тоҷикистон иттилои мусбат қариб ки пешниҳод намекунанд.

Вақте бори аввал намояндагони барномаи «Орёл и решка» соли 2013 [13] ба Тоҷикистон омаданд, ба ҳама чиз аз нигоҳи танқид менигаристанд. Ин барнома яке аз травел-шоуҳои сербинандатарин ба ҳисоб меравад. Барандагони барнома ба расму оин (хӯрдани хӯрок бо даст) ва хӯрокҳои миллӣ (қурутоб) бо тамасхур менигаристанд, ки ин боиси норизогии қисми зиёд аудитория гардид ва муаллифони барнома ахиран дар сомонаи расмии телевизионӣ ҷавоб гуфтанд: «Ҳеҷ кас ба мо пул намедиҳад, мо таблиғ намекунем, мо ҳамеша РЕАЛИСТ ҳастем». [13] Ин ишора бар он аст, ки агар муаррифӣ ва реклама мехоҳед,

пул диҳед, ҳамкорӣ кунед ва мо кишвари шуморо аз дигар паҳлу муаррифӣ мекунем. Дар имиҷсозӣ ин мубодилаи маъмулӣ ва қабулшуда аст. Имиҷсозӣ дурӯғ гуфтан нест, балки ҷиҳатҳои мусбатро дарёфта, дуруст дарк карда, нишон додан аст. Тоҷикистон ҳам бартариҳои зиёд дорад, танҳо онҳоро бояд шинохт ва ба дигарон шиносонид.

Аҳли эҷоди барнома вақте соли 2018 маротибаи дуюм ба Тоҷикистон омаданд, маҳз ҳамон ҷиҳатҳоро мусбат нишон доданд. Чунончи аз суханони муаллифони ин бахш бармеояд, Кумитаи рушди сайёҳӣ дар ин сафар онҳоро танҳо нагузошта, хуб пазироӣ кардааст: «Тоҷикон бояд мафҳуми «турист»-ро лағв кунанд ва вазорати сайёҳиро ба «Вазорати меҳмондорӣ» табдили ном кунанд» [8] . Дар натиҷа бардошти муаллифон мусбат сурат гирифтааст.

Барномаи мазкур аслан украинӣ буда, дар баъзе шабакаҳои телевизионии Русия низ нишон дода мешавад. Дар баробари ин тавассути шабакаи Ютуб низ бинандагони зиёд пайдо намуда, аудиторяи доимиаш ба 3,47 млн мерасад. Аксари бахши барномаҳо бо субтитри англисӣ пешниҳод шуда, боиси зиёд гардидани аудиторияи гуногунмиллату забон гардида метавонад.

Аз рӯйи оморҳои расмӣ баъди таҳияи чунин барномаҳо ҳузури сайёҳон ба Тоҷикистон зиёд гардида истодааст. Аз ин рӯ, сохторҳои марбута барои таҳияи чунин барномаҳои муаррифгар пайваста чораҳо меандешанд. Аз ҷумла, барои ҳузури гурӯҳи эҷодии барномаи «Поедим, поедим»-и шабакаи телевизиони «НТВ» ва таҳияи силсилабарномаҳо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон се маротиба ташаббус нишон дода шуд. Бори аввал соли 2018, м*аротибаи дуюм* моҳи апрели соли 2021, маротибаи сеюм соли 2023.

Соли 2023 ҳамчунин, ravel-шоу «Жизнь других» бо Жанна Бадоев аз сарзамини Тоҷикистон таҳия ва пешниҳоди аудиторияи васеъ гардид. Дар рӯзи аввали пахш барномаро дар шабакаи ютуб 140 ҳазор нафар тамошо кардаанд. Дар ин барнома Жанна чеҳраи тоҷикону тоҷикистониёнро аз чанд ҷиҳат кушод. Аз меҳмондории тоҷикона оғоз карда, то қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид ба танзими анъана ва расму оинҳоро таҳлилу баррасӣ намуда, бевоста ба мактабу осорхона, хонаи шаҳрвандон, нонвойхона рӯ овард ва суҳбаткунон баъзе проблемаҳои мавҷударо низ ошкор кард, аммо дар охир Душанберо як кашфиёт донисту эҳсосоташро дар саҳифаи иҷтимоии худ чунин иброз кард: «Душанбе барои ман як кашфиёт буд. Албатта интизор будам, ки дар ин ҷо одамони самимӣ ва меҳмоннавозро бинам. Аммо, иқрор мешавам, он қадар зиёд набуд. Ман интизор будам, ки дар ин ҷо як шаҳри муосирро бубинам. Аммо на он қадар. Ва албатта медонистам, ки меҳмоннавозии шарқӣ маро дар ин ҷо интизор аст. Аммо ин қадар табассумҳо, тӯҳфаҳо ғайриинтизоранд». [17]

Дар умум, дар муаррифии имконоти сайёҳии кишвар ва ташаккули имиҷи сайёҳии Тоҷикистон тавассути телевизион ва расонаҳои давлатҳои хориҷӣ корҳои зиёде то ин дам анҷом ёфтаанд ва нақшаҳои зиёде дар назар аст.

Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар давоми зиёда аз 20 сол Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти имиҷсозии давлати худ то ҳадде муваффақият ба даст оварда, барои оянда қадамҳои устувор мегузорад. Дар сурати мустаҳкам намудани ҳамкориҳо бо воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ ва таъсиси воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ бо назардошти фаъолият дар хориҷи кишвар натиҷаҳои имиҷсозӣ боз ҳам самари бештар хоҳад овард.

Адабиёт:

1. Зардова О. Русскоязычные СМИ Республики Таджикистан в контексте связей с общественностью в условиях государственной независимости // дисс. канд. филол. наук: 10.01.10. Душанбе, 2014. – 158с.

2. Мирзоалӣ С. Нақши журналистикаи байналхалқӣ дар ташаккули имиҷи мусбати давлат // Вестник ТНУ.Серия филологических наук,2023. №8.– С. 234-244.

3. Муродӣ М.Б. Тарҷиби наврӯз ҳамчун бренди сайёҳӣ дар матбуоти даврии тоҷик / “Пайванд” (Номаи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд»).– 2023.– №1 (51).– С. 69-74

4. Сайидзода З.Ш., Саидов Ф. Таджикистан: информационный ресурс, внешняя политика, имидж государства. – Душанбе: ОО «Иттилоот ва муошират», 2008. – 71с.

5. Солиев Р.А. Таджикистан – Европейский союз: Взаимовыгодное партнерство. - Душанбе – Брюссель. 2016. – 102 с. Soliev R.A. Tajikistan - European Union: mutually beneficial partnership. - Dushanbe - Brussels. 2016 .- 102 pp.

6. Сухамлинов В., Шалаев Г. Дорога к согласию. – Москва: “Собеседник”, 2002

7. Чан Т. Х. Имидж Вьетнама в российской прессе XX-XXI вв. : диссертация ... кандидата филологических наук : 10.01.10 / Чан Тхи Хоанг Йен; [Место защиты: Воронеж. гос. ун-т].- Воронеж, 2014.- 133 с.

Сарчашма:

8. В Таджикистане появился свой аналог передачи «Орёл и решка» / https://asiaplustj.info/ru/news/life/culture/20190124/v-tadzhikistane-poyavilsya-svoi-analog-peredachi-oryol-i-reshka

9. Вокруг света Памир часть 1/https://www.youtube.com/watch?v=wgrA4ziM53o&t=453s

10. **Гуштигирии А. П. дар Душанбе/** https://www.bbc.com/tajik/news/2011/04/110408_zm_tajentertainment (9 Апрел, 2011)

11. Истаравшан Вокруг Света: Таджикистан/ https://www.youtube.com/watch?v=krFRjpJfFoE&t=899s7:50 / 21:06

12. Ну-ка все вместе / “Россия 1”24.11.2023

13. **Орел и Решка 7.14 Выпуск (Назад в СССР. Душанбе) /** https://tv.ua/multimedia/video/887882-orel-i-reshka-v-dushanbe-bednyakov-i-korotkaya-otvetili-obizhennym-video

14. Победитель телешоу «Ну-ка, все вместе!» получил приз 5 миллионов рублей: «Потрачу на карьеру и на родителей» https://www.kp.ru/daily/27586.5/4856668/ (23.07.2024)

15. Роҳ ба сӯйи созиш // “Садои Шарқ”.– 2020.– №9.– с.74

16. Таджикистан. Навруз. Андрей Понкратов / https://www.youtube.com/watch?v=-tQMjZAtskQ&t=1292s

17. Такой у нас менталитет: каким Жанна Бадоева показала Душанбе в travel-шоу «Жизнь других” / https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20231204/takoi-u-nas-mentalitet-kakim-zhanna-badoeva-pokazala-dushanbe-v-travel-shou-zhizn-drugih

18. Ҷаҳонгардӣ: пешрафтҳо ва монеаҳо /http://peshina.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=8838 (24.07.2024)

19. http://ruzgor.tj/siyosat/7682-imijsozii-tojikiston-az-ogonjok-to-evronyus-6841.html

20. https://www.panorama.am/ru/news/2017/05/24/%D0%A2%D1%80%D0%B0%D0%BC%D0%BF%D0%B0-

21. https://www.tvc.ru/news/show/id/116465

БОЗТОБИ СИМОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММАИ ХОРИҶӢ

Дар мақола раванди имиҷсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаббусҳои бевоситаи кишвар дар самти муаррифии давлат тавассути воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Барои амалӣ намудани ҳадафҳо муаллиф ба сарчашмаҳои зиёди илмиву оммавӣ рӯ меорад.

Дар натиҷаи таҳқиқ хулоса мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба фаъолияти воситхои ахбори оммаи дохил ва хориҷ дар қаламрави кишвар эътибори ҷиддӣ зоҳир намуда, дар охири солҳои навадуми асри гузашта дар самти имиҷсозӣ қадамҳои боз ҳам устувор гузоштааст.

Таҳлили маводи сомонаҳои интернетӣ, ки дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидаанд, аз он далолат медиҳанд, ки имрӯз номи давлати мо аз саҳифаҳои ВАО-и ҷаҳонӣ дур наемонад. Махсусан, имконоти сайёҳии Тоҷикистон пайваста мадди назари журналистони хориҷ қарор мегирад.

Калидвожаҳо: Ҷумҳурии Тоҷикистон, имич, давлат, рушд, имконоти саёҳӣ, муаррифӣ, чеҳраҳои сиёсӣ, ташаккул, ВАО, интернет, сомона.

УЛУЧШЕНИЕ ИМИДЖА ТАДЖИКИСТАНА В ЗАРУБЕЖНЫХ СМИ

В статье рассматривается процесс формирования имиджа Республики Таджикистан и непосредственные инициативы страны в направлении представления государства через зарубежные СМИ. Для достижения поставленных целей автор обращается к многочисленным научным и публичным источникам.

В результате исследования делается вывод о том, что Республика Таджикистан с первых дней обретения независимости уделяла серьёзное внимание деятельности отечественных и зарубежных СМИ, а в конце девяностых годов прошлого века предприняла дальнейшие уверенные шаги в направлении формирования имиджа.

Анализ материалов веб-сайтов, созданных о Республике Таджикистан, свидетельствует о том, что сегодня имя нашего государства не остаётся в стороне от страниц мировых СМИ. В частности, туристический потенциал Таджикистана постоянно находится в центре внимания иностранных журналистов.

Ключевые слова: Республика Таджикистан, имидж, государство, развитие, туристический потенциал, презентация, политические деятели, формирование, СМИ, интернет, веб-сайт.

IMPROVING THE IMAGE OF TAJIKISTAN IN FOREIGN MEDIA

The article examines the process of forming the image of the Republic of Tajikistan and the country's direct initiatives in the direction of presenting the state through foreign media. To achieve the stated goals, the author refers to numerous scientific and public sources.

As a result of the study, it is concluded that the Republic of Tajikistan, from the first days of independence, has paid serious attention to the activities of domestic and foreign media, and in the late nineties of the last century, took further confident steps towards forming its image.

Analysis of the materials of websites created about the Republic of Tajikistan shows that today the name of our state does not remain on the pages of the world media. In particular, the tourism potential of Tajikistan is constantly in the center of attention of foreign journalists.

Keywords: Republic of Tajikistan, image, state, development, tourism potential, presentation, politicians, formation, media, Internet, website.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафарзода Моҳира Амиралӣ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзадҳои илмҳои филология, докторанти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистика. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Рӯдакӣ 17, E-mail: anusha-16@mail.ru. Тел.: (+992) 93-862-94-65

Сведения об авторе: Сафарзода Мохира Амирали –Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики. Адрес: 734025, Република Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17, E-mail: anusha-16@mail.ru. Тел.: (+992) 93-862-94-65

Information about the author: Safarzoda Mokhira Amirali –Tajik National University, Candidate of Philology, doctoral student, Department of Television and Radio, Faculty of Journalism. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17, E-mail: anusha-16@mail.ru Tel.: (+992) 93-862 -94-65

ТДУ: 82-1/9 (2-тоҷ)
ТКБ:83.3 (2-тоҷ)
Ҷ-12

ТАЪСИРИ ЁДДОШТНАВИСИИ АҲМАДИ ДОНИШ ДАР ЭҶОДИ «ЁДДОШТҲО»-И САДРИДДИН АЙНӢ

Шамшоди Ҷ., доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология, дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ёддошт яке жанрҳои хеле маълуми адабиёти ҷаҳон маҳсуб ёфта, дар эҷодиёти адибони тоҷик низ мавқеи муайян дорад. Дар ин жанр тасвири воқеаҳо дар доираи саргузашти худи навсанда ва ё воқеаҳои дидаву мушоҳидакардаи ӯ сурат мегирад. Дар жанри ёддошт асар офаридан аз нависанда масъулияти баландро талаб мекунад, зеро баёни воқеа ва пайдарпайии он бояд ба талаботи ин жанр ҷавоб гуфта тавонад.

Барои ҳар як нависанда донистани меъёр ва ба назар гирифтани хусусиятҳои ин жанро ҳатмист. Дар адабиёти классикии форсу тоҷик ёддоштнависӣ анъанаи хоси худро дошта, шоирону нависандагон ба воситаи ин жанр тарҷумаи ҳоли худро манзури хонандагон гардонидаанд. Чунин менамояд, ки ба сифати маводи таҳқиқ барои муҳаққиқон ҳамчун сарчашмаи асосии тарҷумаи ҳол хизмат намудааст. Дар ин давраи адабиёти тоҷик як қатор асарҳои бадеӣ, бо вуҷуди асари ёддоштӣ набудан, дар баррасии тарҷумаи ҳол мавқеи муҳимме доранд. Аз ҷумла, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ, ки дар натиҷаи сафарҳои дуру дарози нависанда таълиф шуда, ақидаҳои сиёсию панду ахлоқиро фарогир мебошанд. Яке аз хусусиятҳои «Гулистон» ин аст, ки ҳикояҳои хурди насрӣ ҳамеша бо порчаҳои назмӣ оро ёфта, мазмуни матнро такмил додааст. Инчунин, «Сафарнома»-и Носири Хусрав дар таълифи асарҳои баъдина таъсири амиқ гузоштааст.

Ёддоштнависӣ дар адабиёти давраи нав мавқеи махсусро ишғол кардаанд. Ба монанди «Ёддоштҳо»-и С Айнӣ, «Устоди ман, мактаби ман, худи ман»-и Ҷалол Икромӣ, «Маъвои дил»-и Раҳим Ҷалил, «Субҳи ҷавонии мо»-и Сотим Улуғзода, «Ёди ёри меҳрубон»-и Мирсаид Миршакар...

Анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик аз «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ оғоз мешавад. Устод Айнӣ дар натиҷаи таҷрибаи 70 солаи умр ба таълифи ин асар пардохтааст. «Ёддоштҳо» аз асарҳои ҷамъбастии устод Садриддин Айнӣ маҳсуб ёфта, воқеаҳои зиёди таърихию фарҳангӣ ва сиёсию иҷтимоии халқи тоҷикро дар як давраи ниҳоят муҳим ва ҳассоси таърихи халқи тоҷик дар бар гирифтааст. Адабиётшинос Абдураҳмони Абдуманон «Ёддоштҳо»-ро «қуллаи эҷодиёт»-и устод Айнӣ арзёбӣ кардааст: ««Ёддоштҳо» қуллаи эҷодиёти Айнӣ аст. Бо мутолиаи «Ёддоштҳо» тарзи тафаккур дигаргун мешавад, доираи дониш фарохтар мегардад, ин асар лаззати ҳаловати ба худ хос дорад». [1]

Мақсади Айнӣ аз таълифи «Ёддоштҳо» фақат баёни саргузаштҳои худаш набуд. Аксаран саргузашти худи нависанда баҳонае барои нишон додани чигунагии аҳволи афгори меҳнаткашони Бухоро ва баъзе деҳоти он, зиндагии деҳқонони Соктаре ва Маҳаллаи Боло, ҳунармандони шаҳр ва тартиботи ҷамъиятҳои онҳо мадраса ва бошандагонаш, зиндагию майишати равшанфикрони замон ва ҳоказост. Дар «Ёддоштҳо» ҳаёти қаҳрамони асосӣ – Садриддин Айнӣ дар саҳни пурвусъати иҷтимоӣ тасвир ёфтааст. Ҳарчанд ки мо аз рӯйи талаби истилоҳоти адабӣ Садриддинро қаҳрамони асосии «Ёддоштҳо» ҳисоб мекунем, қаҳрамони аслии ин асар халқ аст. Дар маркази диққати нависанда образи халқ аст. Нависанда аз аввал то охири асар чандин нафар намояндаи халқро тасвир намуда, дар симои ҳар кадоми онҳо як ё якчанд хислати аҳли заҳматро нишон додааст ва ҳамаи онҳо якҷоя як образи ҳарҷонибаи мукаммал, як образи умумиёфта ва типпии халқро ба вуҷуд овардаанд.

«Ёддоштҳо» чун охирин ва бузургтарин асари нависанда, ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума шуда, таваҷҷуҳи бисёр олимони ватанӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб кардааст. Ин асари ҳаҷим ва фарогири маҳсули тамоми давраи эҷодии муаллиф буда, солҳо дар андешаи устод

қарор гирифта буд ва соли 1940 асари «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам»-ро навишт, ки як навъ машқи пешакӣ барои эҷоди асари ёддоштӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар таълифи ин асар анъанаи ёддоштнависии адибони пешина, махсусан «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш мушоҳида карда мешвад.

Аз шиносоӣ ба эҷодиёти устод Айнӣ ошкор шуд, ки шахсият ва осор Аҳмади Дониш хеле бармаҳал диққати ӯро ҷалб карда, дар «Ёддоштҳо ба авҷи камол расидаст.

«Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш асаре мебошад, ки дар он муҳимтарин масъалаҳои ҷамъият асосан на ба воситаи сюжети анъанавии романтикӣ, балки ба воситаи тасвири далелҳои замони худ пеш мегузорад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки асари мазкур пурра дар жанри ёддошт таълиф нашуда бошад ҳам, унсурҳои ин жанр дида мешавад. Якум, хислату рафтори як қисми персонажҳои «Наводир-ул-вақоеъ» дар «Ёддоштҳо» мушоҳида мешавад, баъдан ҳаҷвиёт низ мавқеи асосӣ касб кардааст.

Аҳмади Дониш дар симои қаҳрамонони худ беҳтарин хислатҳои халқашро таҷассум кардааст. Онҳо бо ақлу хирад, ҳиммат ва инсонияти худ аз одамони муҳиташон болотар меистад. Нависанда руҳи бардам, бозӯи қавӣ, қувваи беназири ҷисмонӣ, нотарсӣ ва далерии Шукурбекро бо ҳайрат ва мафтунӣ тавсир кардааст: «Басе захиму ҷасим ва айёрпеша, ки дар шаб бо сад нафар муқобил шудӣ ва ҳазимат додӣ. Ва бо зарбати санги даст дарахтони азимро аз камар шикастӣ. Ва агар ғулулаи ӯ ба шахсе расидӣ, ҳамчун гунҷишки туфангхӯрда хурд ва реза гаштӣ. Ва аз захми санги ӯ доим синаи шабравон дарида ва табли табболон кафида». [5, с. 38]

Қаҳрамони мазкур аз гурӯҳи деҳқонони миёнаҳол буда, дар натиҷаи зулму тороҷи золимон хонавайрон шуда, табдил ба як интиқомҷӯ гардид.

Қаҳрамони дигар Холмуҳаммади шикорчӣ аст, ки вай бо азобу машаққат рӯз мебурд, дар ин баробар таҳсилро идома медод. Аз рӯйи тасвири Аҳмади Дониш ӯ соҳиби қувваи фавқулодаи ҷисмонӣ, ақлу хирад ва ҳиммату ҷавонмардист. Ҳатто ба ҷонварони дарранда мисли хирсу хук дар набард афтода, аз чанголи шеру паланг борҳо наҷот ёфтааст. Аҳмади Дониш чунин хислату рафтори Шукурбек ва Холмуҳаммади шикорчиро бо аъмоли пастфитратони истисморгар зид гузоштааст.

Ҷараёни зиндагии ин ду персонаж дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ низ дида мешавад. Аз Аҳмади Дониш ва асари ӯ «Наводир-ул-вақоеъ» дар акчанд ҷойи асар зикр мешавад. Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» оид ба аҳвол ва рӯзгори Аҳмади Дониш дар як боби қисми дуюм ва чанд боби қисмҳои сеюму чоруми асар маълумот додааст. Дар Ёддоштҳо оид ба А.Дониш дар ин бобҳои китоб гуфта шудааст: дар «Аҳмади Дониш»,«Тарзи зиндагонии шабонарӯзӣ ва ҳафтагии Аҳмад-махдум», «Оби ганда ба хандақ», «Саёҳати солонаи Аҳмад-махдум», «Шеърҳои ҳаҷвии Аҳмад-махдум», «Аввалин шиносоии ман бо калонтарин асари АҳмадиДониш «Наводир-ул-вақоеъ» ном бобҳои қисматҳои сеюм ва чорум оид ба ҷараёни зиндагӣ ва фаъолити ин симои барҷаста маълумоти муфид дода шудааст.

Таассуроти нависанда дар бораи асари мазкур бевосита дар боби «Аввалин шиносоии ман бо калонтарин асари Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ» дар қисми чоруми асар зикр ёфтааст. «Ҷоҳои ба ман таъсирбахши «Наводир-ул-вақоеъ», қайд кардааст С. Айнӣ, - он ҷоҳо буданд, ки ман он ҳодисаҳоро дар зиндагӣ дида будам ва аз он аҳвол дилтанг мешудам, аммо ҳеҷ гоҳ ислоҳ кардан ва ислоҳ шудани он аҳвол дар хотирам намегузашт ва гумон мекардам, ки «дунё ҳамин тарз ҳам меравад, чӣ бояд кард?» Ва худро бо ин байти Бедил, ки ҳамон вақт забонзадаи ҳамаи аз дунё дилтангшудагон буд, тасаллӣ медодам:

Зиндагӣ дар гардан афтодааст, Бедил, чора чист?
Шод - бояд зистан, ношод - бояд зистан.

Аммо, вақте ки ман он аҳволи фалокатиштимолро дар мундариҷоти «Наводир-ул-вақоеъ» бо тасвири реалӣ - бо тасвире, ки худ дар зиндагӣ дида будам, дидам, ба ман ҳолати дигар рӯй дод. Ман дар дили худ гуфтам: «Ин аҳволро ислоҳ кардан лозим аст, модом ки ман ислоҳ карда наметавонам, аз вай нафрат кардан зарур аст» (инқилоби фикрӣ кам ҳам бошад, дар ман ана дар ҳамон вақт рӯй дод)». [3, с. 446]

Дар идома устод Айнӣ аз воқеънигорию ҷасорати Аҳмади Дониш сухан ронда, он ҷойҳоеро, ки натиҷаи амалии онҳоро дар амал дида буд, порча-порча нақл кардааст. Махсусан, мавзуи хонаводагӣ, ба монанди сабабҳои ҷанги арӯсу модаршӯй ва иғвогариҳои оила, вайронкунии модарарӯс ва хоҳарарӯсон дар хонаи домодро мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз ин бармеояд, ки чунин ҳақиқатнигорӣ ба Айнӣ таъсири амиқ расонидааст.

Таассуроти устод Айнӣ аз «Наводир-ул-вақоеъ» ба фаъолияти эҷодиаш таъсир намуда, ин ҷиҳатро махсусан, дар «Ёддоштҳо» мушоҳида мекунем. Ба таъкиди Муҳаммадҷон Шакурӣ «Дониш фақат як лаҳзаи ҳаёти Шукурбекро тасвир кардааст, аммо Айнӣ, чунон дар суҳбати шахсӣ ба муаллифи ин сатрҳо гуфта буд, аз тасвири Дониш хеле мутаассир шуда, чанд гоҳ тафсилоти воқиаи Шукурбекро пурсуков карда, аз ҳақиқати ҳоли ӯ муфассалан хабардор гардид ва тарҷимаи ҳоли ӯро ҷамъ оварда, пурра ба «Ёддоштҳо»-и худ дохил намуда». [5]

Аз баррасии ин асарҳо мушоҳида мешавад, ки баъзе ҳикояҳо қариб баёни якхеларо касб кардааст. Аз ҷумла, дар «Наводир-ул-вақоеъ» Шукурбек Мулло Холмуҳаммади шикорчиро мағлуб карда, ба дасти ӯ пул медиҳад ва ибро мегӯяд: «Ин пул кирояи туст ва инро бардору дигар ба ин шаҳр маист, мабодо ки дигарбора туро фиребанд ва ба муқотилаи ман барангезонанд. Он гоҳ амон наёбӣ». [5]

Чунин андешаву гуфтори Шукурбек дар «Ёддоштҳо» низ оварда шуда, вақте ки Шукурбек ҳар касро, аз муҳтоҷӣ ба умеди ваъдаи миршаб ба қасди ӯ баромадааст, вайро тавба кунонида, баъдан як миқдор маблағ дода, мегуфт: «Ин пулро гиру аз ин шаҳр бадар рав. Агар дар ин ҷо монӣ, аҷаб нест, ки дуюмбора ба ин гуна ҷасорат қадам гузорӣ, дар он сурат ман ба ҷонат амон намедиҳам». [5]

Дар қисми чоруми «Ёддоштҳо» устод Айнӣ оид ба як баққоли хасисро тасвир кардани Аҳмади Дониш сухан ронда, ҷойҳои муҳимми онро зикр намудааст. Мазмуни ин бозгӯи рӯзгори баққолест, ки ҳамеша дар фикри ҷамъ кардани пулу чиз аст. Қариб ҳеҷ истироҳатро намебинад, ҳатто хӯроки бароҳат истеъмол карда наметавонад. Дар айёми тобистон, ки соҳиби боғе ҳам буд, аз он истифода намебурд. Хуллас, он қадар ба пулу мол дил дода буд, ки аз инсон будани худ фаромӯш кард.

«Ин тасвири Аҳмад-махдум, – қайд кардааст устод Айнӣ, – ба ман ончунон таъсир кард, ки баққоли мазкур аз назарам ҳеҷ дур намерафт ва ман хостам дар зиндагӣ монанди он баққолро ёфта тамошо кунам… Охир дар рӯ ба рӯи гӯшаи ҷанубӣ - ғарбии саҳни мадрасаи Кӯкалтош баққолеро ёфтам, ки аз ҷиҳати қиёфаи зоҳирӣ ҳам ба баққоли Аҳмади Дониш монандӣ дошт». [3, с. 458]

Мисолҳои овардашуда бозгӯи робитаи эҷодии устод Айнӣ ва Аҳмади Дониш аст. Ин гувоҳи он аст, устод Айнӣ дар баррасии баъзе масъалаҳо ба эҷодиёти А. Дониш муроҷиат кардааст ва гоҳо роҳи кушодани мавзуъро аз диди ӯ баррасӣ намудааст.

Ба таъкиди устод Мирзо Турсунзода «Садриддин Саидмуродзода Айнӣ… ҳамчун ватандӯсти ҳақиқӣ ҳамаи ҳаёти худро ба халқ бахшида, дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои илм ва адабиёти мо иштирок мекунанд… Ӯ муҳаррир ва журналист, тадқиқотчии адабиёт ва мунаққид, таърихшинос ва педагог, маслиҳатчӣ ва мураббии адибон ва олимони ҷавон, ходими давлат ва дӯсти хирадманду ғамхори мост». [10, с. 119]

Хулоса, дар натиҷаи андӯхтани таҷрибаи чандинсола устод Айнӣ «Ёддоштҳо»-ро таълиф намуда, муҳимтарин паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятии охирҳои асри Х1Х-ро дар маркази диққат гузоштааст ва албатта, дар эҷоди ин эҷодиёт таъсири асари мондагори Аҳмади Дониш – «Наводир-ул-вақоеъ» барҷаста аст.

Адабиёт:

1. Абдуманон А. Аз дирӯзу имрӯзи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2022. – 480.
2. Айнӣ, С. Куллиёт. – Ҷ. 6. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. – 415 с.
3. Айнӣ, С. Куллиёт. – Ҷ. 7.– Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, – 1962. – 646 с.

4. Айнӣ С. Бузурге аз дунёи форсизабон (шоирон дар васфи устод Айнӣ). Мураттиб Н. Аслонова. Зери назари Худойназар Асозода. Душанбе: Шуҷоиён, 2010.- 224 с.

5. Дониш А. Порчаҳо аз «Наводир-ул-вақоеъ». – Душанбе, 1957.

6. Маҳмадаминов А. Адабиётшиноси ва худогоҳии миллӣ.- Душанбе: Сино, 1998 211с.

7. Мулло А. Симои Аҳмади Дониш. – Душане: Шарқи озод, 2001. – 121с.

8. Ниёзӣ Ф. Саҳифаҳо дар Ёддоштҳо дар бораи устод Садриддин Айнӣ дар хотираи дустон ва шогирдон Душанбе: Ирфон, 1968. – 42с.

9. Сайфуллоев А. Мактаби Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 352 с.

10. Турсунзода М. Садриддин Айнӣ // Маҷмуаи «Адабиёти советии тоҷик». – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1954. – С. 119.

11. Шукуров, М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 1966. – 260 с.

ТАЪСИРИ ЁДДОШТНАВИСИИ АҲМАДИ ДОНИШ ДАР ЭҶОДИ «ЁДДОШТҲО» САДРИДДИН АЙНӢ

Ёддошт ҳамчун жанри махсуси ҷинси эпикӣ таърихи куҳан дорад. Замина ва омилҳои таълифи ёддоштнависӣ масъалаҳои гуногун мебошад. Нависандагон дар натиҷаи сафарҳо ва мушоҳидаҳои шахсӣ муносибат ва андешаҳои худро оид ба ин ё он масъала баён мекунанд. Дар адабиёти классикии тоҷику форс баъзе махсусиятҳои ин жанрҳоро дар сафарномаҳо, асарҳои тарҷумаиҳолӣ ва асарҳои тазкиравӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Тадриҷан жанри ёддошт рушд намуда, ба ҳукми анъана даромад.

«Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш аз зумраи асарҳое мебошанд, ки ба талаботи жанри ёддошт мутобиқат доранд. Ва ба асарҳои минбаъдаи дар жанри ёддошт таълифгардида, таъсири хеле зиёд расонидаанд.

«Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ намунаи хеле олии жанри ёддошт дар адабиёти муосири тоҷик аст, ки дар замина ва баҳрагирӣ аз асари ёддоштии ҳам адабиёти классики тоҷик ва ҳам адабиёти рус таълиф гардидааст. Шиносоӣ бо «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш таассуроти устод Айниро нисбат ба таълифи асари бадеӣ дигар кард. Бинобар ин, дар баъзе аз ҳикояҳои «Ёддоштҳо» як навъ монандии персонажҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. Чунин ҳолатҳо дар асар хеле кам аст. Бо вуҷуди ин, Садриддин Айнӣ, тавре муаллиф дар мақола ёдрас шудааст, аз «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш баҳра гирифта, таҷрибаи ин устоди суханро дар эҷодиёти худ ба кор бурдааст. Ва эҷоди «Ёддоштҳо» ганҷинаи адабиёти тоҷику форсро боз ҳам ғанӣ гардонидааст.

Калидвожаҳо: Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, жанр, ёддошт, ёддоштнависӣ, адабиёт, персонаж, «Наводир-ул-вақоеъ», «Ёддоштҳо».

ВЛИЯНИЕ МЕМУАРОВ АХМАДА ДОНИША НА СОЗДАНИЕ «ВОСПОМИНАНИЙ» САДРИДДИНА АЙНИ

Мемуары как особый жанр эпического жанра имеют древнюю историю. Предысторией и факторами создания мемуаров являются различные вопросы. Писатели выражают свое отношение и мысли по тому или иному вопросу в результате своих путешествий и личных наблюдений. В классической таджикской и персидской литературе некоторые черты этого жанра можно наблюдать в путевых записях, переводных произведениях и произведениях-комментариях. Постепенно жанр мемуаров развивался и стал традицией.

«Бадоеъ-ул-вакоеъ» Зайниддина Махмуда Восифи и «Наводир-ул-вакоеъ» Ахмада Дониша относятся к числу произведений, отвечающих требованиям мемуарного жанра. И они оказали большое влияние на последующие произведения, написанные в мемуарном жанре.

«Воспоминания» Садриддина Айни являются весьма высоким образцом мемуарного жанра в современной таджикской литературе, написанным на основе и с использованием мемуаров как классической таджикской, так и русской литературы. Знакомство с «Наводир-ул-вакоеъ» Ахмада Дониша изменило представление Устода Айни о создании художественного произведения. Поэтому в некоторых рассказах «Воспоминаний» можно наблюдать своеобразное сходство персонажей. Такие случаи в произведении встречаются очень редко. Однако Садриддин Айни, как отмечает автор в статье, воспользовался «Наводир-ул-вакоеъ» Ахмада Дониша и применил опыт этого мастера слова в своем собственном творчестве. А создание «Воспоминаний» еще больше обогатило сокровищницу таджикской и персидской литературы.

Ключевые слова: Ахмад Дониш, Садриддин Айни, жанр, мемуары, мемуарное письмо, литература, персонаж, «Наводир-ул-вакоеъ», «Воспоминаний».

THE INFLUENCE OF AHMAD DONISH'S MEMOIRS ON THE CREATION OF SADRIDDIN AINI'S «MEMOIRS»

Memoirs as a special genre of the epic genre have an ancient history. The background and factors of the creation of memoirs are various issues. Writers express their attitude and thoughts on this or that issue as a result of their travels and personal observations. In classical Tajik and Persian literature, some features of this genre can be observed in travel notes, translated works and commentary works. Gradually, the genre of memoirs developed and became a tradition.

«Badoe-ul-vakoe» by Zayniddin Makhmud Vasifi and «Navodir-ul-vakoe» by Akhmad Donish are among the works that meet the requirements of the memoir genre. And they had a great influence on subsequent works written in the memoir genre.

«Memories» by Sadriddin Aini is a very high example of the memoir genre in modern Tajik literature, written on the basis and using memoirs of both classical Tajik and Russian literature. Acquaintance with «Navodir-ul-vakoe» by Akhmad Donish changed Ustado Aini's idea of creating a work of art. Therefore, in some stories of «Memories» one can observe a peculiar similarity of characters. Such cases in the work are very rare. However, Sadriddin Aini, as the author notes in the article, used «Navodir-ul-vakoe» by Akhmad Donish and applied the experience of this master of words in his own work. And the creation of «Memories» further enriched the treasury of Tajik and Persian literature.

Key words: Ahmad Donish, Sadriddin Aini, genre, memoirs, memoir letter, literature, character, «Navodir-ul-vakoe», «Memories».

Маълумот дар бораи муаллиф: Шамшоди Ҷамшед, доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология, дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. **Адрес:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16. **E-mail:** mr.shamshod93@mail.ru, **тел:** +992 918906365

Сведения об авторе: Шамшоди Джамшед, доктор философских наук (PhD) по специальности филология, доцент, зав. кафедры таджикской литературы Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. **Адрес:** Республики Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16.**E-mail:** *mr.shamshod93@mail.ru*, **тел:** +992 918906365

Information about the author: Shamshodi Jamshed, doctor of Philosophy (PhD), majoring in philology, associate professor of the Department of Tajik Literature at Abuabdullohi Rudaki Kulob State University. **Address:** Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarova street 16. **E-mail:** *mr.shamshod93@mail.ru*, **tel:** +992 918906365

ТДУ:811.1+811.111(075.8)
М – 47

РОҲҲОИ АСОСИИ ВОЖАСОЗИИ ИСТИЛОҲОТИ БИНОСОЗӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Робияи А., н.и.ф., дотсент, Маҷидзода М.З., ассистент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба як оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мутааллиқ мебошанд, вале дар навбати худ ба шохаҳои ҷудогона тақсим мешаванд. Агар забони тоҷикӣ ба шохаи эронии забонҳо дохил шавад, забони англисӣ ба шохаи германӣ тааллуқ дорад. Бинобар ин сохтори дастурии (грамматикии) истилоҳот дар ин забонҳо вижагиҳои худро дорад.

Ҳар як забон, аз ҷумла забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳам даврaҳову марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввулоти таърихии худро доранд. Зеро сохтори луғату истилоҳоти ин забонҳо низ бо таърихи ташаккули мардумаш ва омилҳои ҷамъиятиву иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, илмиву фарҳангӣ, инчунин техникӣ ва технологии онҳо робитаи мустаҳкам дорад.

Бинобар ин, истилоҳоту вожаҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ низ дорои сохторҳои махсуси худ мебошанд. Сохтори истилоҳот аз сохтори вожаҳо ва қоидаҳои вожасозии забон, бавижа исм ва дигар ҳиссаҳои номии нутқ бармеояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истилоҳоти ҳар ду забон аз ҷиҳати шакли грамматикӣ ду намуди асосӣ доранд:

1. Истилоҳ-вожаҳо. Масалан: девор – wall, дарича – fance, дар – door, хишт –break, санг – stone, андова – trowel , анбӯр - pliers, арра – saw, болғача - hammer, корча - knife. Ин намуди истилоҳотро истилоҳоти яктаркиба низ меноманд [Шмелев, 1969, с. 25].

2. Истилоҳ-ибораҳо. Масалан: боми тунукагӣ – iron roof, девори беруна - outer wall, девори даруна - internal wall, девори асосӣ - capital wall, фарши тахтагӣ - wooden floor, тирезаи панҷарадор - lattice window, дастаки дар - door handle, дастаки корд - knife handle, хишти хом - unfired brick, анбӯри паҳннӯл – pliers, анбӯри оҳангарӣ - blacksmith tongs, арраи тахтабур – bow saw. Ин гуна истилоҳотро истилоҳоти сертаркиба [Шмелев, 1969] ё худ ибора-истилоҳ [М.Ҳ. Султон, 2008, с. 123] номидаанд.

Истилоҳ-вожаҳо. Истилоҳ, пеш аз ҳама, вожа аст ва сохтори он ҳамчун вожа ба меъёрҳои вожасозии забон мувофиқат мекунад. Модом ки ҳар як ҳиссаи мустақили нутқ ба истилоҳ табдил ёфта метавонад, ҳамаи он муҳокимарониҳое, ки дар поён оид ба вожасозӣ анҷом хоҳем дод, ба истилоҳот низ вобаста аст.

Вижагиҳои сохтории вожагони забонро соҳаи нисбатан ҷавони илми забоншиносӣ – вожасозӣ (word-formation – «словообразование») меомӯзад. Вожасозӣ аз қисматҳои нисбатан мустақили вандафзоӣ ва вожабандӣ (affixation – «аффиксальное словопроизводство» ва compounding – «словосложение») иборат буда, дар миёнаҳои садаи XX шакл гирифтааст.

Вандафзоӣ (аффиксатсия) – ин бо воситаи вандҳо (пешванд, пасванд, миёнванд) сохта шудани вожа аст. Вожабандӣ (словосложение) аз ду ё зиёда вожа сохтани вожаи навро мефаҳмонад. Азбаски, пайдоиши вожаҳои нав дар ҳар забон бештар дар пояи қолабҳои бунёдии вожасозӣ корбаст мегардад, сохтори истилоҳот низ ҳамчун як намуди вожагони забон аз ин қонуну қоидаҳо истисно нест.

Пайдоиш ва инкишофи назарияи имрӯзаи вожасозӣ дар забони англисӣ ба номи олимони аврупоӣ ва рус О. Есперсен (Jespersen,1935), Ҳ. Косиол (Koziol, 1937), Ҳ. Марчанд (Marchand, 1955, 1960, 1969), С.Ч. Монсон (Monson,1958), Й. Малкил (Malkiel, 1966), В. Адамс (Adams, 1973), Г. Стейн (Stein, 1973), И. Плаг (Plag, 2002), А. Карстейрз-Маккарти (Carstairs-McCarthy, 2002), М.Д. Степанова (1953, 1966,1968, 1979), И.В. Арнолд (1966, 1986), Г.О. Винокур (1959), Е.С. Кубрякова (1965, 1972, 1980), П. М.Карашук (1965, 1968, 1971, 1973, 1975, 1977), О.Д. Мешков (1969, 1971, 1972, 1976, 1985), С.С. Хидекел (1969), Е.В. Никошкова (1969), В.И. Шадрин (1977), И.Г. Милославский (1980) ва дигарон вобаста аст.

Аввалин китобе, ки махсус ба вожасозии англис бахшида шудаасту дар як асар ҳамаи роҳҳо ва воситаҳои онро дар бар гирифтааст, таҳқиқоти Ҳ. Косиол «Дастурномаи вожасозии забони англисӣ» мебошад, ки соли 1972 дубора нашр шуд.

Тақрибан ним аср пас аз чопи аввали китоби Косиол таҳқиқе ба анҷом расид, ки барои ривоҷи назарияи вожасозӣ ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забоншиносии умумӣ аҳаммияти ҷиддӣ дошт. Ин китоби Ҳ. Марчанд «Категория ва типҳои вожасозии забони ҳозираи англисӣ» (H. Marchand, 1960) буд, ки соли 1969 бори дигар бо тағйироти куллӣ чоп гардид.

Нахустин асари таҳқиқӣ оид ба вожасозии забони англисӣ, ки дар ватани забони англисӣ нашр шудааст, китоби В. Адамс (V. Adams, 1973) мебошад. Асар аз 14 боб иборат буда, муаллиф дар бораи вожа ва таркибҳо, сохтори онҳо, хелҳои ибора, таркибҳои неоклассикӣ, бленд, клиппинг, акроним ва ғ. дар забони англисӣ баҳс мекунад.

Асарҳои олимони англисшиноси рус О.Д. Мешков (1976) ва П.М. Карашук (1977) таҳқиқи то солҳои ҳафтодуми садаи гузашта дар забоншиносӣ мавҷударо оид ба назария ва амалияи вожасозӣ ҷамъбаст кардаанд.

Ниҳоят яке аз пажуҳишҳои арзишманди солҳои охир, ё худ аниқтараш дастури таълимии мукаммали И. Плаг «Вожасозӣ дар забони англисӣ» (I. Plag, 2002)-ро зикр намудан мумкин аст. Китоби И. Плаг дар амал идома ва тафсири назарияи фарқияти ин асар аз рисолаи Адамс дар он аст, ки дар он ба мисли намунасозӣ дар вожасозӣ, назарияи фонологияи лексикӣ (lexical phonology), сарфи вожаасос (word-based morphology), сарфи морфемаасос (morpheme-based morphology) барин масъалаҳо бобҳои алоҳида ҷудо карда шудааст.

Роҳҳои асосии вожасозӣ дар забони англисӣ. И.В. Арнолд сохти вожаҳои забони англисиро ба се гурӯҳ тақсим кардааст: «Таснифи морфемии вожа ба ин тариқ аст: як морфемаи решагӣ – вожаи решагӣ (roof), як морфемаи решагӣ плюс як ё бештар ванд – вожаи сохта (handle) ду ё бештар асос – вожаи мураккаб (freezeback) ду ё бештар асос ва ванди умумӣ мураккаби сохта (free-on-wheels)» [Арнольд, 1959:1986, p. 81].

В. Адамс вожаҳоро аз рӯйи сохт ба ду гурӯҳ: сода (simple) ва комплексӣ (complex) ҷудо мекунад: «Вожа дар забони англисӣ метавонад сода, фақат аз як ҷузъ таркиб ёфта бошад, монанди bat, hammer ё sycamore; ё ки метавонад комплексӣ, бештар аз як ҷузъ бошад, ҳамчун blackbird, fourth. Унсурҳои вожаи мураккаб метавонанд шаклҳои озод бошанд; унсурҳое, ки дар контекст (қарина)-ҳои дигар низ мустақиланд, ба монанди blackbird, devil-may-care; ё ки метавонанд шаклҳои вобаста бошанд: пешванд ва пасвандҳое, ки ҳеҷ гоҳ мустақил вуҷуд надоранд, мисли ҷузъҳои аввал ва охир дар uneatable ё ки -th дар fourth»] [Adams, 1973:1984, p. 7]. Вожаи compound дар луғат «вожаи пайваст» [Мамадназаров, 2015, с. 178] ва «вожаи таркибӣ» (составное слово) [Мюллер, 2007, с. 120] омадааст.

Дар забоншиносии англис compound аз: 1) вожаи мураккаб ва 2) ду вожаи бо нимтире ё фосила ҷудошуда иборат аст.

Маҳз намуди дуюми compound онро ба ибора ва таркибҳои наҳвӣ монанд мекунад. О.Д. Мешков барои аз ибора фарқ кардани он ягона роҳро нишон медиҳад: «Ҳангоме ки навишти ҷудогона нишонаи ибора нест (бар хилофи вожаи мураккаб), навишти якҷоя нишонаи вожаи мураккаб аст (бар хилофи ибора)» [Мешков, 1985, с. 68].

Забоншиноси англис А. Карстейрз-Маккарти истилоҳи «вожаҳои иборавӣ» (phrasal words)-ро ба кор бурдааст: «Аммо инчунин ҷузъҳои таркибие ҳастанд, ки вазифаи вожаро ба ҷо меоранд ва сохтори дохилиашон на ба вожаи мураккаб, балки ба ҳамон ҷумла ё ибора монанд аст. Барои ин гуна ҷузъҳо истилоҳи стандартӣ мавҷуд нест, аз ин рӯ ман истилоҳи вожаҳои иборавӣ-ро дохил мекунам» [Carstairs-McCarthy, 2002, p 67]

Фикри муаллифонро ҷамъбаст карда, ифодаи онро дар мисоли истилоҳоти, биносозие, ки аз феъли to braced – «пайваст кардан» сохта шудаанд, баръало мебинем: як морфема – deferred (ба таъхир афтодан), истилоҳи сода (simple); як морфема + ванд – erection (бино), inspection (назорат), scouring (тозашавӣ), keying (манипулятсия), истилоҳоти сохта аз вожаҳои сохта (derived words). Адамс инҳоро ба вожаҳои комплексӣ (complex) дохил

мекунад; ду асос – landscape (манзара), caterpillar (пардаи тасмачарх), gasholder (газдор), истилоҳоти мураккаб аз вожаҳои мураккаб (compound). Адамс инҳоро низ ба вожаҳои комплексӣ (complex) дохил мекунад; ду асос + ванд – double-leaf (дарвозаҳои дуқабата), fixed-wheel (чархи мустаҳкам), истилоҳоти мураккаби сохта аз вожаҳои мураккаб (compound) бо иштироки пешванд ва пасвандҳо. Адамс инҳоро низ ба вожаҳои комплексӣ (complex) дохил мекунад; ибораҳо ва таркибҳо – borehole deformation (чоҳ), differential pressure (фарқияти ченаки фишор), suction pressure (фишори ҷабиш), fanlight opening (дастгоҳ кушодан), ибора-истилоҳот аз ибораҳо ва вожаҳои иборавӣ (phrasal words).

И. Плаг (I. Plag) compounding (вожабандӣ) ва derivation (ҳосила)-ро роҳҳои асосии вожасозии забони англисӣ мешуморад. Мувофиқи назарияи ӯ ҳосила (derivation) роҳҳои зерини вожасозиро дар бар мегирад:

1. Вандафзоӣ (affixation): а) пешвандафзоӣ (prefixation); б) пасвандафзоӣ (suffixation); в) миёнвандафзоӣ (infixation).

2. Ғайри вандафзоӣ (non-affixation): а) вогардонӣ (conversion); б) ихтисора (truncation); в) блендинг (blending) [Plag, 2002, p. 22].

Забоншиносони рус О.Д. Мешков (1976), П.М. Карашук (1977) дар забони имрӯзаи англисӣ намудҳои зерини вожасозиро муайян кардаанд: а) аффиксатсия (вандафзоӣ); б) конверсия (вогардонӣ); в) вожабандӣ (словосложение); г) тағйири ҷойи зада.

Бар замми ин П.М. Карашук аз рӯйи вижагии сохторӣ-маъноӣ вожаҳои сохташавандаро ба 2 модел (намуна) ҷудо мекунад: намунаи хаттӣ ва ғайрихаттӣ. Намунаҳои хаттӣ формулаи сохтории X+Y-ро истифода мебаранд, ки мавҷудияти нишонаҳои сарфиро мефаҳмонад. Ба намунаҳои хаттӣ намудҳои зерини вожасозӣ дохил мешаванд: 1) аффиксатсия (вандафзоӣ); 2) вожабандӣ; 3) омехта (вандафзоӣ бо вожабандӣ), 4) ихтисораҳо [Карашук, 1977, с. 13–14].

П.М. Карашук таъкид мекунад, ки дар намунаҳои ғайрихаттӣ нишонаҳои сарфӣ мавҷуд нестанд. Ин намунаҳо ба гузаштан аз як ҳиссаи нутқ ба дигар ҳиссаи нутқ, табдили баъзе овозҳо ва ниҳоят, флексия асос ёфтаанд ва дар онҳо формулаи X==>Y истифода мешавад. Ҳамчун намунаҳои ғайрихаттӣ П.М. Карашук намудҳои зерини вожасозиро нишон медиҳад: 1) вогардонӣ (конверсия); 2) исмшавӣ, сифатшавии ҳиссаҳои нутқ;

3) табдили овоз дар асос ё реша; 4) вожасозии баръакс – партофтани нишонаҳои вожасозӣ [Карашук, 1977, с. 14].

Дар забоншиносии тоҷик масъалаҳои вожасозӣ дар асарҳои В.С. Расторгуева (1954), Ш. Ниёзӣ (1956), Ш. Рустамов (1972, 1981), М.Ҳ. Султон (2008) ҳаллу фасл шудаанд.

Оғози таҳқиқи вожасозӣ дар забони тоҷикӣ бо номи забоншиноси рус В.С. Расторгуева пайванди ногусастанӣ дорад. Ӯ ду роҳи асосии вожасозии исм ва сифатро муайян карда буд:

«1) вожабандӣ, яъне пайвастани ду ё якчанд асосҳо; масалан: қадбаланд – аз қад ва баланд…;

2) вожасозӣ, яъне барпо кардани вожаҳои нав бо ёрии унсурҳои номустақили вожасоз (пешвандҳо ва пасвандҳо); масалан: хизматчӣ аз хизмат ва -чӣ – пасванди шахси амалкунанда…» [Расторгуева, 1954, с. 539].

Забоншиноси тоҷик Ш. Ниёзӣ се типи асосии вожасозии исмро муайян карда буд: «1. Бо аффиксҳо (аффиксатсия). 2. Исмҳои мураккаб. 3. Исмшавии ҳиссаҳои дигари нутқ, ки дар он ҳиссаҳои дигари нутқ (сифат, сифати феълӣ, зарф ва монанди инҳо), дар мавқеи маълуми синтаксисӣ ба маъно ва вазифаи исм омада метавонанд» [ГЗТ, 1956, с. 41–42].

Ш. Ниёзӣ низ исмҳои мураккабро «аз рӯйи характери алоқаи байни ҷузъҳои худ» ба ду намуд ҷудо мекунад: 1) «исмҳои мураккаби типи пайваст» ва 2) «исмҳои мураккаби типи тобеъ».

Дар навбати худ исмҳои мураккаби намуди якум бо алоқаи пайваст ва исмҳои мураккаби намуди дуввум бо алоқаи тобеъ ташаккул меёбанд. Яъне ҳам В.С. Расторгуева ва ҳам Ш.Н. Ниёзӣ вожаҳоро аз рӯйи сохт ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо мекунанд (будани вожаҳои

сода худ ба худ маълум аст): 1. Сода, 2. Сохта, бо роҳи вандафзоӣ (аффиксатсия); 3. Мураккаб: а) пайваст; б) тобеъ.

Забоншиноси дигари тоҷик Ш. Рустамов ҳангоми муайян намудани таркиби сарфии исм исмҳои сода, сохта ва мураккабро номбар мекунад. «Исмҳо мувофиқи таркиби морфологиашон ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд: содда, сохта ва мураккаб». Ӯ дар навбати худ исмҳои мураккабро ба се гурӯҳ: а) пайваст; б) тобеъ; в) омехта ҷудо мекунад [Рустамов, 1972, с. 14, 57–70].

Бояд қайд намуд, ки Ш. Рустамов 2 асари худро махсус ба масъалаи вожасозӣ бахшидааст: Ӯ дар ин асарҳо масъалаи вожасозии исмро боз ҳам амиқтар таҳлил намуда, паҳлуҳои онро боз ҳам мушаххастар кардааст. Аз ҷумла, ӯ шаш роҳи вожасозии исмро дар забони тоҷикӣ муайян намудааст:

1) морфологӣ: а) бо суффикс; б) бо префикс; 2) синтаксисию морфологӣ; а) исмҳои мураккаб; б) исмҳои омехта; 3) луғавию синтаксисӣ: ба калимаҳои мураккаб гузаштани ибораҳо; 4) аббревиатсия (ихтисоркунӣ, ихтисоршавӣ); 5) морфологию синтаксисӣ яъне аз ҳиссаҳои нутқ ба дигаре гузаштани калимаҳо; 6) луғавию семантикӣ, ки ба сермаъноии калимаҳо ва ба амал омадани омонимҳо вобаста аст [Рустамов, 1981, с. 95-96].

Муҳаққиқи таърихи истилоҳоти илмии тоҷикӣ Мирзо Ҳасани Султон бурду бохти назарияи вожасозиро дар забоншиносии тоҷик таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки дар забони тоҷикӣ панҷ усули асосии вожасозӣ ба кор бурда мешавад:

1. Усули сарфӣ: а) сохтани вожа бо пешванд; б) сохтани вожа бо пасванд;

2. Усули наҳвию сарфӣ: а) сохтани вожаҳои мураккаб; б) сохтани вожаҳои омехта;

3. Усули сарфию наҳвӣ – аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигари нутқ гузаштани вожа;

4. Усули луғавию наҳвӣ – ба вожаи мураккаб табдил шудани ибораи изофӣ ё ҷумла. Ин шева дар вожасозии форсӣ-тоҷикӣ каммаҳсул аст.

5. Усули луғавию маъноӣ. Ин шева бо сермаъноии вожаҳо ва ба миён омадани омонимҳо вобаста аст» [Султон, 2008б, с. 93].

М.Ҳ. Султон зимнан таъкид мекунад, ки вожасозии ихтисораҳо, ки Ш. Рустамов дар усулҳои шашгонаи худ бо номи аббревиатсия овардааст, дар забони тоҷикӣ бемаҳсул аст. Чӣ хеле ки мебинем, ӯ амалан (ба истиснои ихтисораҳо) бо Ш. Рустамов пурра ҳамфикр аст. Вале дар бобати ихтисораҳо (аббревиатсия) гуфтан мумкин аст, ки алҳол каммаҳсул бошад, ҳам дар биносозӣ тоҷик истифода мешавад ва рӯ ба инкишоф аст.

Ҳамаи ин роҳҳои вожасозӣ барои сохтани истилоҳоти сохта ва мураккаб ба кор мераванд.

Акнун тарзҳои истилоҳсозиро бо ин вожа мушоҳида мекунем:

meter / metre – метр, қубур (sump) – истилоҳи сода;

муҳандисӣ (engineering), васлкунӣ (mounting) – истилоҳи сохта;

шишабандии дукарата (double-glazing) – истилоҳи мураккаб;

пояи бино (foot of building), бинои градиентии болораванда (ascending gradient building), нобаробарии сохтмон (construction failure), ва ғ. – ибора-истилоҳот.

Дар охир аз рӯйи муҳокимаҳои болоӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки яке аз сермаҳсултарин роҳҳои вожасозии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ вандафзоӣ (аффиксация, derivation, affixational derivates) мебошад, ки ба асос пайвастани пешванд ва пасвандҳо аст. Пешванд ва пасвандҳо на танҳо бо ҷойи худ дар вожа, балки бо дараҷаи мустақилияти худ низ фарқ мекунанд. Пасвандҳо, ки мансубияти вожаро ба ҳиссаи нутқ муайян мекунанд, бо асос робитаи қавӣ доранд (bending – хам шудан, stiffness – сахтӣ, dwelling - манзил, housing - манзил), ҳол он ки пешвандҳо бештар маънои вожаро тағйир медиҳанд ва аз ҷиҳати луғавӣ мустақилтаранд (disassembly -демонтаж, dismantling - барҳам додан). Ин албатта аз дараҷаи маҳсулнокии ин ё он ванд вобаста аст. Бо ин тарз истилоҳоти сохта барпо мегарданд.

Вожабандӣ (словосложение, compounding) тарзи дигари сермаҳсули вожасозии биносозӣ мебошад, ки тариқи он истилоҳоти мураккаб сохта мешаванд. Он аз рӯйи формулаи «асос+асос» ба амал бароварда мешавад. Яъне вожабандӣ – ин як шудани вожаҳои мустақилмаъно ё асосҳои онҳо ҳамчун вожаи мураккаб аст. Вожаи нави мураккаб якҷоя ё ба

воситаи нимтире навишта мешавад (egas-pipe – қубури газ , water-resistance - муқовимат ба об).

Конверсия. Ин тарзи вожасозӣ ба забонҳои аналитикӣ, махсусан ба забони англисӣ хос аст. Конверсия – ин бе тағйирот дар навишт ва талаффуз аз як ҳиссаи нутқ ба дигараш гузаштани вожа мебошад (масалан, аз исм ба феъл: report – ҳисобот; to report – ҳисобот додан, намунаи N => V; аз сифат ба исм: weekly – ҳафтаина; weekly – ҳафтанома, намунаи A => N).

Ҳолатҳои ба ин тарзи вожасозӣ монанд дар забони тоҷикӣ низ вомехӯранд. Масалан, исмшавии сифат (фитнаангез – intriguer; зиёӣ – intelligentsia), асосҳои феълӣ (сохт – structure), сифати феълӣ (фишурда – thesis), инфинитив (буридан – notch) ва ғ.

Реверсия (backformation) – амали баръакси вожасозӣ аст, ки бо партофтани нишонаҳои вожасозӣ (масалан, унсури пасвандмонандро дар вожаи burglar партофта, феъли нави burgle ба вуҷуд овардаанд). Ин тарзи вожасозӣ дар забони тоҷикӣ мушоҳида нагардид.

Ихтисора. Вожасозӣ бо ихтисора (кутоҳнавиштҳо) дар забони англисӣ хеле сермаҳсул аст. Ихтисораҳо-буридаҳо (truncation) дар номҳои одамон: Andy <= Andrew (Андрей); Archie <= Archibald (Арчибалд); мафҳумҳои гуногун: Aussy <= Australian (австралӣ, австралиягӣ), comfy <= comfortable (бароҳат), ciggie <= cigarette (сигарет) вомехӯранд [Plag, 2002, p. 153].

Клиппинг (clipping – анг. «буриш») намуди дигари ихтисора аст, ки «вожаҳои ду ё зиёда ҳиҷодор (одатан исм) бе тағйири вазифа кӯтоҳ карда мешаванд»: ad ё advert <= advertisement (реклама).

Блендинг (blending – анг. омезиш) як тарзи ихтисори вожаҳо аст. Блендҳо (blends) «вожаҳоеанд, ки аз ду (баъзан се ва бештар аз он) вожа фароҳам омадаанд ва мавод аз як ё ду вожаи манбаъ партофта шудааст»): motel <= motor + hotel, compander <= compressor + expander, modem <= modulator + demodulator.

Ниҳоят гуфтан мумкин аст, ки истилоҳоти биносозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз ҷиҳати сохтор истилоҳоти сода, сохта, мураккаб ва ибора-истилоҳот мешаванд. Вале бо ба назар гирифтани хусусиятҳои таълимоти забоншиносии англис (махсусан назарияи В. Адамс) мо чунин таснифро ба даст меорем: 1. Истилоҳоти сода; 2. Истилоҳоти комплексӣ: а) истилоҳоти сохта, истилоҳоти мураккаб, ихтисораҳо (блендинг, клиппинг); б) ибора-истилоҳот: ибора ва таркибҳо, ибораҳои устувор, ихтисора ва акронимҳо.

Адабиёт:

1. Арнольд И. В. Лексикология современного английского языка / И. В.Арнольд // Учеб. для ин-тов и фак. иностр. яз. – 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Высш. шк., 1986. – 295 с.

2. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Қисми 1: Фонетика ва морфология. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ /Муаллифон: Арзуманов С. Д. ва диг. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1956. – 232 с.

3. Расторгуева В. С. Краткий очерк грамматики таджикского языка. – В кн.: Таджикско-русский словарь / Расторгуева В. С. // Под ред. М. В. Рахими, Л. В. Успенская. – М.: Госиздат иностранных и национальных словарей, 1954. – С. 530-570.

4. Рустамов Ш. Исм: Категорияҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаи нутқ / Ш. Рустамов; Таҳти назари акад. Ниёзмуҳаммадов Б.; Муҳаррири масъул Мирзоев А. – Душанбе: Дониш, 1981. – 220 с.

5. Султон Мирзо Ҳасан. (Султонов М. Б.). Становление и развитие персидско-таджикской научной терминологии: на материале научного наследия IX-XI вв. /М. Б. Султонов; Отв. редактор чл.-корр. АН РТ Додихудо Саймиддинов. – Душанбе: Дониш, 2008а. – 392с.

6. Шмелев Д. Н. Проблемы семантического анализа лексики / Д. Н. Шмелев // на материале русского языка. – М., 1969. – 280 с.

7. Carstairs-McCarthy, A. An Introduction of English Morphology / A. Carstairs-McCarthy// Words and their structure. – Edinburgh: Edinburgh University Press, 2002. – 160 p.

8. Plag, I. Word-formation in English. Indo Plag. – Cambridge University Press, 2002. – 254 p.

9. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ. Standart English-Tajik Dictionary Нашри такмилшудаи сеюм /А. Мамадназаров; Муҳаррир ва мураттиб д. и. ф., проф. А. Мамадназаров;– Душанбе: ЭР-граф, 2015. – 1016 с.

10. Мюллер В. К. Большой англо-русский и русско-английский словарь. 200 000 слов и выражений /В. К. Мюллер. – М.: Эксмо, 2007. –1008 с. – (Библиотека словарей Мюллера).

РОҲҲОИ АСОСИИ ВОЖАСОЗИИ ИСТИЛОҲОТИ БИНОСОЗӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола роҳҳои асосии калимасозӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ баррасӣ шудааст. Мақсади ин мақола омӯзиши мушаххасоти калимасозӣ бо ду забон аст. Дар ин мавзуъ мисолҳои зиёди тоҷикӣ ва англисӣ низ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Бояд гуфт, ки оид ба таҳлили муқоисавии калимасозӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқоти муқоисавӣ сурат нагирифтааст, бинобар ин мо тасмим гирифтем, ки дар ин мавзуъ таҳқиқ гузаронем. Дар ин мақола ҳадаф дорем, ки роҳҳои асосии калимасозиро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ намуда, вижагиҳои лексикӣ ва грамматикии онҳоро аз нигоҳи лексикология, морфология, фонетика, имло, услуби баён ва фарҳанги нутқ нишон диҳем.

Илова бар ин, ҳадафи амалӣ намудани ин ниятҳо риояи усулҳои асосии таҳқиқи забоншиносӣ мебошад, ки ба ҳадафҳо, вазифаҳо ва хусусиятҳои маводи таҳқиқӣ мувофиқат мекунанд. Дар ин мақола дигар манбаъҳои таҳқиқӣ аз адабиёти илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб истифода шудааст.

Калидвожаҳо: асос, сохтор, шакл, усул, асосҳои назариявӣ, вожа, тадқиқот, масъалаи истилоҳот, усул, вазифа, тадқиқоти забоншиносӣ, аффиксҳо, библиограф.

ОСНОВНЫЕ СПОСОБЫ СЛОВООБРАЗОВАНИЯ ТЕРМИНОВ СТРОИТЕЛЬНОЙ ТЕМАТИКИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье рассматриваются основные способы словообразования в английском и таджикском языках. Целью данной статьи является изучение особенностей словообразования в двух языках. По этой теме было изучено множество таджикских и английских примеров.

Следует сказать, что сравнительных исследований по сравнительному анализу словообразования в таджикском и английском языках не проводилось, поэтому мы решили провести исследование на эту тему. В данной статье мы стремимся исследовать основные способы словообразования в таджикском и английском языках и показать их лексические и грамматические особенности с точки зрения лексикологии, морфологии, фонетики, орфографии, стиля выражения и культуры речи.

Кроме того, целью реализации этих намерений является соблюдение основных лингвистических методов исследования, соответствующих целям, задачам и специфике материалов исследования. В статье использованы другие исследовательские ресурсы из научной литературы Таджикского национального университета и Кулябского государственного университета.

Ключевые слова: основа, структура, форма, способ, теоритические основы, словообразовательный заимствования слов, исследование, проблема терминологии, способ, функция, исследование лингвистика, аффиксы, библиограф.

BASIC WAYS OF FORMING VOCABULARY IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article discusses the main methods of word formation in English and Tajik languages. The purpose of this article is to study the features of word formation in two languages. Many Tajik and English examples have been studied on this topic.

It should be said that there have been no comparative studies on the comparative analysis of word formation in the Tajik and English languages, so I decided to conduct a study on this topic.

In this article, we strive to explore the main methods of word formation in the Tajik and English languages and show their lexical and grammatical features from the point of view of lexicology, morphology, phonetics, spelling, style of expression and speech culture.

In addition, the purpose of realizing these intentions is to comply with basic linguistic research methods that are consistent with the goals, objectives and specifics of the research materials. The article uses other research resources from the scientific literature of the Tajik National University and Kulob State University.

Keywords: basis, structure, form, method, theoretical foundations, derivational borrowing of words, research, problem of terminology, method, function, research linguistics, affixes, bibliographer.

Маълумот дар бораи муаллифон: Робияи А., н.и.ф., дотсенти кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға:735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16. Тел: (+992) 918277990 E-mail: zafar.gayurov@mail.ru

Маҷидзода М.З. ассистенти кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға:735360, ҶТ, ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16. Тел: (+992) 988506150

Сведения об авторах: Робияи А., к.ф.н., доцент кафедры методики преподавания иностранных языков в Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес:735360, РТ, г.Куляб, ул. С. Сафарова 16. Тел: (+992) 918277990 E-mail: zafar.gayurov@mail.ru

Маҷидзода М.З., ассистент кафедры методики преподавания иностранных языков в Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес:735360, РТ, г.Куляб, ул. С. Сафарова 16. Тел: (+992) 988506150

Information about the authors**:** Robiyai A., c.ph.s., associate professor of the department of teaching methods of foreign languages of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address:735360, RT, Kulob, S.Safarov st.16. Phone:(+992) 987519497 E-mail: zafar.gayurov@mail.ru

Маҷидзода М.З. assistant of the department of teaching methods of foreign languages of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address:735360, RT, Kulob, S.Safarov st.16. Phone:(+992) 988506150

ТДУ: 81/83 (2-тоҷ)
ТКБ: 8/81 (2-тоҷ)
А-51

НАҚШИ ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА ДАР ТАҲКИМИ ҲАМКОРИҲОИ СТРАТЕГӢ МИЁНИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Алишери А., доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси рӯзномонигорӣ, дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар ҷаҳони муосир васоити ахбори омма (ВАО) на танҳо нақши иттилоърасонро иҷро мекунанд, балки воситаи муассири таъсир ба равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ба шумор мераванд. Дар шароити ҳамгироии афзояндаи глобалӣ, нақши ВАО дар ташаккули муносибатҳои дӯстона миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Русия аҳаммияти стратегӣ касб мекунад.

Дар муносибатҳои муосири байналмилалӣ ВАО ҳамчун воситаи ташаккули афкори ҷамъиятӣ, таъмини муносибатҳои дипломатӣ ва пешбурди манфиатҳои фарҳангӣ ва сиёсии кишварҳо нақши калидӣ дорад. Ин нақш дар шароити кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Русия,

ки дар онҳо робитаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ дар тули асрҳои зиёд мустаҳкам боқӣ мондаанд, аҳаммияти хоса пайдо карда истодааст.

Дар замони муосир барои ҳар як мамлакат таъмини амнияти иттилоотӣ мушкилоти муҳим гаштааст. Муҳаққиқ Гулов С.Н. дар ин маврид чунин андеша дорад: «Имрӯзҳо дастрасӣ ба иттилоот тариқи технологияҳои нави иттилоотиву иртиботӣ як ҷузъи муҳимми рӯзгори мардум гардидааст, ки истифодаи интернет аз ҷумлаи онҳо мебошад. Тибқи омори расмӣ, беш аз нисфи сокинони мамлакатамон аз шабакаи интернет истифода мебаранд. Истифода аз интернет ва фазои иттилоотии маҷозӣ метавонад дар таъмини амнияти иттилоотӣ нақши муҳим бозад. Зеро тамоми иттилооти минтақа ва ҷаҳонро аз интернет дастрас кардан мумкин аст, ки он ҳатман ба аудиторияи худ бетаъсир наметонад». [8, с. 116–123].

Муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Русия, инчунин дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ, дар заминаи таърихи муштарак, арзишҳои фарҳангӣ ва ҳамкориҳои иқтисодӣ ташаккул ёфтаанд. ВАО, махсусан телевизион, радио, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, дар нигоҳдорӣ ва густариши ин муносибатҳо саҳми назаррас доранд. Таъмини амнияти иттилоотӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ, аз ҷумла паҳншавии ахбори бардурӯғ ва идеологияҳои ифротгароӣ, яке аз самтҳои муҳимми ҳамкориҳои дуҷониба ба шумор меравад.

Тоҷикистон, чун Русия ва дигар мамлакатҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ сиёсати хешро дорад. Вай пеш аз ҳама, мутобиқи манфиатҳои миллии худ Консепсияи амнияти иттилоотиро таҳия менамояд. Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи ақидаҳои расмиро ба мақсад, вазифаҳо, принсипҳо ва самтҳои асосии таъмини амнияти иттилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода мекунад, ки барои ташкили сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи таклифҳо барои такмили таъмини ҳуқуқӣ, методӣ, илмӣ-техникӣ ва ташкилии амнияти иттилоотии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи барномаҳои мақсадноки таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун асос хизмат мекунад. Дар ин ҷода ҷумҳурии мо бо Русия тафоҳуми пурра дорад. Аз ин лиҳоз, ҳар ду давлатро зарурат нест, ки барои амнияти иттилоотии хеш чораҳои зидди якдигар андешанд. Дар ҳифзи рушди фазои ягонаи информатсионӣ ва фарҳангӣ, ки омили асосии амнияти иттилоотист, воситаҳои ахбори омма нақши бузург мебозанд ва ин бешубҳа омили мусбии суботи сиёсии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо мегардад.

Дар сатҳи дипломатии фарҳангӣ, ВАО бо истифода аз «қувваи нарм» нақши калидӣ мебозанд. Барномаҳои муштараки телевизионӣ, филмҳои мустанад, рӯзҳои фарҳангии кишварҳо ва лоиҳаҳои иттилоотии фаромарзӣ ба эҷоди муҳити эътимод ва фаҳмиши мутақобил мусоидат мекунанд. Ин равандҳо дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва пуштибонӣ аз ҳамкориҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ саҳми бузург доранд.

Воситаҳои ахбори омма ҷузъи ҷудонашавандаи соҳаи фаъолияти сиёсӣ дар муносибатҳои байналмилалии кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошанд. Сиёсат ба ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири худро ба воситаи ахбори омма мерасонад.

Дар шароити тағйирпазирии ҷаҳони муосир таъсири ВАО на танҳо ба равандҳои сиёсӣ, балки дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ҳам меафзояд. Дар баробари ин, воситаҳои ахбори омма афкори ҷамъиятиро ташаккул дода, дар фаъолияти ҷамъиятӣ нақши муҳимро мебозанд.

Ҷойи шакку шубҳа нест, ки воситаҳои ахбори оммавӣ ба инкишофу дигаргунии вазъияти сиёсӣ ва муносибатҳои байни давлатҳо таъсири амиқи худро расонда метавонанд. Барои ҳамин васоити зайл аз қабили телевизион, радио, матбуот, интернет ва ғайра муҳиммияти васоити ахбори оммаро боз ҳам дучанд мегардонад. Истилоҳи васоити ахбори омма, маҷмуи воситаҳои гуногуни паҳнкунандаи иттилоот мебошад, ки барои расонидани иттилооти фаврии зарурӣ ба доираи васеи одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, давлат ва ҳатто ба сатҳи байналмилалӣ оварда мерасонад.

Аз ин нуқтаи назар гуфта метавонем, ки воситаҳои ахбори оммавӣ метавонанд ҳамчун василаи тарғибкунандаи дӯстии миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ, Русия ва Тоҷикистон ва мустаҳкам намудани муносибатҳои дуҷониба хизмат кунанд.

ВАО аз системаҳои иттилоотӣ иборат буда, як қатор унсурҳои муҳимро дар бар гирифта, дар кишвар, минтақа ва умуман дар ҷаҳон бо шакл, усул ва дараҷаи рушди худ ва новобаста аз хоҳиши одамон зуҳур менамояд. Аз ин лиҳоз, назди хабарнигорони кишварҳои Осиёи Марказӣ вазифаи муҳим гузошта мешавад, ки онҳо бояд барои боз ҳам мустаҳкам намудани равобити байни кишварҳои минтақа ҳар кадом дар шакли алоҳидагӣ равобити дӯстонаро бидуни ғараз бояд инъикос намоянд. Ин равиш метавонд муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро миёни кишварҳо ва таҳким бахшидани дӯстии байни онҳо садсолаҳо мустаҳкам нигоҳ дорад.

Бо дарназардошти мавқеи геополитикии Осиёи Марказӣ, кишварҳои минтақа ва Русия дар баробари таҳдидҳои муштарак, аз қабили терроризм, қочоқ ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ қарор доранд. Дар ин замина, ВАО ба ҳайси абзори мубориза бо таблиғоти хатарнок ва фаҳмондани мавқеи расмии кишварҳо амал мекунанд. Ҳамчунин, абзорҳои далелсанҷӣ (fact-checking) дар расонаҳо ба муқобила бо ахбори дурӯғ ва таҳкими саводи расонаии шаҳрвандон мусоидат мекунанд.

Ташаккули афкори ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои байналмилалӣ дар кишварҳои пасошуравӣ, бахусус Тоҷикистон ва Русия, тавассути ВАО сурат мегирад. ВАО инчунин ҳамчун «шохаи чорум» дар низоми демократӣ эътироф гардида, имкони баён ва муколамаи озодро фароҳам меоранд. Ба ақидаи олимон, ВАО метавонанд заминаи сиёсати хориҷии кишварҳоро ташаккул дода, ба тавсеаи ҳамкориҳои минтақавӣ ва фаромилӣ кумак кунанд.

Замони имрӯза замони ҷомеаи иттилоотӣ аст ва ҳар як давлат мехоҳад аз ин минбари иттилоотӣ барои пиёда кардани ҳадафҳои сиёсии худ истифода барад. Дар миёни кишварҳои пасошуравӣ аз ин қудрат баҳри рушди ҳамкорӣ миёни давлатҳо ба таври васеъ истифода мешавад. Махсусан аз қудрати иттиллотии он вобаста ба ҳамкориҳои дуҷониба дар масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангии Тоҷикистон ва Россия ба таври васеъ истифода мебарад, ки ин имкон медиҳад, муносибатҳои дӯстонаи ду кишвар дар сатҳи минтақа ба таври шоиста муаррифӣ шаванд. Вобаста ба ин донишманди рус Третяков В. чунин андеша рондааст «моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ марҳалаи нави инкишофи тамаддуни инсонист, ки дар он авлавиятро равандҳои иттилоотӣ фаро мегиранд» [7, с. 49] ва ҳар касе, ки аз он монд, ба буҳрон мувоҷеҳ мешавад.

Мавриди зикр аст, ки васоити ахбори омма дар масъалаҳои амнияти минтақавӣ низ нақши муҳим доранд. Осиёи Марказӣ, ки дар чорроҳаи манфиатҳои геополитикии қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ ҷойгир аст, бо таҳдидҳои гуногун, аз ҷумла ифротгароӣ, терроризм ва ҷангҳои иттилоотӣ рӯбарӯ аст. Дар ин шароит ВАО воситаи муҳимми паҳн кардани ахбороти ҳақиқӣ, фаҳмонда додани мавқеъҳои давлатӣ ва гузаронидани чорабиниҳои зиддипропагандистӣ мегарданд.

Илова бар ин, расонаҳо дар ҳоли ҳозир ба унвони бо ном «шохаи чаҳоруми қудрат» баррасӣ мешаванд, ки ин боз ҳам муҳиммияти ВАО-ро дар ҳаёти ҷамъиятӣ нишон медиҳад. Доир ба ин масъала Я.Н. Засурский қайд мекунад, ки «раванди барқарорсозии демократия дар кишварҳои пасошуравӣ бо ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, волоияти қонун, иқтисоди бозорӣ ва эҷоди бевоситаи матбуот алоқаманд аст». [3, с. 9]

Русия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар фазои иттилоотӣ фаъолона ҳамкорӣ карда, стратегияҳои муштараки мубориза бо идеологияҳои ифротгароӣ, хабарҳои бардурӯғ ва маълумоти бардурӯғро таҳия мекунанд. Лоиҳаҳои муштараки ВАО, аз қабили таблиғоти зидди динӣ, барномаҳои таълимӣ ва муҳокимаҳои ҷамъиятӣ, ки ба эҷоди ҷомеаи устувор равона шудааст, қодир аст ба муқобили таҳдидҳои иттилоотӣ мубориза барад.

Имрӯз, ки фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ғайр аз ВАО тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба афкори одамон таъсиргузор аст, истифодаи методҳои муайян кардани фейк ва фактчекинг ба миён омадааст. Маҷрои иттилоотӣ имкон намедиҳад, ки «... иттилои расонаӣ ба таври интиқоди қабул ва баҳогузорӣ шавад. Аз ин хотир, хабарҳои бардурӯғ роҳ

меёбанд, ки дар онҳо муаллиф пинҳонкорона вазифаи иртиботии худро бо мақсади таъсир расонидан ба мухотаб ва (манипулитсияи) дасткории он анҷом медиҳад. Донистани абзорҳои далелсанҷӣ ба ҳар корбари интернет имкон медиҳад дар мавриди дурустии иттилоияҳои расонаӣ ба худ бовар дошта бошанд, зеро саводи расонаӣ дарки интиқодии иттилоъро аз рӯйи усули «бовар дошта бош, вале тафтиш кун!» пешниҳод мекунад». [1, с. 178-179] Дар ин радиф истифодаи абзори далелсанҷӣ ба рӯзноманигорони кишварҳои Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон ва Русия имкон медиҳад, ки ҳар як иттилоъро санҷида аз дурустӣ ва нодурустии он огаҳӣ пайдо намуда, иттилооти таъсирбахши хусусияти барқароркунандаи дӯстии байни кишварҳоро нашр намояд.

Моргентау Ханс Ҷ. дар асари худ «Сиёсати байни миллатҳо. Муборизаи барои қувва ва сулҳ» андеша меронад, ки муносибатҳои байналхалқӣ майдони муборизаҳои пуршиддати давлатҳоро мемонад. Асоси кулли фаъолияти байналмилалии давлатро кӯшиши бештар намудани ҳокимияти хеш ва суст намудани ҳокимияти дигарон ташкил медиҳад. Тибқи мафҳуми ҳокимият неруи ҳарбӣ ва иқтисодии давлат, кафолати аз ҳад бештари бехатарӣ ва рушду нумуъ фаҳмида мешавад. Ба ақидаи ӯ давлат кӯшиши ҳукмронии хешро дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ ифода менамояд. Дар ин роҳ яке аз воситаҳое, ки манфиати миллиро, аз ҷумла, амнияти иттилоотиро дар муносибатҳои байналхалқӣ дифоъ менамояд, ниҳоди ВАО мебошанд». [5, с. 71]

Васоити ахбори омма, инчунин ба таҳкими муколама оид ба масъалаҳои амният дар сатҳи байнидавлатӣ мусоидат мекунанд. Масалан, чолишҳо ва таҳдидҳои умумӣ аз қабили муҳоҷирати ғайриқонунӣ, қочоқи маводи мухаддир ва амнияти сарҳад тавассути шабакаҳои хабарӣ ва платформаҳои коршиносӣ баррасӣ мешаванд. Ин мубоҳисаҳо ба ташаккули роҳҳои умумии ҳалли ин проблемаҳо ва мустаҳкам намудани ҳамкорӣ байни мамлакатҳо ёрӣ мерасонад. Зеро технологияҳои иттилоотӣ дараҷаи нави иртиботро байни давлатҳо ташаккул дода, инфрасохтори ҷаҳониро таъсис додаанд ва ба соҳаҳои гуногуни муносибати байнидавлатҳо ворид гардидаанд. Аз ин рӯ, кишварҳои абарқудрат аз ВАО дар амалигардонии сиёсати хориҷии худ ба таври густурда истифода мебаранд. Дар ин маврид Исмоилзода З. чунин андеша дорад: «Айни замон қудрати васоити ахбори омма аз зӯри силоҳ низ болотар меистад. Аз ин хотир, имрӯз кишаврҳои абарқудрат бо истифода аз васоити ахбори омма таъсири худро тақвият мебахшанд». [4, с. 12]

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Русия равобити наздик доштанд ва расонаҳо низ ҳамчун василаи пуштибонӣ аз ин ҳамкорӣ боқӣ монданд. Аммо бо вуҷуди нуфузи расонаҳои русӣ дар баробари соҳибистиқлолӣ масъалаи таҳкими ҳувияти миллӣ ва истиқлолияти он нақши расонаҳои миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ назаррас боқӣ монд.

ВАО дар замони муосир яке аз падидаҳои гуногунҷанба буда, дар шуури омма нуқтаи назари муайянро ташкил медиҳад ва моделҳои сиёсиро ба афкори ҷамъиятӣ ворид мекунад, ки шахс маҷбур мешавад, на танҳо дар дохили кишвари худ, балки берун аз он ба амалҳои мушаххаси сиёсӣ аз нуқтаи назари афкори публитсистӣ ва журналистӣ машғул шавад, ки ин дар сатҳи байналхалқӣ ҳам таъсири амиқ дорад. Ин падида метавонад бо истифодаи қудрати созандаи он ба ташаккули муносибати хуби кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Руссия хизмат кунад. «Бо ин гуна система ҳама чизро гуфтан мумкин аст, аммо ба шарте, ки сухани шумо муфид ва фоидаовар бошад». [2, с. 92]

Воситаҳои ахбори омма метавонанд ба ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ташаккули муносибати хуби давлатҳо хизмат кунанд. Қобили зикр аст, ки расонаҳои Русия ва Осиёи Марказӣ ҳамчун як платформаи муколама байни ҳукуматҳо ва ҷомеа маҳсуб меёбанд. Аз ҷумла, тавассути чунин манобеи расонаӣ чорабиниҳои муштараки фарҳангӣ, лоиҳаҳои иқтисодӣ, ташаббусҳои дипломатӣ таблиғ мешаванд. Барномаҳои табодули хабарҳо, лоиҳаҳои муштараки ВАО, филмҳои ҳуҷҷатӣ ва фарҳангӣ ба тамошобинони Осиёи Марказӣ ва Русия кумак мекунанд, ки ҳамдигарро хубтар фаҳманд ва муносибатҳои дуҷонибаро таҳким мебахшад. Воситаҳои ахбори омма, ҳамчунин дар паҳн кардани иттилоот дар бораи манфиатҳои мутақобилаи иқтисодӣ ва сиёсӣ нақши калидӣ мебозанд. Масалан,

лоиҳаҳои бузурги муштарак, аз қабили ҳамкорӣ дар доираи Иттиҳоди иқтисодии АврУосиё ё Созмони ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) дар расонаҳои Русия ва Осиёи Марказӣ фаъолона инъикос мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки шаҳрвандони ҳарду ҷониб аҳаммияти ин созмонҳоро дар ҳифзи субот ва рушди иқтисодии минтақа дарк кунанд. Илова бар ин, фазои расонаӣ фазои иртибот миёни коршиносон, таҳлилгарон ва сиёсатмадоронеро фароҳам меорад, ки масъалаҳои ҷорӣ ва дурнамои ҳамкориҳоро баррасӣ мекунанд. Қувваи нарм ва дипломатияи фарҳангӣ тавассути ВАО яке аз ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти ВАО дар муносибатҳои байналмилалӣ нақши онҳо ҳамчун абзори «қудрати нарм» мебошад. Истилоҳи «қудрати нарм» ба қобилияти таъсир расонидан ба давлатҳои дигар на тавассути қуввaҳои низомӣ ё иқтисодӣ, балки тавассути таъсири фарҳангӣ, арзишҳо ва ғояҳои намунавӣ ишора мекунад. Русия аз ин равиш фаъолона истифода бурда, аз захираҳои расонаии худ, аз қабили каналҳои байналмилалии Русия истифода мекунад. Имрӯз Sputnik ва дигар шабакаҳо барои паҳн кардани маълумот дар бораи фарҳанг, маданият, таърих маълумот паҳн мекунанд. Ин захираҳо барои эҷоди симои мусбати Русия дар хориҷа, аз ҷумла дар кишварҳои Осиёи Марказӣ равона шудаанд. Чунин платформаҳои ВАО на танҳо мавқеи расмии давлат, балки арзишҳои муштараки фарҳангиро тарғиб намуда, ба ин васила робитаҳои фарҳангӣ ва башардӯстонаи Русия ва кишварҳои минтақаро таҳким мебахшанд.

Олимони рус А.И. Соловёв ва В.П. Пугачёв дар масъалаи мазкур барои муайян кардани нақш ва таъсири воситаҳои ахбори оммаи имрӯза андешаҳои ҷолиб доранд. Онҳо намояндагони усули инструменталистӣ буда, таъкид мекунанд, ки таъсиррасонӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини воситаҳои ахбори оммавӣ мебошад. Ба ақидаи онҳо, «васоити ахбори омма маҷмуи созмонҳоест, ки бо кумаки таҷҳизоти вижаи фаннӣ маълумоти заруриро ба таври ошкоро ва расман ба ҳар як нафар мерасонад». [6, с. 331]

Осиёи Марказӣ низ расонаҳоро ҳамчун як абзори нарм барои таблиғи мероси фарҳангӣ ва анъанаҳои худ истифода мебаранд. Лоиҳаҳои муштараки фарҳангӣ, фестивалҳо, филмҳо ва барномаҳои телевизионӣ ба таҳкими мубодилаи фарҳангӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ мусоидат мекунанд. Масалан, филмҳои мустанаде дар бораи Роҳи Абрешим, ки Русия ва Осиёи Марказиро мепайвандад, намунаи барҷастаи равобити муштараки таърихиро тавассути васоити ахбори омма тарғиб кардан мумкин аст, ки ба равобити чандинасраи фарҳангӣ ва иқтисодӣ таъкид мекунанд.

Дипломатияи фарҳангӣ, ки тавассути васоити ахбори омма амалӣ мешавад, на танҳо ба рушди сайёҳӣ ва робитаҳои дуҷониба хизмат мекунад, балки барои рафъи монеаҳои нофаҳмӣ байни мардум мусоидат менамояд. Маъракаҳои иттилоотӣ, ки ба инъикоси рӯйдодҳои таърихӣ, дастовардҳои бузурги фарҳангӣ ва ташаббусҳои иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, ба фароҳам овардани фазои дӯстӣ ва эътимод байни кишварҳо шароит фароҳам меоварад, ки дар навбати худ ба таҳкими муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ оварда мерасонад. Дар ин маврид сиёсатшиносони британиёӣ Колин Спаркс ва Раймонд Уилямс нақши расонаҳоро дар раванди сиёсӣ муайян карда, таъкид мекунанд, ки: «системаи ВАО метавонад тиҷоратӣ, авторитарӣ, патерналистӣ ва демократӣ бошад». [1, с. 52]

Муносибатҳои байналмилалӣ миёни ҷумҳуриҳо ва элитаи сиёсии Осиёи Марказӣ раванди ба худ хосро аз сар мегузаронад. Тамоюли ҳамкориҳо миёни ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Русия дар расонаҳои хабарӣ назаррас мушоҳида мегардад. Муносибати элитаҳои сиёсии Тоҷикистону Русия созанда ба назар мерасад. Ин тамоюл дар оянда самтҳои асосии рушди сиёсати берунаи давлатҳои Осиёи Марказиро ташаккул ҳоҳад дод. Ҳамкориҳои иқтисодиву фарҳангии миёни давлатҳои Осиёи Марказӣ дар расонаҳои ин минтақаҳо ба таври васеъ инъикос мегардад, ки ин гувоҳӣ аз ҳамкории хуби онҳо дарак медиҳад. Дар ин робита баргузории рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ва баръакси он мисол шуда метавонад, ки дар васоити ахбори омма ба таври васеъ инъикос мешавад.

Нақши ВАО дар муносибатҳои байналмилалии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Русия аз як ҷониб дар эҷоди фазои иттилоотии ягона ва аз ҷониби дигар – дар таҳкими робитаҳои фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ муҳим мебошад. Ба шарофати ҳамкориҳои расонаӣ, кишварҳои

минтақа метавонанд дар муқобили таҳдидҳои иттилоотӣ истодагӣ карда, дар роҳи рушди устувори ҳамкориҳо муваффақ шаванд.

Ҳамин тариқ, нақши расонаҳо дар муносибатҳои байналмилалии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Русия дар таҳкими равобити дӯстона ва ҳамкориҳои бисёрҷанба муҳим аст. Тавассути захираҳои ВАО арзишҳои фарҳангӣ тарғиб гашта, назари муштарак оид ба мушкилоти минтақавӣ ташаккул ёфта, барои тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ шароит фароҳам оварда мешавад. Дар баробари дигаргуниҳои манфӣ, аз қабили маълумоти бардурӯғ, ҳамкорӣ дар соҳаи иттилоот барои таъмини субот ва шукуфоии минтақа аҳаммияти рӯзафзун пайдо мекунад.

Адабиёт:

1. Sparks C. Communism, Capitalism and Mass Media. / C.Sparks, A.Reading. –L., 1998. – P.52.
2. Williams R. Communications. –L., 1982. – P.92.
3. Засурский Я.Н. Средства массовой информации как фактор процессов общественной трансформации на рубеже тысячелетий. // Журналистское образование в XX1 веке: кого, кому и как учить журналистике: сб. материалов междун. учебно-методической конф. – Екатеринбург, 2000. –С.9.
4. Зиннатулло И. Ислоҳоти таҳсилоти журналистиӣ. Таҳсилоти журналисти дар Тоҷикистон: васъият, мушкилот ва пешомад // И. Зиннатулло – Душанбе, 2022 саҳ 12
5. Моргентау Ханс Ҷ. Сиёсати байни миллатҳо. Мубориза барои қувва ва сулх. Нашри дуюм, Алфред А. Knopf: Ню Йорк, 1955.
6. Пугачев В.П. Введение в политологию / В.П.Пугачев, А.И.Соловёв. –М., 2002. –С. 331.
7. Третьяков В. Как стать знаменитым журналистом. М, 2004
8. Гулов, С.Н. Пешвои миллат ва рушди радиову телевизион [Матн] / С. Гулов // Воситаҳои ахбори омма ва ташаккули давлатдории миллӣ (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2021. – С. 116–123.
9. Дастурамали таълимӣ оид ба саводнокии расонаӣ барои устодони донишгоҳҳои Тоҷикистон. – Душанбе: Интернюс, 2021. – 360 саҳ.

НАҚШИ ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА ДАР ТАҲКИМИ ҲАМКОРИҲОИ СТРАТЕГӢ МИЁНИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Мақолаи мазкур ба омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили нақши ВАО дар муносибатҳои байналмилалии кишварҳои Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон ва Русия ва таҳкими муносибатҳои дӯстона миёни ин кишварҳо бахшида шудааст. Дар мақолаи мазкур муносибатҳои байналмилалӣ миёни ҷумҳуриҳо ва элитаи сиёсии Осиёи Марказӣ тамоюли ҳамкориҳо миёни Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Русия дар васоити ахбори омма нишон дода шудааст.

Ҳамзамон, доир ба паҳлуҳои таъсири расонаҳои хабарии кишварҳои Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон ва Русия доир ба ташаккули ҳамкориҳои дуҷониба, таҳкими муносибатҳои дӯстона ва нақши васоити ахбори омма дар ин раванд маълумот дода шудааст.

Дар мақолаи мазкур доир ба паҳлуҳои гуногуни ВАО ва нақши онҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ зикр ёфтаанд. Инчунин, вобаста ба дипломатияи фарҳангӣ, робитаҳои дуҷониба, рафъи монеаҳои нофаҳмӣ байни мардум, маъракаҳои иттилоотӣ, ки ба инъикоси рӯйдодҳои таърихӣ, дастовардҳои бузурги фарҳангӣ ва ташаббусҳои иҷтимоӣ, фазои дӯстӣ ва эътимод байни кишварҳо, таҳкими муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон ва Русия маълумот дода шудааст .

Калидвожаҳо: байналмилалӣ, ҳамкорӣ, Осиёи Марказӣ, дӯстона, воқеият, проблема, таъсир, фарҳангӣ, робита, иттилоот, Тоҷикистон, Русия.

РОЛЬ СРЕДСТВ МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ В УКРЕПЛЕНИИ СТРАТЕГИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА МЕЖДУ СТРАНАМИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Данная статья посвящена изучению, исследованию и анализу роли СМИ в международных отношениях стран Центральной Азии, Таджикистана и России, а также укреплению дружественных отношений между этими государствами. В статье рассматриваются международные отношения между республиками и политическими элитами Центральной Азии, а также тенденции сотрудничества между Таджикистаном и Россией, отражённые в средствах массовой информации.

Особое внимание уделено влиянию информационных ресурсов Центральной Азии, Таджикистана и России на формирование двустороннего сотрудничества, укрепление дружественных отношений и роли СМИ в этом процессе.

Рассматриваются различные аспекты деятельности СМИ и их влияние на международные отношения. Также анализируется значение культурной дипломатии, двусторонних связей, преодоления недопонимания между народами, информационных кампаний, направленных на освещение исторических событий, выдающихся культурных достижений и социальных инициатив, а также создание атмосферы дружбы и доверия между странами, что способствует политическому и экономическому взаимодействию.

Ключевые слова: международные отношения, сотрудничество, Центральная Азия, дружба, реальность, проблемы, влияние, культура, коммуникация, информация, Таджикистан, Россия.

THE ROLE OF MASS MEDIA IN STRENGTHENING STRATEGIC COOPERATION AMONG CENTRAL ASIAN COUNTRIES

This article is dedicated to the study, research, and analysis of the role of mass media in the international relations of Central Asian countries, including Tajikistan and Russia, and their role in fostering friendly ties among these nations. The article explores the dynamics of international cooperation between Central Asian republics and political elites, focusing on the collaboration between Tajikistan and Russia as portrayed in the media.

It highlights how the media landscape in Central Asia, Tajikistan, and Russia influences the formation of bilateral cooperation, the reinforcement of friendly relations, and the overall role of media in these processes.

Various dimensions of mass media activities and their impact on international relations are discussed. The article also delves into the importance of cultural diplomacy, bilateral engagement, overcoming public misunderstandings, and media campaigns that reflect historical events, major cultural achievements, and social initiatives. These efforts help foster an atmosphere of trust and friendship, thus contributing to political and economic cooperation among the countries.

Keywords: International relations, cooperation, Central Asia, friendship, reality, challenges, influence, culture, communication, information, Tajikistan, Russia.

Маълумот дар бораи муаллиф: Алишери Абдулмаҷид, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси рӯзноманигорӣ, дотсенти кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Телефон: 918-33–44-42. E-mail: alisher.abdulmajid@mail.ru

Сведения об авторе: Алишери Абдулмаджид, доктор философии (PhD), доктор по специальности журналистики, доцент кафедры журналистики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Телефон: 918-33–44-42. E-mail: alisher.abdulmajid@mail.ru

Information about the author: Alisher Abdulmajid, doctor of philosophy (PhD), doctor in journalism, head of the department of journalism at Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Phone: +992 918-33–44-42. Email: alisher.abdulmajid@mail.ru

ТДУ: 81-1/9 (2-тоҷ)
М-38

ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ ЗАБОНШИНОСӢ ДАР НОМАҲОИ САДРИДДИН АЙНӢ

Мавлонзода Ш.М., н.и.ф., докторант
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аксари номаҳои устод Айнӣ ба бахшҳои гуногуни илми тоҷик бахшида шудааст. Яке аз масъалаҳои мубрами номаҳои устод Айнӣ ин баррасии масъалаҳои илми забоншиносист. Аз сабаби он ки дар як мақола пурра масъалаҳои забоншиносиро дар номаҳои устод Айнӣ баррасӣ кардан ғайриимкон аст, мо дар асоси маводи номаҳо роҷеъ ба баъзе хусусиятҳо, аз ҷумла истифодаи калимаҳо, махсусан, калимаҳои шевагӣ, меъёри забони адабӣ, вижагиҳои дастурӣ, имло ва усулбиёт маълумоти мухтасар хоҳем дод.

Устод Айнӣ ба раванди инкишофи забони адабии тоҷикӣ хеле бо диққат назар карда, муваффақият ва камбудиҳои ин соҳаро саривақт нишон дода, барои аз ҷиҳати илмӣ тавзеҳ ва тавсиф намудани қоидаву қонунҳои луғавию грамматикии он хеле фикрҳои ҷолиб баён кардааст. Қайдҳои устод дар номаҳо масъалаи муайян кардани хусусиятҳои услубии калимаҳо, аниқ намудани доираи маъноии воҳидҳои луғавӣ, мансубият ва баромади этимологӣ, муносибати шаклӣ ва маъноии байниҳамдигарии онҳо, муносибати забони адабии муосир бо забони адабии осори классикӣ ва бо забони гуфтугӯӣ, лаҳҷаҳо, иқтибоси калимаҳо аз забонҳои дигар ва ғайра барои омӯхтани таърихи инкишофи забони адабии тоҷик, хусусан, захираи луғавии он аҳаммияти ниҳоят бузурге доранд.

Устод Айнӣ масъалаи сода кардани забони адабии муосирро пеш гирифта, дар айни замон таъкид намуд, ки «адои ин басо душвор аст». Барои ҳамин ҳам ин донишманди бебадали забон яке аз муҳимтарин роҳҳои ҳалли ин масъаларо дар истеъмоли ҳар чи бештари сарвати забони халқ ва лаҳҷаҳои он фаҳмид. Устод ин масъаларо ба миён гузошта, аввал чунин ҷиҳати муҳиммеро қатъӣ таъйин намуд, ки ин равиш бояд ба фаҳмондани мақсад ва маром монеъ нашавад. Ин нукта чунин маънӣ дошт, ки аз забони зинда ва шохаҳои шевагии он на ҳар гуна калимаю ибора ва шаклҳои грамматикӣ, балки он воситаҳое бояд истеъмол шаванд, ки мувофиқи қоидаи забони тоҷикӣ буда, сара ва лоиқи умумишавӣ мебошанд. Ин корро танҳо дар натиҷаи бо диққат омӯхтани забони халқ ва гаштан дар байни намояндагони лаҳҷаҳои гуногун самаранок иҷро намудан мумкин аст. Қайди зерини устод Айнӣ дар ин хусус бисёр ҷолиби диққат аст: «Барои он ки «ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад», яъне ҳам забон сода шавад, ҳам муддао адо ёбад, бисёр кӯшишҳо ва ҷустуҷӯҳо ба кор бурдан даркор аст. Бисёртарини ин кӯшишҳо танҳо ба варақгардонии китобҳои куҳна ва хондани таърихҳои гузашта набуда, дар байни мардуме, ки ҳозир зиндагӣ мекунанд, даромадан ва забони зиндаи эшонро ҷустуҷӯ кардан лозим аст» [5, с. 13-14].

Таҳлилу баррасии номаҳо нишон дод, ки устод Айнӣ бо А. Лоҳутӣ дар масъалаи такомули забони адабӣ, истифодаи воҳидҳои забон дар шеър андешаҳои якдигарро пурсон мешуданд.

Устод Айнӣ барои боз ҳам дилработар шудани ашъори Лоҳутӣ маслиҳати худро дареғ намедошт. Дар номае, ки ёздаҳуми феврали соли 1939 ба А. Лоҳутӣ навиштааст, ашъори устод Лоҳутиро аз ҷиҳати услуб ба ашъори адибони классикӣ баробар кардааст. Ҳамчунин, дар мактуби зикргардида, номи достони Лоҳутӣ, ки «Шамъи бино» номгузорӣ шудааст, чунин гуфтааст: «Шамъи бино» – ин унвон ва исботи ин унвон бо мисоли ҳаёти ҳақиқӣ – дар фикри ҳеҷ колосик нарасида буд» [2, с. 158-159].

Устод Айнӣ дар мактуби мазкур роҷеъ ба ду байти устод Лоҳутӣ андешаашро баён карда, дар байтҳои зерин ивази вожаҳои «бахт» ба «васл» ва «дил» ба «ман»-ро зарур донистааст

Ё бар рухи ман намешавад боз,
Ё қалъаи бахт дар надорад.

*****

Ё тири ту бигзарад ниҳонӣ,
Ё синаи дил сипар надорад [ниг. 2, с. 160].

Дар мавриди таҳрири дастнависи романи «Шодӣ» дар китоби «Мактаби адабии устод Садриддин Айнӣ» чунин гуфта шудааст: «Вақте ки сухан дар бораи қайдҳои забонӣ-услубии романи «Шодӣ» меравад, пеш аз ҳама инро бояд гуфт, ки бисёру бемаврид кор фармуда шудани луғатҳои хоси маҳаллиро С. Айнӣ нуқсони калони дастнавис мешуморад ва Ҷ. Икромиро сахт сарзаниш мекунад, ки вай калимаҳои шевагиро бисёр сӯиистеъмол кардааст [7, с. 152].

Масъалаи истифодаи калимаҳои шевагӣ ҳам дар номаҳо ва дар мақолаҳои илмии устод мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Устод Айнӣ тарафдори истифодаи калиимаҳои шевагӣ мебошад, аммо на ба он тарзе ки танҳо дар як шева истифода шаванд. Ба андешаи устод Айнӣ калимаҳои шевагӣ пеш аз он ки ба забони асари бадеӣ ворид карда шаванд, нависанда аввал аз рандаи қайд тарошида ва бо чилбури адабӣ сайқал дода, ҳамабоб карда, ба хонандагони худ диҳад, на ин ки дар соҳаи тақлид ба дараҷае расад, ки худаш забони худашро ҳам гум кунад.

Ҳаминро махсус қайд кардан лозим аст, ки бемавқеъ кор фармудани калимаҳои шеваю лаҳҷагиро чун нуқсони ҷиддии дастнавис сахт танқид кардани С. Айнӣ аз он ҷиҳат ҳам арзишманд аст, ки дар ибтидои солҳои сиюм дар асарҳои бадеӣ бештар истеъмол карда шудани калима ва ибораҳои хоси маҳаллиро баъзе аз нависандагон, адабиётшиносон ва пажуҳишгарон қимати асари бадеӣ мешумориданд ва ба асар аз ҳамин нуқтаи назар баҳо медоданд

Дар номаи дигар, ки ба Базаи тоҷикии Академияи илмҳои СССР санаи 11.03.1940 навиштааст, роҷеъ ба истилоҳоти аврупоӣ, истифодаи дурусти калимаҳое, ки аз забонҳои дигар иқтибос шудаанд, махсусан, аз забони арабӣ андешаи илмии раднашаванда баён кардааст. Масалан, дар мавриди истифодаи вожаҳои «мубораза», «муболаға», «мусобақа», «муассаса» андешаронӣ карда, истифодаи дурусти вожаҳои мазкурро ба мутахассисони соҳавӣ пешниҳод кардааст. Ба андешаи устод Айнӣ бештари калимаҳои иқтибосие, ки ба забони тоҷикӣ ворид шудаанд, дар забони тоҷикӣ монанди инҳо важаҳо набуданд, бинобар зарурат ва талаботи замон дар бахшҳои илмҳои гуногун, махсусан, илми сиёсатшиносӣ калимаҳои иқтибосӣ ворид шудаанд.

Дар истифодаи калимаҳое, ки аз забони арабӣ ворид шуданд, миёни мутахассисони соҳавӣ ва адабӣ гуногунандешӣ ба миён омадааст. Масалан, дар истифодаи вожаи «мубориза» ду ҷараён дида мешуд, як гурӯҳ «мубориза» менавиштанд, гурӯҳи дигар «мубораза». Устод Айнӣ тарафдорӣ ҷараёни дуюм буда, чунин таъкид кардааст: «Ман тарафи ҷараёни дувум ҳастам ва бо қалами худ хато навиштанро ва дар навиштаҳои хато ба сифати масъуле имзо карданро намехоҳам» [2, с. 239].

Чунонки мебинем, устод Айнӣ, зимнан, худи калимаҳои арабии типи муфоаларо ба ду ҷудо карда, як қисмро забонзади мардум ва қисми дигарро «дар забони зиндаи халқ набудаанд» гуфта, аз таъсири забони гуфтугӯйӣ берун монда, ба ягон тағйироти шакли дучор нашудани онҳоро таъкид кардааст. Агар дар навишту дар талаффузи баъзе аз ин типпи калимаҳо дар забони гуфтугӯйӣ риоя шудани қоидаи забони арабиро ба назар гирем (мубораза-талоши дутарафа; мубориза-муаннаси мубориз, мубориззан), пас маълум мегардад, ки ба як қисми ин типи калимаҳо таъсири забони гуфтугӯйӣ ҷой доштааст. Айнӣ хостааст таъкид кунад, ки баъзе аз ин қабил калимаҳо, ки ба таъсири забони гуфтугӯйӣ ҳанӯз дучор нашудаанд, мувофиқи қоида бехато навишта шаванд ва дар забони адабӣ умумӣ гарданд.

Масъалаи дигар ин калимаҳои иқтибосие, ки дар забон кайҳо ҳазм шудааст, дар мактуб мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки устод Айнӣ фикрашро баён карда, зикр

мекунад, ки истифодаи калимаи иқтибосии арабӣ, ӯзбекӣ ва ҷумласозии тоҷикӣ ба ихтиёри ман мебошад, агар не ман ба ин кор розӣ шуда наметавонам.

Аз тарафи дигар, устод Айнӣ ба он ишора мекунад, ки забон дар мубодилаи халқ ва мувофиқи қонунҳои дохилии худ тадриҷан тараққӣ мекунад, бинобар он роҳи дурусти қонунии тараққиёти забонро муайян кардан ва онро ба эътибор гирифтан лозим аст, на ба қарору фармон муносибат кардан ба забон [12, с. 43].

Ҳар як масъалае, ки роҷеъ ба забон дар мактубҳо дарҷ шудааст, таърихи худро дорад. Ҷумлаи зерин низ чунин таърих дорад. «Дер нашудааст, ки дар бораи партофтани «-ро» як қарор баромад, аммо худ ба худ аз миён рафт» [2, с. 239].

Устод Айнӣ дар мавриди пасоянди «-ро» чунин гуфтааст, ки соли 1938 лоиҳаи фармони №1 Комиссариати халқии маорифи РСС Тоҷикистон омода буд, ки вай баътар аз 02.01. 1939 нашр шуд (ниг. Назарзода С. «Имло ва забони адабӣ». С. 188; Брагинский, И. «Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ».С.162-164; Ғаффоров Р. «Устоди бузурги сухан» с. 53).

Дар ҳамон давра масъалаҳое, ки роҷеъ ба забони тоҷикӣ –фармон, қоидаҳо тағйир ё илова мешуданд, ҳатман аз назари устод Айнӣ гузаронида мешуданд.

Пешниҳоди фармони мазкурро низ то ба фармон табдил шудан, ба маълумоти устод расонида буданд. Устод Айнӣ маслиҳат ва дастурҳо дода, бо бештари пешниҳод розӣ мешуд, меписандид, вале ба банди 11-ум, зерфасли «г» эътирози қатъӣ намудааст [Муф. ниг.9, с. 194].

Пажуҳиш нишон дод, ки дар ҳамон давра бештари пажуҳишгарони суханшиносӣ тарафдори аз забони адабӣ баровардани пасоянди «-ро» будаанд. Масалан, яке аз пажуҳишгарони ҳамон давра –Брагинский И.С. низ тарафдори аз забони адабӣ баровардани пасоянди «-ро» будааст. Далели баровардани пасоянди «-ро»-ро дар он дидаанд, ки пасоянди «-ро» дар забони гуфтугӯӣ истифода намешавад, бинобар ин дар забони адабӣ кор фармудани он муҳим нест.

Устод Айнӣ барои тасдиқ нашудани банди мазкури лоиҳа аз Самарқанд ба Сталинобод меояд ва бо И.С. Брагинский суҳбат намуда, норозигиашро дар бораи гирифтани пасоянди «-ро» аз забони адабӣ иброз дошта, чунин гуфтааст: Оё медонед, ки «-ро» ба назар чизи хурд ва ҳамагӣ ду ҳарф бошад ҳам, ин масъалаи буррогии забон аст ва аз қадим аҳаммияти адабӣ дорад! Шумо ибора ва калимаҳои кӯчагиро ба забони адабӣ дохил карданиед? Забони адабӣ ва забони гуфтугӯро ин тавр ба ҳам наздик кардан лозим нест. Ба ғайри донистани нормаҳои сарфу наҳв ва ё хусусияти шеваҳо назокати забонро ҳис кардан лозим аст!» [4, с. 163-164].

Устод Лоҳутӣ низ доир ба гирифтани пасоянди «-ро» аз забони адабӣ норозигӣ карда, чунин гуфтааст: «Шумо мехоҳед, ки калимаи «соя» ҳамчун –«сояя» садо диҳад? Ин гуна омезиш садоҳои ғайрибадеӣ гӯшхарош аст «сояро» гуфтан- ҳам фаҳмо ва ҳам хушоҳанг [Ниг. 4, с. 163].

Дар ҳақиқат, як давра муҳаққиқону адибони ҷавон баъзе калимаю ибораҳои кӯчагиро, ки дар истеъмол фаъол буданд, ба меъёри забон даровардан мешуданд. Ба назари мо, ба гуфти устод Айнӣ онҳо то андозае аз дастури забон бохабар бошанд ҳам, назокату латофати забони адабиро дар ҳамон вақт ҳис намекарданд.

Аз баррасию масъалаи мазкур маълум мешавад, ки устод Айнӣ аз таърихи забон маълумоти муфассал доштааст, чунки дар бораи пасоянди «–ро» дар таърихи забон маълумоти муфассал дода шудааст. Профессор Д. Хоҷаев дар ин масъала чунин мегӯяд: «Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар шарҳи ин воситаи дастурӣ хеле нозукбинона муносибат намуда, вазифаю маъноҳои дастурии онро (пасоянди «–ро»-ро –М.Ш.) хуб эзоҳ додааст. Вай мегӯяд: «-ро» калимаест, ки дар иборати порсӣ ба чанд ваҷҳ медарояд. Гоҳе мафъул воқеъ мешавад» [Муф. ниг. 13, с. 251].

Мактубе, ки санаи 09.01.1940 ба донишҷӯи курси якум Шомурод Миров навиштааст, роҷеъ ба навиштани шеъру ҳикоя маслиҳати муфид додааст. Дар мактуби зикршуда устод Айнӣ таъкид менамояд, ки барои адиби хуб шудан, бояд забонро хуб донистан лозим.

Номаи дигари устод Айнӣ, ки хеле муфассал аст, дар бораи шарҳу тафсири калимаҳо, омӯхтани забони халқ, забони адибони классик ва аз таҷрибаи забономӯзии худи устод Айнӣ маълумот медиҳад. Устод Айнӣ маслиҳат медиҳад, ки барои омӯхтани забон танҳо хондани луғатҳо кифоят нест. Барои омӯхтани забон аввал забони оммаи халқро аз бар кардан лозим ва баъд аз он осори адибони классикро аз худ кардан лозим. [Муф. ниг.2, с. 257-270].

Чунон ки дар боло зикр кардем, устод Айнӣ барои омӯхтани забон пеш аз ҳама ба забони халқ такя карда, бештар дар байни мардум, махсусан, дар бозорҳо гашта, ба суханронии савдогарону харидорон диққат медод ва калимаҳои классикие, ки аз мардум мешунид, дар осори худ истифода мекард. Масалан, устод дар хонаи Шарифҷон-махдум аз забони ошпаз вожаи «ошофарин»-ро шунида дар ҳайрат мемонад. Минбаъ вожаи «офарин»-ро дар осораш ба маънои халққунанда истифода кардааст. Ба монанди калимаи «офарин» устод Айнӣ вожаҳои зиёди классикиро аз забони зиндаи халқ гирифта, дар осораш истифода кардааст [Муф. ниг.2, с. 269-270].

Устод Айнӣ омӯхтани забони зиндаи халқро нисбат ба забони классикон душвортар гуфтааст. Барои омӯхтани забони зиндаи халқ муҳаққиқ бояд ноҳия ба ноҳия гашта, ҳам ба вижагиҳои фонетикӣ ва ҳам ба вижагиҳои маъноию дастурии калимаҳо диққат диҳад. На ин ки монанди баъзе аз муҳаққиқони забоншинос, ки барои омӯхтани лаҳҷаи ягон маҳал мераванд, вақте ки намояндаи маҳал сухан мекунад ва он калимае, ки муҳаққиқ бори аввал мешунавад, зуд ба дафтар қайд мекунад, ё такроран мепурсад. Устод Айнӣ дар бештари номаҳояш такрор ба такрор барои омӯхтани забони зиндаи халқ ба муҳаққиқону адибони ҷавон пешниҳод менамояд, ки барои омӯхтани забон ба шаҳру ноҳияҳои гуногун сафар карда, бо мардум озодона суҳбат намоянд. Устод Айнӣ зидди навиштани калимаҳои нав дар назди мусоҳиб мебошад. Яъне ба андешаи устод Айнӣ ҳар чизе ки мешунавӣ, бояд дар хотира нигоҳ дорӣ, на дар дафтар қайд кунӣ. Агар ин корро адиб такрор ба такрор кунад, гӯшаш одат мекунад ва барои аз худ кардани луғати нав бе аҳаммият додан ба он луғатро аз худ мекунад. Устод Айнӣ таҷрибае, ки мутахассисони соҳаи забоншиносӣ барои ҷамъ кардани шева, калимаҳои шунидаашонро ба дафтари махсус менависанд, намеписандад. Дигар аз роҳҳои аз худ кардани забонро устод Айнӣ дар номааш чунин нишон додааст: «Кори дувум, татбиқ кардани талаффуз ва луғатҳои ҷудогонаи районҳои гуногун аст ба якдигарашон ва кори севум, татбиқ кардани хулосаи ин тадқиқот аст бо клосикҳо. Албатта, ҳамаи инҳо якбора намешаванд, агар ин усул пеш гирифта шавад, дар рафти кор худ ба худ натиҷа ба даст медарояд» [2, с. 267-268].

Вижагиҳои дигари аз худ кардани забони зиндаи халқро устод Айнӣ дар ҳамсуҳбат шудан бо одамоне, ки бори аввал бо ӯ суҳбат мекунанд, мебинад. Худи устод Айнӣ низ ин таҷрибаро барои ғанӣ кардани таркиби луғавии худ истифода мекардааст. Пажуҳиш нишон дод, ки устод Айнӣ аз суханҳои ҳамсуҳбаташ аз кадом минтақа буданашро муайян мекард. Бо вуҷуди ин устод дар вақти суҳбат аз куҷо будани ҳамсуҳбаташро мепурсидааст. Мақсади пурсидани устод ин муайян кардани лаҳҷаи ҳамон маҳал будааст.

Устод Айнӣ дар вақти суҳбат ҳам дар талаффуз ва ҳам дар истифодаи вожаҳои мусоҳиби худ бодиққат гӯш мекардааст. Чунончи, дар яке аз номаҳояш гуфтааст: «Ман дар сари кори канал бо бисёр колхозчиён мусоҳиба кардам. Номи қишлоқҳои онҳо диққати маро ҷалб кард: Шумо аз куҷо? – Аз Ҳуснобод, шумо чӣ? Аз Нигинобод, шумо аз куҷо? – Аз Майкада, шумо чӣ? – Аз Зебон (Зебоён) ва ҳоказо. Ҳақиқатан районе, ки ба деҳаҳои худ ин гуна номҳои шоиронаро қабул кардааст, ҳақ дорад, ки монанди Рӯдакӣ як устоди номурдании шеъру музикаро расонад» [2, с. 297].

Масъалаи категорияҳои дастурии забон низ дар номаҳои устод Айнӣ хеле хуб баррасӣ шудааст. Номае, ки устод Айнӣ санаи 24.08.1941 ба нашриёти «Тоҷикистон сурх» ва Раҳматзода навиштааст, дар хусуси категорияи шумораи исм сухан карда, дар рӯзнома нодуруст истифода кардани шакли ҷамъи исмҳоро таъкид кардааст. Дар мактуби зикршуда низ устод Айнӣ дар мавриди истифодаи шумораи ҷамъи исмҳо ба забони халқ такя карда, чунин гуфтааст: Ҳозир ҳамин қадарро бояд гӯям, ки баъзе коркунони газета (шояд аз

тарҷумонҳо бошанд) то ҳол ҳаминро фарқ намекунанд, ки дар забони тоҷикӣ ва умуман дар забони форсӣ баъд аз шумора чизи шумурдашуданӣ (маъдуд) ҷамъ намеояд. Мо дар ин хусус на аз клосикҳо ва на аз қоидаи забон далел намеоварем. Танҳо забони гуфтугӯии оммаро мисол нишон медиҳем: масалан касе аз як колхузчӣ пурсад, ки чи қадар паранда ва ҳайвонот дорӣ, ӯ ҷавоб медиҳад даҳто мурғ дорам, ду гов дорам, 5 буз дорам ва се гӯсфанд дорам ва намегӯяд, ки даҳта мурғҳо дорам ва ҳоказо… Ва ҳол он ки дар газета дар ҳамин мавридҳо даҳта мурғҳо, се говҳо ва ҳоказо навишта мешавад [2, с. 322].

Масъалаи категорияи шумораи исм ба ғайр аз номаҳо дар мақолаи устод Айнӣ бо номи «Оид ба вазъияти забоншиносии тоҷик» баррасӣ шудааст. Устод Айнӣ дар мақолаи мазкур назари Шавкат Ниёзиро доир ба истифодаи пасвандҳои ҷамъбандии **-ҳо, -он (-гон, -ён, -вон**) рад карда, бо мисолҳои фаровон исбот менамояд, ки пасванди **–он** ҳам дар таърихи забон ва ҳам дар забони муосир бо исмҳои ғайришахс низ меояд. [Муф. ниг. 3, с. 66].

Чунонки мебинем, устод Айнӣ на танҳо ба воситаи мактуб, инчунин ба воситаи мақолаҳои пуразришаш меъёри забони адабии тоҷикиро пос медошт.

Аз мактубҳои таҳлилшуда маълум аст, ки андешаҳои забоншиносӣ дар мукотиботи Лоҳутӣ ва Айнӣ зиёданд. Дар мактуби навбатӣ, ки санаи 21.07.1946 ба устод Лоҳутӣ навишта шудааст, доир ба маъно ва сохти калимаи «ҷангара» сухан меравад.

Аз муҳтавои мактуб маълум мешавад, ки устод Лоҳутӣ доир ба калимаи «ҷангара» бо ҳамватанони худ-эрониён баҳс кардааст. Баъзе аз эрониён гуфтанд, ки калимаи «ҷангара» вожаи сирф тоҷикист ва ба забони форсӣ - Эрон ҳеҷ пайванд надорад.

Роҷеъ ба мактуби мазкур забоншинос Ҳ. Раупов чунин гуфтааст: «Дигар, як мактуби ба А. Лоҳутӣ навиштаи Айнӣ ба мисли як мақолаи илмӣ, сар то сар муҳокимаи сохту ташаккули калимаҳои ҷудогонаи тоҷикӣ, аз қабили «ҷангара», «девора», «тара» иборат гаштааст. Айнӣ собит менамояд, ки калимаҳо аз рӯйи эҳтиёҷ, мувофиқи қонуниятҳои дохилии забон пайдо мешаванд, калимаҳои сохта ё муштақ низ ба қонунҳои хоси калимасозии забон мувофиқан ба миён омада, ба истеъмол медароянд ва боиси васеъ шудани захираи луғавии забон мегарданд» [12, с. 40].

Устод Айнӣ дар номаи зикршуда ба таҳлили сохтории калимаи «ҷангара» мегузарад ва бо далелҳо ва мисолҳои фаровон, дар қолаби ҷангара сохта шудани дигар калимаҳоро, ки дар дастури форсии тоҷикӣ машҳур аст, меорад ва бо далелҳои қатъӣ исбот кардааст, ки вожаи «ҷангара» моли форсизабонон аст [Муф. ниг. 2, с. 373-376].

Садриддин Айнӣ барои исботи фикраш боз ба устод Лоҳутӣ китоби «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ»-ро мефиристад ва таъкид менамояд, ки дар охири китоб баъзе луғатҳо оварда шудааст, ки эрониён луғати илмии махсуси тоҷикӣ гуфтаанд. Воқеан, дар охири китоб устод калимаҳоеро овардааст, ки дар забони зиндаи халқ то ҳол истифода мешаванд. Ба монанди «охур», «бодиринг-хиёр», «бадраг-бадзот», «тоба - деги паҳни бирёнӣ», «ҷар - шикоф ва кофтаи табиии замин», «ҷувол-халтаи калони боркашонӣ, ки дар Эрон «киса» меноманд» [1, с. 54-55].

Устод Айнӣ дар номаҳои дигари худ дар хусуси фарқи забони адабӣ ва забони зиндаи гуфтугӯйӣ сухан карда, аз ҳисоби вожаҳои адабии классикӣ, аз қабили «гусел», «пойидан», «нопояд», «арбада», «хархаша», «ошофарин», ки дар забони гуфтугӯйии маҳаллӣ дида мешаванд, васеъ кардани забони адабиро таъкид карда, калимаҳои сирф шевагиро хеле эҳтиётkорона, танҳо бо талаби услуби эҷодӣ, барои хислати қаҳрамонҳои асар ва дар вақти зарурат истифода бурданро маслиҳат медиҳад.

Номае, ки устод Айнӣ ба Пӯлод Толис навиштааст ҳамчун дастури раҳнамо барои суханшиносон ва нависандагону шоирони ҷавон то ҳол хизмат карда истодааст. Аз сабаби он ки роҷеъ ба андешаҳои забоншиносии мактуби мазкур мақолаи алоҳида чоп шудааст, аз такрори таҳлили мактуби мазкур худдорӣ кардем [Муф. ниг. 6, с. 27-32].

Аз мактубҳои устод Айнӣ маълум мешавад, ки ҳар асаре, ки барои хондан ва таҳрир ба ӯ пешниҳод мекунанд, ҳатман ғалатҳои имлоӣ ва услубии онро баён мекунад. Ғалатҳое, ки дар Нашриёти давлатии Тоҷикистон мекунанд, хатоҳои анъанавиро гирифтаанд, мегӯяд. «Намедонам, ин дарди музмин аз бадани Тоҷгиз кай бартараф мешуда бошад».

Дар давоми нома устод Айнӣ аз маснавии Мулҳам байте оварда, дар хусуси ғалат чоп шудани калимаи «қуфл» андешаашро баён кардааст. Ҳамчунин, устод Айнӣ роҷеъ ба нодуруст истифода шудани калимаҳои «афв», «оқибат», «ошиқ» ва «хидматгор» нигаронӣ карда, таъкид кардааст, ки агар пеши роҳи инро нагирем, забони тоҷикӣ забони ҳуруфчин, мусаҳҳеҳ ва тарҷумонҳои бесавод мешавад [Муф. ниг. 2, с. 446-447].

Чунонки қайд намуда будем, устод Айнӣ баъзан вақт аз мавзуи асосии мактуб дур рафта, доир ба меъёри забони тоҷикӣ сухан мекунад. Дар мактуби зикршуда низ ин ҳодиса дида мешавад. Худи устод Айнӣ қайд менамояд, ки «Ман дар ин ҷо аз матлаб ба фарсангҳо дур афтодам, мебахшед».

Роҷеъ ба ду мактуби кушодаи устод Айнӣ яке ба нависанда Пӯлод Толис, дигаре ба забоншинос Д. Тоҷиев қайду мақолаҳои зиёде нашр шудаанд. Инчунин, худи мактубҳо низ дар матбуоти даврӣ, дастурҳои таълимию методӣ чоп шудаанд ва то ҳол чоп мешаванд.

Мактуби кушода ба забоншинос Додоҷон Тоҷиев соли 1952 дар маҷаллаи «Шарқи сурх» таҳти №2 чоп шудааст. Мактуби зикршуда дар Куллиёт. Ҷилди 11. Китоби дуюм. – Душанбе: Ирфон, 1964. – С. 377-384; Ёди донишманди фозил (маҷмуаи мақолаҳо аз рӯзгору фаъолияти илмию омӯзгории профессори шодравон Д.Т. Тоҷиев). Мураттибон: Д.Хоҷаев, А.Юнусов. – Душанбе: Деваштич, 2005. – С. 5-6 Садриддин Айнӣ. Мунтахаби асарҳои илмӣ. Ҷилди аввал. Мураттиб: Амирхӯҷа Абдураҳимов. – Душанбе: Дониш, 2008. – С. 126-128; Нома ва номанигорӣ.– Мисбоҳиддин Нарзиқул.– Душанбе, 2013.- С.101-102 дар шакли мухтасару муфассал чоп шудааст.

Ҳамчунин аз номаҳои зикргардида муҳаққиқон М. Шакурӣ, Х. Отахонова, С. Ҳалимов, Ҳ. Раупов ва дигарон дар мақолаю рисолаҳояшон иқтибос гирифтаанд.

Мактуб дар асоси тақризи «Луғати русӣ- тоҷикӣ» навишта шудааст. Устод Айнӣ ба тақриз (мақола) баҳои баланд додааст. Чунончи «Мақола аз ҷиҳати илмӣ-танқидӣ асосан пурра аст ва таланти баланди соҳиби худро ва инчунин дониши васеи ӯро дар забони русӣ равшан нишон медиҳад.» Устод Айнӣ бинобар сабаби бемор будан, дар бораи тақриз фикрашро пурра баён накардааст. Аммо доир ба эродҳои гирифтаи забоншинос Д. Тоҷиев дар нома ҷавоб навиштааст [Муф. ниг. 2, с. 568-570].

Устод Айнӣ мактуби зикршударо шахсан ба Д. Тоҷиев фиристода будааст. Аммо баъд аз фиристодан, аз Самад Ғанӣ ва Фотеҳ Ниёзӣ хоҳиш мекунад, ки мактубро ба тарзи кушода дар матбуот чоп кунанд, зеро фоидааш бештар ба ҳаводорони сухан мерасад. Сабаби ба матбуот чоп кардани номаи мазкур дар он аст, ки устод Айнӣ мехост, чигунае ки мактуби кушода ба Пулод Толис навишта буду сабаб ислоҳи ғалатҳои суханшиносону адибон гардида буд, ин мактуб ҳам ба монанди номаи ба Пулод навишта, барои мутахассисон ҳамчун дастур истифода шавад. [Ниг. 2, с. 570].

Устод Айнӣ мехост, ки доираи забони адабии тоҷик аз ҳисоби лексикаи ҳамаи соҳаҳои забон муттасил густариш ёбад. Таркиби луғавии забон ҳар қадар васеъ бошад, имконияти инъикоси ҳамаи ҷиҳатҳои воқеият ҳамон андоза вусъат пайдо мекунад. Агар калима шакл ва маънои муайян дошта бошад, дар истеъмол ҳамавақт фаъол будани он шарт нест, балки дар забон мавҷуд будани он шарт аст. Ин гуна калима метавонад дар ягон мавриди муайян, мувофиқи зарурати услуби эҷод истеъмол гардад [12, с. 44].

Маълум аст, ки устод Айнӣ бо чунин андешаҳои илмии худ, барои онҳое, ки забони тоҷикиро эътироф намекарданд, нишон дода, бузургӣ ва ҷовидона мондани забони форсии тоҷикиро ба аҳли илм ва душманони забони модарии худ нишон додааст. Дар асоси андешаю пешниҳодҳои устод Айнӣ моро зарур аст, ки монанди устод Айнӣ ва пайравони ӯ забони ноби тоҷикиро ҳам дар нутқи шифоҳӣ ва ҳам нутқи хаттӣ ба ояндагони миллати бузурги хеш ба мерос гузорем.

Аз таҳқиқ маълум шуд, ки устод Айнӣ дар номаҳояш бештар ба тозагии забони тоҷикӣ ва ташаккулу такомул ёфтани он аҳаммият додааст. Муҳаққиқон ва адибоне, ки дар асарҳояшон аз калимаҳои хоси маҳалли худ ва вожаҳои иқтибосии бемаврид истифода кардаанд, сахт таъкид ва истифодаи ин гуна калимаҳоро маҳкум кардааст. Ҳамчунин, адибоне, ки ба воситаи осорашон барои рушд ва инкишофи забон саҳм гузоштаанд, вожаҳои

аслии тоҷикиро аз шева ва забони халқ гирифта дар осорашон истифода намудаанд, дастгирӣ ва офарин хондааст.

Хулоса, пажуҳишу баррасии мактубҳо нишон дод, ки Садриддин Айнӣ ягона ва бузургтарин шахсиятест, ки барои ҳифзи забони пурғановати мо – забони форсии тоҷикӣ дар Осиёи Миёна, аз ибтидои фаъолияти эҷодӣ ва илмӣ то интиҳои зиндагии худ талошу пайкор кардааст.

Адабиёт:

1. Айнӣ С. Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ.– (муқаддима, таҳия ва тасҳеҳи Абдухолиқи Набавӣ).– Душанбе: «Эр-граф», 2023.–180 с.
2. Айнӣ С. Мактубҳо. (Таҳия, таҳрир, тасҳеҳ ва тавзеҳоти Анзурати Маликзод ва Гулбаҳор Усмонова) .– Душанбе, 2024.–720 с.
3. Айнӣ С. Мунтахаби асарҳои илмӣ. Ҷилди аввал.– Душанбе, 2008.– 256 с.
4. Брагинский И. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айн / И. Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 196 с.
5. Ғаффоров Р. Устоди бузурги сухан/ Р. Ғаффоров.–Душанбе: Дониш, 1978.– 61 с.
6. Мавлонзода Ш. Баррасии баъзе масъалаҳои забоншиносӣ дар номаҳои устод Айнӣ дар асоси «Мактуби кушода ба рафиқ Толис»/ Ш. Мавлонзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -№7 соли 2021. С.27-32.
7. Мактаби адабии устод Садриддин Айнӣ (Пажӯҳиш, тадвин ва таҳия аз Камолиддин Садриддинзодаи Айнӣ). – Душанбе: Ирфон, 2010. – 202 с.
8. Муҳаммадҷони Шакурии Бухоройӣ. Равшангари бузург/М. Шакурӣ.–Душанбе, “Адиб”.–2006.– 340 с.
9. Назарзода С. Имло ва забони адабӣ / С. Назарзода.–Душанбе, 2015.–320 с.
10. Нарзиқул М. Нома ва номанигорӣ / М. Нарзиқул. – Душанбе: Сино, 2013. – 276 с.
11. Отахонова, Х. Чанд масъалаи забон дар мактубҳои устод Айнӣ / Х. Отахонова // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷилди IX. – Душанбе: Дониш, 2002. – С. 150-161.
12. Рауфов Ҳ.С. Айнӣ ва инкишофи лексикаи забони адабии тоҷик/ Ҳ. Рауфов. – Душанбе: Дониш, 1978.–46 с.
13. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X – XVI. Монография / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2013. – 344 с.
14. Ҳалимов С. Осор. Ҷ.1. Садриддин Айнӣ ва баъзе масълаҳои инкишофи забони адабии тоҷик. С. Айнӣ–лексикограф/ С. Ҳалимов.–Душанбе, 2022.–232 с.

ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ ЗАБОНШИНОСӢ ДАР НОМАҲОИ САДРИДДИН АЙНӢ

Дар мақола масъалаҳои забоншиносӣ дар номаҳои устод Айнӣ баррасӣ шудааст. Аксари номаҳои устод Айниро ҳамчун дастур роҷеъ ба рушд ва такомули забони тоҷикӣ ҳисобидан мумкин аст, чунки дар номаҳо оид ба ҳамаи қисматҳои забоншиносӣ маълумоти дақиқ ва илмӣ дода шудааст.

Қайдҳои устод Айнӣ дар номаҳо масъалаи муайян кардани хусусиятҳои услубии калимаҳо, аниқ намудани доираи маъноии воҳидҳои луғавӣ, мансубият ва баромади этимологӣ, муносибати шаклӣ ва маъноии байниҳамдигарии онҳо, муносибати забони адабии имрӯза бо забони адабии адабиёти классикӣ ва бо забони гуфтугӯӣ ва лаҳҷаҳо, иқтибоси калимаҳо аз забонҳои дигар ва ғайра барои омӯхтани таърихи инкишофи забони адабии тоҷик, хусусан захираи луғавии он аҳаммияти ниҳоят бузурге доранд. Муаллиф дар асоси маводи номаҳо саҳми устод Айниро дар ташаккул ва таҳаввули забони тоҷикӣ нишон додааст.

Калидвожаҳо: нома, калима, лаҳҷа, забон, услуб, забони адабӣ, маъно, категорияи грамматикӣ, ҷумла, категорияи шумора, таҳҳиқ.

ОТРАЖЕНИЕ ЛИНГВИСТИЧЕСКИХ ПРОБЛЕМ В ПИСЬМАХ САДРИДДИНА АЙНИ

В статье рассматриваются лингвистические проблемы, затронутые в письмах Садриддина Айни. Большинство писем Садриддина Айни можно рассматривать как руководство по развитию и совершенствованию таджикского языка, так как в них содержатся точные и научные сведения по всем основным разделам языкознания.

В письмах особое внимание уделяется таким проблемам, как определение стилистических особенностей слов, уточнение семантического диапазона лексических единиц, их этимологическое происхождение и принадлежность, а также формальные и семантические взаимосвязи между ними. Кроме того, рассматривается соотношение современного литературного языка с языком классической литературы, разговорной речью и диалектами, заимствование слов из других языков и другие важные аспекты. Эти наблюдения имеют огромное значение для изучения истории развития таджикского литературного языка, в частности его лексического состава.

Автор на основе материалов писем раскрывает вклад Садриддина Айни в формирование и эволюцию таджикского языка.

Ключевые слова: письмо, слово, диалект, язык, стиль, литературный язык, значение, грамматическая категория, предложение, категория числа, исследование.

REFLECTION OF LINGUISTIC ISSUES IN THE LETTERS OF SADRIDDIN AINI

This article examines linguistic issues as reflected in the letters of Sadriddin Aini. Most of Sadriddin Aini’s letters can be regarded as guidelines for the development and refinement of the Tajik language, as they contain precise and scholarly insights into all key areas of linguistics.

His letters address such matters as identifying the stylistic features of words, clarifying the semantic range of lexical units, exploring their etymological origin and classification, and analyzing the formal and semantic relationships among them. Additionally, they examine the relationship between the modern literary language and both classical literary language and spoken dialects, as well as the borrowing of words from other languages and other related topics. These observations are of great importance for studying the historical development of the Tajik literary language, particularly its lexical resources.

Based on the content of these letters, the author demonstrates Sadriddin Aini’s contribution to the formation and evolution of the Tajik language.

Keywords: letter, word, dialect, language, style, literary language, meaning, grammatical category, sentence, number category, research.

Маълумот дар бораи муаллиф: Мавлонзода Шуҳрат Мавлон– Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филология, докторанти кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ. Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: (+992) 935885147. E –mail**:** shuhrat_b@mail.ru

Сведения об авторе: Мавлонзода Шухрат Мавлон- Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант кафедры современного таджикского литературного языка. Адрес: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 935885147. E –mail**:** shuhrat_b@mail.ru

Information about the author: Mavlonzoda Shuhrat Mavlon - Tajik National University, Candidate of Philology, the doctorant in the department of modern Tajik literary language. Address: 734025, Rudaki Avenue, 17. Dushanbe, Phone: (+992) 935885147. E –mail: shuhrat_b@mail.ru

ТДУ: 324.2(075.8)
О-58

МАСЪАЛАГУЗОРИҲО ДОИР БА НБО-И «РОҒУН» ДАР ПАЁМУ СУХАНРОНИҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Охунзода Н., н.и.ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтори ҷанги шаҳрвандӣ гардид, ки он хисороти зиёде ба тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ворид намуд. Миллат парокандаву кишвар дар ҳолати нобудӣ қарор дошт. Дар чунин вазъи хатарзову муҳлик шахсияте зарур буд, ки зимоми давлатдориро ба даст гирифта, миллатро муттаҳид ва давлатро пойдор гардонад. Маҳз дар Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии ҷумҳурӣ шахсияти таърихӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Раиси Шурои Олии кишвар интихоб гардид ва дар нахустин Муроҷиатномаи хеш ба мардуми мамлакат паём расонд: «Ман ба Шумо сулҳ меорам!» [8]. Ҳамин як ҷумлаи сода, вале дар айни ҳол муҳимму сарнавиштсоз ва умедбахш ояндаи дурахшони кишварро мушаххас кард. Дар зимн таъкид карданд: «Тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои ободиву пешрафти Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам» [45].

Бо иродату садоқат ва ҳисси баланди ватандӯстӣ Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми ҳастии хешро баҳри таъмини сулҳу субот дар кишвар бахшид ва ниҳоят, 27 июни соли 1997 бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ Тоҷикистон ба марҳалаи нави рушд ворид гардид. Ба ин маънӣ, метавон гуфт, ки даҳсолаи аввали соҳибистиқлолии кишвар ба таъмини сулҳу субот дар ҷумҳурӣ равона гардид.

Бо таъмин гардидани сулҳу субот дар мамлакат масъалаи муҳимме, ки дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифт, бунёди НБО-ҳо дар диёри азизамон ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дарёҳои зиёде мавҷуд буда, манбаи асосии таъмини барқ эътироф гардидаанд. Чунончи муҳаққиқ Ҳасан Асоев зикр кардааст: «... манбаъҳо ва сарчашмаҳои об дар садаи XXI ҳамчун омили коргузорӣ шинохта шуда, онҳо низоми муносибатҳои минтақавию байналмилалиро муайян макунанд. Ҳоло давлатҳои абарқудрат аҳаммияти стратегии обро дар раванди ҷаҳонишавӣ барои тараққиёти инсоният хеле нозукона эҳсос намуда, кӯшиш намуда истодаанд, ки дар ин ё он давлат ба туфайли татбиқи барномаҳои гуногун сиёсати хешро амалӣ гардонанд. Тоҷикистон низ дар ин раванд истисно нест» [1, с. 10]. Аз ин рӯ, дар замони соҳибистиқлолӣ сохтмони НБО-ҳо вусъат ёфта, даҳҳо неругоҳи хурду бузург бунёд гардиданд, ки НБО-ҳои «Сангтӯда-1», «Сангтӯда-2» далели ин гуфтаҳоянд. Дар ин миён, бунёди НБО-и «Роғун» бузургтарин дастоварди мардуми мамлакат аст, ки бо иродату ҷасорати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳои бунёдкорӣ дар ин иншооти аср дубора оғоз гардид. Сарвари давлат ҳанӯз соли 2009 дар вохӯрӣ бо бунёдкорони НБО-и «Роғун» таъкид дошт: «Бунёди неругоҳи «Роғун» барои давлати соҳибистиқлоли мо яке аз масъалаҳои стратегӣ мебошад. Рушди устувори иқтисодиёт, ободии Ватан, сатҳу сифати зиндагии шоистаи мардум ва ниҳоят, истиқлолияти воқеии Тоҷикистонро бе бунёди неругоҳи Роғун таъмин кардан амри маҳол аст» [11].

Мусаллам аст, ки дар Тоҷикистон чор ҳадафи стратегӣ – баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, расидан ба истиқлоли энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар татбиқ мегардад, ки ба ҳамдигар иртиботи ногусастанӣ доранд. Бунёди НБО-и «Роғун», ки Ватани моро ба марҳалаи нави рушд ворид мекунад, имкон фароҳам меорад, ки мардум бо неруи барқи доимӣ таъмин гарданд. Он барои бунёди корхонаҳои азими саноатӣ замина фароҳам меорад ва Тоҷикистонро ба кишвари пурқудрати

тавлидкунандаи неруи барқ дар минтақа табдил медиҳад. Дар ин мавзуъ доктори илмҳои иқтисодӣ Қобилҷон Хушвахтзода дуруст зикр намудааст, ки «НБО-и «Роғун» мантиқан ҳадафи чоруми стратегии кишвари моро амалӣ менамояд. Иқтисодиёти кишвари мо рушд менамояд ва ҳатман Тоҷикистон ба як давлати саноатии минтақа табдил меёбад» [9, с. 11]. Пешвои миллат дар Паёму суханрониҳои хеш ба масъалаи бунёди НБО-и «Роғун» пайваста дахл намуда, барои таъмини рушди бомароми диёр муҳим будани ин иншооти азими саноатиро таъкид мекунанд. Зимни омӯзиши Паёму суханрониҳои Пешвои миллат муайян гардид, ки сохтмони иншооти мазкур дар меҳвари таваҷҷуҳ ва фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва бунёди он омили асосии расидан ба истиқлоли комили энергетикӣ маҳсуб меёбад. Масъалагузориҳо доир ба НБО-и «Роғун» дар Паёмҳои Пешвои миллат сурат гирифта, бунёди он аз муҳимтарин вазифаҳо маънидод гардидааст.

Маълум аст, ки Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии мамлакат фаъолияти яксолаи Ҳукуматро дар бар мегирад ва дар он ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам сиёсати хориҷӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода мешавад. Аз ин рӯ, имкони ба таври фарогир мавриди баррасӣ қарор додани як соҳа вуҷуд надорад.

Бояд зикр намуд, ки суханрониву Паёмҳои Пешвои миллат бештар дорои ҷанбаи қавии публитсистӣ буда, ба ҳаёти иҷтимоӣ иртиботи амиқ доранд. Паёму суханрониҳои Пешвои миллат, ба таъкиди профессор М. Муродӣ, «инъикосгари ҳолатҳои проблемавии давру замони муайян» буда, мавзуи онҳоро «ҳаёти иҷтимоӣ» фаро гирифтаанд [3, с. 3]. Аз ин рӯ, омӯзишу таҳқиқи Паёму суханрониҳо аҳаммияти баланди таърихӣ дошта, бозтоби раванди бунёдкориҳои замон дар мамлакат ҳамчун мактаби таҷриба хидмат менамояд ва дар тарбияи насли наврасу ҷавон дар руҳияи бунёкориву созандагӣ нақши бориз мегузорад.

Омӯзиш нишон дод, ки нахустин бор Пешвои миллат дар паёми табрикии хеш ба муносибати фарорасии соли 2000-ум масъалаи бунёди НБО-и «Роғун»-ро ба миён гузошта, онро аз ҳадафҳои муҳимми стратегии мамлакат маҳсуб дониста, таъкид намудааст: «Сохтмони туннели Анзоб, роҳи оҳани Қӯрғонтеппа-Кӯлоб, роҳи байналхалқии мошингарди Душанбе-Кӯлоб-Хоруғ-Кулма-Қароқурум, ба истифода додани кони гази Хоҷасартез, бунёди неругоҳи барқи обии Сангтӯда ва идомаи сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» аз ҷумлаи ҳадафҳои стратегие мебошанд, ки дар асри XXI истиқлолияти иқтисодию энергетикии ҷумҳуриро таъмин месозанд» [16]. Аз ин ҷост, ки Сарвари давлат пайваста ҳам дар мулоқот дар дохили кишвар ва ҳам дар хориҷи мамлакат бунёди НБО-и «Роғун»-ро аз муҳимтарин рисолат дар фаъолияти хеш қарор дода, сохтани онро масъали ҳаёту мамоти кишвар донистааст.

Дар пажуҳиш мо танҳо масъалагузориҳоро дар суханрониву Паёмҳои Пешвои миллат мавриди пажуҳиш қарор додем. Соли 2005 оғози дубораи корҳои сохтмонӣ дар Неругоҳи барқии обии «Роғун» мебошад. Дар маросими расмии оғози корҳои сохтмонии Неругоҳи барқи обии «Роғун» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, вазири энергетика ва саноати Федератсияи Россия Виктор Христенко, роҳбарони як қатор вазорату идораҳои ҷумҳурӣ, раиси Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи «Русский алюминий»-и Федератсияи Россия Олег Дерипаска ва дигар шахсони расмӣ ширкат намуданд. Барои оғози дубораи фаъолият дар ин иншоот созишнома ба имзо расида бошад ҳам, он ба таври бояду шояд амалӣ нашуд. Бинобар ин, таваҷҷуҳ ба неруи худӣ ва маблағҳои дохилӣ равона гардид ва нахустин мулоқот, ки ба вусъати корҳои сохтмонӣ дар НБО-и «Роғун» таъсири амиқ расонд, соли 2008 сурат гирифт. Маҳз дар ҳамин суханронӣ бо роҳбарон ва фаъолони шаҳри Роғун Сарвари давлат таъкид дошт: «Барои тезонидани суръати сохтмон имсол аз ҳисоби буҷети давлатӣ 116 миллион сомонӣ ҷудо гардид ва агар ин маблағҳо азхуд карда шаванд, ба таври илова боз маблағ ҷудо карда мешавад...» [14]. Яъне, барои сохтмони ин иншооти аср таваҷҷуҳи асосӣ ба буҷети давлатӣ равона гардид ва тадриҷан маблағгузорӣ бештар шуд.

Бо сабаби вазъи ногувори иқтисодӣ ва ҷалб нагардидани сармояи хориҷӣ имкони ба таври дилхоҳ вусъат бахшидани корҳо вуҷуд надошт. Дар ҳамин ҳолат, ягона роҳ дар татбиқи бунёди ин иншоот муроҷиат ба мардуми кишвар маҳсуб меёфт. Пешвои миллат

нахустин бор 28 октябри соли 2009 дар вохӯрӣ бо бунёдкорони «Роғун» мардумро барои саҳм гузоштан дар сохтмони иншооти аср даъват намуд: «… аз ҳамин рӯз эътиборан майдони сохтмони неругоҳи «Роғун»-ро ҷабҳаи заҳмати созанда ба хотири ободии Ватан эълон карда, тамоми мардуми кишвар, ҳар фарди бонангу номуси миллат, ҳар як шахси ватандӯсту ватанпараст ва ҳамчунин, ҳамватанони бурунмарзиамонро даъват менамоям, ки бо пуштибонӣ аз иқдоми давлати Тоҷикистон барои дастгирии моддиву маънавии шумо - бунёдкорони иншооти тақдирсози миллати сарбаландамон саҳмгузорӣ намоянд» [11].

Маҳз дар ҳамин суханронӣ қатъият, ҷасорат ва иродати Сарвари давлат дар самти бунёди «Роғун» бармало эҳсос мегардад ва маълум мешавад, ки ҳеҷ омил ё воситае монеи бунёди сохтмони мазкур намешавад. Дар ҳамин суханронӣ ба Ҳукумати кишвар ва дигар вазорату идораҳо супориш дода шуд, ки ҷараёни татбиқи лоиҳаи сохтмони неругоҳ ва ҷиҳати ҷалби маблағҳои иловагӣ ҳамкорӣ бо Бонки Умумиҷаҳонӣ ва дигар ташкилотҳои молиявии ҷаҳонӣ вусъат бахшида шаванд ва чунин корҳоро ба сомон расонанд:

«Якум, вазифаҳои техникӣ оид ба гузаронидани ташхис, яъне, экспертизаи техникиву иқтисодӣ ва экологиву иҷтимоии лоиҳаи сохтмон баъди пешниҳод гардидани он аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ баррасӣ гардида, доир ба ин масъалаҳо хулосаи дахлдор таҳия карда, ба бонки зикршуда фиристода шавад.

Дуюм, мушовирон оид ба ташхис ва арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ интихоб карда шаванд.

Сеюм, шаффофияти ҷараёни татбиқи лоиҳаи сохтмони неругоҳ таъмин карда шуда, ҳисоботи миссияи Бонки Ҷаҳонӣ оид ба ташхиси корҳои азнавбарқароркунии иншоот ва хулосаи миссияи мазкур бо тартиби муқарраргардида нашр карда шавад» [11].

Масъалаҳое, ки дар суханронӣ таъкид шудаанд, воқеан, муҳим ва саривақтӣ буданд. Зеро дар он замон Бонки Умумиҷаҳонӣ ва дигар созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ масъалаи бехатар будани бунёди неругоҳро мавриди таҳлилу таҳқиқ ва санҷиш қарор медоданд. Ба ин маънӣ, Пешвои миллат атрофи баҳсҳое, ки дар он замон вуҷуд доштанд, бо таҳлили амиқ бунёди ин неругоҳро барои тамоми кишварҳои минтақа муҳим арзёбӣ ва таъкид намуд, ки Тоҷикистон обанбор ва неругоҳҳоро ҳеҷ гоҳ бар зарари ҳамсояҳои худ, яъне, бо мақсади маҳдуд кардани реҷаи ҷоришавии об сохтанӣ нест, баръакс, дар ин раванд манфиати онҳоро низ ба эътибор мегирад.

Дар зимн, таъкид мегардад, ки бунёди он барои кишварҳои минтақа муфиду судманд буда, онҳо бо неруи барқи арзон таъмин мегарданд, амнияти энергетикии минтақа пойдор мешавад, ки ин ба рушди бавусъати саноат ва пешрафти иқтисодии мамлакатҳои Осиёи Миёна мусоидат намуда, бунёди обанбор ва танзими ҷудошавии об имкон медиҳад, ки захираҳои об оқилонаву самаранок истифода гарданд. Ба таъкиди муҳаққиқ С. Гулов, «Баъди танаффуси тӯлонӣ аз сари нав гирифтани бунёди НБО-и «Роғун» комилан ба иродаи қавии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иртибот дорад. Дар ибтидо ин тасмими Роҳбари моро на ҳама роҳбарони кишварҳои поёноб дуруст дарк карда буданд, балки мухолифат кардаву монеаҳои сунъиро роҳандозӣ намуда буданд. Аммо мавқеи қатъӣ ва устувори Сарвари давлати мо бовар кунонд, ки НБО-и «Роғун» ба манфиати ҳама кишварҳои поёноб буда, як василаи муттаҳидсози мардуми минтақа мебошад» [2, с. 131].

Соли 2010 Мурочиатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мардуми кишвар аҳли ҷомеаро такон дод ва мардум бо ҳисси баланди ифтихори ватандорӣ дар бунёди НБО-и «Роғун» ҳиссаи худро гузоштанд. Мурочиатномаи мазкур аҳаммияти муҳимми таърихӣ дошта, аз як тараф, сохтмони НБО-и «Роғун» ва нақши он дар пешрафти давлат муфид арзёбӣ шудааст, аз ҷониби дигар, симои шахсияти ватандӯст ва ифтихорофарин дар он намудор мегардад. Сарвари давлат таъкид кард:

«Чанде пеш, ҳангоми боздид аз ҷараёни сохтмони неругоҳи Роғун ба мардуми шарифи Тоҷикистон мурочиат намуда, майдони сохтмони онро ҷабҳаи меҳнати созанда эълон карда будам ва дар ин лаҳзаҳо бори дигар ба тамоми шаҳрвандони давлати соҳибистиқлоламон, сарфи назар аз миллату забон, дину мазҳаб ва андешаву мафкураи онҳо изҳор медорам, ки Роғун корзори воқеии нангу номус, арсаи ҳақиқии корнамоиву фидокории

умумихалқӣ ба хотири ободӣ ва ояндаи дурахшони Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад!» [12].

Даъват ва масъалагузориҳои Пешвои миллат дар ин муроҷиатнома ба раванди сохтмон такони ҷиддӣ бахшид ва мардум бо дасту дили гарм, бо хариди саҳмияҳо дар вусъати сохтмони мазкур саҳм гузоштанд.

Ба ин мазмун, профессор М. Муродӣ дуруст қайд менамояд, ки «Бо шарофати суханрониҳои Сарвари давлат дар назди роҳбарон ва фаъолони шаҳри Роғун (30-юми майи соли 2008), вохӯрӣ бо сохтмончиёни Неругоҳи барқии обии «Роғун» (28-уми октябри соли 2009), Муроҷиатномаи ӯ ба мардуми Тоҷикистон (5-уми январи соли 2010), аз як тараф, роғунчиён руҳбаланд гардида, бо масъулияти баланд ба барқарор намудани корҳои нимкора ва иншоотҳои вайронгардида, шуруъ намуданд, аз ҷониби дигар, инъикосу тарғиби зарурият ва аҳамияти ин иншооти сарнавиштсоз дар васоити ахбори омма вусъат пайдо кард ва манфиати бунёди онро ба пуррагӣ дарк намуданд» [5, с. 216-217].

Бояд қайд, ки аз соли 2001 инҷониб дар ҳар як Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ масъалаи бунёди НБО-и «Роғун» ба миён гузошта шудааст. Дар меҳвараи Паёмҳои Президенти кишвар бунёди неругоҳи НБО-и «Роғун» аз ҳадафҳои стратегӣ маънидод мегардад ва ба истифода додани он барои кишвар ҳаётан муҳим дониста мешавад. Масъалаи ташхиси бехатарии «Роғун» аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ ва дигар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ то соли 2015 идома ёфт ва ниҳоят, натиҷаи мусбати он эълон гардид ва тадриҷан ҷалби сармоя барои бунёди ин иншоот таъмин шуд. Аз ин рӯ, дар Паёмҳои Пешвои миллат то соли 2015 масъалаи ташхис ва раванди корҳо дар сохтмон дар меҳвар қарор гирифтааст. Бо вусъати ёфтани корҳо инъикоси масъалагузориҳо дар Паёмҳо бештар шудааст. Аз ҷумла, соли 2016 бастани сарбанди неругоҳ, ки бевосита аз ҷониби Президенти кишвар оғози кори он сурат гирифт, ҳодисаи фарҳбахш дар мамлакат маҳсуб меёфт. Ба ин мазмун, дар Паём таъкид шудааст: «Рӯйдоди муҳимми таърихӣ дар ин самт оғози бунёди сарбанди Неругоҳи барқи обии «Роғун» мебошад, ки чанде пештар сурат гирифт. Аз ибтидои корҳои барқарорсозиву сохтмон ба иншооти зикршуда 12 миллиард сомонӣ, аз ҷумла, соли 2016-ум 2 миллиарду 800 миллион сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст. Имрӯз корҳо дар ин иншооти тақдирсоз босуръат идома доранд ва тибқи нақша агрегати аввали он то охири соли 2018 ба кор дароварда мешавад» [32].

Дар Паёмҳои солҳои 2018 ва 2019 дар хусуси ба истифода дода шудани ду чархаи НБО-и «Роғун» сухан меравад ва ин ҳамчун рӯйдодҳои фараҳбахши сол барои ҷумҳурӣ таъкид мегардад. Ба ин мазмун, метавон гуфт, ки масъалагузориҳо дар Паёмҳои Савари давлат ба назар расанд ҳам, вале бештар дар онҳо комёбиҳо ва пешрафти кор дар сохтмон зикр мешавад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки «Ҳадафи ниҳоии муҳтавои Паёмҳои Президенти кишвар танҳо ба мақсади татбиқи як ғоя аст, ки он баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии мардум ва комёб гардидан ба зиндагии шоиставу писандида мебошад» [6, с. 403].

Шоистаи таъкид аст, ки Пешвои миллат мунтазам ба НБО-и «Роғун» сафар намуда, бевосита бо ҷараёни корҳо шинос мешавад, бо бунёдкорони НБО-и «Роғун» мулоқот анҷом медиҳад ва дар суханрониҳои хеш баҳри пешрафти корҳо масъалагузориҳо мекунад. Сарвари давлат бо бунёдкорони ин неругоҳ беш аз 15 маротиба вохӯрда, суханронӣ кардааст, ки он ҳама аҳаммияти таърихӣ, илмӣ ва амалӣ доранд ва вобаста ба вазъияти замон ироа гардидаанд. Ин суханрониҳоро метавон ба се қисм ҷудо намуд:

Якум, суханрониҳое, ки дар онҳо дар баробари таъкид ба раванди корҳо дар сохтмон баҳсҳое, ки атрофи НБО-и «Роғун» сурат гирифта, таҳлилу арзёбӣ шудаанд.

Дуюм, суханрониҳое, ки ба рӯйдодҳои фараҳбахш дар неругоҳ, аз ҷумла, бастани сарбанд ва истифодаи чархаҳои якуму дуюми неругоҳ иртибот доранд.

Сеюм, суханрониҳое, ки бевосита ба ҷараёни корҳо тааллуқ дошта, ба таври мушаххас вазифаҳои муайян барои коргарон ба миён гузошта мешавад.

Дар суханрониҳое, ки солҳои 2005-2015 сурат гирифтаанд, масъалаи асосӣ равнақ бахшидани корҳо ва бартараф намудани баҳсҳо дар атрофи НБО-и «Роғун» аст. Сарвари давлат зимни таҳлили ҳамаҷонибаи масоили марбут ба неругоҳҳо бунёди онро барои

минтақа безарар ва муфид арзёбӣ кардааст. Дар барорбари ин, дар ин суханрониҳо ба далелу рақамҳои дақиқу асоснок ва пажуҳишҳое, ки ҷиҳати бехатар будани он сурат гирифтааст, таъкид шудааст. Маълум мегардад, ки Пешвои миллат зина ба зина раванди бунёди иншооти мазкурро омӯхтаву таҳлил намуда, сохтмони онро бо далоили илмӣ барои кишвар зарур ҳисобидааст. Инчунин, дар ин суханрониҳо марҳала ба марҳала ба таври дақиқ маблағгузорӣ намудани неругоҳҳо низ таҳлил гардидааст ва бо факту рақамҳои мушаххас истеҳсоли неруи барқро дар НБО-и «Роғун» барои мамлакат муҳим донистааст: «Бояд гуфт, ки мо маҳз бо дарназардошти зарурати таъмини эҳтиёҷоти кишварамон ва ҳалли мушкилоти ҷиддии энергетикии мамлакатамон ба идомаи сохтмони ҳанӯз дар солҳои 80-уми асри гузашта оғозгардидаи неругоҳи Роғун аз нав шуруъ кардем» [11].

Масъалаи ташхиси байналмилалӣ дар суханронӣ бо роҳбарону мутахассисони НБО-и «Роғун (16.07.2015) ба таври возеҳ зикр шудааст ва зарурати бунёди он барои Тоҷикистон ба кишварҳои минтақа таъкид гардидааст: «Лозим ба ёдоварист, ки дар муддати ҳафт соли охир ташхиси мустақили байналмилалии сохтмони нерӯгоҳи барқи обии Роғун ва арзёбии бехатарӣ ва таъсири экологиву иҷтимоии он аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ, коршиносони мустақили байналмилалӣ ва ширкату мутахассисони хориҷии соҳа анҷом дода шуд ва хулосае таҳия гардид, ки амалисозии лоиҳаи дорои аҳаммияти бузурги иқтисодӣ, яъне, Неругоҳи барқи обии «Роғун» ҳам ба манфиати Тоҷикистон ва ҳам ба манфиати кишварҳои минтақа мебошад» [46].

Суханрониҳое, ки солҳои 2018-2019 ба муносибати ба истифода додани чархаҳои якуму дуюми НБО-и «Роғун» ироа гардидаанд, дар бораи иҷрои корҳои баанҷомрасида, шодбошии Сарвари давлатро ба ин рухдодҳои фараҳбахш ифода кардаанд. 16 ноябри соли 2018 аввалин чархаи неругоҳ ба истифода дода шуд ва дар суханронӣ ба ин муносибат Президенти мамлакат мардуми кишварро ба ин дастоварди бузург табрик намуда, аз ҷумла, таъкид кард: «Ҳукумати мамлакат, бо вуҷуди мушкилоти зиёди молиявию иқтисодӣ, аз рӯзҳои аввал бо дарки масъулияти бузург дар назди мардуми тоҷик тамоми захираву имкониятҳои мавҷударо ба бунёди неругоҳ ва фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ барои мутахассисону коргарони он сафарбар намуд. Зеро мо амиқан дарк мекардем, ки «Роғун» омили муҳимтарини пешрафти иқтисодиву иҷтимоии кишвар, зиндагии осудаи мардум, яъне, ояндаи ободи Тоҷикистони маҳбубамон мебошад…

Дар ин лаҳзаҳои фараҳбахш ба ҳамаи онҳое, ки даъвати моро пазируфта, саҳмияҳои неругоҳро харидорӣ карданд ва барои оғози корҳои сохтмони он саҳми ватандӯстона гузоштанд, миннатдории самимӣ баён мекунам» [15].

9 сентябри соли 2019 чархаи дуюми неругоҳ мавриди истифода қарор гирифт, ки дар ин чорабинии бошукӯҳ низ Сарвари давлат иштирок ва суханронӣ кард. Маълум мегардад, ки неругоҳ имрӯз ба махзани тавлиди неруи барқ табдил ёфтааст. Дар ин маврид, Сарвари давлат таъкид кард: «Баъди ба истифода додани агрегати якуми ин кохи нур, ки 16-уми ноябри соли гузашта баргузор гардида буд, вақти зиёде нагузаштааст ва аллакай, то имрӯз дар неругоҳ 570 миллион киловатт-соат неруи барқ истеҳсол гардида, ба низоми энергетикии кишвар интиқол дода шуд» [48].

Дар суханрониҳои Президенти мамлакат дар солҳои 2020-2024 ба таври мушаххас вусъат бахшидани корҳо дар сохтмон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар ин суханрониҳо ба таври мушаххас сифати корҳои иҷрошуда дар як давраи муайян таҳлил шуда, иҷрои корҳои зарурӣ барои як соли оянда таъкид ва муқаррар мегардад. Мусаллам аст, ки бунёди сохтмони мазкур зери назорати Сарвари давлат қарор дорад ва барои дар як давраи муайян иҷро намудани корҳо дар суханрониҳои ӯ вазифагузорӣ карда мешавад. Аз ҷумла, дар суханронии соли 2020 (14.10.2020) ба масъулин ва коргарон ин масъала дар ҳафт банд вазифагузорӣ шудааст. Дар онҳо тибқи нақша, ҷараён гирифтани корҳо, риояи вазъи санитариву эпидеомологӣ, ҷалби маблағ ба сохтмони иншоот ва пешбурди корҳо, таъмини бехатарии корҳо, аз ташхиси давлатӣ гузаронидани назорати ҷараёни корҳои сохтмонӣ мувофиқи ҷадвали тасдиқгардида баррасӣ шудааст. Дар соли 2022 масъалагзорӣ дар суханронии Сарвари давлат бештар гардидааст, ки аз тақвияти корҳо дар сохтмони неругоҳ

шаҳодат медиҳад. Аз ҷумла, барои татбиқи саривақтиву ҳамаҷонибаи вазифаҳои дарпешистода ва дар муҳлатҳои таъйиншуда анҷом додани корҳои сохтмони иншооти Неругоҳи барқи обии «Роғун» супориш дода шудааст, ки дар муҳлатҳои муайянгардида ба истифода супоридани иқтидорҳои навбатии неругоҳ, ба роҳ мондани ҷараёни корҳои сохтмонӣ тибқи ҷадвали тасдиқгардида, суръат бахшидани корҳои сарбанди неругоҳ, устувории он, пешгирӣ кардани пуршавии обанбор аз обовардҳо, корҳои сементатсионӣ ва бетонрезии таҳкурсии сарбандро бо сифати баланд таъмин намудан, дар муҳлатҳои таъйиншуда баландии сарбандро ба сатҳи 1110 метр расонидан аз вазифаҳои муҳим ва аввалиндараҷа ҳисобида мешавад. Дар зимн, сари вақт аз ташхиси давлатӣ гузарондани лоиҳаҳо, бо мақсади суръат бахшидани корҳои сохтмон барои дар соли 2023 зиёд намудани шумораи ширкатҳо ва кормандон дар асоси озмун ва бо риояи талаботи байналмилалӣ, кӯчонидани аҳолӣ аз минтақаи зериобшаванда, минтақаи обанборро бо риояи талаботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва экологӣ сари вақт омода намудан ва ғайра таъкид шудааст. Дар маҷмуъ, дар 17 банд тақвияти корҳо масъулагузорӣ шудааст. Ҳамзамон, дар назди аҳли эҷод вазифа гузошта шудааст, ки корномаи қаҳрамонони арсаи меҳнатро дар васоити ахбори оммма ва осори бадеию публитсистӣ ба таври воқеӣ ва ҳақиқатнигорона инъикос намоянд: «Вазорати фарҳанг, кумитаҳои телевизион ва радио, кор бо занон ва оила, ҷавонон ва варзиш, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Иттифоқи нависандагон ва дигар иттифоқҳои эҷодӣ доир ба ташкили вохӯриҳо, чорабиниҳои фарҳангиву фароғатӣ, инъикоси фаъолияти коргарону мутахассисони неругоҳи «Роғун» ва эҷоди асарҳои адабӣ дар бораи қаҳрамонони заҳмати созандаву ватандӯстона, яъне, бунёдкорони иншооти бузурги аср мунтазам чорабинӣ намоянд ва дар ин самт ташаббускору фаъол бошанд» [42].

Дар суханронӣ бо бунёдгарони Неругоҳи барқи обии «Роғун» (10.08.2023) бошад, нахуст дар бораи корҳои анҷомпазируфта дар сохтмон, инчунин, дар 15 банд ҷиҳати вусъат бахшидани раванди сохтмон дар иншоот вазифагузорӣ шудааст. Гарчанде баъзе масъалагузориҳо дар суханронии соли 2022 низ баён гардидааст, вале он идомаи корҳо дар сохтмонро ифода мекунад. Дар ин суханронӣ низ дар муҳлатҳои муқарраргардида ба истифода супоридани иқтидорҳои навбатии неругоҳ, ба роҳ мондани иҷрои ҳатмии корҳо тибқи ҷадвал, ба истифода аз ҳамаи манбаъҳо ва имконот барои пардохти саривақтии маблағи корҳои баанҷомрасида ва харидории масолеҳи сохтмон, таҷҳизот ва сӯзишворӣ, назорати сифати корҳои сохтмон, кӯчонидани аҳолӣ аз минтақаи зериобшаванда, бо кор таъмин намудани шахсони кӯчонидашуда, ташкили курсҳои касбомӯзӣ барои онҳо ва ғайра таъкид шудааст. Дар зимн, масъалаи таҳия ва ташкил намудани барномаҳои фарҳангӣ барои коргарони неругоҳ ва офаридани асарҳои адабӣ, ки ифодакунандаи симои қаҳрамонони арсаи меҳнат бошанд, аз масъалаҳои муҳим шуморида мешавад.

Бояд қайд кард, ки дар ҳар як суханронӣ масъалаи маблағугузорӣ ба иншоот, харидории маҳсулот ва зиёд намудани теъдоди коргарон зикр мешавад. Маълум мегарадад, ки сол то сол маблағгузорӣ ба иншоот зиёд шуда, раванди корҳо дар сохтмон бомаром идома меёбад. Ин нуктаро охирин мулоқот ва суханронии Пешвои миллат, ки 28 сентябри соли 2024 бо коргарони ин иншоот сурат гирифт, тасдиқ намуд. Дар он ба таври мушаххас аз корҳои баанҷомрасида дар ин самт ёдовар ва аз бештар гардидани маблағгузорӣ дар иншоот изҳори қаноатмандӣ шудааст. «Танҳо соли 2024 барои идомаи корҳои сохтмон аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағи 2,8 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Аммо бо мақсади ҳарчи бештар вусъат додани корҳои сохтмону васлгарӣ дар ин иншоот то ба имрӯз, яъне, дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ қариб 3,5 миллиард сомонӣ пардохт гардидааст. «Дар маҷмуъ, дар давоми солҳои 2008 - 2024-ум Ҳукумати мамлакат барои анҷом додани корҳои сохтмону барқарорсозии неругоҳ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо зиёда аз 42,5 миллиард сомонӣ маблағ равона намудааст» [13].

Нуктаи дигар дар ин суханронӣ зиёд гардидани шумораи коргарон дар иншоот мебошад. Агар дар соли 2008 дар сохтмони НБО-и «Роғун» 17 ташкилоти сохтмонӣ фаъолият дошт, ки шумораи умумии коргаронашон беш аз 900 нафар ва техникаи истифодашаванда беш аз 300 ададро ташкил медод, имрӯз бошад, дар ин иншооти аср

коргарону муҳандисони зиёде фаъолият доранд ва НБО-и «Роғун» арсаи номусу нанг барои ҳар як шаҳрванди кишвар гардидааст. Ба таъкиди Пешвои миллат, «Ҳоло дар сохтмони иншооти неругоҳ зиёда аз 17 ҳазор нафар коргарону кормандони муҳандисиву техникӣ фаъолият мекунанд, ки ин шумора нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3 ҳазор нафар зиёд мебошад. Шумораи мошину механизмҳое, ки дар сохтмон истифода мешаванд, ба 3843 адад расонида шудааст. Аз ҷумла, дар давоми солҳои 2023-2024 ба майдони сохтмон 400 мошину механизмҳои нави пуриқтидор ворид карда шудаанд» [13]. Ба таъбири профессор М. Муродӣ, НБО-и «Роғун» танҳо сохтмони азими истеҳсоли неруи барқи аз нигоҳи экологӣ тоза нест, балки он майдони тарбияи касбии мутахассиони ватанӣ низ ҳаст» [4, с. 107].

Дар ин суханрониҳо ба таври мушаххас масъулин ва коргарону муҳандисон ҷиҳати иҷрои саривақтӣ ва босифати корҳо вазифадор карда шуданд. Дар зимн, дар 10 банд барои иҷрои корҳо дар сохтмони мазкур масъалагузорӣ шуда, коргарону муҳандисон вазифадор гардидаанд, ки дар муҳлати муқарраргардида корҳои сохтмониро ба анҷом расонанд. Аз ҷумла, ҳамоҳангсозии корҳо барои баланд бардоштани сарбанд дар моҳи августи соли 2026 то сатҳи 1150 метр ва дар моҳи августи соли 2027 то сатҳи 1175 метр таҳти назорати қатъӣ қарор дода шавад, омодасозии агрегати навбатӣ дар тирамоҳи соли 2026, таъмин намудан дар ҳамбастагӣ бо пудратчиёни лотҳои 2, 3, 4 иҷрои корҳоро вобаста ба баланд бардоштани сарбанд то сатҳи 1110 метр ва ба истифода додани нақби сохтмонии қабати 4-ум дар муҳлатҳои муайянгардида, пешгирӣ кардани ҳолатҳои садамавӣ дар иншоот ва таъмин намудани бехатарии кормандони сохтмони неругоҳ чорабиниҳои иловагиро роҳандозӣ намудан ва ғайра таъкид шудааст. Дар суханрониҳо масъулин ва вазорату идораҳои дахлдор ба таври мушаххас вазифадор гардидаанд, ки ба сифати корҳо эътибор диҳанд.

Шоистаи таъкид аст, ки Сарвари давлат зимни ҳар сафар ба НБО-и «Роғун» бевосита аз ҷараёни корҳо шинос мегардад ва бо сохтмончиён суҳбатҳои самимӣ баргузор мекунад. Маълум мегардад, ки дар ин иншоот фазои бунёдкорӣ ҳукмфармост ва коргарон ҳар як суханронии Сарвари давлат илҳоми тоза гирифта, бо иродату азми бештар фаъолият мекунанд. Ба таъбири М. Муродӣ, «Фазо ва муҳити сохтмони НБО-и «Роғун»-ро ғояи созандагӣ ташкил медиҳад. Ин ғоя бо ташаббус ва иқдому кӯшишҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавлид ёфта, роҳандозӣ мешавад ва тавассути азму талоши бунёдкорони Неругоҳи барқи обии «Роғун» амалӣ мегардад» [4, с. 109].

Ҳоло корҳо дар сохтмони мазкур тибқи нақша бомаром идома дошта, мутахассисони дохиливу хориҷӣ дар бунёди он саҳм мегузоранд. Зеро бунёди он кишвари моро ба марҳалаи нави рушд ворид мекунад ва имкону шароит фароҳам меорад, ки Тоҷикистон дар ҳама ҷабҳаҳо пешгом бошад. «Дарвоқеъ, НБО-и «Роғун» воситаи муҳимтарини баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум, омили таконбахши рушди маорифу тандурустӣ, илму фарҳанг ва беҳтар намудани ҳаёти иҷтмоии мардум мебошад» [7, с. 350].

Хулоса, дар Паёму суханрониҳои Пешвои миллат бунёди НБО-и «Роғун» дар авлавият қарор дошта, ҳамчун иншооти стратегӣ маънидод гардидааст. Бо таҳқиқу таҳлили Паёму суханрониҳои Пешвои миллат метавон ба чунин натиҷаҳо расид:

Якум, агар дар Паёмҳои Пешвои миллат ба таври мухтасар дар бораи бунёди НБО-и «Роғун» сухан равад, дар суханрониҳо бо бунёдкорони иншооти аср раванди корҳо баррасиву таҳлил шуда, намояндагони касбу кори гуногун ба таври мушаххас вазифадор гардидаанд.

Дуюм, дар Паёмҳои Сарвари давлат бештар рӯйдодҳои фараҳбахш, аз ҷумла, сарбанди неругоҳ ва истифодаи чархаҳои неругоҳ таъкид гардида, ҷалби сармояи хориҷӣ ба сохтмон ба миён гузошта шудааст. Дар суханрониҳо мушкилоти ҷойдошта дар самти сохтмони мазкур, вусъат бахшидани корҳо ва тибқи нақша ҷараён гирифтани фаъолият дар сохтмон зикр мешавад. Дар зимн, эътибор додан ба сифати корҳо, пайваста гузаронидани ташхис ва ҷалби сармояи хориҷӣ масъалагузорӣ мешавад.

Сеюм, дар Паёму суханрониҳо аҳаммияти сохтмони аср барои кишвар ва минтақа ба таври илмӣ таҳлилу баррасӣ гардида, таъкид шудааст, ки бунёди он барои расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар мусоидат менамояд.

Чорум, суханрониҳои Пешвои миллат бо бунёдкорони неругоҳ ба вусъати корҳо такон ва ба коргарон нерую тавони бештар бахшида, вазифаҳои дар пеш гузошташуда марҳала ба марҳала анҷом пазируфтаанд. Ин омил шаҳодат медиҳад, ки ҳар як суханронии Сарвари давлат марҳалаи нави пешрафт дар сохтмон маҳсуб меёбад.

Панҷум, суханрониҳои Сарвари давлат ба тариқи таҳлилу муқоиса ва баррасии раванди корҳо сурат гирифтаанд, ки аҳаммияти таърихӣ, илмӣ ва амалӣ дошта, панорамаи раванди корҳоро дар НБО-и «Роғун»-ро бозгӯ мекунанд.

Шашум, дар суханрониҳо, аз як тараф, ба таври дақиқ раванди иҷрои корҳо зикр шудааст, аз ҷониби дигар, баҳри тақвияти фаъолият дар сохтмон масъалагузориҳои мушаххас сурат гирифтааст.

Ҳафтум, дар суханрониҳо ҳар як як бахши корҳо дар иншоот бо ҷузъиёташ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шуда, раванди корҳо ташхису баҳогузорӣ гардидаанд.

Ҳаштум, дар ҳар як суханронии Пешвои миллат як марҳалаи иҷрои корҳо дар сохтмон бозгӯ карда мешавад ва ифодагари анҷом пазируфтани раванди корҳо дар иншоот мебошад.

Нуҳум, аз ҳар як суханронӣ маълум мегардад, ки Сарвари давлат ба иншооти мазкур таваҷҷуҳи махсус дорад, бевосита бо раванди корҳо шинос мегардад, бо мутахассисон суҳбат менамояд ва баҳри тақвияти корҳо дар сохтмон дастурҳои мушаххас медиҳад. Дар зимн, таҳлили ҳамаҷониба сурат гирифта, вазифагузориҳо мешаванд.

Даҳум, дар суханрониҳо дар баробари баррасии бунёди НБО-и «Роғун», корҳои тармиму навсозӣ дар дигар неругоҳҳо, низоми энергетикии кишвар таҳлил ва бунёди системаи интиқоли барқ дар дохил ва хориҷи кишвар таъкид мегардад.

Аз таҳлилу баррасии Паёму суханрониҳои Сарвари давлат бармеояд, ки ин сохтмони бузург натиҷаи заҳмату талош, ҷасорату иродат ва фидокориҳои Пешвои миллат мебошад ва имрӯз истеҳсоли неруи барқи он ба ҳар як хонадони кишвар нуру рӯшноӣ меорад. Он рӯз дур нест, ки НБО-и «Роғун» пурра ба истифода дода мешавад ва Тоҷикистон ба бузургтарин давлати содиркунандаи неруи барқ ва ба кишвари рушдёфтаи саноатӣ дар минтақа табдил меёбад.

Адабиёт:

А. Адабиёти илмӣ:

1. Асоев, Ҳ. «Роғун» – машъалафрӯзи минтақа. Ҷилди 1. / Ҳ. Асоев. – Душанбе, 2018. – 136.
2. Гулов, С. Соле, ки накуст… / С. Гулов // Шаҳомати «Роғун». – Душанбе: ДМТ, 2023. – С. 128-133.
3. Муродӣ, М. Қадамҳои аввалини умедбахш // Охунзода, Н. Образи Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ / Н. Охунзода. – Душанбе: Аржанг, 2021. – С. 3-6.
4. Муродӣ, М. Файзи НБО-и «Роғун» / М. Муродӣ // «Шаҳомати «Роғун». – Душанбе: ДМТ, 2023. – С. 105-109.
5. Муродӣ, М. Таҷассуми НБО-и «Роғун» дар публитсистикаи тоҷик / М. Муродӣ / Осор. Ҷилди VIII. – Душанбе: Истеъдод, 2023. – С. 213-250.
6. Охунзода, Н. Инъикоси бунёдкориҳои азим дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли нашрияи «Ҷумҳурият» / Н. Охунзода // Осор. Ҷилди VIII. – Душанбе: Истеъдод, 2023. – С. 371- 411.
7. Охунзода, Н. Масъалагузориҳо доир ба сохтмонҳои азим дар суханрониҳои Президенти кишвар (дар мисоли нашрияи «Ҷумҳурият», солҳои 2001-2010) / Н. Охунзода // Осор. Ҷилди IX. – Душанбе: Истеъдод, 2024. – С. 301 - 388.
8. Раҳмонов, Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ: Иборат аз се ҷилд. Ҷилди 1. (1992, ноябр – 1996, август) / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. — 512 с.

9. Хушвахтзода Қ. НБО-и «Роғун» имрӯзу ояндаи шукуфони Ватани мост / Қ. Хушвахтзода // «Шаҳомати «Роғун». – Душанбе: ДМТ, 2023. – С. 7-14.

10. Шаҳомати «Роғун» (маҷмуаи мақола, лавҳа ва ёддошт). – Душанбе: ДМТ, 2023. – 278 с.

Б. Сарчашмаҳо

11. Бунёди неругоҳи Роғун барои Тоҷикистон зарурати ҳаётӣ мебошад (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо сохтмончиёни Неругоҳи барқи обии «Роғун», 28 октябри соли 2009). – Ҷумҳурият. – 2009. – 31 октябр.

12. Бунёди неругоҳи Роғун масъалаи ҳаёту мамоти давлати Тоҷикистон аст! (Муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми Тоҷикистон, 05.01.2010). – Ҷумҳурият. – 7 январ.

13. Заҳмати ватандӯстонаи шумо дар саҳифаҳои таърихи кишвар бо ҳарфҳои заррин сабт мегардад (Суханронии Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо бунёдкорони НБО «Роғун», шаҳри Роғун, 28-уми сентябри соли 2024). – Ҷумҳурият. – 2024. – 30 сентябр.

14. Маблағгузории Неругоҳи барқи обии Роғун торафт меафзояд (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо роҳбарон ва фаъолони шаҳри Роғун, 30 майи соли 2008). – Ҷумҳурият. – 2008. – 3 июн.

15. Нахустшуълаи чароғистони бузурги миллат ҳумоюн бод! (Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими оғози кори агрегати якуми Неругоҳи барқи обии «Роғун», шаҳри Роғун, 16 ноябри соли 2018). – Ҷумҳурият. – 2018. – 16 ноябр.

16. Паёми солинавиии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба муносибати соли нави 2000-ум ва оғози ҳазораи сеюм (31 декабри соли 1999). – Ҷумҳурият. – 2000. – 1 январ.

17. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 30-юми апрели соли 2001) // Ҷумҳурият. – 2001. – 3 май.

18. Паёми Президени Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 22-юми апрели соли 2002) // Ҷумҳурият. – 2002. – 23 апрел.

19. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 04-уми апрели соли 2003) // Ҷумҳурият. – 2003. – 5 апрел.

20. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 30-юми апрели соли 2004) // Ҷумҳурият. – 2004. – 1 май.

21. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 16-уми апрели соли 2005) // Ҷумҳурият. – 2005. – 19 апрел.

22. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 20-уми апрели соли 2006) // Ҷумҳурият. – 2006. – 22 апрел.

23. Паёми Президени Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 30-юми апрели соли 2007) // Ҷумҳурият. – 2007. – 1 май.

24. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 25-уми апрели соли 2008) // Ҷумҳурият. – 2008. – 26 апрел.

25. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 15-уми апрели соли 2009) // Ҷумҳурият. – 2009. – 16 апрел.

26. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 24 апрели соли 2010) // Ҷумҳурият. – 2010. – 27 апрел.

27. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шаҳри Душанбе (20 апрели соли 2011). – Минбари халқ. – 21 апрел.

28. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, 20 апрели соли 2012). – Минбари халқ. – 26 апрел.

29. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, 26 апрели соли 2013). – Минбари халқ. – 2013. – 30 апрел.

30. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, 23 апрели соли 2014). – Минбари халқ. – 2014. – 24 апрел.

31. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, 23 январи соли 2015). – Минбари халқ. – 2015. – 28 январ.

32. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, 22 декабри соли 2016). – Минбари халқ. – 2016. – 22 декабр.

33. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22 декабри соли 2017, шаҳри Душанбе). – Ҷумҳурият. – 2017. – 22 декабр.

34. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, 26 декабри соли 2018). – Ҷумҳурият. – 2018. – 26 декабр.

35. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ (шаҳри Душанбе, 26 декабри соли 2019). – Ҷумҳурият. – 2019. – 26 декабр.

36. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (шаҳри Душанбе, 26 январи соли 2021). – Ҷумҳурият. – 2021. – 27 январ.

37. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (шаҳри Душанбе, 21 декабри соли 2021). – Ҷумҳурият. – 2021. – 21 декабр.

38. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (шаҳри Душанбе, 23 декабри соли 2022). – Минбари халқ. – 28 декабр.

39. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (шаҳри Душанбе, 28 декабри соли 2023). – Минбари халқ. – 2023. – 28 декабр.

40. Пешвои миллат: «Натиҷаи заҳмату фаъолияти шуморо, фарзандони бонангу номуси Ватан, тамоми мардуми Тоҷикистон интизоранд» (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо роҳбарон ва кормандони муҳандисиву техникии Неругоҳи барқи обии Роғун, 10 майи соли 2017). – Ҷумҳурият. – 2017. – 11 май.

41. Пешвои миллат: «Шумо дар арсаи нангу номус заҳмат мекашед» (Суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо

бунёдкорони Неругоҳи барқи обии «Роғун», шаҳри Роғун, 10 августи соли 2023). – Ҷумҳурият. – 2023. – 11 август.

42. Пешвои миллат: «Заҳмати содиқонаи ҳар яки шумо дар таърихи навини Тоҷикистон сабт мегардад» (Суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо бунёдкорони НБО «Роғун», шаҳри Роғун, 13 июли соли 2022). – Ҷумҳурият. – 2022. – 13 июл.

43. Пешвои миллат: «Неругоҳи Роғун барои ҳалли масъалаҳои обу энергетика дар минтақа нақши арзишманд дорад» (Суханронии Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маросими тағйир додани маҷрои дарёи Вахш, 29 октябри соли 2016). – Ҷумҳурият. – 2016. – 31 октябр.

44. «Роғун» барои садсолаҳо бунёд мешавад (Суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо бунёдкорони Неругоҳи барқи обии «Роғун», 14 октябри соли 2020). – Ҷумҳурият. – 2020. – 15 октябр.

45. Садои мардум. – 1992. – 13 декабр.

46. Сохтмони неругоҳи Роғунро масъалаи ҳаёту мамоти Тоҷикистон эълон намудем (Суханронии Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мулоқот бо роҳбарону фаъолон ва сокинони шаҳри Роғун, 15 июли соли 2015). – Ҷумҳурият. – 2015. – 16 июл.

47. Сохтмони Неругоҳи Роғун ҳамкорироҳи Тоҷикистону Русияро ба сатҳи сифати нав мебарорад (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов дар маросими оғози дубораи сохтмони НБО-и «Роғун», ш. Роғун, 26 сентябри соли 2007). – Ҷумҳурият. – 2005. – 1 октябр.

48. Тоҷикистон, ба пеш! (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи агрегати дуюми НБО «Роғун», шаҳри Роғун, 9 сентябри соли 2019). – Ҷумҳурият. – 2019. – 9 сентябр.

49. www. president.tj Сафари кории Президент ба шаҳри Роғун. – Ҷумҳурият. – 2012. – 12 июл.

МАСЪАЛАГУЗОРИҲО ДОИР БА НБО-И «РОҒУН» ДАР ПАЁМУ СУХАНРОНИҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Дар мақолаи мазкур бо таҳлилу баррасии илмӣ ва бо истифода аз далоили муътамад саҳми бузургу мондагори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғоз бахшидан ба корҳои сохтмонӣ дар иншооти аср – НБО-и «Роғун», марҳала ба марҳала вусъату тақвият ёфтани созандагиҳо дар неругоҳ ва ба истифода додани ду чархаи он дақиқу саҳеҳ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирфитааст. Таҳлилҳои илмӣ ба муҳаққиқ имкон додааст, ба хулоса ва натиҷагириҳое бирасад, ки маҳз иқдомҳои ватандӯстона, эҳсоси волои миллатдӯстӣ, дурандешӣ ва фидокории Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омили асосӣ, калидию меҳварӣ ва ҳалкунанда дар бунёди НБО-и «Роғун» гардад. Дар мақола масъалаи мавриди назар дар заминаи ду ҷанба – яке Паёмҳои ҳамасолаи Сарвари давлат ба Маҷлиси Олӣ ва вазифагузориҳои ӯ дар боби бунёди ин иншоот аз нигоҳи стратегӣ муҳим ва суханрониҳо дар вохӯрию мулоқотҳо бо коргарони НБО-и «Роғун» баррасӣ ва таҳлил гардида, нуқтаи назар ва андешаҳои илмӣ пероста бо далоилу арқоми муътамад сурат гирифтаанд. Дар заминаи таҳлили муфассал фаъолият ва талошҳои созандаи Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи бунёди НБО-и «Роғун» ва вусъат бахшидан ба корҳои сохтмонӣ дар иншооти мазкур марҳала ба марҳала аз самту паҳлуҳои гуногун баён гардидаанд.

Дар мақола заминаҳои моддию техникӣ, маблағгузорӣ, таъмин намудани иншоот бо васоилу абзори сохтмонӣ, фароҳам овардани шароити созгори замонавӣ барои маишату зисти коргаронро дар ин боб, ки дар меҳвари ин ҳама Сарвари давлат қарор дорад, бозтоби илмӣ ёфта, дар зимн, бо истифода аз сарчашмаҳои илмӣ-назариявӣ ва маълумоти оморӣ ҷанбаи муътамаднокии андешаҳои муаллиф таҳким бахшида шудааст. Мақола пурмуҳтаво ва дорои ғояи баланди ватандӯстона буда, муҳаққиқ дар самти тавъам бо раванди корҳои

сохтмонӣ ва ҷузъиёти он дар иншооти НБО-и «Роғун» таҷассум намудани корномаи Президенти мамлакат ба сифати кафили неругоҳи мазкур муваффақ гардидааст.

Калидвожаҳо: НБО-и «Роғун», публитсистика, Паёму суханрониҳои Пешвои миллат, сохтмони азим, масъалагузорӣ, таҳлил, баррасӣ, таҳқиқ, муқоиса, натиҷагирӣ.

ВОПРОСЫ ПО ГЭС «РОГУН» В ПОСЛАНИИ И ВЫСТУПЛЕНИЯХ ЛИДЕРА НАЦИИ

В данной статье с научным анализом и использованием достоверных данных отмечен огромный и упорный вклад Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в начале строительных работ на объекте аср – ГЭС «Рогун», поэтапное расширение и укрепление созидания в Таджикистане.электростанция и ввод в эксплуатацию двух ее колес тщательно изучаются и анализируются. Научный анализ позволил исследователю прийти к выводам о том, что именно патриотические действия, высокое чувство национализма, дальновидность и самоотверженность президента страны уважаемого Эмомали Рахмона стали главным, ключевым и решающим фактором в строительстве ГЭС «Рогун». В статье рассматриваемый вопрос обсуждался и анализировался на основе двух аспектов – ежегодного Послания Главы государства в Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли и его обязанностей по строительству этого объекта со стратегической точки зрения, а также выступлений на встречах и совещаниях с работниками ГЭС «Рогун», а научные взгляды и мнения были подкреплены доказательствами и авторитетом. На основе детального анализа деятельности и созидательных усилий президента страны уважаемого Эмомали Рахмона по строительству ГЭС «Рогун» и расширению строительных работ на данном объекте поэтапно с разных сторон были изложены различные направления.

Материально-техническая база, финансирование, обеспечение объектов строительными инструментами и инструментами, создание гармоничных современных условий для жизни рабочих в этой главе, которая находится в центре всего этого, находит научное отражение в статье, в которой с помощью научно-теоретических источников и статистических данных укрепляется надежность идей автора.был. Статья содержательна и имеет высокую патриотическую направленность, исследователю удалось совместить процесс строительных работ и его детали на объекте ГЭС «Рогун», воплотив подвиг президента страны в качестве гаранта данной ГЭС.

Ключевые слова: ГЭС «Рогун», журналистика, послание и выступления лидера нации, масштабное строительство, постановка вопросов, анализ, обзор, исследование, сравнение, заключение.

QUESTIONS ABOUT THE ROGUN HYDROELECTRIC POWER PLANT IN THE ADDRESS AND SPEECHES OF THE LEADER OF THE NATION

This article, with scientific analysis and the use of reliable data, notes the huge and persistent contribution on the founder of peace and national unity - Leader of the nation, the President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon, at the beginning of construction work at the asr – HPP «Rogun» facility, the phased expansion and strengthening of creation in Tajikistan.The power plant and the commissioning of its two wheels are being carefully studied and analyzed. Scientific analysis allowed the researcher to come to the conclusion that it was patriotic actions, a high sense of nationalism, foresight and dedication of the country's president, Honorable Emomali Rahmon, that became the main, key and decisive factor in the construction of the Rogun hydroelectric power plant. In the article, the issue under consideration was discussed and analyzed on the basis of two aspects – the annual Address of the Head of State to the Majlisi Namoyandagon Majlisi Oli and his responsibilities for the construction of this facility from a strategic point of view, as well as speeches at meetings and meetings with employees of the Rogun HPP, and scientific views and opinions were supported by evidence and authority. Based on a detailed analysis of the activities and creative efforts of the President of the country, Honorable

Emomali Rahmon, on the construction of the Rogun hydroelectric power plant and the expansion of construction work at this facility, various directions were outlined in stages from different sides.

The material and technical base, financing, provision of facilities with construction tools and tools, creation of harmonious modern conditions for the life of workers in this chapter, which is at the center of all this, is scientifically reflected in the article, in which, with the help of scientific and theoretical sources and statistical data, the reliability of the author's ideas is strengthened. The article is informative and has a high patriotic orientation, the researcher managed to combine the construction process and its details at the Rogun HPP facility, embodying the feat of the president of the country as the guarantor of this HPP.

Keywords: Rogun hydroelectric power plant, journalism, message and speeches of the leader of the nation, large-scale construction, raising questions, analysis, review, research, comparison, conclusion.

Маълумот дар бораи муаллиф: Охунзода Насруддин – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., омӯзгори кафедраи матбуот. Суроға: 734064, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 93-100-45-00**

Сведения об авторе: Охунзода Насруддин – Таджикский национальный университет, к.ф.н., преподаватель кафедры печати. Адрес: 734064, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. **Тел.: (+992) 93-100-45-00**

Information about the author: Okhunzoda Nasruddin – Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, teacher at the Department of Printing. Address: 734064, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki, Ave., 17. Phone: **(+992) 93-100-45-00**

УДК:81.821.01.

ЛЕКСИКО- СЕМАНТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ЛЕКСИКИ НАИМЕНОВАНИЙ «ХӮРОКҲОИ ДУЮМ – MAIN COURSES (ВТОРЫЕ БЛЮДА)» В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Нодирова С.С., старший преподаватель
Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки

Лексические единицы лексики наименования «хӯрокҳои дуюм – main courses (вторые блюда)» дифференцируются с учетом следующих признаков: по наименованию преобладающих ингредиентов, в основном тех продуктов, которые преобладают в блюдах: *мяса, картошки, крупы* и т.д. Ко вторым блюдам у таджиков в основном относятся *мясные* блюда, блюда из *риса* и *мучные* блюда. Мясные блюда у таджиков подают после супов или похлёбок, которые приготавливаются из различных сортов мяса: *гӯшти гов* – beef (говядины), *гӯшти гӯсола* – veal (телятины), *гӯшти гӯсфанд* – mutton (баранины), *гӯшти мурғ* – chicken (курицы) и т.д.

Вторые блюда у таджиков подаются в зависимости от времени года, постов, праздников, а также достатка в семье. Среди вторых блюд у таджиков, наиболее употребляемыми являются различного рода блюда из риса, мясные блюда и блюда национального приготовления. Одним из самых распространенным среди таджиков блюд является блюда из риса, которые подается после супов, является различные наименования **палав** – pilaf (плова). Среди таджиков существует несколько разновидностей плова, которые имеют традиционно свою особенность приготовления, в зависимости от региона проживания. Например*: **оши палав*** – pilav (плов) [11, с. 576]: < *Вақте, ки аввалин бор мустақилона **оши палав** таҳия кардам, янгаам онро чашиду гуфт: «Офарин, аз имтиҳон гузашти»* [3, с. 36] – *Когда первый раз самостоятельно приготовила **плов**, невестка попробовала и сказала: «Молодец, выдержала испытание; **палав бо сирпиёз*** – pilaf with garlic (плов с чесноком), ***палави барги токӣ*** – pilaf with stuffed grape leaves (плов с

виноградных листьев), ***палав бо зардчӯба*** – pilaf from a turmeric yellow ginger (плов с желтым имбирем) [9, с. 11], ***палави серравған*** – fat pilav (жирный плов)» [7, с. 53]: < *А в моей худжре как раз есть очаг, который требует, чтобы на нем ежедневно готовился хороший* ***жирный плов*** *с мясом на двоих, – сказал он шутливо, но тут же серьезно добавил)* [8, с. 29] – *Дар ҳуҷраи ман танҳо як оташдоне ҳаст, ки ҳар рӯз як* ***палави серравған*** *бо гӯшт барои ду нафар пухта мешавад, – гуфт ӯ шӯхӣомез, вале баъд ҷиддӣ илова кард.*

Гипероним – слово с более широким значением, выражающее общее, родовое понятие, название класса (множества) предметов свойств, признаков.

Гипоним – понятие, выражающее частную сущность по отношению к другому, более общему понятию. Основная лексическая единица гипероним «**плов**» включает в себя: (гипероним) плов образованы дифференциальными семемами по «основной базовому ингредиенту». Например: ***палави мавиздор*** – pilaf with raisins (плов с изюмом), ***палав бо себи биҳӣ*** – pilaf with quinec (плов с айвой), ***палав бо зардчӯба*** – pilaf from a turmeric yellow ginger (плов с имбирём), ***палав бо сирпиёз*** – pilaf with garlic (плов с чесноком), ***палави барги токӣ*** – pilaf with stuffed grape leaves (плов с виноградными листьями), ***палави нахуддор*** – pilaf with chickpeas (плов с горохом) и т. д. В качестве гиперонима **«рисовые блюда»** по основным ингридентам также входят рисовые кашы: *мошкичирӣ, шавля* и т. д.

Названия некоторых вторых блюд в таджикском языке ставится по географическому названию страны, региона, городов. Например: ***палави афғонӣ*** – afgan pilaf (плов по афгански), ***палави эронӣ*** – iran pilaf (плов по ирански), ***палави самарқандӣ*** – samarkand pilaf (плов по самаркандскӣ), ***палави андиҷонӣ*** – andijon pilaf (плов по андиджански), ***палови хуҷандӣ*** – khujand pilaf (ходжентский плов) и т. д.

В двуязычных и толковых словарях встречаются лексики наименования мясных блюд такие как: *баранина, говядина, телятина, бычатина, козлятина, свинина, конина* и т.д. Таджики традиционно не употребляют *свинину*, а *конину* население южного Таджикистана практически также не употребляют и это связано с верованием. От основного ингредиента добавляемых в пищу зависит и названия и разновидность вторых блюд из мяса, например: ***баррабирён*** – roast from mutton meat [11, с. 91] (жаркое из бараньего мясо) [7, с. 37], ***кабоб*** – fried meat [11, с. 343] (kebab, шашлык) [7, с. 46], ***ҷигаркабоб*** – liver kebab (шашлык из печени) [7, с. 72], ***куфтакабоб*** – kuftaka kebab, dish from meat mincemeat (блюда из мясного фарша) [7, с. 50].

У таджиков, разновидность приготовлений из риса, зависит от добавляемого ингридиента например: ***палав бо себи биҳӣ*** – pilaf with quinec (плов с айвой), ***палави мавиздор*** – pilaf with raisins (плов с изюмом), ***палови нахуддор*** – pilaf with chickpeas (плов с горохом), ***палов бо сирпиёз*** – pilaf with garlic (плов с чесноком), ***палов бо гӯшти мурғ*** – pilaf with chicken (плов с курицей), ***кукупалов*** – pilaf with game» [11, с. 386] (плов с дичью) [7, с. 43] и т. д. Также из других ингридиентов. Например: ***мошпалав*** – moshpalav, the pilaf from wave (плов из маша), разновидность каш: ***мошкичирӣ*** – moshkichiri, mung bean porridge (каша с машем), ***мошубиринҷ*** – moshubiring, porridge from wave and rice (каша с рисом и машом), ***шавла (шӯла)*** – shavla, rice porridge meat (шавля) < ***Шӯлаи*** *тезак ва хӯриши мевагиро, ки ғизоҳои сабук ва парҳезӣ мебошанд, чун таоми шомгоҳон пешниҳод намуд* [3, с. 36] – *В качестве ужина предлагал* ***рисовую кашу*** *с мясом и марковкой и фруктовый салат, которые являются легкими и диетическими*; ***ҳалим*** – palim,wheat porridge (пшеничная каша с мясом.

Словообразование наименований вторых блюд в таджикском языке зависит от главного ингридиента названия мяса, т.е. мясо животных и птиц. Например: ***баррабирён*** – fried lamb [11, с. 91] (жаренный барашек целиком, зажаренная туша барашка), ***кабккабоб*** – roast kebab of partridge [11, с. 343] (шашлык из перепёлки) [7, с. 41], ***кукупалов*** – pilaf with game» [11, с. 386] (плов с дичью) [7, с. 43], ***чӯҷабирён*** – roast chiken (жареный цыпленок)» [19, с. 11]: < *Барои хӯроки чошт* ***чӯҷабирён*** *омода намуд* [3, с. 36] – *На ужин приготовила* ***жаренного цыпленка***.

В Англии в ХУ в.приобрело популярность различного рода блюд из мяса молодых бычков, особенно стейк. Англичане на второе предпочитают стейки – ***steak*** различного приготовлениях частей говядины. Стейк – ***steak*** иногда называется бифштексом – ***beef steak*** и готовится из лучших частей говядины. Стейки в Англии имеют множество разновидностей, в зависимости от места отруба говядины: ***rib eye steak*** – рибай-стейк (толстый отрез от 5 по 12 ребра), ***cowboy steak*** – ковбой-стейк (вырезаемый из спинной части на участке толстого края длиннейшей мышцы спины), ***striploin steak*** – стриплойн-стейк (вырезается из тонкого филейного края, расположенного в поясничном отделе туши после 13-го ребра); ***tibone steak*** – тибоун-стейк, ***filet mignon*** – филе-миньон (поперечный срез) центральной части и т.д.

В английской кухне во многих подаваемых вторых блюд наблюдается различного рода гарниры из *cereals* – донагӣ (крупы), *rice* – биринҷ (риса), *buckwheat* - марҷумак (гречки) и т. д. В Англии также распространены приготовления из отбивного мяса, *cutlet* – котлет (котлета), плоский кусок мяса ягнятина или телятина. Кроме этого в Англии, как и в Ирландии, Канаде, Новой Зеландии, Австралии распространен так называемый *sunday roast* – хӯроки нисфирӯзӣ (воскресный обед). Англичане в качестве sunday roast – хӯроки рӯзи истироҳатӣ (воскресного обеда) использовали следующие мясные блюда: ***lamb*** – баранину, ***chicken*** – курятину, ***duck*** – утку и ***turkey –*** индейку.

Roast beef – гӯштбирён аз гӯшти гов (жаркое из говядины) [7, с. 25],: < *The traditional Sunday dish used to be* ***roast beef****, but nowadays pork, chicken or lamb are more common – Традиционным воскресным блюдом раньше была* ***жареная говядина****, но сейчас свинина, цыпленок или баранина более распространены)* [5, с. 206], ***roast chicken*** – мурғи бирён (жаренный цыпленок)» [7, с. 25]: < *They begin with soup, followed by fish,* ***roast-chicken****, potatoes and vegetables, fruit and coffee) – Они начинают с супа, после чего идет рыба,* ***жареный цыпленок****, картофель и овощи, фрукты и кофе)* [5, с. 201], ***fried fish*** – моҳии бирён кардашуда (жареная рыба) [7, с. 15], ***lamb stew*** – гӯшти гӯсфанди дампӯхт (тушоная баранина) [7, с. 18], подаются в Англии как второе блюдо.

Гипонимом ростбифа являются ***entrecote*** – антрекот, ***beefsteak*** – бифштекс, ***cutlet*** – котлета, ***langette*** – лангет, ***ribeye*** – рибай, ***rump steak*** – ромштекс, ***steak*** – стейк, ***schnitzel*** – шницель и т. д.

Это блюдо традиционной английской кухни, представляющее собой запечённый в духовом шкафу большой кусок говяжьего мяса. Иногда ростбиф готовят на решётке – гриль или тушат.

Ромштекс – это слегка отбитый кусок мяса, обычно – говядины, вырезанный из спинной части, смоченный взбитой смесью из свежих яиц, воды и соли, а затем панированы в сухарной крошке. Бифштекс – ***beef*** – гӯшти гӯсола (говядина) **+ *steaks*-** як порча гӯшти лаҳми бирён (мякоть мяса) блюдо из мяса говядины, который в Англии получила наиболее распространенность в XVIII в. Начиная, с 1730 года в Лондоне даже создан «Клуб бифштекса». Словообразование бифштекса в течение времени приобретало от ее формы изготовления: круглый бифштекс, рубленый бифштекс (с фаршем и яйцом), а в настоящее время наиболее популярность приобрел разновидность бифштекса – *humburger* – гамбургер (тонкий рубленый бифштекс) [1, с. 83].:< *Nevertheless, his father died four years later, in the eighty-sixth, and it was not cancer at all that killed him, but a piece of* ***steak****, which he choked on – Тем не менее скончался отец спустя четыре года, в восемьдесят шестом, и убил его вовсе не рак, а кусок* ***бифштекса****, которым он подавился* [5, с. 13]

Литература:

1. Алимова, Б.М.. Пища и культура питания тюркоязычных народов Дагестана в Х1Х-нач. ХХ в. (Общее и особенное в свете генетических истоков и этнокультурных взаимодействий) : Махачкала, Дис. д-ра ист. наук: 2003 – 429 с.

2. Беленко Е.В. Концептосфера «продукты питания» в национальной языковой картине мира : дис…канд. филол. наук. Челябинск, 2006, - 243 с.

3. Бонувони Тоҷикистон. Женский республиканский журнал. – Душанбе.: Орбита. 2021.№ (174). – 51с. (на тадж. яз.).

4. Ершов, Н.Н. Пища. Таджики Каратегина и Дарваза. Под общ. ред. Н.А. Кислякова. – Душанбе. 1970. – С.225-258.

5. Кубарьков, Г.Л. Тимощук В.А. Сборник новых тем современного английского языка / Г.Л. Кубарьков, А.В. Тимощук – Ростов на Дону.: изд-во «БАРА», 2015. –1184 с

6. Мамадназаров, А. Фарханги англисӣ-тоҷикӣ. Эр-граф, – Душанбе, 2019. – 1016 с.

7. Нодирова, С.С. Луғати номгӯи таомҳо, хӯрокҳо, хӯришҳо, ғизоҳо ва нӯшокиҳои тоҷикӣ - русӣ - англисӣ ва англисӣ - русӣ - тоҷикӣ.// С.С.Нодирова / – Душанбе: Эр-граф. 2019. – 68с

8. Садриддин Айнӣ. Смерть ростовщика / С. Айни.–Душанбе.: Адиб.,1987. – 224 с.

9. Таомнома. Номгӯи таомҳо барои тарабхонаҳо, ошхонаҳо, чойхонаҳо ва қаҳвахонаҳо. Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – 16 с.

10. Толковый англо-английский словарь. Cambridge Academic Dictionary. Интернет-ресурс. Режим доступа: http://dictionary.cambridge.org/.

11. Ҷамшедов, П. Фарҳанги тоҷикӣ ба англисӣ. – Душанбе. Второе издание. – 2008. – 978 с.

12. Шовалиева, М. История кулинарной культуры таджикского народа /М.Шовалиева. – Душанбе.: Дониш. 2015, – 168 с.

13. https://www.readkong.com/page/traditional-food-in-britain-4876289

ЛЕКСИКО- СЕМАНТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ЛЕКСИКИ НАИМЕНОВАНИЙ «ХЎРОКҲОИ ДУЮМ – MAIN COURSES (ВТОРЫЕ БЛЮДА)» В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье рассматривается анализ лексических единиц лексики наименования «хўрокҳои дуюм – main courses (вторые блюда)» дифференцирующиеся с учетом следующих признаков: по наименованию преобладающих ингредиентов, в основном тех продуктов, которые преобладают в блюдах: *мяса, картошки, крупы* и т.д. Мясные блюда у таджиков подают после супов или похлёбок, которые приготавливаются из различных сортов мяса: *гӯшти гов* – beef (говядины), *гӯшти гӯсола* – veal (телятины), *гӯшти гӯсфанд* – mutton (баранины), *гӯшти мурғ* – chicken (курицы) и т.д.

Автор дает понятие о *гипероними* и *гипониме* лексических единиц лексики наименования вторых блюд такие как: *плов, рисовые каши, мясных блюд* в таджикском языке и *roast beef* в английском языке, образованы дифференциальными семемами по «основной базовому ингредиенту».

Автор приводит ряд примеров по географическому названию страны, региона и городов, блюда которые подаются по времени года, постов и праздников у таджиков.

Англичане на второе предпочитают различного рода приготовления мяса и рыбы. Автор отмечает, что в английской кухне распространены различного рода *ростбифа* и *гарниры*.

Ключевые слова: дифференциальным, ингредиентов, продуктов, вторые блюда, праздников, рыбы, мяса, страны

ТАҲЛИЛИ ЛЕКСИКӢ-СЕМАНТИКИИ НОМГЎЙИ «ХЎРОКҲОИ ДУЮМ – MAIN COURSES (ВТОРЫЕ БЛЮДО)» ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола таҳлили воҳидҳои лексикии номгӯйи «хӯрокҳои дуюм» бо назардошти хусусиятҳои дифференсиалии зерин оварда шудааст: аз рӯи номгӯйи маҳсулоте, ки дар хӯрокҳо бартарӣ доранд; гӯшт, картошка, ғалладона ва ғ. Тоҷикон баъд аз шӯрбо таомҳое, ки аз навъҳои гуногуни гӯштҳо- гӯшти гов, гӯшти госола, гӯшти гӯсфанд, гӯшти мурғ ва ғ. тайёр карда шудааст, пешкаш мекунанд.

Муаллиф мафҳуми гипероним ва гипонимии воҳидҳои луғавии номгӯйи таомҳои дуюмро, аз қабили: палав, шавла, таомҳои гӯштӣ дар забони тоҷикӣ ва *roast beef* дар забони англисӣ, ки бо семемаҳои дифференсиалӣ аз рӯйи «маҳсулоти асосӣ» тартиб дода шудаанд, муайян кардааст.

Муаллиф номгӯйи таомҳоеро, ки мутобиқ ба ҷойгиршавии ҷуғрофии кишварҳо, вилоятҳо ва шаҳрҳо ва мувофиқа ба фасли сол ва идҳои анъанавии тоҷикон пешкаш карда мешаванд, мисолҳои зиёдеро овардааст.

Англисҳо барои таомҳои дуюм навъҳои гуногуни тайёр кардани гӯшт ва моҳиро афзалтар медонанд. Муаллиф қайд мекунад, ки дар таомҳои англисҳо навъҳои гуногуни *roast beef* (гӯшти бирён) ва хӯришҳо маъмуланд.

Калидвожаҳо: тафриқавӣ, ҳисса, озуқа, хӯрокҳои дуюм, ҷашнҳо, моҳиҳо, гӯшт, давлатҳо

LEXICO-SEMANTIC ANALYSIS OF THE VOCABULARY OF THE NAMES «ХЎРОКҲОИ ДУЮМ – MAIN COURSES (ВТОРЫЕ БЛЮДО)» IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article discusses the analysis of lexical units of the vocabulary of the name «хӯрокҳои дуюм - main courses (вторые блюдо)», differentiated taking into account the following characteristics: by the name of the predominant ingredients, mainly those products that predominate in the dishes: *meat, potatoes, cereals,* etc. Tajiks serve meat dishes after soups or stews, which are prepared from various types of meat: *beef, veal, mutton, chicken,* etc .

The author gives the concept of *hypernym* and *hyponym* of lexical units of the vocabulary of the names of second courses such as: *pilaf, rice porridge, meat dishes* in the Tajik language and *roast beef* in English, formed by differential sememes according to the «main base ingredient».

The author gives a number of examples based on the geographical name of the country, region and cities, dishes that are served according to the time of year, fasting and holidays among Tajiks.

The British prefer various types of cooking meat and fish as a second meal. The author notes that various types of *roast beef* and *side dishes* are common in English cuisine.

Key words: differential, ingredients, products, main courses, holidays, fish, meat, country.

Сведения об авторе: Нодирова Сайёра Салимшоевна, старший преподаватель кафедры иностранных языков Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г. Куляб, ул. С. Сафаров-16 тел.:(+992)904546854, E-mail:bsabrina1978@internet.ru

Маълумот дар бораи муаллиф: Нодирова Сайёра Салимшоевна, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров – 16, тел.:(+992)904546854, E-mail:bsabrina1978@internet.ru

Information about the author: Nodirova Sayoramo Salimshoevna – senior lecture of the department of foreign languages, Kulob State University. A.Rudaki. S.Safarov 16, 735360 Kulob, Republic of Tajikistan.Tel.: (+992)904546854, E-mail:bsabrina1978@internet.ru.

ТДУ: 82-94 (075.8)
Н-84

ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ПАЖУҲИШИИ ХУДОӢ ШАРИФЗОДА

Носирова О.С., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Зимни омӯзишу таҳқиқи ҳаёту фаъолияти олимону муҳаққиқони номвар нахустин нуктае, ки ба зеҳн мерасад, замони вуруди эшон ба арсаи илму таҳқиқ аст. Чунин ниёзе ҳангоми арзёбии фаъолияти илми адабиётшиноси машҳури тоҷик шодравон Худоӣ Шарифзода пеш меояд. Тавре маълум аст, номбурда солҳои шастуми асри сипаришуда ба майдони илми адабиётшиносӣ қадам гузошт. Дар осори таҳқиқӣ ҳаргоҳ сухан аз даҳаи шастум дар миён меафтад аз он ҳамчун даҳаи дигаргунӣ, даврони тоза дар ҳаёти илмиву фарҳангӣ ва адабӣ ёд мекунанд. Шояд ин андеша бесабабу замина низ набошад. Заминаи нахустин вобастаи насле аст, ки бо зеҳнияту тафаккури навандешона, донишу биниши тоза вориди саҳнаи илму таҳқиқ гардида буд. Намояндагони ин насл дорои донишу ҷаҳонбинии густурдаву васеъ буданд ва мехостанд ба ҳама осору мероси илмӣ-таҳқиқии гузаштагон бо нигоҳи дигар бингаранд.

Қобили зикр аст, ки онҳо дар амалисозии ҳадафҳое, ки пешорӯ доштанд, комилан дастхолӣ набуданд. Шева ва роҳҳои аслии таҳқиқ ба гунае аз ҷониби донишмандону адабиётшиносони насли пешин мисли устод С. Айнӣ, Раҳим Ҳошим, А. Мирзоев, Х. Мирзозода, М. Шакурӣ, С. Табаров ҳамвор шуда буд.

Таҳқиқоти муҳаққиқони мазкур дар заминаи масоили мухталифи адабиёту адабиётшиносӣ манбаи муътамаду самтдеҳе барои олимони ҷавони даҳаи шастум буд. Дар ин мақола қарор аст зиндагинома ва фаъолияти эчодии олими ёдшуда мавриди баррасӣ қарор гирад.

а) Шарҳи ҳоли мухтасари Х. Шарифзода. Аз миёни муҳаққиқони тоҷик касоне, ки худ зиндагиномаашонро навишта бошанд, камшуморанд. Гап дар ин аст, ки шеваи

шарҳиҳолнависӣ талаб менамояд, ки маълумоти мавҷуд дар бораи аҳли хонавода, пешгузаштагон, мақому ҷойгоҳи хонавода зикр гардад. Маҳз ҳамин амр дар замони шуравӣ барои онҳое, ки мехостанд шарҳи ҳоли хешро бинависанд, мушкилзой буд. Сабаби аслиро Х. Шарифзода дар мақолаи «Ёде аз рӯзҳои гузашта», ки як навъ шарҳи ҳоли эшон аст, чунин иброз медорад: «Дар замони Шуравӣ сухан аз бузургии мақоми хонадони худ гуфтан расман набошад ҳам, дар амал манъ буд. Гузаштагони соҳиби молу мулк ва мақомоти давлатӣ ва ҳатто илму донишу соҳиби мактабу мадраса дар диди расмии замони нав шахсони манфӣ маҳсуб мешуданд ва аз онҳо кам ёд мекарданд.

Ҳамаи аъзои ҷамъияти нав худро фарзандони деҳқони камбағал ё коргар муаррифӣ мекарданд. Барои мо ва шахсони ба синну соли мо баробар кор осон шуда буд: дар анкетаҳои расмӣ «фарзанди колхозчӣ» менавиштем ва ин ҳоҷат ба шарҳу баён надошт. Бо ҳамин талаби низоми замон банда писари Муллошарифи колхозчӣ мебошам». [3, с. 224]

Мақсад аз ин иқтибоси тулонӣ ин аст, ки баёни шарҳи ҳоли мавсуф ва низоми илмӣ додан ба он муҳаққиқро дучори мушкилу печидагӣ намесозад, зеро мазкур ба таври муфассал пайроҳаи ҳаёти худро аз домони хонавода то охирин макони кору фаъолият, яъне донишгоҳ дар мақолаи ёдшуда инъикос намудааст. Танҳо лозим ба тазаккур аст, ки забони мақола бештар ҷанбаи бадеӣ дорад, на илмӣ. Вале ба таври умум муҳимтарин санаҳои зиндагии муҳаққиқро метавон аз матни комил пайдо намуд. Дар мақола перомуни падару модар ва пешгузаштагону хешону пайвандони Х. Шарифзода маълумоти ҷолибе гирдоварӣ шудааст.

Соли 2017 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 80 солагии Х. Шарифзода таҷлил гардид. Бо назардошти санаи таҷлил Х. Шарифзода гӯё соли 1937 по ба арсаи вуҷуд гузоштааст. Аммо худи муаллиф дар мақолаи фавқ перомуни макони таваллуд ва рӯзҳои дақиқаш чунин изҳор медорад: «хонаи мо дар аввали қишлоқи Ҷорф аз самти Ғарб, дар буни кӯҳ ҷойгир аст. Қишлоқи Ҷорф дар соҳили рӯди пуроби Панҷ ҷойгир аст ва мувофиқи номаш, яъне Ҷорф ё Жорф дар мавзеи чуқур ҷойгир мебошад… Банда тобистони соли 1938 (рӯзу моҳаш аниқ маълум нест, шояд 18-август бошад) таваллуд шудаам. Соли таваллуди 1937-ро ба ман дар райони Шулмаки шаҳраки Навободи вилояти Ғарм ба хотири ба сафи комсамол даромадан дода, рӯзи 25-июнро ҳамчун рӯзи таваллуд ҳангоми шиноснома гирифтан худам интихоб кардам. Ман дар Девлохи миёнаи Тоҷ таваллуд шудаам». [3, с. 227]

Тибқи навиштаи мавсуф пешгузаштагони хонадони онҳо аз Даҳбеди Самарқанд будаанд, ки солҳои поёнии асри шонздаҳи мелодӣ ба Дарвоз кӯч баста, муқимӣ шудаанд.

Номи аслии падари Х. Шарифзода Муллошариф будааст. Мардони хонаводаи шодравон ҳамагӣ аҳли мактабу мадраса буданд. Муллошариф ҳарчанд шахси босаводу мадрасахонда буда, вале дар зиндагӣ муллоиро пеша накардааст. Худи муаллиф ба ин ҷанбаи зиндагии фардии падар ва амакаш Мирзорауф таъкид меварзад: «онҳо ба ин касб (яъне, муллоӣ) ҳусни тавоҷҷуҳ надоштанд. Падарам ва гоҳе амакам дар масҷиди маҳаллаи худашон, ки ҳамагӣ шаш хоҷагӣ дошт, дар намоз имоматӣ мекарданд. Мутолиа ва қироати китоб на касби доимӣ ва сарфи замони даст дар кори деҳқонӣ ва рӯзгор надоштанашон, балки шуғли доимиашон буд». [3, с. 225]

Муллошариф аслан бо пешаи деҳқонӣ рӯзгори хонаводаро ба сомон мерасонид. Охири соли 1946 бар асари бемории сил аз дунё гузашт.

Пас аз марги нобаҳангоми падар тарбияти Худоии ҷавонро амакаш Мирзорауф ба дӯш мегирад. Ногуфта намонад, ки Мирзорауф марди бо саводу донишманд буда, хатти зебоӣ арабӣ доштааст. Замоне, ки дар ҷумҳурӣ хатти арабӣ расмӣ буда, вазифаи котибии ҷамоатро ба зима доштааст. Соли 1944 Мирзорауфро бо туҳмати нияти фирор доштан ба Афғонистон ҳабс мекунанд ва ӯ ду соли расо аз умри хешро дар зиндонҳои Қалъаихум, Обигарм, Сталинобод мегузаронад.

Устод Х. Шарифзода дар таълифаш аз амакаш ба некӣ ёд намуда аз ӯ ҳамчун марди соҳибзавқу хушсалиқа, шоиртабъ ва «ҳофизхону бедилхон» ёд намудааст. [3, с. 223]

Мазкур зикр дошта, ки «банда тарбияти хонаводагиро аз ҳамин амакам гирифтам. Ӯ муддате шеъри шоирон, махсусан ашъори Хоҷа Ҳофизу Мирзо Бедилро мехонд ва аз ман

ҷиҳати озмоиши фаҳму дарёфти маъно шарҳи онҳоро мехост. Ман ба дараҷаи фаҳму дарёфти худ ба пурсишҳояш посух мегуфтам. [3, с. 223]

Гулистонбибӣ исми модари донишманди арҷманд аст, вале роҷеъ ба зиндагии фардии ӯ иттилооти хосе дар мақола наомада, бештар дар атрофи бастагону хонадони модар сухан рафтааст.

Зикр шуда, ки пас аз даргузашти падар Худоии хурдсол бо модар дар хонаи амак мемонанд ва то соли 1949 онҷо зиндагӣ мекунанд. Соли 1949 бо иллати мушкилоти зиёди иқтисодӣ Гулистонбибӣ ва фарзандонаш ба хонаи бародараш Маҳрам мекӯчанд. Худоӣ бошад, дар хонаи амак мемонад. Ҷудоӣ аз модару бародарон ба Худоии хурдсол таъсири амиқ мегузорад. Шиддати ин таъсир ба гунае буда, ки ӯро бемор месозад. Он замонро муаллиф чунин хотирнишон сохта: «дар он баҳор, ки модарам аз хонаи мо рафт, ман ранҷи ятимиро ҳисс карда, сахт бемор шудам. Чи касал шуданамро намедонам, лекин ба сари болини ман омада мегуфтанд, ки «бо ин ҳол ин бечора намезияд». [3, с. 236]

Воқеаи дигаре, ки дар ниҳоди ӯ амиқ асар мекунад издивоҷи модараш ба марди дигарест. Миёнаҳои тобистони соли 1951 замоне, ки ӯ синфи панҷумро дар мактаби деҳа хатм намуда буд, хабари ба шавҳар баромадани модарро шунид ва як рӯз баъд хонаи падарро тарк намуда, ба Ғарм сафар намуд ва дар Навободи Ғарм шомили интернате гардид, ки нав таъсис шуда буд. Таҳсили мактаби миёнаро дар интернати Навободи ноҳияи Ғарм аз синфи шашум сар карда, соли 1956 ба поён расонид. Устод замони таҳсил дар интернатро барандоз намуда, масири тадриҷии камолу пешрафти зеҳнии худро хеле дилчасб баён медорад: «Дар синфи шашум ман ба монанди қишлоқ мехондам: дарсҳоро мефаҳмидам, лекин шавқи зиёд ба дониш надоштам. Иштиёқ ба дониш аз синфи ҳафтум пайдо намудам, аз шунидану хондан ва фаҳмидани ахбори тоза кайфият ҳосил мекардам. Ин кайфияти дониш баъди оғоз кардани хондани китобҳои бадеӣ дар ман афзун гардид. на фақат банда, балки аксари ҳамсинфон ва шарикони интернатӣ ба хондани китоб майлу рағбат пайдо намуданд». [3, с. 233]

Масъалаи дигаре, ки дар хотироти шартиҳолии Х. Шарифзода махсусан таъкид шуда, нақши муаллимон дар камолу пешрафт ва тараққии ақлонии хонандагон аст. Ба андешаи мавсуф майлу таваҷҷуҳи хонандагон ба ин ё он соҳаи дониш ба истеъдоду нубуғ ва донишу малакаи муаллимон вобаста буд, ки худ намояндагони шаҳру ноҳияҳои гуногун ва аксар хатмкардаи дорулфунуни Самарқанд буданд.

Бад-ин тариқ устод Х. Шарифзода пас аз анҷоми мактаби миёна бо ташвиқу тарғиби директори мактаб Зиёратшо Воҳидов, ки худ аз нахустин шогирдони университети Тоҷикистон буд, барои дохил шудан ба факултети филологияи университети мазкур ба Душанбе меояд. Майлу иштиёқи мавсуф ба риштаи адабиёт заминаи дигар ҳам дошт, ки муҳити хонаводагӣ буд: «аз хурдӣ сухан аз шеъру адаб, дар хона шунида будам ва майлу хоҳиши маро онҳо ба ин роҳ бурданд». [3, с. 241]

Даврони донишҷӯӣ барои Худоӣ ниҳоят душвору сангин оғоз шуд ва анқариб то поёни хатми донишгоҳ идомат пайдо кард. Аз як тараф ӯ шоду масрур буд, ки дари ҷаҳоне аз илму маърифат бар рӯяш боз шуда, вале аз сӯйи дигар мушкилоти моддӣ, бепулӣ, нарасидани ғизои кофӣ ӯро сахт малулу озурда месохт. Вале ин мушкилот ҳаргиз натавонист шонаҳои ӯро хам кунад. Сабабу иллати устувориву пойдории хешу ҳамдарсонашро худи ӯ дар он медонад, ки онҳо насли замони ҷанг буданд ва ба ҳама сахтиҳо одат карда буданд.

Нуктаи ҷолиб ин аст, ки аксари ҳамкурсони устод Х. Шарифзода шахсони машҳуру номдоре ҳастанд, ки исмашон бо некӣ дар навиштаи вай омадааст. Аз ҷумла адабиётшиносони маъруф Аълохон Афсаҳзод, Амрияздон Алимардонов, Абдураҳим Каримов, фолклоршинос Файзалӣ Муродов ва адибон Сарвар Амирҷонов ва Муҳиддин Хоҷазода аз ҷумлаи ҳамкурсҳои номбурда ба шумор мераванд. Шояд сабаби дигари тоқату пойдории Худоии донишҷӯ дар қиболи мушкилоти моддӣ вуҷуди чунин ҳамкурсоне буд.

Ҳамзамон, бо ин дар инкишофу такомули Худоӣ Шарифзода нақши устодони донишгоҳӣ Шарифҷон Ҳусайнзода, Абдулғанӣ Мирзоев, Соҳиб Табаров, Саъдоншо Имронов, С. Арзуманов, Ҳилол Каримов, Додоҷон Тоҷиев ва Саид Ҳалимов ниҳоят корсоз будааст.

Яке аз вижагиҳои умдаи инсонӣ ва илмии онҳо иборат аз он буда, ки миёни донишҷӯён истеъдодҳоро мешинохтанд ва барои фаъолияти баъдӣ дар донишгоҳ ва муассисаҳои илмӣ-пажуҳишӣ нигоҳ медоштанд. Масалан ошноии Шарифҷон Ҳусейнзода бо рисолаи дипломии Худоӣ Шарифзода, ки мавзуи «Низомии Арӯзии Самарқандӣ ва масъалаи шеъру шоирӣ» ихтисос дошт, сабаб мешавад, ки аввалӣ ба кор мондани дувумиро дар донишгоҳ аз раёсати вақти Университет тақозо кунад. Ҳамин тавр Х. Шарифзода тибқи дархости Ш. Ҳусейнзода тобистони соли 1961 ба сифати лаборанти калони кафедраи адабиёти тоҷик ба кор пазируфта мешавад ва то соли 1962 дар ин вазифа кор мекунад. Соли 1962 кафедраи мазкур ба ду қисм ҷудо мешавад: кафедраи таърихи адабиёти классикӣ ва таърихи адабиёти советии тоҷик. Баъд аз тақсимот, номбурда дар кафедраи навтаъсис таърихи адабиёти советии тоҷик ба сифати ассистент қабул мешавад ва то замони ба аспирантураи ғоибона дохил шудан дар ин вазифа кор мекунад. Бо шуруи муаллимӣ, даврони тозае дар зиндагии вай оғоз мегардад. Судмандии он давраи нахустини муаллимиро баъдҳо чунин баён медорад: «Дар ҷавонӣ ба кори таълим ва тадрис машғул шудан суди зиёде дорад, зеро такрори чандинкаратаи маводи мавзуъ ва андешаю назарҳо дар зеҳну назари муаллим бидуни мушкилӣ барои муддати шадиде нақш мебандад. Мо аз чунин асари дарс додани таърихи адабиёти аҳди Шуравӣ баҳраи зиёде бардоштем». [3, с. 225]

Мавсуф, ҳамрадифи муаллимӣ ба омӯзиши амиқу густурдаи ҷанбаҳои назарии адабиёт, мактабҳои адабӣ, дидгоҳҳои адабиётшиносони машҳури ҷаҳон машғул буд. Ӯ ба умқи ин воқеият расида буд, ки шинохти адабиёт бе мутолиаи мустамару пайгир имконпазир нест. Аз сӯйи дигар мухотаб ҷомеаи донишгоҳӣ худ тақозо мекунад, ба донистаҳо бояд мудовим чизе афзуда шавад.

Соли 1965 Х. Шарифзода бо ҳидояти С. Табаров ба бахши ғоибонаи аспирантура дохил мешавад ва ба ҷамъоварии мавод дар мавзуи «Достон дар адабиёти солҳои 30-юми тоҷик» машғул мешавад. Роҳбарии илмии рисоларо низ С. Табаров ба уҳда мегирад, аммо бо далоили мухталиф пас аз як сол ба шуъбаи рӯзонаи аспирантура дар кафедраи таърихи адабиёти тоҷик интиқол меёбад ва Ш. Ҳусейнзода ба ҳайси устоди роҳнамо таъйин мегардад. Марҳум Ш. Ҳусейнзода бо назардошти ин ки мавзуи рисолаи дипломии шогирдаш ба таҳқиқи шеъру шоирӣ бастагӣ дошт, баррасии чигунагии мавзуи мазкурро дар имтидоди асрҳои Х-ХIII тавсия менамояд.

Зимни мусофиратҳои мутолиотӣ дар иртибот бо мавзуи рисола ба марказҳои илмии собиқ Шуравӣ дар Институти шарқшиносии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ бо шарқшиноси машҳури рус М. Зоан дидор мекунад. Бо пешниҳоди ӯ мавзуи таҳқиқро аз нигоҳи замон то асри XI кутоҳ намуда ба таври мушаххас дар мавзуи «Ташаккули афкори адабии форсу тоҷик дар асрҳои Х-XI» ба навиштани рисола оғоз менамояд ва соли 1970 аз рисолаи худ дифоъ мекунад.

Пас аз ҳимояи рисолаи номзадӣ Х. Шарифзода ба Донишгоҳ бар мегардад ва то соли 2009 дар вазифаҳои дотсент, профессор, ҷонишини декан, декан ва мудири кафедраи адабиёти классикии тоҷик ичрои вазифа менамояд.

Донишманди фозил Х. Шарифзода беш аз ду даҳсола роҳбарии яке аз кафедраҳои куҳантарини Донишгоҳи миллии Тоҷикистон- таърихи адабиёти тоҷикро ба дӯш доштанд. Ин мақтаи замониро метавон пурсамартарини давраи ҳаёти илмӣ-эҷодии эшон шумурд. Бо саъю талоши мустақими ӯ фанҳои сабкшиносӣ, балоғат ва суханварӣ, таҳлили матн ва сарчашмашиносӣ ба барномаи таълим ворид гардиданд ва барномаҳои лозим низ барои таълими амалиашон аз ҷониби мазкур тадвину таҳия шуданд. Роҳбарӣ ба кори илмии аспирантону унвонҷӯён бахши дигари фаъолияти Х. Шарифзодаро ташкил медиҳад. Таҳти роҳнамоии вай беш аз 36 нафар рисолаи номзадӣ ва шаш нафар аз рисолаҳои доктории худ дифоъ намуданд.

Х. Шарифзода ҳамчунин солҳои тулони узви бахши адабиётшиносии Институти забон ва адабиёти АИ Тоҷикистон буд. Нақши ӯ дар баррасӣ ва муҳокимаи рисолаҳои илмӣ, таъйини самтҳои таҳқиқи Институт ниҳоят чашмгир аст. Номбурда, ҳамчун узви Иттифоқи

нависандагони Тоҷикистон бо ниҳоди мазкур ҳамкории доманадоре дошт. Аз соли 1989 то соли 2003 бахши танқид ва адабиётшиносии мазкурро роҳбарӣ менамояд.

Ба навиштаи А. Раҳмонзода, Х. Шарифзода дар тули фаъолияти худ «мактаби бузурги адабиётшиносӣ ва шарқшиносии русро аз бар намуда, асосҳои назарии ин мактабро фаро гирифта, шоҳкорҳои назарии муҳаққиқони ҷаҳониро мутолиа карда, аз осори назариву таърихии халқаш истифода намуда, доираи ҷаҳонбинӣ, дониш ва маҳорати таҳқиқгариашро сайқал дода, аз солҳои 60-уми асри XX ба таҳқиқи масъалаҳои умдаи филологӣ даст зада, то ба имрӯз ба дастовардҳои бузурги илмӣ ноил гардидааст. Бо саъю кӯшиши вай дар адабиётшиносии тоҷик мактаби алоҳидаи омӯзиши осори пурғановати адабиёти классикии тоҷик пайдо шудааст». [2, с. 3]

б) Оғози фаъолияти илмӣ-пажуҳишӣ. Вуруд ба ҳар риштае чи илм ва ё ҳунару адабиёт пешзаминаҳое дорад, ки дар оғоз шояд муҳимму ҷиддӣ ба назар нарасад, вале бо сипарӣ шудани солҳо аз аҳаммияту пурарҷии худ дарак медиҳанд.

Ҳамон гуна ки аз хотироти мавсуф бармеояд, ҳанӯз замони таҳсил дар мактаби миёна бар асари мутолиоту ошноӣ бо ҷаҳони рангини шеър дар дили ӯ орзуи шеър навиштан пайдо мешавад ва абёте манзум иншо мекунад, вале донишгоҳу муҳити донишгоҳӣ ӯро ба сӯйи таҳқиқ бармеангезад. Бидуни шак бо баракати муҳиту фазои илмӣ буд, ки Х. Шарифзода барои ҳамеша ҳаёти худро ба илму пажуҳиш пайванд дод.

Фазои илмии донишгоҳ ва хосатан нерӯмандии зарфияти илмии кафедраи адабиёти тоҷики факултети филология дар пешрафту тарбияти Х. Шарифзода таъсири фавқулода расонидаанд.

Фаъолиятҳои илмии ӯ дар даврони донишҷӯйӣ бо навиштани тақризҳо оғоз мегардад ва мақолаи «Таҳқиқоти муҳим дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Пайрав» яке аз аз нахустин корҳои илмии ӯ буд, ки дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» соли 1963 ба табъ расид. Мақолаи мазкур перомуни монографияи Соҳиб Табаров «Пайрав Сулаймонӣ» навишта шуда буд. Тавре ки дар боло қайд кардем, замоне, ки Х. Шарифзода ба фаъолият оғоз намуд, дар саргаҳи илми адабиётшиносии тоҷик бузургоне мисли академик А. Мирзоев, устод Ш. Ҳусейнзода қарор доштанд. Маҳзи хотири ин аксари муҳаққиқони ҷавон аз ҷумла Х. Шарифзода кӯшиш менамуданд аз сабку услуби таҳқиқии эшон пайравӣ намоянд.

Аз сӯйи дигар ба андешаи донишманди фозил А. Абдусаттор дар он замон «барои насли ҷавони адабиётшиносони тоҷик фақат осори шарқшиносони русу Аврупо чун Кримский А.Е., Жуковский В.А., Крачковский И.Ю., Браун Э., Кристенсен А., Бартолд В.В., Иржа Бечка, Бертелс Э.Е., Меленский Е.М., Лихачов Д.С., Кожинов В.В., Жирмунский В.М., Бахтин А.Н. ва навиштаҳои устодони тоҷик А. Мирзоев, Ш. Ҳусейнзода, С. Табаров, Х. Мирзозода ва мисли онҳо ба ҳайси мактаби омӯзиш кори таҳқиқу таълими таърихи адабиёт ва адабиётшиносӣ хидмат карда метавонад». [1, с. 68]

Бидуни шак Х. Шарифзода аз сарчашмаи таҳқиқоти олимони мазкур, ки ҳар як муҳаққиқи соҳибмактаб буданд, истифодаи фаровон намуда буд. Номбурда то соли 1970 мақолоти пуршуморе дар маҷаллоту маҷмуаҳои илмӣ дар заминаи адабиёти муосиру классикӣ мунташир намуд, ки муҳимтаринашон «Повести нависандаи ҷавон (Тақриз ба повести Ю. Кабиров «Баъде, ки осиё монд» «Маориф ва маданият», 1964-2 июн), «Тарҷумаи русии «Чаҳормақола» «Маориф ва маданият», 1964-июл), «Симфонияи ҳаёт» (Дар бораи шеъри М. Қаноат. «Тоҷикистони советӣ». 1964-24-октябр), «Дарси маҳорат» («Маориф ва маданият». 1965 30-январ), «Зевари тафаккури муҳаққиқ» (Дар бораи Ш. Ҳусейнзода. «Тоҷикистони советӣ. 1967. 8. октябр). «Китоби муфид». (Садои Шарқ, 1968. №5). «Поэтикаи Арасту дар Шарқ» («Маориф ва маданият». 1969-25 март), «Камоли маҳорат» (Садои Шарқ, 1969), «Суруди вопасин». (Садои Шарқ 1969, №7) мебошанд.

Қобили зикр аст, ки перомуни мақолаи «Суруди вопасин», ки ба таҳлилу арзёбии достони М. Раҳимӣ башида шудааст, худи муаллиф ёддошти қобили мулоҳизае дорад. Ба навиштаи мазкур дар мақола чун сухан аз вижагиҳои қасида ва ҷойгоҳҳои он дар миёни анвои шеъри тоҷикӣ сухан дар миён буд, гурӯҳе аз адабиётшиносон ва адибон бо нашри мақолаҳои ҷудогона дар нашрияҳои муътабар ӯро бо гуноҳи тарафдори қасидасароӣ ба боди

интиқод кашиданд. Ин маломатҳои ноҷо сабаб шуд, ки муҳаққиқ ба хотири дифоъ аз ин жанри куҳани шеъри тоҷикӣ мақолаи арзишманди «Функсияи маърифатии қасида»-ро нависад.

Соли 1970 пас аз дифои рисола мавсуф ба таҳқиқу пажуҳиш идома дода, мақолае дар заминаи адабиёти муосир таълиф менамояд. Маълум аст, ки аслан умури пажуҳишӣ-таҳқиқиро тибқи маъмул бе мусофирату даврaҳои мутолиотӣ дар марказҳои илмӣ тасаввур намудан муҳол аст. Худи Х. Шарифзода нақши чунин даврaҳоеро дар пешрафту камоли фаъолияти илмии хеш ниҳоят корсозу муассир мешуморад.

Махсусан давраи чаҳормоҳаи коромӯзӣ, ки соли 1975 дар Донишгоҳи ба номи Ломоносови Маскав сипарӣ гардид, барои муҳаққиқ ниҳоят таъсиргузору самтафкан буд. Дар ин давра дар дарсҳои адабиётшинос ва назарияпардози рус Поспелов М.Н. ширкат варзид. Ошноӣ бо ҷаҳони андешаи олими номбурда, шеваҳои талаққӣ ва бархурди ӯ ба адабиёт таъсири амиқе дар зиндагии эҷодии Х. Шарифзода мегузорад. Муносибати вайро ба шинохту маърифати адабиёт дигаргун месозад. Баъдҳо перомуни таъсиру суди он айём чунин изҳори назар мекунад: «муҳимтарин чизе, ки аз он коромӯзӣ банда дарёфт, шинохтани системаи адабиёт дар асоси маводи адабӣ буд. Суннатҳои шинохтаи илми адабиёт барои аврупоиён аз Юнони қадим оғоз шуда ва то оғози кари XX дар ду система равиши афлотунӣ ва идеалистии шинохти ҳиссӣ ва равиши Арасту пайвастану вобастагии низоми шаклии асари бадеӣ бо муносибатҳо ва шинохтҳои инсонӣ, ки асоси таълимоти илмии эстетика шуданд, идома пайдо кардаанд». [3, с. 264]

Бад-ин тариқ мутолиоти амиқи осори назарӣ дар заминаҳои адабиётшиносӣ, мулоқоту ҳамнишинӣ бо чеҳраҳои маъруфи илми адабиётшиносӣ Х. Шарифзодаро ба дунёи нопайдоканори адабиёти классикӣ роғибтар намуданд. Муддате таҳқиқи осори Ибни Сино таваҷҷуҳи ӯро ҷалб мекард ва мавзуи мазкурро ҳамчун бахше аз кори таҳқиқӣ ба барномаи илмии кафедраи адабиёти тоҷик шомил месозад ва корҳои муштаракеро бо устод Ш. Ҳусейнзода дар ин замина анҷом медиҳад.

Бояд зикр гардид, ки ҳарчанд мавзуи Ибни Сино ҷузве аз корҳои таҳқиқии кафедра маҳсуб мешуд, вале бо иқрори худи муаллиф, вай мехост дар ин замина рисолаи докторӣ анҷом диҳад.

Азбаски, барномаи мавзуи таҳқиқ дар замони омодагӣ ба ҷашни ҳазораи Шайхурраис Ибни Сино таъйин шуда буд, мақолоте чанд муштаракан бо Ш. Ҳусейнзода таълиф ва ба нашр расиданд, ки намунааш шарҳи зер аст: «Мақоми адабии Ибни Сино» (Садои Шарқ 1980-№8-с. 112-1200, «Бартарии рӯҳ ва камоли ақл» («Маориф ва маданият». 1980-31-январ), «Шайхурраис ва фаҳмиши шеър» («Маориф ва маданият». 1980-23-сентябр). Ба ҷуз мақолоти муштарак мақолаҳои зерин дар иртибот бо рӯзгор ва осори Сино аз ҷониби Х. Шарифзода ба нашр расиданд: «Рисолат-ут-тайр»-и Ибни Сино («Бадахшони советӣ» - 1980. 8-июн).

Бояд гуфт, ки ҳамзамон бо чопи мақолот китобҳои дигар дар иртибот бо пайванди Ибни Сино бо шеъру шоирӣ аз ҷониби Х. Шарифзода ва Ш. Ҳусейнзода тадвин ва мунташир шуданд, ки муаллиф дар хотироташ ба чигунагии тадвину таҳияи китобҳои «Авҷи Зуҳал», «Фанни шеър», «Пирӯзнома» ва «Мақоми Ибни Сино» дар шеъру адаби тоҷик ишора кардааст.

Ду китоби аввал дар соли бузургдошти ҳазораи Ибни Сино ва китоби охири соли 1986 дар чопхонаи нашриёти «Маориф» ба табъ расидаанд. Масъалаи «навиштан» ва дар чи замина навиштан масъалае буда, ки дар тули умр ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи мавсуф будааст. Тааммул дар атрофи ин мақула роҳҳои бурунрафтро аз бунбаст барои як пажуҳанда роҳнамоӣ мекунад ва гузашта аз ин ӯро ба сарманзили интихоби дурусту дақиқ мекашонад.

Муҳаққиқи фозил Х. Шарифзода пас аз дифои рисолаи номзадӣ замони тулониеро пушти сар гузошт, то ба интихоби мавзуи рисолаи докторӣ бирасад. Ҷустуҷӯҳои зиёд дар қаламрави бепоёни адабиёт ӯро ба марзҳои нокушодаи масоили адабӣ мерасонад, вале бо қарори ниҳоӣ расидан кори саҳле набуд. Нахуст андешае ба зеҳнаш расид, ки дар атрофи зуҳуру шаклгирии насри реалистӣ дар ибтидои аҳди шуравӣ рисолаи докторӣ бинависад.

Аммо ёфтани нуқтаи атф, пайванд миёни адабиёти наву куҳан ниҳоят мушкил ба назар мерасид. Ба хотири роҳёбӣ ба адабиёти гузашта рӯй овард ва ба ҷамъоварии осори мансури форсӣ пардохт, вале замоне, ки танҳо номгӯйи таълифот беш аз 200 саҳифаро ташкил дод мушкил печидатар шуд. Зеро мутолиаву таҳлилу арзёбии ин ҳама анбуҳи адабиёт ва ёфтани масоили калидии суннат ғайриимкон буд. Аммо ҷустуҷӯю такопӯйи муҳаққиқ ҳадар нарафт. Ҳамон гуна ки таҷриба маълум аст, ошноӣ дақиқ шудану фурӯ рафтан дар масоили илмӣ ба зеҳн равшаниву зояндагӣ медиҳад. Чи хеле ки мазкур менависад: «дар сари андешаи ин ки чӣ шуруъ кардан ба нигоҳ ба ин нукта расидан, ки ин миқдори осори азими насрӣ, гузашта аз илмию адабӣ бояд дар асоси назм дастуре навишта шуда бошад». [3, с. 268]

Пас аз дарку шинохти моҳияти ин мавзуъ Х. Шарифзода ба таври густурда ба омӯзишу таҳқиқи мавзуи фавқ машғул мегардад ва соли 1987 рисолаи докториашро дар мавзуи «Назарияи наср дар осори форсӣ-тоҷикии асрҳои X-XV» ҳимоя менамояд.

Бояд хотирнишон кард, ки рисолаи мазкур дар адабиётшиносии тоҷик падидаи тоза буд. То Х. Шарифзода ҳеҷ касе аз олимони тоҷик дар атрофи бунёду инкишофи боландагии осори мансури адабиёти классикӣ ба таври лозим таҳқиқ анҷом надода буд. Беҳуда нест, ки баъдҳо монографияи ӯ ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар Эрон ба нашр расид.

Дар поён бояд зикр намуд, ки дар хилоли инсонҳо китобу мақолот ва монографияҳои ҷудогонае аз ҷониби мавсуф иншо шудаанд, таҳлилашон мавзуи мақолаи дигарест.

Адабиёт:

1. Абдусаттор А. Ҳакими суханшинос // Профессор Х. Шарифзода. Душанбе. 2017. С. 68
2. Раҳмонзода А. Худоӣ Шарифзода ва баъзе масъалаҳои мубрами адабиётшиносии муосири тоҷик // Масъалаҳои назария ва таърихи адабиёти тоҷик. (Мақолаҳо аз ҳамоиши ҷумҳуриявии «Афкори назарӣ адабии форсу тоҷик дар асрҳои миёна» бахшида ба 80-солагии Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор Худоӣ Шарифов. –Душанбе, 30 июн 2017). С. 3-9.
3. Худоӣ Шанрифзода. Сездаҳ мақола (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: Офсет Империя, 2013.-272 с.
4. Худоӣ шарифзода. “ Шоҳнома” ва шеъри замони Фирдавсӣ.- душанбе, 2014. – 400 с.
5. Худоӣ Шарифзода. Маънавият ва ҷаҳони зоҳирӣ. – душанбе: Адиб, 2002. – 350 с.
6. Худоӣ Шарифзода. Тамаддуни тоҷикӣ // Садои Шарқ. – Душанбе, 2014. - №4.- С. 129-139.
7. Шарипов Х. Балоғат ва суханварӣ. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 278 с.
8. Шарипов Х. Озурдагон ва умедворон. –Душанбе: Сино, 2001 – 195 с.
9. Шарипов Х. Рози ҷаҳон (нақҳд ва барасии шеъои Носири Хусрав) . – Душанбе: Нодир, 2004. – 352 с.
10. Шарипов Х. Савти Аҷам. – Душанбе: Хазинаи адабиёти Тоҷикистон, 2002. -208 с.
11. Шарипов Х. Суннатҳои адабӣ.- Душанбе, 2007.-259 с.
12. Шарипов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ (Маҷмӯаи мақолаҳо). Пажуҳишгноҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон. – Душанбе, 2009 – 476 с.
13. Шарипов Х. Ташаккули афкори адабии тоҷик дар асрҳои 10-11. Дисертатсия барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои филолоӣ –Душанбе, 1970. -264 с.
14. Шарипов Х. Услуб ва камолоти сухан. –Душанбе: Ирфон, 1985.- 172 с.
15. Шарипов Х. Шоир ва шеър. Маҷмӯаи мақолаҳо. –Душанбе: Адиб, 1998. – 216 с.
16. Шарипов Х., Абдусатторов А. Ҷилои ситораҳо. – Душанбе: Маориф, 2000. – 55 с.
17. Шарипов Х., Тоиров У. Назмшиносӣ.- Душанбе: Ҳумо, 2005.- 378 с.

ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ПАЖУҲИШИИ ХУДОӢ ШАРИФЗОДА

Мақолаи мазкур ба баррасии зиндагинома ва оғози фаъолияти адабиётшиноси номдор, узви вобастаи Академияи миллии Тоҷикистон Х. Шарифзода бахшида шудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки Х. Шарифзода дар оғози солҳои 60-уми асри гузашта ба муҳити илмии Тоҷикистон ворид гардид. Муҳите, ки бо баракати саъю талоши олимони бузург Раҳим Ҳошим, А. Мирзоев, Х. Мирзозода, С. Табаров ва Ш. Ҳусейнзода бунёд гардида буд.

Х. Шарифзода дар мақолаи зикршуда дар бораи олимону устодоне, ки дар омодасозии кадрҳои илмӣ саҳми намоён доштанд ба некӣ ёд мекунад. Ба ақидаи ӯ омӯзгорони донишгоҳ мисли Ш. Ҳусейнзода, Х. Каримов ва С. Табаров аз миёни донишҷӯён нафарони боистеъдод ва ҳушмандро интихоб намуда, онҳоро ба кори илми ҷалб месохтанд.

Тавре муаллиф иброз медорад, бо саъю талоши мустақими Х. Шарифзода фанҳои сабкшиносӣ, балоғат ва суханварӣ, таҳлили матн ва сарчашмашиносӣ ба барномаи таълимӣ ворид гардиданд ва барномаҳои лозим низ барои таълими амалиашон аз ҷониби мавсуф тадвину таҳия шуданд.

Нахустин мақолаҳои Х. Шарифзода асосан дар матбуоти даврӣ ва маҷалаҳои илмӣ-бадеӣ ба чоп расидаанд.

Калидвожаҳо: ҳаёт, зиндагинома, илм, фаъолият, олим, монография, мақола, адабиёт, адабиётшиносӣ, саҳм.

ЖИЗНЬ И НАУЧНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ХУДОИ ШАРИФЗОДА

Статья посвящена обзору биографии и начала творчества известного литературоведа, члена-корреспондента Национальной академии наук Таджикистана Х. Шарифзода.

Автор отмечает, что Х. Шарифзода вошел в научную среду Таджикистана в начале 60-х годов прошлого века. Эта среда была создана благодаря усилиям выдающихся ученых Рахима Хошима, А. Мирзоева, Х. Мирзозода, С. Табарова и Ш. Хусейнзода.

В вышеупомянутой статье Х. Шарифзода высоко оценивает учёных и профессоров, внёсших значительный вклад в подготовку научных кадров. По его мнению, такие преподаватели университета, как Ш. Хусейнзода, Х. Каримов и С. Табаров, отбирали талантливых и умных студентов и привлекали их к научной работе.

Как отмечает автор, благодаря непосредственным усилиям Х. Шарифзода в учебный план были включены дисциплины: стилистика, риторика и ораторское искусство, текстоанализ и источниковедение, а также автором были разработаны необходимые программы для их практического преподавания.

Первые статьи Х. Шарифзода публиковались преимущественно в периодических изданиях и научно-художественных журналах.

Ключевые слова: жизнь, биография, наука, деятельность, учёный, монография, статья, литература, литературоведение, вклад.

LIFE AND RESEARCH ACTIVITIES OF KHUDAYI SHARIFZODA

The article is devoted to the review of the biography and the beginning of the creative work of the famous literary scholar, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan H. Sharifzoda.

The author notes that H. Sharifzoda entered the scientific environment of Tajikistan in the early 60s of the last century. This environment was created thanks to the efforts of outstanding scientists Rahim Khoshim, A. Mirzoev, H. Mirzozoda, S. Tabarov and Sh. Khuseinzoda

In the above-mentioned article, H. Sharifzoda highly appreciates the scientists and professors who made a significant contribution to the training of scientific personnel. In his opinion,

such university teachers as Sh. Huseinzoda, H. Karimov and S. Tabarov selected talented and intelligent students and involved them in scientific work.

As the author notes, thanks to the direct efforts of H. Sharifzoda, the disciplines of stylistics, rhetoric and oratory, text analysis and source studies were included in the curriculum, and the author also developed the necessary programs for their practical teaching.

The first articles of H. Sharifzoda were published mainly in periodicals and scientific and artistic journals.

Key words: life, biography, science, activity, scientist, monograph, article, literature, literary criticism, contribution.

Маълумотнома дар бораи муаллиф: Носирова Оламбӣ Сафаралиевна, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров - 16. Тел: 985151177

Сведения об авторе: Носирова Оламби Сафаралиевна, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры таджикского языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова - 16. Тел: 985151177

Information about the author: Nosirova Olambi Safaralievna, senior lecturer of the general university department of the Tajik language of the Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street - 16. Tel: 985151177

ТДУ: 8/80 (2-тоҷ)
М-67

НАҚШИ КАРИКАТУРА ДАР МАҶАЛЛАИ «ХОРПУШТАК»

Муҳуддинзода К.С., унвончӯ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Пойдевори матбуоти миллии мо қабл аз инқилоби Октябр гузошта шуда бошад ҳам, аммо нақши созандагии он бештар ба замони шуравӣ хос буд. Зеро, матбуоти замони шуравии мо ба як маънӣ озод буд ва ба мавҷудияи он ҳеҷ хатаре таҳдид намекард. Ин ҳолатро агар бо Бухорои шариф ва Шуълаи инқилоб муқоиса намоем, фарқ хеле бузург аст. Дар замони шуравӣ масъалаи таъқибу бастани ин ё он рӯзнома вуҷуд надошт ва давлату ҳукумат медонист, ки ҳар як нашрия дар хатти кашида қарор дорад». [9, с. 321]

«Дар ҳар давру замон новобаста ба чигунагии сохти иҷтимоӣ усули ҳақиқатнигорӣ рисолати аслии матбуоти даврӣ будааст. Дар шароити демократикунонии ҷомеа ин рисолат идома ёфта, усули нисбатан тоза пайдо кардааст. Ин усул, пеш аз ҳама, дар муносибати муаллифон ба воқеияти иҷтимоӣ ва шаклҳои гуногуни инъикоси он дар ВАО, бавежа матбуоти даврӣ, намудор мегардад ва рангорангии фикру назар, мавқеъгирии муаллифон, вобаста ба хусусият ва моҳияти матолиб таҳия намудани рубрикаҳои гуногун, аз байн рафтани баъзе қолабҳои маъмули жанрӣ, ба шакл даромадани шеваҳои нави нигориш ва амсоли ин аз нишонаҳои он мебошад». [12, с. 238]

Ҳаҷв аз қадимулайём ҳамчун василаи ибрози андеша ва эҳсосоти мардумӣ дар зиндагии иҷтимоии инсонҳо нақши муҳимми тарбиявӣ ва фарҳангӣ бозидааст. Барои мардуми мазлум ва оддӣ, ҳаҷв як абзори пурқуввати ибрози фикру эҳсосоти худ ва як роҳ барои фош кардани ноадолатиҳо, зулм ва камбудиҳои иҷтимоӣ маҳсуб мешуд. Ин жанри бадеӣ, ки аз қадимтарин замонҳо то имрӯз дар фарҳангҳои гуногуни ҷаҳон рушд ёфтааст, як василаи аслии муборизаи маънавӣ ва зеҳнӣ ба ҳисоб меравад. Бисёр донишмандон, аз ҷумла таҳқиқотиёнии адабиёти тоҷик, қайд мекунанд, ки таърихи пайдоиши ҳаҷв, мутоиба, сатира

ва юморро аниқ намудан кори осон нест. Дар бораи пайдоиши ҳаҷв андешаи он ки он аз қадимулайём вуҷуд дошта, ҳанӯз аз замонҳои аввалин зиндагии инсоният реша мегирад, ҳамчун ҳақиқати таърихӣ эътироф шудааст. Ҳаҷв ва мутоиба бо ҳадафи фаҳмондани норасоиҳо, масхара кардани камбудиҳо ва тарбия намудани ҷомеа дар шаклҳои мухталиф пайдо шуда, таҳаввул ёфтааст.

Яке аз намудҳои ҳаҷв ва тасвирҳо дар маҷаллаҳои ҳаҷвӣ карикатура ҳисобида мешавад. Истилоҳи «карикатура» аз калимаи итолиёвии «caricare» гирифта шуда, маънояш «Бор кардан, муболиға кардан» мебошад. Агар ба таърих назаре афканем аввалин асарҳои навъи карикатура дар байни осори Леонардо да Винчи пайдо шудаанд, ки дар эҷоди образҳои бадеӣ ба симои одамони воқеии дорои нуқсонҳои визуалӣ такя мекарданд. [6, с. 185-187]

Дар ин навъи асарҳо матлаб на фақат бояд ба руҳу идроки халқ мутобиқ бошад, балки масъалаҳои муҳимми иҷтимоиро мавриди баҳс қарор дода, онҳоро аз нуқтаи назари сиёсат муайян ва ҳал намояд. Инчунин, шарт аст, ки шаклу тарзи ифода, услуб ва воситаҳои тасвири он ба зоиқа ва талаботи маънавии халқ мувофиқ ояд. Дар акси ҳол, он асар тасвири зиндаи воқеият не, балки маҷмуи суханбозиҳои пуч, рамзу кинояҳои беруҳ шуда мемонад. Маҳз ҳамин гуна санъате, ки дар он шаклу мазмун мувофиқати куллӣ дошта, бо маҳорати баланд эҷод шуда бошад, дар «Мағз андар мағзи оммаи меҳнаткашон реша давонда, ба онҳо фаҳмо, сазовори эҳтироми онҳо» [13, с. 46] буда метавонад.

Баъд аз саҳифагардонӣ ва таҳлили маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» (дар гузашта бо номи «Мулло Мушфиқӣ», «Бигиз», «Мушфиқӣ», «Калтак» чоп шудааст) ба мо маълум гардид, ки сабаби дар байни мардуми меҳанаткаши шаҳру деҳот шуҳрат ва эътибори калон пайдо кардани ин маҷаллаи ҳаҷвӣ ва гӯшаҳои он дар ҳамин аст, ки онҳо бо забони фасеҳи оммафаҳм навишта шуда, дар асарҳои ҳаҷвӣ воситаҳои тасвир барои возеҳу барҷаста ифода ёфтани ғоя ва мазмун, барои бо танз баён гардидани воқеа, рангину ҷозиб шудани тасвир истифода мешуд. Муҳимтарин ҷиҳатҳои услуб, забон ва воситаҳои тасвири асарҳои ҳаҷвӣ дар ин маҷалла ба вазифаҳое, ки давлат, халқ ва воқеиятҳои солҳои гузашта муайян карда буданд, асос ёфта, ҳаҷвнависонро ба он водор мекард. Карикатура ва сурат воситаи махсуси тасвиркорӣ ва нақли бадеиест, ки моҳияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва эстетикии маҷаллаи ҳаҷвиро ба тарзи аёнӣ таъкид менамояд:

1.Мултфилмҳо ва портретҳо карикатураҳои шахси воқеии машҳур мебошанд, ки маълумоти берунаро таҳриф мекунанд;

2.Карикатураи иҷтимоӣ ва ҳаррӯза тасвирест, ки мушкилоти иҷтимоӣ: камбизоатӣ, экология, сатҳи зиндагии мардумро инъикос мекунад;

3.Шӯхӣ тасвири мушкилоти хурди миллӣ аз нуқтаи назари мусбат аст. Қобили қайд аст, ки ин навъи карикатура дар асоси кодекси фарҳангӣ сохта шуда, бештар ба хандаовар будани вазъият ишора мекунад.

Интихоби мултфилмҳои ба ҳам алоқаманд бо сюжети умумӣ. Аз бисёр ҷиҳат он ба комиксҳои классикӣ монанд аст, аммо фарқиятҳо вуҷуд доранд: ин намуди карикатура тавсифи хаттии ҳодисаро талаб намекунад. Карикатураи фалсафӣ ё юмори абстрактӣ - иллюстратсия набояд аз ҷониби қаҳрамонони воқеӣ дастгирӣ карда шавад, тасвир маънои бештари бадеӣ дорад. Карикатураи сиёсӣ – намояндагони барҷастаи сиёсатро намоиш медиҳад, равандҳои муҳимми сиёсиро нишон медиҳад. Карикатура ва суратҳои журналҳои ҳаҷвии тоҷикӣ як чанд навъанд. Баъзе аз онҳо маҳз барои ҷозибу шавқовар кардани асарҳои ҳаҷвӣ хизмат кунанд, қисме аз онҳо асари мустақили ҳаҷвианд, ки сюжет ва композитсияи ҳаётӣ доранд. Гоҳо карикатураҳое вомехӯранд, ки шахсҳои алоҳидаро ҳаҷв мекунанд, хусусияти ҳазли некбинона доранд. Як силсила сурату карикатураҳое дар маҷаллаи «Хорпуштак» ҳастанд, ки мутобиқ ба мазмуни ягон мақолаи мухбир ва ягон воқеаи муҳимми ҷорӣ кашида шудаанд. Баъзе суратҳо аз ҷиҳати услуб ва ҳалли мавзуъ ба плакатҳои тарғибӣ шабеҳанд. Чуноне, ки дар шумораи рақами 2 феврали соли 1990 дар саҳифаи 4 маҷалла мавзӯи: «Тарбуррӣ- сарбуррӣ» омадааст. Аммо карикатура дар мавзуи «Туҳфаҳо», «Дар магазини дигар ҳеҷ ҷиз наёфтам», дар шумораи рақами 4 апрели соли 1990 дар саҳифаи 3

маҷалла мавзуи: «Истгоҳи берамз ё як бому ду ҳаво» омадааст. Аммо карикатура дар мавзуи «Камвазнӣ (ё харобии гусфандонро нишон медиҳад)», «Чаро инҳоро дар санг бастед? Шамол набарад гуфта дар санг бастем», дар шумораи рақами 12 декабри соли 1990 дар саҳифаи 10 маҷалла мавзуи: «Муйлаб ва моҳияти иҷтимоии он» омадааст. Аммо карикатура дар мавзуи қиматии либоси занона омадааст «Барои чӣ барфак бараҳна? Ҳозир либоси занона қимат аст» ба ин монанд даҳҳо карикатура нашр шудааст, ки мо онро дар таҳқиқи худ ба пуррагӣ нишон додаем.

Таҳқиқотчиён якчанд вазифаҳои карикатураҳоро дар маводҳои журналҳои ҳаҷвӣ, аз ҷумла «Мулло Мушфиқӣ», «Бигиз», «Мушфиқӣ», «Калтак», «Хорпуштак» муайян мекунанд:

- Инъикоси рӯйдодҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим;
- Коммуникативӣ - муколама бо шунавандагон;
- Фароғатӣ – истироҳати равонӣ байни мутолиаи маводи дорои иттилоот;
- Эстетикӣ - ҷузъи визуалӣ метавонад ҳамчун як навъ ороиши блокҳои матнӣ хизмат кунад;
- Тарбиявӣ - аксар вақт карикатураҳо, ба ғайр аз маънои рӯякӣ, дорои як қатор истинодҳо ё маъноҳои пинҳонӣ мебошанд.

Карикатура дар баъзе мавридҳо аз ҷиҳати ифодаи мақсад ва пурра зоҳир намудани моҳияти объективонаи тамасхур аз дигар воситаҳои бадеӣ бартарӣ ва имкониятҳои бештаре дорад. Ин аст, ки дар маҷаллаи ҳаҷвӣ карикатура ва суратҳои гуногун бо як устокории фавқулодда, муносибу бомаврид ба кор мерафт. Масалан, дар маҷаллаи «Хорпуштак» дар мавзуи сиёсӣ ва байналхалқӣ аз мақолаю шеъру фелетон, ҳикояву масал дида, суратҳои гуногун карикатураҳои хушсифат зиёдтар вомехӯранд. Яъне дар ин гуна маҷаллаҳо барои таҷассуми образноки мавзуи муборизаи синфӣ, мавзуъҳои сиёсӣ ва байналхалқӣ дар ҳаҷв шакли муносибтару мувофиқтар карикатура аст. Мисол дар шумораи рақами 14 июли соли 1966 дар саҳифаи 7 дар мавзуи камончаи амаки Амрико «Штатҳои Муттаҳидаи Америка барои ҷанги беадолат гумоштагони лӯхтакмонанди худро истифода мебаранд» ба ин монанд дар мавзуъҳои байналхалқӣ дар маҷаллаи «Хорпуштак» нашр гардидаанд.

«Жанри карикатура ба фазои дискурсҳои ҳаҷвӣ, сиёсӣ, бадеӣ ва васоити ахбори омма дохил мешавад ва ҳамчун як синтези нодири эҷодиёти адабӣ ва санъати тасвирӣ амал мекунад. Дар ин жанр, аз як тараф, муаллиф ҳамчун сенариянавис ва коргардон, аз тарафи дигар, ҳамчун ҳунарпеша ва рассом, ки нияти худро бо истифода аз техникаҳои гуногуни тасвирӣ амалӣ мекунад, баромад менамояд. Идеяҳои нави инъикоси ҷаҳони зудтағйирёбанда пеш аз ҳама дар шуури рассом-карикатурист пайдо мешаванд, зеро бо назардошти иҷрои қариб фаврии асараш, сатирик дар миёни муаллифони жанрҳои дигари тасвирӣ қобилияти вокуниши фаврӣ ба рӯйдодҳои ҷорӣ дорад». [3, с. 157]

Баъзан воқеа ва фикрҳои муҳиммеро, ки бо сухан дар чандин саҳифаи журнал ифода намудан маҳол аст, рассоми моҳир онро дар лавҳаи хурде мукаммал ва ба таври фаромӯшношуданӣ таҷассум кунонида метавонад.

Рассом дар асоси хабари хурди матбуот ё радио низ образи басо мураккаби ҳаётӣ эҷод мекунад. Масалан воқеаҳои сиёсӣ ва байналхалқиро, ки бевоста мушоҳида ва дарк кардани бисёре аз онҳо маҳол аст, метавонад, ки мавриди муҳокима қарор диҳад. Яъне нисбат ба дигар воситаҳои тасвири ҳаҷвӣ карикатура барои таҷассуми образноки мавзуъ ва объектҳои муаллифӣ имконияти фаровон дорад. Карикатураи «Комиссияи «Қонуни асосӣ» оварандаи англисро ранҷбарони Ҳиндустон ин тавр истиқбол мекунанд». [22, с. 44] аз ҳамин ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Дар маркази расм поезди пур аз аскару аслиҳаи ҷанг тасвир шудааст, ки бо суръат ба Ҳиндустон дохил мешавад. Диққати хонандаро пеш аз ҳама байрақи дар болои паровоз насбшуда ҷалб мекунад, ки дар он «Қонуни асосӣ ба Ҳиндустон» навишта шудааст. Аз ин самти роҳ мардуми шуришгар бо шиорҳои «Ҳиндустон аз они ранҷбарони Ҳиндустон аст!» истодаанд. Дар қиёфа ва ваҷоҳати онҳо ғазабу нафрат ҳувайдост. Аз самти дигари роҳ чанд нафар асилзодае бо чеҳраи хушнуд таъзимкунон интизори поезд истодаанд. Асарро тавре сохтааст, ки ягон ҷузъи он зиёдатӣ ё номафҳум ва ё беҳаракат намебошад. Муаллиф тасвири зоҳирии ду гурӯҳи иҷтимоиро тавре овардааст, ки

хонанда асли мақсадро зуд аз кайфияту руҳияи онҳо пай мебарад. Ҳамаи қисматҳои карикатура якҷоя бо образи рамзии марказӣ – «Поезди пур аз силоҳу аскар, ки аз Англия ба Ҳиндустон мешитобад», мафҳуми амиқи сиёсӣ ва ғояи баланди иҷтимоиро дар шакли лавҳаи пурдаҳшати воқеӣ ба назар ҷилвагар месозад. Карикатура нафрату адовати хонандаро бедор мекунад, ба фикр кардан водор месозад, аммо бовар мекунонад, ки шуури халқи ҳинд тағйир ёфта истодааст, рӯзе ӯ занҷири асоратро пора хоҳад кард, конститутсияи ҳақиқии худро хоҳад навишт.

Карикатураи хурди «Чапҳо бо кадом роҳ колхоз сохтанӣ мешаванд?» ниятҳои душманонаи оппортунистҳои чапро дар асоси факти ҳаётӣ тамасхур кардааст. Дар расм оппуртунисте кашида шудааст, ки қишлоқи фатароти куҳнаро бо арғамчин баста ба сӯйи деҳаи колхозӣ, ки роҳҳояш васеъ, озода ва сердарахт, биноҳояш наву сафед, дар атроф симчӯбҳои электрик қатор мебошад, кашолакунон оварданист. Дар карикатура вазъияти хандаовари оппортунисти арақшор ба маънои беҳуда зӯр заданҳои вай бомаврид ва диққатҷалбкунанда тасвир ёфтааст. Ҳаҷв ва тамасхур барои афзудани таъсир ва таъкиди публитсистии онҳо хизмат мекард. Аз ҷиҳати мазмун ва шакли ифода ин навъ суратҳо содда ва фаҳмо меомаданд.

Портретҳои карикатурӣ аз он сабаб эътибор пайдо карда буданд, ки хонанда аз рӯйи онҳо фошу маҳкумшудагонро нағз шинохта мегирифт, аз кирдору хислату аъмоли бади онҳо, сирату тинати нафратовари онҳо тасаввури комил пайдо мекард. Карикатураҳое, ки ба мазмуни ягон хабар, ё воҳимаи муҳимме махсус кашида шудаанд, дар байни суратҳои журналҳои ҳаҷвӣ аксариятро ташкил медиҳанд. Ин гуна карикатураҳо, аз як тараф, барои равшантар ифода ёфтани мазмуну ғояи хабар ёрӣ расонида, аз тарафи дигар, онро таъсирбахшу ҷолибтар менамуданд. Баъзан ҳамин тавр ҳам мешуд, ки нисбат ба матни хабар мазмуну ғояи онро расм беҳтару фаҳмотар ифода мекард.

Дар баъзе аз шумораҳои маҷаллаи «Хорпуштак» матну сурат чунон ба ҳамдигар мутобиқ ва муносиб омадаанд, ки яке бе дигаре хусусияти ҳаҷвии худро гум мекунад. Карикатурае бо унвони «Бо коми худ бештар дам кашид», ки дар шумораи рақами 3 соли 1963 маҷалла нашр шудааст, намунаи ҳамин навъ асарҳост.

Дар қисме аз карикатураҳо роҳҳои аҷиби ҳалли мавзуъ мушоҳида мешавад, ки аз маҳорати баланди эҷодии рассомони журналҳои ҳаҷвӣ шаҳодат медиҳад. Аз ҷумла, барои ошкор намудани нуқсонҳои кори кормандони ферма, каргасони лошахӯри ферма дар шумораи рақами 9 - 20 октябри соли 1992 дар паспорти маҷалла «Хӯш ба боронгарӣ тайёред? Бале дастгоҳи зидди раъду барқ шинонед» тасвир шудааст.

Ба қисме аз сурату карикатураҳо чанд мисраъ шеър илова гардидааст, ки тасвири тамасхур ва аҳаммияти тарғибии оҳоро меафзояд. Ин гуна расмҳои шеърдор хусусан дар журнали «Бигиз» бештар вомехӯрад. Масалан дар шумораи рақами 2 феврали соли 1936 дар саҳифаи 2 - и маҷалла карикатурае бо номи «Одами сахт» нашр шудааст, ки дар он байти зерин омадааст:

Сахӣ дар ҳарду олам сарбаланд аст,
Бахилро даст кӯтоҳ, гур танг аст...

Карикатура ва суратҳое, ки дар онҳо хандаю истеҳзо вазифаи маҳкумкунандаи асосиро иҷро мекунанд зиёданд. Дар баъзе аз онҳо ханда хандаи маҳвкунанда, хандаи ғолибият аз болои душманон бошад, дар қисме аз расму карикатураҳо ханда ба ҳазли некдилона, ба юмор асос ёфтааст ва вазифаи ислоҳ карданро дорад. Чунончи дар шумораи рақами 1 соли 1991 дар саҳифаи 2 дар мавзуи «Неъмати мост ба коми дигарон», «Дастархони зӯр дигар ба рӯяш ягон чиз гузоштан даркор нест» нашр шудааст.

Суратҳои хандаовар, портретҳои ҳаҷвии арбобони давлат, маданият ва ғайра, суратҳои ба муносибати ҷашн ё муваффақияти калони ягон муассиса, рӯзнома ё маҷалла ва амсоли ин чопшуда хусусияти ҳазлҳои рафиқонаро доштанд. Инчунин, мутахассисон дар рафти таҳқиқоти ин жанри матнҳои полимодалӣ хусусиятҳои онро муайян кардаанд:

- ✓ Эҷоди таъсир бо истифода аз муболиға дар шакли манфӣ;
- ✓ Омезиши воқеият бо хаёлот;

- ✓ Танқиди шахсият, вазъият ё ҳодиса;
- ✓ Таъсири омӯзишӣ ва тарбиявӣ;
- ✓ Эҷоди таъсири ҳаҷвӣ.

Дар журнали ҳаҷвӣ «Хорпуштак» гоҳо суратҳое чоп мешуданд, ки аз ҷиҳати санъату маҳорат паст буда, барои барҷастатар намудор кардани ҳаҷви матн ёрӣ намерасонданд. Ин суратҳо сатҳӣ ва оддӣ буда, ягон эҷодкорӣ, бозёфти аҷиб, ҷузъиёти таъсирбахши композитсионӣ надоранд. Масалан, дар карикатурае, ки ба мавзуи танқиди мактаб кашида шудааст, ду шахс тасвир ёфтааст, ки бо ҳам гуфтугӯ доранд ва хурофотпарасте дуртар аз инҳо мардумро фиреб медиҳад. Ин расм оддӣ ва умумӣ буда, агар матни хандаовари пуристеҳзоашро истисно кунем, ба асари ҳаҷвӣ монандие надорад. Дар байни он ду шахс чунин саволу ҷавоб ба амал омадааст:

– Ман роҳбари мактаб гӯён портфел бардошта гаштеду ана ин басаводон дар таги биниатон мияи одамонро заҳролуд карда истодаанд.

– Охир ман роҳбари мактаб ҳам бошам, ба инҳо чӣ кор дорам?»

Ҳаракат ва динамикаи тасвирро реалӣ ифода карда натавонистан, руҳия ва кайфияти шахсҳоро дар сурат возеҳ нишон надодан, бештар лухтакмонанд карда кашидан, баъзан якхела шудани композитсияи сурати мулло, бюрократ, оппортунист ва амсоли ин камбудиҳои умум, ки қисме аз сурату карикатураҳои «Хорпуштак» дар даврaҳои гуногунро ташкил медиҳад, («Мулло Мушфиқӣ», «Бигиз», «Мушфиқӣ», «Калтак», «Хорпуштак») аз камбудиҳои жанри мазкур дар ин маҷалла ба шумор мераванд.

Мувофиқи консепсияи М.М. Бахтин, карикатураи сиёсӣ, жанри дуюмдараҷа мебошад, ки дар асоси жанри аввалия бо дарназардошти ҷараёнҳои нави сиёсӣ ва тағйироти иҷтимоӣ офарида мешавад. Жанрҳои дуюмдараҷаи сиёсӣ аз ҷиҳати таркибӣ мураккабанд. Онҳо ҳамчун ҷавоб ба изҳорот ва амалҳои сиёсатмадорон, дар шакли танқид пешкаш мегарданд. Муаллифони карикатураҳои сиёсӣ кӯшиш мекунанд, ки шахсиятҳои тасвиршуда ба сиёсатмадорони машҳур шабоҳат дошта бошанд ва инчунин истинодҳо ба рӯйдодҳои мушаххасеро дар бар гиранд, ки таваҷҷуҳи бинандаро ҷалб намуда, вокуниши ӯро ба вуҷуд ованд. [6, с. 185-187]

Карикатураи нишонрас ва хандаовар саҳифаҳои маҷаллаи ҳаҷвиро ҷонноку ҷозиб мекунад, қисмати тарбиявӣ ва эстетикии онро бештар мегардонад, адади хонандагонашро меафзояд. Мардуми мехнаткаши бесавод, ё курсавод ҳам аз тамошои суратҳои хушсифати маҷаллаҳо ғизои маънавӣ мегиранд, зидди норасоӣ ва нуқсонҳои ҷамъиятӣ мубориза мебаранд.

Суратҳои журналҳои ҳаҷвӣ чун воситаи дарк кардани ҳаёт ва тартиби беҳбудиҳои ҳаёти нав, чун олоти муборизаи зидди душманони хориҷӣ ва дохилӣ, нуқсону камбудиҳо аҳаммияти махсус касб карда буд. Аз тарафи дигар, худи карикатура ва расмҳое, ки омехта бо матну шеъру зарбулмасал чоп мешуданд, ё ба мазмуни маводи маҷалла кашида мешуданд, як роҳи рағбатнок кардани мардуми бесавод ба саводомӯзӣ ва маорифу маданият ҳисоб мерафт. Колхозчӣ ва ё коргари бесавод ҳамин, ки журнали ҳаҷвиро ба даст гирифта, сурати маънидори онро аз назар мегузаронид, ба завқ меомад, дар дили ӯ иштиёқи донистани маънии суханони зери сурат пайдо мешуд, дар ӯ ҳаваси ҳар чӣ зудтар савод баровардан бедор мегардид.

Расму карикатураҳои журнали ҳаҷвии «Хорпуштак» нахустин намунаҳои санъати рассомии реалистии тоҷик буда, аз рӯзи ташаккулу тараққии он доир ба таърихи пайдоиши санъати рассомии советии тоҷик, хусусан карикатура ва плакат барин намудҳои он метавон маълумот гирд оварда. Таҷрибаи мактаби сураткашии журналҳои ҳаҷвии солҳои гузашта, ки асоси санъати реалистии рассомии советии тоҷикро гузоштааст, имрӯз ҳам истифода гардида истодааст.

Дар мактаби маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» на танҳо як гурӯҳ рассомони соҳибистеъдоди тоҷик ба воя расидаанд, балки инчунин дар ин мактаб рассомони рус ба монанди Буре, Абдуллоев, М. Болтаев барин аввалин рассомони санъаткор тарбия гирифта, ба камол расидаанд. Ин рассомон дар ҳаҷву матбуоти советии тоҷик хизматҳои шоён

кардаанд. Мутаассифона, дар зери аксарияти расмҳои маҷаллаи «Хорпуштак» солҳои пеш имзои рассом гузошта нашудааст. Бинобар ин, муайян кардани рассоми ҳар як расму карикатура душвор аст.

Дар маънои васеъ, карикатура ҳар гуна тасвирест, ки дар он бо қасд таъсири ҳаҷвӣ эҷод карда мешавад. Дар он рассом воқеият ва хаёлотро якҷоя намуда, хусусиятҳои хоси инсонҳоро муболиға мекунад, ба онҳо диққат медиҳад, таносуби онҳо бо муҳити атрофро тағйир медиҳад ва муқоисаҳои ғайричашмдоштро истифода мебарад. Дар маънои маҳдуд, карикатура — ин «жанри махсуси санъати тасвирӣ (одатан графика), ки шакли асосии ҳаҷви тасвирӣ мебошад ва бо равияи возеҳи иҷтимоӣ ва танқидии худ фарқ мекунад». [4, с. 5]

Рассомони маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» дар давраи истиқлолият, ки барои қадамҳои бузурги он дар низоми матбуоти муосир нақши бузург гузоштаанд ва бо расму карикатураҳо ин маҷалларо ороиш медиҳанд, Хайрулло Давлатов ва Насиба Назарзода мебошанд.

Ба ҳамин тартиб, карикатура ва сурату тасвирҳои ҳаҷвӣ узви ҷудоинопазири маҷаллаҳои ҳаҷвии «Хорпуштак» арзёбӣ гардида, воситаи маъмулӣ ва шакли мувофиқе барои ифодаи барҷастаи маъниҳои баланд, ғояҳои олӣ, мавзуъҳои муҳим ба шумор меравад.

Адабиёт:

1. А. Мавлонов. Ҳаҷв ва мутоиба дар адабиёти нимаи садаи ХХ-и тоҷик / А. Мавлонов – Душанбе, 2012. – 283 с.
2. Алексеев В.А. Оружием политической сатиры. – М.: Мысль, 1979. – С. 157
3. Артемова, Е.А. Карикатура ҳамчун жанри дискурси сиёсӣ: Автореф. дис. ... канд. филол. наук / Волгоградский государственный педагогический университет. – Волгоград, 2002. – 15 с. с 5
4. Асрорӣ, В. Ҳаҷв дар адабиёти тоҷик // Ҳаёт ва адабиёт. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. – С. 235-271.
5. Барабанова, В.А. Карикатураи сиёсӣ ва мушкилоти тарҷумаи он / В.А. Барабанова. — Матн: аслӣ // «Муҳаққиқи ҷавон». — 2023. — № 35 (482). — С. 185-187. — URL: https://moluch.ru/archive/482/105687/
6. Барабанова, В.А. Карикатураи сиёсӣ ва мушкилоти тарҷумаи он / В.А. Барабанова. — Матн: аслӣ // «Муҳаққиқи ҷавон». — 2023. — № 35 (482). — С. 185-187. — URL: https://moluch.ru/archive/482/105687/ (таърихи мурочиат: 21.01.2025).
7. Гулов С. Махсусияти очерки муосир.- Душанбе: Дониш, 2012.-116с
8. Қутбиддинов, А. Воқеияти тасвир / А. Қутбиддинов. – Душанбе: Озар, 2014. – 124 с.
9. Қутбиддинов А.Ҳ. Назаре ба марҳилаҳои инкишоф ва рисолатҳои матбуоти тоҷик/ Қутбиддинов А.Ҳ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - 2020, №5 С. 321
10. М.Муродӣ, Публитсистикаи ҳаҷвӣ / М. Муродӣ Душанбе ирфон 2015 -318с
11. Мавлонов М. Инкишофи ҳаҷв ва юмори баъдиҷангии советии тоҷик ва журнали «Хорпуштак» (рисолаи номзадӣ, дастнавис). – Душанбе: УДТ, 1969. – 286 с.
12. Муродов М.Б. Хусусиятҳои функционалӣ ва аломатҳои жанрӣ/ Муродов М.Б. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - 2018, №1 С. 238
13. Салоҳов, С. Ҳаҷв дар матбуоти тоҷикии солҳои 20-30 / С. Салоҳов. – Душанбе, 1969. – 143 с.
14. Усмонов, И., Давронов Д. Таърихи матбуоти тоҷик. Душанбе: Маориф, 1997. – 158 с.

Манбаъ

1. «Хорпуштак», 1967, №9, с.8
2. «Хорпуштак», 1967, №12, с.3
3. «Хорпуштак», 1969, №12, с. 1

4. «Хорпуштак», 1977, №3, с.3
5. «Хорпуштак», 1999, №3, с. 4

НАҚШИ КАРИКАТУРА ДАР МАҶАЛЛАИ «ХОРПУШТАК»

Карикатура ҳамчун як намуди ҳаҷв дар маҷаллаҳои ҳаҷвӣ мавқеи устувор дошта, дар шавқовар шудани муҳтаво ва ҷалби таваҷҷуҳи хонанда ба он нақши муҳим касб мекунад. Дар ин мақола дар хусуси ҷойгоҳи ин жанри ҳаҷвӣ дар рушди матбуот, хоса маҷаллаҳои ҳаҷвии тоҷикӣ маълумоти арзишманд оварда шудааст.

Зикр мешавад, ки карикатураи нишонрас ва ҳаяҷонбахш саҳифаҳои маҷаллаи ҳаҷвиро ҷонноку ҷозиб мекунад, қисмати тарбиявӣ ва эстетикии онро бештар мегардонад, теъдоди хонандагони нашрияро меафзояд. Таҳқиқот нишон додааст, ки тачрибаи мактаби суратқашии журналҳои ҳаҷвии солҳои бистуму сиюми асри гузашта, ки асоси санъати реалистии рассомии советии тоҷикро гузоштааст, имрӯз ҳам истифода гардида истодааст.

Муайян шудааст, ки карикатура ва сурату тасвирҳои ҳаҷвӣ ҷузъи ҷудонопазири маҷаллаҳои ҳаҷвии тоҷикӣ, аз ҷумла маҷаллаи «Хорпуштак» буда, воситаи маъмулӣ ва шакли мувофиқе барои ифодаи барҷастаи маъниҳои баланд, ғояҳои олӣ, мавзуъҳои муҳим ба шумор меравад.

Калидвожа: маҷалла, карикатура, ҳаҷв, сурат, рассом, тасвир, мавзуъ, хонанда, муҳтаво, эҷод, саҳифа, ҳаҷвнавис

РОЛЬ КАРИКАТУРЫ В ЖУРНАЛЕ «ХОРПУШТАК»

Карикатура как один из видов сатиры занимает устойчивое место в сатирических журналах, играя важную роль в создании увлекательного контента и привлечении внимания читателей. В данной статье представлена ценная информация о значении этого жанра в развитии печатных изданий, особенно таджикских сатирических журналов.

Отмечается, что выразительная и эмоционально насыщенная карикатура делает страницы журнала более живыми и привлекательными, усиливает его воспитательный и эстетический аспекты, а также способствует увеличению числа читателей издания. Исследования показали, что опыт художественной школы сатирических журналов 1920-30-х годов, заложивших основы реалистического советского изобразительного искусства Таджикистана, продолжает применяться и сегодня.

Определено, что карикатура, а также сатирические рисунки и изображения являются неотъемлемой частью таджикских сатирических журналов, в частности журнала «Хорпуштак», выступая в качестве эффективного средства для передачи глубоких смыслов, высоких идей и актуальных тем.

Ключевые слова: журнал, карикатура, сатира, рисунок, художник, изображение, тема, читатель, контент, творчество, страница, сатирик.

THE ROLE OF CARICATURE IN THE JOURNALE «KHORPUSHTAK»

Caricature, as a form of satire, holds a significant place in satirical magazines, playing a crucial role in creating engaging content and capturing the readers' attention. This article provides valuable insights into the importance of this genre in the development of print media, particularly Tajik satirical magazines.

It is noted that expressive and emotionally rich caricatures make the magazine's pages more vivid and appealing, enhancing its educational and aesthetic aspects while contributing to an increase in readership. Studies have shown that the artistic school of satirical magazines from the 1920s-30s, which laid the foundation for the realistic Soviet art of Tajikistan, continues to be influential today.

It has been established that caricature, along with satirical drawings and illustrations, is an integral part of Tajik satirical magazines, particularly the magazine «Khorpushtak,» serving as an effective tool for conveying profound meanings, high ideas, and relevant topics.

Keywords: magazine, caricature, satire, drawing, artist, illustration, topic, reader, content, creativity, page, satirist.

Маълумот дар бораи муаллиф: Муҳуддинзода Қурбонхоҷаи Саиди, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, мудири радиои «Садои ДМТ» факултети журналистика. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) 93-333-59-66. E-mail: muhuddizoda@mail.ru

Сведения об авторе: Мухуддинзода Курбонходжа Саиди, Таджикский Национальный Университет, руководитель радио «Садои ДМТ», факультет журналистики. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 93-333-59-66. E-mail: muhuddizoda@mail.ru

Information about the author: Muhuddinzada Qurbonkhoja Saidi, Tajik National University, Head of Radio «Sadoi DMT», Faculty of Journalism. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 93-333-59-66. E-mail: muhuddizoda

ТДУ:796/799 (075.8)
Ф-22

РУШДИ ИСТИЛОҲОТУ ЛУҒОТИ СОҲАИ ВАРЗИШ ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Файзалиева Ф., ассистент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Маҷмуаи вожаву истилоҳоте, ки миллатҳои гуногуни ҷаҳон дар тули таърихи мавҷудияти худ сохта ва ба кор бурдаанд, ойинаест, ки дар он шеваи зиндагии суннатӣ ва фарҳангу тамаддуни онҳо мунъакис гардидааст. Баррасии таърихи ташаккули истилоҳот бисёр лаҳзаҳои печидаи ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва ҳатто дараҷаи тараққиёти ин ва ё он соҳаро дар марҳилаҳои мухталифи шаклгирии миллатҳо равшан месозад. Ин луғоту истилоҳот, чунонки медонем дар ҳеҷ забон муддати дароз собит наmemонад. Ҳар андешаи нави маънавӣ ва ҳар падидаи тозаи моддӣ, ки дар ҷомеа пайдо мешавад, тағйирот ва дигаргуние дар низоми вожагон ва истилоҳоти ҷории забони он ҷомеа падид меоварад.

Ин андешаву афкори нави иҷтимоиву сиёсӣ ва ашёи тозаи моддӣ, ки мусалламан дар қолаби луғоту истилоҳот баён мешаванд, агар парвардаи зеҳн ва сохтаи андешаи миллат бошад, равшан аст, ки асбоби эътибору иқтидори миллат ва ғановати забони он мегарданд. Вале агар ин таҳаввулоти фикрӣ ва падидаҳои нави моддӣ ҳосили таҷовузоти низомӣ ва ё нуфузи сиёсиву иқтисодии бегонагон бошад, ки дар ҳар сурат амри гузаранда ва муваққатист, агар боиси нобудии миллат нагардад ҳам, метавонад то ҳадди зиёде бунёди миллат, аз ҷумла забони онро такон диҳад. [12, с. 87]

Аз оғози пайдоиши худ забони форсии дарӣ ба ғайр аз назму наср дар заминаҳои илму фан, фалсафаву адаб, мавзуъҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фаъолиятҳои идориву ҳуқуқӣ ба кор рафтааст. Гувоҳи ин даъво китобҳо ва таълифоти фаровонест, ки дар ҳар яки ин риштаҳо навишта шуда, то имрӯз ба ҷо мондаанд. Суханварону суханшиносон дар тули садаҳо барои баёни чунин маъно ва мафҳумҳои гуногун садҳо вожаву таркибот сохтаанд, ки ҳар кадоми онҳо дар забон ҷойгоҳи худро доштаанд ва мо метавонем бо онҳо, ҳатто имрӯз ҳам як миқдор мафҳумҳои тозаи иҷтимоиву сиёсӣ ва илмиву фаннии мавриди ниёзи худро ифода кунем. Вале иқрор бояд шуд, ки тавоноии забони форсии дарӣ дар гузашта дар заминаи донишҳои қадим ва муносибатҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва робитаҳои иқтисодии мувофиқ ва муносиб барои он даврaҳо будааст.

Истилоҳшиносӣ калимаҳои мутааллиқ ба соҳаҳои гуногунро ба таври умумӣ ва фардӣ меомӯзад. Истилоҳ ҳамеша далолат бар мафҳум мекунад, яъне тавассути ифодаи мафҳум хусусияти умдаи истилоҳот муайян мегарданд. Ба қавли забоншинос: «Калимае, ки

тавассути он номи мафҳум фаҳмида мешавад, истилоҳ ном дорад. Бунёди мафҳум, асосан, бо фаъолияти тахассусии одамон вобаста ба соҳаи илм, техника, маълумот, истеҳсолот ва мисли инҳо алоқамандӣ дорад». [4, с. 11]

Истилоҳ воситаи муҳимтарини муошарати илмӣ буда, беасосӣ ва нодурустии истилоҳ метавонад боиси нофаҳмиҳо дар байни олимон, дар ҷараёни ҳамкорӣ ва иртиботи илмӣ гардад.

Дар солҳои 30-юми асри XX як фанни нави илмӣ - амалӣ аз забоншиносӣ ҷудо гардида, ба ташаккул кардан оғоз намуд, ки ин истилоҳшиносӣ буд.

Олимони барҷастае чун В.В. Виноградов, Д.С. Лотте, А.А. Реформатский, О.С. Ахманова дар рушди ин самт саҳми бузург гузоштаанд.

Таваҷҷуҳи фаъол ба истилоҳот дар даҳсолаҳои охир боиси даҳҳо таҳқиқот дар ин самт гардидааст. Бо вуҷуди ин, ҳар як муаллиф ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти худро ба таври худ мефаҳмад.

Мутаассифона, то имрӯз ҳатто дар байни дигар фанҳои илмӣ дар бораи истилоҳ ва бунёди назарияи истилоҳот фаҳмиши ягона вуҷуд надорад. [1, с. 7]

Ҳар он чизе, ки бо мафҳуми истилоҳ робита дорад, забоншиносиро бо соҳаҳои гуногуни донишҳои илмӣ ва самтҳои амалияи истеҳсолӣ ва касбӣ мепайвандад. Қабати луғатҳои истилоҳотӣ хеле зуд рушд ва такмил меёбад. Аҳаммияти қабати лексикии истилоҳот ва ҳиссаи он дар луғати умумии забон доимо меафзояд.

Аксаран, истилоҳоти системаҳои истилоҳотии инфиродӣ на аз ҷиҳати лингвистӣ, балки аз ҷиҳати сифати берунаи забон муттаҳид шуда, на барои маҷмуи оддии калимаҳо, балки системаи калимаҳо ё ибораҳое, ки ба таври муайян байни худ муташаккиланд, дар бар мегиранд. [6, с. 48]

Тағйироте, ки дар системаи муайяни истилоҳотӣ руҳ медиҳанд, дар мазмуни мафҳумҳо инъикос мегарданд ва дар навбати худ нишон медиҳанд, ки ин ё он падида то чӣ андоза омӯхта шудааст.

Дар ҷараёни таҳлил маълумоте ба даст оварда шуд, ки аввалин ақидаҳои назариявӣ оид ба истилоҳот дар забоншиносӣ охири асри XIX ва аввали асри XX пайдо шудаанд. Дар ин раванд олимон ақидаҳои гуногуни табиати истилоҳоти илмиро пешкаш кардаанд.

Дар омӯзиши проблемаҳои забони илмӣ истилоҳот дар давраи мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ саҳми барҷастаи олимон Д.С. Лотте, В.В. Виноградов, О. Винокур, Н.П. Кузкин, Т.Л. Канделаки, Б.Н. Головин, А.М. Тернигорев, Н. Баскаков, А. Герд, В.С. Кулебакин, И.А. Климовитский, Алексеева Л.М., Котелова Н.З., Лесохин А.Ф. ва ғайра назаррас аст. [5, с. 12]

Омӯзиши истилоҳоти забонҳои мухталиф дар ҷанбаи муқоисавӣ-типологӣ метавонад қисман ба ҳалли ин мушкилоти зикргардида мусоидат намуда, барои муассиртар ва созандатар намудани иртиботи илмии миллатҳои гуногун роҳ кушояд.

Омӯзиши хусусиятҳои истилоҳоти варзишии забонҳои хориҷӣ барои дарки мушкилоте, ки дар асарҳои илмии олимони хориҷӣ дарҷ гардидаанд ва инчунин ғояҳое, ки онҳо пешниҳод намудаанд, роҳ боз менамояд.

Давраи ташаккули илми истилоҳшиносӣ барои аксари кишварҳои Аврупо дар давраи Эҳёи Аврупоӣ оғоз ёфт. То ин давра, забони илми Аврупо лотинӣ буд ва истилоҳоти соҳаҳои мухталиф ба таври ғайримуташаккил рушд мекарданд.

Баъдан, дар замони муосир, илм ба омӯзиши истилоҳот шуруъ карда, аксари соҳаҳо ба забонҳои миллӣ гузаштанд, ки ин боиси пайдоиши мушкилоти нав дар соҳаи истилоҳшиносӣ гардид. Аввалин кӯшишҳо барои ба эътидол овардани истилоҳшиносӣ низ пайдо шуданд. Пайдоиши истилоҳоти нав олимони соҳаи грамматика ва мутахассисони касбиро водор сохт, ки луғатҳои махсус таҳия кунанд.

Марҳилаи навбатӣ дар роҳи ташаккули назарияи умумии истилоҳшиносӣ дар асри XIX оғоз ёфт. Ин давра бо эҷоди як қатор забонҳои сунъӣ (эсперанто, идо, волапюк ва ғайра) муайян карда мешавад.

Ҳамзамон, таърихи истилоҳшиносиро ҳамчун як илми комилан мустақил аз корҳои таҳқиқотии Д.С. Лотте (1898 - 1950) оғоз кардан қобили қабул аст. Ин олими барҷаста

тамоми корҳои таҳқиқотӣ, мушкилот ва ихтилофҳоро дар асарҳои худ, ки бо он мактаби истилоҳӣ оғоз ёфтааст, иброз дошт. Асарҳои Д.С. Лотте ду равиши фаҳмиши истилоҳшиносиро дар бар мегирифт: тавсиявӣ-меъёрӣ, ки дар он Д.С. Лотте системаҳои мавҷудаи истилоҳшиносиро барои тасодуфӣ, зуҳуроти бисёрмаъноӣ ва омонимият, тавсиф додани якчанд консепсияҳои мушаххас аз ҷониби як истилоҳ ва ғайра зери танқид гирифтааст.

Барои таҳлили хусусиятҳои асосии истилоҳот дар забоншиносӣ мавзуи бисёр асарҳои забоншиносони рус ва олимони тоҷик ба монанди Д.С. Лотте, Т.О. Винокур, В.В. Виноградов, А.А. Реформатский, А.В. Суперанская, Б.Н. Головин, В.А. Татаринов, В.М. Лейчик, С.В. Гринев, С.Назарзода, Д. Саймуддинов, Б. Камолиддинов, М. Қосимова, С. Назарзода, Т. Шокиров, М. Султонов, П.Г. Нуров ва ғайра бахшида шудаанд. [8, с. 8]

Проблемаҳои актуалӣ дар соҳаи истилоҳшиносӣ, пайдоиш ва рушди ҳам истилоҳоти инфиродӣ ва ҳам системаҳои истилоҳотӣ, таносуби миллӣ ва байналмилалӣ дар истилоҳот, роҳҳои идеализатсияи истилоҳот, мавҷудияти силсилаи синоним, усулҳои ташаккули истилоҳот, хусусиятҳои номгузории истилоҳотӣ, манбаъҳои сермаъноӣ ва омонимия ва ғайраҳо ба шумор мераванд.

Бояд қайд кард, ки дар маънои муосири форсӣ-тоҷикӣ, дар таърифи истилоҳ муносибати якхела риоя карда мешавад ва нисбати онҳо талаботе ҳаст, ки онҳоро аз вожаҳои ғайриистилоҳ фарқ мекунонад: Истилоҳ дорои хусусияти фарққунанда ва маънои мушаххас аст, ҳол он ки калимаҳои умумӣ метавонанд маънои бисёре дошта бошанд; алоқаи мустаҳкам бо мафҳум асоси семантикии мавҷудияти истилоҳ ба шумор меравад, аммо калимаи умумӣ дорои чунин хусусият нест. Истилоҳ дорои функсияи махсус буда, дар мавриди муайян истифода мешавад, алалхусус дар матни илмӣ, агар аз ин доира берун истифода бурда шавад, истилоҳ моҳияти функсионалии худро гум мекунад ва ба калимаи умумӣ табдил меёбад.

Дар истилоҳшиносии классикии тоҷикӣ-форсӣ ва муосири тоҷик олимон ба истилоҳоти арабӣ рӯ меоранд ва ин ба самти асосии ғанисозии истилоҳот дар марҳилаи кунунии рушди он табдил меёбад. Забони арабӣ бо як қатор омилҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, мазҳабӣ ва ҷуғрофӣ ба рушди забони тоҷикӣ-форсӣ таъсири сахт расонидааст.

Бояд қайд кард, ки таҳкурсии истилоҳоти муосири тоҷик дар асри ХХ бо таъсири бевоситаи истилоҳоти русӣ ба вуҷуд омадааст. Тамоюли аврупоӣ дар истилоҳоти муосири тоҷик низ яке аз самтҳои асосӣ дониста мешавад.

Пас аз ба даст овардани истиқлолият, Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми давлатии забони тоҷикиро воқеан ҷорӣ кард ва Қонун дар бораи забони давлатиро қабул кард. Қонуни мазкур истифодаи забони тоҷикиро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, илмӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар тақозо менамояд. Дар назди олимон ва мутахассисони кишвар соҳаҳои илмҳои дақиқ, табиӣ ва техникӣ вазифаҳои ташаккул додани адабиёти илмию техникии тоҷик ва истилоҳоти он қарор доранд. [6, с. 97]

Дар забоншиносии тоҷик асосан объекти таҳлил ва таҳқиқ истилоҳоти иҷтимоию сиёсӣ, заминаҳо, омилҳо ва сабабҳои иқтибосшавии истилоҳот аз забонҳои бегона, иқтибосшавии байналмилалӣ ва истифодаи онҳо ба шумор мерафтанд. Хусусиятҳои лексикӣ ва грамматикии адабиёти илмию техникии тоҷик, камбудиҳои забонӣ ва истилоҳоти илмҳои дақиқ, табиӣ ва техникӣ то ҳол дар забони тоҷикӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд.

Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, гарчанде ки онҳо аломати хешутаборӣ доранд, аммо дар марҳалаи кунунии рушдашон ба чунин ҳолати тараққӣ расидаанд, ки аломатҳои фарққунандаи байни ин забонҳо назар ба хусусиятҳои шабоҳат доштанашон бартарӣ доранд. Таҳқиқи муқоисавӣ ва типологии ин забонҳо дар марҳилаи кунунии рушд аз нуқтаи назари ошкор кардани қонунҳои системавикунонии зуҳуроти хусусиятҳои забонҳои омӯхташаванда, барои ҳар ду забон ҷолиб хоҳад буд.

Тӯб вазнаш 396-453 грамм, ғайрмучаҳо [миқдори онҳо 4-то] дар чор кунҷи майдон буда, чор кунҷи майдон бо мақсади дуруст гузаронидани мусобиқа ва ҷудо намудани тӯби кунҷӣ аз тӯби паҳлуӣ гузошта мешаванд. Бозигарон ҳамагӣ 22 нафар буда, дар ду гурӯҳ 11 нафарӣ бозӣ мекунанд. Амалиёт дар бозии футбол 90 дақиқа давом мекунад. Баъди 45

дақиқаи бозӣ 15 дақиқа танаффуси бозигарҳо муайян карда шудааст. Дар рафти бозӣ истилоҳоти зерин ба кор меравад: тӯби паҳлуӣ, тӯби кунҷӣ, тӯби ҷаримавӣ, зарба, ивазкунӣ [бозингарҳо иваз мешаванд], танаффус, тӯби 11-метра, дастбанд, дастбанди сардори даста, сардор [капитани даста], тим ё даста, берун аз майдон [аут]. [11, с. 57]

Ҳайати тим ҳангоми бозӣ пойафзол ва либосҳои махсус ба бар мекунанд, ки онҳо бо истилоҳоти гуногун ифода мешаванд: пойпӯш, гетрӣ, ҷӯроби баланд, шими почакӯтоҳ [шортик], куртаи беостин [футболка] бо рақам. Барои осеб надидани устухони пой дар даруни гетрӣ ашёи махсус гузошта мешавад, ки онро муҳофиз [шитки] меноманд. Либосҳои дарвозабонон аз бозигарони муқаррарӣ фарқ мекунанд Аз ин рӯ, вожаҳое, ки дар ифодаи номи дарвозабон меоянд, хусусияти худро доранд; куртачаи остиндароз, шими почадароз, дастпӯшак [резинӣ ё чармӣ мешавад].

Чунон ки гуфта шуд, муҳлати бозӣ дар як давра 45 дақиқа буда, он даврaро дар бозиҳои ҷаҳонӣ **тайм** ва ҳолати танаффусро **тайм-аут** [даври танаффус] меноманд.

Доварон дар бозии футбол чор нафаранд, ки онҳо бо чунин истилоҳот номгузорӣ мешаванд: **сардовар, довари паҳлуӣ** [ду нафар], **нозир** [назоратчии бозӣ]. Доварони асосӣ 2 коғазча [карточка] доранд, ки бо онҳо дар ҳолати ғалат бозӣ кардани бозигарон ишора мекунанд.

Бозии футбол ба синну сол вобаста аст. Дар он бачагони аз нӯҳ то понздаҳсола ва аз ҳабдаҳ то сию панҷсола ширкат меварзанд. Бинобар он ҳайати тим низ ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: Бозии гурӯҳи аввалро бозии наврасон ва бозии гурӯҳи дуюмро бозии калонсолон меноманд.

Хулоса, истилоҳоти соҳаи футбол дар шароити кунунӣ аз анвои маъмули варзиш ба ҳисоб рафта, таваҷҷуҳи хурду калон ба он рӯз аз рӯз меафзояд.

Вожаи **гӯштин** ё қаринаи савтии он **гӯштӣ** аз истилоҳоти маълуму маъруф ва ниҳоят қадимаи забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Дар заминаи ин истилоҳ номи як навъи варзиш низ ба вуҷуд омадааст. Оид ба ин навъи варзиши тоҷикӣ мутафаккирон ва уламои бузурги адабиёти классикии форсу тоҷик ишораҳое доранд, басе ҷолиб.

Гӯштин чунин навъи варзиш аст, ки дар он ду нафар тан ба тан бо ҳам қувва меозмоянд, часпу талош мекунанд ва натиҷаи он ба ғолибияти нафареву мағлубият [ба замин афтондан]-и дигаре анҷом мепазирад.

Истилоҳи мазкур дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таърихан ба гунаҳои овозии гӯштӣ, кустӣ, баъдтар куштӣ ва гӯштин густариш ёфта, имрӯз муодили охири он бештар маъруфият пайдо кардааст. Доир ба таърихи таҳаввули истилоҳи мазкур ва истифодаи калимаҳои марбут ба ин соҳаи варзиш дар фаслҳои боло малумот дода шуд. Аз ин лиҳоз, дар ин бахши кор мо бештар ба ҷиҳатҳои синхронии масъала бештар эътибор хоҳем дод.

Варзиши гӯштин дар забони адабии ҳозираи тоҷик муродиф ва ё муодили махсуси худро бо унвони гӯштингирӣ дошта, ба навъҳои гуногун гурӯҳбандӣ мешавад, ки ҳар яке аз он навъҳо қоидаву қонунҳои хоси худро дорад ва бо истилоҳҳои махсус номгузорӣ мешаванд. То ҳол навъҳои зерини гӯштин, аз қабили гӯштини миллӣ, дзю-до, гӯштини тарзи озод [самбо], гӯштини юнонӣ-римӣ, гӯштини кураш ва ғайра дар низоми варзиши ҷаҳонӣ маълуму машҳуранд.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истилоҳоти варзиш дар даврони истиқлолият зиёд ворид шудаад, ки сермаҳсули онҳо инҳо мебошанд: бандбозӣ tightrope, бандкашак bandwidth, бандбоз funambulist, бапаҳлу sideways, барангехтан to motivate, барга short peak, баскетбол basketball, бозӯ arm, вазнбардор weightlifter, варзанда winner, варзида trained, варзидан farming, gain experience, sport, train, exercise, варзишгоҳ stadium, playground, варзишкор athlete, knight, wrestler, варзишхона gym, training room, place to train, вариант option, variant, edition, version, гавбоз wrestler, (a wrestler carrying a cow), гавдарз gavdarz, гавзода descendant of heroes, гуловез hang gliding, гуловез шудан took each others throats, дастболо win out, dominant, дастбурд victory in the race. [4, с. 12]

Ҳар яке аз ин анвои гӯштин вобаста ба маҳали пайдоишашон номгузорӣ мешаванд. Масалан, гӯштини кураш дар Ӯзбекистон ва шимоли Тоҷикистон, дзю-до дар Ҷопон ва дар

байни қавмҳои эронинажод гӯштини миллии тоҷикӣ маъруфият доранд. Таомуле мавҷуд буд, ки «паҳлавоне ба иродаи куштӣ назди паҳлавони дигар гул фиристад». [Ғиёс-ул луғот, 197] ва он бо истилоҳи гули куштӣ маъруф буд. Гӯштини миллии тоҷикӣ бо қоидаву қонун ва истилоҳоти марбути худ месазад, ки мавриди таҳқиқи махсус қарор дошта бошад.

Чунин истилоҳот дар мусобиқаи гӯштини миллӣ истифода мешаванд:

1.Истилоҳоте, ки ба рафти гӯштин дахл доранд: дараҷаи вазнҳо [яъне, ба ҳисоб гирифтани вазни варзишгарон], фароғат дар байни қувваозмоён, табақабандии гӯштингирон, ба ҳисоб гирифтани вақт, назорати тиббӣ, муайян намудани ҷой ва ғайраҳо.

2.Истилоҳоте, ки дар мавриди муайян намудани паҳлавонони ғолиб доварон истифода мекунанд. Дар мусобиқоти гӯштин барои аниқ намудани паҳлавонони болодаст се марҳила вуҷуд дорад, ки дар ин бобат истилоҳоти зерин ба кор мераванд: ғолибияти соф, ғолибият бо афзалияти калон, ғолибияти бо афзалияти хурд.

3.Истилоҳоти марбут ба анвои мусобиқоти гӯштини миллии тоҷикӣ. Дар мусобиқаи гӯштини миллии тоҷикӣ чунин вожаҳо мавриди истифода қарор мегиранд: шахсӣ, даставӣ, шахсӣ-даставӣ, дараҷавӣ.

Дар ташкил ва гузаронидани намудҳои сабқат дар гӯштини миллии тоҷикӣ мутахассиси ҳамин соҳа А. Раҷабов дар асари худ «Варзиши миллии тоҷикон» чунин истилоҳотро ба қалам додааст: даврат - иштироки ҳамаи аъзои даста шарт аст, хориҷшавӣ - баъди мағлубият иштирокчӣ дигар имконият надорад, омехта -дар мусобиқаҳои даврагӣ [Раҷабов, 20-23]. Варзиши гӯштин моҳияти ҷаҳонӣ дорад ва вобаста ба густариши худ шаклҳои гуногун пайдо менамояд.

4.Истилоҳоте, ки доварон ҳангоми афтидани ҳариф ба замин истифода мебаранд. Дар афтодани ҳариф ҳангоми гӯштини миллӣ аз чунин истилоҳот истифода мебаранд: ҳалол, паҳлу, бадан, тахтапушт, якпаҳлу, башикам, ҳалук, ҳалуки дарун, сари севчӣ, пойбанд ва ғ. Дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ якпаҳлу афтидани гӯштингирро говғел ва ё «ҳаром» ҳам мегӯянд.

5.Истилоҳоти ифодагари номи либосҳои паҳлавонон. Дар ифодаи номи сару либоси гӯштингирон низ вожаҳои махсус ба кор бурда мешаванд: ҷелак- дарозиаш то зону, шалвор-аз матои пахтагин ва хеле кушод, маҳсӣ-аз матои чармин, камарбанд [баъд аз гиреҳ дарозиаш 20-30 см бошад]. Имрӯзҳо зимни номгузории либоси паҳлавонон истилоҳи яктакро ҳам вобаста ба ранги он - сафед, кабуд, сурх ба кор мебаранд.

6.Истилоҳоте, ки ба рафти сабқат дахл дорад. Доварон ҳангоми гузаронидани намоиши гӯштин корро аз муаррифии паҳлавонон оғоз намуда ва баъд чунин истилоҳотро истифода мебаранд: гирифтан [гиред]- оғози мусобиқа, ғолиб- эълони паҳлавони ғолибомада, ҳалол- ғолибияти комил, дар мавриди эълони паҳлавонони ғолиб, паҳлу-якпаҳлу афтидани ҳариф, истодан [ист, истед]-манъ кардани рафти гӯштин. Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ камарбандро локӣ мегӯянд.

7. Номи ҷазоҳое, ки довар эълон мекунад: танбеҳ [огоҳӣ], хориҷ [аз майдон баровардани паҳлавон], диққат [аз паҳлавон ҳушёрӣ талаб намудани довар].

8. Унвонҳои доварон дар мусобиқоти гӯштин. Унвонҳои ҳакамони сабқати гӯштин бо ибораҳои махсуси ҳамин соҳа ифода мегарданд: довари Б/М дараҷаи 6-ум, довари Б/М дараҷаи 5-ум, довари Б/М дараҷаи 4-ум, довари Б/М дараҷаи 3-юм, довари Б/М дараҷаи 2-юм, довари Б/М дараҷаи 1- ум, довари Б/М дараҷаи олӣ, довари мумайизи дараҷаи 1-уми Б/М, довари мумайизи мумтози дараҷаи Б/М.

9. Истилоҳоте, ки ба амалиёти паҳлавонҳо дахл доранд. Гӯштини миллии тоҷикӣ бо тарзу усулҳои гуногун сурат гирифта, дар он амалиёти паҳлавонон шаклҳои ҳархела дорад. Аз ин рӯ, истилоҳоти ин соҳа низ якранг нестанд: ҳалук [алук], пешпоӣ додан, паспоӣ задан, доштан аз қисмати болои пой, аз болои шона партофтан. Истилоҳи партофтан низ хоси гӯштини миллӣ буда, он дар се шакл ифода меёбад: партофтани оддӣ, бо роҳи фиреб, аксуламал. Дар лаҳҷаҳои забонамон истилоҳи ҳалукро боз дар шакли ҳалуки Искандарӣ ва муродифи он вожаи чил [чил андохтан] ҳам кор мефармоянд.

Дар охир ҳаминро бояд зикр намуд, ки забон вобаста ба инкишофи ҷамъият тараққӣ

мекунад ва таркиби луғавиашро бой мегардонад. Истилоҳи гӯштин маҳз бо шарофати инкишофи варзиш бо истилоҳоти соҳаи худ, ки чанде аз онҳоро номбар намудем, боиси бою ғанӣ гаштани таркиби луғавии забонамон гардидааст.

Солҳои охир дар Тоҷикистон навъҳои гуногуни гӯштин тараққӣ карда истодаанд, ки онҳо бо истилоҳоти марбут ба худ ифода меёбанд. Аксарият ин истилоҳот хусусияти иқтибосӣ доранд ва торафт дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавқеъ пайдо карда истодаанд. Аз ҷумла, самбо [самозащита без оружия], дзю-до, римӣ - юнонӣ ва амсоли инҳо аз ҳамин қабиланд. Ин вожаҳо ба забони тоҷикӣ тавассути забони русӣ ворид гардиданд.

Дар гӯштини самбо, дзю-до ва римӣ - юнонӣ истилоҳоти зерин ба кор мераванд: 1] Номи либосҳо: ҷелак, тагпӯш, миёнбанд, пойафзоли чармин. 2] Дараҷаи вазнҳо: 48, 52, 54, 57, 62, 68, 74,78, 86, 97, 100, 120 кг.

Пайдоиши гӯштини самбо ба соли 1920-ум рост меояд ва макони пайдоиши он собиқ Иттиҳоди Шуравӣ аст. Намуди дигари гӯштин, ки ҳоло хеле маъмул гаштааст, дзю-до мебошад, ки он соли 1978 дар Ҷумҳурии Ҷопон пайдо шудааст. Ҷои гузаронидани қувваозмоиҳо дар ин навъи гӯштин болои гилемҳои махсус-тотами мебошад. Номгӯи либосҳо дар ин намуди гӯштин инҳоянд: ҷелак [кимано], тагпӯш, камарбанд.

Намуди дигари гӯштин гӯштини юнонӣ-римӣ мебошад. Ин намуди гӯштинро фаронсавӣ низ мегӯянд, вале онро асосан юниониҳо ривоҷ додаанд. Таърихан он дар Франсия дар асри XIII пайдо шудааст.

Дараҷаи вазнҳо: 55, 60, 66,74, 84, 97,100, 120 кг. Номгӯи либосҳо дар ин намуд чунин аст: ҷелак, шалвар, пойафзоли чармин, тагпӯш.

Дар охир ҳаминро бояд қайд намуд, ки азбаски забон ҳамқадами ҷомеа ба шумор меравад, пайдо шудани ҳар як навъи варзиш ба таркиби луғавии забон истилоҳи наверо ворид месозад. Бинобар ин дастрас намудан ва фаҳмонидани маънои луғавии ин истилоҳот аз мо меҳнати зиёдро талаб менамояд.

Адабиёт:

1. Ғаффоров Р. Вазъи кунунии истилоҳоти забоншиносии тоҷик ва лузуми такмили он./Р.Ғаффоров.//Ахбороти АФ ҶСС Тоҷикистон. Серияи шарқшиносӣ, таърих, филология, 1991, № 4, С. 16-21.
2. Ғафуров Б. Тоҷикон. Дар ду ҷилд. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна./ Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1983, Ҷ. 1.– 700 с
3. Меъёрҳои асосии терминологияи забони тоҷикӣ.–Душанбе,1971.–62 с.
4. Мирбобоев А. Муқаддимаи филологияи эронӣ./А. Мирбобоев. – Душанбе, 2015. – 320 с
5. Калонтаров Я.И. Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русии терминҳои забоншиносӣ. // Я. И. Калонтаров. – Душанбе, 1974. С. 4-56.
6. Фарҳанги мухтасари истилоҳоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ.–Душанбе: Дониш, 2006. – 192 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – М.: СЭ,1969. – 951 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. – М.: СЭ, 1969. – 996 с.
9. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома»[таҳияи И. Ализода]. –Душанбе: Адиб, 1992. – 493 с.
10. Фарҳанги вожагони футбол. Таҳияи Муҳаммад Ризо Шамс. –Кошон: Ҷангал, ФЗТ9.
11. Фарҳанги вожаҳо ва истилоҳоти тарбияти баданӣ ва улуми варзиш. Таҳияи Муҳаммад Солеҳ Абдӣ ва дигарон. –Теҳрон, 1388.
12. Шафоатов, А.Н /Ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти варзиш дар забони тоҷикӣ// Н.А.Шафоатов, Душанбе-2019. 318 с.

РУШДИ ИСТИЛОҲОТУ ЛУҒОТИ СОҲАИ ВАРЗИШ ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛОИЯТ

Муаллиф зимни таълифи мақола кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар асоси сарчашмаҳои бурҳони илмӣ дар заминаи тадқиқоти зиёди муҳаққиқони дохилию хориҷӣ, асарҳои

муътамади фалсафию педагогӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва сомонаҳои интернетӣ, раванди ташаккул ва таҳаввули мавзуи мазкур ва корбурди онҳоро ошкор намояд.

Инчунин, муаллиф аз сарчашмаҳои муътабар истифода намуда, корбурди онро мавриди омӯзиши муқоисаи илмӣ қарор дода, дар заминаи таҳқиқоти зиёди муҳаққиқони дохилию хориҷӣ, алахусус забоншиносону тоҷику форс, фарҳангҳои тоҷикӣ, анлисӣ, арабӣ ва дигар сарчашмаҳову, сомонаҳои интернетӣ мазмун, моҳият, ва нақши истилоҳотро дар забонҳои иқтибосшаванда муайн намуда, корбурди онҳоро дар забон ошкор сохтааст.

Дар мақола сухан дар бораи рушди истилоҳоти варзиш дар давраи соҳибистиқлолӣ ва марҳалаҳои рушди он меравад, ки дар замони муосир яке аз самтҳои тараққиёфтаи забоншиносӣ ба шумор меравад. Гуфтан зарур аст, ки рушди истилоҳоти варзиш дар давраи соҳибистиқлолӣ дар илми забоншиносии муосир дертар пайдо гардида, ба як қатор мушкилиҳои ҷойдошта дар забон мусоидат намуд. Дар ин самт, рушди истилоҳоти варзиш дар давраи соҳибистиқлолӣ марҳала ба марҳала рушд намуда, ба омӯзиши паҳлуҳои гуногуни забонӣ машғул аст. Яке аз соҳаҳои имрӯз рушдёфта ин рушди истилоҳоти варзиш дар давраи соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад.

Калидвожаҳо: забон, калима, рушди забоншиносӣ, замони истиқлолият, марҳила, таҳқиқот, истилоҳ, варзиш

РАЗВИТИЕ ТЕРМИНОВ И ЛЕКСИКИ В СФЕРЕ СПОРТА В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

При написании статьи автор стремился, опираясь на научные источники, основанные на многочисленных исследованиях отечественных и зарубежных исследователей, авторитетные философские и педагогические труды, физкультурные труды и интернет-сайты, раскрыть процесс становления и развития данной темы и их применение.

Также автор использовал авторитетные источники, подверг их научному сравнительному изучению и на основе обширных исследований отечественных и зарубежных исследователей, особенно таджикских и персидских лингвистов, таджикской, английской, арабской культур, а также других источников и веб-сайтов определил содержание, сущность и роль терминов в цитируемых языках, раскрыв их употребление в языке.

В статье рассматривается развитие спортивной терминологии в период независимости и этапы её развития, которая считается одним из наиболее развитых направлений языкознания в современном мире. Стоит отметить, что развитие спортивной терминологии в период независимости появилось позже в современной лингвистике, способствуя решению ряда существующих проблем в языке. В этом направлении развитие спортивной терминологии в период независимости развивалось поэтапно, изучая различные аспекты языка. Одним из направлений, которое развивается сегодня, является развитие спортивной терминологии в период независимости.

Ключевые слова: язык, слово, языковое развитие, период самостоятельности, этап, исследование, термин, спорт

DEVELOPMENT OF TERS AND VOCABLULARE IN THE FIELD OF SPORTS DURING THE PERIOD OF INDEPENDENCE

In writing the article, the author sought to rely on scientific sources based on numerous studies by domestic and foreign researchers, authoritative philosophical and pedagogical works, physical education works and Internet sites, to reveal the process of formation and development of this topic and their application.

The author also used authoritative sources, subjected them to scientific comparative study and, based on extensive research by domestic and foreign researchers, especially Tajik and Persian linguists, Tajik, English, Arabic cultures, as well as other sources and websites, determined the content, essence and role of terms in the cited languages, revealing their use in the language.

The article discusses the development of sports terminology during the period of independence and the stages of its development, which is considered one of the most developed areas of linguistics in the modern world. It is worth noting that the development of sports terminology during the period of independence appeared later in modern linguistics, contributing to the solution of a number of existing problems in the language. In this direction, the development of sports terminology during the period of independence developed in stages, studying various aspects of the language. One of the directions that is developing today is the development of sports terminology during the period of independence.

Key words: language, word, language development, period of independence, stage, research, term, sport

Маълумот дар бораи муаллиф: Файзалиева Фархунда, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. **E-mail**: Farkhunda@mail.ru, **Тел:** (992) 988536900.

Сведения об авторе: Файзалиева Фархунда, ассистент кафедры иностранных языков Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. E-mail: *Farkhunda@mail.ru* Тел: (992) 988536900.

Information about the author: Fayzalieva Farkhunda, assistant of the Department of Foreign Languages, Kulob State University named after Abuabdullokhi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street, 16. E-mail: Farkhunda@mail.ru Tel: (992) 988536900.

ТДУ: 071 (2-тоҷ)
Г-34

ТАШКИЛИ САМАРАНОКИ РАВАНДИ ТАБЛИҒ ДАР ВАО

Гадоева Ф.М., ассистент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ рушди халқу давлатҳо аз доштани зарфият ва имконияти коркард, истеҳсол, ҳифзу нигоҳдорӣ, таҳлил ва паҳн намудани иттилоот вобастагии бештар дорад. Шакл гирифтани ҷомеаи иттилоотӣ зери таъсири технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ, масири рушди ҷомеа ва давлатҳоро тағйир дода, имкониятҳои наву осонро ҷиҳати ба роҳ монадани фаъолияти корӣ ва истеҳсолӣ, инчунин тараққӣ кардан, фароҳам овардааст. Дарки дурусту амиқи моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ, ҳангоми муайян намудани роҳу воситаҳои ташаккули ҷомеаҳои муосир, муяссар мегардад. Дар чунин навъи ҷомеа, яъне ҷомеаи иттилоотӣ, истеҳсолоти фикрӣ асоси рушд бахшидани тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз он ҷумла, иқтисод ва саноати истеҳсолӣ ба ҳисоб рафта, ҳамзамон, технология ҷиҳати ташаккули илму дониш ва тавсеаи ҷаҳонбинии аҳли ҷомеа хизмат менамояд. Дар ин миён, иттилоот на фақат барои афзудан ба иқтидори истеҳсолии давлат истифода мешавад, балки ҷиҳати самаранок амалӣ намудани функсияҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мавриди корбурд қарор мегирад. Бо назардошти моҳият ва махсусиятҳои ҷомеаи иттилоотӣ, гуфтан мумкин аст, ки қоидаҳои рушду тараққиёти иқтисод тағйир ёфтааст. Бинобар ин, дар шароити замони муосир лозим меояд, то аз воситаҳои наву муфид ва нисбат ба замони пеш фарққунанда, ҷиҳати ба роҳ мондани рушду пешрафти ҷомеа, истифода намеоем. Чунин як шароити зарурӣ, баҳри рушди ҷомеа, танҳо бо ташаккул додани ҷомеаи иттилоотӣ имкон дорад. Дар ҷомеаи иттилоотӣ, иқтисод суръати баланди инкишофро соҳиб мегардад, ки ин ба тағйирёбии шаклу сифат ва ҳаҷми истеҳсолот, инчунин ба тағйирёбии талаботи бозори меҳнат ва пайдоиши касбҳои нав дар он

оварда мерасонад. Ҳоло агар ташаккули ҷомеаи инсониро аз марҳилае, ки дар он башарият, дар шароити ҷомеаи аграрӣ умр ба сар бурда, кору фаъолият менамуд, дар муқоиса бо ҷомеаи индустриалӣ ва сипас постиндустриалӣ ва ё худ ҷомеаи иттилоотӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор диҳем, мебинем, ки дар ин муддат, ҳаёти инсон чӣ гуна тағйир ёфт ва дар бозори меҳнат касбу тахассусҳои нав пайдо гашт. Ва аз ҳама муҳим ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа мувоҷеҳи тағйироти азими бунёдӣ гардид. [9]

ВАО яке аз воситаҳои маъмултарини таблиғотӣ ва таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа маҳсуб меёбанд. Васоити гуногун на танҳо имкон медиҳад, ки аудиторияи мақсаднок интихоб шавад, балки муайян месозад, ки ба нақша гирифта шавад, ки кай ва кӣ таблиғро бубинад. Истифодаи таблиғоти васоити ахбори омма ба таблиғкунанда имкониятҳои васеъ барои шунидан, дидан ё хондан фароҳам меорад. Вобаста ба вазифаҳое, ки таблиғкунанда гузоштааст, барои ноил шудан ба ҳадаф ҳам расонаҳои анъанавӣ ва ҳам ғайрианъанавӣ метавонанд истифода шаванд. Одат аст, ки ВАО-и анъанавӣ ҳамчун ҷузъҳои маъмултарини он - радио, телевизион, матбуот, таблиғоти беруна, нақлиёт истинод карда шавад, ки қариб ҳамеша истифода мешаванд. ВАО-и ғайрианъанавӣ, аз қабили Интернет, таблиғи дохилӣ ва таблиғоти электронии намоишӣ қариб ҳамаи воситаҳои ахбори оммаи навро дар бар мегирад.

Қайд намудан ҷоиз аст, ки ҳамаи воситаҳои ахбори омма, бахусус баъзе рӯзномаҳо, телевизионҳо ва радиостансияҳо тамаркуз ва инъикоси минтақавӣ доранд: ба шумораи маҳдуди шунавандагон имкон медиҳанд, ки хабарҳои як минтақаи муайянро бубинанд ва бишнаванд, аксарашон тақрибан дар ҳама ҷо бинанда, шунаванда ё хонандаи худро пайдо мекунанд.

Аз ин рӯ, хусусиятҳои рекламаро дар ҳамаи намудҳои воситаҳои ахбори омма омӯзиш намудан, инчунин донистан ва риоя намудани қонунҳои ҷойгиркунии реклама дар телевизион, радио ва матбуот хеле муҳим аст. Паҳн кардани таблиғ дар воситаҳои ахбори омма бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории давлат дар бораи реклама амалӣ карда мешавад.

Роҳҳои зиёде барои паҳн кардани таблиғ тавассути намудҳои гуногуни ВАО вуҷуд доранд. Аммо тавони интихоб кардани самараноктарин ва мувофиқи онҳо кофӣ набуда, донистан ва риояи қонуне, ки ин соҳаро танзим мекунад, хеле муҳим аст. [8, с. 86] Реклама яке аз намудҳои иттилоот аст. Бинобар ин беҳуда нест, ки қонуни ҷорӣ дар бораи реклама истилоҳи «реклама» ва иттилооти (маълумоти) «рекламавӣ»-ро ҳамчун ибораи синоним, яъне ҳаммаъно истифода мекунад. Бо вуҷуди ин реклама аз намудҳои дигари иттилоот бо якчанд нишонаю аломате, ки бояд дар якҷоягӣ истифода шаванд, фарқ мекунад.

Реклама иттилооте, ки дар ҳар шакл, тавассути воситаҳо оид ба шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо (ахбори рекламавӣ), паҳн мешавад ва барои доираи васеи шахсон пешбинӣ шуда, ҷиҳати ташаккул ё дастгирии шавқмандӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо, ташаббусҳо таъйин гардида, барои фурӯхтани молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо мусоидат менамояд (м. 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»).

Дар асоси ин таъриф реклама метавонад ба тарзи шифоҳӣ ё хаттӣ, бо ёрии расму тасвир ва ғайра интишор дода шавад. Ба сифати интишоркунандаи иттилооти рекламавӣ воситаҳои интишори оммавӣ, воситаҳои нақлиёт ва ғайра истифода карда мешаванд. Мақсади интишори реклама ташаккул додан ва дастгирӣ намудани майлу рағбат ба он аст, ки дар натиҷаи он рағбату ҳавас ба мол, ғояву ташаббус зиёд мешавад ва ба фурӯш рафтан ва амалӣ гардидани онҳо мусоидат менамояд.

Таснифоти намудҳои рекламаро метавон аз рӯйи асосҳои гуногун гузаронд:

- вобаста ба моли рекламашаванда рекламаи машрубот, тамоку ва сигор, маснуоти порнографии аудио, видео ва чопӣ ва инчунин маводи нашъаовар, воситаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо ҷудо шуда меистад;

- вобаста ба намуди хизматрасонии рекламашаванда рекламаи хизматрасонии молиявӣ (аз ҷумла бонкӣ), суғуртавӣ, сармоягузорӣ ва дигар хизматрасониҳои вобаста бо истифодаи маблағи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин коғазҳои қиматнокро махсус ҷудо мекунанд;

- вобаста ба ҳадафи реклама онро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: а) рекламаи иҷтимоӣ, яъне рекламаи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ ба мақсади хайрия; б) рекламаи тиҷоратӣ.

- вобаста ба субъектҳое, ки иттилооти реклама ба онҳо нигаронида шудааст, махсус аз рекламае метавон сухан кард, ки мақсадаш ноболиғонанд.

Таснифоти мазкур аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Дар Қонуни реклама талаботи махсус нисбати рекламаи намудҳои гуногун ва меъёрҳое зикр шудаанд, ки ба ҳифзу ҳимояи манфиати субъектҳо равона карда шудаанд (масалан, манфиати ноболиғон).

Дар навбати аввал ба субъектҳои муносибатҳои рекламавӣ иштирокчиёни бевоситаи фаъолияти оид ба рекламаро нисбат додан зарур аст. Аз рӯйи вазифаҳои иҷрошаванда субъектҳои зерини фаъолияти оид ба рекламаро махсус қайд мекунанд: рекламадеҳ, рекламаистеҳсолкунанда, рекламаинтишокунанда.

Рекламадеҳ шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки барои истеҳсол, ҷойгиронӣ, интишори минбаъдаи реклама манбаи иттилоот доир ба реклама мебошад. Рекламаистеҳсолкунанда шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки иттилооти доир ба рекламаро пурра ё қисман муносиби шакли интишораш таҳияву омода менамояд. [10]

Дар ин миён набояд фаромӯш сохт, ки имрӯз таблиғ як ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёт шудааст, ки бидуни он ВАО-и муосирро (васоити ахбори омма) тасаввур кардан душвор аст. Иқтисодиёти мамлакат, воситаҳои ахбори омма ва тамошобинон ба он эҳтиёҷ доранд.Таблиғ қодир аст, ки қариб ҳама вазифаҳоро аз қабили маълумот додан, таълим додан, иҷтимоӣ кардан ва фароғат кардан иҷро кунад, ки ба мундариҷаи дигари ВАО шомил мешаванд.

Он инчунин, ба ташаккули тасаввурот (на танҳо иқтисодӣ) ва муносибатҳои шунавандагон, балки ба рафтори онҳо таъсир мерасонад. Тавре яке аз фаъолони бозори таблиғ қайд кардааст: «Барои ҷавонон реклама воқеан ба китоби дарсии ҳаёт табдил ёфтааст». Дар маркетинг байни истилоҳҳои реклама ва таблиғ нофаҳмиҳо зуд-зуд ба назар мерасанд. Онҳо аксар вақт ба ҷои ҳамдигар истифода мешаванд, аммо ҳарду маънои гуногун ва равшан доранд. Минбаъд фарқи байни реклама ва таблиғ ба таври муфассал шарҳ дода мешавад. Таблиғ як усули боварибахшест, ки кӯшиш мекунад ба эътиқод, муносибат ва рафтори гурӯҳи мушаххас таъсир расонад. Таблиғ одатан барои мақсадҳои сиёсӣ, динӣ ё идеологӣ истифода мешавад.

Ҳангоми ташкили нашри таблиғотӣ инчунин бояд сегментатсияи бозори саноатиро ба назар гирифт, зеро он дар муносибати дуруст ба банақшагирии ҳаракатҳои таблиғотӣ аҳаммияти кам надорад. Масалан, меъёрҳои минтақавӣ ҳатман бояд хусусиятҳои минтақа, хусусиятҳои демографии шахсони тасмимгиранда, боварӣ ба бренд ва тарзи зиндагӣ ва афзалиятҳои истеъмолии ниҳоиро дар бар гиранд, зеро мувофиқи нақшаи пешбинишуда, интихоби таблиғи мақсаднок ва бозори мақсаднокро арзёбӣ кардан мумкин аст. [1, с. 7]

Рекламаи интернетӣ мувофиқи меъёрҳои зерин метавонад ба гурӯҳҳои истифодабарандагони мақсаднок равона карда шавад:

- аз рӯйи мавқеи ҷуғрофӣ. Бо ҷойгир кардани таблиғ дар вебсайт ё шабакаи баннерӣ ва гузоштани фокус, масалан, агар барои шаҳри Кӯлоб таблиғ омода шуда бошад, таблиғкунанда бояд итминон дошта бошад, ки таблиғоти ӯро корбароне, ки аз шаҳри Кӯлоб ба интернет ворид шудаанд, мебинанд;

- аз рӯйи вақт ва рӯзи ҳафта. Ҳангоми ҷойгир кардани васоити таблиғотӣ дар сайт ё «кушодан»-и тасвири баннерӣ дар шабакаҳо, истифодаи шиддатнокии якхелаи намоиши таблиғот на ҳамеша оқилона аст. Интернет имкон дорад, ки таблиғро, масалан, танҳо дар рӯзҳои корӣ аз соати 10 то 18 ё баръакс, танҳо дар рӯзҳои истироҳат ва шом ба намоиш гузорад.

- мувофиқи афзалиятҳои (манфиатҳои) истифодабарандагон. Одатан, таваҷҷуҳ ба манфиатҳои корбарон тавассути ҷойгир кардани таблиғот дар бахшҳое таъмин карда мешавад, ки аз ҷиҳати мавзуъ ба молу хидматҳои таблиғшуда шабоҳат доранд. Илова бар ин, таблиғро ба меҳмонони мушаххаси сайт равона кардан мумкин аст, ки сервер дар бораи манфиатҳои онҳо ҳангоми боздидҳои қаблии онҳо маълумот ҷамъоварӣ кардааст. Дар баъзе

мавридҳо, намоиши таблиғоти муайян метавонад дар посух ба ворид кардани калимаҳои калидӣ ба системаи ҷустуҷӯии сайт муштарӣ намоён гардад.

-аз рӯйи нишондодхои индивидуалии техникӣ. Маълумоти мушаххас дар бораи провайдере, ки меҳмон истифода мебарад, нармафзоре, ки онҳо истифода мебаранд ва баъзе маълумоти дигар метавонад ҷузъиёт дар баъзе мавридҳо барои тамаркуз ба таблиғ истифода шаванд, аммо тамаркуз ба ин хусусиятҳо аксар вақт истифода намешавад. Ба ғайр аз меъёрҳои зикршуда, барои тамаркуз дигарҳоро метавон истифода бурд: ҷинс, синну сол, сатҳи даромади истифодабарандагон ва ғайра, вале ҷамъоварии маълумоти дахлдор бо зарурати таҳқиқоти иловагӣ (масалан, пурсишҳои корбарон) алоқаманд аст. Баръакси тамаркуз ба меъёрҳои дар боло зикршуда, таблиғкунанда наметавонад ҳамеша ба дурустии маълумоти ҷамъовардаи платформаи таблиғотӣ итминон дошта бошад.

Реклама дар матбуоти даврӣ ҷойгир кардани матни таблиғ дар нашрияҳои даврӣ аст, ки ба паёмҳо ва маводи дорои хусусияти таблиғотӣ тахассус надоранд, бояд бо аломати «реклама» ё аломати «дар бораи ҳуқуқи реклама» замима карда шавад. Ҳаҷми таблиғ дар чунин нашрияҳо набояд аз чиҳил фоизи ҳаҷми як шумораи матбуоти даврии чопӣ зиёд бошад. Талабот оид ба риояи ҳаҷми зикршуда ба нашрияҳои даврие, ки ҳамчун тахассуси хабарҳо ва маводи таблиғотӣ ба қайд гирифта шудаанд ва дар муқова ва чопи онҳо маълумот дар бораи чунин ихтисос мавҷуд аст, татбиқ намегардад. [1, с. 64]

Сарфи назар аз майдони фарох ва барзиёдии воситаҳои муосири таъсири таблиғотӣ, аксар вақт истеъмолкунандагон ба худ саволҳои «шадид» медиҳанд, ки дар таблиғ шарҳ дода намешаванд, ҳарчанд барои фаҳмо шудани матн дар сюжети реклама ҳамчун чораи «пешгирикунанда» имкони ҷавоб додан ба ин саволхо пешакӣ пешбинӣ шудааст. Вокуниши равонӣ ба «ҷавобҳои эҳтимолӣ» муҳимтар аз он аст, вақте ки истеъмолкунанда дидааст, ки ин ё он саволи «душвор» дучор мешавад, то андозае бо манбаи ин савол ҳаммонандии худро анҷом медиҳад, дар ин ҳолат «бартарӣ»-и зеҳнии худро ҳис мекунад ва аз таблиғ посух гирифта, худро «қаноатманд» ва «ором» меҳисобад. [4, с. 11]

Аз ин рӯ, таблиғ дар дигар соҳаҳо ҳамчун ёрирасон боқӣ монда, ба он диққати махсус дода намешавад. Ҳамин тариқ, таблиғ дар матбуот аксар вақт як воситаи «ёрирасон» мебошад, ки дар натиҷа барои он сарф кардани маблағ ва захираҳои зиёд фоидаовар нахоҳад буд ва ин омил ба эҳтимоли зиёд ба тамоми маъракаи таблиғотӣ таъсири назаррас намерасонад.

Самаранокии психологии реклама қобилияти эҷод кардани вижагиҳои маҳсулот барои истеъмолкунанда мебошад, ки инҳоянд: пурра, яъне аз рӯйи хусусиятҳои асосии истеъмолӣ; тафриқашуда, яъне имкон медиҳад, ки он аз ҳамаи молҳои якхела фарқ карда шавад; аз ҷиҳати завқу эҳсос ҷолиб, яъне бедор кардани эҳсосоти мусбӣ ва қодир ба қонеъ кардани баъзе ниёзҳои воқеии харидори эҳтимолӣ; ҳавасмандкунӣ, яъне ихтиёрдории шахс барои иҷрои амалҳои барои ба даст овардани мол зарур аст.

Тавре ки аллакай зикр гардид, самаранокии психологии таблиғ аз он иборат аст, ки он дар рафти маъракаи таблиғотӣ, дар бораи имиҷи маҳсулот чӣ гуна тасвир ба вуҷуд омадааст. Аммо тасвири хуб ва андешаи мардум то ҳол ба шумо кафолати фурӯши хуб намедиҳад. Аз ин рӯ, дуруст таҳлил ва пешгӯйии самаранокии иқтисодӣ ва молиявии захираҳои гузошташуда танҳо зарур ва ҳаётан муҳим аст.

Дар зимн, самаранокии таблиғот ин натиҷаест, ки пас аз истифодаи як воситаи муайяни таблиғотӣ ё тамоми давраи таблиғ ба даст омадааст. Дар соддатарин ва маъмултарин тафсири онро метавон ҳамчун фарқияти байни даромади иловагии фурӯши маҳсулот дар натиҷаи таблиғ ва арзиши он муайян кард, илова бар ин, чунин фарқият бояд мусбат бошад. Аммо ин таърифи мукаммал нест. Усулҳои дигари мураккабтари муайян кардани самаранокии таблиғ вуҷуд доранд, ки онҳоро дар соҳаҳои гуногуни фаъолият татбиқ кардан мумкин аст.

Бояд гуфт, дар самти таблиғи молу маҳсулот ва дастовардҳо, тамоми ВАО, радио ва телевизиони мустақил, инчунин рӯзномаҳои нисбатан арзон то андозае ҳавасманданд ва таблиғоти пулакӣ доранд.

Танзими ҳуқуқие, ки дар аксари давлатҳои ҷаҳон ташаккул ёфтааст, инчунин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таблиғ як шакли озодии баён эътироф шудааст. Аз ин рӯ, таблиғ бояд тамоми кафолатҳои асосии шаклҳои дигари он, аз қабили иттилоот ё фароғатро дошта бошад. Дар байни ин ҳуқуқҳо, ғайри қобили қабул будани сензура ва дахолати маъмурӣ аз ҷумлаи ҳуқуқҳои асосӣ мебошад.

Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки тамоми раванди фаъолияти соҳаи таблиғ ва робита бо ҷомеаро, ки рукни муосир ва муҳимми ВАО маҳсуб меёбад, ниҳодҳои соҳавии давлатӣ ва ғайридавлатию ҷамъиятӣ бевосита назорат ва танзим намуда, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» муносибатҳои соҳаи реклама (ба истиснои рекламаи сиёсӣ) аз рақобати бевиҷдонона ҳифз ва рекламаи номуносибе, ки метавонад истифодабарандагонро ба иштибоҳ андозад ё ба саломатии онҳо, молу мулки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, тарзи ҳаёт, шаъну шараф ё эътибори кории шахсони мазкур зарар расонад, инчунин ба манфиатҳои ҷамъиятӣ, принсипҳои башардӯстӣ ва ахлоқӣ таҳдид кунад, пешгирӣ ва манъ гардидааст. [2, с. 4]

Дар ҷараёни омӯзиши хусусиятҳои реклама метавон хулоса намуд, ки самаранокии коммуникативӣ дар марҳилаи таҳияи таблиғ, пеш аз татбиқи васеи он арзёбӣ карда шаванд: инҳо санҷишҳои ассотсиативӣ, санҷишҳои визуалӣ, саволномаҳо ва ғайра мебошанд, муҳимтар аз ҳама он аст, ки таблиғ ба истеъмолкунандаи мақсаднок мерасад ва дар зеҳни ӯ ҷойгир мешавад.

Адабиёт:

1. Костромина Е.А. Структурно-семантические особенности рекламных текстов (на примере материалов нижегородской прессы):- Нижний Новгород, 2001.
2. Кохтев Н.Н. Реклама: Искусство слова. - М., 1997, 212стр.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013 №3, мод. 201; с. 2016, №5, мод. 365;
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013 №3, мод. 201; с. 2016, №5, мод. 365;
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013 №3, мод. 201; с. 2016, №5, мод. 365;
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2003, №8, мод.457; с.2007, №6, мод.432; с.2008, №10, мод.824; с.2011, №12.
7. Мудров А.Н. Основы рекламы. Лит.Рес:2012,135 стр.
8. Толибов Қ.Қ. Омилҳое, ки ба ташаккул ва рушди савдои чакана таъсир мерасонанд // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. - № (30). – С. 239-245.
9. https://farazh.tj/sahifai-asosy/amniyat/omeai-ittiloot-va-zamina-oi-tashakkuljobii-on/
10. https://tojikon.net/articles/2356-asos-oi-u-u-ii-faolijati-reklama.html

ТАШКИЛИ САМАРАНОКИ РАВАНДИ ТАБЛИҒ ДАР ВАО

Дар мақолаи мазкур атрофи реклама ҳамун воситаи муҳимми таблиғотӣ ва муҳаррики самти тиҷорат сухан меравад.

Муаллиф қайд менамояд, ки реклама дар матбуоти даврӣ ҷойгир кардани матни таблиғ дар нашрияҳои даврӣ аст, ки ба паёмҳо ва маводи дорои хусусияти таблиғотӣ тахассус надоранд, бояд бо аломати «реклама» ё аломати «дар бораи ҳуқуқи реклама» замима карда шавад. Ҳаҷми таблиғ дар чунин нашрияҳо набояд аз чиҳил фоизи ҳаҷми як шумораи матбуоти даврии чопӣ зиёд бошад. Талабот оид ба риояи ҳаҷми зикршуда ба нашрияҳои даврие, ки ҳамчун тахассуси хабарҳо ва маводи таблиғотӣ ба қайд гирифта

шудаанд ва дар муқова ва чопи онҳо маълумот дар бораи чунин ихтисос мавҷуд аст, татбиқ намегардад.

Ба андешаи муаллиф, ҳангоми ташкили нашри таблиғотӣ инчунин бояд сегментатсияи бозори саноатиро ба назар гирифт, зеро он дар муносибати дуруст ба банақшагирии ҳаракатҳои таблиғотӣ аҳаммияти кам надорад. Масалан, меъёрҳои минтақавӣ ҳатман бояд хусусиятҳои минтақа, хусусиятҳои демографии шахсони тасмимгиранда, боварӣ ба бренд ва тарзи зиндагӣ ва афзалиятҳои истеъмолии ниҳоиро дар бар гиранд, зеро мувофиқи нақшаи пешбинишуда, интихоби таблиғи мақсаднок ва бозори мақсаднокро арзёбӣ кардан мумкин аст.

Калидвожаҳо: реклама, матн, асосҳои ҳуқуқӣ, ВАО, тарғиби молу маҳсулот, муҳаррики иқтисодиёт, хусусияти таблиғ

ЭФФЕКТИВНАЯ ОРГАНИЗАЦИЯ РЕКЛАМНОГО ПРОЦЕССА В СМИ

В данной статье говорится о рекламе как о важнейшем рекламном инструменте и двигателе направления бизнеса.

Автор отмечает, что реклама в периодической печати- это размещение рекламного текста в периодических изданиях, не специализирующихся на сообщениях и материалах рекламного характера, должно сопровождаться знаком «реклама» или знаком «о праве на рекламу». Объем рекламы в таких изданиях не должен превышать сорок процентов объема одного номера печатного периодического издания. Требование соблюдения указанного объема не распространяется на периодические издания, которые зарегистрированы в качестве специализированных новостных и рекламных материалов и на их обложке и в печатных изданиях имеется информация о такой специальности.

По мнению автора, при создании рекламного издания следует учитывать и сегментацию отраслевого рынка, поскольку она имеет немаловажное значение при правильном подходе к планированию рекламных кампаний. Например, региональные критерии должны обязательно включать характеристики региона, демографические характеристики лиц, принимающих решения, доверие к бренду и образ жизни, а также конечные потребительские предпочтения, поскольку по задуманному плану могут быть оценены выбор таргетированной рекламы и целевого рынка.

Ключевые слова: реклама, текст, правовые основы, средства массовой информации, продвижение продукта, двигатель экономики, функция рекламы.

EFFECTIVE ORGANIZATION OF THE ADVERTISING PROCESS IN THE MEDIA

This article discusses advertising as the most important advertising tool and engine of the business direction.

The author notes that advertising in the periodical press is the placement of advertising text in periodicals that do not specialize in messages and materials of an advertising nature, must be accompanied by the sign "advertisement" or the sign "on the right to advertise". The volume of advertising in such publications should not exceed forty percent of the volume of one issue of a printed periodical. The requirement to comply with the specified volume does not apply to periodicals that are registered as specialized news and advertising materials and on their cover and in printed publications there is information about such a specialty.

11. Расторгуева В. С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров / В. С. Расторгуева. -М.: Наука, 1964. -188 с.

12. Розенфельд А. З. Говоры Каратегина. В кн.: Иранские языки / А. З. Розенфельд. Вып.2. - М.-Л., 1950. С. 145-168.

13. Розенфельд А. З. Дарвозские говоры таджикского языка / А. З. Розенфельд. Труды Института языкознания АН СССР. Т. 6. -М., 1956. -272 с.

14. Розенфельд А. З. Заметки по лексике ванджских говоров таджикского языка / А. З. Розенфельд // Иранский сборник (научный сборник). -М.,1963. С. 68-80.

15. Розенфельд А.З. Название «лангар» в топонимике Таджикистана // Изд. ВГО, М., 1940. - Вып. 6 (72). - с. 861 - 864 с.;

16. Семёнов А. А. Материал для изучения наречия горных таджиков Средней Азии / А. А. Семёнов. Часть 1. -М., 1900. -56 с

17. Соколова В.С., Неменова Р.Л,, Богорад Ю.И. Юго-восточные говоры таджикского языка. Труды Ин-та языкознания АН СССР.т.1.М,1952,-С.156-164

ФОРМИРОВАНИЕ ТАДЖИКСКИХ ГОВОРОВ ЮГА ТАДЖИКИСТАНА В ИССЛЕДОВАНИЯХ РУССКИХ ЯЗЫКОВЕДОВ

В статье автор указывает на огромный научный вклад русских языковедов в области исследовании таджикской диалектологии, особенного таджикских говоров. Автор отмечает вклад русских востоковедов-иранистов А.З. Розенфельд, В.С. Соколовой, Р.Л. Неменовой, Ю.И. Богорад в изучение местных, южнокулябских говоров таджикского языка. Русские языковеды вложили неоценимый вклад в развитие таджикской диалектологии, А.З. Розенфельд изучала каратегинские, ванджские и припамирские говоры таджикского языка. Неоценимый вклад в изучение рогского говора вложила Ю.И. Богорад, которая в течение 50 лет собирала южнокулябские говоры таджикского языка. Она является автором учебника «Русский язык» в таджикских школах, которую написала в 1966 году. В.С. Соколова также занималась сбором таджикских говоров и диалектов, особенно южнокулябские говоры таджикского языка.

Автор в статье освещает результаты проведенных исследований и научный вклад Ю.И. Богорада по говорам населении Рога. Другой русский языковед В. Яблонская изучала южно-кулябские говоры, имеющие распространение в г. Кулябе и к югу от него в близлежащих селениях в Шурообадском районе и южной части Даштиджумского района. Ею опубликована лишь небольшая часть собранных полевых материалов в статье «Особенности даштиджумского говора таджикского языка».

Ключевые слова: говор, сведения, язык, лингвистика, особенность, освещать, исследования, изучение.

ТАШАККУЛЁБИИ ГӮИШҲОИ ТОҶИКОНИ ҶАНУБИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲҚИҚОТИ ЗАБОНШИНОСОНИ РУС

Муаллиф дар мақола вобаста ба саҳми бағоят калони илмии забоншиносони рус, ки яке аз аввалинҳо шуда, дар соҳаи таҳқиқи диалектологияи тоҷик, хусусан, лаҳҷаҳои тоҷикон саҳм гузоштаанд маълумот пешкаш кардааст. Муаллиф саҳми шарқшиносон-эроншиносони рус А.З. Розенфельд, С.В. Соколова, Р.Л. Неменова, Ю.И. Богорадро дар омӯзиши лаҳҷаҳои махаллии қисмати ҷануби Кӯлоб маълумот додааст.Забоншиносони рус дар инкишофи диалектологияи тоҷик саҳми бебаҳо гузоштаанд, А.З. Розенфелд лаҳҷаҳои қаротегинӣ, ванҷӣ ва помирии забони тоҷикиро омӯхтааст. Дар таҳқиқи лаҳҷаи мардумони Роғ саҳми бебаҳои Ю.И. Богорад, ки таи 50 сол лаҳҷаҳои мардумони ҷануби Кӯлобро ҷамъ овардааст, ниҳоят калон аст. Ӯ муаллифи китоби дарсии «Забони русӣ» дар мактабҳои тоҷикӣ буда, онро соли 1966 ба чоп расонидааст. С.В. Соколова гӯишҳои забони тоҷикӣ, хусусан гӯишҳои мардумони қисмати ҷануби Кӯлобро зери таҳқиқ қарор додааст.

Муаллиф дар мақола натиҷаҳои таҳқиқот ва саҳми илмии Ю.И. Богорадро, ки ба лаҳҷаҳои аҳолии Роғ бахшида шудаанд, инъикос кардааст. Забоншиноси дигари рус В. Яблонская гӯишҳои ҷанубии Кӯлобро, ки дар шаҳри Кӯлоб ва қисмати ҷануби он дар ҳудудҳои ноҳияи Шуробод ва ҷануби он, ноҳияи Дашти-Ҷум паҳн шудаанд, мавриди омӯзиш қарор додааст. Вай дар мақолаи «Хусусиятҳои хоси гӯишҳои забони тоҷикони Дашти-ҷум» танҳо як қисми ками маводи ҷамъовардаи саҳроиашро ба табъ расонидааст.

Калидвожаҳо: лаҳҷа, иттилоот, забон, забоншиносӣ, хусусият, барҷаста, таҳқиқот, омӯзиш.

FORMATION OF TAJIK DIALECTS OF THE SOUTH OF TAJIKISTAN IN THE RESEARCH OF RUSSIAN LINGUISTS

In the article, the author points out the enormous scientific contribution of Russian linguists, pioneers in the field of research of Tajik dialectology, especially Tajik dialects. The author notes the contribution of Russian orientalists and Iranianists A.Z. Rosenfeld, V.S. Sokolova, R.L. Nemenova, Yu.I. Bogorad to the study of local, southern Kulob dialects of the Tajik language. Russian linguists made an invaluable contribution to the development of Tajik dialectology, A.Z. Rosenfeld studied the Karategin, Vanj and Pamir dialects of the Tajik language. An invaluable contribution to the study of the Rog dialect was made by Yu. I. Bogorad, who collected the southern Kulob dialects of the Tajik language for 50 years. She is the author of the textbook «Russian language» in the Tajik school, which she wrote in 1966. V.S. Sokolova also collected Tajik dialects and subdialects, especially the southern Kulob dialects of the Tajik language.

The author also notes the results of the research conducted by Yu.I. Bogorad, which were published in a large article, «Rog dialects of the Tajik language». Another Russian linguist V. Yablonskaya studied the southern Kulob dialects, which are widespread in the city of Kulob and to the south of it in nearby villages in the Shuroabad district and the southern part of the Dashtijum district. She published only a small part of the collected materials in the article «Features of the Dashtijum dialect of the Tajik language.»

Key words: speech, information, language, linguistics, feature, highlight, research, study.

Сведения об авторе: Махмадализода Нурангез - ассистент кафедры русского языка и литературы Дангаринского государственного университета. (881000093).

Маълумот дар бораи муаллиф: Маҳмадализода Нурангез- ассистенти кафедраи забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Данғара(881000093)

Information about the authos: Mahmadalizoda Nurangez –- assistant at the Department of Russian Languages and Literature at Dangara State University(881000093)

ТДУ:82/81 (2-тоҷ)
С-25

ОМОНИМҲО (ТАҶНИС) ДАР АШЪОРИ ХОҚОНИИ ШЕРВОНӢ

Шафоати С., муаллими калон
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Омоним ё таҷнис дар забоншиносӣ вожаҳоеро меноманд, ки таркиби овозии якхела дошта, аммо маъноҳои гуногунро ифода мекунанд.

Агар калимаҳои сермаъно бо маънои навашон бо маънои аслии калима алоқаманд бошанд, пас маъноҳои калимаҳои таҷнис алоҳида ва мустақил мебошанд. Мавриди зикр аст, ки гоҳо вожаҳои ҳамшакл аз вожаҳои сермаъно ба вуҷуд меоянд, лекин дар ин маврид ҳам фарқи маъноӣ ба дараҷаест, ки калимаи нав аз заминаи ибтидоӣ хеле дур рафта, ба сифати воҳиди мустақили луғавӣ таҳассум мегардад. Омонимҳо низ монанди дигар категорияҳои луғавӣ дар назм ҷойгоҳи хоси худро доро мебошанд. Бамаврид истифода бурдани омонимҳо дар назм истеъдоди суханшиносии шоирро нишон медиҳад, зеро ин навъи категорияи луғавӣ бо тобишҳои иловагии хеш аз дигар категорияҳои луғавӣ фарқ мекунад, чунки танҳо дар дохили матни бадеӣ маънои омонимҳо зоҳир меёбад ва берун аз матн мавҷудияти омоним будани вожаҳои истифодашуда ғайриимкон аст. Дар забоншиносии тоҷик доир ба омоним назарияҳои илмии гуногуне дар осори илмӣ аз ҷониби муҳаққиқон аз ҷумла: Ш. Рустамов (1983), А. Рустамов (1984), С. Сабзаев (1979), Р. Ғаффоров (1990), М. Муҳаммадиев (1990), О. Давлатов (1997), Қ. Мухторӣ (2006), Ҳ.Маҷидов (2007), Ш. Исматулло (2007), М. Саломов (2020), М. Каримова (2013), У. Саъдуллоев (2013) ва дигарон баён гардидааст.

Омоним чунин вожаҳое мебошанд, ки ҳам аз ҷиҳати талаффуз ва ҳам аз ҷиҳати овозӣ бо ҳам мувофиқанд, вале аз ҷиҳати маъно аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд ва ҳатто маънии якеро аз маънои дигаре муайян кардан мумкин нест.

Агар вожаҳои сермаъно бо маънои навашон ба маънои аслии калима алоқамандӣ дошта бошанд, пас маъноҳои вожаҳои таҷнис алоҳида ва мустақил мебошанд. Бояд қайд кард, ки баъзе вожаҳои омонимӣ аз вожаҳои сермаъно пайдо мешаванд, вале дар ин маврид ҳам фарқи маъноӣ дида мешавад, ки вожаи нав аз маънои аввалия дур рафта, ба сифати воҳиди мустақили луғавӣ пайдо мегардад.

Дар асл таҷнис шакли шабеҳ, аммо маъноҳои мухталиф мебошад, ки дар забон омонимияи прагматикӣ (ё номуайянӣ) барои тавсиф кардани падидае, ки ду муаллиф «барои ба даст овардани ҳадафҳои мухталиф» аз як василаи забонӣ истифода мекунанд.

Ҳамчун воҳиди забонӣ омонимия ва полисемия ҳарду як шакли луғавӣ дошта, бо шабеҳияти сершумор ба сифати сарчашмаи имконпазири вожаҳо истифода мешаванд. Аммо дар ҳоле ки омонимҳо лексемаҳои алоҳида мебошанд, ки дар як шакл тақсим мешаванд, дар полисемия як лексемаи ягона бо ҳисси сершумор алоқаманд аст. Фарқи байни омонимия ва полисемия одатан дар асоси алоқамандии шабеҳияти мантиқӣ эҳсос мешавад: полисемия ҳиссҳои марбутро дар бар мегирад, дар ҳоле ки ҳиссиёте, ки бо лексемаҳои омонимӣ алоқаманд нестанд.

Дар якчанд луғатҳо фарқи байни полисемия ва омонимияро бо роҳи ворид кардани як унсури полисемия ба вуруди ягонаи луғат ва лексемаҳои гомофонияро ду ва ё зиёда вурудоти алоҳида эътироф мекунанд. Истеҳсолкунандагони луғатҳо дар ин маврид аксар вақт дар асоси этимология қарор қабул мекунанд, ки ин ҳатмӣ нест ва дарвоқеъ дар баъзе ҳолатҳое, ки ду лексема пайдоиши ягона доранд, вурудоти алоҳида заруранд. Таърихан таҷнисҳо пайдоиши муштарак доранд, аммо дар айни замон, онҳо аз ҷиҳати маъноӣ бо ҳам иртибот надоранд. Тафовути омонимия ва полисемия фарқияти осон нест. Ду лексема аз ҷиҳати шакл якхелаанд ё не, аммо алоқамандии маъно масъалаи дарки дуруст аст.

Забоншинос Ш. Исматулло сабабҳои ба вуҷуд омадани омонимҳоро ба се гурӯҳ тақсим мекунад:

1. Аз ҳисоби калимаҳои полисемӣ пайдо мешаванд. Дар полисемия байни маъноҳо вобастагӣ вуҷуд дорад. Ба ибораи дигар, дар он як маъно дар заминаи маънои дигар ба миён меояд. Масалан, калимаи «шона» моҳиятан калимаи полисемӣ мебошад. Он дорои чаҳор маъно (қисми болои даст, асбоб барои ба тартиб овардани мӯй, чангаки моҳигирӣ, қисмати ниҳоли пахта), ки аз рӯйи шакл монандӣ доранд ва он боиси сермаъноӣ гаштааст. Вале дар натиҷаи сутурда шудани алоқаи маъниҳо калима аз доираи полисемия баромада, ба доираи омонимия дохил шудааст.

2. Қисми зиёди омонимҳо дар натиҷаи тасодуфан мувофиқ омадани таркиби овозии калимаҳо ба вуҷуд омадаанд, ба монанди ***шаст, боз, хома, бор, бар*** ва ғайра.

3. Навъи дигари омонимҳо дар натиҷаи мувофиқати овозии калимаҳои тоҷикӣ ва иқтибосӣ пайдо шудаанд, амсоли ***май, хор, бар, пул, арз, ҳаво, суд, ток, газ*** ва монанди инҳо. [10, с. 107]

Дар ҷойи дигар, доир ба омоним забоншинос Шарифова Ф. чунин ибрози андеша намудааст: «Омонимҳо калимаҳое мебошанд, ки навъҳои семантикӣ, сохти грамматикӣ ва талаффузи якхела доранд. Агар дар полисемия калима аз ягон ҷиҳати семантикӣ ба ҳам наздик бошад, дар омонимҳо калимаҳо маъноҳои гуногунро ифода мекунанд. Ғайр аз ин, фарқияти лексикӣ омонимҳо бояд фарқияти грамматикӣ ва калимасозӣ ҳам дошта бошанд. Дар баробари ин, қисме аз калимаҳои омонимӣ натиҷаи инкишофи калима ва сермаъноӣ мебошад». [11, с. 117]

Дар масъалаи мавриди назар адибон калимаҳои ҳамшаклеро ба маънии гуногун кор фармуда, порчаҳои аҷиби муассир ва дилчасп месозанд. Ин боиси он мешавад, ки хонанда дар вақти мутолиаи матн дар хусуси воҳидҳои луғавии ҳамсурати гуногунмаъно фикру мулоҳиза кунад, маънии ҷудогонаи онҳоро дарёфта, аз маҳорати сухангустарии муаллиф лаззат бардорад. Мисли ин гуфтаҳо Хоқонии Шервонӣ низ ҳамчун шоири ширинкалом, чирадаст ва суханшинос вожаҳои омонимиро дар осори хеш хеле моҳирона ба риштаи назм кашидааст.

Мусаллам аст, ки аксари забоншиносон омонимҳоро ба ду гурӯҳ – пурра ва нопурра ҷудо мекунанд. Аз он ҷумла, профессор Ҳ. Маҷидов қайд мекунад, ки «омонимҳо ё калимаҳои ҳамовоз ба омонимҳои пурра ва нопурра ҷудо мешаванд. Ба омонимҳои пурра калимаҳое дохил мешаванд, ки ба як гурӯҳи лексикиву грамматикӣ мансуб буда, бо системаи морфологӣ, синтаксисӣ аз ҳам фарқ мекунанд» [2, с. 633]. Дар осори Хоқонӣ ин навъи омонимҳо хеле зиёд мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки ин яке аз ҷанбаҳои ҳунари шоирӣ ва суханофаринии Хоқониро нишон медиҳад. Дар давоми таҳқиқ маълум гашт, ки омонимҳои мавриди корбарӣ қарордодаи шоир бештарашон вожаҳои аслии тоҷикӣ мебошанд.

Шона- асбоби ба тартиб овардани мӯйи сар:

Рӯйи софит бояд оинавор,
Ҳамчу дандони ***шона*** гил чӣ хӯрӣ?

Шона: китф:

То зи дастам рафту ҳамзонуи ноаҳлон нишаст,
Шуд кабуд аз ***шонаи*** даст оинаи зонуи ман [15, с. 430].

Шона дар фарҳанг чунин маъноро дорост: 1. асбоби махсуси дандонадор, ки бо он мӯйро ҳамвор мекунанд ва ба тартиб медароранд. 2. дӯш, устухони китф, ҷойи пайвастани даст ба тана [8, с. 597]. Ин ду маъниро шоир моҳирона ба қалам додааст.

Калимаи ***чанг***. Ин калима дар забони тоҷикӣ ба се маъно меояд: а) панҷаи даст бо ангуштони хамида.., маҷ. тассаллут, тасарруф, дар чанги касе будан...,б) яке аз созҳои тордори камоншаклу хамида ва в) гард (чангу гард) [8, с. 109]. Дар осори Хоқонӣ мо бо ду маънои аввали ин калима вохӯрдем:

Чанг – чангол:

Аз ***чанги*** ғам халос таманно кунам зи даҳр,
К-афғон ба нойу ҳалқ чу арған дароварам [15, с. 330].

Чанг – асбоби мусиқӣ:

Гесӯи ***чангу*** раги бозуи барбат бибуред,
Гиря аз чашми найи тезнигар бикшоед [15, с. 322].

Чанг асбоби мусиқиест, ки овози форам дорад ва аз қадим дар байни мардум машҳур аст, вале дуруст аст, ки ин асбоб дар қадим шакли сохташ дигар буду дар замони ҳозира он дигар аст. Чангро бисёртар шоирон ба ду зулфи ёр монанд мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки ҳам тобишҳои маъноии вожаҳои сермаъно ва ҳам вожаҳои омонимӣ моҳияти маъноии худро танҳо дар матн зоҳир мекунанд ва умумияту фарқияти онҳо низ танҳо дар заминаи ҳамнишинии онҳо бо вожаҳои дигар муайян мешаванд.

Бо мурури замон гурӯҳи калимаҳое, ки хусусияти омонимӣ пайдо мекунанд, ҷанбаи сермаъноияшон аз байн меравад, чунки ҳодисаи омонимӣ дар низоми семантикии забон ҳангоми тасодуфан ба ҳам ҳамовоз шудани вожаҳо пайдо мегардад. Масалан, вожаҳои ***тор, дар, боз, шаст*** дар забони тоҷикӣ яке аз он вожаҳоеанд, ки омонимҳои хеле зиёд доранд ва маъноҳои онҳо дар натиҷаи ҳамнишинӣ бо дигар вожаҳо дар матн муайян мегарданд.

Тор ба маънои аслии нах-ришта, дуюмаш шаби торикро ифода мекунад:

Чун мӯйи хук дарзани тарсо бувад, чаро
Тори ридои руҳ ба дар зан дароварам? [15, с. 334].
Шаби ***тору*** раҳи дуру хатари муддаиён,
То дари дӯст, надонам, ба чӣ унвон бирасам [15, с. 422].

Ҳамгунаи дигар вожаи ***дар*** мебошад. ***Дар*** – табақае, ки кушода ва пӯшида мешавад:

Ӯ рафту дилам боз наёмад зи бараш,
Ман чашм ба раҳ, гӯш ба ***дар*** бар асараш [16, с. 67].

Дар – пешоянд:

Мил ***дар*** чашми амал каш, то набинад **дар** ҷаҳон,
К-аз ҷаҳон ториктар зиндонсарое барнахост [15, с. 359].

Дари аввал ба маънои ҳавлӣ, замини дар пеши дар воқеъшуда ва дари дуюм маънои аслиро ифода мекунад.

Бар ***дараш*** ҳалқабагӯшам чу ***дараш***,
Аз ***дар*** он нола мураттаб чӣ хуш аст [15, с. 371].

Дари дигар ба маънои берун шудан, баромадан кор фармуда шудааст:

Ҳар сол бад-он ояд хуршед ба Ҷавзо ***дар,***
То бо камар аз пешат гӯянд, ғулом аст он [15, с. 433].

Боз **–** навъи парандаи қавичанголи нӯлдароз, ки паррандагон ва ҳайвоноти майдаро шикор мекунад [9, с. 223]**.**

Шер ба чанголи унф гардани оҳу шикаст,
Боз ба минқори қаҳр боли кабутар гирифт [15, с. 370].

Вожаи ***боз*** ба маънои бори дигар, аз нав, муҷаддадан, такроран, дубора низ истифода шудааст [15, с. 223].

Боз ниёзам ба шоҳиду маю шамъ аст,
Ҳар се туӣ, з-он ба сӯи туст ниёзам [15, с. 415].

Аслан, вожаи ***шаст*** **–** шумораи миқдорӣ, шаш бор даҳ, адади шаст аст.

Сесаду ***шаст*** рагам зинда шавад, чун бидиҳад,
Сесаду шаст дирам санг гуҳар в-аз з-онам [15, с. 389].

Ҳамзамон**,** калимаи ***шаст*** **–** бо суръат, чобук ва тез ҳаракаткунанда

Аз ***шасти*** ишқи нав напарад ҳеҷ новаке,
К-он боз қазои чарх баробар намешавад [15, с. 372].

Инчунин, ***шаст*** **–** қуллоби моҳигирӣ, банд

Ғуссаи осмон хӯрам, дам назанам, дареғи ман,
Дар хами ***шасти*** осмон баста манам, дареғи ман [15, с. 427].

Вобаста ба омонимҳои нопурра забоншинос Маҷидов Ҳ. менигорад, ки «баръакси омонимҳои пурра омонимҳои нопурра ё ноқис ҳатман ба гурӯҳҳои гуногуни лексикиву гамматикӣ дохил шуда, системаи парадигмавии мухталиф доранд ва бо ҳамнишинии лексикиву синтаксисии худ ба пуррагӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Ба вуҷуд омадани онҳо

натиҷаи ба ҳам монандшавии ин ё он ҳалқаи парадигмавии калимаҳои гуногун мебошад». [2, с. 64]. Ба ин гурӯҳи омонимҳо мо вожаҳои **бод, дур, дод, хон** ва амсоли инҳоро дохил кардем.

Бод – насими саҳаргоҳ:

Эй субҳ, маро ҳадиси он маҳ кун,
Эй ***бод***, маро зи зулфаш огаҳ кун,
Эй қурсаи офтоб, пеши ман
Бикшой забону қасди он маҳ кун [15, с. 427].

Маънои дигари ***бод*** дар байт чунин омадааст: ***Бод*** – шакли кӯтоҳшудаи бошад (дар хитоб): зинда бод!, нест бод!.

Бӯсагоҳи осмон наъли саманди ту ***бод***,
Нурдиҳӣ офтоб бахти баланди ту ***бод***.
Сурмаи Хоқонӣ аст, хоки сари кӯйи ту,
Афсари хоқони Чин наъли саманди ту ***бод***! [15, с. 375].

Дур – дурӣ:

Дур аз ту гузашт рӯзи умрам,
Наздик шуд офтобзардаш [15, с. 386].

Дур(р)-марворд, гавҳар

Нӯш аз кафи ту мазему аз марҷонат,
Дурр аз лаби ту чашему аз дандонат [15, с. 461].

Вожаи ***дур*** дар «Фарҳанги осори Ҷомӣ ду тарз шарҳ дода шудааст. ***Дур*** I... 1) зидди – наздик . 2) ғойиб, гум; нопадид; 3) берун, хориҷ; 4) бемислу монанд; 5) оҷиз, нотавон. ***Дур II***. //Дурр 1) марворид: 2) киноя аз дандон. 3) мурод аз Юсуф [6, с. 236].

Омоними дигар, ки онро мавриди таҳлил қарор медиҳем, вожаи “дод” аст.

Дод – адл, инсоф:

Доди сухан диҳам, ки замона ба рамз гуфт:
Он ёфтам зи ту, ки зи Ҳассон наёфтам [15, с. 393]

Дод – аз асоси замони гузаштаи додан манша гирифтааст.

Масеҳо хислато, қайсарнажодо,
Туро савганд хоҳам ***дод*** ҳаққо [15, с. 339].

Дар радифи он ки омонимҳо дар забон бо шаклу талаффузи монандияшон барои ифодаи маъно ва мафҳумҳои гуногун хизмат менамоянд, ҳамчунин онҳо дар забон ҷанбаи ҳунариро низ ба худ касб кардаанд. Доир ба ин Мирҷалолиддини Каззозӣ чунин ибрози андеша кардааст: «Ҳамгунӣ ё ҷинос аз орияҳое аст, ки дар сухан ороста ва ҳунарварона корбурде густурда ёфтааст. Ин орияи нек хунёи дарунии суханро судманд ва корсоз метавонад уфтод. Ҳамгунӣ он аст, ки дар миёни ду вожа битавон ба гунаи вижа аз диди рехт ва сохтои овоӣ, ҳаммонандӣ ва пайвандии наздик ёфт. Ду вожаи ҳамгунро ду пояи ҷинос меномем» [Мирҷалолиддин Каззозӣ 1387, с. 48]

Хон – ҳукмрон:

Ба як лафз он се ***хон*****ро** аз чаҳи ашк,
Ба саҳрои яқин орам ҳамоно [15, с. 337].

Хон – алвон, дастархон:

Аз дида ҷуръадон кунам, аз рух намакситон,
То нӯши ҷому хуш намаки ***хон*****и** кистӣ? [15, с. 452].

Хон – хондан, даъват кардан:

Бирафтам пеши шоҳаншоҳи ҳиммат, то замин бӯсам,
Ишорат кард давлатро, ки боло **хону** биншонаш [15, с. 343].

Хон – гуморидан (таъйин кардан):

Заҳри ғами хешам деҳ, то умри хушат гӯям,
Хоки дари хешам ***хон***, то тоҷи сарат хонам [15, с. 410].

Зан – асоси замони ҳозира-ояндаи феъли задан:

Ниқоб барфикану оташе ба ҷонам ***зан,***
Зи дидаи тари ман ҳамчу шамъ об бирез [15, с. 384].

Зан – ҷинси муқобили мард:

Мурғону моҳӣ дар ватан осудаанд, илло ки ман,
Бар ман ҷаҳоне марду ***зан*** бахшидаанд, илло ки ту [15, с. 437].

Чор – интизор, мунтазир

Як ваъда дар ду моҳам дода, ки мебиёям,
Чокар ба интизорат ду чашм ***чор*** карда [15, с. 446].

Чор – шакли кӯтоҳи шумораи миқдории чаҳор:

Ба як-ду шаб ба се-***чор*** аҳл панҷ-шаш соат,
Ба ҳафт-ҳашт ҳиял нӯҳ-даҳ орзу рондем [15, с. 396].

Агар мо ба низоми маъноӣ ва мавҷудияти вожаҳои омонимҳо дар забон назар афканем, мефаҳмем, ки онҳо дорои ду рукни муҳимми сохторӣ ва маъноӣ доранд, якум онҳо аз ҷиҳати сохтори овозӣ, яъне шакл дар навишт ба ҳам монандӣ доранд ва дувум, аз нигоҳи талаффуз, махсусан, мавқеи зада аз ҳамдигар то андозае тафовут доранд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз вижагиҳои муҳимми омонимҳо дар забони осори назмӣ аз он иборат аст, ки шоирон онҳоро дар як байт пайи ҳам меоранд, ки ин ду ҷиҳати услубӣ дорад: якум, ҳангоми пайи ҳам овардани омонимҳо хонанда водор мешавад, ки маънии вожаҳои ба ҳам монандро дарёбад ва дуюм вақте ки вожаҳои ҳамгун пайи ҳам оварда мешаванд, овозҳои ба ҳам монанди онҳо барои таъмини хушоҳангӣ, нағмаи ҳарфҳо мусоидат менамояд.

Вожаи ***сад*** дар ин байт ба ду маънӣ истифода шудааст. Сади (садд) аввал ба маънои бастан, гирифтани пеши чизе, 2. он чӣ ду чизро аз ҳам ҷудо мекунад, монеа, сади дуюм бошад, ба маънои шумораи миқдорӣ, адад. [8, с. 173]

Эй кушта маро лаъли ту монанд ба ***сад,***
В-эй кӯшта ба дандони бусад, ошиқи ***сад*** [16, с. 59].

Дар ин рубоӣ шоир вожаҳои ***соз*** ва ***бозиро*** басо ба маврид истифода намудааст. Вожаи аввали соз маънои найранг ва дуюм маънои сохтанро доранд. [8, с. 262] Бозӣ ду маънои зиддиятиро дорост. Вожаи аввал маънои машғулияти шавқу ҳавасангез ё амали дигар барои андармонӣ, вожаи дувум бошад, аз асоси замони ҳозираи бохтан сарчашма мегирад. [9, с. 223]

То кай ба ҳавас чун саги тозӣ тозӣ,
Рӯбоҳсифат ба ҳила ***созе созӣ.***
Аз лавҳу лаъаб наӣ даме воқифи хеш,
Тарсам, ки ҳама умр ба ***бозӣ бозӣ*** [15, с. 464].

Дар осори Хоқонӣ як навъи омонимҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар шаклҳои гуногуни ибораю таркибҳо истифода шуда, бо ҳам шаклан ҳамгун мешаванд. Яъне, ин навъи вожаҳо дар шакли навишторӣ ба ҳам монанд буда, ҳангоми талаффуз бо теъдод ва ҷойи зада аз ҳамдигар тафовут доранд.

Имрӯз ***ду ҳафта-ст***, ки рӯйи ту надидам,
В-он моҳи ***дуҳафт*** аз хами мӯйи ту надидам [15, с. 414].

Дар ин байт вожаи таркибии ***ду ҳафта*** аз ҷиҳати маъноӣ бо ҳам омоним шудаанд. Дар байти аввал дорои маънои ду ҳафтаро фарогиранда мебошад. Дар байти дувум ба маънои моҳи наве, ки чордаҳрӯза мебошад, маҷозан маҳбуба истифода шудааст.

Дилам дардманд аст, боре ***барафкан,***
Бар афкандаи худ назар беҳтар афкан [15, с. 429].

Вожаи ***барафкан*** дар мисраи аввал ба маънои нигоҳ кардан, назар афкандан ва дар мисраи дувум ба маънои дур андохтан омада, бо ҳам омоним шудаанд.

Хулоса, омонимҳо бо тамоми хелҳояшон дар забони шеър ҷойгоҳи махсусро касб намуда, дар талаффузҳои ба ҳам монанд ё ба ҳам наздик барои баён кардани маъноҳои мавриди назари шоирон хидмат мекунанд. Тавре аз таҳлилҳои боло бармеояд, шоири нозукбин Хоқонии Шервонӣ бо истифода аз вожаҳои омонимӣ ҷанбаи хушоҳангии осори

худро таъмин намудааст ва ҳам бо истифода аз ин категорияи луғавӣ маъноҳои гуногунеро дар талаффузи якхелаи вожаҳо баён кардааст. Ҳамин тариқ, омонимҳо ба шоирон имконият фароҳам меоваранд, ки ҳангоми истифодаи онҳо таъсирбахшии сухани шоиронаи хешро ҷилову неруи тоза бахшанд. Хоқонии Шервонӣ низ дар ашъори худ омонимҳоро хеле бамаврид ва басо моҳирона истифода бурда, тавонистааст осори пурғановати худро дар дили хонанда ҷо намояд, ки ин аз ғанӣ будани таркиби луғавии ашъори шоир дарак медиҳад.

Адабиёт:

1. Ғаффоров Р. Вазифаҳои услубии калимаҳои омонимӣ ва сермаҳно / Р. Ғаффуров // Мактаби советӣ. – №8,1990. – С.16-18.
2. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ. / Ҳ. Маҷидов.– Душанбе: Деваштич, ҷилди 1, 2007. – 255с.
3. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Пайвнд, 2011.–385 с.
4. Мухторов З. Таърихи забони тоҷикӣ / З. Мухторов. – Душанбе: Ҳумо, 2003. – 152 с.
5. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ / М. Норматов. – Душанбе: Маориф, 1995с. 43 – 60.
6. Нуров Амонӣ. Фарҳанги осори Ҷомӣ / А. Нуров. Ҷилди 1.– Душанбе, 1983. – 536 с.
7. Рустамов А. Тағйири маънои калима ва пайдоиши омонимҳои нав / А. Рустамов. // Забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1984.– С.274 – 281
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – Москва, 1969. – 951 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – Москва, 1969. – 951 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – Душанбе, 2008. – 950с.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – Душанбе, 2008. – 945с.
12. Хуршеди Фаршедвард. Таърихи мухтсари забони форсӣ аз оғоз то кунун / Ф. Хуршедӣ. – Теҳрон,1378. – 190с.
13. Ширинбонуи Исматулло. Дафтари ишқ. (Баъзе хусусиятҳои лексикӣ-семантикии ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ) /. – Душанбе: “Ирфон”, 2007, – 144с.
14. Шарифова Ф.Х. Хусусиятҳои вожагонии “Кашфулмаҳҷуб”-и Ҳуҷвирӣ / Ф.Х. Шарифова. – Душанбе: “Ирфон”, 2011. – 140 саҳ.
15. Хони маънӣ (Мунтахаби ашъори Анварии Абевардӣ, Адиб Собири Тирмизӣ ва Хоқонии Шервонӣ) – Душанбе: Адиб, 2011. – 480 саҳ.
16. Хоқонии Шервонӣ. Рубоиёт. – Душанбе, 1999.

ОМОНИМҲО (ТАҶНИС) ДАР АШЪОРИ ХОҚОНИИ ШЕРВОНӢ

Муаллифи мақола кӯшиш кардааст, ки нақши омонимҳоро дар осори яке аз адибони адабиёти классики тоҷик Хоқонии Шервонӣ нишон диҳад. Дар мақола якчанд калимаҳои омонимӣ таҳлил гардидаанд, ки онҳо дар забони адабии муосири тоҷик мавриди истеъмол қарор доранд. Омонимҳо дар осори Хоқонии Шервонӣ хусусиятҳои гуногуни худро доро буда, Хоқонӣ ҳамчун адиби бомаҳорат калимаю ифодаҳои омонимиро моҳирона мавриди корбурд қарор додааст.

Муаллифи мақола чунин менигорад, ки низоми маъноӣ ва мавҷудияти вожаҳои омонимҳо дар забон ду рукни муҳимми сохторӣ ва маъноӣ доранд, якум онҳо аз ҷиҳати сохтори овозӣ, яъне шакл дар навишт ба ҳам монанд ҳастанд ва дувум, аз нигоҳи талаффуз, махсусан, мавқеи зада аз ҳамдигар то андозае тафовут доранд. Бояд қайд намуд, ки ҳам тобишҳои маъноии вожаҳои сермаъно ва ҳам вожаҳои омонимӣ моҳияти маъноии худро танҳо дар дохили матн зоҳир мекунанд ва умумияту фарқияти онҳо низ танҳо дар заминаи ҳамнишинии онҳо бо вожаҳои дигар муайян мешаванд.

Калидвожаҳо: вожа, осор, омоним, таҷнис, маъно, сермаъно, категорияи луғавӣ, грамматика.

ОМОНИМЫ (ТАДЖНИС) В СТИХАХ ХОКОНИ ШЕРВОНИ

Автор статьи попытался показать роль омонимов в творчестве одного из писателей-классиков таджикской литературы Хокони Шервони. В статье анализируются несколько слов-омонимов, которые используются в современном таджикском литературном языке. Омонимы в произведениях Хокони Шервони имеют разные характеристики, и как искусный писатель Хокони умело использовал омонимичные слова и выражения.

Автор статьи считает, что семантическая система и существование омонимов в языке имеют две важные структурно-семантические опоры: во-первых, они схожи по звуковому строению, т. е. форме на письме, и, во-вторых, несколько отличаются друг от друга по произношению, особенно положению гласной. Следует отметить, что как смысловые оттенки многозначных слов, так и слов-омонимов проявляют свое значение только внутри текста, а их общность и различие определяются только на основе их ассоциации с другими словами.

Ключевые слова: слово, произведение, омоним, описание, значение, семантика, лексическая категория, грамматика.

HOMONYMS (GEMINATION) IN THE POETRY OF KHOQONI SHERVONI

The author of the article has attempted to demonstrate the role of homonyms in the works of one of the writers of classical Tajik literature, Khoqoni Shervoni. The article analyzes several homonyms that are used in the modern Tajik literary language. Homonyms in the works of Khoqoni Shervoni have their own distinct characteristics, and Khoqoni, as a skilled writer, skillfully used homonyms and expressions.

The author of the article believes that the semantic system and the existence of homonyms in the language have two important structural and semantic pillars: first, they are similar in terms of sound structure, that is, in writing form, and second, in terms of pronunciation, in particular, the position of the stress, they differ from each other to some extent. It should be noted that both the semantic connotations of polysemous words and homonyms reveal their semantic essence only within the context, and their commonality and differences are determined only in the context of their association with other words.

Keywords: word, work, homonym, gender, meaning, semantic, lexical category, grammar

Маълумот дар бораи муаллиф: Шафоати Сангиҳмад, муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода,. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: 988-70-04-70

Сведения об авторе: Шафоати Сангихмад, старший преподаватель кафедры лингвистики и журналистики Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6. Тел.: 988-70-04-70

Information about the author: Shafoati Sangikhmad, Senior Lecturer, Department of Linguistics and Journalism, Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhammadiyev Street, 17/6. Tel.: 988-70-04-70

ТДУ:82-95+821 (075.3)
Р-33

МАФҲУМ ВА АҲАММИЯТИ МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР РАДИОСТАНСИЯҲОИ МАВҶИ FM

Рӯзиева Б.Н., докторанти PhD
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар шароити ҷаҳони муосир, воситаҳои ахбори омма, хусусан радио ҳамчун яке аз самтҳои таъсиргузори иттилоотӣ, дар равандҳои иҷтимоии ҷомеа нақши калидӣ мебозанд. Радиостансияҳои мавҷи FM, ки бо шароити техникии худ ба шунавандагони васеъ ва гуногун дастрасанд, имрӯз ба яке аз абзорҳои муҳимми тарғиби афкор ва инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ табдил ёфтаанд. Мақсади ин мақола таҳлили тарзу усулҳои инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ дар радиостансияҳои FM, баррасии муҳтавои барномаҳо ва арзёбии таъсири онҳо ба шунавандагон мебошад.

«Ҳоло пахши радио пас аз интернет мавқеи аввалро ишғол мекунад… дастрасӣ ба ахбори оҷилӣ осонтар ва роҳҳои нави иртибот бо аудитория … барои радио ҳам мусоид менамояд»

Радио яке аз муҳимтарин васоити электронии алоқа ба ҳисоб меравад ва функсияҳои ахборотӣ, тарбиявӣ, таълимӣ, ташкилотӣ ва шавқангезиро ба уҳда гирифта, барои баён ва ҷо ба ҷо кардани афкори ҷамъиятӣ мусоидат менамояд. Ташкил ва ба самъи шунавандагон расонидани асари радиоӣ ин санъати ба худ хосро молик аст. Фаъолияти журналист аз болои ин ё он мавод, аз нуқтаи назари табиати эҷодӣ ба имконият ва шароити коллективи стансияҳои радиошунавонӣ вобаста аст.

Масъалаҳои иҷтимоӣ — ин мушкилотеанд, ки як ё якчанд қишрҳои аҳолиро дар ҷомеа фаро мегиранд ва ҳалли онҳо на танҳо бо талоши шахсони алоҳида, балки бо кӯшиши ҷомеа ва сохторҳои давлатӣ вобаста аст. Аз ҷумла, сатҳи камбизоатӣ, бекорӣ, муҳоҷират, зӯроварӣ дар оила, ҳуқуқвайронкуниҳо, мушкилоти ҷавонон ва занон, нашъамандӣ, ВНМО, нобаробарии иҷтимоӣ ва дигарон метавонанд мавзуи барномаҳои иҷтимоӣ бошанд. [1, с. 66]

Нақши ин воситаи муқтадири ахбор дар худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ боз ҳам муассиру омӯзанда мебошад. Баҳри таҳким бахшидани рукнҳои ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, яъне худшиносию худогоҳӣ, муттаҳидӣ, дӯстию бародарӣ, сулҳу саодат, некӯаҳволӣ ва ғайра тавассути радио корҳои назаррасро метавон ба сомон расонид. Ба таъкиди Пешвои миллат, рисолати асосии радио ба вуҷуд овардани афкори умумии созанда ва солим аст. Инъикоси «зинаи аввали давлатсозӣ» тариқи барномаву гуфторҳои радиоӣ таъсирмон арзёбӣ мегардид. Замони муосир даврони боз ҳам масъулиятнок маҳсуб ёфта, тақозо менамояд, ки бо ҳаёт ва фаъолияти ҳар фарди ҷомеа «консепсияи давлатсозӣ» ҳамоҳанг сохта шавад. Дар ин замина, фаъолияти масъулини радио баҳри арзёбии воқеъбинонаи ин раванд беш аз пеш муҳим ва зарур мебошад. Дар мавриди пахши радио, бо боварӣ метавон гуфт, ки ин расонаи анъанавии мултимедиавӣ мунтазам дар ҳоли рушд қарор дорад. [2, с. 3]

Радиостансияҳои мавҷи FM бештар бо шунавандагони ҷавон, сокинони шаҳр ва гурӯҳҳои фаъоли иҷтимоӣ кор мекунанд. Бо истифода аз барномаҳои зинда, ток-шоуҳо, мусоҳибаҳо ва репортажҳои саҳнавӣ, ин радиостансияҳо имконият доранд масъалаҳои муҳимми иҷтимоиро ба таври ҷолиб ва фаҳмо ба ҷомеа расонанд. Барномаҳои иҷтимоие, ки дар радиои FM пахш мешаванд, ду вазифаи асосӣ доранд:

Иттилоърасонӣ ва огоҳсозӣ – радиостансияҳо масъалаҳоро бо забони оммафаҳм баён намуда, шунавандаро дар бораи ҷанбаҳои гуногуни он хабардор месозанд;

Ташаккули афкори ҷамъиятӣ – тавассути гуфтугӯҳои интерактивӣ, радио на танҳо иттилоъ медиҳад, балки муҳити баҳсу баррасиро фароҳам месозад, ки метавонад ба тағйири назарҳо ва мавқеи иҷтимоӣ мусоидат кунад. [5, с. 268]

Агар дар бораи диапазони FM сухан ронем, маълум мегардад, ки радио дар ин диапазон бо вижагиҳои хоси худ фарқ менамояд. Тасаввур кардани ояндаи ВАО берун аз интернет ғайриимкон аст. Дар робита ба ин, омӯзиш ва фаҳмиши имкониятҳо ва тамоюлҳои муосири рушди радио дар муҳити интернетӣ хеле муҳим аст. Ин омил ҷиҳати баланд бардоштани сифати кори рӯзноманигорон муосидати амиқ менамояд.

Радиои тоҷик тули фаъолияташ худро чун воситаи асосии ахбори фаврӣ, таблиғу ташвиқ, чун воситаи сафарбаркунандаи омма нишон дода, дар шабу фарози мардум ҳамеша ҳамсафар аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мавзуъҳои зерин бештар дар радиостансияҳои FM матраҳ мешаванд:

- Муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъсири он ба оила;
- Мушкилоти ҷавонон: бекорӣ, нашъамандӣ, дастрасии таълим;
- Зӯроварӣ дар оила ва ҳуқуқи занон;
- Масъалаҳои муҳити зист ва обу ҳаво;
- Тағйироти қонуни иҷтимоӣ ва сиёсати иҷтимоии давлат.

Шаклҳои пахшшуда низ гуногунанд:

- ✓ Барномаҳои ток-шоу бо иштироки мутахассисон ва шунавандагон;
- ✓ Мусоҳибаҳои иҷтимоӣ бо коршиносони соҳа;
- ✓ Радиотеатрҳо ё сенарияҳои радиофилм дар мавзуъҳои иҷтимоӣ;
- ✓ Ахбор ва гузоришҳо дар бораи ҳодисаҳои муҳимми иҷтимоӣ;
- ✓ Радиоаксияҳо ва флешмобҳо, ки ҳадафи онҳо ҷалб кардани афкори ҷамъиятӣ ба як мушкили мушаххас аст.

Радиоҳои Тоҷикистон дар диапазони FM вобаста ба минтақа кам нестанд. Танҳо дар шаҳри Душанбе радиостансияҳои «Азия-плюс» (107 FM), «Ватан» (106 FM), «Ховар» (101.5 FM), «Радиои Нав» (95.5 FM), «Лав радио» (88.8 FM), «Авторадио» (103.7 FM), «Имрӯз» (107.5 FM), «Ҳамсадо» (94.4 FM) фаъолият менамоянд. Радиои Тоҷикистон ва шабакаҳои он низ тибқи зарурат ва талаботи аудитория ба мавҷи FM гузашта, ҳамарӯза барномаҳояшонро пахш мекунанд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ васоити электронии ахбор, хосатан соҳаи радиошунавонӣ рушд намуд. Мо ҳамарӯза ба воситаи радио на танҳо роҷеъ ба рӯйдодҳои ҷаҳон бохабар мешавем, балки одамон аз фаъолият, орзую ният, андеша ва нақшаҳои ҳамдигар воқиф гардида, мусиқӣ, панду насиҳат мешунаванд ва ба дигарон маслиҳат медиҳанд. Хушоянд аст, ки вижагиҳои рушди радиошунавонӣ аз ҷониби устодони кафедраи телевизион ва радиошунавонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда омӯзанда мебошад. Аз ҷумла, мақолаи устод Сангин Гулов дар «Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» барои муҳаққиқон роҳнамои хубест.

Аз таҳлили бисёрҷонибаи мундариҷаи радиостансияҳо ва нуктаи назари ҷузъи мултимедиявии онҳо маълум мегардад, ки усулҳои нашри намудҳои гуногуни мавод – ҳам бо маҳсулоти эфирӣ ва ҳам берун аз эфир алоқаманд буда, омезиши самараноки шаклҳои гуногуни ВАО дар робита ба формати радиостансияҳо ва хусусиятҳои шунавандагони онҳо фарқ менамояд.

Дар радиоҳои «Ватан» ва «Азия плюс» ҳангоми пеш бурдани барномаҳои гуногун, тақрибан ҳамеша аз масъалаҳои иҷтимоӣ суҳбат сурат гирифта, тариқи интернет тавассути сайтҳои хабарии www.dni.ru ва www.sport.ru истифода мешавад [3]. Истифодаи ин сайтҳо вобаста ба талабот ва дархости шунаванда татбиқ мегардад. Мавод аз сайтҳои интернетӣ асосан дар бахшҳои хабарӣ истифода бурда мешаванд. Истифодаи интернет дар «Новое радио» падидаи ҳамарӯза мебошад. Бояд қайд кард, ки имрӯз аксарияти барномаҳои радио аз интернет истифода менамоянд. Танҳо дар барномаи иттилоотии маҳаллӣ истифодаи интернет маҳдуд аст. Масалан, дар барномаи иттилоотӣ агар 40%-и иттилоот аз интернет бошад, боқимондаи иттилоот 60% иттилооти маҳаллӣ аст. [7]

Сарфи назар аз нақши муҳиммми радиостансияҳо, чанд мушкил дар роҳи инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ мавҷуд аст:

- ✓ Камбуди кадрҳои тахассусии журналистикаи иҷтимоӣ;
- ✓ Мавҷуд набудани сиёсати равшани муҳтавои иҷтимоӣ дар баъзе радиостансияҳо;
- ✓ Фишори сарпарастон ва реклама, ки метавонад муҳтавои барномаҳои иҷтимоиро таҳти таъсир қарор диҳад;
- ✓ Дастнорасии баъзе маводҳо ё манбаъҳои боэътимод барои таҳияи гузоришҳои амиқи таҳлилӣ.

Ба қавли Абрамов В. шабакаҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявии радио бештар ба барномаҳои мусиқавӣ ва фароғатӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба жанрҳои таҳлилӣ камтар рӯ меоваранд. Дар айни замон, радиостансияҳои маҳаллӣ бештар бо иттилоот сару кор доранд. Вале то ҳол дар ҷумҳурӣ радиостансияе вуҷуд надорад, ки дар ҳаҷми «Talk-radio» корро пеш барад. Аксарияти радиостансияҳо маҳз жанри иттилоотӣ-мусиқавиро интихоб намудаанд. Мутахассисон зарурати азнавсозии сохтору фаъолияти радиову телевизион ва ба назар гирифтани талаботи ҷаҳони муосирро нисбат ба кадрҳои журналистикаи электронӣ қайд намудаанд.

Сомонаҳои хушҳолкунандаву иттилоотӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар кори радиоҳои мавҷи FM мунтазам истифода бурда мешаванд. Дар айни замон, дар Тоҷикистон танҳо якчанд сомонаҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ кор мекнанд, ки ба ин гурӯҳи медиоӣ, аз қабили «Азия плюс», «Пресса.тҷ» ва амсоли онҳо дохил мешаванд. Имрӯз аксарияти радиостансияҳо дар интернет онлайн пахш мегарданд. Пахши радиоӣ дар реҷаи онлайн имконият медиҳад, ки ҳамлаи шунавандагон бештар гардад. Тавассути интернет шунаванда метавонад барномаҳои мақбули худро вобаста аз он ки дар кадом мавҷи радиоӣ аст, шунавад. Интернет-радио садоро зуд пахш менамояд. Интернет-радио бо назардошти хусусияти синнусолии мардум мусиқиро ба шунаванда омода менамояд, инчунин дар он шоу-барномаҳо, иттилооти мухталифи сиёсӣ-фарҳангӣ, суҳбати пурсишҳои шунавандагон васеъ истифода мешаванд.

Шунавандагони радио аз радио-интернет фарқ мекунанд. Дар онлайн радио шунавандагон асосан истифодабарандагони фаъоли Интернет мебошанд. Шумораи зиёди он ҷавонони 15-35 сола ҳастанд, ки бештар ба барномаҳои фароғатӣ ва дилхушкунанда шавқ доранд. Садое, ки тавассути Интернет-радио пахш мегардад, сифатан аз мавҷи радиои анъанавӣ фарқ мекунад. Он бе ягон камбудии овозӣ, тоза ва фаҳмо пахш мегардад.

Дар замони муосир рақобати бозорӣ редаксияҳои васоити ахбори оммаро водор месозад, ки барои дар ин рақобат истодагарӣ намудан на танҳо маҳорати журналистӣ, балки базаи техникиву технологияи истеҳсоли иттилоотро инкишоф медиҳанд. Ин чизро равандҳои инноватсионӣ тақозо менамояд. Технологияи рақамӣ, робитаҳои маҳвораӣ, васоити компютерӣ сифати барномаҳои телевизиону радиоро баланд намуда, дар назди журналистон дурнамои инкишофро пеш мегузорад.

Бо вуҷуди он ки шаклҳои гуногуни телекоммуникатсионӣ инкишоф ёфтааст, радио мавқеи аввалаи худро гум накардааст. Зеро фаврият суръатнокии пахш намудани иттилоот боқӣ мондааст, дастрасӣ, оммавият ва муассирии сухани самимӣ ба дили шунавандагон роҳ ёфтааст. Ба қавли муҳаққиқ Ворошилов В.В. «…бо вуҷуди он ки дар ташкил намудани таҳияи барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ мавқеи асосӣ на ба техника ва технология, балки ба шахсият ва кормандони касбӣ вобаста аст».

Воқеан, симои касбии журналист вобаста ба тақозои замон тағйир ёфтааст. Журналисте, ки барандаи барнома аст, асосан фаъолиятро дар эфири мустақим пеш мебарад. Радио-барномаҳо дар диапазони FM бештар хусусияти машваратӣ ва мусоҳибавӣ гирифта, суҳбат, музокира, посух ба суолҳои шунаванда анъана шудааст, зеро гуфтугӯ хати асосии радиожурналистика мебошад.

Радиостансияҳои мавҷи FM дар муҳити имрӯзаи Тоҷикистон метавонанд, ба унвони воситаи таъсиргузори иҷтимоӣ нақши муҳим бозанд. Барои таҳкими ин нақш зарур аст:

Тақвият додани сатҳи тахассусии журналистони иҷтимоӣ;

Равшан ва устувор сохтани сиёсати муҳтавои иҷтимоӣ дар сохтори ҳар як радиостансия;

Ташвиқи ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ барои дастрасӣ ба маводи амиқ ва манбаъҳои боэътимод;

Густариши шаклҳои интерактивии барномаҳо ҷиҳати ҷалби фаъолонаи шунавандагон.

Бо ин роҳ, радио метавонад на танҳо ба унвони манбаи иттилоот, балки ҳамчун абзори таъсиррасон ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ хидмат намояд.

Адабиёт:

1. Саидмуроди Х. Ташаккули низоми нави шабакаҳои телевизионӣ дар Тоҷикистон // Х. Саидмуроди.- Душанбе, 2024;

2. Бабаева Ф.Д. Защита журналистов в зоне вооруженного конфликта/ Ф.Д. Бабаева Паѐми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2022, - № 4. – С. 268 - 273. ISSN 2413-516X 2.

3. Засурский Я.Н Колонка редактора: Интернет как фактор международной журналистики Вестник Московского университета серия 10. Журналистика. 2011 №1 – С. 5 10. 3.

4. Международная журналистика для чайников [Манбаи электронӣ] – URL: https://media_study.atavist.com/lecture-01 (санаи мурочиат: 12.03.2025). 4.

5. Михайлов С.А., Никонов С.Б. Международное право и законодательство иностранных государств о СМИ. Учебное пособие / С.А. Михайлов, С.Б. Никонов — СПб.: С.-Петерб. гос. ун-т, филол. ф-т, 2012. — 150 с. 5.

6. Муқимов М.А Ҷанги иттилоотӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотӣ/ А.М. Муқимов. Паѐми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2017, - № 4/2. – С. 266 271. ISSN 2413-516X 6.

7. Муқимов М.А Муборизаҳои иттилоотӣ барои идора кардани афкори омма/ А.М. Муқимов. Паѐми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2022, - № 3. – С. 243 251. ISSN 2413-516X 7.

8. Особенности работы журналиста-международника [Манбаи электронӣ] – URL: https://media_study.atavist.com/lecture-02 (санаи мурочиат: 14.03.2025). 8.

9. Полный цикл лекций профессора, д.п.н. С.А. Михайлова в рамках курса «Международная журналистика»/ С.А. Михайлов. [Манбаи электронӣ] – URL: //http://studyjourn.blogspot.ru/2013/01/blog-post_7713.html (санаи мурочиат: 14.03.2025).

МАФҲУМ ВА АҲАММИЯТИ МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР РАДИОСТАНСИЯҲОИ МАВҶИ FM

Мақолаи таҳқиқотӣ таҳти унвони «Мафҳум ва аҳаммияти масъалаҳои иҷтимоӣ дар радиостансияҳои мавҷи FM» ба таҳлили амиқи нақши радиои FM ҳамчун яке аз воситаҳои муассири иттилоърасонӣ ва таъсиррасонӣ ба ҷомеа бахшида шудааст. Муаллиф масъалаҳои муҳимми иҷтимоие чун камбизоатӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, зӯроварӣ дар оила, мушкилоти ҷавонон, нашъамандӣ ва нобаробарии иҷтимоиро баррасӣ намуда, таъкид мекунад, ки радиостансияҳои FM бо истифода аз шаклҳои гуногуни барномаҳо аз ҷумла ток-шоуҳо, мусоҳибаҳо, гузоришҳои таҳлилӣ ва радиотеатрҳо — дар инъикоси ин масъалаҳо саҳми назаррас доранд.

Дар мақола ҳамзамон, ба мушкилоте чун норасоии кадрҳои тахассусӣ, набуди сиёсати равшани муҳтавои иҷтимоӣ, таъсири сарпарастӣ ба мундариҷа ва маҳдудияти дастрасӣ ба иттилооти боэътимод ишора мегардад. Муаллиф истифодаи самараноки интернет ва ҷорӣ намудани шаклҳои интерактивиро ҳамчун омили таҳкими таъсири иҷтимоии радио арзёбӣ мекунад. Хулосаи асосии мақола дар он ифода ёфтааст, ки радиои FM метавонад на танҳо нақши анъанавии иттилоотиро иҷро намояд, балки ҳамчун воситаи

фаъол дар ташаккули афкори умум, баланд бардоштани маърифати шаҳрвандӣ ва мусоидат ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ хизмат кунад. Мақола барои муҳаққиқон, донишҷӯёни риштаи журналистика ва кормандони воситаҳои ахбори омма арзиши амалӣ ва назариявӣ дорад.

Калидвожаҳо: радио, кадрҳо, мутахассис, интернет, омил, иҷтимоӣ, мушкилот, сиёсат, масъала, таъсиррасонӣ, муҳим, таҳлил, инъикос, истифода, восита, объект

КОНЦЕПЦИЯ И ЗНАЧЕНИЕ СОЦИАЛЬНЫХ ПРОБЛЕМ НА FM-РАДИОСТАНЦИЯХ

Научная статья под названием «Понятие и значение социальных проблем в радиостанциях FM-диапазона» посвящена глубокому анализу роли FM-радио как одного из эффективных средств информирования и влияния на общество. Автор рассматривает важные социальные проблемы, такие как бедность, трудовая миграция, домашнее насилие, проблемы молодежи, наркомания и социальное неравенство, подчеркивая, что FM-радиостанции играют значительную роль в их освещении через различные форматы программ, ток-шоу, интервью, аналитические репортажи и радиоспектакли.

В статье также указаны существующие проблемы, включая нехватку квалифицированных кадров в области социальной журналистики, отсутствие четкой редакционной политики по социальному контенту, влияние спонсоров на содержание передач и ограниченный доступ к достоверной информации. Автор подчеркивает важность эффективного использования интернета и внедрения интерактивных форм вещания как средства усиления общественного воздействия радио.

Основной вывод статьи заключается в том, что FM-радио может выступать не только как традиционный источник информации, но и как активный инструмент формирования общественного мнения, повышения гражданской сознательности и содействия решению социальных проблем. Статья представляет интерес как в практическом, так и в теоретическом аспекте для исследователей, студентов факультетов журналистики и сотрудников СМИ.

CONCEPT AND SIGNIFICANCE OF SOCIAL PROBLEMS ON FM RADIO STATIONS

The research article by titled “The Concept and Importance of Social Issues in FM Radio Stations”, provides an in-depth analysis of the role of FM radio as an effective tool for public communication and social influence. The author explores major social issues such as poverty, labor migration, domestic violence, youth challenges, drug addiction, and social inequality, emphasizing that FM radio stations play a significant role in highlighting these issues through various program formats, including talk shows, interviews, analytical reports, and radio dramas.

The article also addresses challenges such as the shortage of qualified personnel in social journalism, the lack of a clear editorial policy on social content, sponsor pressure on program material, and limited access to reliable information. The author highlights the effective use of the internet and the integration of interactive broadcasting formats as key factors for enhancing the social impact of radio.

The article concludes that FM radio can serve not only as a traditional source of information but also as an active instrument for shaping public opinion, increasing civic awareness, and contributing to the resolution of social problems. It holds both practical and theoretical value for researchers, journalism students, and media professionals.

Маълумот дар бораи муаллиф: Рӯзиева Барно Неъматовна, докторанти PhD-и ихтисоси рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров – 16. Телефон:989 00 08 14

Сведения об авторе: Рузиева Барно Нематовна, докторанти PhD специальности журналистики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.

Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Телефон: 989 00 08 14

Information about the author: Ruzieva Barno Nematovna, PhD students in journalism at Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street, 16. Phone: 989 00 08 14

ТДУ:82-95+821 (075.3)
А-14

МАХСУСИЯТҲОИ ЖАНРӢ ВА МАВЗУӢ ДАР МАҶАЛЛАИ «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР»: ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗ

Абдуллоева Ш.Р., докторант
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Омӯзиши таҷрибаи яке аз нашрияҳои асосии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷаллаи «Маърифати омӯзгор», ки қариб сад сол боз фаъолият дорад, дар мавриди истифодаи жанрҳои рӯзноманигорӣ ва интихоби мавзуъ дар илми журналистика ва рӯзноманигории соҳавӣ аҳаммияти муҳимро молик буда метавонад. Дар мақолаи зер кӯшиш ба он равона шудааст, ки матолиби нашрия дар муқоиса ба дирӯзу имрӯз аз рӯйи жанру мавзуъ, замина ва роҳҳои пайдоишу ташаккули онҳо таҳлил карда, шарҳу тавзеҳ дода шаванд.

Бояд таъкид кард, ки маҷаллаи нахустини соҳаи маориф «Раҳбари дониш» (соли 1927) майдони таҷриба ва ташаккули гурӯҳи калони рӯзноманигорон ва адибони тоҷик буд. Дар ин маврид, чӣ тавре ки муҳаққиқ Б. Абдураҳимов иброз доштааст, «аз соли 1928 то нимсолаи соли 1929 маҷаллаи «Раҳбари дониш» симои як нашрияи бадеӣ, адабиётшиносӣ ва таълимӣ-тарбиявиро касб кард». [1, с. 43] Бинобар ин, ҳарчанд дар бораи маҷаллаи мазкур асарҳои зиёди илмӣ чоп шудаанд, ҷанбаҳои ҳанӯз таҳқиқнашудаи он мавҷуд аст, ки муҳимтаринаш инъикоси масъалаҳои соҳаи маориф бо усулҳои журналистикаи ҳозиразамон мебошад. Дар мақолаи мазкур маҳз ҳамин ҷиҳати илмии маҷалла мавриди таҳқиқ қарор хоҳад гирифт.

Таҳлил нишон медиҳад, ки жанрҳои журналистӣ дар нимаи дувуми солҳои бистуми асри гузашта дар замони таъсиси маҷаллаи мазкур ба таври расмӣ шакл нагирифта буд. Ҳарчанд қисмате аз жанрҳои имрӯз дар илми журналистика маъмули хабар, гузориш, мақола, фелетон, суҳбат, мусоҳиба, репортаж дар шакли ибтидоиашон дар рӯзномаи авалини тоҷикии «Бухорои шариф» (соли 1912) ба назар мерасанд, тасаввурот дар бораи мавҷуд будани чунин як жанрҳои рӯзноманигорӣ дар байни худи рӯзноманигорон мавҷуд набуд. Танҳо баъди таъсиси нашрияҳои соҳавии маориф (солҳои 1926-1927) рӯзноманигорӣ дорои баъзе унвонҳои жанрии худ шуд. Истифодаи калимаҳои «ахбор», «сандуқи почта», «мактуб», «гузориш»… ба сифати зерлавҳаи мавод маҳз дар маҷаллаҳои «Дониш ва омӯзгор», «Раҳбари дониш», «Инқилоби маданӣ», «Барои маорифи коммунистӣ», «Мактаби советӣ» ва ғайра аз ҷумлаи онҳост, ки ба пайдоиши жанрҳои рӯзноманигорӣ замина гузоштааст. [Ниг.1, 2, 17, 13] Бо вуҷуди ин, дар нашрияи нахустини соҳаи маориф «Раҳбари дониш» доираи истифодаи жанрҳо хеле маҳдуд буда, танҳо аз мақола, гузориш, хабар, мактуб, ихтор (аз идораи маҷалла) иборат буд. Танҳо дар даврони Истиқлолияти кишвар номгӯи жанрҳо дар матбуоти соҳавии маориф, аз ҷумла «Маърифати омӯзгор» хеле зиёд шуда, метавон онро ба шаклҳои зерин ҷудо кард: 1) хабар; 2) мақола; 3) гузориш; 4) ҳисобот; 5) мусоҳиба; 6) мизи мудаввар; 7) очерк; 8) ҳолнома; 9) эссе; 10) намуна (сенария)-и дарс ва ғайра

Жанрҳои журналистӣ аз унсури сохтории маводи рӯзноманигорӣ буда, мазмуну мундариҷаи мавод унсури мавзуи асарҳоро ташкил медиҳад. Мавзуи асарҳо низ дар солҳои аввали таъсиси маҷалла нисбат ба имрӯза хеле маҳдуд бошад ҳам, аз теъдоди жанрҳо афзунтар буд. Азбаски маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» аз оғози ташкилшавӣ нашрияи

соҳавӣ (соҳаи маориф) дониста мешуд, мавзуи асосии он таълиму тарбияро ташкил дода, аз қисматҳои зерини мавзуӣ иборат буд:

1) Педагогикаи умумӣ.

2) Кӯдакшиносӣ (педология).

3) Усул (метод)-и таълим ва тарбия.

Матолиби боқимондаи маҷаллаи «Раҳбари дониш»-ро аз ҷиҳати мавзую мундариҷа ба қисматҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст, ки аксарияти онҳо бо рубрикаи махсуси худ ҷой дода шудаанд: 1) мақолаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ; 2) адабию адабиётшиносӣ; 3) саломатӣ; 4) дунёи занон; 5) аз соли 1929 мақолаҳои хоҷагии қишлоқ.

Тақсимбандии шаклӣ ва мавзуии мазкурро дар нашрияи имрӯза бо номи «Маърифати омӯзгор» ҳам то андозае метавон мушоҳида кард. Таҳқиқи мо нишон дод, ки матолиби маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» аз ҷиҳати мавзуъ ба ду қисмат ҷудо мешаванд:

1. Масъалаҳои умумӣ; 2) Масъалаҳои маориф.

Қисмати аввалро дар навбати худ ба мавзуъҳои зерин метавон ҷудо кард:

1) суханронӣ ва нуктаҳо аз баромадҳои Президенти кишвар ва ҳамовозӣ ба онҳо;

2) матолиби сиёсӣ, иҷтимоӣ;

3) ҷашнҳои миллӣ ва рӯзу ёдвораҳои шахсиятҳои машҳур;

4) масъалаҳои адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ;

5) таърихӣ ва худшиносӣ;

6) кишваршиносӣ ва экология.

Қисмати дуюм – матолиби соҳаи маориф васеътар буда, ба миқдори бештари мавзуъҳо ҷудо мешаванд:

1) ҳисобот ва таҳлили вазъи соҳа аз тарафи роҳбарони соҳаи маориф;

2) матолиби умумии таълиму тарбия;

3) маводи методӣ ва усулҳои нави таълим;

4) навовариҳои соҳаи таълиму тарбия;

5) сифати таҳсилот ва арзёбии дониш;

6) ҳусну қубҳи китобҳои дарсӣ;

7) тарбиявӣ;

8) тарбияи томактабӣ;

9) усули таълими фанҳои риёзӣ, табиатшиносӣ, техникӣ;

10) варзиш ва саломатӣ;

11) намунаи дарс;

12) матни санадҳои соҳаи маориф ва ҳуқуқӣ;

13) таҳсилоти касбӣ;

14) масъалаҳои дигари мактаб ва маориф.

Чӣ тавре ки мушоҳида шуд, агар дар нашрияҳои аввалини соҳаи маориф мавзуи маориф танҳо аз се қисмат: педагогикаи умумӣ, кӯдакшиносӣ (педология), усул (метод)-и таълим ва тарбия иборат бошад, минбаъд шумораи мавзуъҳо камаш ба 14 адад расида, доираи фарогирии он хеле васеъ гардид.

Шумораи аввалини маҷаллаи соҳаи маориф бо номи «Дониш-биниш» чоп шуда буд. Ҳамин тавр, контенти асосии нашрияҳои аввалини соҳаи маорифро муаллимон донистан мумкин аст. «Пайдоиши «Дониш-биниш» барои аҳли маданияти тоҷик ҳодисаи хурсандибахш буд». [17, с. 130] Маҷалла ҳамчун нашрияи Назорати маориф чопи мақолаҳои соҳаи таълиму тарбияро вазифаи асосии худ донистааст. «Дониш-биниш» аз нигоҳи мавзуъ ва мундариҷа талаботи муаллимонро қонеъ карда метавонист, зеро дар он муаллимон ва зиёиён, хонандагони дигар мақолаҳои ба худ лозимаро пайдо карда метавонистанд». [17, с. 130] Дар бораи аҳаммияти нашрияи мазкур дар фазои маорифи Тоҷикистон муҳаққиқ М. Муродов зикр кардааст: «Ин нашрия бо инъикоси масъалаи ташкили мактабҳои нав, усулҳои замонавии таълим, тартиби дарс, интишори адабиёти таълимӣ ва амсоли ин ба ташаакули муаллимони замони нав нақши муҳим бозид». [6, с. 67] Ин аст, ки дар солҳои душвор ҳам, ки

масъалаи молӣ дар ҷойи аввал меистод, «ҳамаи мактабҳо аз ҳисоби назорати маориф бепул як нусхагӣ аз ин маҷалла мегирифтанд». [17, с. 133]

Чӣ тавре ки зикр шуд, яке аз корҳои намоёни нашрияи аввалини соҳаи маориф дар соҳаи рӯзноманигории тоҷик таъсиси жанр ва рубрикаҳои махсуси рӯзноманигорӣ будааст. Аз ҷумла муҳаққиқ М. Рустам ташкили рубрикаҳои навро яке аз ташаббусҳои мондагори идораи нашрия қаламдод кардааст: «аз шумораи сеюми соли 1928 маҷалла ду рубрикаи нав таъсис додааст: «Ба мо менависанд», «Алоқаи мо бо хонандагон». Ба маълумоти онҳое, ки бо рубрикаи «Ба мо менависанд» шиносанд ва ин рубрикаи ошноро дар бисёр нашрияҳо вохӯрдаанд, мерасонем, ки эҷодкори нахустини он ҳайати таҳририяи «Раҳбари дониш» мебошад». [12, с. 7-8] Дар мавриди рубрикаҳои дигар низ метавон чунин қазоват кард.

Баробари ин, дар фаъолияти рӯзноманигории нашрияҳои соҳаи маориф баъзе норасоиҳо мушоҳида мешуданд, ки имрӯз ҳам дида мешаванд. Яке аз сабабҳои борҳо ном дигар кардани бисёр нашрияҳо, аз ҷумла «Маърифати омӯзгор», агар якум, мувофиқат кунонидани мазмуни нашрия ба талаботи замон бошад, дувум, ислоҳи норасоиҳои мавҷуда буда метавонад. Масалан, муҳаққиқон сабаби асосии аз оғоз дигар шудани номи маҷаллаи «Дониш-биниш»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, сабаби асосиро ба норасоии унсури шаклии он вобаста медонанд. Маҳз ба ин сабаб масъули чоп аз шумораи дувум Собит Манофзода асосан ба масъалаи шаклию ороиш таваҷҷуҳ намуда, «дарвоқеъ барои ороиши техникии маҷалла қувваи зиёде сарф карда, онро дар шакли хеле диққатҷалбкунанда ва бо номи дигар – «Раҳбари дониш» чоп кард». [17, с. 131]

М.Муродӣ норасоии касбиро яке аз камбудиҳои журналистон то ба имрӯз меҳисобад: «Касбият на танҳо ба жанр, балки ба мундариҷа, саҳифа, рубрика, сарлавҳа, титр, муносибат, гуфтор ва рафтор низ иртибот мегирад». [6, с. 106] Яъне, дар он солҳо дар кори техникӣ ва ороиш норасоии касбӣ мушоҳида мегардид. Норасоиҳои мазкур дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон то андозае бартараф гашта, боиси қайд аст, ки дар матбуоти соҳаи маориф, пеш аз ҳама «Маърифати омӯзгор» намунаҳои аввалини истифодаи шаклҳои пешқадами иртибот, шабакаи интернет, сайт ва саҳифаҳои фейсбукӣ, ба роҳ мондани рақами бақайдгирии байналмилалӣ ба вуҷуд омаданд, ки дар фазои журналистикаи тоҷик навоварии инқилобӣ маҳсуб меёбанд.

Бояд гуфт, ки дар мавриди забон ва услуби баён низ нашрияҳои соҳаи маориф пешқадам буда, дар пайдоиши услуби баёни рӯзноманигорӣ саҳм гузоштанд. Қайд шудааст, ки забони «Раҳбари дониш» назар ба матбуоти дигари тоҷик («Овози тоҷик», Самарқанд, соли 1924, «Бедории тоҷик», Душанбе, соли 1925) беҳтар, содаву равон буд. Ин ҳақиқатро муҳаққиқон борҳо қайд кардаанд. М. Шакурӣ зикр намудааст: «Агар забони маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» (Самарқанд, 1919-1921) бо рӯзномаи «Овози тоҷик», Самарқанд, аз соли 1924 ва ё «Бедории тоҷик», (Душанбе, аз 1925) муқоиса шавад, бештар аз ҳама ин чиз ба назар мерасад, ки дар забони ин ду рӯзнома унсурҳои гуфтугӯи авомона ва беқоидагӣ бо суръат афзоиш ёфта ва забон оҳиста-оҳиста аз форсии адабии ҳазорсола дур шудааст». [20, с. 198] Аммо дар «Раҳбари дониш», ки сароғози маҷаллаи имрӯзаи «Маърифати омӯзгор» аст, чунин норасоиҳо мушоҳида нашуданд. Чӣ тавре ки гуфтем, имрӯз ҳам азбаски маҷаллаи мазкур ба феҳрасти нашрияҳои байналмилалӣ ворид шуд, забони он бештар илмӣ ва мантиқӣ гашта, аз ҷиҳати шакл низ дар он талаботи илмӣ риоя шудааст.

Вобаста ба он ки солҳои охир маҷалла дар самти алоқа бо хонандагон, гузаронидани назарпурсиҳо кӯшишҳои назаррас анҷом медиҳад, қавли муҳаққиқ М. Муродовро ёдовар шудан мумкин аст, ки шароит «тақозо менамояд, ки журналистика ба сотсиология бештар майл кунад. Яъне, ба таҳқиқи масъалаҳо ва баррасии онҳо муносибати сотсиологӣ дошта бошад». [6, с. 31-32] Гузоридани назарпурсиҳоро муҳим арзёбӣ карда, муҳаққиқ ҳамчунин илова намудааст, ки нақши матбуотро имрӯз «бе муносибати сотсиологӣ, яъне ба назар гирифтани афкори мардум, таъмини рангорангӣ дар иттилоот тасаввур кардан душвор аст». [6, с. 47] Бо ин мақсад нашрия аз рубрикаҳо, саҳифаҳои махсус ва назарсанҷиҳо истифода мебарад.

М. Муродов, ҳамчунин, мушкилоти имрӯзаи матбуоти давриро аз инҳо иборат донистааст: 1) монанди мазмуну мундариҷаи аксар нашрияҳо, ин ҳолат дар матбуоти соҳавии маориф ҳам ба назар мерасад; 2) ғайрижурналистӣ будани бархе аз матолиб; 3) надоштани коршиносони доимӣ; 4) хусусияти музофотӣ, пойтахтӣ пайдо кардани баъзе нашрияҳо; 5) номувофиқатии матну аксҳои истифодашаванда. Ин ҳолат – номувофиқати акс бо матни истифодашуда дар «Маърифати омӯзгор» низ аз он ҷиҳат ба назар мерасад, ки аз имкониятҳои интернет истифода намуда, аксҳоеро ба кор мегиранд, ки «на танҳо ба мундариҷаи мавод чандон часпон нестанд, балки ба ҳувияти миллии мо мувофиқ намеоянд». [6, с. 65]

Дар мавриди пайдоиши жанрҳо дар матбуоти соҳавӣ, аз ҷумла «Маърифати омӯзгор» метавон гуфт, ки аксар жанрҳои рӯзноманигорӣ имрӯз дар маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» фаровон истифода мешаванд. Аз ҷумла, ҳарчанд яке аз жанрҳои хабарӣ хабар он қадар хоси маҷаллаҳои илмӣ-оммавӣ нест, дар маҷаллаи мазкур он аз соли 2012 бештар ба назар расид. Хабарҳои ин давраи маҷалла то андозае аз жанри маъмулии мазкур фарқ мекунанд. Бештари онҳо аз навъи хабари васеъ мебошанд. Маълум аст, ки хабар ҳамчун жанри хурдтарин «ба саволҳои чӣ? кай? ва дар куҷо ҷавоб медиҳад». [7, с. 125] Агар хабар дар ҳаҷм калонтару дар мазмун васеътар гардад, ба гузориш ё мақола наздик мешавад. Ин аст, ки бисёр хабарҳои маҷаллаҳои соҳаи маориф, аз ҷумла «Маърифати омӯзгор» ба гузориш ва мақолаи хурд монанд шудаанд. Барои мисол, иттилоияи мухбир С.Фазл оид ба ҷаласаи Вазорати маорифи кишвар бо он шуруъ мешавад, ки дар сурогаи зикршуда бо иштироки кормандон ҷаласаи солонаи Вазорати маорифи ҷумҳурӣ доир гардид. Инҳо баромад карданд. Яъне, ба ҳама саволҳои хабар ҷавоби қаноатбахш дода шудааст. Хулоса, пешниҳоду вазифагузорӣ ва нуқтаи назари муаллиф ба чашм намерасад. Аммо ҷумлаи зер «Мо барои таъмини сифати таҳсилот омилҳои муҳиммеро ба кор бурда истодаем: баланд бардоштани такмили ихтисоси омӯзгорон, интихоби роҳу усули таълим, тайёр намудани дастурҳои методӣ, - гуфт Нуриддин Саидов. – Минбаъд таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ду нимсола ва то 7 июн сурат мегирад» [18, с. 7], ба назари мо, тафсили мавод аст, ки ба талаботи хабар ҳамчун жанр мувофиқ намеояд. Хабари дигареро низ мавриди назар қарор додан мумкин аст, ки зери рубрикаи «Мужда» чоп шудааст. Дар он омадааст, ки «тавре масъули бахши китобдории Маркази байналмилалии ISSN аз шаҳри Парижи Франсия дар ҷавоб ба муроҷиати электронии роҳбарияти маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» иттиллоъ дод, аз 14 декабри соли 2012 ба маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» рақами ISSN 2306-4293 дода шуд ва акнун ин нашрия бо калидвожаи «Ma’rifati omuzgor» дар тамоми китобхонаҳои электронии ҷаҳон қобили дарёфт аст. ISSN (International Standard Serial Number – рақами силсилавии стандарти байналмилалӣ) аз ҳашт рақам иборат буда, имкон медиҳад, ки ҳама гуна интишороти силсилавӣ, новобаста аз макону забони нашр, дар системаи китобдории байналмилалӣ ба қайд гирифта шаванд». [5, с. 2] Сипас, ба шарҳи масъала шуруъ карда, қайд мешавад, ки минбаъд хонандагон, кормандони соҳаи илм маводи зарурироз аз чунин нашрияҳои бақайдгирифта дастрас карда метавонанд. Яъне, мақолаҳои унвонҷӯёни дар маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» чопшударо дар сатҳи байналмилалӣ аз тамоми ҷаҳон дастрас карда хондан мумкин аст. Ҳамчунин, шарҳ дода шудааст, ки маҷаллаи мазкур то соли 2006, ки «Маърифат» ном дошт, рақами ISSN дошт ва ба рӯйхати нашрияҳои КОА ФР низ шомил буд. Аммо баъди он ки ба «Маърифати омӯзгор» тағйири ном кард, аз ин бартарӣ маҳрум гашт. Ногуфта намонад, ки дар кори аз нав соҳиби рақами ISSN шудани маҷалла азм ва кӯшиши сармуҳаррири ҳамонвақтаи «Маърифати омӯзгор» С.Набиева калон аст. Ҳамчунин, назар ва ҷамъбасти муаллифи хабар омадааст, ки идораи маҷалла кӯшиш дорад, минбаъд маҷалларо ба рӯйхати нашрияҳои КОА ФР (ВАК) низ дохил намояд. Чӣ тавре ки мебинед, мазмуни ин хабар хеле васеъ буда, ба он ба иловаи ҷавоби саволҳои маъмули жанри мазкур шарҳу тавзеҳ ва хулосаи муаллиф низ ҳамроҳ карда шудааст, ки низ ба талаботи маъмули жанр ҷавобгӯ нест. Ин баёнгари он аст, ки хабари маҷалла аз рӯзнома ва ҳафтаномаҳо то андозае фарқ мекунад.

Ҳамин тавр, махсусияти жанри хабар дар нашрияҳои соҳавии солҳои 1927-1931 аз фаҳмондадиҳӣ, баланд бардоштани маълумоти хонандагон, то андозае тарғиботӣ иборат буд. Чунончӣ, дар гӯшаи анъанавӣ бо номи «Маълумотҳои фаннӣ» 8 хабар ҷой дода шудааст, ҳар яке аз 6-8 сатр иборатанд. Дар онҳо оид ба асбоби обу ҳавосанҷӣ, телефон, баландтарин ва амиқтарин маҳалли кураи Замин, пурхӯртарин одам ва ба ин монанд навигариҳои олам маълумот дода шудааст. Аз ҷумла дар хабари «Шакаргиёҳ» омадааст: «Гиёҳшиноси Порогвой як қисм гиёҳеро кашф намуда, ки халқи он ҷо он гиёҳро аз замони қадим ба ҷои шакар ба кор мебурданд. Намунаи ин гиёҳ дар Оврупо дар мамлакати Инглистон имтиҳон карда мешавад. Агар ҳавои он ҷо баробар ояд, дар олами тиҷорат инқилоби бузурге хоҳад шуд. Аз ин гиёҳ бисёр ба осонӣ шакар ба даст меомада; агар баргҳои он дар офтоб хушконида майда карда шавад, ба ҷои шакар истеъмол кардан мумкин аст. Айнан мисли шакар, балки 200 маротиба аз шакар ҳам ширинтар ва ширинии он ҳамеша боқӣ мемонад». [19, с. 49] Бо ҳамин шаклу мазмун аз шумораи мазкури 8-9-и соли 1928 сар карда, дар саҳифаҳои лотинии маҷалла зери рубрикаи «Хабарҳои гуногун» гулчини хабарҳо ҷой дода шудааст. Илова ба ин, аз шумораи 10-11, соли 1929 рубрикаи «Ҳар хел ва аз ҳар ҷо» ҷорӣ шудааст, ки дар он хабарҳои ҷолиби ҷаҳон интихоб ва чоп карда шудааст. Аммо наметавон гуфт, ки ба чунин шакл додани хабарҳо нахуст аз матбуоти соҳаи маориф сар задааст. Зеро таҳқиқот нишон доданд, ки ба ин шакл пешкаш кардани навигариҳои ҷаҳон, хабарҳои байналмилалӣ ва кишвар аз рӯзномаи нахустини тоҷикӣ «Бухорои шариф» шуруъ шуда буд. [8, с. 13]

Жанри дигари кӯтоҳ дар маҷаллаи солҳои бистум «Мактуб» мебошад. Ин усули рӯзноманигорӣ низ аз оғози пайдоиши журналистикаи тоҷик аз соли 1912 мавҷуд буд. Дар «Раҳбари дониш» намунаи мазкур бо сарлавҳаи «Аз Теҳрон» номаи кӯтоҳи «Аз як духтари эронӣ» мебошад. Хонандае аз Эрон хабар додааст, ки баъди хондани мақолаи «Якумин қиссаи инқилобии тоҷик» дар шумораи шашуми соли 1928 дар дил шавқи хондани асари «Одина»-ро пайдо кардааст. Зеро бисёр мушкилоте, ки дар он асари Айнӣ нақл мешавад, дар кишвари онҳо ҳам мавҷуд буд. Бинобар ин, хоҳиш кардааст, «барои ман ба даст овардани ин китоб дар Эрон хеле душвор аст. Ночор, аз шумо... интизорӣ дорам, ки як нусхаи онро ҷиҳати ман ба Эрон ирсол доред, зеро ман ҳам хоҳари заҳматкаши шумо ҳастам ва бо умедвории аз ҳад берун дар интизори расидани ин китоб чашм ба роҳи Тоҷикистони озод ва инқилобӣ мебошам... (баҳои онро пас аз вусул ирсол медорам, зеро, ки аз қимати он бехабарам)». [2, с. 6]

Жанри дигари хурди рӯзноманигорӣ бо номи «Қуттии пучта» низ дар нашрияи аввалини соҳаи маориф зиёд ҷой дода мешавад. Дар онҳо идораи маҷалла ба муаллифони мактубҳои расида, ҷавоби номаашонро дода, чоп шудан ё кай чоп шуданашро хабар додааст.

Жанри муҳимми дигар мақолаҳои таҳлилӣ аст, ки яке аз дастовардҳои муҳимми рӯзноманигории тоҷик дар солҳои охир, аз он ҷумла дар матбуоти соҳаи маориф мебошад. Ногуфта намонад, жанри мазкур дар солҳои аввали таъсиси нашрияҳои соҳавӣ мушоҳида нашуд. Имрӯз бештари мақолаҳои маҷаллаи «Маърифати омӯзгор»-ро маводи таҳлилӣ ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар даҳсолаи охири асри XX ва даҳсолаи якуми асри XX1 масъалаи бо компютер таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ ва истифодаи босамари он аз барномаи давлатӣ ба ҳисоб рафта, дар ин маврид корҳои намоён анҷом дода шуданд, ки натиҷаи хуб ба бор овард. Омӯзгор М.Тошев дар бораи зарурати истифодаи барномаҳои намоишӣ мулоҳизаҳои ҷолиб баён намудааст. «Маводи намоишӣ имконият медиҳанд, ки мавзуъ саҳеҳ ба хонандагон дастрас гардонида шавад ва онҳо мавзуъро дуруст ва пурра аз худ намоянд». [14, с. 49] Сипас, банақшагирии сохтани барномаи намоишӣ (презентатсия), мисоли банақшагирӣ, сохтани барнома оварда шудааст. Дар шумораи баъдина низ дар идомаи мавзуъ мақолаи ин муаллиф ба табъ расидааст. Маълум мегардад, ки «барои сохтани барномаҳои намоишномавӣ аз забонҳои барномасозӣ истифода намудан мумкин аст... Лекин чунин барномаҳои тайёр вуҷуд надоранд. Бинобар ин, омӯзгорро зарур мешавад, ки чунин барномаҳоро худаш тайёр намояд». [15, с. 53] Ногуфта намонад, ки дар воситаҳои ахбор имрӯз ҳам ҷой додани нақшаву ҷадвал, аксҳои техникиву муодилаҳои гуногуни фанҳои

табиатшиносӣ кори осон нест. Аммо чунин имкониятро нахустин шуда кормандони техникии маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» пайдо карда буданд. Ин бори дигар таъкиди муаллифи мақолаи зикршударо дар мавриди зарурати истифода бурда тавонистани барномаҳои компютерӣ аз ҷониби мактаббачагон собит месозад. Маълум мегардад, ки пешрафти технологӣ дар назди хабарнигори имрӯза талаботи касби камолро оид ба технология ва воситаҳои нави иттиллотӣ мегузорад. Ҳайати эҷодии идораи маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» ҷавобгӯи талаби мазкур амал карда, нисбат ба нашрияҳои дигари соҳавӣ, аз ҳафтаномаи «Омӯзгор» пештар ба ташкили воситаҳои замонавии иртиботӣ ноил гардидааст. Дар маводе, ки ба фанҳои риёзӣ, табиатшиносӣ, технология, нуҷум ва ғайра бахшида шудаанд, имкони ба таври равшан ҷой додани аксу нақшаву ҷадвалу муодилаҳои мураккаб ва ғайра пайдо шудааст. Аз ҷумла, танҳо дар мақолаи аввали зикршуда М.Тошев, ки ба ҳалли масъалаҳои геометрӣ, ки мазмуни геометрӣ доранд, даҳҳо муодилаву нақшаву аксҳои геометриву физикӣ, дар мақолаи дуюми муаллиф панҷ аксу диаграмма ва даҳҳо муодила ҷой дода шудаанд.

Дар мавриди робитаи байни фанҳо дуруст таъкид шудааст, ки «омӯзгори фанни математика, ки дар бораи қонуниятҳои физикӣ ва алоқамандии онҳо ба илмҳои риёзӣ маълумоти кофӣ надорад, дар ҳалли масъалаҳои геометрӣ ба душворӣ рӯ ба рӯ мегардад. Агар омӯзгорони ин фанҳо ин алоқамандиро дар дарсҳояшон татбиқ карда тавонанд, завқи хонандагонро бедор намуда, шогирдонро барои омӯзиши илмҳои замонавӣ ҳавасманд мегардонанд». [4, с. 61] Ҳамин тавр, дар даҳсолаи охир маълум гардид, ки танҳо дар доираи як фан амал кардан барои омӯзгор басанда нест. Дар синфҳои ибтидоӣ, аллакай ба таври якҷоя омӯзиш додани фанҳои забон, адабиёт ва математика ҷорӣ шудааст. Фанҳои дигар ҳам ба ҳамдигар алоқамандӣ пайдо мекунанд. Сабаби дар нашрия ба вуҷуд омадани рубрикаи нави «Робитаи фанҳо»-ро аз ин донистан мумкин аст. Дар як шумораи 7-8, соли 2013 ду мақолаи ташреҳӣ таҳти ин рубрика ба чоп расидааст. Мақолаи аввал (муаллиф С.Каримов) ба робитаи байни фанҳои риёзӣ ва табиатшиносӣ бахшида шуда бошад, мақолаи дигар (муаллифон Г.Бобониёзова ва У.Умаров) ба масъалаи алоқаманд сохтани масъалаи офатҳои табиӣ бо фанни физикаи мактаб оид мебошад.

Мақолаи таҳлилӣ бахшида ба мушкилоти имло яке аз мавзуъҳои муҳим буда метавонад. Муаллиф дуруст зикр кардааст: «Имло дар забони имрӯзаи тоҷикӣ муаммоҳои бисёр пайдо кардааст. Сабабаш, албатта, маълум: забони мо, забоне, ки бо иштибоҳ дар вақташ ҳуруфи чандинасраи худро дигар кард, таълими забонро бар асоси грамматика, грамматикаро дар асоси грамматикаи забони русӣ ба роҳ монд. Тули 70 сол миёни забоншиносон баҳсҳои йотбарсарҳо, ӯ, ӣ, ъ идома ёфт, вале анҷом не. 22 соли дигар гузашт, вале муаммоҳо печидатар гаштанд. Дар ин миён имло қоидаи худро ба қавле гум кард, чунон дарҳам-барҳамие дар матбуот ва осори хаттӣ ба миён омад, ки омӯзгор ба шогирд чӣ гуфтан ва мо дар матбуот чӣ гуна навиштанамонро намедонем». [9, с. 40] Дар ин бора муаллиф дуруст мулоҳиза рондааст, дар ҳақиқат, баъди гузашти даҳ соли дигар ҳоло ҳам мушкилиҳо ҳал нашудаанд ва омӯзгор намедонад ба шогирд чӣ гӯяд ва рӯзноманигор фалон калимаро чӣ тавр нависад. С.Набиева норасоиҳо, таҳлил, мулоҳиза ва пешниҳодҳои хешро иброз доштааст ва аз хонандагон хоҳиш кардааст назарашонро навишта фиристанд.

Мақолаҳои ташреҳӣ аз ҷумлаи маводи дигари муҳимми жанри таҳлилӣ мебошанд. Дар ин маврид оид ба тарзи навишти эссе, ки тибқи низоми нави таҳсил барои хатмкунандагони мактабҳои миёнаи умумӣ ҷорӣ карда шудааст, мақолаи тавзеҳии «Эссе ҳам иншо аст. Дастури методӣ оид ба навиштани кори хаттӣ» дарҷ гаштааст, ки дастури хубест барои муаллимон барои ба шогирдон таълим додани тарзи навишти эссе. «Эссе аз калимаи лотинии «exagium» (санҷиш) ва фаронсавӣ «essai» (кӯшиш, ҷустуҷӯ; таҳлил) гирифта шуда, ба маънои очерк меояд. «Эссе бо очерк наздикӣ дорад, аммо навъи очерк нест. Эссе аз очерк аносире амсоли образ, тахаюл, тасвир, композитсияро қабул намудааст». [7, с. 306] Эсперо иншои мухтасар (кӯтоҳ) низ меноманд. Дар навиштани чунин тарзи иншо хонанда дар баёни фикр озод аст, яъне, ӯ андешаи худро доир ба мавзуи пешниҳодшуда мухтасар ва асоснок (бо далел) баён мекунад. Дар эссе ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои шахсии муаллиф (эссенавис) доир ба

ягон мавзуи иҷтимоӣ ва ё фарҳангию таърихӣ инъикос меёбад. Дар феҳристи имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ (ИМД) чунин тарзи иншо бо ибораи кори хаттӣ «(эссе)» ном бурда мешавад. Мақсад аз навиштани эссе (ворид намудани эссе ба феҳрасти ИМД) муайян намудани маҳорати арзёбии мустақилона (дарк ва баррасии масъала ва хулосабарорӣ), баёни дуруст ва мураттаби фикри хонандагон аст». [21, с. 47] Ҳарчанд баъзе мулоҳизаҳои муаллифон дар бораи эссе ба қоидаҳои маъмули журналистика мувофиқ нест, онҳо кӯшиш кардаанд, жанри мазкурро бо забони фаҳмо ва рӯшан баён созанд ва усули навиштани онро нишон диҳанд, ҳамчунин ҷадвали меъёри баҳогузорӣ ба чунин навъи кори хаттӣ пешниҳод гаштааст.

Хулосаи таҳқиқи мухтасар аз он иборат буда метавонад, ки нахустин маҷаллаи соҳаи маориф – «Маърифати омӯзгор» дар пайдоиш, ташаккули жанрҳо, мавзуъҳои журналистӣ саҳми намоён гузошта, дар истифодаи роҳ ва усулҳои фаъолияти рӯзноманигорӣ дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва технологияи пешқадам ба дастовардҳо ноил гардидааст. Омӯзиш ва паҳн кардани таҷрибаи нашрияи пешқадам дар рушди соҳаи рӯзноманигорӣ муҳим арзёбӣ мешавад.

Адабиёт:

1. Абдураҳимов, Б.А. Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX (Матн): Авторефер. дисс.барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01. 10 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ / Б.А. Абдураҳимов.- Душанбе, 2025.-113 саҳ.
2. Аз Теҳрон. Аз як духтари эронӣ [матн] / Раҳбари дониш», 1928, №8-9, саҳ. 6.
3. Андамов, Х. “Раҳбари дониш” – маҷаллаи маорифӣ ва адабӣ [матн] / Х.Андамов.- Душанбе: Истеъдод.-2017, 128 саҳ.
4. Каримов, С. Ҳалли масъалаҳои геометрӣ, ки мазмуни геометрӣ доранд [матн] // Маърифати омӯзгор.-2013.-№7-8, саҳ.61-63.
5. Маърифати омӯзгор» байналмилалӣ шуд [матн] / Маърифати омӯзгор.-2012.-№12, саҳ.2.
6. Муродов, М. Аз се шохаи як илм [матн] / М. Муродов.- Душанбе: Истеъдод, 2014.-232 с.
7. Муродов, М. Метод ва методологияи таҳқиқи илмӣ [матн] / М.Муродов.- Душанбе: Аржанг, 2019.-160 саҳ.

7а Муродӣ, М., Салимзода, О. Асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ [матн] / М.Муродӣ, О.Салимзода.- Душанбе: Донишварон, 2022.-360 саҳ.

8. Набавӣ, А. «Бухорои шариф» – сароғози матбуоти миллӣ [матн] /А. Набавӣ.- Д.: «Бухоро», 2012.- 182 саҳ.
9. Набиева, С. Боз дар бораи имло. Чанд назар, андеша, таҳлил, пешниҳод [матн] / С.Набиева // Маърифати омӯзгор.-2013.-№9-10, саҳ.40.
10. Ниҳоли тоза дар баҳори матбуоти тоҷик. Баргардон ва шарҳу тавзеҳоти М. Рустам [матн] / Душанбе: Адиб, 2014.-280 саҳ.
11. Нуралиев, А. Жанрҳои ахбории матбуот [матн] / А.Нуралиев.- Душанбе: Ирфон.- 1988.
12. Рустам, М. Роҳбалади матбуоти аҳли маориф [матн] / М.Рустам // Маърифати омӯзгор.-2012.-№12, саҳ.3.-8.- с.7-8
13. Рустамзода, М. Нахустматбуоти соҳаи маориф [матн] / М. Рустамзода.- Д.: Ирфон, 2016.- 174 саҳ.
14. Тошев, М. Намоиши компютерӣ дар таълими фанҳои мактабӣ [матн] / М.Тошев // Маърифати омӯзгор.-2013.-№7-8, саҳ.49.
15. Тошев, М. Сохтани барномаҳои намоишномавӣ [матн] / М.Тошев // Маърифати омӯзгор.-2013.-№9-10, саҳ.53-57.
16. Усмонов, И. К. Журналистика.- Қисми 1 [матн] / И. Усмонов.- Душанбе: Империал-Групп, 2005.- 480 с.

17. Усмонов, И., Давронов, Д. Таърихи журналистикаи тоҷик [матн] / И.Усмонов, Д.Давронов.-Душанбе.- 2008.-280 саҳ.

18. Фазл, С. Ҷаласаи солонаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон / С.Фазл [матн] // Маърифати омӯзгор.-2013.-№1-2, саҳ.7.

19. Ҳ. Айн. Маълумотҳои фаннӣ. Шакаргиёҳ [матн] / Айн.Ҳ. // Раҳбари дониш», 1928, №1-2, саҳ. 49-50.- с.49

20. Шакурӣ, М. (М.Ш.Бухороӣ). Сарнавишти форсии тоҷикии Фарорӯд дар садаи бист [матн] /М. Шакурӣ.- Душанбе: Адиб, 2003.- 340 саҳ.

21. Шодиев, М., Азимов, Ҷ. Эссе ҳам иншо аст. Дастури методӣ оид ба навиштани кори хаттӣ [матн] / М.Шодиев, Ҷ. Азимов // Маърифати омӯзгор.-2013.-№9-10, саҳ.47.

МАХСУСИЯТҲОИ ЖАНРӢ ВА МАВЗУӢ ДАР МАҶАЛЛАИ «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР»: ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗ

Мавзуи мақола – «Махсусиятҳои жанрӣ ва мавзуӣ дар маҷаллаи «Маърифати омӯзгор»: дирӯз ва имрӯз» муҳим ва саривақтӣ буда, аз муқоисаи жанрҳо ва мавзуъҳои нашрияи соҳаи маориф дар гузашта ва замони Истиқлолияти кишвар иборат мебошад.

Таҳқиқ нишон дод, ки нашрияи соҳаи маориф дар истифода, ташаккули аксари жанрҳои рӯзноманигорӣ, ба кор бурдани шаклу услубҳои беҳтарин ва замонавии фаъолият дар фазои воситаҳои ахбори омма пешқадам буда, дар ин бобат ба дастовардҳои намоён ноил гардидааст. Аз ҷумлаи ин дастовардҳо ба вуҷуд овардани жанру рубрикаҳои нав, мавзуъҳои муҳим ва замонавӣ, алоқа бо хонанда, истифодаи технологияи ҳозиразамон ва ба вуҷуд овардани жанрҳои рӯзноманигории илмӣ буда метавонад.

Калидвожаҳо: матбуоти соҳавӣ, маориф, жанр, мавзуъ, мақола, гузориш, хабар, шарҳ, эссе, технология, робита бо хонанда, рақами ISSN.

ЖАНРОВО-ТЕМАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ЖУРНАЛА «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР»: ВЧЕРА И СЕГОДНЯ

Тема статьи - «Жанрово-тематические особенности журнала «Маърифати Омӯзгор»: вчера и сегодня» является важной и актуальной и заключается в сравнении жанров и тематики образовательного издания в прошлом и в период независимости страны.

Исследование показало, что образовательная издательская отрасль занимает лидирующие позиции в использовании и развитии большинства журналистских жанров, применении лучших и наиболее современных форм и стилей деятельности в пространстве масс-медиа и достигла в этом направлении значительных успехов. Среди них – создание новых жанров и рубрик, актуальных и современных тем, коммуникация с читателем, использование современных технологий, а также создание жанров научной журналистики.

Ключевые слова: отраслевая пресса, образование, жанр, тема, статья, репортаж, новости, комментарий, эссе, технология, вовлечение читателей, номер ISSN

GENRE AND THEMATIC FEATURES OF THE JOURNAL «MARIFATI OMUZGOR»: YESTERDAY AND TODAY

The topic of the article - «Genre and thematic features of the journal «Marifati omuzgor»: yesterday and today» is important and relevant and consists of a comparison of the genres and topics of the educational publication in the past and during the period of the country's independence.

The study showed that the educational publishing industry occupies a leading position in the use and development of most journalistic genres, the application of the best and most modern forms and styles of activity in the mass media space and has achieved significant success in this area. Among them are the creation of new genres and sections, current and modern topics, communication with the reader, the use of modern technologies, as well as the creation of genres of scientific journalism.

Keywords: trade press, education, genre, topic, article, report, news, commentary, essay, technology, reader engagement, ISSN number

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдуллоева Шабнам Рачабалиевна, докторанти PhD-и курси якуми ихтисоси рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров – 16. Телефон: 918560039

Сведения об авторе: Абдуллоева Шабнам Раджабалиевна, докторант PhD-и первого курса специальности журналистики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова – 16. Телефон: 918560039

Information about the author: Abdulloeva Shabnam Radzhabalievna, first-year PhD student in journalism at Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street - 16. Phone: 918560039

ТДУ:81/82 (2-тоҷ)
Д-25

ТАҶНИСИ ЛАФЗӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ХАЁЛИИ БУХОРОӢ

Дайхудоев В.У., унвонҷӯ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз санъатҳои маъмули лафзӣ, ки дар шеъри форсии тоҷикӣ корбурди васеъ дорад, таҷнис аст. Маънои луғавии таҷнис, ба қавли Кошифӣ: «Гуна-гуна гардонидан аст ва дар истилоҳ иборат аст аз истеъмоли алфози муташобеҳ [монанд] ва калимоти мутаҷонис [ҳамҷинс]». [4**,** с. 78] Таҷнисро дар заминаи гуфтори донишмандон метавон аз ороятҳои лафзие ба қалам дод, ки ҳусни каломро меафзоянд.

Дар «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ таърифи таҷнис чунин омадааст: «Муҷонис аз алфози номӣ бувад гарданда миёни чизҳои мухталиф ба маънӣ. Чун байте бувад ба ду андар ду ё се лафз ба ҳуруф ва эъробу нуқат яксон гарданда. Ҳар лафзе аз он лафзҳо ба миёни чизҳои мухталиф ба маънӣ он байтро муҷонис хонанд ва баъзе порсӣ гӯянд муташобиҳ». [7, с. 12]

Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ таърифи таҷнисро каме дигаргуна овардааст, ки чунин аст: «Ва онро аҷнос низ мегӯянд, дар луғат ба чизе монанд будан аст». [21, с. 16].

Таърифи таҷнис дар таълифи қудамо ва уламои муосир қариб якхела аст. Масалан, олими маъруфи эронӣ Мирҷалолуддини Каззозӣ таърифи онро чунин додааст: «Ҳамгунӣ ё ҷинос аз ороятҳое аст, ки дар сухан ороставу ҳунарварзона корбарии густарда ёфтааст. Ҳамгунӣ он аст, ки дар миёни ду вожа битавон ба гунае вижа аз диди рехту сохтори овоӣ ҳаммонандию пайванде наздик ёфт». [5, с. 50]

Адабиётшиноси маъруфи тоҷик Худоӣ Шарифов таҷнисро чунин таъриф додаанд: «Маънои таҷнис ҳамоҳанг, ҳамҷинс аст. Дар истилоҳи илми бадеъ калимаҳои дар шакли зоҳир монанд, ҳамҷинсро мегӯянд, ки маънои мухталиф доранд». [18, с. 291]

Чунончи дидем, миёни шарҳҳои луғавӣ ва маъноии истилоҳи таҷнис фарқият ба назар намерасад. Дар маҷмуъ, таҷнис ҳамон калимаҳои ҳамгун ё ҳамҷинсеро меноманд, ки шакли якхела дошта, маънои мухталиф доранд.

Таҷнис ду хел мешавад: 1. Маънавӣ; 2. Лафзӣ.

Мурод аз таҷниси маънавӣ муносибати маъноии миёни рукнҳои таҷнис аст. Масалан, дар байти зерини Хаёлии Бухороӣ калимаи **кушод** дар мисраи аввал ба

вазифаи феъли таркибии «**боз кард**» омада бошад, дар мисраи дувум ба маънои васеъ ва бисёр ба кор рафтааст, ки миёни ҳарду робитаи зичи маъноӣ дида мешавад:

Хез, ки пири муғон, майкадаро дар **кушод**,
Навбати мастӣ расид, бода бидеҳ бар **кушод.** [1, с. 83]

Масъалаи дигар дар шинохти таҷнис таснифи он ба якчанд гурӯҳ аст, ки ҳам дар осори асримиёнагӣ ва ҳам дар таҳқиқоти муосир дида мешавад. Навъҳои таҷнис дар таснифи олимони асримиёнагӣ ва муосир гуногун ба назар мерасад. Масалан, Ҳусайн Воизи Кошифӣ онро ба дувоздаҳ навъ ҷудо кардааст: Ва он чӣ аз ҷинси таҷнисот дар каломи форсӣ пеши арбоби ин саноат рақами эътибор ёфта, дувоздаҳ қисм аст. [4, с. 78] Таснифоти Кошифӣ арзиши хоси илмӣ дорад, чунки ин табақабандӣ машҳуртарин анвои таҷниси лафзӣ, аз қабили таҷниси том, мураккаб, мушобеҳ, мафруқ, марфӯ, ноқис, зоид, мукаррар, мураддад, мутарраф ва лоҳиқ ва таҷниси хатро фаро гирифтааст. [4, с. 78-84] Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ дар маҷмуъ ёздаҳ навъи таҷнисро ном бурдааст. [21, с. 16-25] Аз номгӯйи анвои таҷнисе, ки Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ ном мебарад, таҷниси мушавваш дар таснифоти Кошифӣ мавҷуд нест.

Мирҷалолуддини Каззозӣ низ аз дувоздаҳ навъи таҷнис ном бурдааст, ки чунинанд: таҷниси том, ноқис, зоид, музайял, омеғӣ, мафруқ, мушобеҳ, марфӯ, муқаррар, мутарраф, лафз, хат. [5, с. 57]

Аз донишмандони муосири тоҷик Худоӣ Шарифов нуҳ навъи таҷнисро ном бурдааст: таҷниси том, зойид, ноқис, мураккаб, мутарраф, музореъ, хат, таҷниси лафзӣ ва мукаррар. [18, с. 301-306]

Ҳамин тариқ, анвои таҷнис дар кутуби гузашта ва муосир мухталифанд, ки донишманди тоҷик Тоиров У. дар «Донишномаи илми бадеъ» дар такя ба асарҳои назариявии бахшида ба илми бадеи гузашта ва имрӯз 32 навъи таҷнисро тавзеҳ додааст. [12, с. 567-579]

Азбаски масъалаи таснифи анвои таҷнис мавзуи меҳварии мақолаи мо нест, аз баррасии васеи он худдорӣ мекунем ва ба истифодаи анвои таҷниси лафзӣ дар ғазалиёти Хаёлии Бухороӣ, ки манзур аз нигоштани мақола ҳамин аст, мепардозем. Аз номгӯйи анвои гуногуни таҷнис дар ғазалиёти Хаёлии Бухороӣ даҳ навъи он: таҷниси том, ноқис, муркаб, мушобеҳ, мафруқ, марфӯ, зоид, мураддад, мутарраф, таҷниси хат ба кор рафтааст.

Нахуст **таҷниси том** аст. Дар ин навъи таҷнис калимаҳое кор фармуда мешаванд, ки ҳам дар талаффуз ва ҳам дар навишт якхела буда, маънои гуногун доранд. Сабаби аслии таҷниси том ном гирифтани ин навъи таҷнисро Ҳусайн Воизи Кошифӣ чунин шарҳ додааст: Ва ин навъи таҷнис том ба ҷиҳати он гуфтаанд, ки мутаҷонисин дар тамоми ҳуруфи ҳаракот муттафиқанд ва дар ҷамеъи сувар мушобеҳ ва мумосил (баробар). [4, **с.** 79] Ба назари Мирҷалолуддини Каззозӣ, «Ҷиноси том ҳунаритарин гунаи ин ороя шумурда метавонад шуд, он аст, ки ду поя дар гуфту навишт ба якборагӣ яксон бошанд». [5, с. 50] Дар байти зерини Хаёлӣ калимаи **бор** се маротиба ба ду маъно кор фармуда шудааст ва ба вазифаи таҷниси том омадааст. Дар мисраи якум **бор** ба маънои ғаму андӯҳ, сарбор ва дар аввали мисраи дувум ба маънои такрор ва дафъа омадааст:

Нобурда ҳанӯз аз дили ман, **бори** фироқат,
Бори дигар омад ғаму **бори** дигар овард. [1, с. 117]

Дар байти дигар таҷниси том дар натиҷаи калимаҳои сохта ба вуҷуд омадааст. Калимаи **суданд** дар мисраи аввал аз феъли **суда (***сифати феълии замони ҳозира) аз* **судан**, соидашуда, майдашуда [15, с. 94], гирифта шудааст. **СУДАН** سودن1. молидан, ба ҳам молидани ду чиз, соидан. 2. соида нарм кардани чизе гирифта шудааст. [15, с. 94]

Дар мисраи дуюм бошад, вожаи **суд** ба маънои фоида ва манфиат ба кор рафтааст:

Шак нест, ки савдозадагон то ба иродат,
Суданд саре бар қадамат, дар сари **суданд.** [1, с. 157]

Дар байти дигар калимаи **кушод** дар мисраи аввал ба маънии боз кард ва дар мисраи дувум ба маънои васеъ ва зиёд ба вазифаи тақниси том омадаанд:

Хез, ки пири муғон, майкадаро дар **кушод,**
Навбати мастӣ расид, бода бидеҳ бар **кушод.** [1, с. 83]

Дигар навъи тақниси лафзӣ ин **тақниси мураккаб** аст. Он ҳам ба тақниси том мушобеҳ аст, танҳо фарқ дар он аст, ки яке мураккаб аст ва дигаре сода. Ҷалолуддини Ҳумоӣ тақниси мураккабро чунин шарҳ додааст: «Ҷиноси мураккаб он аст, ки яке аз ду рукни ҷинос басит ё дар ҳукми басит ва дигаре мураккаб бошад». [20, с. 64]

Дар таърифи тақниси мураккаб миёни донишмандон ихтилоф дида намешавад. Масалан, донишманди тоҷик Турақул Зеҳнӣ таърифи тақниси мураккабро чунин овардааст: Дар тақниси мураккаб чунин калимаҳои ҳамҷинс зикр мегардад, ки яке аз онҳо калимаи сода ва дигаре мураккаб ё ба шакли таркиб аст, ҳар ду монанди ҳамдигаранд ва дар талаффуз якранг бошанд ҳам, дар имло аз ҳам фарқ мекунанд. [3, с. 179]

Дар ғазалиёти Хаёлии Бухороӣ калимаҳои **барин** ва **бар ин** ба вазифаи тақниси мураккаб омадаанд:

Хуш аст хулди **барину** дилам намехоҳад,
Ки бе ҷамоли ту ҳаргиз назар **бар ин** афтад. [1, с. 85]

Тақниси мафруқ низ бо тақниси мураккаб хеле монанд аст, танҳо фарқ миёни онҳо дар ин аст, ки талаффузи калимаҳо якхела буда, танҳо дар навишт тавофут миёни онҳо мушоҳида мешавад. Баъзе донишмандон аз қабили Ҷалолуддини Ҳумоӣ ин навъи тақнисро тақниси мақрун низ номидаанд: «Ҷиноси мафруқ ва мақрун аз ақсоми ҷиноси мураккаб аст ба ин қарор, ки чун дар ҷиноси мураккаб ҳар ду рукн дар навиштан шабеҳи якдигар бошанд, онро ҷиноси мураккаби мақруну муташобеҳ гӯянд ва ҳар гоҳ дар китобат мухталиф бошанд, онро ҷиноси мураккаби мафруқ номанд». [20, с. 65]

Ҳусайн Воизи Кошифӣ сабаби аслии мафруқ ном гирифтани ин навъи тақнисро рӯшантар дар таърифи он шарҳ додааст, ки чунин аст: «Ва он низ қариб аст ба тақниси мураккаб дар он ки як лафз аз ҳар ду мутақониси мураккаб аст ва яке муфрад, илло он ки ин ҷо ташобеҳи лафзӣ беш нест ва дар китобат мухолифате воқеъ аст ва чун миёни муфраду мураккаб ба воситаи ихтилофи хат фарқе шуд, инро тақниси мафруқ гуфтанд». [4, с. 80]

Дар ғазалиёти Хаёлии Бухороӣ ин навъи тақниси лафзӣ ба кор рафтааст. Мисол:

Бовар натавон кард, ки дар боғ ба хубӣ,
Чун орази ту **ёсумане, ё сумане** ҳаст. [1, с. 58]

Тақниси марфӯ ҳам ба тақниси мураккаб шабоҳат дорад. Тафовути онҳо дар он аст, ки дар ин навъи тақнис калимаҳои мураккаб аз калимоти алоҳида иборат нестанд, балки дар заминаи дигар калимаҳо тақнис ба вуҷуд меояд ё сохта мешавад ва маънои марфӯ низ бофташуда аст. Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ сабаби чунин ном гирифтани ин навъи тақнисро чунин тавзеҳ додааст: «Ва вақҳи тасмия он аст, ки аҳад-ул-мутақонисин руфӯ карда шудааст ба баъзе аз калимаи дигар ё ба ҳарфе аз ҳуруфи маънӣ». [21, с. 24] Хаёлии Бухороӣ фармудааст:

Бо аҳли дард ишқи ту тақсими шавқ кард,
Чизе **зи ёди** ту ба Хаёлӣ **зиёд** дод. [1, с. 82]

Тақниси ноқис чунон аст, ки ҳуруфи ҳамсадо якхела, аммо садонокҳо мувофиқ ба ҳам намеоянд, аз ин рӯ онро ноқис ном бурдаанд. Ҳусайн Воизи Кошифӣ онро тақниси муҳарраф ном бурдааст. [4, с. 80] Аз нигоҳи Мирҷалолуддини Каззозӣ: «Ҷиноси ноқис бо ҷиноси том яке аст, ҷуз ин ки

ҳаракати ҳарфе дар ду поя яксон нест». [5, с. 51] Ҷалолуддини Ҳумоӣ таҷниси ноқисро дар радифи Кошифӣ таҷниси муҳарраф низ номидааст: «Ҷиноси ноқис, ки онро ҷиноси муҳарраф низ гӯянд, он аст, ки аркони ҷинос дар ҳуруф яке ва дар ҳаракат мухталиф бошанд». [20, с. 61] Таҷниси ноқис низ дар ашъори Хаёлӣ хеле зиёд истифода шудааст. Масалан, дар байти зерини Хаёлӣ тафовути калимаҳо танҳо дар садонокҳои ***а*** ва ***у*** аст:

Маҳрами кӯйи ту **маҳрум** зи дидор чарост,
Чун ба гирди ҳарами Каъба тавофе дорад. [1, с. 98]

Ё худ:

Давлати **Ҷам** боядат, сар макаш аз пойи **ҷом**,
Чун хуми таҷридро, соқии ҷон сар кушод. [1, с. 83]

Дар байти дигар калимаҳои ба вазифаи таҷниси ноқис омада пайиҳам омадаанд, ки ҳусни шеърро афзудаанд:

То ҳама олам насиби хотами ҳуснат нашуд,
Ишқ **муҳри меҳр** бар номи дили одам назад. [1, с. 123]

Таҷниси зоид чунон аст, ки дар яке аз калимаҳои таҷнисшаванда як ҳарф зиёд меояд, хоҳ дар аввал бошад, хоҳ дар охир. Ин таҷнисро мазил низ номидаанд, ки маъноияш дароздоман аст. [15, с. 81] Дар таърифи Мирҷалолуддини Каззозӣ: «Ҷиноси зоид низ ба ҷиноси том мемонад, ҷуз ин ки яке аз ду поя ҳарфе афзун дорад аз пояи дигар». [5, с. 52]

Ҷалолиддини Ҳумоӣ таърифи таҷниси зоидро чунин овардааст: «Ҷиноси зоид он аст, ки яке аз калимоти мутаҷонисро ҳарфе бар дигаре зиёдат бошад ва он ҳарфи зоид гоҳ дар аввали калима аст ва гоҳ он зиёдат дар охири калима аст монанди **хом** ва **хома**, **ҷом** ва **ҷома** ва ин қисмро ҷиноси музайял низ мехонанд». [21, с. 63]

Дар ашъори Хаёлӣ ба вазифаи таҷниси зоид танҳо калимаҳое омадаанд, ки артикл ё пасванд доранд. Мисол:

Қадаме ранҷа ба пурсидани мо кун, ки чу сарв,
Сарфароз аст ҳар озода, ки дар вай **қадам** аст. [1, с. 44]

Ё худ:

Ҳар ки аз дидори ҷонон, ҳамчу ман маҳҷур нест,
Гар хабар з-андешаи **дурӣ** надорад, **дур** нест. [1, с. 64]

Таҷниси мураддад [радкардашуда] чунин навъи таҷнисро мегӯянд, ки яке аз таҷнисшавандаҳо бо як ё якчанд ҳарф зиёдтар аст. Ҳусайн Воизи Кошифӣ онро таҷниси муздавақ низ номидааст [4, с. 82]. Дар ин навъи таҷнис калимоти таҷнисшаванда аслан пайиҳам меоянд. Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ ин навъи таҷнисро ба номҳои таҷниси муздавақ, муқаррар, мураддад ва муҷаннаб низ ном бурдааст. [21, с. 22] Дар ашъори Хаёлӣ ин навъи таҷнис низ ба назар мерасад:

Дило чу толиби ғайрӣ, зи ишқ лоф мазан,
Ту **ошиқи дигарӣ, ошиқӣ дигар** бошад. [1, с. 130]

Ё худ:

Ҳавои бандагӣ дар ҳазрати дӯст,
Ки дорад **гуфт**, **гуфтам** банда дорад. [1, с. 95]

Таҷниси **мутарраф** чунин навъи таҷниси лафзӣ аст, ки калимаҳои таҷнисшаванда ҳамвазнанд, танҳо тафовут миёни онҳо дар як ҳараф дида мешавад, ки ин ихтилоф ҳам дар аввал ва ҳам дар охир буда метавонад. Ин навъи таҷнисро таҷниси музореъ низ номидаанд, аммо фаромӯш набояд кард, ки дар як ҳолат мутарраф ва дар ҳолати дигар музореъ номида мешавад. Ин ҳар ду ҳолатро Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ зимни ташреҳи таҷниси музореъ хеле рӯшан зикр кардааст: «Ва онро таҷниси мутарраф низ мегӯянд ва он иборат аст аз мувофиқати алфоз дар адади ҳуруф ва тартиби онҳо бо ихтилоф ба ҷиҳати навъ дар як ҳарф ба шарти он ки ҳарфҳои мутахолифа қарибмахраҷ бошанд». [21, с. 19]

Хусусияти дигари таҷниси мутарраф аз он иборат аст, ки агар ихтилофи ҳуруф набошад, дар ин сурат таҷниси том мешаванд. Ин ҳолатро Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ дар хулосаи таърифи таҷниси мутарраф чунин овардааст: «Ва ҳосили калом он ки алфози мутаҷониса бар ваҷҳе бошанд, ки агар ихтилоф ба ҷиҳати навъ дар як ё ду ҳарф миёни эшон набошад, таҷниси том бошад». [21, с. 19]

Ҳамин тариқ, агар дар таҷнис ихтилоф дар як ҳарф ба вуҷуд биёяд, онро таҷниси **музореъ** ва агар ихтилоф дар ду ҳарф ба амал биёяд, онро таҷниси **мутарраф** меноманд. Дар ашъори Хаёлӣ навъи музореъ ба назар расид. Мисол:

Бо **ҷаври давр** соз Хаёливу сабр кун,
Кори ту гар насохт, чи шуд корсоз нест. [1, с. 64]

Таҷниси хатро Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ ба гурӯҳи таҷниси ғайрилафзӣ шомил донистааст. [21, с. 24] Ҳусайн Воизи Кошифӣ доир ба ғайрилафзӣ будани ин навъи таҷнис ишора намекунад ва баракс онро ба гурӯҳи анвои таҷниси лафзӣ шомил донистааст: «Ва он чунон аст, ки таҷониси алфоз ба ҳасби китобат бошад». [4, с. 85]

Таҷниси **хат** аслан марбут ба хатти форсӣ ё арабӣ аст. Яъне, калимаҳое, ки онҳоро ҳангоми талаффуз аз ҳам фарқ карда метавонем, дар навишт бошад ҳамгунии онҳо рӯшан аст. Ба андешаи Мирҷалолуддини Каззозӣ: «Ҷиноси хат ворунаи ҷиноси лафз аст ва ҷиносе аст, ки ду пояи он дар навишт яксонанд ва дар гуфтор носоз». [5, с. 63]

Донишманди эронӣ Ҷалолуддини Ҳумоӣ таърифи таҷниси хатро чунин овардааст: «Ҷиноси хат он аст, ки аркони ҷинос дар китобат яке ва дар талаффузу нуқтагузорӣ мухталиф бошанд, монанди калимоти **пиру тир** ва **шӯру сӯз**». [21, с. 69] Таҷниси хатро бо номҳои музориа, мушокила ва тасҳиф низ ном бурдаанд. [21, с. 25] Ба андешаи донишманди тоҷик Худоӣ Шарифов: «Ин навъи таҷнис дар алифбои имрӯза ошкор нест, чунки навиштану хондан дар хатти кириллӣ фарқе надорад». [17, с. 304]. Дар ашъори Хаёлӣ тахаллуси худи шоир ба ин намуна шомил аст. Мисол:

Ба ҷуз фикри тасвири мӯйи миёнаш,
Хаёлӣ ба хотир, **хаёле** надорад. [1, с. 94]

Ё худ калимаҳои **туст** ва **дӯст** дар байти зерин:

Дило, муроди дили худ, зи ғайри **дӯст** маҷӯ,
Ки ҳарчи ғояти мақсуди **туст**, ӯ дорад. [1, с. 95]

Ҳамин тариқ, дар ғазалиёти Хаёлии Бухороӣ таҷнис ва анвои он хеле бамаврид ва моҳирона ба кор рафтаанд. Функсияҳои таҷниси лафзиро дар ашъори Хаёлии Бухороӣ ба таври комил мушоҳида кардан метавонем. Агар аз нигоҳи аввал вазифаи таҷниси лафзӣ ороиш ва зебоии зоҳирии сухан бошад ҳам, таносуби маънӣ ҳаргиз дар он халалдор нашуда, аз мадди назар дур нагардидааст. Яъне, ҳам мазмун ва ҳам ороишоти лафзӣ хубу муносиб омадаанд. Ин функсияи муштараки таҷнис дар таҳқиқи олимон васеъ ба мушоҳида нарасида бошад ҳам, аз рӯйи ишораҳо мо онро дарк карда метавонем. Албатта, овардани таҷнис, хусусан, таҷниси лафзӣ ва анвои он дар сухан амри табиӣ ва тасодуфӣ низ ҳаст, ки аз захираи луғавии вожагони ашъори шоир рӯ мезанад, аммо бамаврид ва муносиб кор фармудани таҷнисот низ маҳорати хосро талаб мекунад.

Масъалаи дигар дар шинохти зоҳир ва маъноии рукнҳои таҷнисот аст. Яъне, калимаҳое, ки ба вазифаи анвои гуногуни таҷнис ба кор рафтаанд, то куҷо аслияти худро ҳифз кардаанд. Дар ашъори Хаёлии Бухороӣ чунончи дидем, калимаҳои маъмулӣ зиёд ба вазифаи таҷниси лафзӣ ва анвои он омадаанд, ки аксари онҳо имрӯз ҳам шомили забони адабии тоҷикианд. Аз ин ҷо метавонем дарк кунем, ки нақши таҷниси лафзӣ дар ифодаи сабки баён ва услуби шоир низ назаррас аст.

Адабиёт:

1. Бухоро̄й, Мавлоно Хаёлӣ. Девон. Мавлоно Хаёлии Бухоро̄й. Бо кӯшиши Азизи Давлатобод̄ӣ. - Табрез, 1352, 274 с.

2. Ватвот, Рашидуддин. Мунтахаби Ҳадоиқ-ус-сеҳр-фӣ-дақоиқ-уш-шеър. Таҳияи Худо̄й Шарифов. Рашидуддини Ватвот - Душанбе: “Дониш”, 1987. – 43 с.

3. Зеҳнӣ, Турақул. Санъати сухан. Таҳияи М.Шукуров, С.Саъдиев. Турақул Зеҳнӣ. - Душанбе: “Адабиёти бачагона”, 2020. – 391 с.

4. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Бадоеъ-ул-афкор-фӣ-саноеъ-ул-ашъор. Таҳияи У.Тоиров ва А.Ҳафизов. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. - Душанбе: Ҳумо, 2006. -232 с.

5. Каззозӣ, Мирҷалолуддин. Зебоишиносии сухани порсӣ [бадеъ]. Мирҷалолуддини Каззозӣ - Теҳрон, Нашри марказ, 1373. -220 с.

6. Нарзиқул, М., Ориф, И. Заминаҳои шоиронагии каломи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / М. Нарзиқул, И. Ориф // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/6. – С.165-171.

7. Родуёнӣ, Муҳаммад. Мунтахаби “Тарҷумон-ул-балоға”. Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ. Таҳияи Худо̄й Шарифов.- Душанбе: “Дониш”, 1987. – 81 с.

8. Сатторзода, Абдунабӣ. Назариёти адабии Абдурраҳмони Ҷомӣ. А. Сатторзода. - Душанбе: Дониш, 2014.- 163 с.

9. Сатторзода, Абдунабӣ. Такмилаи бадеи форсии тоҷикӣ. А. Сатторзода. - Душанбе: Адиб, 2011. -380 с.

10. Сомонӣ, Ҷаъфар. Фунуни шоирӣ / Ҷаъфари Сомонӣ. – Теҳрон, 1341. – 281 с.

11. Тӯсӣ, Насируддин. Меъёр-ул-ашъор. Таҳияи Тоиров У. Насируддини Тӯсӣ. - Душанбе: “Ориёно”, 1992. 152 с.

12. Урватулло, Тоиров. Донишномаи илми бадеъ. Тоиров У. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2023. – 720 с.

13. Урватулло, Тоиров. Ҳамбастагии илмҳои арӯзу анвои шеър. Тоиров У. Паёми ДМТ (бахши илмҳои филологӣ), №9, 2024. – 202 с.

14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (Иборат аз ду ҷилд). – Ҷилди 1. – Душанбе, 2008. – 949 с.

15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Ҷ .2. – Душанбе, 2008. – 944 с.

16. Шамисо, Сирус. Баён. Сируси Шамисо. - Нашриёти “Тобиш”, 1393. – 360 с.

17. Шарифов, Худо̄й, Урватулло Тоиров. Назмшиносӣ. Х. Шарифов, Тоиров У. - Душанбе: “Ҳоҷӣ Ҳасан”, 2015. – 379 с.

18. Шарифов Худо̄й. Балоғат ва суханварӣ. Х. Шарифов. - Душанбе: “Ирфон”, 2002. – 272 с.

19. Худо̄й Шарифзода. Маънавият ва ҷаҳони зоҳирӣ. Шарифзода Х. – Душанбе: Адиб, 2012, 352 саҳ.

20. Ҳумо̄й, Ҷалолуддин. Фунуни балоғат ва синооти адабӣ. Ҷалолуддини Ҳумо̄й. – Теҳрон, 1394.- 446 саҳ.

21. Ҳусайнӣ, Атоуллоҳ Маҳмуд. Бадоеъ-ус-саноеъ. Таҳияи Р.Мусулмонқулов. Ҳусайнӣ А.М. - Душанбе: Ирфон, 1974. -205 с.

ТАҶНИСИ ЛАФЗӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ХАЁЛИИ БУХОРО̄Й

Дар мақолаи мазкур яке аз санъатҳои лафзии бадеъӣ – таҷнис дар ғазалиёти Хаёлии Бухоро̄й мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Шинохти санъатҳои лафизии бадеъӣ, аз ҷумла, таҷнис ё ҳамгунҳо аз аҳаммияти вижа бархурдор аст. Ба кор бурдани санъати лафзии таҷнис дар шеър албатта пеш аз ҳама ба ҳунари шоир вобастагии зич дорад. Мо ба он мақсад баррасии санъати мазкурро дар ин мақола интихоб намудем, ки аз дигар саноеъи лафзии бадеъ дида таҷнис ва анвои он бештар ба кор рафтааст. Хаёлии Бухоро̄й аз санъати таҷнис дар ғазалиёти худ

натанҳо ҳамчун ороияи лафзӣ, балки ҷанбаҳои маъноии он низ дар таносуби сухан мавқеи хос доранд. Таснифи таҷнис ба навъҳои гуногун бо теъдоди фарқкунанда дар таҳқиқоти олимони соҳа ба назар мерасад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки Хаёлии Бухороӣ даҳ навъи таҷнисро дар ғазалиёти худ ба кор бурдааст. Истифодаи васеи таҷнис ҳамчун санъати лафзии бадеӣ дар ғазалиёти Хаёлии Бухороӣ баёнгари он аст, ки шоир ҳам ба маънӣ ва ҳам ба ороиши лафз дар ғазал таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст ва ин боис бар он гардидааст, ки анвои таҷнис бештар ба кор рафтааст.

Калидвожаҳо: таҷнис, ҳамгун, ороя, бадеъ, ашъор, тасниф, лафз, маънӣ, муздавоҷ, ноқис, том.

СЛОВЕСНОЕ ИСКУССТВА - ТАДЖНИС В ГАЗЕЛЯХ ХАЁЛИИ БУХОРОИ

В данной статье рассматривается один из видов литературного словесного искусства - таджнис в газелях Хаёлии Бухорои. Особое место имеет знание словесных художественных произведений, в том числе прозы и художественной прозы. Использование словесного искусства таджнис в поэзии, конечно же, тесно связано с мастерством поэта. Мы решили рассмотреть эту форму искусства в данной статье, поскольку она используется более широко и в более общем смысле, чем другие формы словесного искусства. Хаёлии Бухорои использует искусства таджнис в своих газелях не только как словесного украшения, но и предполагеть что семантические аспекты данного искусства занимают особое место в балансе речи. Классификация таджниса на различные типы с разной численностью очевидна в исследованиях ученых в этой области. Анализ показал, что Хаёлии Бухорои на ряду других ученных использовал в своих газелях десять типов таджнис. Широкое использование таджнис как формы художественного выражения в газелях Хаяли Бухари свидетельствует о том, что поэт уделял особое внимание как значению, так и оформлению слов в газели, что привело к более частому использованию таджнис.

Ключевые слова: таджнис, украшение, художественный, поэзия, классификация, словесний, смысл, парный, недостаточный, целый.

VERBAL ART - TAJNIS IN THE GHAZALS OF HAYALI BUKHARI

This article examines one of the types of literary verbal art - tajnis in the ghazals of Hayali Bukhari. Knowledge of literary works of art, including prose and fiction, has a special place. The use of the tajnis verbal art in poetry is, of course, closely related to the poet's skill. We decided to consider this art form in this article because it is used more widely and in a more general sense than other forms of verbal art. Hayali Bukhari uses tajnis art in his ghazals not only as a verbal decoration, but also suggests that the semantic aspects of this art occupy a special place in the balance of speech. The classification of tajnis into different types with different numbers is evident in the research of scientists in this field. The analysis showed that Khayali Bukhari, along with other scientists, used ten types of tajnis in his ghazals. The widespread use of tajnis as a form of artistic expression in Hayali Bukhari's ghazals indicates that the poet paid special attention to both the meaning and the formalization of words in the ghazal, which led to the more frequent use of tajnis.

Keywords: tajnis, decoration, artistic, poetry, classification, verbal, meaning, paired, insufficient, whole.

Маълумот дар бораи муаллиф: Дайхудоев Ваҳдат Умедҷонович, унвонҷӯйи кафедраи таърихи адабиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Телефон: +992 935 84 00 50. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел.: (+992) 935-84-00-50

Сведения об авторе: Дайхудоев Вахдат Умеджонович, соискатель кафедры истории литературы Таджикского национального университета. Телефон: +992-935-84-00-50. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: (+992) 935-84-00-50

Information about the author: Daykhudoev Vakhdat Umedzhanovich, applicant of the Department of History of Literature of the Tajik National University. Phone: +992-935-84-00-50. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Tel.: (+992) 935-84-00-50

ТДУ: 81/83 (2-тоҷ)
ТКБ: 8/81 (2-тоҷ)
А-51

